**Доктор Абдурраҳмон Раъфатпошо**

## ГӮШАЕ АЗ

# ЗИНДАГОНИИ АСҲОБИ ПАЁМБАР (с)

**(разияллоҳу ъанҳум)**

**Душанбе**
**2006**

Таълифи:
**Доктор Абдурраҳмон РАЪФАТПОШО**

Тарҷумаи форсӣ аз
**Абдулҳақ АТИД**

Баргардон ва таҳияи матни тоҷикӣ аз
**Абдулҳалим ОРИФӢ**

Муҳаррири матни тоҷикӣ:
**Зубайдуллоҳи РОЗИҚ**

Замон ва макони чоп:
**Душанбе, 2006**

***Худовандо, ман ба асҳоб ва ёрони паёмбарат, ҳазрати Муҳаммад (с) бо содиқтарин ва амиқтарин навъи муҳаббат ишқ меварзам ва дӯсташон медорам.***

***Бинобар ин маро аз ваҳшати бузург ва фарогири қиёмат ба хотири муҳаббати ҳар кадоми аз онҳо бибахш ва мағфират намо.***

***Эй бахшояндаи бахшандагон, ба ростӣ ки Ту медонӣ ман онҳоро фақат барои ризову хушнудии Ту дӯст медорам.***

*Абдурраҳмон Раъфатпошо*

**Бисмиллоҳи-р-раҳмони-р-раҳим**

## ПЕШГУФТОР

Ба ҳар хонандаву пажӯҳандаи таърихи анбиё ва динҳои осмонӣ пӯшида нест, ки рисолату оини ҳар паёмбарро дар ҳаёт ва баъд аз марги вай ёрону шогирдони мухлису ҷонфидояш дар рӯи замин мунташир ва паҳн кардаанд.

Қуръони карим ба ин матлаб таваҷҷӯҳ намуда, аз баъзе ёрону пайравони мухлису паёмбарон достонҳоеро қисса менамояд.

Чунончи аз ёрони сарсупурдаи Исо (ъ) ба номи «ҳавориюн» ёд намуда, ҷоннисории онҳоро нисбат ба рисолати осмонӣ ва шахсияти Исо (ъ) бозгӯ менамояд.

Ҳамин тавр ёрону асҳоби Расули Худо (с) бештар аз «ҳавориюн»-и Исо (ъ) ба тасдиқу таъйиди рисолати ҳазрати Муҳаммад (с) шитофта, тамоми озору шиканҷаҳои мушрикони арабро ҳамроҳи Расули акрам ( с) таҳаммул карданд ва сарвату доройӣ, зану фарзанд ва ҷонҳои худро нисори ин роҳ карданд.

Балки инҳо буданд, ки дар тамоми набардҳо ва ҷангҳои сарнавиштсоз бо занону фарзандони худ ширкат варзида дар пирӯзӣ ва пойдори Ислом нақши босазо гузоштаанд.

Ва боз баъди даргузашти Паёмбари Худо (с), ки баъзе аз қабилаҳои тозамусалмон аз Ислом баргаштанд ва қариб буд ба шаъну шавкати давлати Исломӣ дар Мадинаи мунаввара зарбаҳои шадид ворид созанд, вале тамоми асҳоби Паёмбар (с) дар атрофии халифаи аввал Абубакри Сиддиқ(р) муттаҳид гашта барои дифоъ ва густариши Ислом дар Ҷазирату-л-Араб, балки дар тамоми дунё пайкору ҷонбозиҳо карданд, ки имрӯз осору натоиҷи талошу ҷоннисориҳои ононро дар тамоми

кишварҳои мусалмоннишини дунё бо чашми хеш мушоҳида менамоем.

Қуръони карим ҳам моломоли садҳо оётест, ки дар мавоқеъи гуногун аз имоми росих, ихлосу самимият ва ҷонбозиҳояшон дар роҳи Худо тавсифу таҳсин мегӯяд ва ҳамчунин аз подоши аъмолашон дар охират, ки баландтарини он хушнудии Парвардигори олам аз онҳост, ба эшон башорат ва мужда додааст.

Тамоми таърихнигорон ва ҳатто ҷомеашиносони ғайри мусалмон ба азамату бузургӣ, ихлосу фидокориҳои асҳоби Расули Худо (с) эътироф намуда, нақши бузурги онҳоро дар густариш додани оини Ислом дар ҷаҳон арзёбӣ карданд ва аз ҳусни сиёсат, адолату мусовоти ҷомеаи исломии онҳо мадҳу ситоишҳо карданд.

Воқеан, ҳаёту рӯзгори ҳар яке аз ин абармардон дарсҳои ибратомӯзи имонӣ, ахлоқӣ ва иҷтимоӣ дорад, ки тамоми наслҳои мусалмон метавонанд аз онҳо саъодату некбахтии дунёву охиратро ба даст оранд.

Китоби ҳозир тавассути нависандаи маъруфи мисрӣ, устод Абдурраҳмон Раъфатпошо бо услуби равон ва оммафаҳм таълиф шудааст.

Ин китоб баёнгари имони ростин ва шуҷоату қаҳрамонии ёрони босафои ҳазрати Паёмбар (с) аст, ки бо сидқу ихлос зи пайи нуре, ки дар Макка дурахшид ва дар Мадина тобид ва дар ҷаҳон партав афканд, рафтанд ва саъодати ҷовидонро дар дунё бо зикри корномаҳои нек ва дар охират бо касби биҳиштӣ барин дарёфтанд. Аз Худованди мутаъол масъалат менамоем, ки моро бо пайравӣ аз нақши қадамҳои онон тавфиқ диҳад, то дар навбати худ сарчашмаи хайру некӣ барои ҷомеаи инсонӣ шавем.

Китоби мазкур бо ибтикори донишманди афғон Абдулҳақ Атид ба форсӣ тарҷума гардид. Вале надонистани ҳуруфи форсии ниёкон аз тарафи баъзе хонандагони гиромӣ моро ба он водошт, ки бо осонсозии баъзе таъбироти мураккаб онро ба ҳарфи кирилӣ баргардонем ва дар дастрасии онҳо қарор диҳем.

***Абдулҳалим Орифӣ***

# САЪИД ИБНИ ОМИРИ ҶУМАҲӢ

Саъид ибни Омири Ҷумаҳӣ яке аз он ҳазорон ҷавоне буд, ки бинобар даъвати сарони Қурайш ҷиҳати тамошои манзараи ҷонкоҳ ва дардангези эъдоми Хубайб ибни Адй, яке аз асҳоби бовафои ҳазрати Паёмбар (с), ки дар дасти душманон асир шуда ва ӯро ба минтақаи Танъим, дар беруни шаҳри Макка бароварда шуда буд, баромада буд. Ӯ ҷавони қадафрошта ва нерӯманде буд, ки тавонист аз миёни анбӯҳи мардум бигзарад ва дар сафи мардони бузургтарини Қурайш, чун Абусуфён ибни Ҳарб ва Сафвон ибни Умайя ва ғайра, ки дар садри ҷамъият нишаста буданд, мавқеъ бигирад.

Барои вай фурсати он муяссар гардид, ки асири Қурайшро бо занҷир дасту пояш баста шуда буд ва занон ва атфол ва ҷавонон ӯро ба эъдомгоҳ меронданд, тамошо кунад, ки чи гуна аз вай ба интиқом аз наздикон ва вобастагонашон, ки дар Бадр кушта шуда буданд интиқом гиранд, ва ӯро азоб диҳанд ва ноҷавонмардона ба қатл расонанд.

Вақте ҷамъияти анбӯҳи Қурайш ин асири дарбанди худро дар кушторгоҳ ҳозир сохтанд, Саъид ибни Омир, ин ҷавони сарвқомат бо нигоҳҳои тунд ва дурбини хеш ба вай дар ҳоле, ки ӯро ба чӯби дор меовехтанд, назар афканд ва аз миёни шӯру фарёди занон ва писарбачаҳо садои ором ва мутмаини ӯро шунид, ки мегуфт:

- Бароям иҷоза диҳед, ки қабл аз эъдом ду ракаъат намоз бигзорам ва баъд ҳар чи хоҳед бикунед.

Ишон ба ин тақозои вай мувофиқат намуданд ва ба вай иҷоза доданд, ки ду ракаъат намоз бихонад.

Омир ба сӯи вай назар афканд, дид, ки бо ниҳояти хушӯъ ва тазаррӯъ ва бо камоли оромиши хотир ва итминони қалбӣ

ва бо мурооти тамом суннатҳо ва воҷибот ду ракъат намозро хонад:

Ва баъд дид, ки вай рӯ ба сӯйи сарони Қурайш ва бузургони қавм намуда мегӯяд: «Қасам ба Худо, агар бими муттаҳам намудани шумо намебуд, ки ман ба хотири хавф аз марг намозро дароз хондаам, бешак намози бештар мехондам».

Баъд Омир ба чашми сар мушоҳида намуд, ки Қурайшиён Хубайбро зинда мусла (гӯшу бинӣ буридан) мекарданд ва баданашро яке паи дигар пора-пора намуда ба ӯ мегӯянд:

- Оё хуш дорӣ, ки Муҳаммад дар ин мақоми ту қарор медошт ва ту наҷот меёфтӣ?!

Хубайб дар ҳоле, ки хун аз баданаш мерехт, ҷавоб дод:

- Қасам ба Худо ман хушдори он нестам, ки хоре дар пои Муҳаммад бихалад ва ман дар миёни аҳлу фарзанди худ ором ва мутмаъин буда бошам. Аз шунидани ин ҳарф шӯру ғавғое дар миёни мардум афтод ва ҳамагон бо баланд кардани дастҳо фарёд мезаданд, ки ӯро бикушед, ӯро бикушед.

Баъд Омир дид, ки Хубайб аз фарози чӯби дор чашм ба осмон дӯхта ин дуоро мехонад:

- Худоё онҳоро якояк ҷамъ кун ва ҳамаашонро якбора нобуд соз ва ҳеҷ як аз онҳоро зинда магзор.

Ва баъд лаҳазоти охири зиндагии худро пушти сар ниҳод ва он қадар захми шамшер ва зарбаи найзае хӯрда буд, ки ба ҳисоб намеомад ва дар ҳоле, ки танаш пур аз зарбаҳои шамшер ва ханҷар буд, бо охирин лаҳазоти зиндагӣ видоъ гуфт.

Қурайшиён ба Макка баргаштанд ва ҳодисаи дилхарош ва аламноки Хубайб дар миёни рӯйдодҳои бузург аз хотирашон маҳв шуд ва нобуд гашт.

Аммо ин ҷавони наврас ва қоматафрошта, Саъид ибни Омир ҳаргиз ин саҳнаи ҷонгудоз ва аламнокро аз хотир фаромӯш накард ва лаҳзае аз хаёлаш онро дур насохт. Вай ин саҳнаро ҳам дар хоб ва ҳам дар бедорӣ дар пеши чашми худ муҷассам месохт, ки вай чи гуна ду ракаъат намозро бо ниҳояти оромиш ва итминон, хушӯъ ва тазаррӯъ дар пои чӯби

дор адо намуд ва дуъои вайро, ки бар алайҳи Қурайш аз аъмоқи қалб намуда буд, ба ёд меовард ва аз саҳфаи хаёлаш мегузаронд.

Марги Хубайб ба Саъид матлаберо омӯзонд, ки қаблан аз он хабар надошт ва он ин ки зиндагии ростин ҳамоно ҷиҳод ва мубориза дар роҳи Ҳақ то сарҳади марг аст. Ва ин ба вай омӯзонид, ки имони ростин ва азми қавӣ шигифтиҳо ва мӯъҷизот меофаринад.

Ва матлаби дигаре, ки ба вай омӯзонид, ин буд, ки шахсияте, ки ёронаш то ин ҳад дӯст дошта бошанд, баёнгари он аст, ки вай паёмбари барҳақ ва муъайад аз тарафи Аллоҳ аст.

Ҳодисаи аламнок ва саҳнаи ҷонгудози эъдоми Хубайб таҳаввули аҷибе дар рӯҳ ва андешаи Саъид иҷод намуд ва Худованд синаи вайро барои қабули Ислом боз кард, то дар миёни анбӯҳи мардум ба по истода эълон кунад, ки аз имрӯз сар карда вай аз ҳама осори нодониҳо ва парастиши бутҳо даст кашида ва ба дини муқаддаси Ислом сар гузошта аст. Баъд ҳазрати Саъид ибни Омир ба Мадина ҳиҷрат намуд ва ба ҳазрати Расули Худо (с) пайваст ва дар ҷанги Хайбар ва соири ғазавот ширкат намуд ва замоне, ки Ҳазрат Расули Худо(с) чашм аз ҷаҳон баст ва ба дидори Парвардигораш шитофт, ҳазрати Саъид шамшери бараҳнаи ёрони бовафои ҳазрати Расули акрам – ҳазрати Абубакр ва Умар – буд ва дар миёни мӯъминон намунае аз шаҳомат ва қаҳрамонӣ буд, ки дунёи худро дар бадали охират фурӯхта ва ризои Парвардигори худро касб намуда бошад.

Ин ду ёр, ҳыазрати Расули Худо – Абубакр ва Умар – сидқу ростӣ, тақво ва парҳезгории Саъид ибни Омирро медонистанд ва ба насиҳатҳо ва андарзҳояш гӯш фаро мениҳоданд ва ба ҳарфҳояш амал  менамуданд.

Вай дар оғози хилофати ҳазрати Умар ба ҳузури вай дохил шуд ва гуфт: Эй Умар андарзам ба ту ин аст, ки тақвои Худоро пеша кунӣ ва дар бораи дастуроти илоҳӣ аз ҳеҷ яке ҳарос нанамоӣ ва набояд қавли ту бо амалат мухолиф буда бошад. Чун беҳтарин қавл он аст, ки амал онро тасдиқ кунад… Эй

Умар, дар мавриди мусалмонони дуру наздик ба Худованде, ки зимоми умури ишонро ба дасти ту ниҳодааст, рӯй ор. Чизеро, ки барои худ ва аҳли хеш меписандӣ, барои онҳо низ бිписанд ва чизеро, ки барои худ ва хонаводаи хештан намеписандӣ, барои онҳо низ маписанд ва мушкилотро бо пайгирии роҳи ҳақ аз сари роҳ дур соз ва дар роҳи Худо аз маломати ҳеҷ кас ҳарос макун.

Ҳазрати Умар гуфт: Эй Саъид, чӣ касе метавонад чунин кунад? Саъид гуфт: Шахсияте чун ту, ки Худованд вайро ба умури мусалмонон мусаллат сохтааст, аз ӯҳдаи чунин масъулият баромада метавонад.

Дар чунин фурсат ҳазрати Умар ибни Хаттоб, ҳазрати Саъидро ба ҳузур хост, то ӯро дар анҷоми чунин воҷибе ёрӣ диҳад ва ба ӯ гуфт: Эй Саъид, моро ирода бар он аст, ки туро амири вилоёти Ҳимс муқаррар кунем. Саъид гуфт: Эй Умар, туро ба Худо қасам медиҳам, ки маро дар ин фитна маяндоз. Аз шунидани ин ҳарф ҳазрати Умар барошуфт ва гуфт: Афсӯс ба ҳоли шумо бод, шумо масъулияти хилофатро бар дӯши ман ниҳодед ва акнун мехоҳед маро танҳо гузоред ва худ гӯшаи узлат баргузинед. Қасам ба Худо, туро чунин нахоҳам гузошт. Баъд вайро ба сифати амир ба вилоёти Ҳимс фиристод ва ба вай гуфт, оё бароят буҷаи эҳтиётӣ муқаррар накунам?

Саъид гуфт: Эй амиралмӯъинин, ман ин танхоҳиро чӣ кунам? Чун маъоши ман аз байтулмол  аз ҳоҷатам афзунӣ кунад. Баъд вай ба тарафи Ҳимс ба роҳ афтод. Чанде нагузашта буд, ки шахсиятҳои саршинос аз аҳли Ҳимс ба қасди дидор ва мулоқот бо халифа, равонаи Мадина гардиданд ва чун бо халифа дидорашон ҳосил гашт, барояшон гуфт:

Номҳои ниёзмандон ва муҳтоҷонатонро ба ман бидиҳед, то ҳоҷаташонро бароварда созам. Ишон амри ӯро ба ҷо оварда номҳои ишонро, ки дар он ҷумла номи Саъид ибни Омир низ дар он шомил буд, ба ӯ тақдим карданд. Халифа аз дидани номи Саъид дар номгӯи фақирҳо дар ҳайрат афтод ва пурсид:

- Саъид ибни Омир кист?

Ишон дар ҷавоб гуфтанд: Амирамон. Халифа гуфт: Амиратон фақир аст? Гуфтанд: Бале. Қасам ба Худо, рӯзҳо бар вай мегузарад ва дуд аз хонааш баланд намешавад.

Аз шунидани ин ҳарф Умар бетоб шуд ва ашк аз чашмонаш фурӯ рехт, то ин ки риши вай намнок шуд, баъд бархост ва кисае пур аз ҳазор динор кард ва барояшон дод ва гуфт: Аз ман ба вай салом тақдим кунед ва ба ӯ бигӯед, ки амирулмӯъминин ин маблағро бароят фиристодааст, то аз он дар рафъи ҳоҷоти худ истифода намоӣ.

Ҳайат ба ҳузури Саъид омад ва кисаи динор дар пеши рӯйи вай бигзошт ва саломи амирулмӯъминин ба вай тақдим дошт ва пайғоми вай расонд. Саъид ҳамин ки чашмонаш ба кисаи динор афтод, худро аз он чунон дур сохт, ки гӯё балое ба вай наздик шуда бошад, гуфт: **Инно лиллоҳи ва инно илайҳи роҷиъун.** Вақте ҳамсараш ин ҷумларо аз вай шунид, даҳшатзада ба сӯи вай давид ва фикр кард, ки шояд мусибати бузурге бар вай нозил шуда бошад, бетобона аз вай пурсид: Саъид туро чи шудааст, ки ин ҷумла бар забон овардӣ. Оё амирулмӯъминин аз ҷаҳон чашм пӯшидааст? Саъид гуфт: На. Балки мусибати бузургтар аз ин аст. Ҳамсараш боз пурсид: Оё мусалмонон дар набарди худ ба душман бо шикаст рӯбарӯ шудаанд?

Саъид ҷавоб дод: На. Балки мусибати бузургтар аз ин аст? Баъд пурсид: Мусибати бузургтар аз ин чӣ хоҳад буд? Гуфт: Мусибати бузургтар аз ин ҳама он ки дунё бар ман рӯй оварда, то охиратамро барбод диҳад ва фитна дар хонаам ҷой гирифта аст. Ҳамсараш дар ҳоле, ки ба матлаби вай пай набурда ва аз масъалаи динорҳо хабаре надошт, ба вай гуфт: Худро аз ин фитна ва аз ин мамлакат наҷот деҳ.

Саъид гуфт: Оё ту маро дар ин амр ёрӣ хоҳӣ намуд? Ҳамсараш  чавоб дод. Бале. Он гоҳ Саъид ин динорҳоро дар чанд киса тақсим кард ва баъд онро ба фуқаро ва ниёзмандон тақсим намуд.

Аз ин масъала дере нагузашта буд, ки Ҳазрати Умар худ шахсан аз диёри Шом дидор намуд, то аз аҳволи фуқаро ва

мӯҳтоҷони он бозрасӣ кунад. Вақте вай ба Ҳимс расид ва аҳли он аз вай истиқбол намуданд, дар хитоб ба аҳли он гуфт: Амиратонро чӣ гуна ёфтед? Аҳолии ин диёр аз амалкардҳои вай шиква карданд ва чаҳор айби ӯро баршумурданд, ки ҳар кадом бузургтар аз дигаре буд. Ҳазрати Умар гуфт: Ман Саъид ва шикояткунандагонро миёни ҳам ҷамъ кардам ва аз Худованд илтимос намудам, ки шинохтамро дар мавриди вай ғалат насозад. Чун ман ба вай сахт эътимод доштам.

Чун ишон ҳамроҳ бо вай субҳгоҳ ба ҳузурам омаданд, гуфтам: Аз амиратон чӣ шикоят доред?

Гуфтанд: Нахустин шикоят он ки, то офтоб хуб баланд нашавад, ба ҳузури мо берун намеояд. Гуфтам? Эй Саъид, дар муқобили ин савол чӣ посух дорӣ? Саъид андаке сукут намуд ва баъд гуфт: Қасам ба Худо, ман ҳаргиз намехостам ин розро фош созам. Аммо аз он ҷое, ки ман ба гуфтани ин амр ногузир шудам, иллати таъхирам он аст, ки ман ходиме надорам, ки хидмати хонаамро кунад, лизо худ субҳгоҳон бармехезам ва хамир мекунам ва баъд андак диранг мекунам, то хамир расад ва сипас онро мепазам ва он гоҳ таҳорат карда, ба мулоқоти мардум аз хона берун мешавам.

Ҳазрати Умар гуфт: Дигар чӣ шикояте доред? Гуфтанд: Дар шаб ҳеҷ касро ба ҳузур намепазирад.

Гуфтам: Саъид дар ин бора чӣ ҷавоб дорӣ? Гуфт: Ман ҳамчунон аз идомаи ҷавоб ба чунин суол нороҳат мешавам. Ҷавоб он ки рӯзро барои мардум ва шабро барои Худованди азза ва ҷалла хос кардаам.

Гуфтам: Дигар чӣ эътирозе доред? Гуфтанд: Гоҳ-гоҳ беҳушӣ бар вай ғалаба карда, бехуд мегардад.

Гуфтам: Саъид дар ин бора чӣ ҷавобе дорӣ? Гуфт: Эй амиралмӯъинин, на маро ходим ҳаст ва на либоси зиёдатӣ аз як қабат, ки дар бадан дорам, иллати ин худдорӣ он аст, ки ман либоси танамро дар моҳе як бор мешӯям ва онро дар офтоб мегузорам, то хушк шавад. Ҳамон аст, ки дар поёни рӯз фурсат барои мулоқот меёбам.

Гуфтам: Эй Саъид, иллати ин кор чист? Саъид ҷавоб дод: сабаби ин кор он аст, ки ман саҳнаи ҷонкоҳ ва дардангези эъдоми Хубайбро, дар ҳоле ки дар он вақт мушрик будам, тамошо намудам ва ба чашми сар мушоҳида кардам, ки Қурайш баданашро яке паи дигаре қатъ мекарданд ва ба ӯ мегуфтанд, ки оё хуш дори он ҳастӣ, ки Муҳаммад (с) дар мақоми ту бошад. Вай ҷавоб гуфт, ки қасам ба Худо, хушдори он нестам, ки хоре дар пои вай бихалад ва ман зинда бошам ва дар миёни зану фарзандам роҳат ба сар барам. Ман вақте ин саҳнаро аз сафҳаи хаёл ва зеҳни худ мегузаронам, бо худ мегӯям, ки чаро вайро дар он рӯз нусрат набахшидӣ ва ёриаш нарасондӣ. Ва маро гумон бар он бошад, ки Худованд маро аз ин тақсир, ки намудаам, намебахшад ва ба кайфари он ҷазо медиҳад ва аз ин хотир саргичӣ гоҳ ногоҳ оиди ҳолам мегардад.

Дар чунин фурсат ҳазрати Умар гуфт: Ситоиш Худорост, ки шинохтамро дар мавриди вай беҷо насохтааст. Ва баъд ҳазор динор ба вай фиристод, то дар рафъи ҳоҷати худ аз он истифода кунад. Вақте ки ҳамсараш ин маблағро дид, ба ӯ гуфт: Ситоиш Худорост, ки моро аз хидмати ту бениёз сохт. Барои мо моводи хӯрданӣ харидорӣ кун ва хидматгореро ба иҷора гир. Саъид ба ҳамсараш гуфт: Оё туро ба беҳтар аз ин майл нест? Ҳамсараш гуфт: Беҳтар аз ин, яъне чӣ? Беҳтар он ки ин маблағро ба касе диҳем, ки дар сахттарин ҳолатҳо ҳоҷатмандӣ онро ба мо вопас диҳад.

Ҳамсараш гуф: Ин чи касе хоҳад буд?

Гуфт: Онро ба Худованд қарзи ҳасана диҳем.

Ҳамсараш гуфт: Подоши некӯеро дархоҳӣ ёфт.

Ҳамон буд, ки ин маблағро дар кисаҳо тақсим намуд ва ба яке аз наздикони худ гуфт: Ин якеро ба фалон бева ва он дигареро ба фалон ятим ва ин якеро ҳам ба фалон мискин бирасон.

Худованд Саъид ибни Омирро подоши нек насиб фармояд, чун вай ҳоҷат ва ниёзи дигаронро бар худ тарҷеҳ дод ва ризои Худовандро бар ҳама чиз баргузид.

Худованд аз вай розӣ бод.

## ТУФАЙЛ ИБНИ АМРИ ДАВСӢ

Туфайл ибни Амри Давсӣ, яке аз он сарон ва бузургони маъруфи қабилаи Давс аст, ки дар давраи ҷоҳилият аз шӯҳрат ва номоварии хосе дар миёни мардум бархурдор буданд. Суфраи ин марди далер ва саховатпеша барои ҳамагон паҳн ва дарвозааш ба рӯи мусофирон ва меҳмонон ҳамеша боз буд.

Вай ба гуруснагон таъом ва ба бепаноҳон паноҳ ва ба мустамандон кӯмак медод ва дар паҳлӯи ин ҳама сифатҳо нек адиби номвар ва шоири баландовоза ва соҳиби эҳсоси дақиқ буд. Ҳарфҳояш ширини ва ҳаловати хос дошт. Дар баробари некон сухани нарм ва дар баробари бадхоҳон табъи дурушт ва сухани талх дошт.

Туфайл диёри худ Тиҳомаро ба қасди сафар ба Макка тарк гуфт. Дар он вақт мубориза шадиде дар миёни ҳазрати Расули Худо ва мушрикони Макка дар ҷараён буд ва ҳар яке аз тарафайн саъй бар он доштанд, то барои худ пайравонро ҷалб ва барои ҳизби хеш мардумонро касб намоянд.

Ҳазрати Расулуллоҳ (с) мардумро ба имони ба Худо ва дини ҳақ даъват мекард ва куффори Қурайш бо ҳама имконот ва василае, ки доштанд, саъй менамуданд то мардумро аз сар ниҳодан ба дини ҳақ боз доранд.

Туфайл дарёфт, ки ба сурати нохудогоҳ вориди ин саҳнаи корзор шудааст. Чун вай ба қасди ин мактаб наёмада буд ва аз мавзӯи Муҳаммад ва кашмакаши вай бо Қурайш огоҳӣ надошт.

Ва аз ин ҷост, ки дар миёни Амри Давсӣ дар иртибот ба ин мубориза достон аст, фаромӯш ношуданӣ ва мо акнун ба ин достони вай, ки хеле шигифтангез аст, гӯш фаро медиҳем:

Туфайл саргузашти ислом овардани худро чунин ҳикоят мекунад:

- Вақте ба Макка расидам, ҳамин ки сарони Қурайш аз қудумам ба ин шаҳр иттилоъ ёфтанд ба истиқболам шитофта ва хушомадед гуфта ва мақдамамро гиромӣ доштанд ва беҳтарин ҷойро барои буду бошам тахсис доданд.

Ва баъд сарони Қурайш пиромунам ҷамъ шуданд ва гуфтанд: Эй Туфайл, ту ба диёри мо ташриф овардӣ, вале ҳуш дор аз ин шахсе, ки иддаъои нубувват намудааст. Ин шахс ҳамаи умури моро дарҳам барҳам сохта ва ҷамъияти моро парешон намуда ва ваҳдати моро аз байн бурдааст. Ва мо аз он бим дорем, ки ҳарфҳои ин шахс дар ту асар карда ва сабаби аз байн бурдани раёсати ту шуда ва дар миёни қавми ту тафриқа иҷод кунад ба гунае, ки ҳарфҳои вай сабаби дарди сарҳои шадид дар миёни мо гардидааст. Ва бо дар назардошти ин хатарҳо набояд ба ҳарфҳои вай гӯш дод ва суханони вайро бовар кард, чун ҳарфҳояш сеҳр дорад ва дар шунаванда чунон асар мегузорад, ки писарро аз падар ва бародарро аз бародар ва занро аз шавҳар ҷудо менамояд.

Туфайл изофа мекунад:

- Ишон пайваста ин гуна ҳарфҳоро бо обу тоби хос ба ман ҳикоят намуданд ва афъол ва кирдорашро тавре бароям бозгӯ карданд, ки ногузир тасмим гирифтам, ки ба ин шахс наздик нашавам ва ҳарфе аз вай нашнавам ва сухане бо вай нагӯям.

Чун субҳ шуд ва ба Масҷидулҳаром рафтам, то Каъбаро тавоф кунам ва аз бутҳои он табаррук ҷӯям, лизо пунбаро бар гӯшам ниҳодам, то мабодо ҳарфе аз Муҳаммад ба гӯшам расад ва дар ман асар гузорад.

Чун дохили масҷид шудам, дидам, ки Муҳаммад машғули намоз хондан аст ва шеваи намоз хондани вай аз мо фарқ дорад ва ибодати вай комилан бар хилофи ибодати мост. Ин манзари вай маро хуш омад ва ибодаташ дар ман эҳсоси тозае офарид ва худро чунон ёфтам, ки дорам оҳиста – оҳиста ба вай наздик мешавам, то он ки комилан худро дар ҷавори вай ёфтам ва иродаи Худованд ба он рафта буд, ки баъзе ҳарфҳои

вай дар гӯшам раҳ ёбад. Ин ҳарфи вай мавриди писандам воқеъ шуд ва бо худ гуфтам: Эй Туфайл модарат дар азоят нишинад! Туро чӣ шудааст? Ту марде ҳастӣ шоир ва адиб ҳусну қубҳи калом бар ту нек маълум аст, туро чӣ шудааст, ки ба ҳарфҳои ин шахс гӯш фаро намедиҳӣ, то бишнавӣ, ки вай чи мегӯяд... Агар ҳарфҳояш мавриди писандат воқеъ шуд, даъваташро бипазир ва агар ҳарфҳояш зишт буд, ӯро ба ҳоли худаш гузор ва ба роҳи худ бирав!

Туфайл гуфт: Баъд диранг кардам, то он ки Ҳазрати Расули Худо намози худро адо кард ва ба сӯи хонааш равон шуд. Ман дар пайи ӯ ба роҳ афтодам то он ки чун дохили хонааш гардид, ман низ аз ақиби вай дохили хонааш шудам ва гуфтам: Эй Муҳаммад, қавмҳоят ба ман аз ту чунин ва чунон гуфтанд ва то ҳаде туро бароям бад муаррифӣ намуданд, ки тасмим баон гирифтам, ки пунбае дар гӯши худ ниҳам ва ҳарфҳои туро нашнавам. Вале иродаи Худованд баон рафта буд, ки андаке аз ҳарфҳоят ба гӯшам расид ва ман ҳарфҳоятро ширин ёфтам. Ту даъвататро ба ман такдим намо, бубинам, ки даъвати ту аз мо чи мехоҳад. Ҳазрати Расули Худо даъвати худро ба вай тақдим дошт ва он гоҳ сураи Ихлос ва сураи Фалақро ба вай қироат намуд, қасам ба Худо, ки ман ҳеҷ гоҳ ҳарфе ба чунин ширинӣ ва ҳаловат, то он дам аз ҳеҷ кас нашунида будам ва ҳеҷ амреро одилонатар аз адолати вай наёфтам. Дар чунин фурсат дасти худ ба вай дароз намудам ва калимаи шаҳодат **Ло илоҳа иллалоҳу Муҳаммадур Расулуллоҳ** бар забон овардам ва ба ин тартиб ба дини муқаддаси Ислом мушарраф шудам.

Баъд муддатеро дар Макка ба сар бурдам ва дар давоми он худро ба амри Ислом ошно сохтам ва бахше аз сураҳо ва оёти Қуръонро ҳифз кардам. Вақте тасмими бозгашт ба диёр ва қавми худро гирифтам, гуфтам: Эй Расули Худо, ман шахсе ҳастам, ки хешовандон ва қавмам ҳарфҳоямро мешунаванд, мехоҳам ба назди онҳо баргардам ва ишонро ба Ислом даъват кунам. Бароям аз Худованд бихоҳ, ки нишона бароям

бибахшад, то маро дар амри ин даъват ёрӣ диҳад. Ҳазрати Расули Худо (с) фармуданд: Худоё барояш нишона ато кун.

Ман Маккаро ба қасди диёри хеш тарк кардам ва чун ба навоҳии диёри худ ва ҷойҳое, ки наздик ба қабилаам буд, расидам, нуре мисли чароғ дар пеши чашмам тобид, бо худ гуфтам: Худоё ин нишонаро дар ғайр аз чеҳраам қарор деҳ, чун аз он тарсам, ки қавмам ин нишонаро гумони уқубати Аллоҳ бар ман, ки дар натиҷа тарки дини аҷдодиам бошад, надонанд.

Ҳамин буд, ки Худованд ин нурро дар сари тозиёнаам гузошт, ки ба шакли қандил дар нӯги тозиёнаам медурахшид, дар ҳоле, ки ман аз фарози баланде поин меомадам, мардум ин шӯъларо ба чашми сар тамошо мекарданд.

Падарам, ки марди кӯҳансоле буд, ба истиқболам омад, ба вай гуфтам: Падар, худро аз ман дур дор, ту падари ман ва ман писари ту нестам.

Гуфт: Фарзандам чаро, чӣ пеш омадааст?

Гуфтам: Ба далели ин, ки ман мусалмон шудаам ва пайравии дини Муҳаммад (с) намудаам. Падарам гуфт: Ҷони падар, дини ман дини туст. Гуфтам: Бирав ғусл кун ва либоси тоза бипӯш ва баъд наздам биё, то туро дарс ва таълимоти дини ҷадид биёмӯзам. Ҳамон буд, ки падарам рафт ва ғусл кард ва либоси тоза ба тан намуд ва баъд омад ва исломи худро арз дошт ва мусалмон шуд.

Баъд ҳамсарам омад ва ба ӯ гуфтам. Худро аз ман дур дор, ман ба ту ва ту ба ман пайванде надорӣ.

Ҳамсарам гуфт: Чаро? Падар ва модарам фидоят, чаро чӣ пеш омадааст? Гуфтам:  Ислом дар миёни ману ту ҷудоӣ афгандааст, ман мусалмон шудам ва пайравии дини Муҳаммад намудаам.

Ҳамсарам гуфт: Дини ман дини туст, гуфтам: Бирав ва бо об Зушари ғусл кун. (Зушари номи бути қабилаи Давс аст ва дар пиромуни он обе аз кӯҳ фурӯ мерезад).

Ҳамсарам гуфт: Падар ва модарам фидоят. – Оё аз ин бим надорӣ, ки Зушари ба атфоламон осебе нахоҳад расонд?

Гуфтам: Худованд ту ва Зишароро ҳалок созад… ба ту гуфтам, ки дар он ҷо бирав ва дур аз мардум ғусл намо ва ман кафолат медиҳам, ки ин санги безабон ва гунг наметавонад ба касе зиён ва осебе расонад. Вай рафт ва ғусл кард ва баъд омад ва Исломро ба вай арза намудам, вай низ мусалмон шуд.

Баъд ҳама афроди қабилаи Давсро ба ин оини ҷадид даъват намудам. Ҳамаи ишон дар қабули ин оин диранг ва монеъагӣ намуданд. Магар Абуҳурайра, ки бидуни ҳеҷ навъ шакку тардид ин оинро пазируфт ва мусалмон шуд.

Туфайл изофа намуда мегӯяд: Баъд ҳамроҳ бо Абуҳурайра ба ҳузури ҳазрати Расули Худо (с) ба Макка омадам. Ҳазрати Паёмбар (с) бароям гуфт:

- Туфайл чӣ фаъолиятҳое анҷом додӣ?

Гуфтам: Дилҳои мардумро пардаи ҷаҳл фаро гирифта ва дар куфри шадид ба сар мебаранд ва фисқу исён бар қабилаи Давс ғалаба ёфтааст.

Ҳазрати Расули Худо (с) аз ҷой бархост ва вузу намуд ва намоз хонд ва даст ба сӯи осмон баланд кард. Ҳазрати Абуҳурайра гуфт: Ҳазрати Расули Худо даст ба сӯи осмон баланд кард, аз он тарсидам, ки бар алайҳи қавмам дуъои бад мекунад ва ҳама ҳалок мешаванд…

Бо худ гуфтам: Вой бар ин қавми ман…

Аммо Ҳазрати Расули Худо (с) ба дуои хайр оғоз намуда гуфт: Аллоҳуммаҳдӣ Давсан … Аллоҳуммаҳди Давсан, Аллоҳумаҳдӣ Давсан.

Худоё, қабилаи Давсро ҳидоят фармо, Худоё, қабилаи Давсро ҳидоят фармо, Худоё, қабилаи Давсро ҳидоят фармо. Ва баъд рӯ ба сӯи Туфайл намуд ва гуфт:

- Ба сӯи қавми худ баргард ва бо онҳо бо нармӣ муомила намо ва ишонро ба дини Ислом даъват кун.

Туфайл мегӯяд: Ман то вақте ки Ҳазрати Расули Худо ба сӯи Мадина ҳиҷрат кард ва ҷанги Бадр ва Уҳуд ва Хандақро пушти сар ниҳод, пайваста дар миёни қавми худ будам ва онҳоро ба Ислом даъват мекардам. Ва вақте ба ҳузури Паёмбар (с) омадам, аҳли ҳаштод хона аз Давс маро ҳамроҳӣ

намуданд, ки ҳамаи онҳо ба Ислом рӯ оварда ва исломдориашон хуб шуда буд. Ҳамон буд, ки Ҳазрати Расули Худо аз мо сахт хушҳол ва масрур гардид ва аз ғаниматҳои Хайбар, ки ба дасти мусалмонон фатҳ шуда буд, барои мо саҳми зиёде дод. Гуфтам:

- Эй Расули Худо, дар ҳар ҷанг, ки ба роҳ меандозӣ, моро дар дасти рости худ қарор деҳ ва калимаи «Мабрур»-ро шиори мо гардон... (Мабрур – тоаташ пазируфта шуда)

Туфайл мегӯяд: Аз он рӯз ба баъд ҳамроҳ бо Расули Худо будам, то он ки Худованд ба дасти мубораки вай Маккаро фатҳ кард ва баъд гуфтам: Эй Расули Худо (с) маро ба Зулкаффайн бифирист, то онро оташ занам... Ҳазрати Расул (с) ба вай иҷоза дод. Ҳамон буд, ки вай ҳамроҳ бо дастаи амалиётӣ аз қавми худ ба қасди ин матлаб ба роҳ афтод. Чун ба он ҷо расид ва хост, ки Зулкаффайнро оташ занад, занону мардон ва кӯдакони зиёде перомунаш ҷамъ шуданд ва интизори онро доштанд, ки ҳатман зарар ва осебе аз сӯи ин бут ба вай хоҳад расид. Аммо Туфайл ба ин бут рӯй овард ва дар дили он оташро барафрӯхт ва ин абётро замзама мекард.

Эй Зулкаффайн, ман аз парастандагони ту нестам.

Таваллуди мо пеш аз таваллуди туст.

Ман оташро дар дили ту барафрӯхтам.

Ҳамин ки оташ ин бутро дар худ фурӯ кашид ва онро сӯзонд, ҳамроҳ бо он бақоёи ширк нобуд шуд ва ҳама қабилаи Давс ба Ислом гаравид ва исломдориашон беҳбуд ёфт.

***

Баъд аз он Туфайл ибни Амри Давсӣ пайваста дар хидмати Ҳазрати Расули Худо буд, то он ки Ҳазрати Паёмбар (с) ба ҷавори раҳмати ҳақ пайваст.

Баъд аз вафоти Ҳазрати Паёмбар вақте хилофат ба ёри маҳбубаш Абубакри Сиддиқ такя кард, Туфайл худ ва шамшер ва фарзандашро дар ихтиёри халифаи Расули Худо гузошт. Вақте ҷангҳо ба роҳ афтод, Туфайл ҳамроҳи

фарзандаш Амр дар пешопеши лашкари ислом ба ҷанги Мусайлимаи Каззоб берун шуд. Ва дар асное, ки вай ба сӯи Ямома равон буд, хоб дид ва онро ба ёронаш ҳикоят намуд ва гуфт: Ман хобе дидам ва онро бароям таъвил кунед!

Ёронаш гуфтанд: чӣ хоб дидаӣ?

Гуфт: Хоб дидам, ки сарам тарошида ва паррандае аз даҳонам берун шуд ва зане маро дар шиками худ фурӯ бурд ва фарзандам Амр дар ҷустуҷӯи ман талош меварзид, аммо дар миёни ман ва вай ҳоиле ба вуҷуд омад ва маро ёфта натавонист. Ёронаш гуфтанд: Хоби нек аст... Туфайл гуфт:

Аммо ман ин хобро таъвил намудаам ва он ин ки: Тарошидани сарам ба мафҳуми он аст, ки сарам қатъ мешавад.

Ва аммо ин парранда, ки аз даҳонам берун шудааст, рӯҳи ман аст ва аммо ин зан, ки маро дар шиками худ фурӯ бурд, иборат аз замин аст, ки онро биканананд ва маро дар он дафн созанд ва орзуям ин аст, ки маргам ба шаҳодат буда бошад.

Ва аммо ин ки фарзандам дар паи ҷустуҷӯи ман аст, мафҳуми инро дорад, ки вай низ дар паи ҷустуҷӯи шаҳодат аст, ки ман дар талаби он ҳастам ва иншоаллоҳ баъд аз ман вай ин дараҷаро дархоҳад ёфт.

Дар ҷанги Ямома ҳазрати Туфайл, ин саҳобии бузург шаҳомат ва қаҳрамонии аҷибе аз худ нишон дод ва саранҷом дар майдони корзор ба дараҷаи рафъи шаҳодат ноил гардид.

Аммо фарзандаш Амр пайваста меразмид, то он ки захмҳои зиёд бардошт ва дасти росташ қатъ шуд ва ба Мадина бозгашт. Ва падар ва дасти рости худро дар Ямома пушти сар ниҳод.

Ва дар даврони хилофати Ҳазрати Умари Форуқ, вакте Амр ибни Туфайл ба ҳузури халифа даромад, барои халифа таом оварданд ва мардумон дар назди вай нишаста буданд. Халифа касонеро, ки наздаш омада буданд, ба таъом даъват намуд. Ҳама бар суфраи нон ҷамъ шуданд, ба истисноИ Амр ибни Туфайл, ки худро гӯша гирифт. Ҳазрати Умари Форуқ ба ӯ гуфт: Чаро гӯша гирифтӣ ва бар сари суфраи нон намеоӣ? Шояд ба хотири надоштани даст эҳсоси хиҷолат намудаӣ.

Гуфт: Бале, эй амирулмӯъминин. Халифа гуфт: Қасам ба Аллоҳ, ки аз ин нон нахоҳам чашид, то ба дасти қатъшудаат онро бо ҳам наёмезӣ. Қасам ба Худо, дар миёни ҷамъи мо ба ҷуз ту ҳеҷ як нахоҳад буд, ки бархе аз аъзояш дар биҳишт бошад. Ҳадафаш ин буд, ки дасти қатъшудаи вай дар биҳишт аст.

Орзуи шаҳодат пайваста дар фикру ҳуши Амр буд ва аз замоне, ки падарашро аз даст дод, ин орзуро дар хаёли худ мепарваронид, то он ки дар ҷанги Ярмук ҳузур ёфт ва баъд аз муқовимат ва пойдории камназире ба дараҷаи рафъи шаҳодат ноил гардид. Ва муждаеро, ки падараш ба вай дода буд, дарёфт.

Худованд Туфайл ва фарзандаш Амрро ғарқи раҳмати бепоёни худ созад.

## АБДУЛЛОҲ ИБНИ ҲУЗОФАИ САҲМӢ

### *Қаҳрамони ин бахши достон*

Абармардест, ки Абдуллоҳ ибни Ҳузофа ном дорад ва яке аз асҳоби босафои Ҳазрати Паёмбар (с) аст.

Вай дар даврони ҷоҳилият яке аз афроди оддие буд, ки ба ҳеҷ ваҷҳ мавриди таваҷҷӯҳи таърих қарор намегирифт. Вале дини зиндагисози Ислом ба вай чунон шахсият бахшид, ки таърих аз шахсияти вай ҳамеша бо бузургӣ ёд хоҳад кард, чунки вай бо ду тан аз императорони бузурги он вақт, Қайсар ва Кисро мулоқот намуда ва бо ҳар яке аз он ду достони шуниданӣ дорад, ки ҷараёни онро барои хонандагон тақдим медорем.

Нахустин достони вайро дар иртибот бо Кисро, императури Форс пешкаш мекунем. Вақте Ҳазрати Расули Худо дар соли шашум номаҳои унвони сарон ва подшоҳон ирсол дошт, номае ба дасти Абдуллоҳ ибни Ҳузофа ба Кисро императури Форс ирсол кард ва ӯро ба Ислом даъват намуд. Ҳазрати Расули Худо медонист, ки расонидани паём ба Кисро чи авоқибро барои паёмрасон дар пай дорад.

Масалан ин ки намояндагон ба забон ва одоти аҳли ин кишварҳои дурдаст ҳеҷ ошноӣ надоранд ва аз расму русум ва анъанаҳои онҳо огоҳ нестанд ва матлаби дигар ин ки ин намояндагони фиристодаи Ҳазрати Паёмбар подшоҳон ва раисони кишварҳоро ба тарки дин ва оини ҷоҳилӣ ва пазириши дини ҷадид даъват мекунанд ва табъан чунин коре бо табъ ва мизоҷи онҳо созгор нест.

Ҳаққо ки чунин сафар хатарҳои бузургро дар пай дорад, ки равандаи он дар ҳукми гумшуда ва бозгардандаи он ҳукми навзод ва мавлуди тозаеро дорад. Ва аз ин лиҳоз Ҳазрати

Расули Худо дар миёни асҳоби хеш аз ҷой бархост ва хутбае барои онҳо ирод намуд ва ҳамду санои Худо гуфт ва баъд изҳор намуд:

- Аммо баъд, ман мехоҳам иддае аз шуморо назди мулук ва шоҳони Аҷам бифиристам ва аз ин рӯ набояд бо ман сари ихтилоф бикшоед. Ҳамон гуна, ки Бани Исроил бо Исо писари Марям ихтилоф намуданд. Асҳоб ва ёрони Паёмбар (с) гуфтанд: Эй Расули Худо, ҳар ҷое, ки мехоҳӣ, моро бифирист. Мо ҳаргиз мухолифати амри туро нахоҳем намуд.

Ҳазрати Расули Худо шаш тан аз ононро барои анҷоми чунин вазифаи бузурге баргузид, то номаи вайро ба мулук ва шоҳони Аҷам расонанд. Яке аз ин шаш тан Абдуллоҳ ибни Ҳузофаи Саҳмӣ буд, ки Ҳазрати Расули Худо ӯро ба расонидани номаи хеш ба Кисро, молики Форс мукаллаф сохт.

Ҳазрати Абдуллоҳ ибни Ҳузофа шутури худро барои ин кор омода сохт ва тӯшаи худро муҳайё кард ва бо зану фарзандаш ба қасди сарзамини Форс видоъ гуфт ва ба роҳ афтод. Биёбонҳои дуру дароз ва кӯҳҳои баландро паймуд, то он ки ба диёри Форс расид. Ҳамин ки ба пойтахти империотури Форс расид, ба кормандони давлати Форс иттилоъ дод, ки ӯ аз сарзамини дуре ба ин ҷо омадааст ва номае ҳамроҳи худ дорад ва мехоҳад аз наздик номаро ба дасти императур диҳад.

Вақте дарбориён хабар ба Кисро расониданд, дастур дод, ки қасри салтанатиро ороста кунанд ва толорҳои истиқболи меҳмононро зинат бахшанд ва тартиботе лозим барои истиқбол аз ин меҳмон чорабинӣ намоянд ва бузургон ва аъёни дарбори салтанат ҳузур ёбанд. Муваззафин амрро ба ҷо оварданд. Ва ҳама дастури Кисроро ба ҷо оварданд ва баъд барои Абдуллоҳ иҷозаи вуруд доданд.

Абдуллоҳ ибни Ҳузофа дар ҳоле, ки чодари шафофро ба гирди худ печонда ва абои дуруштро, ки арабҳои бадавӣ онро мепӯшиданд, ба тан дошт, сарбаланд ва қадафрошта дар ҳоле, ки шӯри имон дар дилаш шӯъла мезад, ба ҳузури Кисро дохил шуд.

Ҳамин ки чашми Кисро ба вай афтод, ба яке аз риҷоли худ ишора намуд, ки номаашро бигирад ва ба дасти вай бидиҳад, Абдуллоҳ гуфт: На чунин намекунам Ҳазрати Расули

Худо ба ман амр намудааст, ки номаро ба дасти худ таслими Кисро намоям ва ман аз амри Расули Худо мухолифат намекунам.

Кисро ба масъулони худ дастур дод, ки ӯро бигзоранд, то ба вай наздик шавад. Ҳамон буд, ки Абдуллоҳ худро ба Кисро наздик сохт, то он ки номаро ба дасти хеш ба вай таслим намуд.

Баъд Кисро нависандаи арабиро, ки аз аҳли Ҳира буд, ба ҳузур хост ва ӯро амр кард, ки ин номаро дар пеши рӯи вай кушода бихонад.

Муншии вай номаро кушод ва матни онро, ки аз ин қарор буд, ба ҳузури вай қироат кард.

**Бисмиллоҳир раҳмонир раҳим**. Мин Муҳаммадин Расулуллоҳи ило Кисро азима Форс, саломун ъало ман иттабаъал ҳудо...

Аз тарафи Муҳаммад паёмбари Худо ба Кисро, имперотури Форс, салом бар он кӣ аз ҳидоёт пайравӣ намуд.

Кисро аз ин нома, беш аз ин қадар нашнида буд, ки аз шиддати хашм ба ҷӯш омад ва оташи ғазаб дар дилаш шӯълавар гардид. Чеҳрааш сурх шуд ва рагҳои гарданаш дар тапиш даромад, ба хотири он ки ҳазрати Расули Худо дар ин нома аз шахсияти худ оғоз намуда буд. Ҳамон буд, ки Кисро номаро ба шиддат аз дасти нависандаи худ кашид ва бидуни он ки худро ба бақияи матолиби он огоҳ созад, онро пора сохт ва фарёд зад:

- Ин чӣ беадабӣ аст, ки ғуломам дар бораи ман раво доштааст?

Баъд дастур дод, ки Абдуллоҳ ибни Ҳузофаро аз маҷлисаш берун созанд.

Абдуллоҳ ибни Ҳузофа аз маҷлиси Кисро берун шуд ва намедонист, ки сарнавишташ чи хоҳад шуд ва Худованд дар ҳаққи вай чӣ иродае кардааст. Оё кушта хоҳад шуд ва ё он ки ӯро ба ҳоли худаш хоҳанд гузошт, то ҳар ҷо ки хоҳад биравад?

Аммо диранг накард ва бо худ гуфт:

Боке надорад сарнавиштам ҳар чи бошад, бишавад. Чун ман вазифаи худро ба ҷо овардам ва номаи Ҳазрати Расули Худоро ба дасти хеш ба Кисро додам, баъд аз ин дигар маро

парвои чӣ бошад? Ин ба худ бигуфт: Ва бар шутури худ савор шуд ва ба роҳ афтод.

Ҳамин ки оташи хашми Кисро хомӯшӣ гардид, дастур дод, ки ба Абдуллоҳ иҷозаи духул диҳанд, то бо вай сӯҳбате намояд.

Надимон чун дар ҷустуҷӯи вай шуданд, ӯро наёфтанд. Ва бар асаре аз вай роҳёб нагардиданд. Ва чун роҳи Ҷазиратуларабро дар пеш гирифтанд – дарёфтанд, ки вай аз ҳудуд ва қаламрави онон қаблан убур намуда ва ишонро бар вай роҳе нест.

Вақте Абдуллоҳ худро ба ҳузури ҳазрати Расули Худо расонд, ҷараёни масъулиятро, ки бар дӯши вай супурда шуда буд, якояк ба Ҳазрати Расули Худо (с) ҳикоят кард ва ба ӯ гуфт, ки Кисро номаро пора кард. Ҳазрати Расули Худо беш аз ин калима изофа накард: «Худованд подшоҳии ӯро аз ҳам бипошонад». Баъд аз он Кисро унвони Бозон, корманди худ дар Яман номае навишт: «Ба ин шахс, ки дар сарзамини Ҳиҷоз бо унвони паёмбар зуҳур намудааст, ду шахси қавиҳайкалро бифирист ва барояшон бигӯ, ки вайро даст баста ба ҳузури ман оваранд»…

Бозон ба амри ӯ итоат намуд ва ду шахси паҳлавонро ба қасди ин матлаб ба сарзамини Ҳиҷоз фиристод ва номаеро ба ишон дод, то Расули Худо бо ин ду шахс бидуни кадом монеъа ба ҳузури Кисро биравад.

Ва ин ду танро таъкид кард, ки аз кори ин мард, ки даъвои нубувват намуда, огоҳ шуда ва маълумоте аз вай ҳосил намуда, назди вай биёянд.

Ин ду мард ба қасди дастгир кардани ҳазрати Расули Худо ва ирсоли вай ба назди Кисро, аз диёри хеш берун шуданд ва бо суръати ҳарчи бештар кӯшиданд, то худро ба вай расонанд. Ҳамон буд, ки вақте ба Тоиф расиданд, дастае аз тоҷирони Қурайшро ёфтанд ва аз ишон аҳволи Ҳазрати Муҳаммад (с) ро ҷӯё шуданд. Эшон гуфтанд, ки вай дар Ясриб умр ба сар мебарад. Баъд аз он ин тоҷирон хушҳол ва масрур ба Макка баргашта ва аҳли онро мужда доданд ба ин, ки Кисро тасмими нобуди Муҳаммадро дошта ва шуморо аз шарри вай наҷот медиҳад.

Ин ду тан ба қасди Мадина ба роҳ афтоданд ва чун ба он ҷо расиданд, бо ҳазрати Расули Худо мулоқот намуданд ва номаи Бозонро ба вай таслим намуда гуфтанд: Императур Кисро ба молики мо, Бозон номае фиристода, ки туро дастгир намуда ва ба вай бифиристад... Ва акнун мо омадаем, то туро ҳамроҳ бо худ гирифта назди вай биравем. Агар ту ин ҳарфи моро бипазирӣ, бо Кисро дар мавриди ту хайрхоҳӣ хоҳем кард, то туро аз уқубат афв намояд ва азияти худ аз ту боз дорад ва агар ҳарфи моро напазирӣ, ту худ медонӣ, ки Кисро кист ва бо ту чи муомила хоҳад намуд. Ту худ медонӣ, ки вай чи қадар сахтгир ва хунрез аст, ту ҷони худ ва қавматро аз интиқоми вай нигаҳ дор ва бо мо ба роҳи худ идома деҳ. Ҳазрати Расули Худо (с) аз шунидани ин ҳарфашон табассум намуда гуфт: Ба хобгоҳатон баргардед ва фардо наздам биёед, то бароятон ҷавоб диҳам ва чун фардо назди он ҳазрат (с) омаданд, он ҳазрат гуфтанд: Худро барои рафтан омода сохтаӣ, то ба мулоқоти Кисро биравем?!

Ҳазрати Паёмбар (с) фармуд:

- Баъд аз ин рӯз Кисроро нахоҳед дид. Худованд ӯро кушт, ба тавре ки писараш Ширӯяро бар вай мусаллат сохт ва ӯро дар фалон шаб ва фалон моҳ аз по даровард...

Ин ду тан аз шунидани ин ҳарф моту мабҳут монданд ва дар чеҳраи ҳазрати Расули Худо хира шуданд ва ваҳшату тарс дар дилшон афтод ва гуфтанд:

- Медонӣ, ки чӣ мегӯӣ? Оё ин хабари туро ба Бозон навишта ва ирсол накунем? Фармуд: Ин матлабро ба Бозон бирасонед ва ба ӯ хотирнишон созед, ки дини мо қаламрави императури Кисроро фаро хоҳад гирифт ва ба ӯ бигӯед, агар мусалмон шавӣ ва ин оинро бипазирӣ, подшоҳӣ ва қудрате, ки дорӣ бароят онро мебахшем ва илло хасороти дунё ва охират насибат хоҳад шуд.

Ин ду тан аз Ҳазрати Паёмбари Худо (с) мураххас шуданд ва роҳи Яманро пеш гирифтанд. Чун ба назди Бозон ҳузур ёфтанд, ҷараёнро ба вай бозгуфтанд. Бозон аз шунидани ин хабар дар ҳайрат фурӯ рафт ва гуфт: Агар ин хабар воқеият дошта бошад, вай Паёмбари барҳақ аст ва агар ин хабар бо воқеият ҳамгом набошад, баъд бо худ тасмим хоҳам гирифт.

Дере нагузашт, ки номае аз сӯи Ширӯя ба унвони Бозон расид ва дар он аз қатли падараш Кисро ёдовар шуда гуфт:

Аммо баъд: Ман Кисроро ба қатл расонидам, ин қатли вай ба поси интиқом аз миллат ва қавми мо буд, чун вай сарон ва бузургони ин қавмро ба қатл расонида ва занону атфолашонро ба ғуломӣ гирифта, амвол ва дороиҳояшонро ба тороҷ бурда буд. Вақте ин нома ба ту расид, байъати онҳоеро, ки дар зери дасти ту ба сар мебаранд ва дар қаламрави ту зиндагӣ доранд, бароям бигир.

Вақте ин нома ба дасти Бозон расид ва онро қироат кард, онро дар гӯшае андохт ва мушарраф шудани худ ба дини Исломро эълон кард ва ҳамроҳ бо вай касони дигаре, ки аз аҳли Форс буданд ва дар Яман ба сар мебурданд, имон оварданд.

Ин буд достони мулоқоти Абдуллоҳ ибни Ҳузофа бо императури Форс. Ҳоло бинем, ки мулоқоташ ҳамроҳ бо Қайсар, императури Рум чӣ гуна аст?

Ин мулоқоти вай бо Қайсар дар даврони хилофати ҳазрати Умар ибни Хаттоб (р) сурат пазируфтааст. Ин дидори вай низ шигифтиҳои аҷибе дорад.

Дар соли нуздаҳуми ҳиҷрӣ ҳазрати Умар ибни Хаттоб лашкареро барои ҷанг алайҳи румиён ирсол дошт ва дар он ҳазрати Абдуллоҳ ибни Ҳузофа низ ширкат намуда буд. Қайсар, императури Рум қабл аз ин иттилоъ ёфта буд, ки лашкари мусалмонон бо имони ростин ва ақидаи дуруст ва базл ва исор дар роҳи Худо ва расулаш оростаанд… Аз ин рӯ ба лашкари худ дастур дод, вақте ишон ба асире аз мусалмонон даст ёбанд, ӯро накушанд ва зинда ба назди Қайсар ҳозир кунанд. Иродаи Худо ба он рафта буд, ки ин асир Абдуллоҳ ибни Ҳузофа буда бошад. Ҳамон буд, ки вай ба дасти лашкариёни Қайсар асир гардид. Румиён ӯро ба назди подшоҳи худ бурданд ва гуфтанд:

- Ин шахс яке аз ёрони бособиқаи Муҳаммад аст, ки ба дасти мо асир афтодааст ва ба ин хотир ӯро гирифта назди ту овардем.

Подшоҳи Рум дар чеҳраи ӯ бисёр бо ҳайрат нигарист:

- Ман ба ту пешниҳоде дорам. Абдуллоҳ гуфт: Чӣ пешниҳоде?

Подшоҳ гуфт: Ман туро ба дини насроният даъват менамоям ва ҳар гоҳ ин оин аз мо бипазирӣ, туро раҳо месозам ва ҷоҳу мақоме барои ту медиҳам. Абдуллоҳ бо сарбаландӣ ва ибо гуфт: Маҳол аст, ки чунин пешниҳоде мавриди қабул воқеъ гардад. Ва марг ҳазорон мартаба аз қабули ин пешниҳод беҳтар ва хубтар аст.

Қайсар гуфт: Ман туро марди бузургманиш мебинам. Агар ин ҳарфи ман бипазирӣ ва ба он тан дардиҳӣ, туро дар умури салтанат ва қудрати худ шарик созам ва онро дар миёни ҳам тақсим кунем.

Абдуллоҳ, ки дасту пояш дар занҷир баста буд, ҷавоб дод:

- Қасам ба Худо, агар ҳама подшоҳӣ ва ҳамаи мулкҳоеро, ки Араб дар ихтиёри худ доранд, бароям бидиҳӣ, ба андозаи як чашм задан аз дини Муҳаммад бар нахоҳам гашт.

Подшоҳ гуфт: Вақте мавзӯъ аз ин қарор буда бошад, туро хоҳам кушт.

Абдуллоҳ гуфт: Ҳар чи хоҳӣ бикун. Баъд ӯро ба салиб (доре, ки ба сурати салиб аст) овехтанд. Подшоҳ барои тирандозони худ дастур дод, ки наздики дастҳои ӯро ҳадаф қарор диҳанд ва худ пайвасти ӯро ба қабули дини насронӣ даъват мекард.

Баъд гуфт, ӯро дар наздики поҳояш ҳадаф гиранд ва худ дини насрониятро бар вай арза медошт ва Абдуллоҳ дар ҳамаи ин ҳолат аз пазириши даъвати подшоҳ худдорӣ менамуд.

Дар чунин фурсате подшоҳ дастур дод, ки аз ҳадафгирии вай худдорӣ намоянд ва аз ишон хост, ки ӯро аз чӯби салиб поин кунанд. Баъд амр кард, то деги калонро ҳозир кунанд ва равғанро дар он андохта ба оташ ниҳанд, то ин ки равған доғ шавад. Баъд ду тан аз асирони мусалмонро ҳозир сохтанд ва дастур дод, ки яке аз он дуро дар он дег андохтанд ва чун он якеро андохтанд, гӯшт аз баданаш ҷудо шуда ва устухонҳояш зоҳир гашт. Баъд императур рӯ ба Абдуллоҳ намуд ва ӯро ба дини насроният даъват дод. Ин бор пойдорӣ ва суботи вай беш аз пештар гардид. Вақте Қайсар аз қабули даъвати вай маъюс гардид, дастур дод, ки ӯро дар ин дег андозанд, ки

қаблан ду тан аз ҳамфикронашро дар он андохта буданд. Чун вайро ба сӯи он дег бурданд, ашк аз чашмонаш фурӯ рехт. Мардони Қайсар ба вай иттилоъ доданд, ки вай гиря мекунад. Қайсар фикр кард, ки вай аз хавф гиря намудааст, гуфт:

- Ӯро назди ман баргардонед. Чун ӯро назди Қайсар оварданд, бори дигар насрониятро ба вай тақдим дошт ва аз қабули он ибо варзид.

Қайсар гуфт: Пас чи омиле туро ба гиря даровард?

Гуфт: Сабаби гиряам ин буд, ки маро яқин омад, ки дар ин дег андохта мешавам ва ман як ҷон дорам, ки онро дар роҳи Худо қурбон мекунам ва маро шавқи он буд, ки ба андозаи мӯйе, ки дар бадан дорам, ҷон медоштам, ки онро дар роҳи Худо қурбон мекардам.

Подшоҳ гуфт: Оё омодаи ин ҳастӣ, ки сарамро бибӯсӣ ва туро раҳо созам?!

Абдуллоҳ гуфт: Ба шарти он ки ҳамроҳи ман бақияи асирони мусалмонро раҳо созӣ. Подшоҳ гуфт: Дуруст аст, ҳамаро бо ту раҳо мекунам.

Абдуллоҳ гуфт: Бо худ гуфтам, ин шахс душмане аз душманони Худост. Сарашро мебӯсам ва дар муқобили ин амри ва бақияи асирони мусалмонро раҳо созад ва дар ин кор бар дини ман зараре нахоҳад буд. Баъд Абдуллоҳ ба вай наздик шуд ва сарашро бӯсид. Подшоҳи Рум баъд аз он дастур дод, ки ҳама асиронро озод сохта ба вай таслим намоянд ва он гоҳ роҳи худ ба сӯи диёри хештан пеш гирифтанд.

Вақте Абдуллоҳ ибни Ҳузофа ба ҳузури Ҳазрати Умар ибни Хаттоб – (р) – ворид шуд ва ӯро дар ҷараёни саргузашти худ қарор дод. Ҳазрати Форуқи аъзам сахт хушҳол шуд ва чун ба асирон нигарист гуфт:

- Барои ҳар як аз мусалмонон лозим аст, ки сари Абдуллоҳ ибни Ҳузофаро бибӯсад ва ман худ ба ин кор оғоз мекунам. Ва баъд худ аз ҷой бархост ва сари ӯро бӯсид…

## УМАЙР ИБНИ ВАҲБ

Умайр ибни Ваҳб дар маъракаи Бадр ҷон ба саломат бурд. Аммо фарзандаш Ваҳбро дар дасти мусалмонон асир гузошт.

Умайр аз он бим дошт, ки мабодо мусалмонон писари ҷавонашро ба ҷурми падараш озор диҳанд ва ӯро сахттарин азоб бичашонанд, чун падараш ҳазрати Расули Худо ва ёронашро азият медод ва онҳоро шиканҷа мекард.

Дар яке аз рӯзҳо Умайр ба қасди тавофи Каъба ва табаррук ҷустан ба бутҳо ба Масҷидул ҳаром рӯй оварда дид, ки Сафвон ибни Умайя дар гӯшае аз Ҳиҷр нишастааст. Ба сӯи вай мутаваҷҷеҳ шуд ва ба ӯ саломи пагоҳӣ дод ва гуфт: Субҳат ба хайр, эй сардори Қурайш!

Сафвон низ дар ҷавоб ӯро субҳ ба хайр гуфт ва изҳор дошт: Эй Абуваҳб, биё чанд лаҳзае бинишинем, ки вақтро ҷуз сӯҳбат чизи дигар ба сар наёварад. Умайр дар канори Сафвон ибни Умайя нишаст ва ҳар ду риштаи сӯҳбатро аз гузаштаҳои рӯзи Бадр кушоданд ва ин рӯзи сайёҳи худро ёдовар шуданд, ки дар ин рӯз чи шикасти шармандавор насибашон гардид ва чӣ қадар аз сарон ва бузургонашонро аз даст доданд ва чӣ қадар аз фарзандон ва наздиконашон ба дасти мусалмонон асир гашт. Ва он гоҳ сарони бузурги Қурайшро баршумурданд, ки тавассути шамшери мусалмонон аз по даромаданд ва дар қаъри чоҳ дафн карда шуданд.

Сафвон ибни Умайя аз шунидан ва ёдоварии ин ҳарфҳо изҳори таассуф ва гуфт: Қасам ба Худо зиндагӣ баъд аз онҳо ҳеҷ кайфу лаззате надорад, Умайр гуфт: Рост гуфтӣ. Баъд андаке сукут намуда гуфт: Қасам ба Худо, агар ман қарздор намебудам ва чораи он медоштам, ки метавонистам қарзҳои худро мепардохтам ва агар хавфи парешонӣ ва нобудии аҳлу

аёлам баъд аз даргузаштам намебуд, ҳатман худро ба Муҳаммад расонда ва ӯро ба қатл мерасондам ва якбора худро аз шарри вай роҳат месохтам ва баъд ба идомаи ҳарфҳои оҳистаи худ афзуд ва гуфт: Асорати фарзандам дар дасти онҳо худ далели ростин бар ин азм аст, ки ҳеҷ як дар ин тасмим шакку тардид нахоҳад кард.

Сафвон ибни Умайя сухани Умайрро ғанимат шумурд ва нахост, ки чунин фурсатеро аз даст диҳад, лизо рӯ ба вай намуда гуфт:

- Эй Умайр, ҳамаи қарзҳоятро ба ӯҳдаи ман гузор. Ман худ донаму пардохти он. Ва ба ҳар андозае, ки буда бошад, ман онро мепардозам ва аммо аҳлу аёлатро ба аҳлу аёли худ зам созам ва то вақте ки ман ва онҳоро зиндаем, ба пардохти масорифи онҳо вазифадор хоҳам буд. Ва ман он қадар пул ва амвол дорам, ки дар тӯли зиндагониамон моро кифоят мекунад ва зиндагонии пурсаодат ва оромеро сипарӣ хоҳанд намуд.

Умайр гуфт: Вақте мавзӯъ аз ин қарор буда бошад, ин розро пинҳон дор ва набояд ҳеҷ як аз ин тасмим огоҳӣ ёбад. Савфон гуфт: Чунин хоҳам кард:

Умар дар ҳоле, ки оташи ақида ва кини Муҳаммад дар ниҳодаш шӯъла мезад, аз ҷой бархост ва худро ба қасди иҷрои ин амал омода кард ва аз гумони касе дар бораи ин сафари хеш парвое надошт, чунки хонаводаҳои қурайшиён, ки дар Мадина асирон доштанд, ба он ҷо рафтуомад мекарданд, ба умеди ин ки битавонанд дар ивази пардохти фидя асиронашонро раҳо созанд. Умайр ибни Ваҳб шамшери худро тез кард ва дамҳои онро бо заҳр олуда сохт ва маркаби худро омода кард ва бар он савор шуд ва роҳи Мадинаро пеш гирифт ва ба қасди азиятрасонӣ ва шарарангезӣ ба роҳ афтод. Ва чун ба Мадина расид, рӯ сӯи масҷид ниҳод, то Расули Худо (с) ро дарёфта ва тасмими худро амалӣ созад. Ҳамон буд, ки уштури худро дар фосилаи наздик ба вай хобонд ва худ аз он фуромад.

Дар чунин фурсате Ҳазрати Умар ибни Хаттоб ҳамроҳ бо баъзе асҳоби дигар дар наздики масҷид нишаста ва перомуни рӯйдодҳои Бадр ва шикасти мушрикин ва қатлу асорати

душманон ҳарф мезаданд ва аз қаҳрамониҳо ва муқовимати мусалмонони муҳоҷир ва ансор дар миёни ҳам сӯҳбат доштанд ва кӯмак ва ёрии Аллоҳ таъолоро ба мусалмонон дар ин набард ва расвоӣ ва хашми душманонро бо ҳам ёдоварӣ менамуданд, ки дар ин асно чашмаш ба Умайр ибни Ваҳб афтод, ки аз шутури худ фуруд омада ва шамшер бар гардан ороста ва ба сӯи масҷид равон аст. Чун ӯро ба ин ҳолат дид, ваҳшатзада аз ҷой парид ва гуфт:

Ин саг ҳамоно душмани Худо Умайр ибни Ваҳб аст. Қасам ба Худо, ки вай ба нияти баде ин ҷо омадааст. Ин ҳамон шахсе аст, ки дар Макка мушрикинро алайҳи мо мешӯронд ва ин шахс андак қабл аз воқеаи Бадр барои мушрикин аз мо ҷосусӣ мекард. Ва баъд ба ҳамнишинони худ гуфт: Ҳар чи зудтар ба назди Расули Худо биравед ва барои ҳимояи вай навбатдорӣ намоед ва ҳушёру мутаваҷеҳ бошед, ки ин шахси маккор ва бадкирдор ба вай осебе нарасонад. Баъд худи ҳазрати Умар ба ҳузури ҳазрати Паёмбар (с) рафт ва гуфт: Эй Расули Худо, ин душмани Худо Умайр ибни Ваҳб, шамшери худ ороста ва ин ҷо омадааст. Гумони ғолиби ман он аст, ки вай қасди баде дорад. Ҳазрати Расули Худо фармуд: Ӯро назди ман оред.

Ҳазрати Умар ибни Хаттоб ба сӯи Умайр рӯй овард ва ӯро аз гиребон гирифт ва ресмони шамшерашро дар гарданаш печонд ва вайро кашон-кашон ба ҳузури Расулуллоҳ (с) овард.

Вақте ҳазрати Расули Худо ӯро бо чунин ҳолате дид, ба ҳазрати Умар гуфт: Ӯро раҳо соз эй Умар. Ҳазрати Умар ӯро раҳо сохт ва баъд ба ӯ гуфт: Аз вай дур шав. Ҳазрати Умар аз назди вай дур шуд ва баъд худ сӯи вай наздик шуд ва гуфт: Эй Умайр, пеш биё. Умайр пеш омад ва гуфт: Анъим сабоҳан – яъне, субҳат ба хайр эй Расули Худо (дар даврони ҷоҳилият салом чунин буд). Ҳазрати Расули Худо фармуд: Худованд барои мо саломи беҳтар аз саломи ту бахшидааст. Худованд барои мо саломро, ки саломи аҳли ҷаннат аст, бахшидааст.

Умайр гуфт: Қасам ба Худо, ту худ аз ин саломи мо чандон дур набудӣ ва акнун ин саломи тозаро ривоҷ додаӣ.

Ҳазрати Расули Худо (с) фармуд. Эй Умайр омили омаданат ба ин ҷо чӣ буд?

Гуфт: Омадам, ки ин асиреро, ки дар даст доред, раҳо созед ва дар ин бора ба ман некӣ ва эҳсон намоед.

Ҳазрати Расули Худо фармуд: Ин шамшери овехта бар гарданатро барои чӣ овардаӣ?

Гуфт: Худованд ин шамшерҳоро аз мо бигирад. Ин шамшерҳо дар рӯзи Бадр чӣ нафъе барои мо расонид?!!

Ҳазрати Расули Худо боз фармуд: Эй Умайр, сухани рост гӯ, чӣ чиз туро ба ин ҷо овард? Гуфт: Ҷуз ин ҳадаф, ки асирамро бароям раҳо созед, дигар коре надоштам.

Ҳазрати Расули Худо фармуд: Ҳақиқат ин аст, ки ту ва Сафвон ибни Умайя дар наздики Ҳиҷр бо ҳам нишаста ва аз асҳоби қалиб ва куштагони Қурайш сӯҳбат ба миён овардед ва баъд гуфтӣ:

- Агар дайндор намебудам ва нафақаи аҳлу аёл бар ман намебуд, бечуну чаро ба қатли Муҳаммад берун мешудам. Ва баъд Сафвон ибни Умайя дайн ва масорифи аҳлу аёлатро ба зимма гирифт, то ту ба ин тасмими худ ҷомаи амал пӯшонӣ ва маро ба қатл расонӣ. Аммо Худованд туро ба чунин мақсад нарасонд.

Умайр аз шунидани ин ҳарфҳо ҳайрон монд ва лаҳзае дар фикр фурӯ рафт. Ва баъд дере нагузашт, ки калимаи шаҳодат ба забон овард ва ба ҳаққонияти рисолати вай шаҳодат дод ва гуфт: Шаҳодат медиҳам, ки ту ҳақиқатан фиристода ва Расули Худованд ҳастӣ ва баъд афзуд: Эй Расули Худо! Мо қабл аз ин ҳарфҳои туро дурӯғ мепиндоштем, ваҳйеро, ки бар ту нозил мешуд, тақзиб менамудем. Аммо ин сухани ман ҳамроҳ бо Сафвон ибни Умайяро ҷуз ман ва ӯ каси дигаре намедонист ва ҳоло ки ту аз он ҳамаро якояк бароям баён доштӣ, дигар ҳеҷ гуна шак ва тардиде дар ҳаққонияти даъвати ту надорам. Чун медонам, ки ҷуз Худо дигар ҳеҷ кас ин хабарро ба ту нарасонидааст. Худоро сипосгузорам, ки маро

ба сӯи ту овард, то барои Ислом ҳидоятам кунад ва раҳнамунам гардонад. Баъд шаҳодат дод ба **ло илоҳа иллаллоҳу Муҳаммадур Расулуллоҳ** Умайр ибни Ваҳб ва ҳамин тавр мусалмон шуд Ҳазрати Расули Худо (с) барои ёронаш фармуд:

- Бародаратонро дарси дин биёмӯзонед ва Қуръонро ба вай таълим диҳед ва асирашро раҳо кунед.

Мусалмонон ба ислом овардани Умайр ибни Ваҳб сахт шодмон ва хушҳол шуданд, то он ҷо ки ҳазрати Умар ибни Хаттоб (р) фармуд: Вақте Умайр ибни Ваҳб ба назди ҳазрати Расули Худо омад, дар назди ман хук аз вай беҳтар буд ва акнун, ки вай мусалмон шудааст, вай дар назди ман аз баъзе фарзандонам маҳбубтар аст.

Дар ин фурсат, ки Умайр рӯҳу равони худро сайқал мебахшид ва худро ба таълимоти Ислом ороста ва қалбашро бо нури Қуръон мунаввар месохт ва беҳтарин лаҳзаҳои зиндагии худро дар ҷавори Ҳазрати Расули Худо сипарӣ мекард, Макка ва ёронашро фаромӯш намуда буд.

Сафвон ибни Умайя орзуҳо ва хаёлотро дар зеҳни худ мепарваронид ва вақте гузараш бар маҷолиси Қурайш меафтод ба онҳо мегуфт: Анқариб муждаи некеро хоҳед шунид, ки рӯйдодҳои сиёҳи рӯзи Бадрро фаромӯшатон созад.

Вақте муддати замоне бар ин амр сипарӣ шуд ва интизори Сафвон ибни Умайя ба дарозо кашид, шакку тардид оҳиста-оҳиста ба дилу равони вай роҳ ёфт, то он ҳад, ки аз шиддати он дар худ оташ мегирифт ва пайваста аз мусофироне, ки ба Макка меомаданд аз аҳволи Умайр ибни Ваҳб пурсон мешуд. Ва аз ҳеҷ як ҷавобе дарёфт намедошт, ки аз ғаму андӯҳи вай бикоҳад, то он ки мусофире омад ва гуфт: Умайр мусалмон шудааст.

Ин хабар чун раъду барқи шадид ӯро такон дод, чун вай ба ин андеша буд, ки агар ҷаҳон ҳама мусалмон шаванд, Умайр ҳаргиз мусалмон нахоҳад шуд.

Умайр пайваста ба фаро гирифтани умури динӣ ва ҳифзи каломи Худо машғул буд, то он ки рӯзе ба ҳузури Паёмбар

(с) омаду гуфт: Эй Расули Худо, ман муддати замони тӯлониро дар мубориза алайҳи ин оин ва хомӯш сохтани нури Худо сипарӣ намудам ва онҳоеро, ки ба дин мепайвастанд, сахт азият додаам ва ҳоло орзуям ин аст, ки барии ман иҷоза диҳӣ, ки ба Макка бозгардам ва Қурайшро ба дини Худо ва Паёмбараш даъват намоям. Агар ишон ин даъватро аз ман пазируфтанд, ин чи беҳтар ва агар аз қабули он ибо варзиданд, ба онҳо чунон азият расонам, ки қаблан ба мусалмонон азият мерасондам.

Ҳазрати Расули Худо ба вай иҷоза дод ва ба Макка бозгашт ва ба хонаи Сафвон ибни Умайя омад ва гуфт: Эй Сафвон, ту аз сардорони бузург ва кишоварзони Макка ҳастӣ ва аз мардони оқил ва хайрандеши Қурайш ба ҳисоб меравӣ. Оё ин шевае, ки шумо дар иртибот бо ибодати ин бутҳои сангӣ ва тақдими қурбониҳо барои онон дар пеш гирифтаед, кори маъқул аст? Ва оё ақл инро меписандад, ки дин ба ҳамин шева буда бошад?

Аммо ман шаҳодат медиҳам ба ин, ки ғайри Аллоҳ ҳеҷ маъбуде нест ва Муҳаммад Паёмбари Худост.

Баъд Умайр ба даъвати аҳли Макка идома дод, то он ки иддаи зиёде ба дини Ислом сар ниҳоданд ва мусалмон шуданд.

Худованд Умайр ибни Ваҳбро подоши нек насиб намеояд ва қабри ӯро нуронӣ созад.

# БАРОЪ ИБНИ МОЛИКИ АНСОРӢ

Бароъ ибни Молики марди жулидамӯй ва лоғар буд, бинанда фикр намекард, ки ин шахс ин ҳама қаҳрамонӣ ва шуҷоат нишон диҳад. Аммо бо вуҷуди ин заъфи ҷисмонӣ ва нотавонии бадан беш аз сад танро ба танҳоии хеш ба қатл расонидааст ва ин теъдод ғайр аз теъдодест, ки ба дасти вай дар саҳнаи набард зиндагӣ худро аз даст додаанд.

Ин қаҳрамони номовар ва шуҷоъ он қадар дар саҳнаи набард бебокона меразмид, ки ҳазрати Умари Форуқ ба кордорони худ дар гӯшаву канори қаламрави Ислом дар хусуси вай навишта ирсол намудааст, ки ба вай вазифаи қумандонии лашкари мусалмононро надиҳанд, ки мабодо бо иқдоми хеш ҳамаро дар вартаи  ҳалокат ва нобудӣ андозад. Вай бародари Анас ибни Молик ходими ҳазрати Расулуллоҳ (с) аст.  Мо агар бихоҳем ҳама ҷониби зиндагии Бароъ ва қаҳрамониҳову диловариҳои вайро ба риштаи таҳрир дарорем ин амр аз тавони мо берун аст. Ва фақат ба зикри як ҳодиса аз қаҳрамониҳои вай дар ин ҷо иктифо мекунем ва ин қисса худ боқӣ дигар ҳама саргузашт ва қаҳрамониҳои вайро дар ихтиёри мо хоҳад гузошт.

Ин достон аз давраи вафоти Ҳазрати Расули Худо (с) ва пайвастанаш ба рафиқи аъло оғоз мешавад. Тавре ки қабилаҳои араб баъд аз вафоти он ҳазрат тасмим гирифтанд, ки ҳама дастаҷамъӣ аз дини Хордо берун шаванд ҳамон тавре, ки ҳама дастҷамъӣ дар ибтидо ба дини Худо дохил шуда буданд, то он ки аз Ислом ному нишоне намонад ва ба ҷуз аҳли Макка ва Мадина ва Тоиф ва ҷамъиятҳои маъдуде, ки ба суратҳои пароканда дар ин ҷо дар Ислом боқӣ монданд, боқӣ ҳама аз дини Худо саркашӣ карданд.

Ҳазрати Абубакри Сиддиқ (р) дар баробари ин фитнаи бузург мардонавор истодагӣ намуд ва бемуҳобот бо он ҷангид. Ва аз муҳоҷирин ва Ансор ёздаҳ сипоҳ омода сохт. Ва барои қумандони ҳар як аз ин ёздаҳ сипоҳ парчамеро барафрошт ва ишонро дар саросари Ҷазиратул Араб гумошт то муртадинро ба роҳи ҳақ ва ҳидоят баргардонад ва бо зӯри шамшер мунҳарифонро бо ҷодаи рост ва мустақим маҷбур созад. Аз нерӯмандтарини ин гурӯҳи муртадин Бани Ҳанифа буд, ки ба эътибори ҷанговар ва теъдод қавитар буд ва роҳбарии ононро Мусайлимаи каззоб ба ӯҳда дошт. Мусайлима аз қавми худ ба теъдоди чиҳил ҳазор нафар ҷанговарро муттаҳид намуд ва ин теъдод ҳама ба ҳукми нажодпарастӣ ва қавмият дар гирди вай ҷамъ шуда буданд на ба ҳукми ин ки ишон ба вай имон оварда бошанд. Чунончи баъзе аз ишон ин матлабро изҳор намуда мегуфтанд:

Мо медонем, ки Мусайлима каззоб ва дуруғгӯ ва Муҳаммад содиқ ва ростгӯ аст. Аммо каззоби (қабилаи) Рабеъ (Мусайлима) назди мо аз содиқи (қабилаи) Музар (Ҳазрати Муҳаммад (с) беҳтар аст.

Нерӯҳои Мусайлима нахустин даста аз сипоҳиёни исломро, ки сарварии онро Икрама ибни Абуҷаҳл ба дӯш дошт, шикаст дод ва ишонро ба ақибнишинӣ маҷбур сохт.

Ҳарду лашкар дар сарзамини Ямома дар Наҷд бо ҳам рӯ ба рӯ шуданд. Дере нагузашт, ки паллаи мизони Мусайлима гарон шуд ва замин дар зери пои мусалмонон ба ларза афтод ва тасмим ба он гирифтанд, ки ақибнишинӣ кунанд. Лашкариёни Мусайлима дохили хаймаи Холид ибни Валид гардида ва хаймаашро аз замин бардоштанд ва наздик буд, ки ҳамсарашро ба қатл расонанд. Аммо як тан аз мусалмонони бомаҳорат вайро наҷот дод. Дар чунин фурсате мусалмонон дарёфтанд, ки хатари бузурге ба онҳо таҳдид мекунад ва донистанд, ки агар лашкари мусалмонон ин бор дар баробари Мусайлима шикаст бихӯранд, дигар Ислом дар Ҷазиратул Араб бапо нахоҳад истод ва дигар ҳеҷ яке дар ин сарзамин ба парастиши Худованди ягона нахоҳад пардохт.

Дар гирудори ин хатар бузург буд, ки Холид мутаваҷеҳи лашкари худ шуд ва онро аз сар танзим кард ба тавре, ки муҳоҷиринро аз Ансор ва бадавиро аз шаҳрӣ як тараф намуд. Ва фарзандони ҳар қабиларо ба таври алоҳида дар таҳти як байрақ қарор дод, то бубинад, ки кадом як аз ин қабилаҳо ҷанговартар аст ва дарёбад, ки омили шикасти мусалмонон аз кадом ноҳия аст.

Ҷанги хунин дар миёни ду тараф сурат гирифт, ки мусалмонон қаблан ба чунин як ҷанги removaboҳкунанда рӯ ба рӯ нашуда буданд. Ва ҷанговарони Мусайлима бо субот нопойдории аҷибе ба набард идома доданд ва шумораи зиёди куштаშудагон онҳоро аз идомаи ҷанг боз надошт ва чун кӯҳ истодагӣ намуданд. Ва мусалмонон аз худ қаҳрамониҳои аҷибе нишон доданд, ки агар шоире дар васфи онҳо месуруд шояд аз маъруфтарин ва дилангезтарин қасидаҳои шеърӣ мебуд.

Собит ибни Қайс, парчамдори гурӯҳи Ансор кафан пӯшида ва барои худ қабр меканад ва то нисфи бадани худ дар он фурӯ наравад ва дар мавқифи худ собит ва устувор мемонад, ва бо дифоъ аз парчами қавми худ, то сарҳади марг меразмад, то он ки ҷоми шаҳодат ба сар мекашад.

Ва Зайд ибни Хаттоб - бародари ҳазрати Умар ибни Хаттоб (р) дар миёни лашкар фарёд мезанад, ки эй мусалмонон, собитқадам бошед ва бо матонат ҳамлаи душманро саркӯб кунед ва қадам ба пеш ниҳед.

Эй мардум, қасам ба Худо, баъд аз ин калима, дигар ҳаргиз ҳарфе бар забон нахоҳам овард, то онки Мусайлима шикаст бихӯрад ва ё он ки Худовандро бо хуни худ мулоқот кунам ва онро далел ва ҳуҷҷати худ бидонам. Ва баъд бар лашкариёни Мусайлима ҳамла бурд ва пайваста меҷангид то ин ки ба шаҳодат расид.

Солим ғулом Абуҳузайфа парчами муҳоҷиринро ба даст дорад қавмаш аз он бим намуд, ки дар ҷанг заиф гардад ва ё субот ва пойдориро аз даст диҳад, лизо ба ӯ гуфтанд: Аз он бим дорем, ки дар натиҷаи заъфи ту душман бар мо даст ёбад.

Вай дар ҷавоб гуфт: Агар дар натиҷаи заъфи ман душман бар шумо даст ёбад, ман ба ҳақ ҳофизи Қуръон нахоҳам буд.

Баъд ба душман ҳамлаи шуҷоона намуд, то ин ки мавриди исобат қарор гирифт.

Аммо ин ҳама қаҳрамониҳо дар баробари қаҳрамонӣ ва шуҷоате, ки Бароъ ибни Молик (р) анҷом додааст чизе нахоҳад буд ва он ин ки: Вақте Холид дид, ки оташи ҷанг шӯълавар гардид ва шиддати он ба авҷи худ расид, рӯ ба сӯи Бароъ ибни Молик овард ва гуфт: Эй ҷавони Ансорӣ ба сӯи ишон бишитоб. Бароъ ба сӯи қавми худ рӯй гардонид ва гуфт: Эй ҷамъи Ансор, набояд ҳеҷ яке аз шумо дар фикри бозгашт ба Мадина бошад. Шуморо баъд аз ин рӯз Мадина нахоҳад буд... Балки шуморо Худои ягона аст ва баъд биҳишт...

Баъд бар мушрикин ҳамла намуд ва ёронаш низ аз ақиби ӯ рафтанд. Ва шурӯъ ба рахна кардани сафи душман намуд ва бо шамшер гарданҳои душманони Худоро аз тан ҷудо месохт, то ин ки қадамҳои Мусайлима ва лашкариёнашро мутазалзил сохт ва онҳоро маҷбур ба фирор намуда ва дар бӯстоне, ки баъдан ба номи бӯстони марг шӯҳрат ёфт, ҳамла бурданд ва теъдоди куштагон дар он бӯстон аз шумор берун гардид.

Ин бӯстони марг дорои майдони васеъ ва девори баланде буд. Мусайлима ва ҳазорон тан аз мудофеъонаш вақте дохили ин бӯстон шуданд, дарвозаҳои онро ба рӯи худ бастанд ва аз баланди деворҳои он барои дифоъ аз худ истифода намуда ва мусалмононро аз дохили он ҳадафи тирҳои худ қарор доданд. Дар чунин фурсате ин қаҳрамони диловар Бароъ ибни Молик омад ва гуфт:

Эй қавм, маро бо ин сипар бигзоред ва баъд онро ба нӯки найзаҳо бардошта дар наздикии дарвозаи боғ бияндозед, ё шаҳид мешавам ва ё он ки дарвозаро ба рӯятон мекушоям.

Бароъ ибни Молик бо суръат дар миёни сипар нишаст ва ёронаш бо нӯги найзаҳо ӯро ба дохили боғ андохтанд.

Ҳазорон тан аз лашкариёни Мусайлима ба сари вай рехтанд ва даргирии шадиде дар миёни вай ва душманонаш даргирифт ва баъд аз бархӯрде, ки даҳҳо кушта ба ҷо гузошт тавонист, ки дарвозаро бикшояд ва беш аз ҳаштод ҷои аз баданаш захми шамшер ва найза дида буд. Мусалмонон чун сел дохили бӯстон шуданд ва чунон ба куштани муртаддин пардохтанд, ки аз тавсиф берун аст. Ва дар ҳудуди беш аз бист ҳазор нафар аз лашкариёни Мусайлимаро аз теғ гузарониданд ва ахиран худи Мусайлимаро низ ба қатл расониданд.

Бароъ ибни Моликро бардошта ба қароргоҳаш бурданд, то ӯро муолиҷа намоянд. Ҳазрати Холид ҳудуди як моҳро назди вай сипарӣ кард, то он ки Худованд ӯро шифо бахшид ва тавассути вай лашкари мусалмононро пирӯзӣ насиб фармуд.

Бароъ ибни Молики Ансорӣ орзӯи шаҳодатро менамуд, ки дар рӯзи корзори бӯстони марг насибаш нашуд...

Баъд аз он дар ҷангҳо яке паи дигар ширкат кард то орзӯи деринаи худро дарёбад ва бо Паёмбари гиромии худ бипайвандад, то он ки рӯзи фатҳи шаҳр. Тӯстар яке аз шаҳрҳои Форс фаро расид. Форсҳо дар яке аз қалъаҳои мустаҳками ин шаҳр сангар гирифта буданд. Мусалмонон ин қалъаро дар муҳосираи шадиди худ гирифтанд. Чун муддати замони тӯлонӣ бар ин ҳисор сипарӣ шуд, ва форсҳо дар он ба танг омаданд. Бинобар ин нишон барои дифоъ аз хеш ҳалқаҳои оҳанинеро, ки бар нӯки он чангакҳои фулодӣ, ки дар оташ доғ шуда буд, насб намуда ва аз фарози деворҳои қалъа поин карда дар ҷисми мусалмонон онро фурӯ бурда ва ба сӯи худ онхоро мекашиданд, ки дар ин ҷараён мусалмонон ё ҳаёти худро аз даст медоданд ва ё он ки ба марг онҳоро наздик месохтанд.

Яке аз ин чангакҳо дар тани Анас ибни Молик бародари Бароъ хӯрд ва ӯро ба сӯи худ кашиданд. Ҳамин ки чашми Бароъ ба вай афтод ва дид, ки бародараш ҳадафи шикори душман қарор гирифта ба суръат ба сӯи вай давид ва худро

ба девори қалъа расонд ва занҷирро, ки бародараш ба он овезон буд, ба даст гирифт ва бо ҳама тавони худ саъй намуд, то бародашаро аз он халос кунад ва ахиран тавонист, ки бо сӯзондани дасти худ ба тасмимаш ноил гардид. Дар ин ҷанг Бароъ ибни Молики Ансорӣ аз Худованд хост, ки ӯро шаҳодат насиб фармояд. Ҳамон буд, ки дуъои ӯро иҷобат намуд ва ба мартабаи олии шаҳодат ноил гардид ва ба лиқоуллоҳ пайваст.

Худованд Бароъ ибни Моликро дар биҳишти барин ҷой диҳад ва мақому манзалаташ баланд дорад ва орзӯяшро дар пайвастан ба ҳазрат Расули Худо бароварда созад.

## УММИ САЛАМА

Медонед, ки Умми Салама кист? Умми Салама падараш аз сарони номвар ва маъруфи бани Махзум ва яке аз сахимардони Араб аст, ки камтар аз сахиён метавонанд ба пояи ӯ расанд. Саховат ва ҷуди вай ба ҳадде расида буд, ки ӯро ба номи Тӯшаи мусофир лақаб дода буданд, чун вақте мусофирин қасди диёри ӯ менамуданд, ҳамроҳ бо худ тӯша намегирифтанд.

Ва шавҳари Умми Салама Абдуллоҳ ибни Абдуласад яке аз даҳ ёри биҳиштии собиқадорони ислом аст. Чун қабл аз вай ҷуз иддаи маҳдуде амсоли Абубакр ва ғайра, ки теъдоди ишон аз шумори ангуштони зиёд набуд, ба ислом сар нагузошта буданд.

Номи аслии Умми Салама Ҳинд аст. Аммо кунияаш, ки Умми Салама аст, шӯҳрат ёфтааст.

Умми Салама ҳамроҳ бо шавҳараш имон овард ва дар радифи собиқадорони ислом қарор гирифтааст.

Ҳамин ки хабари имон овардани Умми Салама ҳамроҳ бо шавҳараш дар миёни мардум паҳн шуд, хашму ғазаби Қурайш ба ҷӯш омад ва оташи интиқом ва азоби худро ба онҳо фурӯ рехтанд. Вале бо васфи ин ҳама қасоват ва бераҳмие, ки дар бораи ин ду анҷом доданд, азму тасмими ишон дар идомаи ин роҳ тағйир наёфт ва бо истиқомат ва пойдорӣ ба ин оин вафодор ва собитқадам монданд ва шакку тардид ҳаргиз дар хаёли онҳо нагузашт.

Вақте азобу шиканҷаи Қурайш ба авҷи худ расид ва ҳазрати Расулуллоҳ (с) ба ёрони худ иҷозаи ҳиҷрат ба диёри Ҳабашаро дод, ин ду дар пешопеши онҳо қарор гирифтанд.

Умми Салама ва ҳамсараш Абдуллоҳ Маккаро ба қасди диёри ҳиҷрат пушти сар ниҳоданд ва ҳама ному нишони зиндагӣ ва кошонаро ба қасди ризои Аллоҳ тарк гуфтанд ва роҳи худ ба сӯи Ҳабаша дар пеш гирифтанд.

Бо васфи он ки Умми Салама ва ҳамроҳонашон аз ҳимоят ва пуштибони Наҷошӣ, подшоҳи Ҳабаша бархурдор буданд ва дар паноҳи вай зиндагии ором ва осуда доштанд. Вале бо вуҷуди ин ҳама оромиши дилаш ба қасди диёри маҳбубаш Макка сарзамини нузули ваҳй метапид ва аз набудани худ дар канори ҳазрати Расули Худо ин сарчашма ҳидоёти инсонҳо дар худ эҳсоси нороҳатӣ менамуданд.

Баъди хабарҳои мутавотири мабни бар ин, ки ба теъдоди мусалмонон дар Макка афзуда шуда ва ислом овардани Ҳамза ибни Абдумуталлиб ва Умар ибни Хаттоб бо шаъну шавкати мусалмонон афзуда ва андаке аз зулм ва истибдоди Қурайш коста шудааст, ба муҳоҷирине, ки Ҳабаша буданд, расид. Биноан бар ин дастаи аз онон қасди бозгашт ба Маккаро намуданд. Умми Салама ва ҳамсараш дар пешопеши ин ҷамъи бозгашткунандагон қарор доштанд.

Аммо вақте ишон ба меҳани худ бозгаштанд, дарёфтанд, ки хабарҳое, ки дар ин хусус шунидаанд, чандон асосе надошта ва дар он муболиға карда шудааст ва зулму таъаддии Қурайш ба ҳамон паймонаи аввалиаш ҷараён дошта ва Ислом овардани Ҳамза ва Умар якбора ба душмании ин оин ва иноди Қурайш афзудааст.

Аз ин рӯ, мушрикин дар азобу шиканҷаи мусалмонон ҳунарнамоӣ намуданд ва бо шеваҳои аҷибе онҳоро дар динашон мавриди азияту озор қарор доданд, ки қаблан назири онро надида буданд.

Дар чунин фурсат буд, ки ҳазрати Расули Худо (с) барои асҳоб ва ёронаш иҷоза дод, то ба Мадина ҳиҷрат кунанд. Ва Умми Салама ва ҳамсараш тасмим гирифтанд, ки дар сафи аввалин ҳиҷраткунандагон қарор гиранд, то аз азияту озори Қурайшиён худро халос намоянд.

Аммо ҳиҷрати Умми Салама, он тавре ки фикр мекард, кори саҳлу осон набуд. Балки ҳиҷрати вай аз сахттарин ҳиҷратҳо буд, ки шояд камтар кас чунин мусибат ва аламро дар ҳиҷрати худ дида бошад.

Ва мо акнун риштаи суханро ба худи Умми Салама мегузорем, то худ саргузашти талху ногувори хешро, ки аз ғаму андӯҳ аст ба мо ҳикоят намояд. Чун асос худаш нисбат ба ҳар асоси дигар дақиқтар ва балеғтар аст ва метавонад мавзӯъро ҳамон тавре, ки буда, аст ба мо бозгӯ ва ҳикоят намояд.

Умми Салама гуфт: Вақте Абу Салама – шавҳараш азми ҳиҷрат ба Мадина намуд, шутуреро ба ӯ омода сохт ва маро бар он савор намуд ва фарзандам Саламаро, ки тифли хурдсол буд, дар бағалам гузошт ва худ ҷилави шутур бигрифт ва бидуни кадом маътале ба роҳ афтод ва саъй бар он дошт, ки ҳарчи зудтар худро аз ин диёр берун созад.

Ва қабл аз он ки аз Макка берун шавем, касоне аз Бани Махзум, ки ман худ аз он қабила будам, сари роҳамонро гирифта ва ба Абу Салама гуфтанд: Агар ту худро аз дасти мо наҷот медиҳӣ, ин занро, ки марбути қабилаи мост, ба куҷо мебарӣ? Ва мо ба чӣ далел туро иҷоза диҳем, кӣ ин занро бо худ гирифта ва ба диёри дур ва бегона бибарӣ?!

Баъд ишон бар вай ҳамла намуда ману тифламро ба шиддат аз дасти вай кашида гирифтанд.

Вақте касон аз қабилаи ҳамсарам Бани Абдуласад ин ҳолатро диданд, ки қавм ману тифламро аз шавҳарам ҷудо сохтанд, ишонро ба ин ҳолат рашк омад ва сахт барошуфтанд ва гуфтанд: Қасам ба Худо, мо нахоҳем гузошт, ки ин тифл дар дасти шумо буда бошад, аз он ҷойе, ки падараш аз қабилаи мост, лизо тифлаш ба мо тааллуқ мегирад. Ва ин фарзанд азони мост ва мо ба гирифтани вай нисбат ба ҳар каси дигар ҳақдортарем.

Баъд ба ман ҳамла бурда ва тифлам Саламаро аз дастам рабуданд ва бо худ бурданд ва дар тайи чанд лаҳза дидам, ки мо се танро ба ин тартиб аз ҳам ҷудо сохта ва чун саҳме дар

ҷиҳати ҳар як аз онон тақсим шудем. Ва ман худро якка ва танҳо ёфтам. Ҳамсарам сӯи Мадина фирор намуд. Ва фарзандам Бани Абдуласадро базӯр аз ман рабуданд ва ман худ дар қабилаи хеш мисли асир мондам. Ва дар тайи чанд лаҳза дар миёни ману ҳамсарам ва фарзандам ҷудоӣ афганданд.

Аз ҳамин рӯз сар карда ҳар субҳ ба ин саҳро мебаромадам ва дар он ҷое, ки ин ҳодиса сурат гирифта буд, ба шигифт меомадам ва ҳодисаи он рӯзро пайваста ба хаёлам мегузаронидам. Ва ба рӯзи сиёҳ ва бахти вожгуни худ ашк мерехтам, кӣ чи гуна дар зарфи чанд дақиқа дар миёни ману фарзандам ва ҳамсарам ҷудоӣ афганданд. Ва пайваста дар он ҷо рӯзи худро сипарӣ мекардам, то онки сиёҳии шаб хайма мезад ва баъд ба ҷойгоҳи худ бармегаштам.

Бо ин ҳол тақрибан як солро сипарӣ кардам, то он ки рӯзе гузари яке аз амакзодаҳоям бар ман афтод. Ва ин ҳолати зори маро дид, дилаш бароям сӯхт ва бар ҳолам тараҳҳум намуд ва ба наздиконам гуфт: Чаро ин зани бечораро раҳо намекунед, ӯро аз ҳамсар ва фаразандаш ҷудо кардед ва ин вазъро то чӣ вақт дар бораи вай раво медоре? Вай пайваста эҳсосот ва тараҳҳуми ононро нисбат ба ман ҷалб менамуд ва дилҳои ононро бо ҳарфҳои муассири хеш нарм месохт, то он ки бароям гуфтанд: Агар хоҳӣ, ки бо шавҳарат бипайвандӣ, монеъе дар сари роҳи ту вуҷуд надорад.

Аммо чи гуна бароям мумкин буд, ки ба шавҳарам бипайвандам, дар ҳоле, ки фарзандам дар Макка дар қабилаи Бани Абдуласад ба сар бибарад?!

Бароям чи гуна мумкин аст, ки ғаму андӯҳамро хомӯш созам ва чашмамро аз ашк боз дорам ва ҷигаргӯшаам дар Макка бошад ва аз аҳволи вай чизе надонам?

Баъзе мардум чун ин ҳоли зори маро диданд, дилашон сӯхт ва дар бораи фарзандам бо Бани Абдуласад хайрхоҳӣ карданд ва тараҳҳуми ононро нисбат ба ман ҷалб намуданд. Ҳамон буд, ки ишон фарзандам Саламаро ба ман доданд.

Нахостам, ки дар Макка ба қасди ёфтани ҳамсафар ба сӯи Мадина зиёд интизорӣ бикашам ва аз он тарсидам, ки мабодо ҳодисаи тоза иҷод шавад, ки маро аз пайвастан ба шавҳарам дар Мадина боздоранд ва ба ин лиҳоз саъй намудам, ки ҳар чи зудтар худро барои сафар омода кунам. Ҳамон буд, ки бар шутури худ савор шудам ва тифламро дар оғӯш гирифтам ва ба қасди Мадина аз Макка берун шудам. Ва аз ҳеҷ кас ҷуз Худованд дар ин сафар бо ман ҳамроҳ набуд ва якка ва танҳо ба роҳ афтодам.

Ва чун ба Танъим расидам, бо Усмон ибни Талҳа рӯ ба рӯ шудам. Вай бароям гуфт:

- Эй духтар, бетӯша ба куҷо мехоҳӣ сафар кунӣ?!

Гуфтам: Мехоҳам назди шавҳарам, ба Мадина сафар кунам.

Гуфт: Оё касе туро дар ин сафар ҳамроҳӣ мекунад?

Гуфтам: На, ҷуз Худованд ва ин тифл, ки дар оғӯшам дорам, дигар ҳеҷ яке бо ман ҳамсафар нест.

Гуфт: Қасам ба Худо, ҳаргиз туро танҳо нахоҳам гузошт, то он ки туро дар Мадина нарасонам. Баъд зимоми шутурамро бигирифт ва ба роҳ афтод.

Қасам ба Худо, ҳаргиз ба ҳеҷ яке аз мардони Араб ҳамроҳ нашудаам, ки каримтару шарифтар аз вай буда бошад. Вай вақте ба ҷое мерасидем шутурро мехобонд ва баъд худ ба гӯшае мерафт, то он ки ман аз шутур фуруд меомадам, вакте аз шутур дуртар мерафтам, вай меомад ва борро аз шутур поён мекард ва шутурро дар дарахте мебаст. Ва баъд худ дур мерафт ва дар зери дарахте дуртар аз ман мехобид.

Ва чун вакти сафар фаро мерасид, аз ҷой бармехост ва шутурамро барои ҳаракат омода месохт ва онро барои савориам мефиристод ва худ аз ман дур мешуд ва мегуфт: Шутурро савор шав ва чун бар шутур савор мешудам ва худро бар он баробар месохтам, меомад ва ҷилави шутурро мегирифт ва ба роҳ меафтод.

Вай то вақте ки ба Мадина расидем, чунин мекард ва чун ба наздикии Мадина расидем ва қаряии Қубо, ки бани Амру

ибни Авф дар он ба сар мебурд, ба чашмамон хӯрд ва гуфт: Шавҳарат дар ин қария аст ва бо баракати Аллоҳ дар ин қария дохил шав ва баъд худ ба сӯи Макка баргашт.

Ин хонаводаи аз ҳам пошида баъд аз як фироқи тӯлонӣ дубора гирди ҳам ҷамъ омаданд ва чашмони Умми Салама бо дидани шавҳараш равшан шуд ва Абу Салама ба ёфтани зан ва фарзандаш хушҳол ва масрур гардид… ва рӯзҳо пушти ҳам мегузашт ва ҳаводис пайи ҳам иҷод мешуд.

Ҳодиса ва набарди рӯзи Бадр фаро мерасид ва Абу Салама дар он ширкат мекунад ва солиму пирӯзманд ҳамроҳ ба соири мусалмонон бармегардад.

Ва баъд ҷанги Ухуд ба вуқуъ мепайвандад ва АбуСалама қаҳрамониҳои беназире аз худ нишон медиҳад, вале сахт маҷрӯҳ мешавад. Ба табобати ҷароҳати худ мепардозад то он ки зоҳиран захмҳояш беҳбудӣ меёбанд, аммо аз дохил захмҳояш чирк мекунанд, саранҷом бар бистар меафтад.

Ва дар асное, ки АбуСалама захмҳои худро муолаҷа мекунад, бар ҳамсараш мегӯяд! Эй Умми Салама аз ҳазрати Расули Худо шунидам, ки мегуфт: Ҳеҷ якеро мусибате намерасад ва инно лиллоҳи ва инно илайҳи роҷиъунро дар вақти ин дуъо (Аллоҳума индака иҳтасабту мусибати ҳозиҳи, алллоҳума халифни минҳо хайран минҳо) намехонад, магар он ки Худованд дуъои вайро иҷобат намуда, барояш ивази беҳтар медиҳад… Яъне, эй Парвардигори ман, аҷри ин мусибати худро аз ту мехоҳам. Худоё, дар бадали ин мусибат ивази беҳтар аз он бароям бидеҳ.

Абу Салама чанд рӯзе дар бистари бемориаш сипарӣ намуд ва дар яке аз рӯзҳо ҳазрати Расули Худо (с) ба аёдати вай омад. Ҳанӯз аз аёдати вай фориғ нашуда ва ба дарвозаи хонааш нарасида буд, ки Абу Салама падруди ҳаёт гуфт:

Ҳазрати Расули Худо (с) бо ҳарду дастони муборакаш чашмони ӯро бубаст ва чашми худ ба осмон баланд намуда гуфт:

- Худоё, Абу Саламаро мағфират кун ва дарачаи ӯро дар зумраи муқарраб он баланд соз ва дар миёни бозмондагон дар аҳл ва фарзандаш чонишини беҳтар гузор.

Ва ману ӯро бибахшой, эй Парвардигори оламиён. Худоё, қабрашро васеъ ва мунаввар гардон.

Аммо Умми Салама ин ҳадисро, ки Абу Салама аз ҳазрати Расули Худо (с) ривоят намуда буд, ба ёд овард ва гуфт: Аллоҳумма индака иҳтасабту мусибати ҳозиҳи.

Аммо Умми Саламаро хуш наомад, ки ин дуоро комилан бихонад…

Яъне, Худоё беҳтар аз онро бароям иваз деҳ. Зеро вай аз худ савол мекард, ки чи кас барои вай беҳтар аз Абу Салама шуда метавонад?

Аммо дере бар вай сипарӣ нашуда буд, ки Худованд такмили дуоро дар ҳаққи вай бидуни он ки ба он дуо кунад, ба вай ато намуд…

Мусалмонон ба мусибати Умми Салама чунон ғамгин ва афсурда шуданд, ки то он дам ба мусибати ҳеч яке чунон ғамгин ва афсурда нашуда буданд. Ва бар вай лақаби беваи Араб гузоштанд.

Чун мисли вай дар Мадина ҳеч яке чунин набуд, ки тифлҳои кӯчаки бидуни сарпараст дар канор дошта бошад.

Муҳочирин ва  Ансор ҳар ду ҳаққи Умми Саламаро бар худ эҳсос намуданд. Вақте иддаои Умми Салама поён ёфт, ҳазрати Абубакри Сидиқ аз ӯ хостгорӣ кард. Умми Салама хостгории ӯро напазируфт…

Баъд ҳазрати Умар ибни Хаттоб ба хостгории вай рафт. Вай хостгории Умарро низ рад кард.

Сипас  ҳазрати Расули Худо (с.) ба хостгории вай рафт. Умми Салама  дар чавоб гуфт: Эй Расули Худо (с), дар ман се хислат чамъ аст. Ман зане ҳастам, ки сахт барошуфта мешавам. Аз он тарсам, ки аз ман чизеро бубинӣ, кӣ хашми туро барорад ва Худованд маро ба он азоб кунад.

Матлаби дуввум ин, ки ман дар синни миёнсолӣ қадам гузоштам.

Ва матлаби саввум ин, ки ман зане ҳастам, ки фарзанд ва авлод дорам.

Ҳазрати Расули Худо (с) фармуданд.

- Аммо он чи, ки дар бораи қаҳр ва хашмат ёдовар шудӣ, аз Худованди азза ва ҷалла мехоҳам, ки онро аз ту дур кунад.

Аммо он чи, ки аз солхӯрдагии худ ёдовар намудӣ, ман низ чун ту солхӯрда шудаам. Ва аммо он чи, ки аз фарзанд ва авлоди худ ёдоварӣ намудӣ, масориф ва нафақаи онҳо бар дӯши ман бод. Баъд Расули Аллоҳ (с.) бо Уми Салама издивоҷ намуд. Ва Худованд дуои он ҳазратро иҷобат кард. Ва Худованд ивази беҳтар аз шавҳарашро насиби вай сохт.

Аз он рӯз сар карда Ҳинди Махзумӣ дигар танҳо Салама набуда, балки модари ҳамаи мусалмонон шуд. Худованд рӯҳи Умми Саламаро дар биҳишт шодобтар ва тозатар созад ва аз вай розӣ бод.

## СУМОМА ИБНИ УСОЛ

Дар соли шашуми ҳиҷрӣ ҳазрати Расули Худо (с) хост, ки қаламрави давлати исломиро густариш диҳад. Аз ин рӯ, ҳашт нома ба сарон ва руасаои Араб ва Аҷам ирсол дошт ва дар он номаҳо ишонро ба Ислом даъват кард ва дар ҷумлаи ин руасо яке ҳам Сумома ибни Усоли Ҳанафӣ буд.

Бидуни шак Сумома яке аз он шахсиятҳои маъруфи даврони ҷоҳилият буд, ки арабҳо ҳарфашро мешуниданд ва аз амру фармонҳои ӯ итоат мекарданд.

Ӯ яке аз сардорон ва сарварони олимақоми Ямома буд, ки суханонашонро мардум гӯш мекард ва аз амру фармонҳояшон пайравӣ мекарданд.

Сумома саравввал номаи ҳазрати Паёмбар саллаллоҳу алайҳи васалламро бо беэътиноии тамом дарёфт дошт ва ба дидаи ҳақорат ба он нигарист ва хашму ғурураш нисбат ба вай ба ҷӯш омад. Ва гӯшҳояшро аз шунидани каломи ҳақ ва сухани хайр боздошт. Баъд шайтон ин васвасаро дар вай эҷод кард, ки тасмим гирифт, ки ҳазрат, Расули Худо (с)-ро қатл ва даъвати вайро маҳв намояд. Аз ин рӯ дар пайи фурсате буд, ки заминаи чунин коре ба ӯ муяссар гардад. Ва бо истифода аз ғафлат ва бехабарии он ҳазрат наздик буд, ки чунин тасмими хатарнок ҷомаи амал пӯшад, ки писари амакаш дар охирин лаҳзаҳо аз ин тасмим огоҳ шуд ва ӯро аз ин азм боздошт. Ва Худованд Паёмбари худро аз шарри вай наҷот дод. Аммо агар Сумома акнун аз азияти Паёмбари Худо салаллоҳу алайҳи васаллам сарфи назар намуда, вале аз азияти ёронаш даст набардоштааст, ба тавре ки вай интизори он дошт, ки бар ёрони вай зафар ёбад, то ҷоми хашму ғазаби худро фурӯ рехта ва онҳоро ба қатл расонад. Боре чунин шуд ва ба дастае аз ёрони он ҳазрат зафар ёфт ва онҳоро ба

бадтарин ҳолате ба қатл расонид. Ҳазрати Расули Худо (с) аз шунидани ин хабар хуни Сумомаро дар ҳузури ёронаш ҳадар эълон дошт.

Аз ин воқеа фурсате чандон сипарӣ нашуда буд, ки Сумома ибни Усол ба қасди адои умра азми сафар намуд ва Ямомаро ба қасди Макка тарк гуфт ва дар дил ҳавои он дошт, ки ба хонаи Каъба тавоф намуда ва қурбониҳоеро барои бутон забҳ хоҳад намуд.

Ва дар асное, ки Сумома дар роҳи худ ба сӯи Макка ба Мадина наздик шуда буд, ҳодисае рух дод, ки ҳаргиз дар гӯшаи хаёлаш нагузашта буд. Тавре ки дастае посбонони ҳазрати Расули Худо дар атроф ва навоҳии Мадина аз бими он ки мабодо бадхоҳе қасди харобкорӣ карда, дохили Мадина шавад, гашт мекарданд. Дар ин асно Сумома ба дасти посбонони фиристодаи ҳазрати Расули Худо (с) бидуни он ки бишносанд, ки вай Сумома аст, асир афтод. Ишон вайро гирифта ба Мадина оварданд ва ӯро дар сутуне аз сутунҳои масҷид бастанд ва ба интизори он нишастанд, ки ҳазрати Расули Худо худ ба ҳоли вай воқиф ва мутталеъ гардад ва дар бораи вай дастур диҳад.

Чун Ҳазрати Расули Худо (с) ба сӯи масҷид омад ва хост, ки дохили масчид шавад, дид, ки Сумома дар сутуни масҷид баста шудааст. Рӯй ба сӯи асҳоби худ намуд ва гуфт: Медонед, кӣ чӣ касеро асир гирифтаед?

Гуфтанд: На, Эй Расули Худо (с)

Фармуд: Ин Сумома ибни Усоли Ҳанафӣ аст. Бо асиратон муомилаи нек кунед.

Баъд ҳазрати Расули Худо (с) ба хонаи худ баргашт ва гуфт: Он чӣ хӯрданӣ, ки назди худ доред, онро ҷамъ намуда ба Сумома ибни Усол бифиристед...

Ва баъд амр кард, ки шутурашро субҳу бегоҳ дӯшида ва ширашро барои Сумома ибни Усол тақдим намоед. Ишон ин ҳама дастуроти Паёмбари Худо (с)-ро бидуни он ки бо вай ҳарфе бигӯянд, ба ҷо оварданд.

Баъд ҳазрати Муҳаммад (с) ба назди Сумома омад ва кӯшиш намуд, ки оҳиста-оҳиста ӯро ба Ислом ташвиқ намуда

ва рағбат диҳад ва ба ӯ гуфт: Эй Сумома, оё гуфтание дорӣ? Гуфт: Эй Муҳаммад (с), ҳарфе ҷуз хайрхоҳӣ надорам…

Агар маро ба қатл расонӣ, касеро ба қатл мерасонӣ, ки қотил аст. Ва агар бар ман миннат гузорӣ, бар касе миннат мегузорӣ, ки поси неъмат медонад ва шукри он ба ҷо меорад… Ва агар аз ман пул хоҳӣ, ҳар қадаре, кӣ хоста бошӣ, дар ихтиёрат хоҳам гузошт…

Ҳазрати Расули Худо (с) ӯро то ду рӯз ба ин ҳолат гузошт ва хӯрданӣ ва нӯшиданиашро фиристод ва шири шутурашро ба вай тақдим намуд. Баъд назди вай омад ва гуфт: Эй Сумома, оё гуфтание дорӣ? Гуфт: Эй Муҳаммад (с.), ҳарфе ҷуз хайрхоҳӣ надорам… Агар маро ба қатл расонӣ, касеро ба қатл мерасонӣ, ки қотил аст. Ва агар бар ман миннат гузорӣ, бар касе миннат мегузорӣ, ки поси неъмат медонад ва шукри он ба ҷо орад… Ва агар аз ман пул хоҳӣ, ҳар қадаре, кӣ хоста бошӣ, дар ихтиёрат хоҳам гузошт…

Ҳазрати Расули Худо (с) ин бор низ ӯро ба ҳоли худ гузошту рафт. Ва рӯзи дигар назди вай омад ва гуфт: Эй Сумома, оё гуфтание дорӣ? Гуфт: Эй Муҳаммад (с), ҳарфе ҷуз хайрхоҳӣ надорам… Агар маро ба қатл расонӣ, касеро ба қатл мерасонӣ, ки қотил аст. Ва агар бар ман миннатгузорӣ, бар касе миннат мегузорӣ, ки поси неъмат медонад ва шукри он ба ҷо меорад… Ва агар аз ман пул хоҳӣ, ҳар қадаре, кӣ хоста бошӣ, дар ихтиёрат хоҳам гузошт… Ҳазрати Расули Худо (с) рӯ ба сӯи асҳоби худ намуд ва гуфт: Сумомаро раҳо кунед. Ҳамон буд, ки вайро раҳо карданд. Сумома масҷиди Расули Худо (с)-ро тарк гуфт ва рафт. То он, ки ба бӯстонҳои атрофи Мадина, ки дар наздикии Бақеъ воқеъ аст, расид ва дар он ҷо обе дид ва аз шутури худ фуруд омад ва худро хуб пок бишуст ва баъд ба сӯи масҷиди ҳазрати Расули Худо (с) баргашт. Ва чун ба он ҷо расид, дар миёни ҷамъе аз мусалмонон ба по истод ва гуфт: **Ашҳаду ан ло илоҳа иллаллоҳу ва ашҳаду анна Муҳаммадан расулуллоҳ.**

Ва баъд рӯй ба сӯи ҳазрати Расули Худо (с) намуда гуфт:

- Қасам ба Аллоҳ, эй Муҳаммад, то кунун назди ман ҳеҷ чеҳрае дар рӯи замин қабеҳтар аз чеҳраи ту набуд ва ҳоло

ҳеҷ чеҳрае маҳбубтар аз чеҳраи ту назди ман нест ва қасам ба Аллоҳ, эй Муҳаммад ҳеҷ дине бадтар аз дини ту дар наздам набуд ва акнун ҳеҷ дин беҳтар аз дини ту назди ман нест. Ва қасам ба Аллоҳ, ки ҳеҷ шаҳре нохуштар аз шаҳри ту назди ман набуд ва акнун ҳеҷ шаҳре маҳбубтар назди ман аз шаҳри ту нест.

Баъд изофа намуда гуфт: Эй Расули Худо, ман дар бораи асҳоб ва ёрони ту муртакиби қатл шудаам, дар ин хусус бар ман чи дастур медиҳӣ?

Ҳазрати Расули Худо фармуд: Бар ту ҳеҷ маломате нест ва Ислом ҳама гуноҳони қаблиро маҳв месозад. Ва баъд ӯро ба хайр ва некӯӣ, ки ба сабаби Ислом Худованд ба вай насиб гардондааст, мужда дод. Аз шунидани ин ҳарф аз шиддати хушӣ дар худ намеғунҷид ва гуфт:  Қасам ба Худо, бар мушрикин чунон азият расонам, ки чанд баробар азият буда бошад, ки ба ёрони ту расонидаам. Ва ман худ ва шамшерам ва онҳоеро, ки аз ман итоат доранд дар хидмати ту мегузорам ва дар ҷиҳати пирӯзии ту ва дини ту кор мекунам.

Ва баъд гуфт: Эй Расули Худо, дар ҳоле, ки ман қасди адои умра доштам, посбононат маро дастгир намуданд. Ва акнун дар ин хусус барои ман чӣ дастур медиҳӣ? Ҳазрати Расули Худо фармуд: Дар чаҳорчӯби таълимоти шаръи Аллоҳ ва расулаш ба адои умраат идома деҳ ва баъд худ шеваи умра карданро ба вай омӯзонд.

Сумома ба қасди анҷоми ҳадафи хеш ба сӯи Макка равона шуд ва чун ба домони Макка расид, бо садои расо гуфт: Лаббайкаллоҳумма лаббайк, лаббайка ло шарика лака лаббайк, иннал ҳамда ваннеъмата лака вал мулк ло шарика лак.

Ва ба ин тартиб вай аввалин мусалмоне буд, ки талбиягӯён дохили Макка шуд.

Чун Қурайшиён ин садоро бишуниданд, хавфзада ва пур аз хашму ғазаб шамшерҳои худро гирифта ва ба сӯи вай равон шуданд, то ба вай дарси ибрат диҳанд. Чун Сумома ишонро бо инчунин ҳол бидид, бо сарбаландӣ ва ифтихор якбора садои худ баландтар намуд. Дар ин асно ҷавоне аз миёни онҳо хост

ӯро ҳадафи тири худ қарор дода ва нақши замин созад, дасти вайро гирифтанд ва гуфтанд, ки медонӣ ин чи касе аст? Ин Сумома ибни Усол сардори Ямома аст, қасам ба Худо, агар ба вай азияте расонед, қавмаш роҳи ризқро бар мо хоҳад баст ва ҳама аз гуруснагӣ ҷон хоҳем дод.

Баъдан Қурайшиён шамшерҳо дар ғилоф намуда, ба ӯ гуфтанд: Эй Сумома, туро чӣ шудааст, ки аз дини худ баргаштӣ?

Сумома гуфт: Ман аз дин барнагаштаам, аммо беҳтарин адёнро баргузидаам… Дини Муҳаммадро.

Баъд изофа намуда гуфт: Маро бар Парвардигори ин хона қасам аст, ки чун ба диёри худ баргардам, то он ки ҳамаатон ин динро напазиред, дона аз гандум ва ё ҳоҷоти дигареро иҷоза нахоҳам дод, ки ба сӯи шумо биёяд.

Сумома ибни Усол ба шевае, ки ҳазрати Расули Худо ӯро таълим дода буд, дар пеши чашми мардум маросими умраро ба ҷо овард ва барои Аллоҳ забҳ намуд ва чун ба диёри худ баргашт, барои қавмаш дастур дод, ки ирсоли маводи хӯрокаро аз Қурайш боздоранд ва нагузоранд, ки маводи хӯрока ба Макка бурда шавад. Қавмаш аз амри ӯ пайравӣ карданд ва ҳама ниёзмандиҳои аҳли Маккаро боздоштанд.

Ин муҳосараи иқтисодие, ки Сумома дар мавриди аҳли Макка ба кор бурд, оҳиста-оҳиста таъсири худро мегузошт то он, ки қимати ашёи хӯрданӣ боло рафт ва гуруснагӣ ҳама мардуми Маккаро фаро гирифт ва аз он бим намуданд, ки худ ва фарзандонашон аз гуруснагӣ ҷон диҳанд. Бино бар ин, нома ба ҳазрати Расули Худо саллаллоҳу алайҳи ва саллам ирсол дошта гуфтанд: Чизе, ки мо аз ту ба ёд дорем, ин аст, ки ту худ силаи раҳм мекардӣ ва мардумро ба он ташвиқ менамудӣ… ва ҳолро ту худ бо мо қатъи силаи раҳм карда ва падаронамонро шамшерҳоят аз байн бурд ва фарзандонамонро аз гурустагӣ ба ҳалокат меандозӣ. Ва Сумома ибни Усол ҳама манбаъҳои ризқи моро қатъ намуда ва ба мо осеби бузург расонидааст. Агар лозим донӣ, ба вай фармон деҳ, заруратҳои зиндагиро бар мо қатъ накунад ва ба он иҷозат вуруд диҳад. Ҳамон буд, ки ҳазрати Расули Худо

саллаллоҳу алайҳи ва саллам ба Сумома навишт, ки манбаъҳои озуқаи ононро бозкушояд. Сумома амри он ҳазратро ба ҷо овард ва мавориди озуқаашонро иҷоза дод.

Сумома то вақте ки дар қайди ҳаёт буд, бо камоли имондорӣ ва вафо ба аҳде, ки бо Паёмбар намуда буд, боқӣ монд ва вақте ҳазрати Расули Худо (с) падруди ҳаёт гуфт ва Мусайлимаи каззоб дар бани Ҳанифа иддаъои нубувват кард ва дастаҳое аз қабилаҳои Араб аз дини ислом баргашта ва ба даъвати вай рӯй оварданд. Сумома дар баробари вай ба по истоду гуфт: Эй бани Ҳанифа, ҳуш доред аз пазируфтани ин даъвати сиёҳе, ки асари нур ва равшанӣ дар он дида намешуд... Қасам ба Худо, ин даъвати вай бадбахтӣ аст, ки Худованд онро бар касоне аз шумо, ки онро мепазирад, навиштааст ва фитна аст бар касе, ки онро намепазирад. Баъд гуфт: Эй Бани Ҳанифа, ҳақиқат ин аст, ки ду Паёмбар дар як вақт мабъус намешавад. Ва Муҳаммад Паёмбари Худованд аст, ки баъд аз вай на Паёмбаре меояд ва на ҳеҷ кас ӯро дар ин нубувват ҳамто мегардад.

Баъд ин оятро бар ишон қироат кард:

**Ҳо мим. Танзилу-л-китоби мина-л-ллоҳи-л-азизи-л-ъалим, ғофири-з-занби ва қобили-т-тавби шадиди-л-ъиқоби зиттавл ло илоҳа илло ҳува илайҳи-л-масир.**

Баъд гуфт: Ин каломуллоҳ бо ин қавли Мусайлима чӣ таносубе дорад, ки гуфтааст: «Ё зифдаъ, наққи мо тунаққин, ло шароба тамнаъин ва ло моа тукдарин»

Баъд вай ҳамроҳ бо онон, ки ба исломи худ боқӣ монда буданд, яктараф шуд ва дар роҳи дифоъ аз дин ва ҳимоят аз Ислом ба ҷиҳоди ростини худ идома дод.

Худованд Сумома ибни Усолро подош некӯ ато фармояд ва мақому манзилаташро дар биҳишт баланд гардонад.

## АБУАЮБИ АНСОРӢ

Номи аслии ин саҳобии гиромиқадр Холид ибни Зайд ибн Кулайб аст ва ба қабилаи бани Наҷҷор нисбат дорад. Кунияаш Абуаюб ва мансуб ба Ансор аст, чи аз мо мусалмонон касе нест, ки Абуаюб Ансориро нашиносад?

Худованд номи ӯро дар Шарқ ва дар Ғарб баланд сохт ва мақому манзилаташро дар миёни махлуқоташ рифъат бахшид, ба тавре ки ҳазрати Расули Худо дар нахустин марҳалаи қудумаш ба Мадина аз миёни ҳама ҷамъияти мусалмонон хонаи Абуаюбро баргузид ва онро маъво гирифта, ки ҳамин ифтихор ӯро кофист.

Дар фуруд омадани ҳазрати Расули Худо дар хонаи Абуаюб ҳикояти шигифтангезест, ки такрор ва ёдоварӣ аз он рӯҳро лаззат мебахшад ва қалбро фурӯғ медиҳад. Вақте ҳазрати Расули Худо ба Мадина расид, қалбҳо ба дидор ва мулоқот бо вай дар тапиш буд ва чашмҳо ба қудумаш дӯхта шуда буд ва ҳар кадом шавқу рағбати онро дошт, ки меҳмони вай шавад, то хидмати ӯро кунад ва ифтихори меҳмондориашро касб намояд ва дилҳояшонро барои мақдами вай кушоянд, то дар умқи он ҷояш диҳанд ва дарвозаҳои худро кушоданд, то дар беҳтарини он фуруд ояд.

Аммо ҳазрати Расули Худо чанд рӯзе дар Қубо атрофи Мадина ба сар бурд, ки дар ин муддат масҷид бино намуд, ки Қуръон аз он ба номи «масҷиди тақво» ёд намудааст.

Баъд ҳазрати Расули Худо рӯзҳое чанд салалоҳу алайҳи вассалам шутуро худро савор шуд ва аз он баромад, сарон ва бузургони Ясриб ба истиқбол аз ҳазрати Паёмбар саллалоҳу алайҳи ва саллам дар атрофии кӯчаҳо берун шуданд ва ҳар кадом тамаъи он дошт, ки ифтихори нузули вай дар хонаи хешро дарёбад.

Ва ҳар кадом сари роҳи он ҳазрат – саллаллоҳу алайҳи ва саллам гирифта ва илтимос мекард, ки дар хонааш меҳмон шавад ва мегуфтанд, эй Расули Худо назди мо бо ҳамаи он чи бо худ дорӣ ва ҳамроҳонат ташриф овар ва мо ба ҳар қимат аз ту посдорӣ мекунем. Ва ҳазрати Расули Худо ба ишон мегуфт: Шутурамро ба ҳоли худаш бигзоред, ки ӯ худ маъмурияте дорад.

Шутури он ҳазрат ба роҳи худ идома медод ва чашмҳо ба сӯяш дӯхта шуда буд, ки дар куҷо фуруд хоҳад омад ва дилҳо аз шавқу шӯре, ки нисбат ба ҳазрати Расули Худо дошт, дар худ метапид ва чун аз ҷавори хона мегузашт аҳли он дар худ эҳсоси афсурдагӣ мекард, ки чаро ҳазрати Расули Худо дар хонааш фуруд намеояд ва чун ба хонаҳои ҳамҷавори он мерасид, умед дар дили аҳли он зинда мешуд, ки шояд дар хонааш фуруд ояд.

Шутури он ҳазрат – салаллоҳу алайҳи ва саллам бо ин ҳол ба роҳи худ идома дод ва мардум аз паи вай равон буданд. то бубинанд, ки ин саодат дар тақдири чи касе аз аҳли ин шаҳр навишта шудааст, то он ки шутур бар майдони васеъе, ки дар пеши рӯйи хонаи Абуаюби Ансорӣ қарор дошт, расид ва дар он ҷо зону зад ва ба замин хобид… Аммо ҳазрати Расули Худо аз фарози вай поин нашуд.. Ҳамон буд, ки шутур дубора аз ҷой бархост ва равон гардид ва ҳазрати Расули Худо ҷилави шутур раҳо карда буд, дере нагузашт, ки шутур боз ба ҳамон мавзеъи аввалаи худ баргашт ва зону зад ва хобид.

Дар чунин фурсате шодӣ ва сурур дили Абуаюби Ансориро фаро гирифт ва бо суръат худро ба ҳазрати Расули Худо саллаллоҳи алайҳи ва саллам расонид ва ӯро хайра мақдам гуфт ва бору банди ӯро бо худ бардошт ва ба хона овард.

Хонаи Абуаюб думанзила буд. Дар табақаи болоии он матоъ ва сомони худашон буд, ки дар он басар мебурданд. Вай он ҳамаро гирифта ба зер интиқол дод, то ҷойгоҳи ҳазрати Расули Худо саллаллоҳу алайҳи ва салламро дар он ҷо биёроянд ва худашон дар манзили аввал зиндагӣ кунанд. Аммо ҳазрати Расули Худо саллаллоҳу алайҳи ва саллам табақаи

аввалро баргузид ва ба онҳо гуфт, ки худашон дар табақи болоӣ зиндагӣ кунанд. Ҳазрати Абуаюб хостаи он ҳазратро пазируфт ва ҳазрати Расули Худо саллаллоҳу алайҳи ва салламро  дар ҷое, ки худаш писандида буд, гузошт. Ва чун шаб фаро расид ва ҳазрати Расули Худо саллаллоҳу алайҳи ва саллам ба бистари худ ташриф бурд, Абуаюб ва ҳамсараш ба табақаи болоӣ рафтанд ва ҳанӯз дарвозаро ба рухи худ набаста буданд, ки Абуаюб мутаваҷҷеҳ шуд, ки муртакиби иштибоҳе шудааст. Вай рӯ ба сӯи ҳамсари худ намуд ва гуфт: Медонӣ, ки мо ҳарду муртакиби чи коре шудаем?

Оё ин маъқул аст, ки Паёмбари Худо саллаллоҳу алайҳи ва саллам дар зери пои мо бихобад ва мо дар болои вай ба сар барем? Ва оё дуруст аст, ки бар болои сари вай роҳ равем? Оё ин дуруст аст, дар миёни Паёмбар ва ваҳй ҳоил воқеъ шавем? Агар чунин кунем, дарвоқеъ худро ба дасти хештан дар ҳалокат афкандаем: Ва ба ин тартиб зану шавҳар ҳарду аз кардаашон дар ҳайрат афтоданд ва надонистанд, ки он шабро чи гуна ба поён расонанд. Ва то гӯшаеро, ки дар табақаи боло буду аз фарози ҳазрати Расули Худо (с) як сӯ буд, интихоб накарданд, дилҳояшон ором нашуд. Ва худро дар ин нуқтаи аз утоқ ҳабс карданд ва агар зарурате барояшон пеш меомад, ба нуги ангуштон ба ҷониби девор рафту омад мекарданд ва аз рафтан дар миёнаи утоқ комилан худдорӣ карданд, ки нашавад қадамашон бар болои сари Расули Худо (с) баробар шавад.

Вақте шаб ба поён расид, Абуаюб ба ҳазрати Расули Худо (с) гуфт: Қасам ба Худо, ки имшаб хоб на бар чашми ман ва на бар чашми Уми Аюб роҳ ёфт.

Ҳазрати Расули Худо (с.) фармуд: Чаро?

Гуфт: Мутаваҷҷеҳ шудам, ки мо дар утоқе ба сар мебарем, ки худат дар зери он хобидаӣ. Аз он бим кардем, ки агар ҳаракат кунем, гарду ғубор бар сару рӯят хоҳад рехт ва ба ин тартиб асбоби азиятатро фароҳам менамоем ва матлаби дигар ин, ки ман дар миёни ту ва ваҳй ҳоил воқеъ шудам.

Ҳазрати Расули Худо (с) фармуд: Хотир осуда дор эй Абуаюб. Ин табақаи поин барои ман муносибтар аст, чун

мардум ба дидани ман зиёд меоянд ва ба ин лиҳоз ин ҷой барои ман муносиб аст.

Абуаюб гуфт: Пас ман қавли ҳазрати Расули Худо (с) пазируфтам, то он ки шаб фаро расид, ки сахт сард буд. Ва кӯзаи мо шикаст ва обаш дар табақаи болоӣ фурӯ рехт. Ман ва Умми Аюб бархостем, то пеши обро бигирем, ки ба зер нагузарад. Чизе ҷуз як чодаре, ки ба сифати болопӯш аз он истифода мекардем, надоштем. Бо ин чодар обро хушк кардем, аз тарси он ки мабодо бар сари ҳазрати Расули Худо (с) фурӯ резад. Ва чун субҳ, шуд ба ҳузури ҳазрати Расули Худо (с) рафта гуфтам: Падару модарам фидоят. Маро хуш наояд, ки дар болои сарат ба сар барам ва ту дар пойини пойи мо бихобӣ. Ва баъд кӯза ва рехтани обро ба вай қисса намудам. Хоҳишам пазируфт ва ба табақаи дуввумӣ рафт. Ман ва ҳамсарам Уми Аюб ба табақаи пойин омадем.

Ҳазрати Расули Худо (с) дар хонаи Абуаюб тақрибан ҳафт моҳ ба сар бурд, то он ки бинои масҷиди шарифаш дар майдоне, ки шутураш дар он ҷо зону зада буд, ба поён расид ва ба ҳуҷраҳое, ки дар перомуни масҷидаш барои вай ва ҳамсаронаш сохта буданд, гузашт.

Абуаюб ҳазрати Расули Худо (с)-ро сахт дӯст медошт. Ва ҳазрати Расули Худо (с) низ Абуаюбро чунон дӯст медошт, ки такаллуферо, ки дар миёни вай ва Абуаюб мавҷуд буд, аз миён бурд ва хонаи вайро чун хонаи худ тасаввур мекард.

Ибни Аббос ҳадис баён намуда гуфт: Рӯзе ҳазрати Абубакри Сиддиқ (р) дар гармии чошти рӯз аз хона ба сӯи масҷид берун шуд. Ҳазрати Умар (р) чун вайро бидид, гуфт: Эй Абубакр, чи чиз туро дар ин вакти рӯз аз хона берун овард? Ҳазрати Абубакр гуфт: Шиддати гуруснагӣ маро дар ин вақти рӯз аз хона берун сохтааст. Ҳазрати Умар гуфт: Қасам ба Худо, ки моро низ ҷуз шиддати гуруснагӣ чизи дигаре берун насохтааст.

Дар ин асное, ки ишон саргарми ин сӯҳбат буданд, ҳазрати Расули Худо (с) берун шуд ва фармуд: Чӣ чизе шуморо дар ин вакти рӯз аз хона берун сохтааст?!

Гуфтанд: Қасам ба Худо, ки шиддати гуруснагӣ моро дар ин вақти рӯз аз хона берун сохтааст.

Ҳазрати Расули Худо (с) фармуд: Қасам ба Зоте, ки ҷонам дар дасти вай аст, ҷуз ҳамин чиз дигар ҳеҷ омиле дар ин вақт маро аз хонаам берун насохтааст.

Бархезед ва бо ман биёед. Аз ҷой бархостанд ва ба сӯи хонаи Абуаюби Ансорӣ рафтанд. Абуаюб одат дошт, ки ҳиссаи таъоми ҳазрати Расули Худо (с) –ро нигоҳ медошт. Ва чун аз мавъиди муқарраpаш таъхир мекард, онро барои аҳли худ медод. Ишон чун ба дарвозаи Абуаюб расиданд, Умми Аюб ба истиқболи ишон баромад ва гуфт: Паёмбари Худо ва ҳамроҳонаш хуш омаданд. Ҳазрати Расули Худо (с) фармуд: Абуаюб куҷост? Абуаюб, ки дар он наздикӣ ба дарахти хурмое машғул буд, садои ҳазрати Расули Худо (с) шунида, шитобон ба сӯи ишон омад ва гуфт: Паёмбари Худо (с) ва ҳамроҳонаш хуш омаданд. Баъд боз илова намуда гуфт: Ин вақти омадани шумо набуд. Ҳазрати Расули Худо (с) фармуд: Дуруст гуфтӣ. Баъд Абуаюб ба сӯи дарахти хурмои худ рӯй овард ва шохаи хурмоеро, ки дар он хурмои тоза ва наврас ва хушк ҳама ҷамъ буд, бурид. Ҳазрати Расули Худо (с) фармуд: Ман хушдори он набудам, ки ин шохаро бибурӣ, чаро хурмои хушки онро барои мо начидӣ?

Абуаюб гуфт: Эй Расули Худо (с), маро хуш омад, ки аз хурмои хушк ва тоза ва наврас тановул намоӣ. Ва барои меҳмондорӣ аз шумо забҳ хоҳам намуд.

Ҳазрати Расули Худо (с) фармуд: Агар чизеро забҳ карданӣ бошӣ, набояд ҳайвони ширдеҳ бошад. Пас Абуаюб бузғолаеро гирифт ва забҳ кард ва ба ҳамсараш гуфт: Хамир кун ва барои мо нон бипаз. Ва ту худ медонӣ, кӣ чи гуна нон барои мо мепазӣ. Баъд ниме аз ин бузғоларо пухта ва ними дигарро бирён кард. Вақте таъом пухта шуд ва онро дар назди ҳазрати Расули Худо (с) ва он ду ёраш гузошт. Ҳазрати Расули Худо (с) қитъае аз гӯштро гирифта дар миёни ноне гузошт ва гуфт: Эй Абуаюб, ҳарчи зудтар ин қитъаи таъомро ба Фотима бирасон, ки вай аз чанд рӯз ин сӯ чизеро начашидааст.

Вақте ишон таъомро истеъмол карданд ва сер шуданд, ҳазрати Расули Худо (с) фармуд: Нон ва гӯшт, хурмои хушк ва хурмои наврас ва хурмои тоза! Ин бигуфт ва ашк аз чашмонаш ҷорӣ шуд ва гуфт: Қасам ба Зоте, ки ҷонам дар дасти вай аст, ин ҳамон неъматеаст, ки дар рӯзи қиёмат аз он пурсида хоҳад шуд.

Вақте чунин неъмате бароятон муяссар гардад ва дасти худ дар он задед, бигӯед: Бисмиллоҳ. Ва чун сер шудед, бигӯед: Алҳамдулиллоҳи лази ҳува ашбаъно ва анъама алайно фаафзала.

Баъд аз ҷой бархост ва ба Абуаюб гуфт: Фардо ба наздам биё.

Ҳазрати Расули Худо (с) одат дошт, ки касе ба вай эҳсон мекард, ӯро беподош намегузошт, магар он, ки ба вай эҳсон мекард. Аммо Абуаюб ин ҳарфи вай нашунид. Ва ҳазрати Умар ба ӯ гуфт: Эй Абуаюб, ҳазрати Расули Худо (с) туро амр кард, ки фардо наздаш биравӣ. Абуаюб гуфт. Ба сару чашм амри Расули Худо (с)-ро ба ҷо хоҳам овард.

Ва чун фардо шуд, Абуаюб ба ҳузури ҳазрати Расули Худо (с) рафт ва каниздухтаракро, ки хидмати вай менамуд, ба вай ҳадя дод. Ва гуфт: Эй Абуаюб, бо ин канизак муомилаи нек намо, зеро то вақте ин канизак назди мо буд, ҷуз хайр ва некӣ аз вай чизе надидаем.

Абуаюб бо ин канизаки хурдсол ба хона омад. Вақте ҳамсараш Умми Аюб ӯро дид, гуфт: Эй Абуаюб ин канизак аз кист? Гуфт: Ин канизак аз мост. Ва Расули Худо (с) вайро ба мо бахшидааст. Умми Аюб гуфт: Чӣ бахшандаи бузургворе ва ҳадяи гаронқадре. Абуаюб гуфт: Ҳазрати Расули Худо (с) дар хусуси вай ба мо супориш ба хайр намудааст.

Ҳамсараш гуфт: Бо ин чи муомилаи нек анҷом диҳем, ки супориши Расули Худо (с) дар мавриди вай ба ҷо ояд.

Абуаюб гуфт: Барои амалӣ сохтани супориши ҳазрати Расули Худо (с) беҳтар аз ин намеёбем, ки вайро озод созем.

Ҳамсарам гуфт: Дуруст гуфтӣ. Роҳи савоб низ ҳамин аст ва ту муваффақ ҳастӣ ва баъд вайро озод сохт.

Ин буд баъзе дар гӯшаҳои зиндагии Абуаюби Ансорӣ дар ҳолати оромиш ва сулҳ ва агар паҳлӯҳои ҷангии ин абармардро варақ занем, қаҳрамониҳо ва диловариҳои шигифтангезро аз вай хоҳем дид.

Абуаюб (р) дар тӯли зиндагии хеш муҷоҳид ва мубориз зист. Вай аз даврони ҳазрати Паёмбар (с.) то замони ҳазрати Муовия (р) аз ҳеҷ ҷанге, ки мусалмонон бо душман доштанд, тахаллуф наварзидааст. Магар он ки ӯро ҳоҷате пайдо шуда бошад.

Ва охирин ғазвааш ҳамон буд, ки ҳазрати Муовия лашкареро ба сарварии писараш Язид барои фатҳи Қустантиния тартиб дод. Ва Абуаюб  дар он вақт марди кӯҳансол шуда, умраш дар ҳудуди ҳаштод расида буд. Ва ин кӯҳансолӣ ӯро аз он боз надошт, ки дар таҳти ливои Язид барои ҷиҳод мавқеъ нагирад ва дар мавҷи баҳр дар роҳи Худо ҷиҳод нанамояд. Аммо дере аз қитол бо душман нагузашт, ки бемор шуд ва ӯро аз идомаи қитол бознишаста сохт. Язид ба ъиёдати вай омад ва аз вай пурсид, ки чи ҳоҷате дорӣ эй Абуаюб?!

Гуфт: Саломамро ба лашкари мусалмонон бирасон ва ба ишон бигӯ, ки васияти Абуаюб  ба шумо ин аст, ки дар сарзамини душман то охир пешравӣ кунед ва вайро бо худ бубаред ва дар зери қадамҳоятон дар наздикии деворҳои Қустантиния ӯро дафн кунед, ин васият бигуфт ва рӯҳаш аз баданаш ҷудо шуд.

Лашкари мусалмонон васияти ӯро ба ҷо оварданд ва ба қувваи душман ҳамлаҳои пайи ҳам анҷом доданд, то ин ки ба деворҳои Қустантиния дар ҳоле, ки ҷанозаи Абуаюбро ҳамроҳ бо худ бардошта буданд, расиданд ва дар он ҷо дар зери деворҳои Қустантиния ӯро дафн карданд.

Худованд Абуаюби Ансориро ғарқи раҳмати худ созаду дар ҳоле, ки пирамарди кӯҳансоле буд, ки ҳаштод сол умри худро пушти сар ниҳода буд, вале бо васфи он завқ ва иштиёқи том барои шаҳид шудан дар роҳи Худоро дошт ва саранҷом ба матлаб ва орзуи худ ноил гардид.

## АМР ИБНИ ҶАМУҲ

Амр ибни Ҷамуҳ дар даврони ҷоҳилият сарваре аз сарварони номдори Араб ва сардори мӯҳтарами қабилаи бани Салама ва яке аз сахимардон ва шахсиятҳои соҳиби муруввату мардонагӣ дар Ясриб буд.

Дар даврони ҷоҳилият одати ашроф ва бузургони қабила ин буд, ки ҳар кадом барои хештан дар хонаи худ бутеро нигоҳ медошт ва субҳу шом ба он табарук меҷуст ва дар муносибатҳо ба номи он забҳ мекарданд. Ва дар мушкилот ва мусибатҳо ба он рӯй меоварданд ва бутеро, ки Амр ибни Ҷамуҳ барои хештан нигоҳ дошта буд, ба номи «Маноат» ёд мешуд, ки аз чӯб тарошида шуда буд. Вай дар риъояти ин бут сахт исроф мекард ва дар иноят ба он атрҳои қиматеро нисор менамуд.

Дар овоне, ки нури имон тавассути даъватгарони аввал Мусъаб ибни Умайр хонаҳои аҳли Ясрибро яке баъди дигаре мунаввар месохт, Ами ибни Ҷамуҳ шаст сол умри худро пушти сар ниҳода буд. Се тан аз фарзандони вай Муҷаввиз, Мувоз ва Халлод ва ҳамсоли ишон, ки Муъоз ибни Ҷабал ном дошт, ба дасти Мусъаб мусалмон шуда буданд…

Ҳамроҳ бо ин се тани аз фарзандонаш модари онҳо Ҳинд низ мусалмон шуда буд, ки вай аз мусалмон шуданашон хабар надошт. Ҳинд ҳамсари Амр ибни Ҷамуҳ дид, ки аксари аҳли Ясриб мусалмон шуда ва аз ашрофи Ясриб бидуни шавҳараш ва афроди ба шумори дигар ҳеҷ каси дигар бар ширк боқӣ намондааст. Вай шавҳарашро иззату икром мекард. Ва дилаш ба он месӯхт, ки вай ба ширк аз ҷаҳон биравад ва оташи ҷаҳаннам ҷойгаҳаш гардад.

Ва худи Амр ибни Ҷамуҳ аз он метарсид, ки нашавад фарзандонаш дини бобо ва аҷдодонашро тарк гуфта ва аз ин даъватгари ҷавон Мусъиб ибни Умайр, ки дар муддати кӯтоҳ теъдоди зиёдеро аз динашон ба ин оини тоза баргардонид, пайравӣ кунанд ва ба дини Муҳаммад сар ниҳанд.

Аз ин рӯ ба ҳамсараш гуфт: Эй Ҳинд, ҳушёр бош, ки фарзандонат ба ин ҷавон (Мусъаб ибни Умайр) тамос нагиранд, то он ки худ дар ин бора тасмим гирем.

Ҳамсараш гуфт: Ба сару чашм. Аммо оё омодаӣ, ки аз фарзандат Муъоз сухан бишнавӣ, ки ту аз ин шахс ривоят намояд?

Гуфт: Чӣ сухан? Оё вай аз динаш баргаштааст ва ман намедонам?! Ин зани солеҳа дилаш ба ин пирамард сӯхт ва гуфт: На, ҳаргиз. Аммо дар баъзе нишастҳои ин ҷавони даъватгар ҳузур ёфта, матолибе аз гуфтаҳои вайро ҳифз намудааст.

Амр гуфт: Ӯро ба назди ман бихонед. Чун вай дар дар наздаш ҳозир шуд, гуфт: Баъзе аз ҳарфҳоро, ки ин шахс гуфтааст, бароям бозгӯ. Вай гуфт:

Бисмиллоҳи-р-раҳмонни-р-раҳим, Алҳамду лиллоҳи раббил ъоламин, арраҳмонир раҳим, молики явмиддин, ийёка наъбуду ва ийёка настаъин, иҳдинас сиротал мустақима сиротал лазина анъамта ъалайҳим ғайрил мағзуби ъалайҳим ва лаззоллин).

Вақте Амр ин каломро шунид, гуфт: Чӣ каломи ширин ва зебо.

Оё ҳамаи ҳарфҳояш аз ҳамин қабил аст?!

Муъоз гуфт: Ва беҳтар аз ин. Оё рағбати байъат ба вай дорӣ ва қавми ту ҳамаашон ба вай рағбат намудаанд.

Ин пирамард андаке сукут намуд ва баъд гуфт: То аз «Манот» машварат нагирам, чунин нахоҳам кард Ва он гоҳ бубинам, ки вай бароям чи хоҳад гуфт:

Ин ҷавон ба ӯ гуфт: Манот чи метавонад ба ту бигӯяд? Вай чӯб аст, ки забон надорад ва беақл аст ва суханро

намешунавад. Пирамард бо хашм гуфт: Ба ту мегӯям, ки бидуни машварати вай тасмим нахоҳам гирифт.

Баъд Амр ибни Ҷамуҳ аз ҷой бархост ва ба сӯи Манот рафт. Ишон одат доштанд, вақте мехостанд бо бут сухан гӯянд, пиразанеро дар пушти он мегузоштанд ва гумон доштанд, ки бут ба он зан илҳом менамояд ва вай ба ҷои бут сухан мегӯяд Баъд бо қомати расо дар баробари бут истод ва бутро мадҳу сано гуфт ва баъд изҳор дошт: Эй Манот, бидуни шак ту худ медонӣ, ки ин доъие, ки аз Макка ин ҷо омадааст, ҳеҷ касеро ҷуз ту ба бадӣ ёд намекунад... Ва ӯ омадааст, ки маро аз ибодати ту манъ кунад... ва ба вуҷуди он ки каломи зебо ва дилнишинашро шунидам, маро хуш наомад, ки машварати туро нагирифта бо вай байъат кунам. Бинобар ин, ту ба ман машварат деҳ, Манот ба вай ҳарфе нагуфт.

Боз гуфт: Шояд аз ман норозӣ шуда бошӣ... Ва ман то кунун коре накардаам, ки сабаби норизояти ту гардад.

Аммо ҳеҷ боке надорад... туро чанд рӯз мӯҳлат медиҳам, то он ки хашму ғазабат фурӯ нишинад. Фарзандони Амр ибни Ҷамуҳ медонистанд, ки падарашон чи қадар ба ин бут дилбастагӣ дорад ва чи гуна ин бут ба гузашти замон ҳайсияти ҷисму ҷони ӯро пайдо кардааст. Аммо ишон дарёфтанд, ки ин дилбастагии падарашон нисбат ба ин бут дар қалби вай заъиф шуда истодааст ва акнун бар ишон лозим аст, ки якбора муҳаббат ва дилбастагии онро аз қалби вай берун созанд ва ин ягона роҳи вай ба сӯи ишон аст.

Фарзандони Амр ибни Ҷамуҳ ҳамроҳ ба дӯсташон Муъоз ибни Ҷабал ба истифода аз сиёҳии шаб оҳиста худро ба Манот расонданд. Ва онро аз ҷояш бардошта ва дар чуқурие, ки қабилаи бани Салама партобҳои худро дар он меафканданд, андохтанд. Ва бидуни он ки касе аз ин моҷаро огоҳ шавад, ба хонаҳои худ баргаштанд. Вақте шаб рӯз шуд, Амр бо оромӣ гом бардошта рафт, то барои бути худ дуруд ва салом тақдим кунад, буташро наёфт.

Бало бар ҷонатон бод, чӣ касе имшаб бар бути мо шабохун зада ва онро рабудааст?! Ҳеҷ касе ҷавобе ба вай надод.

Ва баъд худ ба ҷустуҷӯи он пардохт, дохилу хориҷи хонаро зеру рӯ кард, чизе пайдо накард. Ӯ аз шиддати хашм меғуррид ва менолид ва таҳдид мекард ва бим медод, то он ки онро дар чоҳе оғӯшта бо ифлосиҳо ва наҷосатҳо ёфт. Онро шуст ва пок кард ва атр молид ва ба ҷояш онро гузошта ба он гуфт: Қасам ба Худо, агар бидонам чи касе ин корро дар ҳаққи ту кардааст, ӯро ҷазои сангин хоҳам дод. Чун шаби дигар фаро расид, боз ин ҷавонон ба сороғи ин бут омаданд ва ба он чунон карданд, ки шаби қаблӣ намуда буданд. Чун ин пирамард шабро саҳар кард ва ба сороғи он баромад онро дар чоҳи омехта бо партовҳо ёфт. Онро гирифт ва шуст ва пок кард ва атр зад ва ба ҷояш баргардонид.

Ин ҷавонон чунин кореро ба такрор анҷом доданд, то он ки пир ба ҷон омад ва аз он дилаш гирифт ва пеш аз ба хоб рафтан назди он бут рафт ва шамшерашро дар гардани он овехт ва ба ӯ гуфт: Эй Манот, қасам ба Худо, намедонам чи касе дар хақи ту ин беҳурматиро раво медорад. Агар дар ту хайре бошад, ин шарро аз худ дур кун ва ин шамшер ҳамроҳи ту бод ва баъд ба бистари худ баргашт. Вақте ин ҷавононро яқин ҳосил шуд, ки вай дар хоб рафтааст, ба сӯи ин бут ҳамла бурда ва шамшерро аз гарданаш гирифтанд ва бутро гирифта ба хориҷ аз хона бурданд ва онро бо ҷасади мурдаи саге бастанд ва ҳардуро дар чоҳе, ки марбути бани Салама буд ва дар он ифлосиҳо ҷамъ мешуд, андохтанд.

Вақте ин пирамард аз хоб бедор шуд, бутро наёфт ва ба ҷустуҷӯи он берун шуд ва ӯро баста ба мурдаи саге дар чоҳи палидиҳо сарнагун ёфт. Ин бор онро аз миёни палидиҳо берун наёвард ва ба ҳоли худаш гузошт ва ин шеър суруд:

Қасам ба Худо агар ту Худо мебудӣ, ту ва ин мурдаи саг дар миёни ин чоҳи касиф қарор намегирифтӣ.

Баъд дере нагузашт, ки ба дини Ислом мушарраф шуд. Вақте Амр ва лаззати имонро чашид, бар ҳар лаҳзаи умраш, ки дар ширк ва бутпарастӣ сипарӣ карда буд, надомат менамуд ва ангушти ҳасрат ба даҳон мекард. Вай бо рӯҳӯ ҷасади худ

ба ин дини ҷадид рӯй овард ва молу зиндагӣ ва зану фарзандонашро дар тоъати Худо ва Расулаш қарор дод.

Муддати замоне аз мусалмонии вай сипарӣ нашуда буд, ки ҷанги Ухуд фаро расид. Дид, ки ҳар се фарзандаш худро барои ҷанг омода месозанд, то бо душманони Худо биразманд. Вай ба сӯи ишон нигарист, ки субҳу шом чун шерони беша ба ҷиҳод рафту омад доранд ва барои шаҳодат ва шаҳодат ба даст овардани ризоии Худо бебокона меҷанганд. Ин мавқифи онҳо ғайрати вайро ба ҷӯш овард ва тасмим гирифт, ки ҳамроҳ бо фарзандонаш дар зери ливои ҳазрати Расули Худо (с) ҷиҳод мекунад. Аммо ин ҷавонон саъй намуданд, ки падарашонро аз ин тасмим боздоранд. Чун ӯро марди кӯҳансол медонистанд ва ба замми ин як пояш низ мелангид ва ба ин далел ӯро назди Худо маъзур хонда, аз вай илтимос намуданд, ки аз тасмими худ бозгардад ва ба ӯ гуфтанд: Эй падар, Худованд туро маъзур хонда, пас чаро худро дар амре ба машаққат меандозӣ, ки назди Худованд маъзурӣ.

Аз шунидани ин ҳарфи фарзандонаш сахт барошуфта, ба назди ҳазрати Паёмбар (с.) рафт, то аз фарзандонаш шикоят кунад, ва гуфт:

- Эй Памёбари Худо! Ин фарзандонам мехоҳанд маро аз ин кори хайр боздоранд ва барои ман далел меоранд, ки ту мелангӣ ва ман аз Худо илтиҷо дорам, ки бо ин пойи ланг дохили биҳишт шавам.

Ҳазрати Расули Худо (с) ба фарзандонаш гуфт: Ӯро бигузоред. Шояд Худованд ба ӯ шаҳодат насиб намояд…

Онҳо, ки ба ин фармудаи ҳазрати Расули Худо (с) доштанд, ба вай иҷозат доданд. Чун вақти ба ҷанг баромадан фаро расид, Амр ибни Ҷамуҳ бо ҳамсараш видоъи охирин намуд, ки баъд аз он барнахоҳад гашт. Ва баъд рӯ ба сӯи қибла намуда, ҳарду дасташро ба сӯи осмон баланд карду гуфт: Эй Парвардигор, шаҳодатро насибам гардон ва дасти холии моро ба аҳлам боз магардон.

Баъд дар ҳоле, ки се фарзандаш ӯро дар миён гирифта ва ҷамъияти бузурге аз қавми бани Салама ӯро иҳота намуда буданд, ба роҳ афтод.

Вақте оташи ҷанг шӯълавар гардид ва мардум аз канори ҳазрати Расули Худо (с) мутафариқ шуданд. Диданд, ки Амр ибни Ҷамуҳ дар зумраи пеш посбонон аст ва бо он як пои худ ҷастухез дорад ва бо худ мегӯяд:

- Ман муштоқи биҳиштам, ман муштоқи биҳиштам…

Ва фарзандаш Халлод дар пушти вай қарор дорад.

Дар асное, ки ин пирамард ҳамроҳ бо фарзандаш бо дифоъ аз ҳазрати Расули Худо (с) шамшер мезаданд, дар саҳнаи набард ҳарду бар замин афтоданд ва ҷои шаҳодат кӯшиданд. Ва дар миёни шаҳодати падар ва фарзанд ҷуз чанд лаҳзае фосила набуд.

Ҳамин ки ҷанг ба поин расид, ҳазрати Расули Худо (с) бархост, то шуҳадои Уҳудро ба хок супорад, ба ёронаш гуфт: Онҳоро бо хун ва захмашон бигузоред, ман бар онҳо шаҳодат диҳам. Баъд фармуд:

- Ҳеҷ мусалмоне дар роҳи Худо захмӣ намешавад, магар он ки дар рӯзи қиёмат ба ҳоле меоёяд, ки хун аз баданаш равон бошад. Ранги он мисли ранги заъфарон аст ва бӯи он мисли бӯи мушк.

Баъд гуфт: Амр ибни Ҷамӯҳро ҳамроҳ бо Абдуллоҳ ибни Амр, ки ҳарду бо ҳам дар дунё дӯст ва рафиқ буданд, дафн кунед.

Худованд аз Амр ибни Ҷамӯҳ ва ёрони шаҳидаш дар Уҳуд розӣ бод ва қабрҳояшонро мунаввар гардонад.

## АБДУЛЛОҲ ИБНИ ҶАҲШ

Ин саҳобие, ки пиромунаш сӯҳбат хоҳем кард, яке аз он ёрони босафое аст, ки дар рӯзгорони нахустини даъват дини Исломро пазируфта ва ба ҳазрати Расули Худо (с) робитаи наздик дошта ва ба вай сахт дил баста буд.

Вай писари аммаи ҳазрати Расули Худо (с) аст. Ба хотири он, ки модари вай Умайма, духтари Абдулмуталлиб, аммаи Расули Худо (с) аст.

Ва хоҳараш Зайнаб бинти Ҷаҳш шарафи ҳамсарии Расули Худо (с)-ро касб намудааст. Ва яке аз уммаҳотулмуъминин буд. Ва аз ин ноҳия вай хусурбачаи он ҳазрат (с.) низ мебошад.

Ва ин шахс аввалин касе аст, ки ҳазрати Расули Худо (с) барои вай парчамро баст. Ва илова бар ин ӯ аввалин касе аст, ки ба номи амиралмӯъинин хонда шудааст.

Қабл аз он, ки ҳазрати Расули Худо (с) дохили Доруларқам шавад, Абдулло ибни Ҷаҳш аз собиқадорони ислом буд.

Вақте ки ҳазрати Расули Худо (с) аз хавфи азияти мушрикини Қурайш ба ёрони худ иҷозаи ҳиҷрат ба Мадина дод, Абдуллоҳ ибни Ҷаҳш дуввумин касе буд, ки шарафи ин мақом ёфт ва ҷуз Абусалама дигар ҳеҷ кас ба ин фазл ба вай нарасид.

Бо васфи он, ки ҳиҷрат дар роҳи Худо ва ҷудо шудан аз ватан ва диёр ва хешовандон ва наздикон ба ӯ як чизи тоза ва ҷадид набуд, чун вай қаблан ҳамроҳ бо баъзе наздиконаш ба Ҳабаша ҳиҷрат намуда буд.

Аммо ҳиҷраташ дар ин бор бо бору банди васеътар буд. Ба тавре, ки аҳлу хонаводааш, хешовандон ва наздиконаш чи тифлу чи ҷавон ва пиру барно ӯро дар ин сафар ҳамроҳӣ

намуданд. Хонаи вай хонаи аҳли Ислом ва қабилаи вай қабилаи аҳли имон буд.

Вақте ишон Маккаро тарк гуфтанд, хона ва диёрашон комилан чунон хароб гардид, ки гӯё қаблан дар ин даруни хона касе назиста ва касе дар он ба сар набурдааст.

Аз ҳиҷрати Абдуллоҳ ибни Ҷаҳш ва ҳамсафонаш чанд лаҳзае сипарӣ нашуда буд, ки руасо ва сарони Қурайш ба атрофи Макка баромаданд, то аз касоне бозҷӯӣ намоянд, ки хона ва диёрашонро тарк кардаанд. Ва дар ҷумлаи ин ҷамъи руасо Абуҷаҳл ва Утба ибни Рабеъ низ шомил буданд.

Утба ба хонаҳои Абдуллоҳ ибни Ҷаҳш назар андохта дид, ки ҷуз тундбод, ки дарвозаҳояшро дарҳам мекӯбад, дигар асаре аз инсон дар он дида намешавад ва гуфт: Кулбаи ибни Ҷаҳш ба вайрона мубаддал шудааст, ки бар аҳли худ мегиряд... Абуҷаҳл гуфт: Инҳо чӣ касонеанд, то диёрашон ба фироқи онҳо ашк резад?! Баъд Абуҷаҳл дасти худ ба хонаи Абдуллоҳ ибни Ҷаҳш, ки зеботар аз ҳамаи хонаҳои он вақт буд, гузошт. Ва дар он чунон шурӯъ ба тасарруф дар матоъи он намуд, ки гӯиё молики аслии он буда бошад.

Вақте Абдуллоҳ ибни Ҷаҳш аз ин амалкарди Абуҷаҳл дар бораи хонаи худ хабардор шуд, аз мавзӯъ ба ҳазрати Расули Худо (с) иттилоъ дод. Ҳазрати Расули Худо (с) ба вай гуфт: Эй Абдуллоҳ, оё ба ин хурсанд намешавӣ, ки Худованд дар бадали хонаат дар биҳишт бароят хона бидиҳад?

Гуфт: Бале, эй Расули Худо (с), ман ба ин розиям.

Ҳазрати Расули Худо (с) фармуд: Ин ваъда туростн.

Аз шунидани ин мужда нафси Абдуллоҳ ибни Ҷаҳш ором гирифт ва хушҳол ва шодмон гардид.

Вай баъди аз он, ки мушкилот ва душвориҳои зиёдеро дар тайи ин ду ҳиҷрат аввал ва дуввум пушти сар гузошт ва озор ва азиятҳои бисёре аз дасти мушрикони Қурайш дид, дар Мадина ором нанишаст ва дар ҷивори Ансор таъми роҳат ва осоиш начашид ва иродаи Худо ба он рафта буд, ки ӯро бо сахттарин имтиҳоне, ки то он вақт ба он рӯ ба рӯ нашуда буд,

рӯ ба рӯ созад ва сахттарин таҷрибаро дар зиндагии худ аз сар бигузаронад.

Акнун ба достони ин таҷрибаи душвор ва ин саргузашти сахти вай гӯш мениҳем:

Ҳазрати Расули Худо (с) ҳашт тан аз ёрони худро барои анҷоми амали низомӣ дар ислом мувazзаф сохт, ки дар он ҷумла Абдуллоҳ ибни Ҷаҳш ва Саъд ибни Аби Ваққос низ шомил буд, фармуд: Ман бар шумо касеро ба сифати амир муқаррар месозам, ки дар баробари ташнагӣ ва гуруснагӣ нисбат ба ҳамаатон сабри бештар дошта бошад. Ҳамон буд, ки парчами амалиётро ба номи Абдуллоҳ ибни Ҷахши баст. Ва ба ин тартиб вай аввалин амир буд, ки бар мӯъминин муқаррар гардад.

Ҳазрати Расули Худо (с) ҷиҳатеро, ки Абдуллоҳ ибни Ҷаҳш бояд ба он тараф биравад, мушаххас сохт ва ба ӯ номае дод ва  таъкид кард, ки то фосилаи ду рӯзро тай накунад, набояд онро бикушояд. Вақте Абдуллоҳ ин фосиларо ҳамроҳ бо гурӯҳи амалиётии худ тай кард, номаро кушод ва онро хонд, дар он навишта буд.

«Вақте дар ин нома назар афкандӣ, ба роҳи худ идома деҳ, то он ки ба минтақаи «Нахла» бирасӣ (минтақаест дар миёни Тоиф ва Макка) ва дар он ҷо аҳволи Қурайшро бароям бозҷӯӣ кун ва хабари ононро бароям бифирист…».

Вақте Абдуллоҳ номаро аз сар то по мутолиъа намуд, гуфт: Ба сару чашм аз ҳазрати Расули Худо (с) итоъат хоҳам кард. Баъд ба ёрони ҳамсафараш гуфт: Ҳазрати Расули Худо (с) ба ман амр намуда аст, ки ба минтақаи Нахла биравам, то аз он ҷо Қурайшро зери назар қарор диҳам ва иттилоъоташонро ба ҳазрати Расули Худо (с) бифиристам. Ва маро аз он наҳй намуда, ки бидуни рағбат касеро аз шумо бо худ бибарам ва ба ин роҳ идома диҳам. Агар касе аз шумо орзу ва рағбати шаходат дорад, бо ман ҳамроҳ шавад ва агар касе хуш надошта бошад, ки бо ман дар ин сафар ҳамроҳ гардад, метавонад, ки бидуни кадом маломат ва сарзанише баргардад.

Ҳамроҳонаш гуфтанд: Мо ҳама ба саручашм аз ҳазрати Расули Худо (с) итоъат мекунем ва мо туро то ҳар ҷое, ки Расули Худо амр фармудааст, ҳамроҳӣ мекунем. Баъд ҳама ба роҳ афтодаанд то он, ки ба минтақаи Нахла расиданд ва аз тариқи роҳҳо шурӯъ ба бозҷӯии аҳвол ва ахбори Қурайш намуданд. Ва дар ҳоле, ки ишон дар ин вазъ буданд, аз дур дидаанд, ки қофилае аз Қурайш, ки дар он чор тан аз сарони ишон ҳузур дорад, дар ҳаракат аст. Ин чаҳор тан ҷиборат буданд аз Амр ибни Ҳазрамӣ, Ҳакам ибни Кайсон ва Усмон ибни Абдуллоҳ ва бародараш Муғира амволи тиҷоратии Қурайшро, ки мураккаб аз пӯст ва кишмиш ва амсоли он буд, ҳамроҳ доранд.

Дар чунин фурсате асҳоб бо ҳам нишаста машварат намуданд ва ин охирин рӯзи моҳҳои ҳаром буд ва гуфтаанд: Агар мо инҳоро ба қатл расонем ин моҳи ҳаром аст ва ин кор ҳурмати моҳи ҳаромро зери по ниҳодан аст. Ва дар натиҷаи он хашму ғазаби ҳамаи арабро алайҳи худ бармеангезем.

Ва агар ишонро мӯҳлат диҳем, ки ин рӯз сипарӣ гардад дар сарзамини Ҳарам дохил мешавад ва аз шабехуни мо дар амон мемонанд.

Ва ишон пайваста дар ин маслиҳат буданд, то он ки саранҷом ба ин раъй иттифоқи назар намуданд, ки бар ишон шабехун зананд ва онҳоро ба қатл расонанд ва дороияшонро ба ғанимат бибаранд. Ва дар давоми чанд лаҳза тавонистанд, ки як тани ононро ба қатл расонида ва ду танро асир гиранд ва чаҳорумӣ тавонист, ки фирор кунад.

Абдуллоҳи ибни Ҷаҳш ва ҳамроҳонаш ду нафар асирро ҳамроҳ бо ғаноиматҳои он ба сӯи Мадина ба роҳ андохтанд. Вақте ба ҳузури Ҳазрати Расули Худо (с) омаданд ва аз мавзӯъи ишон хабардор шуд, сахт ин амали онҳоро сарзаниш кард ва ба ишон гуфт: Қасам ба Худо, ки ман шуморо ба ҷангу куштор амр накарда будам. Балки шуморо танҳо ба ин амр карда будам, ки ахбори Қурайшро бозҷӯӣ кунед ва ҳаракати онҳоро зери назар дошта бошед. Ва ду нафар асирашонро нигаҳ дошт, то дар мавриди онҳо тасмим бигирад. Ва аз

гирифтани амволи тиҷоратиашон худдорӣ намуд ва аз он чизеро нагирифт.

Дар чунин ҳолат Абдуллоҳ ибни Ҷаҳш ва ёронаш сахт пушаймон шуданд ва яқин карданд, ки бо мухолифаташон аз амри Расули Худо (с) худро дар ҳалокат андохтаанд. Ва он чи, ки бар ин ғуссаи онҳо афзуд, ин буд, ки бародарони мусалмонашон онҳоро сахт ба боди маломат ва сарзаниш гирифтанд ва ҳар гоҳ ки аз пеши рӯяшон мегузаштанд, мегуфтанд: Аз амри Расули Худо (с) мухолифат карданд.

Ва он чӣ, ки бар ин мусибат беш аз ҳама афзуд, вақте донистанд, ки Қурайш ин амали ононро барои таблиғоти худ васила қарор додааст ва дар ҷиҳати бадном сохтан ва кӯбидаи ҳазрати Расули Худо (с) дар миёни қабилаҳои Араб истифода намуда, гуфтанд:

Муҳаммад моҳҳои ҳаромро ҳалол дониста, дар он хун резонда, молу сарватро ба яғмо бурда ва мардонро асир гирифтааст.

Ҳазрати Абдуллоҳ ибни Ҷаҳш ва ҳамроҳонаш аз ин амали худ сахт пушаймон буданд ва ончунон дар худ эҳсоси ғаму андӯҳ мекарданд, ки андоза надошт. Ва дар баробари ҳазрати Расули Худо (с) сахт эҳсоси хиҷолат менамуданд, ки чи гуна ӯро дар ин хараҷ афгананд.

Вақте ин мусибат бар сари онон сахт тамом шуд ва ин бало бар онҳо душвор афтод, ногаҳон муждадиҳанда омад ва ба ӯон мужда дод, ки Худованд аз кори онҳо розӣ шуд ва амали ононро сутуда ва дар ин хусус Қуръон нозил шудааст. Аз шунидани ин мужда аз хурсандии беандоза дар худ намеғунҷиданд. Мардум ба муборакбодии онҳо рӯй оварда ва ба рӯбӯсиашон пардохтанд ва ба ишон таҳният гуфта ва оётро, ки нозил шуда буд ба ӯон мехонданд. Бар ҳазрати Расули Худо (с) ин оят нозил шуд: **«Аз ту дар бораи ҷанг дар моҳи ҳаром мепурсанд. Бигӯ: Ҷанг кори вазнине аст, вале боздоштан аз роҳи Худо, куфр варзидан ба ӯ ва ҳатто ҳурмати Масҷидулҳаром ва берун рондани сокинони он дар назди Худо**

**гаронтар аз он аст ва фитнаи ширк аз куштор ҳам бузургтар аст.** *(Сураи Бақара. Ояи 217)».*

Вақте ин ояти мӯътабар нозил шуд, табиати ҳазрати Расули Худо (с) хушнуд шуд. Ва ғаниматҳоро гирифт ва ду асирро дар бадали фидя озод сохт. Ва аз амалкарди Абдуллоҳ ибни Ҷаҳш ва ёронаш хушнуд гардид, чун ғазваи онон дар зиндагии мусалмонон як рӯйдоди тоза ва ғанимати онон аввалин ғанимате буд, ки дар аҳди Ислом онро ба даст оварданд ва куштаи онон аввалин куштае буд, ки ба дасти мусалмонон сурат гирифт ва парчамашон нахустин парчаме буд, ки ба дасти муборакн ҳазрати Расули Худо (с) ақд гардид ва амирашон Абдуллоҳ ибни Ҷаҳш, аввалин касе буд, ки ба номи амирулмӯъминин хонда шуд. Ва баъд рӯйдоди Бадр сурат гирифт, ки Абдуллоҳ ибни Ҷаҳш дар он қаҳрамони аҷибе, ки шоистаи имони вай аст, аз худ нишон дод. Баъд даврони ҷангии Уҳуд фаро расид ва дар ин ҷанг барои Абдуллоҳ ибни Ҷаҳш ва ёраш Саъд ибни Абуваққос қиссаи фаромӯш ношуданӣ аст. Ва ҳоло риштаи суханро ба Саъд мегузорем, то ҳикояти худ ва дӯсташ Абдуллоҳ ибни Ҷаҳшро барои мо баён дорад.

Саъд ибни Абиваққос мегӯяд: Вақте ҷанги Уҳуд пеш омад, Абдуллоҳ ибни Ҷаҳш бо ман мулоқот намуд ва гуфт: Оё Худовандро дуо намекунӣ? Гуфтам: Бале, мекунам. Ҳардуи мо дар гӯшае хилват намудем. Ва ман гуфтам: Эй Парвардигор, вақте бо душман рӯ ба рӯ мешавам, маро бо касе рӯ ба рӯ соз, ки ниҳоят ҷанговар ва хашмгин ва интиқомҷӯ бошад, то ман бо ӯ биҷангам ва ӯ бо ман биҷангад ва баъд маро бар вай зафар бахш, то ӯро ба қатл расонам ва ғаниматашро бигирам. Ва Абдуллоҳ ибни Ҷаҳш ба дуои ман омин гуфт ва баъд гуфт: Худоё, маро бо касе рӯ ба рӯ соз, ки интиқом ва кинае беш аз ҳама буда, то дар роҳи ту бо ӯ биҷангам ва бо ман биҷангад ва баъд маро гирифта гӯшу биниамро қатъ кунад ва чун фардо (яъне рӯзи қиёмат) бо ту мулоқот кунам ва ба ман бигӯӣ, ки гӯшу биниат чаро қатъ шудааст?

Ва ман дар ҷавоб бигӯям: Дар роҳи ту ва Паёмбарат (с.) қатъ шудааст. Ва ту ба ман бигӯӣ, ки рост гуфтӣ.

Саъд ибни Абиваққос гуфт: Даъвати Абдуллоҳ ибни Ҷаҳш беҳтар аз даъвати ман буд. Ман ӯро дар охири рӯз дидам, ки кушта шуда ва ӯро мусла намуда ва гӯшу биниашро бо торе бар дарахте овезон намуда буданд.

Худованд дуои Абдуллоҳ ибни Ҷаҳшро қабул кард ва шаҳодатро насибаш гардонд, чунон ки тағояш Ҳамза ибни Абдулмуталлиб (р)-ро бо шаҳодат икром бахшид.

Ҳазрати Расули Худо (с) он дуро дар як қабр дафн намуд ва ашкҳои мутаҳҳараш хоки марқадашонро, ки бо бӯи хуни шаҳодаташон муаттар шуда буд, намнок сохт.

## АБУУБАЙДА ИБНИ ҶАРРОҲ

Абуубайда ибни Ҷарроҳ дорои чеҳраи тобон, рӯи зебо, ҷисми наҳиф, қомати тавил ва абрӯҳои кашида буд, ки бинандаро ба худ ҷалб менамуд. Ва рӯҳи одамӣ бо дидораш улфат мегирифт ва қалбаш аз вай итминон меёфт. Дар паҳлӯи ин сифот вай дорои муомилаи нек, тавозӯъи беҳад ва ҳаёи шадид буд. Аммо вақте мушкиле пеш меомад ва бӯҳрони он иҷод мешуд, чунон менамуд, ки гӯё вай шери ғурранда аст. Вай дар тезӣ ва қотеъият ба дами шамшер шабоҳат дошт. Ин шахс ҳамоно амини Муҳаммад, Омир ибни Абдуллоҳ ибни Ҷарроҳ Феҳрӣ аст, ки ба Абуубайда шӯҳрат ёфтааст. Абдуллоҳ ибни Умар ӯро тавсиф намуда гуфтааст: Се тан аз қурайшиён беш аз ҳама хубрӯ ва беш аз ҳама хушахлоқ ва беш аз ҳама боҳаёанд. Агар бо ту сухан гӯянд, ба ту дурӯғ намегӯянд. Ва агар ту бо ишон сухан гӯӣ, ҳарфатро дурӯғ намепиндоранд. Абубакри Сиддиқ ва Усмон ибни Аффон ва Абуубайда ибни Ҷарроҳ. Абуубайда аз собиқини аввалин ба Ислом аст. Вай дар рӯзи дуввуми исломи Абубакр имон овард. Даъвати вай ба дасти Абубакр сурат гирифтааст. Ҳазрати Абубакр, Абуубайда ва Абдураҳмон ибни Авф ва Усмон ибни Мазъун ва Арқам ибни Абиарқамро гирифта, ба ҳузури Паёмбари Худо (с) бурд. Ва ишон дар ҳузури он ҳазрати (с) калимаи шаҳодат бар забон оварданд. Инҳо зербинои аввал буданд, ки қасри азими Ислом бар пояи онон бино ёфт.

Абуубайда аз ҳамон рӯзи аввали мусалмон шудани хеш дар Макка то поёни он рӯзҳои сахт ва душвореро сипарӣ намуд ва ба хотири андешаи худ ҳамроҳ бо соири мусалмонони ҳамразми хеш анвоъи мушкилот ва душвориҳоро дид, ки тобеъони ҳеҷ дин ба ин паймона озор ва азият надидаанд. Ӯ

дар ҳамаи ин озмоишҳо ва имтиҳонҳо собитқадам ва устувор боқӣ монд. Ва дар ҳар мавқиф бо Худо ва Расулаш сидқу ростии худро ба исбот расонд. Аммо мусибате, ки Абуубайда дар рӯзи Бадр бо он рӯ ба рӯ шуд, болотар аз тасвир ва хаёл аст. Вай дар ин корзор дар миёни суфуфи мушрикин бемуҳобот шамшер мезад ва нотарсона меразмид. Ва он қадар қаҳрамонӣ аз худ нишон дод, ки ҷанговарони Қурайш аз шаҳомат ва размҷӯии вай дар ҳайрат шуда ва дар ҳар ҷое, ки бо вай рӯ ба рӯ мешуданд, худро аз вай канор мегирифтанд. Аммо фақат як тан аз онон пайваста бо Абуубайда меразмид ва шамшер мезад. Вале Абуубайда сайъ менамуд, ки худро аз рӯёрӯӣ бо ӯ нигаҳ дорад ва аз зарбааш канор равад. Ин шахс дар ҳар бор саъй менамуд, ки худро ба Абуубайда наздик созад ва Абуубайда саъй мекард, ки худро аз вай канор гирад. Билохира ин мард ҳама роҳи канораҷӯиро ба Абуубайда баст ва дар миёни вай ва қитол бо душманони Худо ҳоил шуд. Аммо вақте дид, ки аз дасти вай ба ҷон омадааст, бо як ҳамлаи барқосо сарашро аз тан ҷудо сохт. Медонед, ки ин шахс кӣ буд? Ин шахс ҳамоно Абдуллоҳ ибни Ҷарроҳ, падари Абуубайда буд, ки ӯро ба қатл расонид. Абуубайда падари худро ба қатл нарасонид, балки хост, ки ширкро, ки дар вуҷуди падараш буд, ба қатл расонад. Худованд дар шаъни Абуубайда ва падараш ин оятро нозил кард. **«Мардуме, ки ба Худо ва рӯзи қиёмат имон доранд, ҳаргиз нахоҳӣ дид, ки бо душманони Худо ва Расулаш дӯстӣ кунанд, ҳарчанд падарон ё фарзандон ё бародарон ё хешовандони онҳо бошанд. Онҳо касоне ҳастанд, ки Худо имонро бар саҳифаи дилашон навиштааст ва ба рӯҳе аз ҷониби худ таъйидашон кардааст ва онҳоро ба боғҳое ворид кунад, ки ҷӯйборон дар он ҷорӣ аст ва ҷовидона дар он хоҳанд монд. Худованд аз онҳо хушнуд аст ва онҳо низ аз Худо хушнуд бошанд. Онҳо ҳизби Худо ҳастанд. Огоҳ бош, ки ҳизби Худо растагоронанд».**

*(Муҷодала: 22)*

Ин кор аз Абуубайда шигифтӣ надошт. Қуввати имони вай ба Худо, хайрхоҳии вай барои дин ва амонатдориаш бар уммати Муҳаммад (с) дар ниҳоди вай ба чунон ҳадде расида буд, ки танҳо бузургмардони Худо орзуи расидан ба чунин мақомро мекунанд. Муҳаммад ибни Ҷаъфар аз вай ривоят намуда мегӯяд: Ҷамъе аз насорои Начрон ба ҳузури сарвари коинот ҳазрати Мустафо (с) омаданд ва гуфтанд: Эй Абулқосим (с), касе аз ёрони худро барои мо бифирист, то ихтилоф ва ҷанҷолро, ки бар сари амволе, ки дар миёни мо падид омада, ҳал созад ва шумо ҷамъи мусалмонон дар назди мо масеҳиён қадр ва манзалати хос доред. Ва ҳарфи шуморо мо ҳама қабул дорем. Ҳазрати Расули Худо (с) фармуд: Шомгоҳ биёед ва ман марди қавӣ ва аминро ҳамроҳи шумо мефиристам. Ҳазрати Умар ибни Хаттоб мегӯяд: Чун ин ҳарфи вай бишнидам, ба намози зӯҳр худро расонидам. Ва ман ҳеҷ вақт шавқи амморатро надоштам, чунончӣ, ки дар он рӯз ин гуна шавқи амморат дар дили ман пайдо шуд, ба умеди ин ки ин сифатро дар худ дарёбам ва соҳиби ин сифат гардам. Вақте ҳазрати Расули Худо (с) намози зӯҳрро бо мо як ҷо хонд, ба тарафи рост ва чапи худ нигаристан гирифт. Ва ман сар бармеафроштам, то маро бубинад. Вай пайваста ба сӯи мо назар меафганд, то он ки чашмаш ба Абуубайда ибни Ҷарроҳ афтод ва ӯро ба ҳузури худ хост ва гуфт: Бо ишон бирав ва дар миёни онҳо дар мавзӯъе, ки ихтилоф намудаанд, ба ҳақ ҳукм кун. Ман бо худ гуфтам, ки ин фазилатро Абуубайда соҳибӣ кард.

Абуубайда танҳо амин набуд, балки дар паҳлӯи амонатдорӣ аз зӯр ва қувва низ бархӯрдор буд ва ин нерӯмандии вай дар чандин ҷой дида шудааст. Вақте Расули Худо (с) ҷамоъае аз асҳоби худро барои пешгирии корвони Қурайш фиристод, Абуубайдаро ба сифати амири онон муқаррар дошт ва дар халтае барои онон хурмо тӯша дод. Ва ғайр аз ин, чизе наёфт, ки барои ишон медод. Ҳазрати Абуубайда ба ҳар як аз ҳамсафарони худ рӯзе як дона хурмо аз он медод ва ҳар кадом он хурморо ба сони тифл, ки синаи

модар мемакад, онро мемакиданд ва баъд бар он об менӯшиданд ва ин як дона хурмо онҳоро то шабашон кифоят мекард.

Дар рӯзи Уҳуд вақте мусалмонон шикаст хӯрданд ва мунодии мушрикон фарёд мезад, ки Муҳаммадро ба ман нишон диҳед, Муҳаммадро ба ман нишон диҳед. Абуубайда яке аз онҳое буд, ки дар атрофи ҳазрати Расули Худо (с) истода ва бо синаи хеш найзаҳои мушрикинро аз вай дафъ мекард. Вақте ҷанг ба поён расид ва дандони муборак шаҳид шуд ва ҷабинаш маҷрӯҳ гардид ва дар рухсорааш ду ҳалқа аз ҳалқаҳои зиреҳ фурӯ рафт, ҳазрати Абубакри Сиддиқ бар вай рӯ овард ва хост онро аз рухсораш берун кунад, аммо Абуубайда ба вай гуфт: Туро ба Худо қасам, ки ин корро ба ман бигузор. Ҳазрати Абубакр хости вайро пазируфт. Абуубайда аз он тарсид, ки агар ин ҳалқаҳоро ба дасти худ аз рухсори вай бикашад, шояд сабаби озори ҳазрати Расули Худо (с) гардад. Лизо бо дандони худ сахт онро фишурд, то он, ки тавонист яке аз ин ҳалкаҳоро берун кашид ва дандонаш низ ҳамроҳ бо он берун шуд.

Баъд ба дандони дигар ба ҳалқаи дуввумӣ шурӯъ кард. Ин ҳалқаро низ берун кашид ва ҳамроҳ бо он ин дандонаш низ берун шуд. Ҳазрати Абубакр гуфт: Абуубайда дар дандон шикастан аз беҳтарин мардум буд. Ҳазрати Абуубайда аз замоне, ки шарафи сӯҳбатро ҳосил кард, то вақте, ки вафот ёфт, дар ҳама ғазавот бо ҳазрати Расули Худо (с) ҳузур дошт. Дар рӯзи бани Сақифа рӯзе, ки мусалмонон ба ҳазрати Абубакр байъат намуданд, ҳазрати Умар ибни Хаттоб ба Абуубайда гуфт: Дастатро бидеҳ, ки ба ту байъат кунам. Чун ман аз ҳазрати Расули Худо (с) шунидам, ки мегуфт: Барои ҳар уммате амонатдоре аст ва амонатдори уммати ман туӣ. Ҳазрати Абуубайда гуфт: Ман ҳаққи онро надорам дар пеши рӯи касе пеш шавам, ки ҳазрати Расули Худо (с) ӯро амр кардааст, ки барои мо намоз диҳад ва то вақте, ки он ҳазрат вафот ёфт, вай моро намоз додааст. Ва баъд аз он ба Абубакри Сиддиқ байъат кард ва Абуубайда барои вай беҳтарин

мушовир ва насиҳатгар ва беҳтарин ёвар буд, ки ӯро ёрӣ медод. Баъд вақте ҳазрати Абубакр хилофатро ба ҳазрати Форуқи аъзам вогузошт, Абуубайда бо камоли адаб ва ихлос аз вай итоат ва фармонбардорӣ намуд ва дар ҳеҷ амре бо вай сари мухолифат накушод, магар як бор. Медонӣ, ки ин як бор аз кадом амри халифа сарпечӣ намуд? Ин сарпечӣ аз амри халифа вақте рух дод, ки Абуубайда ибни Ҷарроҳ дар сарзамини Шом буд ва қумандонии сипоҳи мусалмононро ба ӯҳда дошт ва пирӯзиҳоро яке баъди дигаре насиб мегардид, то он ки тавонист ҳама сарзамини Шомро тасарруф намояд ва фатҳ кунад. Вай дар ин футуҳот аз тарафи шарқ то Фурот ва аз тарафи шимол то Осиёи Сағир расид...

Дар чунин вақт бемории вабо чунон дар сарзамини Шом роҳ ёфт, ки қаблан назири онро надида буданд. Ин бемори ҳама мардумро дар коми худ фурӯ мебурд. Дар ин вақт буд, ки ҳазрати Умари Форуқ номаи оҷиле ба ин шарҳ ба вай фиристод: "Барои ман ҳоҷате пеш шудааст, ки вуҷуди ту дар ҳоли он зарурӣ аст. Агар ин номаам шаб бароят расад, дар интизори фаро расидани субҳ мабош ва агар дар рӯз бароят расад, рӯзро бегоҳ макун ва алалфавр маркаби худро савор шав ва назди ман ҳозир шав". Вақте Абуубайда номаи ҳазрати Форуқро мутолиа кард, гуфт: Донистам, ки амирулмӯъминин ба ман чӣ ниёзе дорад. Вай мехоҳад касеро боқӣ нигоҳ дорад, ки боқӣ монданӣ нест ва баъд ба вай номае ба ин шарҳ навишт: "Эй амирулмӯъминин, ман донистам, ки ба ман чӣ ҳоҷате дорӣ ва ман дар миёни сипоҳи мусалмонон ҳастам ва нафсам рағбати он надорад, ки худро аз мусибате, ки ба ишон мерасад, нигоҳ дорад ва намехоҳам, ки аз онон ҷудо шавам, то он ки Худованд қазо ва ҳукми худро дар миёни мо ва онҳоро ба сар расонад. Вақте ин номаам ба ту расад, маро аз ин тасмими худ маъзур дор ва бароям дар ин ҷо иҷозаи иқомат деҳ". Вақте ҳазрати Умар (р) номаи вайро қироат кард, ашки чашмонаш фурӯ рехт. Атрофиёнаш ба вай гуфтанд: Оё мусибате пеш омадааст, эй амирулмӯъминин? Оё Абуубайда

вафот ёфтааст? Фармуд: На, аммо дар остонаи марг қарор дорад.

Гумони Форуқ (р) беҷо нарафт, чун дере нагузашта, ки Абуубайда ба бемории вабо гирифтор шуд. Вақте вафоташ наздик шуд, ба лашкараш насиҳат кард ва гуфт: Ман ба шумо насиҳате дорам, агар ба ин насиҳатам гӯш диҳед ва онро пазиред, хайр ва некӯӣ ҳамеша бо шумо ҳамроҳ хоҳад буд ва он ин ки: Намозатонро барпо доред ва рӯзаи моҳи шарифи Рамазонро бигиред ва садақа диҳед ва ҳаҷ ва умра кунед ва якдигарро ба хайр насиҳат кунед. Насиҳати амиронро бишунавед ва ба онҳо хиёнат накунед ва набояд дунё шуморо фирефта созад, зеро инсон агар ҳазор сол ҳам умр бихӯрад, боз ҳам ногузир ба ин сарнавиште, ки феълан ман ба он мубтало ҳастам, дучор хоҳад шуд. Ва салому алайкум ва раҳматуллоҳ. Ва баъд рӯ ба сӯи Муъоз ибни Ҷабал намуда, гуфт: Эй Муъоз, имоматии мардумро ту ба дӯш гир. Баъд дере нагузашта, ки рӯҳи поки мутаҳҳараш аз тани шариф ва покаш ҷудо шуд. Ҳазрати Муъоз аз ҷой бархост ва гуфт: Эй мардум, шуморо даргузашти чунон абармарде дар мотам нишондааст, ки қасам ба Худо, ба ёд надорам, ки мардеро ба ин паймонадорӣ, ҷонфидоӣ, бекинӣ, оқибатандешӣ, дурнигарӣ ва хайрхоҳӣ мардум дида бошам. Бар вай дуъо ва раҳмат фиристед, Худованд шуморо раҳмат кунад.

## АБДУЛЛОҲ ИБНИ МАСЪУД

Дар он рӯзгоре, ки даъвати Ислом тоза оғоз шуда буд, Абдуллоҳ ибни Масъуд писарбачаи ҳанӯз дар синни балоғат қадам нагузошта буд. Вай дар доманаи кӯҳҳои Макка дур аз мардум гӯсфандони яке аз сарони Қурайшро, ки Уқба ибни Муъайт ном дошт, ба чаро мебурд. Мардум ӯро ба номи “Ибни уми Абд” мехонданд, вале номи аслиаш Абдуллоҳ ва номи падараш Масъуд аст. Ин писарбача хабари даъвати ҳазрати Расули Худо (с)-ро, ки тоза дар миёни қавмаш оғоз шуда буд, мешунид, вале ба он иҳтимом намекард ва ин амр аз як сӯ ба иллати хурдсолиаш ва аз сӯи дигар ба иллати дуриаш аз мардуми Макка ва машғулияташ ба чаронидани гӯсфандон буд. Чун вай одат карда буд, ки субҳгоҳон барвақт рамаро ба чаро бибарад ва шомгоҳон баргардад. Дар яке аз рӯзҳо ин писарбача аз дур ду марди миёнсолро дид, ки қадам мегузоранд ва осори виқор ва шахсият дар онҳо таҷалӣ дорад ба сӯи вай равонанд. Хастагӣ онҳоро сахт ранҷ медод ва ташнагӣ бар онҳо ғалаба ёфта буд, тавре ки лабҳо ва ҳалқҳояшон аз ниҳояти ташнагӣ хушкида буд. Вақте ин ду мард ба назди ин писарбача расиданд, бар вай салом доданд ва гуфтанд: Эй писарбача, барои мо аз ин гӯсфандонат чизе бидӯш, то ба воситаи он ташнагии худро бишканем ва рагҳои худро тар созем. Писарбача гуфт: Чунин кореро нахоҳам кард, ин гӯсфандон аз они ман нест ва ман бар он амонатдор ҳастам.

Ин ду тан ҳарфи вайро нохуш талаққӣ накарданд, балки баръакс аз ин қавли вай осори ризо ва рағбат дар ишон дида шуд. Баъд яке аз ишон ба вай гуфт: Барои мо гӯсфандеро нишон деҳ, ки ҳанӯз қучқор нарафта бошад. Ин писарбача ба гӯсфанде, ки қариби вай буд, ишора намуд. Мард ба он

гӯсфанд наздик шуд ва онро гирифт ва дар ҳоле, ки номи Худо бар вай мехонд, шурӯъ ба молидани пистони он намуд. Писарбача бо тааҷҷуб ин ҳолатро менигарист ва бо худ мегуфт: Оё мумкин бошад гӯсфанде, ки ҳанӯз қучқор нарафта бошад, шир диҳад? Аммо дере нагузашт, ки пистони гӯсфанд оҳиста-оҳиста калон шуда рафт ва аз он шири зиёд таровид ва берун шуд. Марди дигарӣ санги зарфгунаеро гирифт ва онро пур аз шир сохт ва ҳар ду аз он шир нӯшиданд ва баъд аз он ба ман низ пешкаш карданд ва маро ба ин корашон, ки ба чашми сар онро тамошо мекардам, боварам намеомад. Вақте ҳама аз шири он хуб сер ва сероб шудем, ин марди муборак ба пистони гӯсфанд гуфт: Ба ҳолати аслиат баргард. Пистон хурд шуда рафт, то он ки ба ҳолати аввалии худ баргашт. Дар ин вақт ба ин марди муборак гуфтам: Аз ин қавле, ки хондӣ, ба ман таълим деҳ. Ба ман гуфт: Ту писарбачае ҳастӣ, ки ба ту таълим дода шудааст.

Ин буд оғози ҳикояти Исломи Абдуллоҳ ибни Масъуд (р). Ин марди муборак ҳамоно ҳазрати Расули акрам (с) ва ёраш ҳазрати Абубакри Сиддиқ (р) буд. Ишон аз касрати азият ва озоре, ки Қурайш дар ин рӯз ба онҳо дода буд, ба доманаҳои кӯҳи Макка берун шуда буданд. Ҳамон тавре, ки ин писарбача ин марди карим ва ёрашро дӯст дошт ва ба ин ду алоқа гирифт, инҳо низ амонатдорӣ ва сидқи ин ғуломро сутуданд ва дар вай умеди хайр намуданд. Дере нагузашт, ки Абдуллоҳ ибни Масъуд мусалмон шуд ва тақозои хизмати ҳазрати Расули Худо (с) намуд. Ҳазрати Расули Худо (с) талаби ӯро пазируфт ва ӯро дар хизмати худ гирифт ва аз ҳамин рӯз сар карда вай ифтихори хизмати беҳтарин сардори оламиёнро касб кард ва аз чӯпонии гӯсфанд ба хизмати Расули Худо (с) шарафёб гардид. Ҳазрати Абдуллоҳ ибни Масъуд бо ҳазрати Расули Худо (с) ҳамнишинон ихтиёр намуд ва ӯро дар ҳазар ва сафар, дар дохили хона ва хориҷи он ҳамроҳӣ мекард. Чун ба хоб мерафт, бедораш мекард ва чун ғусл менамуд, барояш парда мегирифт. Вақте мехост берун равад, кафшҳо ба пояш мекард ва чун мехост дохил шавад, кафшҳояшро аз пояш мекашид

ва асо ва мисвокашро бармедошт ва чун дохили утоқаш мешуд, ӯро ҳамроҳӣ менамуд. Балки ҳазрати Расули Худо (с) барои вай иҷоза дода буд, ки ҳар вақте ки бихоҳад, бидуни кадом хараҷ ва таклиф ба ҳузураш дохил шавад ва аз асрораш воқиф гардад, то он ҷое, ки вайро соҳиби сари Расули Худо (с) номидаанд.

Абдуллоҳ ибни Масъуд дар хонаи ҳазрати Расули Худо (с) тарбия ёфт ва ахлоқ ва одати ӯро омӯхт ва авсоф ва шамоили ӯро дар худ зинда сохт ва дар ҳар одат ва хислат аз вай пайравӣ мекард, то он ҷое, ки дар васфи вай гуфтаанд: Вай дар ахлоқ ва ҳайат ва дар ибодат ва нусук аз наздиктарини мардум ба Расули Худо (с) ба шумор мерафт. Ҳазрати Абдуллоҳ ибни Масъуд дар мадрасаи нубувват дарс омӯхта ва дар миёни саҳоба аз қоритарин мардум ба Қуръон ва фақеҳтарини ишон ба фаҳми он ва олимтарини ишон ба аҳкоми шаръ буд. Барои исботи ин матлаб достони мардеро бояд шунид, ки ба ҳузури халифа ҳазрати Умар ибни Хаттоб, ки дар Арафот истода буд, омад ва гуфт: Эй амиралмӯъминин, ман аз Куфа омадаам ва дар он ҷо касеро гузоштаам, ки Қуръонро аз ҳифзи худ бар мардум менависад. Ҳазрати Умар аз шунидани ин сухан сахт барошуфт ва гуфт: Бало бар сарат биборад, ин чӣ касе аст? Гуфт: Вай Абдуллоҳ ибни Масъуд аст. Вақте ҳазрати Умар номи вайро шунид, оҳиста-оҳиста хашм ва ғазабашро фурӯ бурд ва баъд гуфт: Ба ёд надорам, ки дар ин асру замон касе монда бошад, ки ба ин кор сазовортар аз вай бошад ва ман бароят ӯро муаррифӣ хоҳам намуд, ки ӯ чӣ касе аст. Шабе ҳазрати Расули Худо (с) ва ҳазрати Абубакр дар амри мусалмонон ба ҳам гарми сӯҳбат буданд ва ман он шаб бо ишон будам. Баъд ҳазрати Расули Худо (с) берун шуд ва мо низ аз пайи ӯ баромадем. Ногаҳон дар масҷид мардеро ёфтем, ки истода намоз мехонад. Мо ӯро нашинохтем, ҳазрати Расули Худо (с) истода, ба вай гӯш мекард ва баъд рӯ ба сӯи мо намуда гуфт: Касеро хуш ояд, ки Қуръонро тоза ба ҳамон ҳолати нузулаш бихонад, ба қироъати Амулабд гӯш ниҳад...

Баъд Абдуллоҳ ибни Масъуд нишаст ва шурӯъ ба дуъо намуд ва ҳазрати Расули Худо (с) ба ӯ мегуфт: Савол кун, ки бароят дода мешавад. Савол кун бароят дода мешавад. Баъд ҳазрати Умар изофа намуда гуфт: Ман бо худ гуфтам: Қасам ба Худо, фардо назди Абдуллоҳ ибни Масъуд рафта ва ӯро ба ин амр мужда хоҳам дод, ки ҳазрати Расули Худо (с) ба дуои ту омин мегуфт. Чун субҳ шуд, назди ӯ рафта, ба вай мужда додам. Дарёфтам, ки ҳазрати Абубакр қабл аз ман сабқат ҷуста ва рафта ва ӯро мужда додааст. Илму дониши Абдуллоҳ ибни Масъуд ба китоби Аллоҳ ба ҳадде расида буд, ки вай мегуфт: Қасам ба Зоте, ки мабъуде ҷуз ӯ нест, ҳеҷ ояте аз китоби Аллоҳ нест, магар он, ки медонам дар куҷо ва дар ҷӣ маврид нозил шудааст ва агар бидонам, ки касе бештар аз ман ба китоби Аллоҳ олимтар аст ва маркаб ба он ҷо расида битавонад, аз пайи вай хоҳам рафт. Абдуллоҳ ибни Масъуд ин ҳарфи худро муболиға накардааст. Ҳазрати Умар ибни Хаттоб дар яке аз сафарҳои хеш дар шаби тирае бо корвон рӯ ба рӯ мегардад, ки ҳеҷ якдигариро дида наметавонанд ва дар ин корвон Абдуллоҳ ибни Масъуд буд. Ҳазрати Умар касеро амр кард, ки ишонро фарёд занад, ки аз куҷоянд? Абдуллоҳ ҷавоб дод: Аз водии Амиқ. Ҳазрати Умар гуфт: Қасди куҷо доред? Абдуллоҳ ҷавоб дод: Қасди Байти Атиқ дорем.

Ҳазрати Умар бо худ гуфт, ки ҳатман ҳамроҳ бо ин корвон марди олим аст ва мардеро амр кард, ки онҳоро фарёд занад, ки кадом бахши Қуръон азимтар аст? Абдуллоҳ ҷавоб дод: **«Аллоҳу ло илоҳа илло ҳувал ҳайюл қайюм ло таъхузуҳу синатун ва ло навм».** Ҳазрати Умар гуфт: Ишонро фарёд зан, ки кадом бахши Қуръон ҳикмати бештар дорад? Абдуллоҳ ҷавоб дод: **«Инналлоҳа яъмуру бил адли вал эҳсон ва итои зил қурбо».** Ҳазрати Умар гуфт: Ба ишон фарёд зан, ки кадом ояи Қуръон ҷомеътар аст? Абдуллоҳ ҷавоб дод: **«Фаман яъмал мисқола зарратин хайран яраҳ ва ман яъмал мисқола зарратин шаран яраҳ»**. Ҳазрати Умар гуфт: Ба ишон фарёд зан, ки кадом оят тарсонандатар аст? Абдуллоҳ гуфт: **Лайса биамоникум вало амони аҳлил китоб. Ман яъмал суъан юҷза биҳи ва ло**

**ячиду лаҳу мин дуниллоҳи валиян ва ло насиро»**. Ҳазрати Умар гуфт: Ба ишон нидо деҳ, ки дар кадом оят раҷои бештар аст? Абдуллоҳ гуфт: **«Қул ё ибодиял-лазина асрафу ъало анфусиҳим ло тақнату мин раҳматиллоҳи, инналоҳа яғфиру-з-зунуба ҷамиъан. Иннаҳу ҳувалғафуру-р-раҳим»**. Ҳазрати Умар гуфт: Ба ишон нидо деҳ, ки оё Абдуллоҳ ибни Масъуд дар миёни шумо ҳаст? Гуфтанд: Бале ҳаст.

Абдуллоҳ ибни Масъуд танҳо қорӣ ва олим ва обид ва зоҳид набуд, балки бо ин ҳама сифоти вай марди боҳашамат ва боазму муҷоҳид низ буд. Вақте мушкиле пеш меомад, аз ҳама пештар бар он сабқат мегирифт...

Ин сифат ӯро кофист, ки вай аввалин мусалмонест, ки аввалин бор баъд аз ҳазрати Расули Худо (с) Қуръонро ба садои баланд хондааст. Рӯзе асҳоби Расули Худо (с) дар Макка ҷамъ шуда буданд ва дар он вақт ҷамъияташон хеле кам буд ва бо ҳам гуфтанд: Қасам ба Худо, Қурайш то кунун Қуръонро бо овози баланд нашунидааст. Оё касе ҳаст, ки Қуръонро бо овози баланд ба самъи онҳо бирасонад? Абдуллоҳ ибни Масъуд гуфт: Ман ба ин кор омодаам. Гуфтанд: Мо аз бераҳмии онон бар ту метарсем, ки азияте ба ту мерасонанд. Мо мехоҳем касе бошад, ки дорои қавм ва хешутабор бошад, ки аз вай дифоъ кунанд ва натавонанд ба вай осебе расонанд. Абдуллоҳ гуфт: Ба ман иҷоза диҳед, Худованд аз ман дифоъ хоҳад кард ва маро дар ҳимояти худ нигаҳ хоҳад дошт. Чун фардо шуд, ба масҷидулҳаром рафт ва дар чошти рӯз дар ҳоле, ки бузургони Қурайш пиромуни Каъба нишаста буданд, дар мақоми ҳазрати Иброҳим (а) омад ва бо садои баланд ба хондани Қуръон шурӯъ кард: **Бисмиллоҳир раҳмонир раҳим. Арраҳмону ъалламал Қуръон Халақал инсона ъалламаҳул баён.** Ва ба хондан идома дод. Чун Қурайш ба тааммул ба хондани вай гӯш ниҳоданд, гуфтанд: Ин Амиабд чӣ мегӯяд? Ҳалок бод вай, вай ҳамон калимотро мехонад, ки Муҳаммад онро овардааст. Баъд ба сӯи вай бархостанд ва ба лату кӯби вай пардохтанд ва ӯ пайваста ба қироати худ идома медод.

Баъд дар ҳоле, ки хун аз сару рӯи вай мерехт, ба сӯи ёрони худ рафт. Ба ӯ гуфтанд: Мо аз ин амр бар ту метарсидем. Гуфт: Қасам ба Худо, душманони Худоро ҳеҷ вақт дар чашми худ залил наёфтам, чунончи ки ин бор залил ёфтам. Агар қабул надоред, фардо низ чунин хоҳам кард. Гуфтанд: На, чунин накун. Ҳамин туро кофист, ки Қуръонро бо вуҷуди шунидан нахостанашон ба гӯшашон расонидӣ. Ҳазрати Абдуллоҳ ибни Масъуд то даврони хилофати ҳазрати Усмон (р) зиндагӣ намуд. Вақте бемор шуд, бо ҳамон беморӣ аз дунё рафт. Ҳазрати Усмон ба аёдати вай омад ва гуфт: Аз чӣ шикоят дорӣ?

Гуфт: Аз гуноҳонам менолам.

Гуфт: Иштиҳо ба чӣ дорӣ?

Гуфт: Иштиҳо ба раҳмати Парвардигорам.

Гуфт: Чӣ мешавад, дастур диҳем, то бахшишҳоеро, ки солҳо аз гирифтанаш бидоштӣ, бароят бидиҳанд?

Гуфт: Ба бахшишҳоят эҳтиёҷ надорам.

Гуфт: Баъд аз маргат ба дарди духтаронат хоҳад хӯрд.

Гуфт: Оё аз ин тарсӣ, ки духтаронам ба фоқа гирифтор хоҳанд шуд? Ман ба онҳо амр намудаам, ки ҳар шаб сураи Воқеъаро бихонанд. Ва ман аз ҳазрати Расули Худо (с) шунидаам, ки мегуфт: Касе, ки сураи Воқеъаро ҳар шаб бихонад, ҳаргиз ба фоқа мубтало намегардад. Чун шаб фаро расид, дар ҳоле, ки забонаш ба зикри Аллоҳ ва оёти Қуръон машғул буд, доъии аҷалро лаббайк гуфт ва ба рафиқи аъло пайваст. Разияллоҳу анҳум ва ъанно ҷамиъан.

# САЛМОНИ ФОРСӢ

Ҳикояти ин бахши мо қиссаи саҳобии гиромиқадр, ҳазрати Салмони Форс (р) аст, ки аз пайи дарёфти ҳақ талош варзидааст ва мо акнун риштаи суханро ба худи вай медиҳем, то саргузашти Ислом овардани худро ба мо ҳикоят кунад, Салмон гуфт: Ман ҷавони асптозе аз аҳли Исфаҳон будам, аз қарияе, ки ба номи "Ҷайян" маъруф аст, падарам аз руасои деҳқонон буда ва марди сарватманд ва соҳиби ҷоҳу мақом буд. Аз вақте ки Худованд маро офарид, падарам маро хеле дӯст дошт ва ба ман таваҷҷӯҳ ва инояти беш аз ҳад дошт ва ин муҳаббати вай бо гузашти ҳар рӯз дар вай афзуда мешуд. То ҷое, ки маро аз берун шудан аз хона ба мисли духтарони наврас бозмедошт. Ман муддати замонеро дар оташпарастӣ сипарӣ кардам ва то андозае дар ин бора мавриди эҳтироми мардум қарор гирифтам, ки масъулияти умури оташпарастиро ба ман вогузоштанд ва амри афрӯхтани оташро бар ӯҳдаи ман гузоштанд ва шабу рӯз оташ лаҳзае хомӯшӣ надошт. Падарам марди заминдори бузурге буд ва аз ин роҳ ғаллаи зиёде насибаш мешуд ва худ шахсан бар заминҳояш сарпарастӣ менамуд ва ғаллаи онро ҷамъоварӣ мекард. Дар яке аз рӯзҳо барои вай коре пеш омад ва натавонист, ки ба қария биравад ва гуфт: Фарзандам имрӯз барои ман коре пайдо шуда ва наметавонам, ки бар сари заминҳоям расидагӣ кунам. Ту имрӯз ба ҷои ман бирав ва кори онро сарпарастӣ намо. Ман ба қасди заминҳои хештан берун шудам ва дар асное, ки ба сӯи заминҳои худ равон будам, гузарам ба каниса афтод, ки масеҳиён дар он машғули ибодат буданд ва садояшон ба гӯшам расид. Ин амр таваҷҷӯҳамро ба худ ҷалб намуд.

Ман қабл аз ин аз дини насроният ва адёни дигар чизе намедонистам. Чун падарам маро муддати зиёд дар хона мисли

ҳабс нигоҳ дошта буд ва аз мардум дур будам ва чизеро намедонистам. Вақте бодиққат ба онҳо нигаристам, намозашон маро хуш омад ва дар ман рағбат ва майл ба динашон пайдо шуд ва бо худ гуфтам, қасам ба Худо, ин дин аз ойини мо беҳтар аст. Ман аз онон ҷудо нашудам, то он ки офтоб ғуруб кард. Дар он рӯз ба заминҳои падарам нарафтам. Баъд ман аз ишон пурсидам: Асли ин оин дар куҷост? Гуфтанд: Дар сарзамини Шом. Вақте шаб фаро расид, ба хонаи худ баргаштам. Падарам бо ман рӯ ба рӯ шуд ва аз кайфияти корам дар заминҳо пурсид. Гуфтам: Падар, маро гузар ба мардумоне афтод, ки дар каниса ибодат мекарданд ва дину оинашон мавриди писандам воқеъ шуд ва то вақте ки офтоб ғуруб кард, бо ишон будам. Падарам аз шунидани ин ҳарф нороҳат шуд ва гуфт: Фарзандам, дар оини ишон хайре нест. Дини ту ва аҷдодат аз дини онҳо беҳтар аст. Гуфтам: На, ҳаргиз. Қасам ба Худо, дини онҳо аз дини мо беҳтар аст. Падарам аз ин ҳарфи ман сахт дар ҳарос афтод ва аз он бим намуд, ки аз дини худ бармегардам ва аз ин рӯ маро дар хона ҳабс кард ва завлона ҳам ба поям намуд. Вақте бароям фурсат муяссар гашт, хабар ба насоро фиристодам ва ба ишон гуфтам, ки агар кадом қофила назди шумо биёяд, ки ба сӯи сарзамини Шом қасди сафар дошта бошад, ба ман хабар диҳед.

Дере нагузашт, ки қофила бар онҳо омад, ки қасди сарзамини Шомро дошт. Ба ман аз он хабар доданд. Бо ҳилае тавонистам завлонаро аз поям дур кунам ва пинҳонӣ аз хона берун шудам ва бо ишон якҷо шудам, то он ки ба сарзамини Шом расидам ва дар он ҷо бо худ гуфтам: Дар ин ҷо аз аҳли ин ойин инсони хуберо суроғ доред? Гуфтанд: Усқуф, сарпарасти каниса. Назди вай омадам ва ба вай гуфтам: Маро ба дини насрониат рағбат дар дил афтода ва ман дӯстдори онам, ки бо ту бошам ва хидмати ту кунам ва бо ту ибодати Худо ба ҷо орам.

Гуфт: Бисёр хуб биё. Назди вай рафтам ва худро дар хидмати вай вақф кардам. Баъд дере нагузашт, ки дарёфтам вай инсони хубе нест. Ӯ пайравонашро ба додани садақа ва касрати савоби он тарғиб медод ва чун барояш аз мол ва

матоъ чизе медоданд, то онро дар роҳи Худо ба харҷ расонад, барои худ меандӯхт ва барои фуқаро ва масокин аз он чизе намедод, то он ки ҳафт кӯза тилло барои худ ҷамъ намуд. Вақте ин кори вайро дидам, ӯро сахт бад гирифтам. Баъд дере нагузашта, вай бимурд. Вақте насоро барои дафни вай ҷамъ шуданд, ба онҳо гуфтам: Ин дӯсти шумо марди хубе набуд. Вай шуморо ба додани садақа тарғиб менамуд. Вақте ба ӯ чизе медодед, онро барои худ меандӯхт ва аз он барои бенавоён ва фақирон чизе намедод.

Гуфтанд: Ин суханро аз куҷо донистӣ?

Гуфтам: Ман шуморо ба ганҷинааш роҳнамоӣ мекунам.

Гуфтанд: Бисёр хуб, ба мо ганҷинаи вайро нишон деҳ. Ман ҷойи ганҷинаашро нишон додам ва онро аз он берун карданд. ки дар ҳафт кӯза тилло ва нуқра ҷамъ карда буд.

Вақте онро диданд, гуфтанд: Қасам ба Худо вай ҳаққи дафн карданро надорад. Баъд вайро ба салиб овехтанд ва сангсораш карданд. Баъд дере нагузашт, ки марди дигареро ба ҷойи вай муқаррар карданд ва бо вай ҳамнишин шудам. Ман ҳеҷ якеро дар зуҳд аз дунё ва алоқамандӣ ба охират ба мисли вай надида будам. Вай шаб ва рӯзро ба ибодат ба сар мебурд. Аз ин рӯ, ӯро сахт дӯст доштам ва замони тӯлониро бо вай гузаронидам. Чун вақти маргаш фаро расид, ба вай гуфтам: Эй фалон, баъд аз худ маро ба чӣ касе васият мекунӣ ва бароям чӣ амре менамоӣ, ки баъд аз ту бо чӣ касе бошам? Гуфт: Ҳеҷ касро намебинам, ки бар шеваи ман равон бошад. Магар фалон шахсро, ки дар Мавсил аст ва чизе аз дини масеҳро табдил ва таҳриф накардааст ва ба вай бипайванд. Вақте ин дӯстам бимурд, ба шахсе, ки дар Мавсил маро ба он раҳнамоӣ намуда буд, пайвастам. Вақте ба ҳузури вай даромадам, қисса ва саргузашти худ ба вай намуда, гуфтам: Фалон шахс дар ҳангоми маргаш ба ман васият намуд, ки ба ту бипайвандам ва ба ман гуфт, ки танҳо туӣ, ки бар дини ҳақ боқӣ мондаӣ ва бар он тамассук менамоӣ. Вай гуфт: Назди ман иқомат кун. Назди вай иқомат намудам, дидам ки марди хубе аст. Баъд вай низ дере нагузашта, ки вафот ёфт. Вақте чун маргаш фаро расид, ба ӯ гуфтам: Эй бандаи Худо, чунончи

мебинӣ, қазои илоҳӣ бар сарат расидааст ва қисса ва саргузаштам низ ба ту хуб равшан аст. Баъд аз даргузашти худ маро ба чӣ касе тавсия мекунӣ? Бо чӣ касе бошам? Гуфт: Эй фарзандам, қасам ба Худо, ки ҳеҷ касро ба мисли худ дар ин диёр намебинам. Магар фалон шахсро, ки дар Насибайн (сарзамине дар Туркия) аст, ба вай бипайванд.

Вақте вайро ба хок дафн карданд, назди он дӯст, ки дар Насибайин ба ман муаррифӣ намуда буд, рафтам ва саргузашти худро ба вай якояк ҳикоят кардам ва васияти ин дӯсти охируззикрро низ ба вай гуфтам. Ба ман гуфт: Назди мо иқомат кун. Назди вай иқомат намудам. Дидам, ки вай низ ба сони ду дӯсти қаблиаш инсони хубе аст. Ин шахс ҳам дере нагузашт, ки қазои илоҳӣ бар сари вақташ расид. вақти лаҳзаи маргаш фаро расид. Ба вай гуфтам: Қисса ва саргузаштам ба ту маълум аст, баъд аз худ маро ба чӣ касе васият мекунӣ? Гуфт: Эй фарзандам, қасам ба Худо фикр намекунам, ки дар ин диёр касе бар ин шева, ки мо ҳастем, боқӣ монда бошад. Магар шахсеро мешиносам, ки дар Амурия аст ва фалон ном дорад, ба вай бипайванд. Ба вай пайвастам ва саргузаштам ба вай ҳикоят намудам. Вай гуфт: Назди мо бимон. Назди вай иқомат кардам. Ин шахс мисли дӯстони қаблиаш инсони хуб ва марди нек буд. Ман дар назди вай чанд сар гов ва гӯсфанд ба даст овардам. Боз дере нагузашт, ки ин шахс низ мисли ёрони қаблиаш дар бистари марг афтод. Ба ӯ гуфтам: Баъд аз худ маро ба чӣ касе васият мекунӣ? Ва чӣ васияте бар ман дорӣ? Гуфт: Қасам ба Худо, эй фарзанд, фикр накунам, ки дар рӯи замин касе монда бошад, ки ба шевае, ки мо дорем, Худоро ибодат кунад. Аммо замони он фаро расидааст, ки дар сарзамини Араб Паёмбаре мабъус мешавад, ки пайравии дини Иброҳим (а)-ро менамояд ва баъд ба сарзамини хурмоӣ, ки дар миёни ду сарзамини гарм воқеъ шудааст, ҳиҷрат мекунад ва ӯро нишонаҳоест равшан, ки аз ҳеҷ як пӯшида намемонад. Ӯ мардест, ки ҳадяро мехӯрад ва садақаро тановул намекунад ва дар миёни ду шонааш мӯҳри нубувват аст. Агар тавонӣ, ки худро ба ин диёр расонӣ, маътал накун.

Баъд доъи аҷалро лаббайк гуфт ва баъд аз вай муддатеро дар Амурия ба сар бурдам, то он ки гузари ҷамъе аз тоҷири Араб, ки аз қабилаи “Калб” буданд, бар он ҷо афтод. Ба онҳо гуфтам: Агар маро бо худ ба диёри Араб расонед, ин говҳо ва гӯсфандонамро ба шумо медиҳам. Гуфтанд: Бале, қабул дорем ва чунин хоҳем кард. Ман молҳоямро ба онҳо додам ва маро бо худ оварданд. Вақте ба водии Қуро расидем, ба ман хиёнат карданд ва маро ба марди яҳудие фурӯхтанд. Ман дар хидмати ин марди яҳудӣ ба сар бурдам. Баъд дере нагузашт, ки писари амакаш аз Бани Қурайза ба зиёрат ва дидори вай омад ва маро аз вай харидорӣ намуд ва бо худ ба Ясриб бурд ва дарахтҳои хурморо, ки ин дӯстам дар Амурия бароям аз он ёдовар шуда буд ва Мадинаро бо сифатҳое, ки вай намуда буд, дарёфтам. Ҳамон буд, ки бо ин яҳудӣ дар ин шаҳр иқомат намудам. Ҳазрати Паёмбар (с) дар ин вақт дар Макка қавми худро даъват мекард. Аммо ман аз зиёдатии машғулият, ки ғуломӣ ба дӯшам гузошта буд, ҳарфе аз вай шунида натавонистам. Баъд дере нагузашт, ки ҳазрати Расули Худо (с) ба Ясриб ҳиҷрат намуд. Қасам ба Худо, ки ман бар сари дарахти хурмои хоҷаи худ машғули кор будам ва хоҷаам дар зери ин дарахт нишаста буд. Ногаҳон писари амакаш омад ва ба ӯ гуфт: “Худованд Бани Қайла (яъне Авс ва Хазраҷро) ҳалок кунад. Қасам ба Худо, онҳо ҳамакнун дар Қубо ба гирди марде, ки аз Макка омада ва муддаъии унубувват аст, ҷамъ шудаанд.

Ҳамин ки ин ҳарфи вайро шунидам, фикр кардам, ки гӯё маро таб гирифта бошад ва сахт ларзидам ва дар изтироб афтодам, то он ҳадде, ки фикр кардам, бар болои сари оқои худ хоҳам афтод ва аз ин рӯ саъй кардам, ки ҳарчи зудтар аз дарахт пойин шавам ва шурӯъ ба савол аз вай намудам, ки чӣ гуфтӣ? Хабаратро боз гӯ. Оқоям аз ин саволи ман сахт барошӯфт ва маро мушти сахте зад ва ба ман гуфт: Туро ба ин хабар чӣ кор? Ба кори худ баргард. Чун Шом шуд, қадре аз хурморо, ки ҷамъ намуда будам, бо худ гирифтам ва ба ҷойе рӯй овардам, ки Паёмбар дар он ҷо буд. Ба ҳузураш дохил шудам ва ба он ҳазрат гуфтам: Хабар шудам, ки ту марди солеҳ

ва некниҳоде ҳастӣ ва ёронат мардумони фақир ва ниёзманданд ва ин миқдор хурмое, ки бо худ овардам, онро барои садақа ҷамъ кардаам ва шуморо нисбат ба ҳар каси дигаре ба ин садақа сазовор ёфтам ва баъд онро ба ишон тақдим доштам. Ба ёрони худ гуфт: Бихӯред ва худ аз даст дароз кардан ба он худдорӣ намуд. Ба худ гуфтам, ин як нишона. Баъд баргаштам ва шурӯъ ба ҷамъ кардани баъзе хурмоҳои дигар намудам. Вақте ҳазрати Паёмбар (с) аз Қубо ба Мадина омад, назди вай рафтам ва барояш гуфтам: Ман туро дидам, ки садақаро намехӯрӣ ва ин ҳадя аст, ки шуморо ба он такрим намудам. Баъд аз он хӯрд ва ба ёрони худ амр кард, ки аз он бихӯранд. Бо худ гуфтам: Ин нишони дуввумӣ аст.

Баъд ба ҳузури Расули Худо (с), ки дар Бақеъи Ғарқад, машғули дафни як тан аз асҳобаш буд, омадам. Дидам, ки вай нишастааст ва ду чодаре бар шона дорад. Бар вай салом кардам. Баъд давр хӯрдам, то пушти вай бубинам, то шояд битавонам мӯҳри нубувватро, ки дӯстам дар Амурия ба ман гуфта буд, бубинам. Вақте ҳазрати Расули Худо (с) рағбатамро ба дидани пушти муборакаш дар ман мулоҳиза намуд, чодирашро аз пушти худ андохт ва мӯҳри нубувват дидам ва онро шинохтам ва худро бар вай андохта, бӯса намуда ва мегиристам. Ҳазрати Расули Худо (с) гуфт: Чӣ мехоҳӣ ва кистӣ? Ман қиссаи саргузашти худро якояк ба вай ҳикоят намудам ва аз он дар шигифт шуд ва ӯро хуш омад, ки ин достонро ба асҳобаш бишунавонам ва чунин низ кардам. Ишон низ аз шунидани ин саргузашт сахт дар ҳайрат афтоданд ва ниҳоят хушӣ ва сурур саропойи вуҷудашонро фаро гирифт. Салом бод бар Салмони Форс, ки дар ҳар ҷо ва ҳар макон аз пайи ҷӯстуҷӯи ҳақ равон буд. Салом бод бар Салмони Форс, ки рӯзе ҳақро шинохт ва онро пайравӣ кард ва содиқона ба он имон овард. Салом бод бар вай дар вақте ки аз дунё рафт ва вақте ки дубора барангехта мешавад.

# ИКРИМА ИБНИ АБУҶАҲЛ

Вақте ҳазрати Расули Худо (с) даъвати худро ошкор намуд, Икрима ибни Абуҷаҳл дар даҳаи саввум аз умри худ қарор дошт. Вай аз ашрофзодагони Қурайш ва аз соҳибони молу ҷоҳ ва азизтарини мардум аз рӯи насаб буд. Аз ин рӯ, вайро сазовор он буд, ки ба сони ҳамқаторонаш амсоли Саъд ибни Абиваққос ва Мусъаб ибни Умайр ва ғайра мусалмон шавад ва ба дини ҳақ гардан ниҳад. Медонед, ки ӯ писари чӣ касе аст? Ӯ писари сардори ҷобир ва ситамгари Макка ва сарвари ширк ва бутпарастӣ ва соҳиби азият ва озорест, ки Худованд тавассути вай мусалмононро дар марҳилаи озмуни шадид қарор дода ва ба шиканҷаҳо ва азобҳои вай, сидқи мӯъминонро биозмуд ва ишон аз ин имтиҳон комёб ва пирӯз баромаданд. Падараш Абуҷаҳл буд ва ҳамин ном дар муаррифии падараш кифоят кунад. Ин буд падараш, аммо худаш Икрима писари Абуҷаҳли Махзумӣ, яке аз қаҳрамонони камназир ва ҷанговарони номии Қурайш буд. Икрима ба ҳукми асабият ва сарварии падараш худро ногузир ёфт, ки дар баробари даъвати ростини ҳазрати Муҳаммад (с) истодагӣ кунад. Ҳамон буд, ки дар баробари вай сахт аз душманӣ кор мегирифт ва асҳоб ва ёронашро ба шакли аҷиб азият менамуд ва ба Ислом ва мусалмонон чунон зарбаи маҳкаме ворид мекард, ки дили падарашро сард месохт ва чашмашро равшан менамуд.

Вақте падараш дар ҷанги Бадр сарварии лашкари ширк ва бутпарастиро ба дӯш гирифт, ба Лот ва Узо қасам ёд намуд, то он, ки Муҳаммадро шикаст надиҳад ва дар Бадр то се рӯз хурсандӣ накунад ва шутурҳоро забҳ нанамояд ва сароядагон суруд нахонанд ва раққосон пойкӯбӣ накунанд ва ҷомҳои

шароб ба сар накашанд, барнахоҳад гашт. Вақте Абуҷаҳл сарварии ин ҷанг ба дӯш дошт, Икрима бозӯи фаъоли падараш буд. Вай ба шиддат аз ӯ дифоъ мекард ва сахт аз ҳарфҳояш итоат менамуд. Аммо Лот ва Узо ба дуъои Абуҷаҳл ҷавоби мусбат надод ва хостаҳояшро иҷобат нанамуд, чун ишон намешунаванд ва намебинанд ва на тавони баровардани ҳоҷат доранд. Ва онҳоро дар саҳнаи набард ёрӣ расониданд, чун муҷассамае беш нестанд. Ҳамон буд, ки Абуҷаҳл дар Бадр ба хок ва афтод ва саҳнаи қатли ӯро Икрима ба чашми сар мушоҳида намуд, ки найзаҳои мусалмонон ба хунаш оғӯшта шуда буд ва ба гӯши худ шунид, ки охирин фарёдаш аз лобалои даҳани пур аз хунаш баланд шуд. Икрима баъд аз он, ки ҷасади сардори номии Қурайшро дар Бадр пушти сар ниҳод ва ба Макка баргашт ва шикаст ба вай иҷоза надод, ки битавонад ҷанозаи падарашро ба Макка нақл диҳад ва дафн намояд. Ҳамон буд, ки мусалмонон ӯро дар Қалиб (номи чоҳест дар Бадр, ки ҷасадҳои мушрикинро дар худ ҷамъ дорад) андохтанд ва регҳоро ба рӯяш рехтанд.

Аз имрӯз сар карда бархӯрди Икрима бо Ислом ва мусалмонон шеваи дигар пайдо кард. Агар вай дирӯз ба ҳукми дифоъ аз падараш бо Ислом душманӣ мекард, баъд аз ин ба ҳукми интиқом аз падараш роҳи душманӣ дар пеш гирифтааст ва аз ин ҷо буд, ки Икрима ва онҳое, ки хешовандон ва наздикони худро дар Бадр аз даст дода буданд, талош ба харҷ доданд, то оташи интиқом ва душманиро дар дили мушрикон алайҳи Муҳаммад (с) барафрӯзанд, то он ки воқеъаи Уҳуд фаро расид. Икрима Ибни Абуҷаҳл ба ҷанги Уҳуд берун шуд ва ҳамроҳ бо вай ҳамсараш Умми Ҳаким низ ба ҷанг баромад, то дастае аз занонро, ки оташи интиқоми куштагонашон дар Бадр дар дилашон мавҷ мезад, роҳбарӣ намуда ва дар пушти сафи ҷанговарон истода ва бо навохтани дафҳо ва таблҳо ононро ба ҷанг ва интиқом ташвиқ кунанд ва онҳоро дар соҳаи набард ба субот ва пойдорӣ ташвиқ намоянд.

Лашкари Қурайш дар тарафи рости худ Холид ибни Валид ва дар тарафи чапи худ Икрима ибни Абуҷаҳлро қарор дод.

Лашкари Қурайш дар ин ҷанг субот ва қаҳрамонии аҷибе аз худ нишон доданд, ки ба баланддастии онҳо дар ҷанг алайҳи Муҳаммад (с) ва ёронаш тамом шуд ва барои мушрикин пирӯзии бузургро таҳқиқ бахшид, то он ҷо, ки Абусуфёнро водошт, то бигӯяд: Пирӯзии имрӯз, шикасти дирӯзи Бадрро ҷуброн намуд.

Дар рӯзи Хандақ мушрикин Мадинаро рӯзҳои тӯлонӣ дар муҳосираи худ гирифтанд, ки дар натиҷа он сабри Икрима ба сар омад ва аз ҳисори тӯлонии он дилтанг шуд ва саранҷом тасмим гирифт, ки аз тангие, ки дар Хандақ вуҷуд дошт, ҳамроҳ бо чанд тан убур бигузарад. Ҳамон буд, ки аспи худро тохт ва аз он гузар намуд ва афроде чанд низ аз пайи вай аз хандақ убур гузаштанд, ки бо муқовимати шадиди мусалмонон рӯ ба рӯ шуданд ва натиҷаи ин ҳамла он шуд, ки Амр ибни Абдивудди Омириро аз даст диҳанд ва Икрима роҳи фирор дар пеш гирад.

Дар рӯзи Фатҳ вақте Қурайш дарёфтанд, ки дар баробари сипоҳи мусалмонон имкони муқовимат вуҷуд надоранд, аз ин рӯ, ба хулосае омаданд, ки роҳашро ба сӯи Макка боз гузоранд ва матлабе, ки онҳоро ба чунин хулоса намудан водошт, ин буд, ки ишон дарёфтанд, ки Муҳаммад ба қумандонҳои худ дастур додааст, ки вақте дохили Макка шаванд, ҷуз ба онҳое, ки дар Макка бо ишон меҷанганд, ба дигарон коре надошта бошанд. Аммо Икрима ибни Абуҷаҳл ва ҷамъи дигаре ҳамроҳ бо вай баъд аз хулосаи Қурайш худро барои ҷанг омода сохтанд ва дар баробари лашкари мусалмонон сангар гирифтанд. Аммо Холид ибни Валид таи бархӯрди содда онҳоро шикаст дод ва тане чанд аз онҳо кушта шуд ва касоне, ки тавонистанд гурехтанд, роҳи фирор дар пеш гирифтанд ва дар ҷамъи он фирориён Икрима ибни Абуҷаҳл низ шомил буд. Дар чунин фурсате Икрима пушаймон шуд ва надомат кашид ва баъд аз он, ки Макка ба дасти мусалмонон афтод, Икрима натавонист дар он қарор гирад ва ҳазрати Расули Худо (с) онҳоеро, ки дар баробари вай ҷафо, хиёнат ва зулм намуда буданд, бахшид, ба ҷуз чанд тан, ки номи онҳо гирифта, дастур

дод, ки агар ба пардаи Каъба ҳам худро овезон кунанд, аз онҳо дарнахоҳад гузашт.

Дар сархатти ин рӯйхат номи Икрима ибни Абуҷаҳл буд ва аз ин лиҳоз тарсид ва оҳиста худро аз Макка берун сохт ва роҳи Яман дар пеш гирифт. Чун ҷуз Яман роҳи гурез надошт ва дар чунин фурсате Умми Ҳаким ҳамсари Икрима ва Ҳинд духтари Утба ҳамроҳ бо даҳ нафар аз занони дигар ба хонаи ҳазрати Расули Худо (с) рафтанд, то ба вай байъат кунанд. Вақте ба ҳузураш дохил шуданд, дар назди вай ду тан аз ҳамсаронаш ва духтараш Фотима ва заноне чанд аз хонаводаи Абдулмуталлиб ҳузур доштанд. Ва Ҳинд дар ҳоле, ки аз шарми ҳазрати Расули Худо (с) чодире ба рӯй кашида буд, ба сухан гуфтан оғоз намуд ва гуфт: Эй Расули Худо (с), сипос Худоеро, ки дини худро ғалаба бахшид. Ман аз ту дархост дорам, ки бо хешованди худ муомилаи нек кунӣ ва ман зани мусалмон ҳастам ва ба рисолатот имон дорам ва баъд ниқоб аз рӯй бардошт ва гуфт: Эй Расули Худо (с), ман Ҳинд духтари Утба ҳастам. Ҳазрати Расули Худо (с) фармуданд: Хуш омадӣ, Ҳинд гуфт: Эй Расули Худо (с) қасам ба Худо, ки дар рӯи замин ҳеҷ хонае назди ман маҳбубтар аз хонае набуд, ки туро ба зиллат кашонад ва ҳоло чунон шудаам, ки ҳеҷ хонае дар рӯи замин маҳбубтар назди ман аз ин нест, ки ба хонаи ту иззат расонад.

Ҳазрати Расули Худо (с) фармуд: Ва бештар аз ин низ.

Баъд Умми Ҳаким ҳамсари Икрима ибни Абуҷаҳл бархост ва исломи худро эълон намуд ва гуфт: Эй Расули Худо (с), Икрима аз тарси ту ба Яман фирор намуд, ки мабодо ба вай даст ёбӣ ва ӯро ба қатл расонӣ. Ба вай амн бидеҳ, Худо ба ту амн диҳад. Ҳазрати Расули Худо (с) фармуд: Ӯ дар амн аст.

Ҳамсараш аз ҳамон лаҳза ҳамроҳ бо писарбачаи румӣ, ки дошт, аз пайи Икрима баромад. Ва чун дар роҳ фосилаи дуреро паймуданд, ин писарбача аз вай тақозои ҳамхобагӣ намуд. Умми Ҳаким вайро фиреб дода рафт, то он ки ба деҳае аз деҳоти араб расид ва аз ишон дар бораи тақозои нодурусти ин писарбача кӯмак хост. Ишон ӯро гирифта бастанд ва назди

худ нигаҳ доштанд ва Умми Ҳаким ба роҳи худ идома дод, то он ки Икримаро дар назди соҳили баҳр дар минтақаи Тиҳома дарёфт, ки вай бо малоҳи мусалмоне саргарми гуфтугӯ буд, ки ӯро аз он ҷо нақл диҳад. Малоҳ ба ӯ мегуфт: Ихлос кун, то туро нақл диҳам. Икрима гуфт: Чӣ гуна ихлос кунам? Малоҳ гуфт: Бигӯ: Ашҳаду ан ло илоҳа иллаллоҳу ва анна Муҳамадан Расулуллоҳ. Икрима гуфт: Ман аз ин калима ба ин ҷо фирор намудам. Дар ҳоле, ки ҳардуяшон гарми ин гуфтугӯ буданд, ки Умми Ҳаким бар вай рӯ овард ва гуфт: Эй амузода, ман аз назди беҳтарини мардум ва нектарин ва хайрхоҳтарини мардум ба ин ҷо омадам. Ман аз назди Муҳаммад ибни Абдуллоҳ (р) омадам. Ман бароят аз вай тақозои амн намудам ва бароят амон дод ва беҳуда худро дар ҳалокат маяфкан.

Гуфт: Оё ту худ бо вай дар ин хусус сӯҳбат намудӣ?!

Гуфт: Бале, ман худ бо вай сӯҳбат кардам ва бароят амон дод ва ба ин тартиб пайваста вайро мутмаъин месохт, то он ки итминонаш ҳосил шуд ва ҳамроҳаш баргашт.

Баъд сухани он ғуломи румиашонро барояш ёдовар шуд ва чун ба он ҷо гузар намуд, ӯро ба қатл расонид ва дар ин асное, ки ишон дар мусофират буданд ва дар манзил фуруд омаданд, Икрима хост, ки бо ҳамсараш ҳамхобагӣ кунад, вале ҳамсараш аз ҳамхобии вай ба шиддат худдорӣ намуд ва гуфт: Ман зани мусалмонам ва ту мушрикӣ. Ин сухани вай шавҳарашро ба ҳайрат андохт ва гуфт: Ин дине, ки миёни ману ту ба ин ҳад ҳоил мегардад, дини олиқадр аст. Вақте Икрима ба Макка наздик шуд, ҳазрати Расули Худо (с) ба асҳобаш фармуд: Ба зудӣ Икрима ибни Абуҷаҳл мӯъмин шуда ва ҳиҷраткунон хоҳад омад. Лизо падарашро дашном надиҳед, зеро дашноми мурда зиндаро азият медиҳад ва ба мурда таъсире надорад. Дере нагузашт, ки Икрима ва ҳамсараш ба ҷое, ки ҳазрати Расули Худо (с) нишаста буд, омаданд. Вақте ҳазрати Расули Худо (с) вайро дид, аз шиддати сурур бидуни он, ки ридояшро ба шона андозад, ба сӯи вай бархост. Вақте ҳазрати Расули Худо (с) нишаст, Икрима дар пеши рӯяш қарор гирифта ва гуфт: Эй Муҳаммад (с), Умми Ҳаким ба ман гуфт,

ки гӯё ту ба ман амн додаӣ, оё ин хабар дуруст аст? Ҳазрати Расули Худо (с) фармуд: Дуруст гуфтааст, ту дар амн ҳастӣ. Икрима гуфт: Эй Муҳаммад (с), маро ба чӣ даъват мекунӣ?

Фармуд: Аз ту мехоҳам, ки шаҳодат диҳӣ ба ин, ки нест ҳеҷ маъбуде барҳақ, магар Аллоҳ ва ман фиристодаи Худо ҳастам ва ин, ки бар по дорӣ намозро ва бидиҳӣ закотро ва ба ин тартиб аркони имонро якояк барои вай баршумурд.

Икрима гуфт: Қасам ба Аллоҳ, ки даъват надодаӣ, магар ба ҳақ ва амр накардаӣ, магар ба некӣ. Баъд изофа намуда гуфт: Қасам ба Худо, қабл аз ин, ки маро ба ин амр даъват диҳӣ, ту ростгӯтарини мо ва хайрхоҳтарини мо будаӣ.

Баъд дасти худ дароз намуд ва гуфт: Ман шаҳодат медиҳам ба ин, ки нест ҳеҷ маъбуди барҳақ, магар Аллоҳ ва ин ки ту фиристодаи Худо ҳастӣ. Баъд гуфт: Эй Расули Худо (с), барои ман беҳтарин чизеро биёмӯз, то онро бигӯям. Фармуд: Бигӯ: **Ашҳаду ан ло илоҳа иллаллоҳу ва анна Муҳаммадан абдуҳу ва расулуҳу**.

Икрима гуфт: Боз чӣ гӯям? Фармуд: Бигӯ, ки ман Худо ва касонеро, ки дар ин ҷо ҳузур доранд, шоҳид мегирам ба ин, ки ман мусалмонам, муҷоҳидам ва муҳоҷирам ва Икрима инро из гуфт.

Дар чунин фурсате ҳазрати Расули Худо (с) фармуд: Имрӯз ҳеҷ чизеро аз ман савол нахоҳӣ кард, ки ба дигарон додаам, магар он ки онро барои ту низ хоҳам дод.

Икрима гуфт: Савол аз ту ин аст, ки барои ман аз ҳамон душманиҳое, ки бо ту кардам, мағфират хоҳӣ. Агар бо ту рӯ дар рӯй ҷангидам ва ё дар ғайб ва ҳузурат сухани носазо гуфтам. Ҳазрати Расули Худо (с) фармуд: Худоё, ӯро аз ҳар душманӣ, ки бо ман кардааст ва ё дар ҳар роҳ, ки ба қасди хомӯш сохтани нури ту гом бардоштааст, мағфират намо ва ӯро аз бадгӯӣ, ки дар ҳаққи ҳаримам дар ғоиб ва ё ҳузурам намудааст, бубахшо.

Аз ин дуо чеҳраи Икрима бишкуфт ва гуфт: Эй Расули Худо (с), агар қабл аз ин пули худро дар ҷиҳати боздоштан аз дини ту ба кор бастам ва барои ҷилавгирӣ аз густариши дини

ту қитол намудам, имрӯз чанд баробар онро дар роҳи ин оин ба кор хоҳам бурд ва чанд баробари он барои густариши ин дин ҷиҳод хоҳам намуд ва аз имрӯз сар карда қаҳрамони номӣ дар соҳоти қитол ба қофилаи доъиёни даъват пайваст. Ӯ аз обидон ва шабзиндадорони маъруф гашт ва китоби Аллоҳро дар масоҷид бисёр мехонд. Вай Қуръонро дар пеши рӯи худ мегузошт ва мегуфт: Китоби Парвардигорам, каломи Парвардигорам ва аз тарси Худо сахт мегирист. Икрима ба ваъдае, ки бо Паёмбари Худо (с) намуда буд, вафо кард ва баъд аз мусалмон шудан, мусалмонон ҳеҷ ҷангеро ба роҳ наандохтанд, магар он ки вай дар он ширкат намуд ва ҳеҷ дастаи амалиётиеро ирсол надоштанд, магар он, ки вай дар пешопешашон қарор дошт ва дар рӯзи Ярмук Икрима чунон ба ҷанг даромад, ки гӯё ташнае дар рӯзи гармо ба сӯи об дарояд. Вақте дар яке аз мавқифҳо, ҷанг бар мусалмонон сахт омад ва мусибат бар онон афзун гашт, Икрима аз аспаш фуруд омад ва ғилофи шамшери худро шикаст ва дар миёни суфуфи румиён даромад. Холид ибни Валид бошитоб худро ба вай расонид ва гуфт: Икрима, чунин макун, куштани ту бар мусалмонон зиёни бузургест ва бар онон сахт тамом мешавад, ки ту кушта шавӣ. Вай гуфт: Холид, маро бигузор, туро бо ҳазрати Паёмбар (с) собиқаест, аммо ман аз душманони сарсахти вай будам ва дар ҳаққи худ ҷафои бузургеро муртакиб шудам. Маро бигузор, ки бо ин ҷиҳод гузаштаҳои худро каффора кунам. Ман алайҳи Расули Худо (с) ҷангҳои зиёде кардам ва имрӯз аз муқобила бо румиён роҳи фирор дар пеш гирам? Ҳаргиз чунин нахоҳам кард.

Баъд дар миёни мусалмонон фарёд баровард: Чӣ касе то сарҳади марг бо ман байъат мекунад? Амакаш Ҳорис ибни Ҳишом ва Зирор ибни Азур ҳамроҳ бо чаҳорсад тан аз мусалмонон бо вай байъат намуданд ва дар наздики хаймаи Холид ибни Валид, ки маркази сарварӣ буд, сахт ҷангиданд ва мардонавор аз вай дифоъ карданд. Вақте ҷанг ба пирӯзии мусалмонон хотима ёфт, се тан аз муҷоҳидин дароз бар замин афтода буданд, ки шиддати захм онҳоро аз пой дароварда буд

ва ишон иборат буданд аз: Ҳорис ибни Ҳишом, Аёш ибни Абирабеъа ва Икрима ибни Абиҷаҳл. Ҳорис барои худ обе хост, то онро бинӯшад. Вақте ба вай об оварданд, дид ки Икрима ба сӯяш менигарад. Гуфт: Ин обро ба Икрима диҳед, чун обро ба вай тақдим доштанд, дид ки Аёш ба сӯи вай чашм дӯхтааст, гуфт: Ин обро ба вай тақдим доред. Вақте обро ба Аёш бурданд, дарёфтанд, ки вай падруди ҳаёт гуфтааст ва чун ба ин ду ҳамсангари дигарашон баргаштанд, диданд, ки ин ду низ зиндагиро тарк гуфтаанд. Худованд аз ҳамаашон розӣ бод ва аз ҳавзи Кавсар ишонро чунон сероб созад, ки ҳаргиз ташнагиро набинанд ва ҷаннати фирдавсро ҷойгаҳ ва макони онон гардонад.

# ЗАЙДУ-Л-ХАЙР

Мардум мисли маъдананд, ки соҳиби муруvвваташон ҳам дар ҷоҳилият ва ҳам дар Ислом соҳиби муруvвватанд. Мо дар зайл ду чеҳра аз як саҳобии гиромиқадрро пешкаш мекунем, ки якеро дар ҷоҳилият дошта ва дигареро дар Ислом. Ин саҳобии бузург ҳамоно Зайду-л-Хайр аст, ки мардум вайро дар ҷоҳилият ба ин ном мехонданд ва баъд аз он, ки мусалмон шуд, ҳазрати Расули Худо (с) ӯро Зайду-л-Хайр ном ниҳод. Аммо чеҳраи аввалии ӯро кутуби адаб ривоят намуда, мегӯянд: Шайбонӣ аз пирамарде аз қабилаи Бани Омир ҳикоят намуда, ки вай гуфт: Соли қаҳтӣ фаро расид ва зироат ва мевааш ҳама хушк шуданд. Дар натиҷаи ин хушксолӣ марде аз миёни мо ҳамроҳ бо аҳлу аёли хеш ба қасди Ҳира (шаҳрест дар Ироқ) тарки ватан гуфт. Чун ба он ҷо расид, аҳлу айёли худро гузошт ва ба онҳо гуфт: Дар ин ҷо ба интизори ман бинишинед, то он ки ба назди шумо баргардам. Баъд ба худ қасам ёд кард, ки ба назди ишон барнахоҳад гашт, то он ки чизе ба даст орад ва ё дар роҳи ба даст овардани мол зиндагии худро аз даст диҳад. Баъд андак хӯрданӣ бо худ тӯша гирифт ва рӯзи дароз роҳ рафт, то он ки чун шаб наздик шуда мерафт. Дар пеши рӯи худ хаймаеро дид ва дар қарибии хайма курраи аспро дид, ки баста шуда буд. Ба худ гуфт: Ин аввалин ғанимат хоҳад буд, ки бар он даст хоҳам ёфт ва ба сӯи он рӯ овард ва шурӯъ ба боз кардани гиреҳи он намуд. Ҳамин ки қасди бар он савор шудан кард, садоеро шунид, ки мегуфт: Ин куррароро бигузор ва ҷони худро шумор. Ҳамон буд, ки онро гузошт ва ба роҳи худ идома дод.

Баъд ҳафт рӯзи дигар сафар намуд, то он ки ба ҷое расид, ки дар он хобгоҳи шутурон буд ва дар канори он хаймаи бузург буд, ки қуббаи он аз пӯсте сохта шуда буд ва далолат бар он

дошт, ки соҳиби он марди ғанӣ ва сарватманд ва аз нозу неъмати зиндагӣ бархӯрдор аст. Ин мард бо худ гуфт: Ин хобгоҳ ҳатман шутурон хоҳад дошт ва ин хайма ҳам бекас нахоҳад буд. Баъд дар ҳоле, ки офтоб дар ҳоли ғуруб буда, ба ин хайма назар афганда дид, ки пирамарди кӯҳансол дар миёни он нишастааст. Омад ва дар пушти ин пирамард дар ҳоле, ки вайро намедид, нишаст. Дере нагузашт, ки офтоб ғуруб намуд. Баъд паҳлавони танумандe, ки ҳаргиз мисоли вайро надидааст, бар аспи баландпушт савор ва ду ғулом аз тарафи росту чапаш қарор доранд ва сад шутуре, ки дар пешопеши он шутури бузург ва сиёҳ равон аст, омад. Шутури сиёҳ зону зада хобид ва бақияи шутурҳои дигар низ ба атрофи он зону зада, хобиданд. Дар ин вақт ин паҳлавон ба яке аз ғуломонаш гуфт: Ин як шутурро бидӯш ва ишора ба яке аз шутурҳои чоқ ва фарбеҳ намуд ва шири он ба ин пирамард бидеҳ. Он ғулом шутур бидӯшид, то он ки зарфе, ки дар даст дошт, пур аз шир шуд ва онро дар пеши рӯи пирамард гузошт ва худ аз вай канор гирифт. Пирамард аз ин шир як-ду ҷуръа нӯшид ва онро ба замин гузошт. Ин марде, ки дар пушти шайх пинҳон шудааст, гуфт: Оҳиста ба шикам худро назди шайх расонидам ва зарфи шир гирифтам ва ҳамаи он ба сар кашидам. Андаке баъд ғулом омад, ин зарф бигирифт ва гуфт: Эй оқо, ин пирамард ҳамаи ин шир нӯшидааст. Паҳлавон хушҳол шуд ва гуфт: Ин шутури дигарро низ бидӯш ва шири он дар пеши рӯи пирамард гузор. Ғулом амри оқо ба ҷо овард ва чунин кард. Ин бор пирамард аз он як ҷуръа ба сар кашид ва онро ба замин гузошт. Ин бор низ зарфи ширро гирифтам ва нисфи он нӯшидам ва бақияро аз биму он ки дар дили ин паҳлавон шак ва тардид дар ин амр эҷод нашавад, боз гузоштам.

Баъд ин паҳлавон, ғуломи дигари худро амр кард, ки гӯсфандеро забҳ кунад. Ғулом амрро ҷо овард ва гӯсфандро кушт ва ин паҳлавон аз ҷой бархост, бархе аз онро барои ин пирамард кабоб кард ва ба дасти худ онро ба вай дод. Вақте ин пирамард сер шуд, баъд худ ва ғуломонаш ба хӯрдан шурӯъ намуданд. Дере нагузашт, ки ҳар кадом ба хобгоҳашон рафтанд ва ғарқи хоб шуданд. Дар чунин фурсате ман ба сӯи

ин шутури сиёҳ рӯй овардам ва зимомаш кушудам ва бар он савор шудам ва ба роҳ афтодам. Бақияи шутурҳо низ аз пайи вай шуданд ва шабро роҳ паймудам. Чун шаб рӯз шуд, ба ҳар сӯ нигаристам, то бубинам касе аз пай маро таъқиб дорад ё не. Дидам, ки ҳеҷ касе нест. Боз ба суръати худ афзудам, то он ки чошти рӯз шуд. Боз ба ақиби худ нигаристам, дидам ки мавҷуде ба мисли зоғ ва ё паррандаи бузурге ба чашм мехӯрад. Вай ба ман наздик шуда мерафт, то он ки шинохтам ин сиёҳӣ аспсавор аст, ки ба сӯи ман меояд ва чун наздик шуд, донистам ки вай ҳамон ёри имшаби мост, ки ба хотири ҷустуҷӯи шутураш омадааст. Дар чунин фурсате шутурро бастам ва тире аз тирдон кашидам ва онро дар камон кардам ва шутурро дар пушти сар гузоштам. Ин паҳлавон дар фосилаи дуртар истод ва гуфт: Зимоми шутур бикшо. Гуфтам: Ҳаргиз чунин нахоҳам кард. Ман дар пушти сари худ замони гуруснагиро дар Ҳира гузоштаам ва қасам ёд намудаам, ки ё барои ишон чизе мерасонам ва ё он, ки дар пайи ҳусули он ҷон медиҳам.

Гуфт: Ту мурда ҳастӣ, зимоми шутур бикушо ва худро дар ҳалокат маяфкан.

Гуфтам: Ҳаргиз зимоми шутур нахоҳам кушод.

Гуфт: Ҳалок шавӣ, ту инсони мағрур менамоӣ.

Баъд гуфт: Зимоми шутур, ки дар он се гиреҳ буд, овезон соз. Баъдан аз ман хост, ки кадом як аз ин гиреҳҳоро, ки хоста бошӣ, интихоб кун, то онро ҳадаф қарор диҳам. Ман гиреҳи бастаро бароям нишон додам. Вақте тирро ба сӯи он андохт, чунон дар ин гиреҳ нишаст, ки гӯӣ ба дасти худ онро дар он насб намуда бошӣ ва ба ҳамин тартиб ду гиреҳи дигарро низ ба нишон гирифт. Дар ин вақт буд, ки ман тире, ки аз тирдонам берун намуда будам, дубора онро ба ҷояш гузоштам ва худро ба вай таслим намудам. Вай ба ман наздик омад ва шамшер ва камон аз ман бигирифт ва гуфт, ки дар ақибам савор шав. Ман дар пушти сари вай савор шудам. Ба ман гуфт: Ба гумони ту бо ту чӣ хоҳам кард?

Гуфтам: Бадтарин гумон.

Гуфт: Чаро?

Гуфтам: Ба хотири коре, ки худ анҷом додам ва туро дар

таклиф ва машаққат гузоштем ва акнун Худованд туро бар ман зафар бахшид.

Гуфт: Оё гумон мебарӣ, ки ман ба ту азияте хоҳам расонд, дар ҳоле, ки бо Муҳалҳил (яъне падараш) дар таъом ва нӯшиданиаш ширкат намудӣ ва имшабро дар ҳамроҳии вай ба сар бурдӣ?!

Вақте номи Муҳалҳилро шунидам, гуфтам: Оё ту Зайду-л-Хайл нестӣ?

Гуфт: Бале.

Гуфтам: Ту асиргирандаи хубе ҳастӣ.

Гуфт: Боке надорад ва маро ҳамроҳ бо хештан ба ҷойи худ бурд ва гуфт: Қасам ба Худо, агар ин шутур аз ман мебуд, онро ба ту медодам. Аммо ин шутур аз яке аз хоҳаронам аст. Чанд рӯз дар ин ҷо сабр намо, ман тасмими ҳамлаеро дорам. Имкон дорад, ки аз он ғанимате ба даст орам. Се рӯз аз ин амр сипарӣ нашуда буд, ки вай бар қабилаи бани Нумайр шабохун зад ва аз он тақрибан сад шутурро ба ғанимат гирифт. Ин ҳамаро ба ман дод ва касонеро ҳам аз сӯи худ бо ман ҳамроҳ сохт, то ба хайр ва офият ба Ҳира бирасам.

Ин буд чеҳраи Зайд дар даврони ҷоҳилият. Аммо акнун ба чеҳраи вай дар Ислом назар афканем, то бубинем, ки китобҳои сират дар бораи вай чӣ навиштаанд. Вақте хабари ҳазрати Расули Худо (с) паҳн шуд ва Зайду-л- Хайр онро шунид ва ба бахше аз аҳдоф ва матолиби даъвати вай пай бурд, маркаби худро омода сохт ва сарон ба бузургони қабилаи худро ҷамъ кард, то ба зиёрати ҳазрати Расули Худо (с) ӯро ҳамроҳӣ кунанд. Ҷамъи зиёде аз қабилаи Тай, ки дар ин ҷумла Зир убни Сиддо ва Молик ибни Ҷубрай ва Омир ибни Ҷувайн ва ғайра шомил буданд, ҳамроҳи вай ба роҳ афтоданд. Вақте ба Мадина расиданд, ба сӯи масҷиди Набавии шариф рӯй оварданд ва шутурони худро бар дарвозаи он хобониданд. Тасодуфан дар вақти қудумашон ҳазрати Расули Худо (с) аз болои минбар бар мусалмонон хутба ирод менамуд. Суханонаш ишонро дар ҳайрат андохт ва шефтагии мусалмонон ва гӯш ниҳодани ишон ба вай онҳоро дар тааҷҷуб афганд. Вақте ҳазрати Расули Худо (с) онҳоро бидид, дар

хутба ба мусалмонон фармуд: Ман ба шумо аз Узо ва аз ҳар чӣ, ки парастиш мекунед, беҳтарам. Ман ба шумо аз ин шутури сиёҳ, ки ба ғайри Аллоҳ онро парастиш мекунед, беҳтарам...

***

Суханони ҳазрати Расули Худо (с) дар нафси Зайду-л-Хайр ва ёронаш таъсири мухталиф гузошт. Баъзеи онҳо ба ҳақ сар ниҳода ва ба он рӯ оварданд ва бархеи дигар аз он рӯ гардониданд ва эътироз намуданд ва кибру ғурур варзиданд.

Аммо Зир ибни Судусӣ вақте дид, ки ҳазрати Расули Худо (с) дар чунин як мавқифи дилангезе қарор дорад, ки дилҳои мӯъмин ба Худо ӯро дар иҳота гирифта ва чашмҳои муҳаббатомези ёронаш ба вай дӯхта шудааст, оташи ҳасад дар дилаш афрӯхта гардид ва хавфу ҳарос дар қалбаш афтод ва баъд ба ҳамроҳонаш гуфт: Ман касеро мебинам, ки гардани ҳамаи арабҳоро молик хоҳад шуд. Қасам ба Худо, ҳаргиз ба вай иҷоза нахоҳам дод, ки молики гардани ман низ шавад. Баъд рӯ ба сӯи сарзамини Шом ниҳод ва сари худро тарошид ва насронӣ шуд.

Аммо Зайд ва бархе аз ҳамроҳонаш сурати дигар доштанд. Ҳамин ки ҳазрати Расули Худо (с) хутбаро тамом кард, Зайду-л-Хайр дар миёни ҷамъияти мусалмонон ба по хост ва бо садои баланд фарёд зад ва гуфт: Эй Муҳаммад (с), шаҳодат медиҳам ба ин, ки ҷуз Аллоҳ ҳеҷ маъбуди барҳақ нест ва ту Паёмбари Худо (с) ҳастӣ. Ҳазрати Расули Худо (с) ба вай рӯ овард ва гуфт: Ту кистӣ? Гуфт: Ман Зайду-л-Хайр, фарзанди Муҳалҳил ҳастам. Ҳазрати Расули Худо (с) ба вай гуфт: На, балки Зайдул Хайл ҳастӣ. Сипос Худоро, ки туро аз даштҳо ва кӯҳҳоят ба ин ҷо овард ва қалбатро барои қабули Ислом нарм сохт. Вай баъд аз он рӯз ба номи Зайду-л-Хайр ёд мешуд.

Баъд ҳазрати Расули Худо (с) дар ҳоле, ки ҳазрати Умар ибни Хаттоб ва ҷамъе аз асҳоб бо вай буданд, ӯро ба хонааш бурд. Чун ба хона расиданд, ҳазрати Расули Худо (с) такяеро барояш гузошт, то бар он такя кунад ва бар вай душвор афтод, ки дар ҳузури ҳазрати Расули Худо (с) такя кунад ва такяро канор гузошт ва ҳазрати Расули Худо (с) онро дубора барояш мегузошт ва ин амал то се бор такрор ёфт. Ҳазрати Расули

Худо (с) ба Зайду-л-Хайр гуфт: Ҳаргиз чунин нашудааст, ки касеро бароям сутуда бошанд ва баъд ӯро баробар бо ҳамон сифот, ки шунидаам, ёфта бошам, магар он ки ӯро камтар аз он чи, ки шунидаам, ёфтаам, магар туро, ки бо ҳамон сифот, ки шунидаам, баробар ёфтам. Баъд ба вай гуфт: Эй Зайд, дар ту ду хислат аст, ки Худо ва Расулаш онро дӯст медорад.

Гуфт: Чӣ хислатҳое эй Расули Худо (с)?

Фармуд: Гузашт ва бурдборӣ.

Гуфт: Ситоиш Худойрост, ки маро маҳбуби худ ва Паёмбараш гардонидааст ва баъд рӯ ба сӯи ҳазрати Расули Худо (с) намуд ва гуфт: Эй Расули Худо (с), сесад паҳлавони мубориз ба ман бидеҳ ва ман кафолат медиҳам, ки бо ин теъдод бар сарзамини Рум ҳамла менамоям ва онҳоро шикаст медиҳам. Ҳазрати Расули Худо (с) ин ҳиммати ӯро сутуд ва ба вай гуфт: Эй Зайд, чӣ қадар инсони пурхайре ҳастӣ. Ту аз кадом табақа инсон ҳастӣ?! Баъд ҳамроҳ бо Зайд ҳамаи онҳое, ки аз қавмаш ӯро ҳамроҳӣ менамуданд, мусалмон шуданд.

Вақте Зайд ҳамроҳ бо ҳамсафаронаш азми бозгашт ба диёри худ намуд, ҳазрати Расули Худо (с) бо вай видоъ намуда гуфт: Ин чӣ гуна инсон аст? Агар вай аз вабои Мадина ҷон ба саломат бубарад, чӣ қадар шаъни бузург хоҳад ёфт ва Мадинаи Мунаввара дар ин вақт гирифтори бемории вабо ва табларза буд. Зайду-л-Хайр Мадинаро ҳанӯз тарк нагуфта буд, ки табларза ӯро дарёфт ва ба ёронаш гуфт: Маро ба ватани Қайс бубаред. Дар миёни мо ва онҳо ихтилофот аз ҳамоқатҳои ҷоҳилӣ буд. Қасам ба Худо, то вақте, ки зинда ҳастам, бо ҳеҷ як мусалмон нахоҳам ҷангид. Бовуҷуди он ки шиддати таб бар вай афзуда мерафт. Зайд ба роҳи худ ба сӯи диёри хеш дар Наҷд идома медод. Ӯ орзӯи он дошт, ки ба қавми худ бирасад ва онҳоро ба Ислом даъват намояд ва тавассути вай Худованд онҳоро ба Ислом ҳидоят намояд. Аммо вай аз пайи ин орзу ва марг аз пайи вай бо ҳам дар мусобиқа буданд ва дере нагузашт, ки марг ба суроғаш расид ва дар миёни роҳ доъии аҷалро лаббайк гуфт ва дар миёни Ислом ва марг чандон фосила нагузашта буд, ки дар он муртакиби гуноҳе гардад...

## АДЙ ИБНИ ҲОТИМИ ТОЙӢ

Дар соли нуҳуми ҳиҷрӣ подшоҳе аз подшоҳони Араб баъд аз эърози тӯлонӣ ба Ислом гардан ниҳод ва шавқи имон дар дилаш роҳ ёфт ва баъд аз ғурур ва худписандӣ зимоми тоъат ва фармонбардорӣ ба дасти ҳазрати Расули Худо (с) дод. Ин шахс ҳамоно Адй ибни Ҳотими Тойӣ аст, ки падараш дар ҷуду сахо зарбулмасали мардум буд. Адй риёсатро аз падараш мерос бурд ва қабилаи Тай ӯро ба подшоҳии худ пазируфтанд ва барояш чоряки ғаниматҳоро доданӣ шуданд ва зимоми сарварӣ ба дасти вай супурданд. Вақте ҳазрати Расули Худо (с) даъвати ҳақро ошкор сохт ва деҳаҳои араб яке баъди дигар ба вай гардан ниҳод, Адй ибни Ҳотими Тойӣ дид, ки ин даъват оҳиста-оҳиста аз сарварӣ ва раёсати вай ва рафта-рафта онро аз байн мебарад. Аз ин рӯ, дар ҳоле, ки ӯро намешинохт, бо ҳазрати Расули Худо (с) сахт аз роҳи душманӣ пеш омад ва пеш аз он ки бубинад, ӯро бад гирифт. Вай тақрибан бист солро бар адоват ва душмании вай ба сар расонд, то он, ки Худованд дилашро ба қабули ҳақ ва пайравии ҳидоят гарм ва синаашро кушода сохт. Ислом овардани Адй ибни Ҳотим достоне дорад ва мо худи вайро мегузорем, то ин достонро барои мо ҳикоят кунед. Чун ӯ худ ин достонро хубтар ва беҳтар аз мо ривоят мекунад.

Адй гуфт: Ҳеҷ як аз арабҳо дар душманӣ ва кина бар ҳазрати Расули Худо (с) ба паймонаи ман намерасид. Ман марди шариф будам ва ба дини насроният мӯътақид. Ман дар миёни қавми хеш барои ҷамъи назр мерафтам ва чаҳоряк ҳисса аз ғаноимашонро ҷамъ карда, бо худ меовардам ва ин одати мулуки Араб буд.

Вақте аз ҳазрати Расули Худо (с) ва даъвати вай шунидам, ӯро бад гирифтам. Вақте кораш боло гирифт ва бар шавкаташ афзуда шуд ва сипоҳиёнаш дар Ҷазирату-л-Араб шурӯъ ба фатҳи диёри шарқ ва ғарб намуданд, ба ғуломам, ки вазифаи чаронидани шутурҳоямро ба дӯш дошт, гуфтам: Бароям аз миёни ин шутурон шутури чоқ ва хушрафторро омода соз ва онро дар наздики ман бибанд. Агар хабаре аз лашкари Муҳаммад (с) ва ё дастаҳои амалиётии вай шунидӣ, ки ба ин диёр рахна намудаанд, ба ман хабар деҳ.

Дар яке аз рӯзҳо ғуломам омад ва ба ман гуфт: Эй оқо, он чиро мехостӣ, ки дар вақти қудуми лашкари Муҳаммад дар сарзаминат анҷом диҳӣ, анҷом деҳ, ки омаданд.

Гуфтам: Чаро? Модарат дар азоят нишинад.

Гуфт: Ман парчамҳоеро ба чашм дидам, ки дар гӯшаву канори ин диёр ҷилва мекард. Аз он пурсидам, гуфтанд, ки ин лашкарҳои Муҳаммад (с) аст.

Ба вай гуфтам: Он шутуреро, ки туро ба омодасозии он амр намуда будам, бароям наздик соз. Баъд фавран аз ҷой бархостам ва аҳлу аёл ва авлоди худро барои ҳаракати фирор аз ин меҳани дӯстдоштаамон амр кардам ва босуръат ба роҳи худ ба сӯи Шом идома додам, то дар он ҷо бо аҳли дини хештан, ки ҳама насоро буданд, бипайвандам ва бо онҳо зиндагӣ кунам.

Шиддати хавфи вуруди лашкари мусалмонон маро чунон саросема сохт, ки натавонистам ба бозрасии ҳама аҳлу наздикони худ расидагӣ кунам. Вақте аз ҷойи хатар гузаштам ва донистам, ки дигар хатари лашкари Муҳаммад (с) маро таҳдид намекунад, ба бозҷӯии аҳлу хонаводаам пардохтам. Дидам, ки хоҳарам дар сарзамини Наҷд ҳамроҳ бо дигар наздиконам аз қабилаи Тай мондаанд. Ман чораи дигар барои бозгашт ва интиқоли онон бо худ надоштам ва ногузир бо ҷамъе, ки ҳамроҳам буд, ба роҳ идома додем, то он ки ба сарзамини Шом расидем ва дар ин ҷо дар миёни аҳли оилаам ба зиндагии худ идома додам. Аммо хоҳарам, он чи, ки дар бораи вай метарсидам ва аз он бим доштам, дар он воқеъ шуд.

Тавре, ки ба ман хабар расид, сипоҳиёни Муҳаммад (с) бар диёри мо ҳамла намуда ва хоҳарамро дар ҷумлаи касоне, ки ба асорат гирифторанд, асир сохта ва ба Ясриб бурдаанд ва дар он ҷо ӯро дар маҳваштаи (замине, ки атрофии он девор кашида шудааст) наздики дарвозаи масҷид нигаҳ доштаанд. Ҳазрати Расули Худо (с) аз назди вай гузаштааст. Вай аз ҷой бархоста ва гуфтааст: Эй Расули Худо (с), падарам даргузашт ва сарпарастам нопадид гашт. Худо бар ту миннат гузорад, бар ман миннат гузор.

Ҳазрати Расули Худо (с) фармуд: Сарпарасти ту кӣ буд? Гуфт: Адй ибни Ҳотим. Фармуд: Ҳамон касе, ки аз Худо ва Расулаш фирор карда? Баъд Расули Худо (с) ба роҳи худ рафт ва ӯро гузошт ва чизе нагуфт. Чун рӯзи дигар ҳазрати Расули Худо (с) бар вай гузар намуд, ин зан ба мисли ҳарфи қаблии худ изҳор дошт ва ҳазрати Расули Худо (с) низ ҳамон ҷавоби аввали худ бигуфт. Чун фардои дигар бар вай гузар намуд, ки ин зан хомӯш истод ва аз вай ноумед гашт ва чизе нагуфт. Касе аз пушти ҳазрати Расули Худо (с) ба ин зан ишора намуд, ки аз вай илтимос кунад. Ҳамин буд, ки аз ҷой бархост ва гуфт: Эй Расули Худо (с), падарам даргузашт ва сарпарастам овора гардид. Худо бар ту миннат гузорад, бар ман миннат гузор.

Ҳазрати Расули Худо (с) фармуд: Чунин хоҳам кард.

Ин зан гуфт: Ман мехоҳам ба аҳли худ дар Шом бипайвандам. Фармуд: Аммо ба рафтан ба Шом аҷала накун, то аз қавми худ касеро ёбӣ, ки мавриди эътимодат бошад ва туро ба он ҷо бирасонад ва ҳар гоҳ агар касеро ба ин сифат дарёфтӣ, ба ман иттилоъ деҳ.

Вақте ҳазрати Расули Худо (с) рафт, хоҳарам дар мавриди он мард, ки ба вай ишора намуда буд, ки аз ҳазрати Расули Худо (с) барои раҳоии хештан илтимос кунад, пурсид, ки ин шахс чӣ ном дорад. Ба ӯ гуфтанд, ки Алӣ ибни Абитолиб буд. Баъд муддате сабр намуд, то он ки қофилае омад, ки дар он нафари мавриди эътимодашро дарёфт. Вай ба ҳузури Расули Худо (с) омад ва гуфт: Эй Расули Худо (с), қофилае аз қавми

ман омадааст ва дар миёни ишон касест, ки ӯро марди амин ва мавриди эътимод медонам ва метавонад, ки маро ба аҳлам расонад. Ҳазрати Расули Худо (с) ба вай либос кард ва шутуре барояш бахшид, то бар он савор шавад ва масорифи роҳашро пардохт. Ҳамон буд, ки хоҳарам ҳамроҳ бо ин қофила берун шуд. Адий изофа мекунад: Баъд аз ин, ки ба ин диёр расидам, пайваста ахбор ва гузоришоти хоҳарамро пайгирӣ мекардам ва мунтазири қудуми омадани вай ба ин диёр будам. Ман тасаввур намекардам, ки Муҳаммад (с) ба ин андоза бо вай некӣ ва эҳсон менамояд ва аслан чунин як коре дар зеҳн ва фикри мо хутур намегузошт ва ахборе, ки дар ин бора барои мо мерасид, ба хотири ҷафое, ки ман дар ҳаққи вай намуда будам, онро дур аз воқеият мепиндоштам. Қасам ба Худо, рӯзе ман дар миёни аҳли хонаам нишаста будам, ногаҳон чашмам ба зане, ки дар маҳмил нишаста буд ва ба сӯи мо меомад афтод. Бо худ гуфтам: Ин зан духтари Ҳотим хоҳад буд. Чун наздик омад, дидам ки худи вай аст.

Вақте ба назди мо расид, пешдастӣ намуд ва гуфт: Эй бесилаи раҳм золим. Зан ва фарзанди худро гирифта, фирор намудӣ ва бақияи вобастагон ва номуси падарро гузоштӣ ва омадӣ.

Гуфтам: Эй хоҳарҷон, маро маломат макун ва бар ман итоб манамо ва бо ин тартиб саъй намудам, то хашму ғазаби ӯро фурӯ нишонам, то он ки вайро хушҳол сохтам ва баъд худ достони хешро бар ман ҳикоят намуд. Ба вай ки зани оқила ва боирода буд, гуфтам: Худат дар мавриди ин шахс (ҳазрати Расули Худо (с) чӣ назар дорӣ?

Гуфт: Ба назари ман, ҳарчи зудтар худро ба ин шахс бирасон. Агар нубувваташ рост буда бошад, фазилат аз он кас аст, ки дар қабули даъваташ сабқат ҷустааст ва агар вай подшоҳ бошад, шахсиятҳое чун ту ҳаргиз дар даргаҳаш зиллатро нахоҳад дид. Адй гуфт: Омодагии худ барои сафар гирифтам ва ба роҳи худ идома додам, то он ки ба ҳузури ҳазрати Расули Худо (с) дар Мадина расидам, бидуни он ки барои ман амон дода бошад ва ё номае фиристода бошад.

Танҳо ин қадар аз вай ба ман расида буд, ки вай дар бораам гуфта буд: Ман аз Худованд умедворам, ки дасташро ба дастам диҳад. Ва дар ҳоле, ки дар масҷид буд, ба ҳузураш дохил шудам ва салом додам. Гуфт: Эй мард, чӣ ном дорӣ? Гуфтам: Адй ибни Ҳотими Тойӣ. Аз ҷой бархост, ба сӯям омад ва дастам бигирифт ва ба хонааш бурд. Қасам ба Худо, дар асное, ки мо дар роҳ ба сӯи хонааш равон будем, пиразани заифе, ки тифли хурдсол ҳамроҳ дошт, бо ӯ рӯ ба рӯ шуд ва пиразан вайро нигоҳ дошт ва дар бораи ҳоҷате, ки дошт, батафсил бо вай сухан гуфт. Ва ҳазрати Расули Худо (с) ба ҳарфҳояш гӯш ниҳод, то он ки ҳоҷаташро бароварда сохт ва ман истода будам, бо худ гуфтам: Қасам ба Худо, ин мард подшоҳ нест.

Баъд дастам бигирифт ва ба роҳи худ идома дод, то он ки ба хонааш расидем. Болиштеро, ки пӯшиш аз пӯст буд ва бо лифи хирмо пуршида буд, гирифт ва ба сӯи ман андохт ва бароям гуфт: Бар ин болишт биншин. Маро ҳаё омад ва гуфтам: Ҷаноб, худатон бар он биншинед. Гуфт: На, бояд ту бар он биншинӣ. Ман амрашро ба ҷо овардам ва бар он нишастам ва худи он ҳазрат бар замин нишаст, чун дар хонааш ғайр аз онро надошт. Боз бо худ гуфтам, подшоҳ ҳаргиз чунин нест. Баъд рӯ ба сӯям намуд ва гуфт: Оё ту рукуси набудӣ, ба дине ақида доштӣ, ки дар миёни насроният ва собиият буд?

Гуфтам: Бале.

Фармуд: Оё ту дар миёни қавмат барои ҷамъ кардани назрҳо намерафтӣ ва аз онҳо чизе намегирифтӣ, ки дар динат барои ту ҳалол набуд?

Гуфтам: Бале ва донистам, ки Паёмбари мурсал аст. Ба ман гуфт: Эй Адй, шояд монеъи пайвастанат ба ин оин фақир ва нодории мусалмонон бошад. Қасам ба Аллоҳ анқариб аст, ки пул ва сарват он қадар насиби онон гардад, ки касе ёфт нашавад, ки онро бигирад. Ва шояд, эй Адй, монеъи дохил шуданат дар ин дин ин бошад, ки теъдоди пайравони он кам ва теъдоди душманонашон зиёд аст. Қасам ба Аллоҳ, рӯзе фаро мерасад, ки бишнавӣ, ки зане савор бар шутури хеш аз

Қодисия сафар кунад ва зиёрати хонаи Каъба намояд ва дар роҳ ҷуз аз Худо дигар аз ҳеҷ чизе натарсад.

Шояд монеъи сартобиат аз пазириши ин дин ин бошад, ки подшоҳӣ ва салтанатро дар дасти ғайри мусалмонон мебинӣ ва қасам ба Аллоҳ, анқариб хоҳӣ шунид, ки қасрҳои сафеди сарзамини Бобул ба дасташон фатҳ гардад ва ганҷинаҳои Кисро ибни Ҳурмуз ба дасташон афтад.

Гуфтам: Ганҷинаҳои Кисро ибни Ҳурмуз?!

Фармуд: Бале, ганҷинаҳои Кисро ибни Ҳурмуз.

Адӣ гуфт: Дар чунин фурсате калимаи шаҳодат ба забон овардам ва мусалмон шудам.

Адӣ ибни Ҳотим (р) умри зиёде хӯрд. Вай мегуфт: Дутои Он таҳқиқ ёфт ва саввуми он боқист ва ин саввум ҳам ҳатман таҳқиқ хоҳад пазируфт. Ман ба чашми сар дидам, ки зане ба танҳоиаш аз Қодисия савор бар шутури худ берун мешуд ва то хонаи Каъба меомад ва аз ҳеҷ чизе дар арзи роҳ наметарсид ва ман худ дар пешопеши лашкаре будам, ки бар ганҷинаҳои Кисро ҳамла намуд ва онро тасарруф кард ва ба Худо қасам, ки саввуми он низ хоҳад омад ва таҳқиқ хоҳад пазируфт. Иродаи Худо ба он рафта буд, ки қавли Паёмбараш (с) ҷомаи амал пӯшад ва таҳқиқ пазирад. Пешгӯии саввумиаш дар замони хилофати ҳазрати Умар ибни Абдулазиз таҳқиқ ёфт. Тавре, ки амвол чунон бар мусалмонон сарозер гардид, ки мунодӣ фарёд мезад, ки мустаҳиқини закот омада, онро бигиред, касе набуд, ки барои гирифтани он пеш ояд. Ҳазрати Расули Худо (с) рост гуфт ва савганде, ки барои Адӣ ибни Ҳотим ёд намуда буд, амалӣ шуд.

## АБУЗАРИ ҒИФОРӢ

Дар водии Вадон, ки Маккаро бо ҷаҳони хориҷ васл месозад, қабилаи Ғифор зиндагӣ дошт ва ин қабила аз саромади ночизи корвонҳои тиҷоратӣ, ки аз тариқи он ба Шом рафтуомад доштанд ва барои ишон саховат мекарданд, ба зиндагии хеш идома медоданд ва чӣ басо агар бахшишашон мавриди писандашон қарор намегирифт, бар ин қофилаҳо шабохун мезаданд ва аз даромади он рӯз мегузаронданд. Ҷундуб ибни Ҷунода, ки ба кунияи Абузар маъруф аст, яке аз фарзандони ин қабила аст. Аммо вай бо хусусиятҳое чун шердилӣ ва ақли саршор ва дурандешӣ аз дигарон бартарӣ ёфтааст.

Вай аз ин бутҳое, ки қавмаш онро ба ҷуз Аллоҳ ибодат менамуданд, сахт дилтанг шуда буд ва онро аз ишон намеписандид ва мӯътақидоте, ки арабҳо дар бораи дин аз худ иҷод намуда буданд, бошиддат рад менамуд ва андеша ва ақоиди ононро ба боди масхара мегирифт ва онро беасос ва хилофи дин медонист.

Ӯ зуҳури Паёмбари ҷадидеро интизорӣ мекашид, то мардумонро аз ин вартаи ҳалокат ва нобудӣ наҷот диҳад ва фикр ва андешаи ононро аз зулматҳои ҷаҳлу нодонӣ ба рӯшноии илму дониш роҳбарӣ кунад.

Дере нагузашт, ки хабари зуҳури чунин Паёмбаре дар сарзамини Макка ба вай расид ва ба бародараш Анис гуфт: Эй бародар, ба Макка рав ва хабари ин шахс, ки муддаъии нубувват аст ва иддао дорад, ки аз осмон бар вай ваҳй нозил мешавад, бароям биёвар ва ба ҳарфҳояш гӯш фаро деҳ ва чизе аз онро ба ман нақл кун.

Анис ба Макка рафт ва бо ҳазрати Расули Худо (с) мулоқот намуд ва матолибе аз вай шунид ва баъд ба бодия баргашт. Абузар бо шӯру шавқ ӯро мулоқот намуд ва аз ахбори Паёмбари навзуҳур ӯро пурсид. Анис гуфт: Қасам ба Худо, ба марде мулоқот намудам, ки мардумро ба ахлоқи некӯ даъват менамояд ва каломе мегӯяд, ки ба шеър шабоҳате надорад.

Абузар гуфт: Мардум дар ин бора чӣ мегӯянд?

Гуфт: Мардум мегӯянд, ки вай ҷодугар аст, коҳин аст ва шоир аст.

Абузар гуфт: Қасам ба Худо, ту ташнагии маро рафъ накардӣ ва на ҳоҷати ман бароварда сохтӣ. Оё ту метавонӣ, ки сарпарастии зану фарзандонам намоӣ ва ҳоҷати онон бароварда созӣ ва ман худ шахсан назди вай биравам ва бубинам, ки ин чӣ гуна шахс аст?

Бародараш Анис гуфт: Бале, Ман омодаи чунин коре ҳастам. Аммо аз аҳли Макка ҳуш дор, ки ба мақсадат пай набаранд. Абузар тӯшаи роҳ бигрифту кӯзаи кӯчаке аз об бо худ бардошт ва фардои он ба қасди мулоқот бо Паёмбар ва иттилоъ аз ҳолати вай ба роҳ афтод. Абузар ба Макка расид ва сайъ намуд, то худро аз чашми аҳли он пинҳон дорад. Қаблан иттилоъ ёфта буд, ки Қурайш ба олиҳаи худ чӣ қадар ихлос доранд ва бо мухолифини Худоёнашон чӣ қадар инод меварзанд. То ҷое ки аз ҳеҷ гуна азият ва озори онҳое, ки мӯътақидоташонро хӯрда мегиранд, рӯгардон нестанд ва ба муҷарради ин ки бидонанд касе аз дини Муҳаммад (с) пайравӣ намудааст, ӯро ба садҳо навъ азияту озор мубтало месозанд ва ба ин лиҳоз вай нахост аз касе Муҳаммад (с)-ро суроғ намояд. Чун намедонад, ки ин шахс, ки аз вай суроғи Муҳаммад (с) менамояд, аз пайравони ӯст ва ё аз душманони вай.

Чун вақте шаб фаро расид, дар масҷид хобид. Ҳазрати Алӣ ба вай гузар намуда дид, ки марди мусофир аст. аз ин рӯ, ба вай гуфт: Эй мард, аз пайи ман биё. Абузар аз ҷой бархост ва аз пайи вай равон шуд ва шабро бо вай сипарӣ намуд. Вақте

шаб рӯз шуд, офтоба ва тӯшаи худро бардошт ва дубора ба масҷид омад, бидуни ин ки ин ду аз якдигар бипурсанд, ки чикораанд ва чӣ мехоҳанд. Баъд Абузар рӯзи дуввуми худро низ дар масҷид сипарӣ намуд. Бидуни он ки аз аҳволи Паёмбар (с) иттилоъ ҳосил кунад. Чун шаб фаро расид, ба гунаи шаби гузашта дар он ҷо хобид. Ин бор низ ҳазрати Алӣ бар вай гузар намуд ва ба ӯ гуфт: Оё замони он фаро нарасидааст, ки худро муаррифӣ намоӣ? Баъд ӯро гирифт ва бо худ бурд ва шаби дуввуми худро низ бо вай сипарӣ намуд ва ҳеҷ як аз дигаре чизе напурсид.

Вақте чун шаби саввум фаро расид, ҳазрати Алӣ барои ин меҳмони худ гуфт: Оё иҷоза медиҳӣ, ки аз ту бипурсам, ки омили омаданат ба Макка чӣ будааст? Абузар гуфт: Агар бароям аҳд диҳӣ, ки маро ба матлабам хоҳӣ расонд, ҳадафи худро бароят хоҳам гуфт. Ҳазрати Алӣ ба вай ваъда дод, ки чунин хоҳад кард.

Абузар гуфт: Ман аз диёри дуре ба қасди дидори касе омадаам, ки даъвои нубувват намудааст ва мехоҳам аз вай чизе бишнавам.

Аз шунидани ин ҳарфи вай чеҳраи ҳазрати Алӣ бишкуфт ва гуфт: Қасам ба Худо, ки вай Паёмбари ростин аст. Вақте шаб рӯз шуд, ту аз пайи ман биё. Агар дар роҳ бо чизе рӯ ба рӯ шудам ва аз он бароят эҳсоси хатар намоям, чунон меистам, ки гӯё об мерезам ва агар аз он хатар гузаштем, маро аз пай биё, то дар ҷое, ки ман дар он дохил шавам, аз пайи ман дохил шав. Дар ин шаб аз шиддати шавқу сурури мулоқот ва дидор бо ҳазрати Расули Худо (с) ва шавқи шунидани каломи Худо хоб бар мижаи Абузар роҳ наёфт. Чун субҳ шуд, ҳазрати Алӣ меҳмони худро гирифта ба назди ҳазрати Расули Худо (с) рафт ва Абузар аз пайи ӯ равон шуд ва ба чизе илтифоте накард, то он ки ба ҳузури ҷаноби сарвари коинот (с) дохил шуданд. Абузар гуфт: Ассалому алайка ё Расулаллоҳ. Ҳазрати Расули Худо (с) гуфт: Ваъалайка саломуллоҳи ва раҳматуллоҳи ва баракотуҳу.

Ба ин тартиб Абузар аввалин касе буд, ки ба ҳазрати Расули Худо (с) таҳияи Исломро тақдим намуд ва баъд аз ин таҳия ривоҷ ёфт ва ҳамагир шуд.

Ҳазрати Расули Худо (с) рӯ ба Абузар намуда ва ӯро ба Ислом даъват намуд ва оёте чанд аз каломуллоҳ бар вай қироат кард, дере нагузашт, ки Абузар калимаи ҳақ бар забон овард ва ҳамон лаҳза ба дини ҷадид дохил шуд ва ба ҳамин тартиб, Абузар чаҳорумини се тане аст, ки Ислом овардаанд ва ё панҷуми чаҳор тане аст, ки Ислом оварда буданд.

Ҳоло риштаи суханро ба худи Абузар медиҳем, то худ бақияи ин достонро ба мо ҳикоят намояд. Вай гуфт: Баъд аз он чанд рӯзеро дар Макка ба сар бурдам ва дар давоми он ҳазрати Расули Худо (с) Исломро ба ман таълим дод ва оёте аз Қуръонро ба ман омӯхт ва баъд ба ман гуфт: Ҳеҷ касеро дар Макка аз мавзӯъи мусалмон шуданат огоҳ насоз, чун аз он бим дорам, ки туро ба қатл расонанд.

Гуфтам: Қасам ба Зоте, ки ҷонам дар дасти ӯст, Маккаро тарк нахоҳам гуфт, то он ки ба Байтулҳаром рафта, садои ҳақро бо овози расо дар миёни қурайшиён эълон накунам. Ҳазрати Расули Худо (с) пас аз шунидани ин ҳарфҳо хомӯш монд.

Ба Масҷидулҳаром омадам, дар ҳоле, ки қурайшиён нишаста ва бо ҳам сӯҳбат доштанд, дар миёнашон истодам ва бо садои баланд эълом кардам, ки эй ҷамъи Қурайш, хуб бишнавед, ки ман шаҳодат медиҳам ба ин, ки нест ҳеҷ маъбуде, магар Аллоҳ ва Муҳаммад фиристодаи Худост. Вақте ин шаҳодат аз ман бишниданд, ҳама ваҳшатзада аз ҷой бархостанд ва гуфтанд: Ин мард собеъ шуда ва аз дини худ баргаштааст, ӯро ба кайфараш расонед. Ҳама ба ҷонам афтоданд ва пайваста маро лату кӯб мекарданд, то ба қатл расонанд.

Дар ин гирудор буданд, ки ногаҳон Аббос ибни Абдулмуталлиб амаки ҳазрати Расули Худо (с) ба фарёдам расид ва худро ба болоям андохт, то маро аз шарри онон халос кунад. Баъд рӯ ба онҳо намуда гуфт: Ҳалок шавед, оё касеро

ба қатл мерасонед, ки аз қабилаи Ғифор аст ва корвонҳои тиҷоратиатон аз онҷо мегузарад? Ӯро бигузоред ва аз дастдарозӣ ба вай худдорӣ намоед.

Вақте ба худ омадам, ба ҳузури ҳазрати Расули Худо (с) омадам, вақте маро ба ин ҳол дид, гуфт: Оё нагуфта будам, ки чунин накун ва аз эъломи Исломи худ худдорӣ намо?

Гуфтам: Эй Расули Худо (с), дар нафси худ эҳсосе доштам, онро бароварда сохтам.

Фармуд: Ба қавми худ баргард ва ба он чи, ки дидӣ ва шунидӣ, ишонро хабар деҳ ва онҳоро ба дини Аллоҳ даъват намо, то шояд Худованд тавассути ту ба онҳо нафъ расонад ва туро подоши нек диҳад.

Вақте хабар шудӣ, ки ман ба пирӯзӣ ноил шудаам, назди ман биё.

Ҳазрати Абузар гуфт: Ба роҳ афтодам, то он ки ба хонаҳои қавми худ расидам, бародарам Анис бо ман рӯ ба рӯ шуд ва гуфт: Чӣ кардӣ?

Гуфтам: Чизе, ки ман кардам, ин аст, ки Ислом овардам ва рисолати вайро тасдиқ намудам. Даранг накард, ки Худованд синаашро кушоду гуфт: Ман аз дини ту рӯйтобӣ надорам, ман низ мусалмон шудам ва рисолаташ тасдиқ намудам.

Баъд назди модарамон омада ва ӯро ба Ислом даъват намудем, вай низ дар ҷавоб гуфт: Ман аз дини шумо рӯ наметобам. Вай низ мусалмон шуд. Аз имрӯз сар карда даъвати Ислом аз ин хонаводаи мӯъмин дар миёни қабилаи Ғифор оғоз ёфт ва бидуни эҳсоси хастагӣ ва ранҷ ба ин амр идома дод, то он ки теъдоди зиёде аз ин қабила ба Ислом сар ниҳоданд ва намоз дар миёнашон шурӯъ шуд.

Ҷамъе аз ишон гуфтанд: Бар дини худ боқӣ мемонем, то ин ки ҳазрати Расули Худо (с) ба Мадина ояд, мусалмон мешавем. Вақте ҳазрати Расули Худо (с) ба Мадина омад, ҳама имон оварданд. Ҳазрати Расули Худо (с) фармуд: «Ғифор ғафаруллоҳу лаҳо ва аслама соламаҳаллоҳ Ғифор аст, Худо

Ғифорро бибахшад ва солимтар аст, Худованд солимати бидорад.

Ҳазрати Абузар (р) дар биёбони хештан ба сар бурд, то он ки ҷангҳои Бадр, Уҳуд ва Хандақ гузаштагӣ ва баъд ба Мадина омад ва бо ҳазрати Расули Худо (с) ҳамнишин шуд ва аз вай тақозо намуд, ки ба вай иҷоза диҳад, ки дар хидматаш бошад. Ҳазрати Расули Худо (с) тақозои ӯро пазируфт ва ба ин тартиб аз хидматаш саъодат ёфт ва аз сӯҳбаташ файзёб гашт. Ҳазрати Расули Худо (с) пайваста ӯро эҳтиром мекард ва бартараш мехонд ва ҳеҷ вақт бо вай рӯ ба рӯ намешуд, магар он, ки бо вай даст медод ва табассум менамуд ва аз дидораш изҳори хушӣ мекард.

Вақте ҳазрати Расули Худо (с) ба рафиқи аъло пайваст ва дунёи фониро тарк гуфт, Абузар тоби иқомат дар Мадинаи мунаввараро наёварда, аз ин рӯ, ба диёри Шом сафар кард ва дар он ҷо иқомат гузид ва то поёни аҳди хилофати Абубакри Сиддиқ ва хилофати ҳазрати Умари Форуқ (р) дар он ҷо монд. Ва дар замони хилофати ҳазрати Усмон ба Димишқ омад ва дар он ҷо дид, ки мусалмонон ба дунё рӯй оварда ва дар айшу нӯш ва хушгузаронӣ ғарқанд, дар ҳайрат афтод ва ба кӯбидани он шурӯъ кард. Ҳамон буд, ки ҳазрати Усмон (р) ӯро ба Мадина даъват кард. Вақте ба Мадина омад, дар он ҷо низ аз рӯйоварии мардум ба дунё ба танг омад ва мардум аз сахтгирӣ ва эътирози вай нороҳат шуданд. Ҳамон буд, ки ҳазрати Усмон дастур дод, ки вайро ба Рабза (деҳаи кӯчаке аст дар наздикии Мадина) интиқол диҳанд.

Ҳамон буд, ки ба Рабза рафт ва дар он ҷо дур аз мардум ва адами дилбастагӣ ба дунё ва матоъи он ба зиндагии худ ба шеваи ҳазрати Расули Худо (с) ва ду ёри бовафояш Абубакр ва Умар идома дод ва зиндагии ҷовидониро бар зиндагии фонӣ баргузид.

Боре марде ба хонааш дохил шуд ва бо чашми худ ба ин сӯ он сӯи хонааш нигарист, дар он хона ҳеҷ матоъе наёфт ва гуфт: Эй Абузар, сомони зиндагиат дар куҷо аст? Гуфт: Мо

дар он ҷо хона дорем (ишораест ба дори охират), матоъи хуби худро ба он ҷо мефиристем.

Ин мард ба мақсади вай пай бурд ва гуфт: Аммо то вақте ки дар ин хона ба сар мебарӣ, матоъ лозим аст.

Ҷавоб дод: Аммо соҳиби хона барои мо иҷозаи мондан дар ин хонаро намедиҳад.

Амири Шом сесад динор ба вай фиристод ва ба ӯ гуфт: Аз ин маблағ дар рафъи заруриёти худ истифода намо. Вай ин маблағро бозпас гардонд ва гуфт: Оё амири Шом ғуломи залилтар аз ман наёфт, то ин маблағ ба вай тақдим дорад.

Дар соли сиву дуввуми ҳиҷрӣ доъии аҷалро лаббайк гуфт ва ин марди обид ва зоҳид аз дори фонӣ ба сарои боқӣ интиқол намуд. Марде, ки ҳазрати Расули Худо (с) дар борааш фармудааст: «Мо ақаллати-л-ғаброъ ва ло азаллати-л-хазроъ мин раҷулин асдақа мин Абизар». Яъне, дар рӯи замин ва дар зери осмон марде содиқтар аз Абузарро наметавон ёфт.

## АБДУЛЛОҲ ИБНИ УММИ МАКТУМ

Ин шахс кист, ки ҳазрати Расули Худо (с) дар мавридаш аз тарафи Худованд сахт итоб гардид.

Ин шахс кист, ки Ҷабраили Амин дар борааш оёти байинотро дар қалби Паёмбари гиромӣ (с) афганд.

Ин шахс Абдуллоҳ ибни Умми Мактум, муаззини ҳазрати Расули Худо (с) аст. Абдумоҳ ибни Умми Мактум аз аҳли Макка буда, қурайшист ва бо ҳазрати Расули Худо (с) риштаи қаробат ва хешовандӣ дорад. Вай писартағои уммулмӯъминин Хадиҷа бинти Хувайлид (р) аст. Аммо падараш Қайс ибни Зоид ва модараш Отика духтари Абдуллоҳ аст ва ба хотири он Умми Мактум номида шудааст, ки фарзандаш Абдуллоҳро нобино ба дунё овардааст. Абдуллоҳ ибни Умми Мактум дар Макка тобиши нурро дарёфт ва Худованд синаашро барои имон кушод ва ба ин тартиб, вай аз собиқин ба Ислом аст. Вай мисли соири ҳамзамонони худ дар Макка анвоъи шиканҷаҳо ва ранҷҳоро дар роҳи даъвати Ислом, бо пешонии боз ва синаи кушода қабул кард ва мардонавор дар роҳи дифоъ аз андеша ва ақидаи хештан истодагӣ намуд ва заҳматҳову машшақатҳоеро, ки соири ҳамзамононаш аз дасти мушрикини Макка ва Қурайш дида буданд, ӯ низ дид ва лаҳзае аз тасмим ва иродаи худ барнагашт ва заъифу нотавонӣ дар вай роҳ наёфт. Балки баръакс, дар қуввати имон ва қотеъияти иродааш афзуд ва дар субот ва пойдориаш ба дини Аллоҳ ва чанг заданаш ба китоби Худо ва муҳаббаташ ба Паёмбари гиромӣ ва фаҳмаш ба дини Ислом ӯро устувортар сохт. Ӯ дар рӯйовариаш ба ҳазрати Набии карим (с) ва ҳирсаш бар ҳифзи Қуръон он қадар ҳарис буд, ки лаҳзаеро намегузошт, магар он ки онро ғанимат шумурда ва аз ҳазрати Расули Худо (с)

онро суол мекард. Балки бисёр вақтҳо ҳирсаш бар илм ба ҳадде буд, ки ҳам вақти худ ва ҳам вақти дигаронро мегирифт.

Ҳазрати Расули Худо (с) саъй бар он дошт, то даъвати худро ба бузургон ва сарони Қурайш бирасонад ва хеле дӯст медошт, ки онҳо ба дини Ислом гардан ниҳанд. Аз ин хотир, рӯзе бо Утба ибни Рабеъа ва бародараш Шайба ибни Рабеъа ва Амр ибни Ҳишом, ки ба номи Абуҷаҳл маъруфт аст ва Умайя ибни Халаф ва Валид ибни Муғира, падари Сайфуллоҳ Холид ибни Залидмулоқот намуд ва саъй дошт, ки бо ҳар васила дилҳои ононро ба Ислом рағбат диҳад ва тамаъи онро дошт, ки даъваташро иҷобат намоянд ва ё ҳадди ақал аз азият ва озори ёронаш даст бардоранд. Дар ҳини гуфтугӯ бо онон буд, ки ногаҳон Абдуллоҳ ибни Умми Мактуб ба вай рӯ овард ва хост аз ҳазрати Расули Худо (с) оёте аз Қуръонро биомӯзад ва гуфт: Эй Расули Худо (с), маро аз он чи, ки Аллоҳ ба ту таълин додааст, биомӯзон. Ҳазрати Расули Худо (с) аз вай эъроз намуд ва рӯй турш кард ва ба сӯи ин ҷамъи Қурайш омад, ба умеди ин, ки даъваташро бипазиранд ва ба Ислом гардан ниҳанд ва ба ин тартиб бар шаъну шавкати Ислом афзуда гардад ва даъвати Паёмбарашро таъйид намоянд. Ҳамин ки ҳазрати Расули Худо (с) аз гуфтугӯ бо ишон халос шуд ва хост, ки ба сӯи хонааш баргардад, дар худ эҳсос намуд, ки гӯё Аллоҳ таъоло бахше аз биноияшро гирифта ва чизе ҳаст, ки бар сари вай мекӯбад. Баъд ин қавли Аллоҳ таъоло бар вай нозил шуд. **«Чеҳра дарҳам кашид ва рӯй бартофтӣ, аз ин, ки нобиное ба суроғаш омада буд. Ту чӣ медонӣ, шояд порсол бошад, ё панд гирад ва он панд ба ҳоли ӯ муфид афтад. Аммо он кас, ки бениёз ва ғанӣ аст, ту ба ӯ рӯй меоварӣ, дар ҳоле, ки агар худро муназзаҳ накунад, ту дар қиболаш вазифае надорӣ. Аммо аз он, ки шитобон ба суроғи ту меояд ва аз Худо метарсад, ғофилӣ. Ҳаргиз чунин макун. Ин тазкира ва ёдоварӣ аст. Ҳар кас бихоҳад аз он панд гирад. Дар лавҳҳои пурарзише сабт аст. Лавҳҳое муназзаҳ ва покиза, ба дасти нависандагони Ҳақ, бузургвору некӯкор** *(сураи Абаса, ояҳои 1-16)».*

Ба ин тартиб, Ҷабраили Амин шонздаҳ оятро дар қалби Паёмбари Худо (с) дар хусуси амри Абдуллоҳ ибни Умми Мактум афганд, ки то имрӯз ва то қиёми қиёмат вирди забонҳо хоҳад буд ва аз ҳамон рӯз ба баъд ҳазрати Расули Худо (с) Абдуллоҳ ибни Умми Мактумро қадрдонӣ менамуд ва вақте аз сафар бармегашт, ба хонааш мерафт ва чун ба вай рӯй меовард, ӯро ба худ наздик месохт ва аз вай аҳволпурсӣ мекард ва зарураташро бароварда месохт. Ҳеҷ ҷои шигифт нест, оё ҳамин Абдуллоҳ ибни Умми Мактум набуд, ки Худованд маҳбуби худро ба хотири вай сахт итоб намуд? Вақте Қурайш заминаро барои мусалмонон ва даъвати исломӣ дар Макка танг карданд ва мусалмонон аз шиддати фишор ва азоби мушрикон ба ҷон омаданд, ҳазрати Расули Худо (с) ба ишон иҷозаи ҳиҷрат ба Ҳабашаро дод, Абдуллоҳ ибни Умми Мактум дар пешопеши ин ҷамъи муҳоҷирин қарор дошт ва бар ҳамаи онон сабқат гирифт, то дини худро аз азияти онон нигаҳ дорад.

Вай ва Мусъаб ибни Умайр аз асҳоби ҳазрати Расули Худо (с) аввалин касоне буданд, ки ба Мадина омаданд. Вақте ҳазрати Расули Худо (с) ба Мадина ҳиҷрат намуд, Абдуллоҳ ибни Умми Мактум ва Билол ибни Рибоҳро ба сифати муаззини худ баргузид, ки дар рӯз панҷ бор калимаи ҳақро бо садои расо ба гӯши мардум мерасониданд ва мардумро ба амали хайр даъват менамуданд ва онҳоро ба росткорӣ мехонданд.

Билол азон медод ва Ибни умми Мактум иқомат мегуфт ва бисёр вақтҳо Ибни Умми Мактум азон медод ва Билол иқомат мегуфт. Ва дар моҳи Рамазон Билол ва Ибни Умми Мактум кори дигар доштанд. Мусалмонон дар Мадина ба азони якеашон саҳарихӯрӣ мекарданд ва ба азони дигарашон аз хӯрдан боз меистоданд. Билол дар шаб азон мегуфт ва мардумро ба намоз бедор месохт ва Ибни Умми Мактум тулӯъи субҳро интизор мешуд ва дар вақти он хато намекард.

Ҳазрати Расули Худо (с) ба ҳадде Ибни Мактумро қадрдонӣ менамуд, ки чандин бор дар ғоиби худ ӯро бар Мадина ҷонишини худ интихоб намуд, ки яке аз он дар вақте буд, ки Мадинаро ба қасди фатҳи Макка тарк гуфта буд.

Ва баъд аз ғазваи Бадр, оёте аз Қуръони карим нозил шуд, ки дар он манзалати муҷоҳидинро боло мехонд ва онҳоро бар match бознишастагон фазилат медод, то муҷоҳид ба ҷиҳод рағбат ёбад ва қоидин ва бознишастагонро итоб менамуд. Ин оёти китоб дар нафси Ибни Умми Мактум таъсир кард ва бар вай душвор афтод, ки аз ин фазл маҳрум монд ва гуфт: Эй Расули Худо (с), агар қудрати ҷиҳодро дошта бошам, яқинан ҷиҳод хоҳам намуд ва баъд бо қалби пур аз хушӯъ аз Худованд хост, ки дар ин хусус, дар бораи вай ва соири ҳамтоёнаш, ки аз рафтан ба ҷиҳод оҷизанд, Қуръон нозил кунад ва бо узр ва зорӣ ин амрро аз Худованд металабид ва дуо мекард ва мегуфт: Худоё, дар бораи узрам оёте нозил бифармо. Худоё, дар бораи узрам оёте нозил бифармо. Дере нагузашт, ки Худованд дуояшро иҷобат намуд. Зайд ибни Собит котиби ваҳйи ҳазрати Расули Худо (с) ҳадис баён намуда гуфт: Ман дар ҷавори ҳазрати Расули Аллоҳ (с) ҳузур доштам, ногаҳон оромӣ ва хомӯшӣ ӯро фаро гирифт. Пас рони вай бар ронам афтод. Ман чизе вазнинтар аз рони ҳазрати Расули Худо (с) наёфтам. Баъд чун вақте ваҳй аз вай қатъ шуд, ба ман гуфт: Эй Зайд бинавис. «Ло ястави-л-қоъиддуна мина-л-мӯъминина ва-л-мучоҳидуна фи сабабилиллоҳ...»

Ибни Умми Мактум аз ҷой бархост ва гуфт: Эй Расули Худо (с), касе ки қудрати ҷиҳод кардан надошта бошад, чӣ бояд кунад? Суханаш ҳанӯз тамом нашуда буд, ки он ҳазратро оромӣ фаро гирифт. Пас ронаш ба ронам афтод. Ман ончунон сангинӣ ва склро эҳсос намудам, ки дар аввал чунон эҳсос нокарда будам. Баъд аз вай қатъ шуд ва гуфт: Эй Зайд, он чиро, ки навиштӣ, онро бихон, пас хондам. «Ғайра ули-з-зарари».

Пас гуфт: Бинавис. Пас истисное, ки Ибни Умми Мактум онро орзу намуда буд, нозил шуд ва бо вуҷуди он, ки Аллоҳ субҳонаҳу таъоло ва Абдуллоҳ ибни Умми Мактум ва амсоли вайро аз рафтан ба ҷиҳод маъзур дошт, нвфсаш розӣ нашуд, ки ҳамроҳ бознишастагон аз ҷиҳод биншинад ва тасмим гирифт, ки бояд ба ҷиҳод биравад. Ин ба хотири он буд, ки

ҳимматҳои олӣ ва ҳиммати мардон ҷуз корҳои бузург ба корҳои хурд ва кӯчак эҳтимом намекунад.

Аз имрӯз сар карда, шурӯъ ба он намуд, ки аз ҳеҷ ғазвае ақиб намонад ва вазифаи худро дар соҳаи қитол мушаххас сохт. Вай мегуфт: Маро дар миёни ду саф истода кунед ва парчамро ба дасти ман диҳед, то онро барафрошта дорам ва онро бароятон нигаҳ дорам. Чун ман нобино ҳастам ва наметавонам, ки фирор намоем.

Дар соли чаҳордаҳуми ҳиҷрӣ ҳазрати Умар ибни Хаттоб тасмим гирифт, ки ҷанги ҳалкунандаҳоро бо форсҳо ба роҳ андозад ва мулк ва подшоҳии ононро сарнагун созад ва роҳро ба рӯи лашкари мусалмонон боз кунад. Аз ин рӯ, ба кормандон ва волиёни худ навишт: Ҳеҷ якеро, ки дорои силоҳ ва ё асп ва ё кӯмак ва ё соҳиби назар бошад, нагузоред, магар он ки вайро зуд назди ман бифиристед.

Дере нагузашт, ки ҷамъиятҳои бузурге аз ҳар гӯшаву канор ба амри халифаи мусалмонон лаббайк гуфта, ба Мадина омаданд ва дар ҷумлаи ин ҷамъ муҷоҳиди нобино, ҳазрати Абдуллоҳ ибни Умми Мактум низ ҳузур ёфт.

Ҳазрати Умари Форуқ (р) бар ин лашкари бузург Саъд ибни Абиваққосро ба сифати сарлашкар муқаррар кард ва ӯро васият ба хайр намуд ва бо вай худоҳофизӣ кард.

Вақте лашкари вай ба Қодисия расид, Абдуллоҳ ибни Умми Мактум зиреҳ пӯшид ва худро муҷаҳҳаз сохт ва берун омада, гуфт Парчамро ба дасти ман бидиҳед, ё аз он нигаҳдорӣ хоҳам намуд ва ё он ки дар барафрозии он ҷони худро аз даст хоҳам дод. Ҳарду тараф се рӯз пайиҳам бо ҳам сахт ҷангиданд ва ҳар ду лашкар чунон ҷангро ба роҳ андохтанд, ки таърихи футуҳот то он рӯз чунин ҷанги хунинро надида буд, то он ки рӯзи саввум ҷанг ба пирӯзии мусалмонон анҷомид ва ба ин тартиб, бузургтарин империя аз ҳам пошид ва байрақи тавҳид дар сарзамини Шарқ ва бутпарастӣ ба ҷилва даромад ва ин пирӯзӣ садҳо шаҳид ба ҷо гузошт ва дар миёни ин ҷамъи шуҳадо Абдуллоҳ ибни Умми Мактум низ буд. Ҷасади ӯро дар ҳоле, ки байрақ ба даст дошт, оғӯшта ба хун ёфтанд. Худованд аз ӯ розӣ буд ва ӯро аз хеш хушнуд гардонад.

## МАҶЗАА ИБНИ САВРИ САДУСӢ

Қаҳрамонони номвари лашкари Аллоҳ бо хушию сурур баъд аз он, ки Худованд нусрат ва пирӯзиро дар Қодисия насиби онон гардонид, гарду ғубори ҷангро аз худ дур месохтанд ва ба аҷр ва подоши шуҳадое, ки барояшон сабқат гирифтанд, ҳасад мебурданд ва шавқи ба роҳ андохтани ҷанги дигареро доштанд, ки дар баробарӣ камтар аз Қодисия набошад. Вале интизори он доштанд, ки амри халифаи Расули Худо (с) Умар ибни Хаттоб (р)-ро мабнӣ бар идомаи ҷиҳод дарёбанд, то тахт ва салтанати Кисро вожгун созанд ва ба ҷойи он ҳукумати адли исломиро барпо кунанд.

Дере аз ин умед ва интизориашон нагузашт, ки фиристодаи ҳазрати Форуқи аъзам аз Мадина ба Кӯфа расид ва паёми халифаро ба волии он Абумӯсои Ашъарӣ мабнӣ бар ирсоли лашкараш ва якҷо шудан бо лашкари дигаре, ки аз сӯи Басра дар ҳоли омадан аст, ба вай вогузошт, то ҳамроҳ бо ин ду лашкар роҳи Аҳвозро пеш гирад, то аз пайи Ҳурмузон сарлашкари форс ба роҳ афтад ва вайро аз пой барандозад ва шаҳри Тустар, ин дуррои тоҷи Кисро ва лӯълуи билоди Форсро озод созад.

Дар ин номаи ирсолӣ, халифа ба Абумӯсо тавсия намуда буд, ки қаҳрамонони номӣ Маҷзаа ибни Саври Садусӣ, сардори Бани Бакр ва амир пурнуфузи онро бо худ ҳамроҳ гирад. Абумӯсои Ашъарӣ амри халифаро ба ҷо овард. Лашкари худро омода кард ва Маҷзаа ибни Саври Садусиро ба сифати қумандони он баргузид ва бо лашкаре, ки аз сӯи Басра меомад, якҷо шуда ва ба роҳи ҷиҳоди фисабилиллоҳ ба роҳ афтод. Ишон пайваста шаҳрҳоро яке пайи ҳам озод мекарданд ва монеъаҳоро аз сари роҳ дур меандохтанд ва

Ҳурмузон дар пешопеши ишон роҳи фирор дар пеш гирифта буд ва аз як ҷо ба ҷойи дигар паноҳ мебурд, то ин ки ба шаҳри Тустар расида ва худро дар ҳимояти ин шаҳр қарор дод.

Шаҳри Тустар, ки Ҳурмузон ба он паноҳанда шуда буд, шаҳре буд зебо ва дилкушо, дорои қалъаҳои бузург ва бурҷҳои баланд ва сангарҳои мустаҳкам ва илова бар ин шаҳр яке аз он шаҳрҳои таърихиест, ки дар минтақаи баланд сохта шудааст ва дарёи бузурге ба номи Дуҷайл аз миёни он мегузарад. Дар қисми болоии ин шаҳр кӯли бузурге аст, ки Малик Собур онро сохтааст, то оби ин дарё ба воситаи тунелҳое, ки дар зери замин канда шудааст, дар он ҷамъ шавад. Кӯли Тустар ва тунелҳои он аз биноҳои аҷиб аст ва бо сангҳои бузург ва маҳкам сохта шуда ва бо сутунҳои оҳанин ороста шуда ва деворҳо ва туннелҳои он сурбкорӣ шудааст. Дар атрофи шаҳри Тустар девори бузург ва баландест, ки шаҳрро иҳота кардааст. Муаррихон дар бораи ин девор гуфтаанд: Ин аввалин ва бузургтарин деворест, ки то кунун дар рӯи замин сохта шудааст. Ҳурмузон дар атрофи ин девор хандақҳои бузурге кандааст, ки аз он кори гузаштан кори саҳлу осон набуд ва дар қафои он барҷастатарин ҷанговарони Форсро ҷо ба ҷо кард.

Сипоҳи мусалмонон дар атрофи ин Хандақ мавзеъ гирифтанд ва то 18 моҳ дар атрофи он монданд ва натавонистанд, ки аз он бигузоранд ва дар тӯли ин муддати тӯлонӣ беш аз ҳаштод ҳамларо алайҳи лашкари форс анҷом доданд ва ҳар як аз ин ҷангҳо ба даргирӣ миёни ду ҷангҷовар оғоз меёфт ва баъд ба ҷанги хунин мубаддал мегашт. Маҷзаа ибни Савр дар ин бархӯрдҳо шаҳомати аҷибе аз худ нишон дод, ки ақлҳоро дар ҳайрат андохт ва дӯст ва душманро ба тааҷҷуб афканд. Вай тавонист ба танҳоӣ беш аз сад паҳлавони ҷангиро дар даргирии тан ба тан ба қатл расонад ва аз ин ҳодиса ба баъд номаш дар сафҳои лашкари тарс форсҳо меофарид ва даҳшат эҷод мекард ва барои мусалмонон мояи иззат ва сарбаландӣ гардид.

Дар чунин фурсат буд, ки мардумоне, ки аз қабл ӯро намешинохтанд донистанд, ки чаро амирулмӯъминин ба интихоби вай сахт алоқаманд будааст, ки ин қаҳрамон дар зумраи ин лашкар ҳузур ёбад. Дар охирин марҳилаи ин ҳаштод ҳамлае, ки мусалмонон алайҳи душмани худ анҷом доданд, ҳамлаи қаҳрамонона ва содиқона намуданд, ки дар натиҷаи он форсҳо маҷбур шуданд, пулҳои худро, ки бар болои сангарҳо сохта буданд, барои мусалмонон вогузоранд ва худ ба дохили шаҳр паноҳ бурда ва дарвозаҳои боздорандаи онро ба рӯҳи хеш бибанданд. Дар натиҷаи ин амалу форсҳо ҳолати мусалмонон баъд аз ин ҳама сабри тӯлонӣ ба ҳолати бадтаре мубаддал гардид. Чун форсҳо аз фарози бурҷҳои баланди худ аскарони мусалмонро ҳадафи тирҳои дурраси худ қарор медоданд ва аз болои деворҳо занҷирҳоро овезон месохтанд, ки дар раъси он чангакҳое насб намуда буданд, ки бо оташ афрӯхта шуда буд. Вақте ки агар яке аз аскарони мусалмонон мехост, ки ба девор худро биовезад ва ё он, ки худро ба он наздик созад, ишон ин занҷирҳоро дароз мекарданд ва дар танашон фурӯ мебурданд ва ӯро ба сӯи худ мекашиданд, ки дар натиҷаи он гӯшти вай мерехт ва устухонҳояш зоҳир мешуд ва вайро ба ин тартиб аз по дармеоварданд. Мусибат бар мусалмонон сахт гардид ва шурӯъ ба он намуданд, ки бо дили пурхушӯъ аз Худованд бихоҳанд, ки барои онҳо кушоиш насиб фармояд ва ин мушкилии онҳоро ҳал созад ва ононро бар душманонашон пирӯз ва комёб гардонад.

Дар яке аз рӯзҳо Абумӯсои Ашъарӣ дар пойи девори бузурги ин шаҳр истода, дар фикри он буд, ки чӣ гуна битавонад дохили ин шаҳр шавад ва аз гузаштан аз ин девор комилан маъюс ба назар мерасид. Ногаҳон тире аз фарози девор бар пеши пойи вай афтод. Чун ба он тир нигарист, дид, ки номае дар он баста шудааст. Номаро боз кард ва онро хонд. Дар он нома ба ин шарҳ омада буд: Эй ҷамъи мусалмонон, ман ба шумо эътимоди комил дорам. Ман аз шумо амн металабам. Аз шумо мехоҳам, ки ба ҷони ману аҳли оилаам ва касоне, ки аз тобеъи мананд, паноҳ диҳед ва ман роҳеро,

ки шуморо ба дохили шаҳр бирасонад, нишон медиҳам ва роҳнамоӣ мекунам.

Абумӯсои Ашъарӣ амони худро навишт ва онро дар тир ба соҳиби он партоб кард. Он мард аз он ҷое, ки сидқ ва ростии мусалмонон ва вафо ба аҳдро, ки аз ишон шунида буд, бовар намуд ва бо истифода аз торикии шаб аз шаҳр баромад ва бо Абумӯсои Ашъарӣ дидор намуд ва мавзӯъро бо вай дар миён гузошт ва ҳақиқати корро ба вай гуфт: Мо аз ашрофи ин қавм ҳастем. Ҳурмузон бародари бузургамро ба қатл расонид ва ба аҳл ва молаш таҷовуз намуд ва дар бораи ман кина худро пинҳон медорад ва мунтазири он аст, ки фурсати муносиб ёбад, то бо ман низ чунин кунад. Аз ин рӯ, ман аз вай бархуд ва аҳлу аёли хеш мутмаин нестам. Бинобар ин, ман адли шуморо ба зулми вай ва вафо ба аҳдатонро ба ғадри вай баргузидам. Аз ин рӯ, тасмим гирифтам, ки шуморо ба гузаргоҳ роҳнамоӣ кунам, ки битавонед аз он ба дохили шаҳри Тустар роҳ ёбед.

Лизо барои ман як шахси боҷуръат ва ҳушмандро, ки дар фанни оббозӣ маҳорат дошта бошад, бидиҳед, то роҳро бар вай нишон диҳам. Абумӯсои Ашъарӣ Маҷзаа ибни Саврро даъват карда, мавзӯъро пинҳонӣ ба иттилоъи вай расонд ва гуфт: Аз қавми худ касеро ба ман муаррифӣ намо, ки соҳиби ақли саршор ва ҷуръат ва ҳушёрӣ буда ва дар фанни оббозӣ маҳорат дошта бошад.

Маҷзаа гуфт: Чунин шахс беҳтар аз худро намеёбам. Маро ба ҳар амре, ки мехоҳӣ вазифадор кун.

Абумӯсо гуфт: Агар ту худ чунин хоҳӣ, бисёр хуб ва ба баракати Худо худро омода соз.

Баъд ба вай супориш кард, ки кӯшиш намояд роҳро фаромӯш накунад ва бояд ҷойи дарвозаро ба ёд дошта бошад ва маконеро, ки Ҳурмузон дар он ба сар мебарад, хуб мушаххас созад ва ӯро хуб шинохта гирад ва ғайр аз ин, набояд кори дигаре кунад.

Маҷзаа ҳамроҳ бо роҳбаладди форсӣ хеш дар торикии шаб ба роҳ афтод. Роҳбалад вайро дар гузаргоҳи зеризаминие, ки дарёро ба даруни шаҳр муттасил месозад, дохил сохт.

Гузаргоҳи зеризаминӣ тавре сохта шуда буд, ки баъзе қисматҳои он ба андозае васеъ буд, ки метавонист бо қомати баланд аз он убур намояд ва баъзе қисмати он тавре танг буд, ки зарурат ба шиноварӣ дошт ва бидуни он аз он гузаштан номумкин буд. Ин гузаргоҳ гоҳ ба ҷӯйчаҳо тақсим шуда буд ва гоҳе роҳҳои пурхаму печро тай мекард ва гоҳе мустақим ва рост буд. Ба ин тартиб гузаргоҳро паймуданд, то он ки тавонистанд ба дохили шаҳр роҳ ёбанд. Ин роҳбалад Ҳурмузон қотили бародараш ва ҷоеро, ки Ҳурмузон дар он пинҳон мешуд, ба вай нишон дод. Вақте Маҷзаа Ҳурмузонро дид, хост, ки ӯро ҳадафи тири хеш қарор диҳад, аммо дарҳол насиҳати фармондеҳаш Абумӯсоро ба ёд овард, ки набояд ҳаракати худсаронаеро анҷом диҳад. Бинобар ин, лиҷоми ин рағбати саркаши худро гирифт ва қабл аз тулӯъи субҳ аз ҳамон роҳе, ки омада буд, баргашт.

Абумӯсо сесад нафар аз шуҷоътарин ва далертарин афроди худро муҷаҳҳаз сохт ва Маҷзаа ибни Саврро ба саркардагии онҳо интихоб намуд ва ба онҳо насиҳат кард ва видоъ гуфт ва такбирро рамзи ҳамлаи лашкари мусалмонон бар шаҳр қарор дод.

Маҷзаа касони худро амр кард, то андозае, ки метавонанд, либосҳои сабук ба тан кунанд, то об онҳоро гарон насозад ва ба ишон ҳушдор дод, ки ғайр аз шамшерҳояшон чизе бо худ нагиранд ва таъкид намуд, ки шамшерҳояшонро дар зери либосҳояшон бартан сахт бубанданд ва дар қисмати сеяки аввали шаб ин ҷамъро гирифта, ба роҳ афтод.

Маҷзаа ибни Савр бо ин ҷамъияти зиёд тақрибан ду соатро дар паймудани ин роҳи зеризаминии душворгузар сарф намуд. Вақте ки ин роҳи зеризаминиро паймуда, ба роҳе, ки ӯро ба шаҳр мерасонад расид, Маҷзаа дарёфт, ки ин гузаргоҳ қариб 220 нафари вайро ғарқ кардааст ва танҳо 80 нафари дигар мондааст. Ҳамин ки Маҷзаа ва ҳамроҳонаш худро дар миёни шаҳр ёфтанд, шамшерҳояшонро кашиданд ва бар посбонон ҳамла бурданд ва синаҳои онон бишкофтанд ва баъд бар дарвозаҳои қалъа ҳуҷум бурданд ва такбиргӯён онро

кушоданд. Ҳамон буд, ки такбирашон аз дохил бо такбири бародаронашон аз хориҷ ҳамсадо шуд.

Мусалмонон дар ҳангоми намози субҳ бар шаҳр рехтанд ва ҷанги сахте дар миёни тарафайн дар гирифт, ки таърих ҷангҳои назири онро камтар ба ёд дорад ва куштагони зиёде ба ҷо гузошт ва дар асное, ки ҷангҳои тан ба тан ҷараён дошт, ногаҳон Маҷзаа ибни Савр Ҳурмузонро дар соҳаи шаҳр бидид. Ӯ ба сӯи вай ҳамла кард ва бо шамшер ба сӯи вай тохт, то он ки мавҷе аз мудофиъонаш ӯро дар миёни худ нопадид сохт. Боз бори дигар намоён шуд. Ин бор низ ба сӯи вай тохт ва ҳамла кард. Маҷзаа ва Ҳурмузон ҳарду ба мубориза ва пайкор алайҳи якдигар шуданд ва ҳар як мекӯшиданд, то рақиби худро аз пой дароварад. Саранҷом шамшери Маҷзаа ба хато рафт ва шамшери Ҳурмузон ба ӯ бархӯрд ва Маҷзааро аз пой даровард. Ин қаҳрамони номии мусалмонон дар саҳнаи набард ба замин афтод ва аз ин ки ба ормони худ расида ва вазифаи хешро то ба охир анҷом дод, дилшод ва масрур буд ва бақияи лашкари мусалмонон ба набарди худ идома доданд, то ин ки Худованд фатҳу нусратро насибашон гардонд ва Ҳурмузон ба дасташон асир афтод. Муждадиҳандагон ба сӯи Мадина ба роҳ афтоданд, то амирулмӯъмининро ба ин пирӯзии бузург мужда диҳанд ва Ҳурмузонро, ки тоҷи мурассаъ аз ҷавоҳирот бар сар дошт ва ҷомаи зебо ва ороста бо нахдӯзӣ бар шона афканда буд, дар пешандоз карда, назди халифа бурданд, то ӯро ба вай нишон диҳанд ва ин муждадиҳандагон ҳамроҳ бо ин навид таъзия аз шаҳодати қаҳрамони номӣ Маҷзаа ибни Саврро низ ба вай тақдим доштанд.

## УСАЙД ИБНИ ҲУЗАЙР

Қадами Мусъаб ибни Умайр, ин ҷавони Макка ба Мадина, нахустин ҳайати даъватӣ аст, ки то кунун таърихи Ислом шоҳиди он будааст. Вай дар хонаи Асъад ибни Зирора яке аз ашрофи қаблан Хазраҷ иқомат намуд ва хонаашро маркази иқомати хештан ва нашру густариши даъвати исломӣ қарор дод. Ҷавонон ва фарзандони Ясриб даста-даста барои дарёфти дини ҳақ ва шинохти таълимоти Исломӣ ба ҳалқаҳи ин доъии ҷавон Мусъаб ибни Умайр рӯй меоварданд.

Суханони ширин, далелҳои қотеъ, табъи дилкаш ва нури имон, ки дар чеҳрааш метобид, бар ҷалб ва рӯйоварии ин ҷавонон афзуда буд ва он чи ки бештар аз ҳама ононро ба худ ҷазб сохта буд, баъзе оёти қуръонӣ буд, ки бо оҳанги дилнишину садои дилкаш ва қалби пур аз хушӯъ ва фикри пур аз тадбир гоҳ-гоҳ онро тиловат менамуд. Аз шунидани он қалбҳои сахт нарм ва чашмҳои гунаҳкор пур аз ашк мегардид ва ҳеҷ ҳалқае аз он поён намеёфт, магар он ки мардумони тоза ба Ислом рӯй оварда ва ба сафҳои аҳли имон мепайвастанд.

Дар яке аз рӯзҳо Асъад ибни Зурора меҳмонони доъии худ, Мусъаб ибни Умайрро гирифта баромад, то бо ҷамъе аз қабилаи Бани Абдулашҳал мулоқот намояд ва ононро ба Ислом даъват кунад. Ҳарду дохили бӯстоне шуданд, ки мутааллиқ ба Бани Абдулашҳал буд ва дар он ҷо дар канори чоҳи шириноб ва сояи гуворои дарахти хурмои он нишастанд.

Ба гирди Мусъаб ибни Умайр ҷамъе ҳалқа заданд, ки мусалмон шуда буданд ва ҷамъи дигаре мунтазири он буданд, ки аз вай чизе бишнаванд. Мусъаб шурӯъ ба даъват ва башорат додани ишон ба Ислом намуд ва мардум хомӯш ва

ором ба ҳарфҳои вай гӯш медоданд ва шефтаи ҳарфҳои ширини вай шуда буданд.

Касе назди Усайд ибни Ҳузайр ва Саъд ибни Муъоз, ки ҳарду сарварони қабилаҳои Авс ва Хазраҷ буданд, омад ва ба ишон хабар дод, ки доъие аз Макка омада ва дар диёрашон истодааст ва касе, ки ба вай ин ҷуръатро бахшидааст, Асъад ибни Зурора аст. Саъд ибни Муъоз ба Усайд ибни Ҳузайр гуфт: Худо туро тавфиқ диҳад, ай Усайд, назди ин ҷавони Маккӣ, ки омадааст, то заифнафсҳои моро ба ҳарфҳои ширини худ фиреб диҳад ва олиҳаи моро ба боди масхара гирад, бирав ва ӯро бим деҳ, ки баъд аз имрӯз дигар дар ин диёр қадам нагузорад. Баъд афзуд ва гуфт: Агар бими он намебуд, ки вай меҳмони писари тағоям Асъад ибни Зурора аст ва аз пуштибонии вай бархӯрдор аст, медиди ки бо вай чӣ мекардам. Усайд ханҷари худ баргирифт ва ба сӯи боғ рафт. Вақте ки Саъд ибни Зурора ӯро дид, ки рӯ ба сӯи онҳо намуда омада истодааст.

Мусъаб гуфт: Мусъаб, чӣ кор мекунӣ? Ин шахс сардори қавми худ аст ва марди боақл ва соҳиби камолу соҳибфазилат, Усайд ибни Ҳузайр аст. Агар вай мусалмон шавад, мардуми зиёде аз вай пайравӣ менамоянд ва ҳарфашро мешунаванд. Содиқона аз Худо бихоҳ, ки вайро ҳидоят кунад ва бо услуби нарм вайро даъват намо. Усайд ибни Ҳузайр омад ва дар назди ҷамъшудагон ва мутаваҷҷеҳи Мусъаб ибни Умайр ва ҳамроҳи вай рӯ оварда гуфт: Омили омадани шумо ба ин диёр ва фирефтани заифнафсҳои мо чист? Лутфан агар ҷони худро дӯст доред, ин маҳалларо тарк кунед.

Мусъаб ибни Умайр бо чеҳраи шукуфта аз нури имон рӯ ба сӯи Усайд намуд ва бо лаҳҷаи муҳаббатомез гуфт: Эй сардори қавм, оё ба худ иҷоза медиҳӣ, ки ҳарфи хубтар аз инро бишнавӣ?

Гуфт: Чӣ ҳарфе?

Гуфт: Назди мо биншин ва ҳарфи моро бишнав. Агар мавриди писандат воқеъ шавад, онро бипазир ва агар онро написандӣ, аз диёратон хоҳем рафт ва дигар барнахоҳем гашт.

Усайд гуфт: Ҳарфи суханони боинсофона гуфтӣ ва ханҷари худро бар замин заду нишаст. Мусъаб ба вай рӯ оварда ҳақиқати Исломро барояш равшан сохт ва чизе ҳам аз оёти Қуръон бар вай тиловат намуд. Аз шунидани он чеҳрааш бишкуфт ва хушиву сурур дар вай намудор гардид.

Ин ҳарфҳои ту чӣ қадар ширин ва ин оёте, ки тиловат намудӣ, чӣ қадар дилнишин аст!!! Шарти дохил шудан ба ин дин чист ва тариқаи он аз чӣ қарор аст?

Мусъаб ибни Умайр гуфт: Ниҳоят оддӣ ва содда. Ғусл кун ва либоси тоза ба тан намо ва калимаи шаҳодат **(Ло илоҳа иллаллоҳу Муҳаммаду расулуллоҳ)**-ро бихон ва ду ракаъат намоз ба ҷо овар.

Усайд аз ҷой бархоста рафт ва ғусл карда калимаи шаҳодат бар забон овард ва ду ракаъат намоз адо намуд. Аз он рӯз сар карда суфуфи мӯъминон ҷой гирифт. Ӯ як тан аз сардорони номӣ ва шӯҳратёфтагони Араб буд. Қавмаш ӯро ба хотири ақли ӯ ва соҳибнасабиш ба сифати комил ёд мекарданду соҳиби шамшер ва қалам буд. Илова бар ин, дар асптозӣ ва нишонзанӣ назир надошт ва дар ҷомеъае, ки аз хондан ва навиштан бебаҳра буд, вай ҳардуро ёд дошт.

Мусалмон шудани вай сабаб гардид, то Саъд ибни Муъоз низ мусалмон шавад ва дар маҷмӯъ мусалмон шудани ин ҳарду сабаб гардид, ки ҷамъи зиёде аз қабилаи Авс ба дини Ислом рӯй оваранд ва онро бипазиранд ва Мадина Маскани иқомати Паёмбар ва мусалмонон қарор гирад ва асоси давлати исломӣ дар ин шаҳр бунёд гардад.

Усайд ибни Ҳузайр аз ҳамон лаҳза, ки Қуръонро аз Мусъаб шунид, ба он дилбастагии шадиде пайдо намуд ва чун ташнае, ки дар рӯзи гармо ба об ниёз пайдо мекунад, ба он рӯй овард ва онро шуғли шабонарӯзии худ қарор дод. Ба ин тартиб, ӯ ё дар сафи ҷиҳоди фи сабилиллоҳ қарор дошт ва ё он ки сар ба зер андохта, Қуръонро тиловат менамуд.

Ӯ садои борик ва дилнишин дошт. Фасоҳати баён ва адои дуруст аз хусусиётятҳои каломаш буд. Вақте шаб мардум ба хоб мерафтанд ва оромиш бар ҳама ҷо ҳукмрон мешуд ва

нафсҳо поксозӣ мегардид, аз тиловати Қуръон бештар лаззат мебурд ва зиёдтар роҳат мекард.

Саҳобаи кином вақтҳои қироаташро интизор мешуданд ва барои шунидани тиловати вай дар миёни ҳам сабқат меҷустанд. Касе бихоҳад, ки Қуръонро ба гунае, ки тоза бар Муҳаммад нозил шудааст, бишунавад, бояд ба тиловати Усайд рӯй оварад. Ҳамон тавре ки аҳли замин аз қироати вай лаззат мебурданд, аҳли осмон низ аз қироаташ лаззат мебурданд.

Дар дили яке аз шабҳо Усайд ибни Ҳузайр дар саҳни ҳавлиаш нишаста ва фарзандаш Яҳё дар канораш хобида буд ва аспи барои ҷиҳод омода сохтаашро дар саҳни ҳавлӣ баста буд, оромиш ва сукут дар ин шаб ҳукмфармо буд ва осмони соф ва беғубор ва ситорагон бо сад дилрабоӣ чашмак мезаданд. Дили Усайд ибни Ҳузайр шавқи он ёфт, ки фазои шабнамолудро бо атри Қуръон муаттар созад. Бинобар ин, бо савти дилнишин ва замзамаҳои дилрабои худ шурӯъ ба хондани ин оёт намуд: **«Алиф, лом, мим. Бешак ин китоб раҳнамои парҳезгорон аст. Онҳое, ки ба ғайб имон доранд ва намозро барпо медоранд ва аз он чи рӯзиашон додаем, инфоқ мекунанд. Онҳо ба он чи бар ту ва ё паёмбарони пешин нозил шудааст, имон дошта ва ба охират яқин доранд»**.

(*Бақара 1- 4)*

Вақте аспаш садои қироати вайро шунид, ончунон ба рақс даромад, ки наздик буд, ба сабаби он зимоми худро биканад ва вақте аз қироаташ истод, асп низ ором шуд ва қарор гирифт. Боз шурӯъ ба хондан намуд, асп боз ба ҷастухез задани қавитар аз аввал пардохт. Боз хомӯш шуд ва асп низ хомӯш шуд. Ин амалро чанд бор такрор намуд. Вақте ба қироат шурӯъ мекард, асп низ ба ҷастухез мепардохт. Вақте хомӯш мешуд, ором мегирифт ва аз он бим намуд, ки асп фарзандаш Яҳёро лагадмол накунад. Лизо назди вай рафт ва ӯро бедор сохт. Дар ин фурсат буд, ки басти осмон нигарист, дид, ки абри зебо ва тамошобобе чун соябон, ки чашм ҳаргиз мисли онро надидааст ва мавҷудоте мисли қандилҳо ба он овезон ва

офоқро пур аз равшанӣ ва тобандагӣ намудааст, ба сӯи осмон баланд аст ва то ҷое, ки чашм метавонад онро пайгирӣ кунад, идома дорад. Вақте шабро ба субҳ расонад, назди ҳазрати Расули Худо (с) рафт ва он чиро, ки шаб дида буд, барояш ҳикоят намуд. Ҳазрати Расули Худо (с) фармуд: Эй Усайд, ин фариштагон буданд, ки ба қироати ту гӯш дода буданд. Агар ту ба қироати худ идома медодӣ, мардум метавонистанд онҳоро тамошо кунанд ва аз ишон чашм намекананданд. Ҳамон тавре, ки Усайд ибни Ҳузайр ба китоби Аллоҳ сахт дилбастагӣ ва алоқа дошт, муштоқ ва дилдодаи ҳазрати Расули Худо (с) низ буд. Тавре ки худаш ҳикоя мекунад, вақте вай Қуръон мехонд ва ё ба он гӯш медод ва ё вақте, ки он ҳазрат хутба эрод менамуд ва ё сухан мегуфт, беш аз пеш сафое дил ва шаффофияти рӯҳ меёфт ва бисёр орзу дошт, ки ҷасадаш ҷасади Расули Худо (с)-ро мисос намояд ва худро ба сар андозад ва ҷасади муборакашро бибӯсад...

Боре ин орзуяш амалӣ шуд. Тавре, ки дар яке аз рӯзҳо мардумро ба нуктаҳо ва танзҳои худ ба ханда меовард, пас ҳазрати Расули Худо (с) ба хотири тамҷид ва таҳсин аз нуктадониаш бо дасти муборакаш ба сурини вай зад.

Ҳазрати Усайд гуфт: Маро афгор сохтӣ, эй Расули Худо(с).

Ҳазрати Расули Худо (с) фармуд:

Эй Усайд, агар чунин кардам, пас аз ман интиқом гир.

Усайд гуфт: Бар пушти ту пироҳан аст ва вақте ки маро мезадӣ, бар пушти ман пироҳан набуд.

Ҳамон буд, ки ҳазрати Расули Худо (с) пироҳанашро аз тан кашид, ҳазрати Усайд вайро дар бағал гирифт ва шурӯъ ба бӯсидани миёни сурин ва зери бағали вай намуд ва гуфт: Эй Расули Худо (с), падару модарам фидоят бод. Аз вақте ки туро шинохтам, ин ягона орзуи ман буд, ки акнун ба он даст ёфтам.

Ҳазрати Расули Худо (с) бо Усайд муҳаббат меварзид ва муҳаббати ишон дуҷониба буд. Қадру манзалат ва собиқаи вай ба Ислом ва дифоъ аз онро, ки дар рӯзи Уҳуд ҳафт захм

найза хӯрда буд, медонист ва қадр ва эҳтироми вайро, ки миёни қавмаш дошт, аз ёд намебурд ва вақте агар барои касе хайрхоҳӣ менамуд, ҳарфашро мешунид.

Усайд дар маврид мегӯяд: Ба ҳузури Расули Худо (с) омадам ва барояш аз аҳли хонае аз ансор, ки аксари ононро занон ташкил медоданд ва сахт дучори фақр ва нодорӣ буданд, ёдовар шудам. Он ҳазрат фармуд: Эй Усайд, дар вақте омадӣ, ки он чи доштем, ҳамаро нафақа намудем ва ҳоло дастхолӣ ҳастем. Агар шунидӣ, ки чизе ба даст овардаем, аз аҳли ин хона барои ман ёдовар шав. Ҳамон буд, ки баъд аз муддате аз Хайбар барояш мол омад ва онро ба мусалмонон тақсим намуд ва ба ансор низ дод ва дар атои онҳо афзуд ва ба аҳли он хона низ дод ва бар вай афзуд. Ба он ҳазрат гуфтам: Эй Паёмбари Худо (с), Худованд бар ту подоши нек диҳад. Фармуд: Ва шумо ҷамъи ансорро низ Худованд беҳтарин подош насиб фармояд, чун шумо то он ҷое, ки ман шуморо шинохтаам, намунае аз сабр ва иффатед ва шумо баъд аз ман касоне хоҳед буд, ки дигаронро дар бахшиш бар шумо бармегузинанд (яъне, ба шумо кам медиҳанд ва ба дигарон зиёд). Пас сабр пеша кунед, то он ки бо ман мулоқот намоед ва ман шуморо ба ҳавз (Кавсар) ваъда медиҳам.

Усайд гуфт: Вақте хилофат ба ҳазрати Умар ибни Хаттоб такя кард, молу матоъи зиёдеро дар миёни мусалмонон тақсим намуд ва дастаи либосеро ҳам ба ман фиристод. Ман онро ночиз шумурдам.

Дар асное, ки ман дар масҷид будам, ҷавони қурайшие, ки либос дарозе аз ин либосҳое, ки Умар бароям фиристода буд, бар тан дошт ва аз дарозии бисёр онро ба замин мекашид ва бо онҳое, ки ҳамроҳи ман буданд, ин қавли ҳазрати Расули Худо (с)-ро ёдовар шудам, ки фармуда буд: Шумо баъд аз ман ба ҳолате мерасед, ки дигаронро бар шумо дар бахшиш бармегузинанд (яъне, ба шумо кам медиҳанд ва ба дигарон зиёд), пас сабр пеша кунед. Ва бо худ гуфтам, ки ҳазрати Расули Худо (с) дуруст фармуда буд. Марде ин ҳарфамро шунид ва онро ба Умар (р) расонд. Вақте ҳазрати Умар (р) аз

ин ҳарфам иттилоъ ёфт, шитобон, дар ҳоле ки ман машғули намоз будам, наздам омад ва гуфт: Эй Усайд, намозатро бихон. Вақте намозамро ба поён расонидам, ба ман рӯй оварда гуфт: Чӣ гуфтӣ? Ман ба он чӣ, ки дида будам ва он чӣ гуфта будам, барояш ҳикоят кардам.

Вай гуфт: Худованд аз ин ҳарфи ту даргузар шавад. Ин ҳамон либосе буд, ки ба фалон шахс, ки Ансорӣ ва Уқбӣ ва Бадрӣ ва Уҳудӣ буд, онро ирсол намудам ва ин ҷавони Қурайшӣ ин либосро аз вай харидорӣ намуда ва ба тан кардааст. Оё гумон мекунӣ ин ҳарфе, ки ҳазрати Расули Худо (с) фармудааст, дар аҳди ман амалӣ хоҳад шуд?

Усайд гуфт: Қасам ба Худо, эй амиралмӯъминин, маро ҳаргиз гумони ин набуд, ки ин амр дар вақти ту сурат пазирад.

Ҳазрати Усайд баъд аз он умри тӯлониро сипарӣ нанамуд ва дар аҳди ҳазрати Умар (р) ба ҷивори раҳмати ҳақ пайваст. Баъд аз маргаш дарёфтанд, ки вай маблағи чаҳор ҳазор дирҳам қарздор аст. Ворисонаш хостанд, то замини ӯро ба фурӯхта қарзи вайро адо намояд. Вақте ҳазрати Умар (р) аз ин мавзӯъ хабардор шуд, гуфт: Ман намехоҳам, ки фарзандони бародарам Усайд дастнигар ва мӯҳтоҷи мардум бошанд. Баъд бо қарздорони вай сӯҳбат кард ва ишон розӣ шуданд, ба ин ки ҳосилоти заминро то чаҳор сол, ки ҳар соли он ҳазор дирҳам мешавад, дар бадали қарзи худ бигиранд.

## АБДУЛЛОҲ ИБНИ АББОС

Ин саҳобии олиқадр ҳама азамату бузургӣ дар ӯ ҷамъ шудааст ва ҳеҷ фазилате набудааст, магар он, ки вай ба он миттасиф аст. Дар вай азамати сӯҳбати Расули Худо (с) мавҷуд аст: Агар вилодаташ андак ба таъхир меафтод, аз ин фазл маҳрум мемонд ва шарафи сӯҳбатро дарнамеёфт.

Бузургии қаробат ва хешовандӣ: Вай писари амаки ҳазрати Расули Худо (с) аст.

Бузургии илм: Вай яке аз уламои солеҳи уммати Муҳаммадӣ ва баҳрест аз ганҷинаи илми он.

Бузургиии тақво ва парҳезкорӣ: Вай ҳамеша рӯзро рӯза мегирифт ва шабро ба ибодат сипарӣ мекард ва дар ҳангоми саҳар аз Парвардигораш мағфират мехост ва аз тарси Аллоҳ он қадар мегирист, ки касрати ашк асари ҳафра дар рухсораш асар ниҳода буд. Абдуллоҳ ибни Аббос худотарси уммати муҳаммадӣ ва донишмандтарини ин уммат ба китоби Аллоҳ ва фақеҳтарин шахс ба таъвили он ва қодиртарини ишон ба умқи маонии Қуръон ва дарки маром ва асрори он буд.

Ҳазрати Ибни Аббос (р) се сол қабл аз ҳиҷрат ба дунё омад. Вақте Расули Худо (с) вафот ёфт, вай сездаҳсола буд ва бо вуҷуди ин хурдсолӣ вай аз ҳазрати Расули Худо (с) як ҳазору шашсаду шаст ҳадисе, ки Бухорӣ ва Муслим онро дар Саҳеҳайн-и худ дарҷ намудаанд, барои мусалмонон ҳифз намуд. Вақте модараш ӯро ба дунё овард, қабл аз он ки синаи худ ба даҳани вай гузорад, ӯро гирифта, назди Расули Худо (с) овард. Ҳазрати Расули Худо (с) аз оби даҳони мубораки хеш дар даҳани вай молид ва ба ин тартиб, аввалин чизе, ки дар шикамаш дохил шуд, оби даҳони мутаҳҳари он ҳазрат

буд, ки ҳамроҳ бо он ҳикмат ва тақво дар дилаш роҳ ёфт. Ҳамин ки ин писарбачаи ҳошимӣ синни туфулиятро пушти сар гузошт ва дар синни ҷавонӣ қадам ниҳод, мулозимат ва хизмати ҳазрати Расули Худо (с)-ро чунон баргузид, ки чашм бо чашми дигар мулозамат дорад. Он ҳазрат вақте мехост вузӯъ кунад, вай оби вузӯяшро баробар месохт ва вақте ҳазрати Паёмбари Худо (с) ба намоз меистод, ӯ дар пушти сараш саф мегирифт ва бо вай дар намозаш шарик мешуд ва чун мехост азми сафар намояд, вай дар маркаб пушти сараш савор мешуд. Ӯ худро нисбат ба ҳазрати Расули Худо (с) чунон сохта буд, ки гӯӣ сояи вай аст, ҳар ҷое, ки равад, аз пайи ӯ равон аст ва ҳар ҷое, ки биистад, бедаранг меистод. Вай дар ҳамаи ин ҳолатҳо қалби огоҳ ва бедор ва зеҳни соф ва шафоф ва ҳофизаи саршор дошт, ки ва асбоби сабти асри ҷадид баон намерасид.

Абдуллоҳ ибни Аббос дар бораи худ сухан баён дошта гуфт: Боре ҳазрати Расули Худо (с) қасди вузӯъ намуд. Фавран оби вузӯъ барояш омода сохтам. Ин кори ман мавриди писанди вай воқеъ шуд. Вақте қасди намоз хондан кард, ишора намуд, ки дар паҳлӯяш биистам, аммо ман дар пушти сараш саф гирифтам. Вақте намозро ба поён расонд, рӯ ба ман намуд ва гуфт: Эй Абдуллоҳ, чӣ омил туро монеъ аз он шуд, ки дар паҳлӯям наистодӣ?

Гуфтам: Ай Расули Худо (с), ту он қадар дар чашми ман мӯҳтарам ва бузургвор ҳастӣ, ки худро муносиб ва лоиқи он намебинам, ки дар барат боистам.

Баъд дастҳои муборакашро ба сӯи осмон баланд намуд ва гуфт: Худоё, бар вай ҳикмат насиб фармо. Худованд дуои Паёмбарашро дар мавриди ин писарбача иҷобат намуд ва ӯро чунон ҳикмат дод, ки ҳеҷ як аз ҳукамои номӣ ба пояи ҳикмати ӯ намерасанд. Бидуни шак ҳар кадом алоқа дорад, ки ҳикмате аз ҳикматҳои Абдуллоҳ ибни Аббос бишунавад ва акнун мо бахше аз ин ҳикматро бароятон ёдовар мешавем. Вақте баъзе аз пайравон ва тобеъони ҳазрати Алӣ (р) ӯро танҳо гузоштанд ва ӯро аз кашмакаш ва низоъаш бо ҳазрати Муовия (р) ёрӣ

надоданд, Абдуллоҳ ибни Аббос ба ҳазрати Алӣ (р) гуфт: Эй амиралмӯъминин, ба ман иҷоза деҳ, ки назди ин тоифа биравам ва бо ишон иқомаи ҳуҷҷат кунам.

Ҳазрати Алӣ (р) фармуд: Аз он тарсам, ки ба ту азияте нарасонанд. Гуфт: Иншоаллоҳ, чунин нахоҳанд кард.

Баъд бар ишон ворид шуд, дид ки онҳо чунон дар ибодат ғарқанд, ки ҳеҷ як тоифа ба онҳо намерасад.

Гуфтанд: Эй Ибни Аббос (р), хуш омадӣ. Омили омаданат ба ин ҷо чӣ буд?

Гуфт: Омадам, ки бо шумо сӯҳбат кунам. Баъзе ишон гуфтанд, бо вай сухан магӯед ва баъзеашон гуфтанд: Бигӯ, то бишнавем.

Гуфт: Ба ман бигӯед омиле, ки шуморо водошта, то аз писари амаки Расули Худо (с) ва ҳамсари духтараш ва аввалин касе, ки ба вай имон овардааст, интиқом гиред, чист?

Гуфтанд: Се омил аст, ки моро ба ин душманӣ кашондааст. Гуфт: Ин авомил кадом аст? Гуфтанд: Аввал ин ки вай дар дини Аллоҳ мардонро ҳақ ҳукм намудан додааст. Дуввум ин ки вай бо Оиша (р) ва Муовия (р) ҷанг кард ва аз гирифтани ғаниматҳо ва канизгирии ишон худдорӣ намуд. Саввум он ки вай аз худ лақаби амирулмӯъмининро дур сохт, бо он ки мусалмонон бо вай байъат намуда ва ӯро амири худ гирифта буданд.

Гуфт: Оё агар аз китоби Аллоҳ ба шумо чизе бишунавонам ва аз ҳадиси Паёмбари Худо (с) бароятон чизе баён кунам, ки ҷавоб дар баробари он надошта бошед, аз ин шеваатон бармегардед?

Гуфтанд: Бале.

Фармуд: **Аммо ин қавли шумо, ки вай мардонро дар дини Аллоҳ ҳакам гардонидааст, Аллоҳ Таъоло мегӯяд «Эй мӯъминон, дар ҳоли иҳром шикорро накушед. Ҳар кас аз рӯи қасд онро бикушад бояд каффорае монанди он аз чорпоён бидиҳад, ба шарте ки ду оқил баробар будани онро гувоҳӣ диҳанд».** *(Ал-Моида: 95).*

Ман акнун шуморо ба Худо қасам медиҳам, оё ҳамин мардон ба хотири ҷилавгирӣ аз хунрезии мусалмонон ва ислоҳи истилофашон сазовртар аст ва ё ҳукмашон дар бораи харгӯше, ки қимати он ба рубъи дирҳам намерасад?

Гуфтанд: Балки дар ҷилавгирӣ аз хунрезӣ миёни мусалмонон ва ислоҳи ихтилофашон.

Баъд гуфт: Оё ин масоил бароятон ҳал шуд? Гуфтанд: Бале.

Гуфт: Ва аммо ин қавлатон, ки Алӣ (р) ҷангид ва каниз нагирифт, мисле ки ҳазрати Расули Худо (с) меҷангид ва каниз мегирифт. Оё шумо инро meписандед, ки модаратон Оиша (р)-ро каниз гиред ва ӯро ба гунае ки канизҳо ҳалоланд, ӯро барои худ ҳалол бидонед?!

Агар бале бигӯед, кофир мешавед ва агар модари мо нест, бигӯед ҳам, кофир мешавед. Аллоҳ субҳонаҳу ва таъоло мегӯяд: **Паёмбар барои мӯъминон аз нафсҳояшон беҳтар аст ва ҳамсарони Паёмбар модарони мӯъминон ҳастанд** *(Аҳзоб, 6).* Бинобар ин барои худ он чӣ биписандед, баргузинед.

Баъд гуфт: Оё аз ин масоил ҳам халос шудем?

Гуфтанд: Бале. Гуфт: Аммо ин қавлатон, ки Алӣ (р) лақаби амирулмӯъминин буданро аз худ дур сохт. Дар ин бора бояд гуфт, ки ҳазрати Расули Худо (с) дар рӯзи Ҳудайбия, вақте аз мушрикин хост, ки дар паймони сулҳ ин ҷумларо нависанд: Муҳаммад Расулуллоҳ. Онҳо ба ин ҷумла розӣ нашуданд ва гуфтанд, ки агар мо ба рисолати ту имон меовардем, туро аз рафтан ба Байтуллоҳ монеъ намешудем ва ба душманиат намепардохтем. Валекин бинавис "Муҳаммад ибни Абдуллоҳ". Ҳамон буд, ки ҳазрати Расули Худо (с) хости онҳоро пазируфт ва гуфт: Қасам ба Аллоҳ, ки ман бо вуҷуди такзиби шумо Паёмбари Худо ҳастам. Оё аз ин масоил ҳам халос шудем?

Гуфтанд: Бале.

Натиҷаи ин гуфтугӯ, ки дар он ҳазрати Абдуллоҳ ибни Аббос далелҳои устувор ва ҳуҷҷати қавӣ ирода дошт, он шуд, ки аз ин ҷумла бист ҳазор нафар дубора ба сафи ҳазрати Алӣ

(р) пайваст ва боқӣ чаҳор ҳазори дигар аз рӯи инод ва рӯйтобӣ аз ҳақ бар мавқифи худ исрор варзида боқӣ монданд.

Ҳазрати Абдуллоҳ ибни Аббос дар роҳи таҳсили илм аз ҳеҷ гуна саъйу талош дареғ нанамуд ва дар ин роҳ ба мушкилоти зиёде тоқат кард ва дар тӯли зиндагии он ҳазрат (с) аз сарчашмаи зулолаш об нӯшид.

Вақте Расули Худо (с) ба ҷивори Ҳақ пайваст, ба бақияи боқимонда уламои саҳоба рӯй овард ва аз онҳо касби илм ва дониш намуд.

Вай дар бораи хештан сухан ба миён оварда гуфт: Вақте иттилоъ меёфтам, ки дар назди фалон саҳоба ҳадисе аз Расули Худо (с) ҳаст, қабл аз қайлула намудани вай ба дарвозааш меомадам ва чодари хештан дар погаҳи дараш паҳн мекардам ва бод хоку хошокро бар сару рӯям пароканда месохт. Агар мехостам, ки аз вай иҷоза бигирам, бидуни шак бароям иҷоза медод. Вале ман ин корро ба хотири он менамудам, то хотираш хуш созам ва чун вақте аз хона берун мешуд, маро ба ин ҳол медид ва мегуфт: Эй писарамаки Расули Худо (с) чӣ омиле туро ба ин ҷо овардааст? Чаро аз пайи ман касеро нафиристодӣ, ки ман ба ҳузурат меомадам?

Ва ман мегуфтам: Ман сазовор барои омадан назди ту ҳастам, чун бояд назди илм рафт, на он ки илм назди мо биёяд ва баъд ӯро аз он ҳадис мепурсидам.

Ҳамон тавре, ки Ибни Аббос (р) худро барои илм ҳосил намудан хору залил месохт, қадри уламоро баланд медошт.

Вақте Зайд ибни Собит котиби ваҳй ва сарҳалқаи уламо дар қазо ва фиқҳ ва қироат ва фароиз қасди савор шудан бар маркаби худ менамуд, ин ҷавони ҳошимитабор Абдуллоҳ ибни Аббос (р) дар баробари вай чун ғулом дар баробари Хоҷа меистод ва рикобашро маҳкам мегирифт ва зимоми маркабашро ба даст медошт.

Зайд ба ӯ гуфт: Эй писарамаки Расули Худо (с), ин корро бигзор.

Ибни Аббос (р) гуфт: Ба мо амр шудааст, ки бо уламои худ чунин кунем.

Зайд (р) ба вай гуфт: Дастатро ба ман нишон деҳ.

Ҳазрати Аббос (р) дасти худро берун кашид. Ҳазрати Зайд (р) худро хам кард ва дасташро гирифта бӯсид ва гуфт: Ба мо амр шудааст, ки ба аҳли байти Паёмбар (с) чунин кунем.

Ибни Аббос (р) он қадар ба илм рӯй овард ва онро касб кард, ки уламои барҷастаро ҳайрон сохт.

Масруқ ибни Аҷдаъ яке аз тобеъини бузург дар бораи ҳазрати Абдуллоҳ ибни Аббос (р) гуфтааст: Вақте Абдуллоҳ ибни Аббос (р)-ро медидам, бо худ мегуфтам: Ӯ зеботарини мардум аст. Вақте баёни ӯро мешунидам, бо худ мегуфтам: Фасеҳтарини мардум аст ва вақте сӯҳбат менамуд, бо худ мегуфтам, ки олимтарини мардум аст. Вақте ҳазрати Ибни Аббос (р) илмро, ки ба он ҳирс дошт, ба পояи камол расонид, худ муаллим шуд, ки мардум аз вай илм меомӯхтанд.

Ба ин тартиб, хонаи вай ба донишгоҳ мубаддал шуд, ки мусалмонон аз он илм ҳосил менамуданд ва танҳо фарқе, ки дар миёни донишгоҳи вай ва донишгоҳи ин аср вуҷуд дорад, ин аст, ки дар донишгоҳи вай як устод ва дар донишгоҳи асри имрӯза садҳо устод кор мекунанд. Яке аз ёрони ӯ ҳикоят намуда мегӯяд: Ман як ҳалқае аз ҳалқаҳои дарси Ибни Аббос (р)-ро дидам, ки агар ҳамаи Қурайш ба он ифтихор кунад, ҷо дорад. Ман ҷамъи зиёде аз мардумро дидам, ки дар роҳе, ки ба хонаи вай мерасид, ҷамъ шуда буданд, то он ҷо ки дар кӯча ҷой набуд ва роҳро бар раҳгузарон баста буданд. Ман назди вай даромада аз ҷамъ шудани мардум бар дарвозааш ӯро огоҳ сохтам. Вай гуфт: Ба ман оби вузӯ бигир. Чун вузӯ намуд, нишаст ва гуфт: Берун шав ва ба мардум эълон кун: Касоне, ки аз Қуръон ва ҳуруфи он савол доранд, дохил шаванд. Мардум ба андозае омаданд, то он ки дохили хона ва утоқҳо пур шуд. Ишон ҳеҷ саволро накарданд, магар он ки посухи онро гирифтанд ва аз саволашон маълумоти изофӣ низ барояшон дод ва баъд барояшон гуфт: Ҷойро барои бародаронатон холӣ намоед ва роҳро барояшон боз кунед. Ишон берун шуданд.

Баъд ба ман гуфт: Берун шав ва ба онҳо бигӯ: касоне ки аз тафсир ва таъвили Қуръон савол дошта бошанд, дохил шаванд. Берун шудам ва ба онҳо гуфтам. Мардум ба андозае омаданд, то он ки дохили хона ва утоқҳо пур шуд. Ишон ҳеҷ саволро накарданд, магар он ки посухи онро гирифтанд ва аз саволашон маълумоти изофӣ низ барояшон дод ва баъд барояшон гуфт, ҷойро барои бародаронатон холӣ намоед ва роҳро барояшон боз кунед, ишон берун шуданд.

Баъд ба ман гуфт: Берун шав ва ба ишон бигӯ: Касоне ки аз ҳалол ва ҳаром ва фиқҳ савол доранд, дохил шаванд. Берун шудам ва барояшон гуфтам: Боз мардум ба андозае омадаанд, то он ки дохили хона ва утоқҳо пур шуд. Ишон ҳеҷ саволро накарданд, магар он ки посухи онро гирифтанд ва аз саволашон маълумоти изофӣ низ барои ишон дод ва баъд ба ишон гуфт: Ҷойро барои бародаронатон холӣ намоед ва роҳро барои ишон боз кунед. Ишон берун шуданд.

Боз ба ман гуфт: Берун шав ва ба ишон бигӯ, касоне ки аз фароиз ва амсоли он савол дошта бошанд, дохил шаванд. Чунин кардам ва ба андозае омаданд, то он ки дохили хона ва утоқҳо пур шуд. Ишон ҳеҷ саволро накарданд, магар он ки посухи он гирифтанд ва аз саволашон маълумоти изофӣ низ ба ишон дод ва баъд ба онҳо гуфт: Ҷойро барои бародаронатон холӣ намоед ва роҳро барояшон бозкунед, ишон берун шуданд.

Боз ба ман гуфт: Берун шав ва касоне, ки аз луғати арабӣ ва шеър ва каломҳои мушкили арабӣ савол дошта бошанд, дохил шаванд. Амри ӯро ба ҷо овардам ва ба андозае омаданд, то он ки дохили хона ва утоқҳо пур шуд. Ишон ҳеҷ саволро накарданд, магар он ки посухи онро гирифтанд ва аз саволашон маълумоти изофӣ низ барояшон дод ва баъд ба онҳо гуфт: Ҷойро барои бародаронатон холӣ намоед ва роҳро барояшон боз кунед. Ишон берун шуданд.

Ровии хабар мегӯяд: Агар ҳамаи Қурайш ба ин шахс ифтихор кунад, ҷои он дорад, ки мояи фахри ҳамаи онҳо бошад. Гӯё ҳадафи Ибни Аббос (р) аз ин кор ин будааст, ки вай

хостааст, ки илм бояд бо гузашти айём тавзеҳ шавад, то чунин ҳолати издиҳом, ки феълан ба вуҷуд омадааст, рух надиҳад.

Бинобар ин, ҳар ҳафтае як рӯз менишаст ва дар ин ҷуз аз тафсир аз улуми дигар ёдоварӣ намекард ва як рӯзро барои баёни аҳкоми фиқҳ як рӯзро барои зикри ғазваҳои ҳазрати Расули Худо (с), як рӯзро барои зикри шеър ва як рӯзро барои зикри ҳодисаҳо ва рӯйдодҳои миллати араб. Ва ҳеҷ олиме дар ҳалқаи дарсии вай наменишаст, магар он, ки ба илму дониши вай тан медод ва ҳеҷ пурсанда аз вай савол намекард, магар он ки ӯро бахри илм меёфт. Бо вуҷуди ин, он ки вай хурдсол буд, ба сабаби фазл, илм ва фиқҳ, ки дошт, ба сифати мушовири хулафои рошидин кор мекард. Вақте агар масоиле ва ё мушкилие барои ҳазрати Умар ибни Хаттоб пеш меомад, вай бузургони саҳобагонро даъват мекард ва Абдуллоҳ ибни Аббос (р) низ дар ҷумлаи ин ҷамъ шомил буд. Вақте ишон ҳузур меёфтанд, Абдуллоҳ ибни Аббос (р)-ро дар садри маҷлис менишонд ва ба вай қадру манзаллати хос қоил буд ва ӯро ба худ наздик месохт ва ба ӯ мегуфт: Барои мо мушкилие пеш омада ва туро ба ҳалли он даъват намудаем.

Боре ҳазрати Умар (р) ба иллати муқарраб сохтани вай ба хештан ва нишондани вай ҳамроҳи бузургон дар ҳоле ки тозаҷавоне беш набуд, мавриди сарзаниши ҷамъе аз асҳоб қарор гирифт. Вай дар ҷавоб ба ишон гуфт: Ҷавон аст, аммо шахсияти бузургонро дорад. Ба ҷавоби саволатон забони дароз дорад ва қалбаш пур аз дониш аст.

Бо он ки Ибни Аббос (р) ба назди хоссон мерафт, то онҳо аз илму дониши ӯ нафъ баранд ва ба онҳо дарси фиқҳ омӯзонад, вале ин амр ӯро ба ин вонамедошт, ки ҳаққи оммаро фаромӯш намояд. Вай барои онҳо маҷолиси вазъ ва иршод ва зикрро доир менамуд. Дар ҷумлаи мавъизаҳои вай, ки дар хитоб ба гунаҳкорон баён дошта, омадааст: Эй гунаҳкор, набояд аз оқибати гуноҳат амин бошӣ ва бидон, ки паёмади гуноҳ сахттар аз худи гуноҳ аст ва бидон, ки шарм накардан аз малоик, ки дар тарафи рост ва чапи ту қарор доранд ва ту аз ишон ҳаё намекунӣ, муртакиби гуноҳ мешавӣ, камтар аз

гуноҳ нест, ки ту муртакиби он мешавӣ. Ва хандидан ба гуноҳ ва намедонӣ, ки Худованд бо ту чӣ хоҳад кард, бузургтар аз гуноҳ аст, ки ту муртакиби он мешавӣ. Ва хушнудӣ ба гуноҳ вақте, ки ба он зафар ёбӣ, бузургтар аз гуноҳ аст, ки муртакиби он мешавӣ. Ва ғамгиниат бар гуноҳ, ки тасмими он гирифтӣ ва баон даст наёфтӣ, бузургтар аз гуноҳ аст, ки тасмими он гирифтаӣ. Аз боде, ки пардаатро дар ҳоли иртикоби гуноҳ ба ҳаракат медарорад, битарсию қалбат аз Худованд, ки ба ҳама розҳои пинҳонӣ ва ошкор огоҳ аст, ба тапиш наёяд, сахттар аст аз гуноҳе, ки ту муртакиби он мешавӣ.

Эй гунаҳкор: Медонӣ, ки гуноҳи ҳазрати Аюб (а) вақте Худованд ӯро дар мол ва ҷонаш мавриди озмоиш қарор дод, чӣ буд? Гуноҳаш ин буд, ки ситамдидае аз вай барои дафъи ситам кӯмак хост, вай кӯмак накард.

Ибни Аббос аз онҳое набуд, ки қавл дошта бошаду амал ва аз онҳое набуд, ки мардумро ба некӣ амр кунаду худ накунад, балки вай рӯзадори рӯз ва шабзиндадори шаб буд.

Абдуллоҳ ибни Малик аз вай ривоят намуда гуфтааст: Ҳазрати Ибни Аббос (р)-ро аз Макка то Мадина дар сафар ҳамроҳӣ намудам. Вақте дар ҷое пойин мешудем, вай бахше аз шабро бармехест ва ибодат мекард ва бақияи мардум аз шиддати хастагӣ ба хоб рафта буданд.

Ман шабе ӯро дидам, ки ин оят мехонд: **(«Ва ба ростӣ сакароти марг фаро расид. Ин ҳамон аст, ки аз он гурез доштӣ»** *Қоф: 19)*. Вай пайваста ин оятро ба такрор мехонад ва бо садои баланд мегирист, то он ки шаб рӯз шуд.

Баъд аз ин ҳама авсофи нек бояд инро бидонем, ки Абдуллоҳ ибни Аббос (р) зеботарини мардум буд ва чеҳраи тобон дошт ва дар дилҳои шаб аз тарси Худо мегирист, то ҷое, ки ҷӯбори ашк дар рухсораҳояш падид меомад.

Вай ба қуллаи азамати илм расида буд. Ба тавре ки дар яке аз солҳо ҳазрати Муовия ибни Абусуфён ба қасди ҳаҷ берун шуд ва дар ҳамон сол Абдуллоҳ ибни Аббос (р) низ ба қасди ҳаҷ баромад. Вай на ходиму ҳакам дошт ва на аз мақом ва манзалати аморат бархӯрдор буд. Ҳазрати Муовияро

қофилае аз надимонаш ва хосони давлаташ ҳамроҳӣ менамуд. Аммо ҳазрати Абдуллоҳ ибни Аббос (р)-ро қофилае аз толибилмон ҳамроҳӣ менамуданд, ки болотар аз қофилаи халифа ва амир буд.

Ҳазрати Абдуллоҳ ибни Аббос (р) ҳафтоду як сол умр дид, ки дар ин муддат дунёро пур аз илму ҳикмат сохт ва дарси тақво ва парҳезгорӣ омӯхт. Вақте аҷалаш фаро расид ва ба лиқоуллоҳ пайваст, Муҳаммад ибни Ҳанафӣ ҳамроҳ бо бақияи асҳобе, ки дар қайди ҳаёт буданд ва бузургон тобеъин ҷанозаи ӯро хонданд ва дар асное, ки хок бар қабраш меандохтанд, аз қорӣ шуниданд, ки ин оятҳоро мехонад **«Эй рӯҳи боитминон! Хушнуд ва писандида ба сӯи Парвардигорат бозгард. Ва дар силки бандагони ман ворид шав. Ва дар биҳишт қадам бигзор».**

*(Фаҷр, 30).*

## НӮЪМОН ИБНИ МУҚАРРИНИ МУЗАНӢ

Қарияҳои қабилаи Музанӣ дар қариби Ясриб, дар хате, ки шоҳроҳи умумии Макка ва Мадинаро бо ҳам васл месозад, қарор дорад. Ҳазрати Расули Худо (с), вақте ба Мадина ҳиҷрат намуд, ахбор ва гузоришоти даъвати вай аз тариқи касоне, ки дар миёни Мадина ва қабилаи Музанӣ рафтуомад доштанд, пайиҳам мерасид ва ҷуз хайр ва некӯӣ ҳарфе аз даъвати вай намешуниданд. Дар яке аз шомгоҳон сардори қабилаи Музанӣ, Нӯъмон ибни Муқаррин ҳамроҳ бо бародарон ва бузургони қавмаш дар бошишгоҳи худ нишаста буд ва ба онҳо гуфт: Эй қавм, қасам ба Худо, мо аз Муҳаммад (с) ҷуз хайр чизе надидаем ва аз даъваташ ҷуз паёми раҳмат ва эҳсон ва адл чизе нашунидаем. Моро чӣ шудааст, ки дар қабули ин амр сустӣ намоем, дар ҳоле, ки мардумони дигар ба қабули даъвати вай мешитобанд? Баъд изофа намуд: Аммо ман тасмим баон гирифтам, ки фардо ба сӯҳбаташ шарафёб гардам. Агар касе аз шумо майли рафтан бо манро дошта бошад, худро омода созед.

Ҳарфҳои Нӯъмон дар дили ин ҷамъи некниҳод таъсир кард. Ҳамин ки шаб рӯз шуд, даҳ тан аз бародаронаш ҳамроҳ бо чаҳорсад тан аз паҳлавонони аҳли қабилаи Музайна худро барои рафтан ба Ясриб барои мулоқот бо ҳазрати Расули Худо (с) ва мушарраф шудан ба дини Ислом омода сохтанд. Магар он ки Нӯъмонро ҳаё омад аз ин ки бо ин ҷамъи бузург дастхолӣ ба ҳузури Расули Худо (с) биравад ва тӯҳфа ва ҳадя ба даст надошта бошад.

Он сол қаҳтӣ ва хушксолии шадид қабилаи Музайнаро фаро гирифта буд, ки на зироат монда буд ва на чорво. Ҳазрати Нӯъмон ибни Муқаррин барои омода намудани тӯҳфа ва ҳадя

ба хонаи худ ва бародаронаш сар зад ва чанд гӯсфандеро, ки аз ҳамлаи қаҳтсолӣ ба ҷо монда буд, бо худ гирифта бурд, то онро ба ҷаноби ҳазрати Расули Худо (с) тақдим намояд ва исломи худро дар пеши рӯи он ҳазрат (с) эълон кунад.

Аз мусалмон шудани Нӯъмон ибни Муқаррин ва қавмаш хушӣ ва сурур саросари Ясрибро фаро гирифт. Чун қабл аз ин бар ҳеҷ як аз хонаҳои араб чунин пеш наомада буд, ки даҳ бародар аз як падар ҳамроҳ бо чаҳорсад паҳлавон ба дини Ислом пайваста бошад.

Ҳазрати Расули Худо (с) аз имон овардани Нӯъмон ибни Муқаррин ниҳоят хушҳол ва масрур шуд ва Худованд аз вай он чанд гӯсфандеро, ки ба унвони тӯҳфа бо худ оварда буд, пазируфт ва дар бораи он Қуръон нозил сохт ва фармуд: **«Бахше дигар аз арабҳои бодия ба Худо ва қиёмат имон доранд ва он сирро харқ мекунанд, ки сабаби тақарруб ба Худо ва дуъои Паёмбар медоданд. Бидонед, ки ҳамон боиси тақаррубашон хоҳад буд ва Худованд бу зудӣ онҳоро ба раҳмати худ восил хоҳад кард, зеро Худованд омурзандаи меҳрубон аст»**. *(Тавба: 99)*. Ба ин тартиб, Нӯъмон ибни Муқаррин дар зери парчами ҳазрати Расули Худо (с) даромад ва бидуни таъхир ва кӯтоҳӣ дар ҳамаи ғазавоташ ширкат намуд. Вақте ки хилофат ба ҳазрати Абубакри Сиддиқ (р) расид. Нӯъмон ибни Муқаррин ва қавмаш Музайна мардонавор дар паҳлӯи вай истода ва дар саркӯби фитнаи аз дин бединшавӣ қаҳрамонии бемисл аз худ нишон дод.

Аммо вақте даври хилофати ҳазрати Умари Форуқ (р) фаро расид, Нӯъмон ибни Муқаррин чунон шаҳкорӣ аз худ ба ҷо гузошт, ки таърих барои ҳамеша аз он ба забони таҳсин ёдоварӣ намуда ва онро намуна аз ифтихори мусалмонон ба ҳисоб меоварад.

Андак қабл аз вуқӯъи ҷанги Қодисия Саъд ибни Абиваққос қумандони лашкари мусалмонон ҳайатеро таҳти роҳбарии Нӯъмон ибни Муқаррин ба назди Кисро Яздигурд фиристод, то ӯро ба Ислом даъват намояд. Вақте ишон ба пойтахти Кисро расиданд, аз вай иҷозаи мулоқот хостанд. Кисро ба ишон

иҷозаи мулоқот дод. Баъд тарҷумонро хост ва ба ӯ гуфт: Ба онҳо бигӯ, ки чӣ омиле шуморо ба диёри мо оварда ва шуморо ба ҷанги алайҳи мо фирефта сохтааст? Шояд омили тамаъ ва ҷуръататон алайҳи мо ин бошад, ки мо дар натиҷаи машғулиятҳое, ки доштаем, нахостем ба шумо даст ёзем...

Нӯъмон ибни Муқаррин ба ёрони худ рӯй гардонид ва гуфт: Агар иҷоза бидиҳед, ман ба ӯ ҷавоб диҳам ва агар касе ҳам хоста бошад, бо вай сухан гӯяд, ман вайро бар худ муқаддам медорам. Ҳама гуфтанд: Ту худ ҷавоби ӯро бидеҳ. Баъд ҳама ба Кисро рӯй оварда гуфтанд: Ин шахс намояндагӣ аз мо бо ту сӯҳбат мекунад ба ҳарфаш гӯш фаро деҳ.

Нӯъмон Худоро ҳамду сано гуфт ва бар Паёмбараш (с) дуруд фиристод ва гуфт: Худованд бар мо раҳм намуд, ки Паёмбаре ба мо ирсол дошт, то моро ба роҳи хайр раҳнамоӣ намуда ва ба он амр фармояд ва шар ва бадиро барои мо нишон диҳад ва аз он моро манъ дорад ва барои мо ваъда додааст, ки агар мо ин даъвати ӯро бипазирем, Худованд хайри дунё ва охиратро насиби мо мекунад.

Ҳамон буд, ки дере нагузашта Худованд зиндагии танги моро ба кушоиш ва зиллатамонро ба иззат ва душманиамонро ба бародарӣ ва раҳмат иваз намуд ва ба мо амр намудааст, ки мардумро ба он чи, ки дар он салоҳ ва манфиаташон аст, даъват намоем ва ин даъватро аз касоне оғоз намоем, ки дар ҷавори мо ба сар мебаранд. Аз ин рӯ, мо шуморо ба доҳил шудан дар дини хештан даъват мекунам. Ин дин оине аст, ки ҳама хубиҳоро хуб гуфта ва ба он ташвиқ менамояд ва ҳама бадиҳоро бад гуфта ва аз он барҳазар медорад ва ин дин пайравони худро аз торикиҳо ва ҷавру ситами куфр ба нур ва адл ва имон мекашонад. Агар даъвати маро дар дохил шудани худ ба Ислом бипазиред, дар миёни шумо китоби Худоро мегузорем, то мувофиқи он зиндагии худро ба роҳ монед ва мувофиқи аҳкоми он амал кунед ва мо ба диёри худ бармегардем ва шумо медонеду коратон. Агар аз қабули Ислом сар боззанед, аз шумо ҷизя дарёфт намуда ва дар

ҳимояти мо ба сар хоҳед бурд ва агар аз додани ҷизя ҳам худдорӣ намоед, ба ҷанг алайҳи шумо хоҳем пардохт.

Яздигурд аз шунидани ин ҳарфҳо сахт ба хашм омад ва гуфт: Ман ҳеҷ миллатеро дар рӯи замин сороғ надорам, ки бадбахттар аз шумо ва камшумортар аз шумо бошад ва дар парешонӣ ва ихтилоф ба мисли шумо ва ҳолашон бадтар аз шумо бошад. Шумо миллате будед, ки зимоми умуратонро ба дасти волиёни атроф гузошта будем, ки итоат ва байъататонро барои мо мегирифтанд. Баъди андаке аз хашми худ коста ва гуфт: Агар тангии иқтисодӣ шуморо ба омадан ба диёр мо маҷбур сохта бошад, дастур медиҳам, то ба шумо маводи хӯрока ба андозае дода шавад, ки хушксолӣ ва қаҳтиатон поён ёбад ва сарон ва бузургони қавматонро либос медиҳам ва аз ҷониби худ ба шумо касонеро муқаррар мекунам, ки бо шумо рафтори нарм кунанд.

Марде аз миёни ҳайати мусалмонон сухани вайро тавре рад намуд, ки оташи ғазаб ва хашмро дар дили вай тоза кард ва гуфт: Агар ин қонун намебуд, ки ҳайатҳо кушта намешаванд, ҳатман шуморо ба қатл мерасонидам. Аз ҷоятон бархезед, шумо назди ман ҳаққи ҳеҷ чизеро надоред ва ба раҳбаратон бигӯед, ки ман Рустамро барояш хоҳам фиристод, то ӯро ҳамроҳ бо шумо дар сангари Қодисия дафн созад. Баъд дастур дод, то халтаи пур аз хок оварданд ва дар пеши рӯяш гузоштанд ва ба яке аз посдоронаш гуфт: Ин хокро бардоред ва бар гардани шарифтарин фарди ин ҳайат биёвезед ва баъд ӯро дар пешопеши худ дар миёни мардум ба роҳ андозед, то барояшон дарси ибрат гардад ва ба ин ҳолат ишонро аз шаҳр берун кунед. Посдоронаш халтаи хокро гирифта омаданд ва гуфтанд: Калонтарини ин ҳайат кист? Осим ибни Амр пешдастӣ намуд ва гуфт: Ман раёсати ин ҳайатро ба ӯҳда дорам.

Халтаи хокро бар гарданаш овехтанд, то он ки аз Мадоин берун шуданд ва баъд он хокро бар шутури худ бор кард ва онро гирифта ба Саъд ибни Абиваққос бурд ва ба ӯ мужда дод, ки анқариб Худованд диёри Форсро ба дасташон фатҳ

хоҳад кард ва хокашонро дар зери суми аспҳояшон қарор хоҳад дод.

Баъд набарди сахте дар Қодисия ба роҳ афтод ва сангарҳои он пур аз ҷасадҳои лашкари Кисро гардид.

Форсҳо аз шикасти худ дар Қодисия ибрат нагирифтанд, балки худро барои як ҷанги шадид, ки дар ҳудуди як лаку панҷоҳ ҳазор нафар ҷангӣ буд, муҷаҳҳаз сохтанд.

Ҳазрати Умари Форуқ (р) аз ин соз ва барги ҷанги онон иттилоъ ёфт ва тасмим ба он гирифт, ки худ шахсан сарварии онро ба даст гирад ва ба ҷабҳаи ҷанг биравад. Вале бузургони мусалмонон ӯро аз ин азмаш боздоштанд ва ба вай машварат доданд, ки қумандони қобили эътимодеро ба ин кори бузург интихоб намояд. Ҳазрати Умар (р) ба ишон гуфт: Шахсеро, ки битавонад аз ин марз дифоъ кунад, бароям пешниҳод кунед, то ӯро ба ин вазифа эъзом дорам.

Гуфтанд: Эй амиралмӯъминин, ту худ ба аҳволи лашкари мусалмонон хубтар доноӣ.

Гуфт: Қасам ба Худо ҳароина бар лашкари мусалмонон касеро муқаррар хоҳам кард, ки вақте ду лашкар, куфр ва Ислом бо ҳам рӯ ба рӯ шаванд, бар нӯгҳои найза сабқат гирад, ки вай иборат аз Нӯъмон ибни Муқаррин аст.

Гуфтанд: Интихоби дуруст ва баҷост. Биноан, унвони вай навишт ва гуфт: Аз тарафи бандаи Худо Умар ибни Хаттоб ба Нӯъмон ибни Муқаррин. Аммо баъд: Аз он ҷое, ки ба ман иттилоъ расидааст, ки ҷамъиятҳои анбӯҳе аз Аҷом барои рӯёрӯии шумо дар шаҳри Наҳованд гирд омадаанд. Вақте ин номаам ба ту бирасад, ба амри Худо ва умед ба кӯмак ва нусрати Аллоҳ ҳамроҳ бо мусалмононе, ки бо туанд, ҳаракат кун. Эҳтиёт кун, ки онҳоро ба ҷое набарӣ, ки сабаби азияташон гардад. Ба хотири он ки як мусалмон назди ман беҳтар аз сад ҳазор динор аст. Вассалому ъалайка.

Нӯъмон ҳамроҳ бо лашкараш ба ҷанги душман ба роҳ афтод ва дастаҳои иттилоашро ба хотири дарёфти хабар ва аҳволи роҳ, пеш аз худ фиристод. Вақте дастаҳои иттилоотӣ ба Наҳованд наздик шуданд, аспҳояшон аз рафтан бозистод,

ҳар қадар сайъ намуданд, аспҳои худро ба пеш ронданд, гоме барнадоштанд. Ҳамон буд, ки аз аспҳои худ фуромаданд, то бубинанд, ки чӣ иттифоқе афтодааст, ки аспҳо ба пеш гом барнамедоранд. Дарёфтанд, ки дар сумҳои аспон хорҳои оҳанин, шабеҳ ба меххо фурӯ рафтааст ва чун ба замин назар афканданд, диданд ки аҷамиҳо хорҳои оҳанинро дар роҳҳое, ки ба Ниҳованд мебарод, насб намудаанд, то қувваи пиёда ва савораашон натавонанд аз он бигузоранд ва ба Наҳованд бирасанд.

Дастаҳои иттилоотии Нӯъмонро аз дидашон огоҳ сохтанд ва аз вай хостанд, ки дар ҷиҳати ҳалли ин мушкил ба ишон машварат диҳад, ки чи кор кунанд. Нӯъмон ба ишон дастур дод, ки дар ҷойҳои худ биистанд ва шаб оташ бияфрӯзанд, то душман онҳоро бубинад ва дар чунин фурсат душман ба ин фикр хоҳад шуд, ки мусалмонон аз ишон тарсидаанд ва дар баробарашон шикаст хӯрдаанд ва ба ин тартиб душманро фиреб диҳанд. Он гоҳ ҷуръат мекунанд, ки онҳоро таъқиб кунанд ва ба ин асос душман худ оҳанҳои хордорро, ки дар роҳҳо насб кардаанд, бармечинад, то худ аз он бигузарад. Ин ҳила бар форсҳо коргар афтод. Ҳамин ки диданд гурӯҳҳои иттилоотии мусалмонон натавонистанд аз минтақаи хорҳои оҳанин бигузаранд, пиндоштанд, ки акнун ишон шикаст хӯрдаанд ва бояд онҳоро аз пай таъқиб намуд. Ҳамон буд, ки ба касони худ дастур доданд, то роҳро аз вуҷуди хорҳои насбшуда пок кунанд.

Ҳамин ки роҳҳо поксозӣ шуд, мусалмонон бо як ҳамла тавонистанд бар ин роҳҳо даст ёбанд ва онро ба даст гиранд. Нӯъмон ибни Муқаррин лашкари худро дар нуқтаҳои баланд бар Наҳованд таваққуф дод ва тасмим гирифт, ки ҳамлаи ногаҳониро бар душман сурат диҳад. Аз ин рӯ, ба муҷоҳиддини худ гуфт: Ман се бор такбир мегӯям, вақте такбири аввалро гуфтам, бояд онҳое, ки худро тайёр накардаанд, омода созанд ва чун такбири дуввумро гуфтам, бояд ҳар кадом аз шумо силоҳашро бар камар бандад. Вақте такбири саввумро гуфтам, худ бар душман ҳамла кунам ва

шумо бояд аз пайи ман ба душман ҳамла кунед. Нӯъмон ибни Муқаррин ҳар се такбири худро бигуфт ва ба сафҳои душман ҳамла бурд ва чун шер бар онҳо юриш бурд ва лашкари мусалмонон аз пайи вай даромаданд. Ҷанги шадиде дар миёни ду тараф даргирифт, ки шояд таърихи ҷангҳо камтар назири онро ба ёд дошта бошад.

Лашкари форсҳо сахт шикаст хӯрданд ва титу пароканда шуданд ва куштаҳояшон кӯҳу даштро пур кард ва хунҳояшон дар роҳҳо ва кӯчаҳо ҷорӣ шуд. Чун аспи Нӯъмон ибни Муқаррин аз фарози хунҳо мегузашт, ногаҳон пояш лағжид ва ба замин афтод ва баъд худи Нӯъмон низ захмӣ шуд. Бародараш парчам аз дасти вай бигирифт ва чодари худ ба рӯи вай андохт ва шаҳодаташро аз мусалмонон пӯшида дошт.

Вақте пирӯзии бузург, ки баъд ба номи "Фатҳу-л-футуҳ" шӯҳрат ёфт, насиби мусалмонон гардид. Лашкари пирӯз, сарлашкар ва размандаи худ Нӯъмон ибни Муқарринро ҷустуҷӯ намуданд. Бародараш омад ва чодар аз рӯи вай бардошт ва гуфт: Ин аст сарлашкари фотеҳи шумо, ки Худованд чашмашро бо фатҳи шумо равшанӣ бахшид ва зиндагиашро ба шаҳодат пойин дод.

## СУҲАЙБИ РУМӢ

Аз мо ҷамъи мусалмонон кист, ки Суҳайби Румиро нашиносад ва ба бахше аз саргузашти зиндагии вай огаҳӣ надошта бошад? Аммо он чиро, ки бисёре аз мо намедонад, ин аст, ки Суҳайб румӣ набуд, балки Суҳайб араби холис буд, ки падараш аз қабилаи Нумайр ва модараш аз қабилаи Бани Тамим буд ва ин ки чӣ гуна Суҳайб ба Румӣ нисбат ёфтааст, достоне дорад, ки таърих онро нигаҳ дошта ва ҳифз намудааст. Дар ҳаволии ду даҳа қабл аз биъсат ё Синон ибни Молики Нумайрӣ аз тарафи Кисро, императори Форс зимоми умури шаҳри Айларо ба даст дошт ва маҳбубтарини фарзандонаш тифле буд, ки умраш аз панҷ сол зиёд набуд ва Суҳайб ном дошт. Суҳайб чеҳраи тобон ва мӯи тиллоӣ дошт. Писарбачае буд ҳушёр ва шӯхмиҷоз, дар чашмонаш осори наҷобат ва зиракӣ медурахшид. Дар паҳлӯи ин ду сифат вай хуштабъ ва ширинзабон буд ва бо ҳаракатҳо ва ҳарфҳояш осори ғаму андӯҳи салтанатро аз дили падар мезудуд.

Модари Суҳайб бо фарзандони кӯчак ва ҷамъе аз ходимон ва ҳашами хеш ба қаряи Сахӣ, ки дар сарзамини Ироқ ҷойгир шудааст, сафар намуд, то андак дар онҷо роҳат кунад. Ногаҳон дастае аз гурӯҳҳои ҷангҷӯи лашкари Румӣ ба қария ҳамла намуданд ва посдоронашро ба қатл расонида амволашро ба ғорат бурданд ва зану фарзандонашро ба асорат гирифтанд ва дар ҷумлаи ин асирон Суҳайб низ шомил буд.

Суҳайбро дар яке аз шаҳрҳои Рум бурда, дар бозори ғуломфурӯшон ба фурӯш расид ва ҳаводиси рӯзгор ӯро даст ба дасти хоҷагон мегардонид ва хидмати онон менамуд ва сарнавишти вай ба сони сарнавишти оммаи ғуломон буд, ки қасрҳои билоди Румро пур намуда буданд.

Ин гардиши даҳр ба Суҳайб фурсати онро мусоид сохт, то ба қаъри ҷомеъаи румиён нуфуз намояд ва аз дохил ба расму анъанаҳои онон иттилоъ ҳосил кунад. Вай ба чашми сар дид, ки дар дохили ин қасрҳо фаҳшо ва фасод чӣ қадарҳо густариш ёфтааст ва зулмҳо ва ситамгариҳоро, ки дар он ҷо сурат мегирифт, мешунид. Аз ин рӯ, вай ин ҷомеаро, ҷомеаи паст ва ҳақир шумурд ва дар худ нисбат ба он нафрат пайдо кард. Вай бо худ мегуфт: Чунин ҷомеъаро ҷуз тӯфон чизи дигаре пок нахоҳад сохт.

Бо вуҷуди он, ки Суҳайб дар ҷомеаи Рум рушд ёфта ва калон шуда буд ва дар миёни аҳолии ин диёр зист ва бо вуҷуди ин, ки вай наздик буд забони арабиро фаромӯш намояд, вале бо васфи ин ҳама вай ҳаргиз ин матлабро аз ёд набурд, ки вай аслияти арабӣ дорад ва аз фарзандони саҳроии Араб аст.

Ӯ ҳамеша дар шавқи он буд, ки рӯзе фаро расад, ки худро аз асорати ғуломӣ озод созад ва аз насими гуворои озодӣ нафас бикашад ва бо аҳлу қавми худ бипайвандад ва он чи ки бештар бар шуур ва шавқи вай ба баргашт ба билоди Араб меафзуд ин буд, ки вай аз коҳин ва коҳинони насоро шунида буд, ки ба яке аз хоҷагонаш мегуфт: Акнун вақт ва замони он фаро расидааст, ки Паёмбаре аз Макка дар ҷазираи Араб сар бардорад ва рисолати ҳазрати Исо (а)-ро тасдиқ намояд ва мардумро аз торикиҳо ба сӯи нур ҳидоят кунад.

Баъд барои Суҳайб фурсати он муяссар гардид, ки худро аз ғуломии арбобони хеш наҷот дода, ба сӯи Макка, биъсатгоҳи Паёмбари мунтазир роҳи фирор пеш гирад.

Вақте Суҳайб дар ин шаҳр раҳли иқомат афканд, мардум вайро ба хотири вазнинии забон ва мӯи тиллоиаш Суҳайби Румӣ лақаб доданд. Суҳайб бо сардоре аз сардорони Макка, ки Абдуллоҳ ибни Ҷудъон ном дошт, ҳампаймон гардид ва бо ҳам дар шуғли тиҷорат машғул шуданд ва аз ин роҳ хайри зиёде ва моли касиреро касб намуд. Аммо ин шуғли тиҷорат ва пешаварӣ он суханро, ки коҳини насронӣ гуфта буд, аз ёди Суҳайб набурда буд ва ҳар вақте, ки сухани вайро ба ёд меовард, бо шӯру шавқ аз худ мепурсид: Ин амр чӣ вақте таҳқиқ хоҳад ёфт. Дере нагузашт, ки ҷавоби саволи худро

пайдо кард. Дар яке аз рӯзҳо Суҳайб аз яке аз сафарҳои худ ба Макка баргашт ва ба ӯ гуфта шуд, ки Муҳаммад ибни Абдуллоҳ (с) ба Паёмбарӣ мабъус гардида ва ба даъват оғоз намуда ва мардумро ба ибодати Худованди воҳид ва тарки бутҳо хонда ва онҳоро ба адл ва эҳсон амр ва аз фаҳшо ва мункар наҳй мекунад.

Суҳайб ба худ гуфт: Оё ин ҳамон кас нест, ки мардум ба вай лақаби Амин додаанд?

Гуфтанд: Бале, вай ҳамон шахс аст. Суҳайб гуфт: Ҷояш дар куҷост?

Ба вай гуфта шуд: Дар дори Арқам Ибни Абиарқам назди кӯҳи Сафо. Аммо эҳтиёт кун, ки аз касе Қурайш туро дар роҳи хонаи вай бубинад. Агар туро бубинанд, чунину чунон хоҳанд намуд ва ту марде ҳастӣ бегона ва касе надорӣ, ки аз ту дифоъ кунад. Суҳайб бо сад эҳтиёт роҳи хонаи Арқам, дар пеш гирифт ва бисёр мутаваҷҷеҳ буд, ки касе ӯро набинад ва чун ба он ҷо расид, Аммор ибни Ёсирро дар наздики дарвозаи вай дид.

Вай қабл аз ин низ ӯро мешинохт. Андаке тардид намуд, баъд ба вай наздик шуд ва гуфт: Эй Аммор, дар ин ҷо чӣ мехоҳӣ?

Аммор гуфт: Балки ту бигӯ, ки чӣ мехоҳӣ?

Суҳайб гуфт: Мехоҳам бар ин шахс иҷозаи духул ёбам ва ҳарфе, ки мардумро ба он даъват медиҳад аз вай бишунавам.

Аммор гуфт: Ман ҳам ҳамин матлабро дорам.

Суҳайб гуфт: Пас биё, ки бо ҳам якҷо ба баракати Худо дохил шавем. Суҳайб ибни Синои Румӣ ва Аммор ибни Ёсир ба ҳузури ҳазрати Расули Худо (с) дохил шуданд ва ба ҳарфҳои Паёмбари Худо (с) гӯш доданд. Аз шунидани ҳарфҳояш нури имон дар қалбашон тобид ва бо якдигар дар дароз намудан дастҳои хеш барои байъат ва иқрори шаҳодати **Ло илоҳа илаллоҳу Муҳаммаду расулуллоҳ** сабқат ҷустанд ва он рӯзро дар назди вай ба сар бурданд ва аз сарчашмаи зулоли раҳнамудҳояш ҷуръаҳо кашиданд ва аз сӯҳбаташ нафъҳо бурданд.

Вақте шаб рӯй овард ва рафту омади мардум кам шуд ва авзоъ ором гардид, дар ҳоле, ки ҳар як аз ин ду чунон нуреро дар синаи худ ҷамъ карда буданд, ки ба тобиши ҳамаи дунё кифоят кунад, дар торики шаб аз наздаш баромаданд. Суҳайб мисли соири ҳамфикрони хеш чун Билол, Аммор, Сумайя, Хаббоб ва ғайра бахраи худ аз азобу шиканҷаи Қурайшро дарёфт ва бо оғӯши боз ва пешонии кушода ин ҳама заҳмат ва ранҷҳоро пушти сар гузошт ва сабру бурдбориро аз даст надод, чун медонист, ки роҳи ҷаннат пӯшида ба заҳмат ва нороҳатиҳост. Вақте ҳазрати Расули Худо ба ёронаш иҷоза дод, ки ба Мадина ҳиҷрат намоянд, Суҳайб тасмим гирифт, ки ҳамроҳ бо ҳазрати Паёмбар ва Абубакр ҳамсафар шавад. Аммо Қурайш аз тасмими вай огоҳ шуд ва монеъ аз расидан ба орзуяш гардиданд ва касонеро вазифадор кардаанд, ки ӯро зери назар дошта бошанд ва нагузоранд, ки аз дасташон равад ва пул ва тилло ва нуқраеро, ки аз тиҷорати худ ба даст овардааст, бо худ бибарад.

Баъд аз ҳиҷрати ҳазрати Паёмбар (с) ва ҳазрати Абубакр (р) Суҳайб мунтазири дарёфти фурсате буд, то битавонад роҳи фирор пеш гирад. Аммо чашмҳои нигаҳбонон пайваста ба ӯ дӯхта шуда буд ва ҳамаи ҳаракотҳои вайро зери назар доштанд. Суҳайб дид, ки чорае барои таҳқиқи ин ҳадаф вуҷуд надорад, лизо даст ба ҳилае зад, ки аз он тариқ битавонад ба матлабаш даст ёбад. Дар яке аз шабҳое, ки ҳаво хеле сард буд, рафтан ба қазои ҳоҷатро зиёд такрор кард ва чунон вонамуд сохт, ки гӯё вай ба бемории исҳол гирифтор шуда бошад. Баъзе аз назоратчиёни вай миёни ҳам гуфтанд: Хуш бошед, ки Лот ва Уззо вайро ба бемории исҳол гирифтор сохтааст. Ин ҳарф бигуфтанд ва ба хобгоҳи худ рӯй оварданд ва ба хоб рафтанд. Суҳайб аз ин фурсат истифода намуд ва оҳиста худро аз миёнашон кашид ва рӯ ба сӯи Мадина ниҳод. Дере аз ин фирори Суҳайб нагузашта буд, ки нозирони вай огоҳ шуданд ва ба роҳ афтоданд, то он ки тавонистанд ӯро дарёбанд.

Вақте Суҳайб донист, ки ишон аз пайи вай равонанд, дар ҷойи баланде истод ва тирҳои хеш аз ширдони худ берун овард ва камони худ омода сохт ва гуфт: Шумо хуб медонед, ки

мисли ман ҳеҷ як нишонзане ёд надоред. Қасам ба Худо, ҳеҷ яке аз шумо ба ман наздик намешавад, магар он ки бо ҳар тири хеш фард фарди шуморо аз пой дароварам ва он гоҳе агар тирам тамом шавад, бо шамшер то вақте ки ҷон дар бадан дорам, бо шумо хоҳам ҷангид.

Яке аз онҳо гуфт: Қасам ба Худо, туро нахоҳем гузошт, ки ба ҷон ва моли худ аз дасти мо раҳо ёбӣ. Ту касе будӣ, ки ба Макка фақир ва бенаво омадӣ ва акнун ба ин ҳад соҳиби мол ва сарват шудӣ.

Суҳайб гуфт: Ба ман бигӯед, агар мол ва сарватамро ба шумо бигузорам, маро ба роҳи худ хоҳед гузошт?

Гуфтанд: Бале.

Баъд онҳоро ба ҷое, ки моли худро дар Макка дар хонааш пинҳон намуда буд, раҳнамоӣ намуд. Вақте ба он ҷо расиданд, онро ёфта гирифтанд. Суҳайб бепарво ва бебок аз моле, ки дошт ва аз дасташ рафт, шитобон ба сӯи Мадина роҳ мерафт ва ҳар вақте, ки хастагӣ оиди ҳолаш мешуд, шавқи пайвастан ба ҳазрати Расули Худо (с) дар дилаш қувват меандохт. Боз ҳаракати худро аз сар мегирифт ва чун ба Қубо расид, ҳазрати Расули Худо (с) ӯро дид ва хушӣ ва сурур дар чеҳрааш намоён шуд ва табассумкунон ба ӯ гуфт: “Рабиҳа-л-байъу ё Або Яҳё, рабиҳа-л-байъ” ва ин калимаро се бор такрор намуд. Аз шунидани ин ҳарф хушӣ ва сурур дар чеҳраи Суҳайб намудор шуд ва гуфт: Қасам ба Худо, ай ҳазрати Расули Худо (с), ҳеҷ касе пеш аз ман ба ту наомадааст, то аз ин байъ ба ту хабар диҳад ва ҳақиқат ин аст, ки Ҷабраил (а) туро аз ин қисса огоҳ сохтааст.

Ҳақиқатан, байъи вай фоида намуд ва ин ҳақиқатро ваҳй осмонӣ таъйид намуд ва Ҷабраил (а) бар ин фоида гувоҳӣ додааст. Ба тавре ки дар бораи Суҳайб ин қавли Аллоҳ таъоло нозил гардида (Бақара: 207). Хушо ба ҳоли Суҳайб ибни Синои Румӣ, Худованд ба дараҷоти вай бияфзояд.

# АБУДАРДО

Ибни Молик Хазраҷӣ, ки ба кунияи Абудардо машҳур аст, субҳ, вақте аз хоб бархост ва ба сӯи бути худ, ки дар гӯшаи болоии хонааш онро насб намуда ва бо либосҳои зебо ӯро ороста ва бо атрҳои хушбӯ онро муаттар сохта буд, рафт. Баъд чодари зебои аз абрешимро, ки яке аз тоҷирони яманӣ ба вай ҳадя намуда буд, ба рӯи он андохт.

Вақте офтоб баланд шуд, Абудардо хонаро ба қасди тиҷоратхонаи хеш тарк кард. Дид, ки ҷодаҳо ва кӯчаҳои Ясриб пур аз пайравони Муҳаммад (с) аст, ки аз Бадр баргашта ва дар пеши рӯи худ ҷамъи зиёде аз асиронро гирифта меоваранд. Аз дидани ишон Абудардо рӯй тофт ва тоби дидани онҳо дар худ наёвард. Аммо дере нагузашт, ки бар яке аз ҷавонони ишон, ки мансуб ба қабилаи Хазраҷ буд, рӯй овард. Аз вай аҳволи Абдуллоҳ ибни Равоҳаро пурсид.

Ин ҷавони хазраҷӣ ба ӯ гуфт: Вай дар ҷанг қаҳрамонии аҷибе аз худ нишон дод ва солим ва ғоним баргашт ва ба вай аз ҳоли Абдуллоҳ ибни Равоҳа итминон дод.

Ин ҷавон саволи Абудардоро дар бораи Абдуллоҳ ибни Равоҳа аҷиб талаққӣ нанамуд. Чун мардум қабл аз ин низ медонистанд, ки дар даврони ҷоҳилият дар миёни Абдуллоҳ ибни Равоҳа ва Абудардо равобити бародархондагӣ мавҷуд буд. Аммо вақте Ислом омад, Абдуллоҳ ибни Равоҳа мусалмон шуд ва Абудардо аз он рӯй тофт. Аммо ин ихтилоф дар дин равобити бародархониашонро аз ҳам нагусаст ва Абдуллоҳ ибни Равоҳа ҳамеша ба хонаи Абудардо мерафт ва аз вай дидан менамуд ва ӯро ба дини Ислом даъват мекард ва рағбаташро нисбат ба Ислом меафзуд ва таассуф дошт аз ин, ки рӯзе аз умри вай ба ширк ва бутпарастӣ сипарӣ гардад.

Абударда ба тиҷоратхонаи худ омад ва бар курсии баланде, ки дошт, чаҳорзону нишаст ва ба хариду фурӯши худ шурӯъ намуд. Бархе аз писарбачаҳои худро амр мекард ва иддаеро наҳй менамуд. Ӯ намедонист, ки дар ин ҳол дар хонаи ӯ чӣ мегузарад. Чун дар ин вақт Абдуллоҳ ибни Равоҳа ба хонаи дӯсти худ Абударда омада машғули кори тасмим гирифтаи хеш буд. Вақте ба хона расид, дарвозаи онро боз ёфт ва дид, ки Умми Дардо дар рӯи ҳавлиаш қарор дорад ва гуфт: Салому алайка ай бандаи Худо. Умми Дардо гуфт: Ва алайкум салом ай бародари Абударда. Абдуллоҳ гуфт: Абударда куҷост? Гуфт: Ба дӯкон рафтааст, бармегардад. Абдуллоҳ гуфт: Бароям иҷозаи вуруд медиҳӣ? Умми Дардо гуфт: Бо дили фарох ва синаи кушода ва роҳро барояш кушод ва худ ба ҳуҷраи хештан рафт ва ба кор ва бори хонаи хеш машғул шуд. Абдуллоҳ ибни Равоҳа дохили хонае шуд, ки дар он бути Абударда гузошта шуда буд ва табареро, ки бо худ оварда буд, бардошт ва ба шикастан ва пора кардани бут шурӯъ кард ва гуфт: Огоҳ бояд шуд, ҳар он чи, ки ҳамроҳи Худо шарик карда шавад, ботил аст.

Вақте, ки аз кори пора кардани бут фориғ шуд, аз хонаи Абударда рафт. Умми Дардо дар хонае, ки дар он бут гузошта шуда буд, дохил шуд, дид, ки бут пора-пора шудааст. Аз дидани ин манзара шӯру фарёд баровард ва рӯ ва рухсори худ барканда мегуфт: Эй Ибни Равоҳа, маро табоҳ сохтӣ. Эй Ибни Равоҳа маро табоҳ сохтӣ.

Дере нагузашт, ки Абударда ба хонаи худ баргашта, ҳамсарашро дид, ки гирякунон бар погаҳи дари утоқе, ки дар он бут ниҳода шудааст, нишаст, шӯру фарёд намуда ва аломати хавф бар чеҳрааш намудор аст.

Абударда гуфт: Туро чӣ шудааст?

Гуфт: Бародарат Абдуллоҳ ибни Равоҳа дар набудани ту омад ва ин корро дар ҳаққи бути ту анҷом додааст.

Чун Абударда ба сӯи бути худ назар афканд, дид ки пора-пора шудааст. Аз дидани он хашму ғазаб саропои вуҷудашро фаро гирифт ва хост, ки интиқоми ин корро аз Абдуллоҳ ибни

Равоҳа бигирад. Аммо ба зудӣ ғазаби вай хомӯш гардид ва дар бораи он чи, ки сурат гирифтааст, андешид ва гуфт: Агар дар ин бут хайре мебуд, ҳатман аз худ ин шарро дафъ мекард.

Баъд фавран назди Абдуллоҳ ибни Равоҳа рафт ва ӯро гирифта, ҳарду ба сӯи Расули Худо (с) равон шуданд ва исломи худро дар маҳзари муборакаш эълон дошт ва ба ин тартиб вай охирин касе буд, ки аз маҳаллаи хеш ба Ислом сар ниҳод.

Аз ҳамон лаҳза, ки Абудардо ба Худо ва Паёмбараш имон овард, ин имон дар рагу пай ва вуҷуди вай ҷой гирифт ва аз хайре, ки дар ин муддат аз вай фавт шуда буд, изҳори надомат ва пушаймонӣ менамуд ва дарёфт, ки ҳамқаторонаш чи қадар дар умури дин бар вай сабқат ҷуста ва аз китоби Аллоҳ маърифат ҳосил намуда, онро ҳифз намудаанд ва чӣ қадар аз фазилати ибодат ва тақво, ки онҳо барои худ дар диёри вопасин андӯхтаанд, маҳрум мондааст. Аз ин рӯ, вай азм намуд он чиро, ки аз вай фавт шуда, бо машаққати тамом онро ба даст орад ва шабҳоро ба хастагиҳои рӯз ба поён расонад, то битавонад худро ба ин қофилаи накӯкорон ва муҳсинон расонад ва аз онҳо сабқат ҷӯяд. Бинобар ин, ба ибодат чунон рӯй овард, ки гӯё яксара худро аз дунё қатъ намудааст ва ба илм чунон худро машғул сохт, ки гӯё ташнагиаш ҳеҷ рафъ намешавад ва бар Қуръони карим чунон фурӯ рафт, ки ҳамаи онро ҳифз намуд ва калимот ва маъонӣ ва фаҳми оёташро бо диққати фаровон дарк намуд. Вақте дарёфт, ки пешаи тиҷорат лаззати ибодатро аз вай бозмедорад ва ӯро аз маҷолиси илм дур нигаҳ медорад, бидуни тардид ва таассуф онро тарк гуфт ва касе дар ин маврид ӯро суол намуд, дар ҷавоб гуфт: Ман қабл аз он, ки ба ҳазрати Паёмбар (с) имон биёварам, пешаи тиҷорат доштам. Вақте мусалмон шудам, хостам тиҷорат ва ибодати худро як созам, вале ҳадафам бароварда нашуд. Лизо пешаи тиҷоратро тарк кардам ва ба ибодат рӯй овардам. Қасам ба Зоте, ки ҷони Абудардо дар дасти ӯст, ҳушдори он нестам, ки дар ҷавори масҷид дӯкон дошта бошам ва намози ҷамоат аз ман тарк шавад ва ман машғули хариду фурӯш бошам ва рӯзона сесад динор фоида ба даст орам. Баъд ба

сӯи пурсанда назар афганд ва гуфт: Ман намегӯям, ки Худованди азза ва ҷалла тиҷоратро ҳаром қарор додааст, аммо дӯстдори онам, ки аз ҷумлаи касоне бошам, ки Худованд дар бораи онҳо фармудааст: Мардоне, ки онҳоро машғул намесозад Абудардо танҳо тиҷоратро тарк нагуфта, балки дунёро тарк гуфт ва аз зебоию таҷаллии дунё рӯй тофт ва аз он танҳо ба луқмае, ки тавассути он худро аз гуруснагӣ нигоҳ дорад ва либосе, ки тавассути он бадани худро бипӯшонад, иктифо намуд.

Дар яке аз шабҳои зимистонӣ, ки ҳаво сахт сард буд, ҷамъе бар вай меҳмон шуданд. Вай таоми гарме ба онҳо фиристод ва болопӯш нафиристад. Вақте хостанд хоб раванд, дар бораи надоштани болопӯш бо ҳам машварат карданд, ки чӣ бояд кунанд. Яке аз онҳо гуфт: Ман назди вай меравам ва аз вай болопӯш талаб мекунам. Дигаре гуфт: Чунин макун, вале ҳарфашро нашунид ва назди вай рафт ва дар погаҳи дари утоқи вай истод. Дид, ки ба хоб рафтааст ва ҳамсараш дар назди вай нишастааст ва бар болои онон ҷуз чодари нозук, ки на аз гармо нигаҳ медорад ва на рафъи сардӣ менамояд, чизи дигаре нест.

Ин мард ба ӯ гуфт: Эй Абудардо, туро мебинам, ки ба шеваи мо ба хоб меравӣ (яъне, чизе надорӣ, ки бар болои худ гирӣ). Матоъ ва сомонатон куҷост?

Гуфт: Мо дар он диёри дигар ҳар матоъи арзишманде, ки пайдо мекунем, мефиристем ва агар дар ин диёр боқӣ монданӣ бошем, ҳатман чизе аз ин матоъро ба шумо низ мефиристодем.

Матлаби дигар ин, ки ин роҳе, ки мо ба сӯи он диёр дар пеш гирифтаем, роҳест сахт ва душвор, сабукбор дар ин роҳ беҳтар аст аз вазнин бор. Бинобар ин, мо бори худро сабук сохтаем, то битавонем аз он бигузарем ва баъд ба ин мард гуфт: Ҳоло матлабамро донистӣ?

Он мард гуфт: Бале, донистам ва Худованд туро хайр насиб намояд.

Ҳазрати Умари Форуқ дар даврони хилофати худ хост, ӯро ба мансабе дар вилояти Шом мансуб созад, вале вай аз

қабули он ибо варзид ва чун бар вай исрор намуд, гуфт: Агар аз ман бییисандӣ, ки баон ҷо равам, ки мардумро китоби Худо биомӯзам ва суннати Паёмбарашонро таълим диҳам ва имоматиашонро кунам, ин амрро мепазирам. Ҳазрати Умар ин хости вай пазируфт ва вайро ба Димишқ равон намуд. Вақте баон ҷо расид, дид ки мардуми он диёр дар айшу хушгузаронӣ ғарқанд. Ин амр ӯро сахт афсурда сохт ва мардумро ба масҷид даъват кард ва ба гирди вай ҷамъ шуданд ва дар миёнашон бархост ва гуфт:

- Эй аҳли Димишқ, шумо бародарони динӣ ва ҳамсоядиёр ва ансори мо алайҳи душман ҳастед. Эй аҳли Димишқ, чӣ чиз шуморо аз дӯстӣ бо ман ва қабули насиҳатам бозмедорад, дар ҳоле, ки ман аз шумо чизе талаб надорам. Насиҳат барои шумо ва таколифам бар зиммаи дигарон аст. Мебинам, ки уламоятон ин дунёро тарк мегӯянд ва ҷоҳилонатон чизе намеомӯзанд.

Шуморо дар ҳоле мебинам, ки ба дунё рӯй овардаед. Дар ҳоле, ки Худованд ризқи шуморо худ ба зимма гирифтааст ва авомири Худоро тарк намудаед. Шуморо чӣ шудааст, ки чизҳоеро ҷамъ мекунед, ки онро худ хӯрда наметавонед ва иморатҳое бино мекунед, ки худ дар он зиндагӣ намекунед ва чизҳоеро ҳавас мекунед, ки ба он намерасед. Миллатҳои қабл аз шумо низ чунин карданд ва орзуҳо дар дил парвариданд. Аммо дере нагузашта, ки ҳамаи онҳо табоҳ шуд ва аз байн рафт ва орзуҳояшон ба хок яксон шуд ва хонаҳояшон ба қабристон мубаддал гашт.

Эй аҳли Димишқ, ба қавми Од бингаред, ки рӯи заминро аз мол ва фарзанд пур карда буданд, чӣ касе акнун моли аз худ боқимондаи Одро ба ду дирҳам аз ман харидорӣ мекунад? Аз шунидани ин мавъизаҳои вай мардум ба гиря даромаданд ва шӯру фарёди гиряашон фазои масҷидро пур кард ва аз ҳамон рӯз буд, ки Абудардо ба маҷолиси аҳли Димишқ рафтуомад мекард ва ба онҳо вазъу насиҳат менамуд ва дар бозорҳояшон мегашт. Ба саволкунандаашон ҷавоб медод ва ба ҷоҳилашон дарс меомӯхт ва аз ҳар фурсате барои таълими онҳо истифода мебурд.

Рӯзе гузараш ба ҷамъияте афтод, ки бар сари марде ҷамъ шуда, ӯро лату кӯб намуда ва носазо мегуфтанд. Ба онҳо рӯй оварда гуфт: Чӣ гап аст?

Гуфтанд: Марде муртакиби гуноҳи бузург шудааст.

Гуфт: Ба ман бигӯед, агар вай дар дохили чоҳе меафтод, шумо вайро аз он берун намесохтед?

Гуфтанд: Бале, чунин мекардем.

Гуфт: На, ӯро лат кунед ва на ӯро дашном диҳед, аммо ӯро панду насиҳат намоед ва Худоро шукр гузоред, ки шуморо ба гуноҳе, ки вай муртакиб шудааст, мубтало насохтааст.

Гуфтанд: Оё ӯро ҳам бад намебинӣ?

Гуфт: Корашро бад мебинам, ҳамин ки аз он даст бардорад, ӯ бародари динии ман аст. Ин мард аз шунидани насиҳатҳои вай башиддат гириста ва тавбаи худро эълон дошт.

Рӯзе ҷавоне рӯ ба Абудардо намуд ва гуфт: Эй ёри Паёмбари Худо (с) ба ман насиҳате кун. Ба вай гуфт: Эй фарзандам, Худовандро дар ҳолати оромиш ёд кун, ки дар вақти сахти дуъоятро иҷобат кунад. Эй фарзанд, ё олим бош ва ё мутааллим ва ё ба ҳарфи некон гӯш фаро неҳ, ҳушдор аз чаҳорум (ҷоҳил) он ки худро ҳалок созӣ. Эй фарзанд, бояд масҷидро хонаи худ созӣ, чун ман аз ҳазрати Расули Худо (с) шунидам, ки мегуфт: Масоҷид хонаи ҳар парҳезгор аст ва Худованд барои онҳое, ки масоҷидро хонаи худ гирифтаанд, роҳат ва оромиш ва раҳмат ва гузаштан аз пули Сирот ба сӯи ризои Аллоҳро кафолат додааст. Рӯзи дигаре аз назди ҷамъе аз ҷавонон гузар намуд, ки бар сари роҳ нишаста ва дар миёни ҳам сухан мегуфтанд ва ба роҳгузарон менигаристанд, ба онҳо гуфт: Эй фарзандон, сувмиъаи марди мусалмон хонаи вай аст, ки дар он чашм ва нафси худро нигоҳ медорад. Аз нишастан бар сари роҳҳо ва бар бозорҳо, ки ҷуз лаҳв ва лаъаб ҳеҷ фоидае дар пай надорад, эҳтиёт кунед. Дар давроне, ки Абудардо дар Димишқ ба сар мебурд, Муовия ибни Абусуфён духтарашро барои писараш Язид хостгорӣ намуд, аммо Абудардо аз қабули талабгории вай ибо варзид ва духтараш Дардоъро ба ҷавоне,

ки дин ва ахлоқаш мавриди писанди вай воқеъ шуд ва аз табақаи мардуми оддӣ буд, ба никоҳ дод.

Ин хабар дар миёни мардум афтод ва бо ҳам мегуфтанд: ки Язид ибни Муовия духтари Абудардоро хостгорӣ кард, аммо вай талабгории ӯро рад кард ва ӯро ба марди оддӣ аз оммаи мардум дод. Марде сабаби ин корро пурсид, вай дар ҷавоб гуфт: Ман дар ин кор хайр ва маслиҳати Дардоро ба диққат аз назар гузаронидам.

Гуфт: Чӣ тавр? Гуфт: Чӣ, фикр мекунед, ки агар Дардо дар хонае ба сар барад, ки ғуломони дастбаста дар хидмати вай бошанд ва худро дар қасрҳои қашанг, ки лӯълӯ ва ҷавоҳироташ чашмро мерабояд, дар ин вақт дини Дардо чӣ хоҳад шуд?

Дар муддати дар сарзамини Шом будани Абудардо вақте амирулмӯъминин Умар ибни Хаттоб ба аҳволпурсӣ ва огоҳӣ ёфтан аз ҳолати мардуми ин шаҳр омад, бо мақсади дидори дӯсти худ Абудардо шабонгаҳ ба хонааш омад. Чун хост дарро боз кунад, дид ки дар баста нест. Лизо дар хонаи торике даромад, ки ҳеҷ асаре аз равшанӣ дар он дида намешуд. Вақте Абудардо садои ӯро шунид, аз ҷой бархост ва ба вай хуш омадед гуфт ва ӯро нишонид. Ва баъд ҳарду шурӯъ ба сӯҳбат намуданд, дар ҳоле, ки аз шиддати торикӣ якдигарро намедиданд. Чун ҳазрати Умар даст дароз намуд, ки болишти Абудардоро бубинад, дид ки монанди ҷуле аст, ки ба пушти ҳайвонот меандозанд ва чун ба фарши вай даст зад, дид, ки рег аст ва ба болопӯшаш даст зад, дид ки ҷомаи нозук аст, ки дар хунукии Димишқ кор намеояд, баъд ба ӯ гуфт: Худованд туро раҳмат кунад, оё ман бар ту бахшиши фаровон надода будам? Оё барои ту ҳоҷататро нафиристодам? Абудардо гуфт: Эй Умар, оё ҳадисеро ба ёд меоварӣ, ки ҳазрати Расули Худо (с) фармуда буд? Ҳазрати Умар гуфт: Кадом ҳадис? Гуфт: Оё нафармуда буд, ки бояд андӯхтаи шумо аз дунё ба андозаи тӯшаи мусофир бошад.

Гуфт: Бале, чунин аст.

Гуфт: Эй Умар, мо баъд аз ҳазрати Расули Худо (с) чӣ кардем?

Аз шунидани ин ҳарф ҳарду он қадар гиристанд, ки шабро рӯз карданд. Абудардо то вақте ки зинда буд, ба панду насиҳатҳои худ дар Димишқ идома дод ва ба мардум Қуръон ва суннат ва ҳикмат омӯхт.

Вақте ба бемории марг рӯ ба рӯ гардид, ёронаш ба аёдати вай омаданд ва гуфтанд:

- Аз чӣ шикоят дорӣ?

Гуфт: Аз гуноҳонам.

Гуфтанд: Ба чӣ иштиҳо дорӣ?

Гуфт: Ба афви Парвардигорам. Баъд ба касоне, ки пиромунаш ҷамъ шуда буданд гуфт: Ба ман **Ло илоҳа иллаллоҳу Муҳаммаду Расулуллоҳ**-ро талқин кунед. Вай пайваста ин калимаро такрор мекард, то он ки вафот ёфт. Вақте Абудардо ба ҷивори Парвардигораш пайваст, Авф ибни Молики Ашҷаъӣ дар хоб дид, ки чамани сарсабз асту васеъ, насими гуворо дорад ва дар он қуббаи бузург аз пӯст зада шудааст ва дар перомунаш гӯсфандон хобидааст, ки чашм ҳаргиз мисли онро надидааст.

Гуфт: Ин азони кист? Ба ӯ гуфта шуд: Аз они Абдураҳмон ибни Авф. Ҳамон буд, ки Абдураҳмон ибни Авф аз он қубба сар кашид ва ба ӯ гуфт: Ин ҳамон чизест, ки Худованди азза ва ҷалла ба воситаи Қуръон инро насиби мо фармудааст. Агар ба ин баландӣ боло шавӣ, чизҳоеро хоҳӣ дид, ки чашмат ҳаргиз надида ва гӯшат ҳаргиз нашунидааст ва чизҳоеро дармеёбӣ, ки дар хаёлат нагузаштааст.

Ибни Молик гуфт: Эй Абумуҳаммад, ин ҳама азони кист?

Гуфт: Аз они Абудардо. Худованди азза ва ҷалла онро барои вай омода сохтааст. Чун вай бо дили боз ва чашми кушод дунёро аз худ дур мекард.

## ЗАЙД ИБНИ ҲОРИСА

Суъдо духтари Саълаба ба хотири дидор аз қавми хеш (Бани Муъин) ҳамроҳ бо ғуломи худ Зайд ибни Ҳорисаи Каъбӣ ба роҳ афтод. Вай дар асное, ки ҳанӯз дар диёри қавми худ ба сар мебурд, ки ногаҳон мардони қабилаи Бани Қайн ба онҳо шабохун заданд ва молу дороияшонро гирифтанд ва шутурҳояшонро бурданд ва фарзандонашонро асир сохтанд ва дар ҷумлаи ин асирон, ки бо худ бурданд, фарзандаш Зайд ибни Ҳориса буд. Зайд ибни Ҳориса дар он вақт писарбачаи хурдсол буд, ки тоза дар синни ҳаштсолагӣ қадам ниҳода буд. Вайро гирифта, ба бозори Уккоз оварданд ва барои фурӯш вайро арза намуданд. Шахси сарватманде аз сарватмандони Макка, ки Ҳаким ибни Ҳуҷом ибни Хувайлид ном дошт, вайро дар бадали чаҳорсад дирҳам харид ва ғуломони чандеро низ харида, бо ӯ якҷо намуда, ба бозори Макка овард. Вақте амааш Хадиҷа духтари Хувайлид аз қудумаш ба Макка иттилоъ ёфт, ба дидан ва аҳволпурсии вай рафт ва бар вай салом дод ва қудумашро хуш омадед гуфт. Ҳаким ба ӯ гуфт: Эй амма, ман аз бозори Уккоз чанд писаре харидаам, ҳар кадомро, ки аз инҳо бихоҳӣ, баргузин ва бо худ бубар ва ин аз тарафи ман ба ту ҳадя аст. Ҳазрати Хадиҷа бо фаросате, ки дошт, дар чеҳраи ин навбачаҳо нигоҳ кард ва аз миёни онҳо Зайд ибни Ҳорисаро баргузид. Чун вай дар чеҳраи Зайд осори наҷобат ва ашрофиятро дид, ӯро гирифта, бо худ бурд.

Дере нагузашт, ки ҳазрати Хадиҷа бо Муҳаммад ибни Абдуллоҳ (с) издивоҷ намуд. Ҳазрати Хадиҷа хост, ки тӯҳфа ба вай тақдим намояд ва ба вай ҳадя бидиҳад. Дид ки чизи беҳтаре аз ин ғуломи гиромиаш Зайд ибни Ҳориса надорад. Ҳамон буд, ки вайро ҳамчун ҳадя тақдими ҳазрати Муҳаммад (с) намуд.

Дар асное, ки ин тифли хушнасаб зери сарпарастии Муҳаммад ибни Абдуллоҳ (с) ба сар мебурд, аз сӯҳбатҳои ҳаётбахши вай истифода мекард ва аз ахлоқи некӯаш баҳра меандӯхт. Модараш пайваста аз фироқи вай ашк мерехт ва ба сарнавишти маҷҳули вай доду фарёд менамуд ва аз ғами вай лаҳзае ором надошт. Чизе, ки бештар бар ин ғаму андӯҳ афзуда буд, ин буд ки вай намедонист, ки оё фарзандаш дар қайди ҳаёт аст, то умеди худ баон вобаста дорад ва ё мурдааст ва умеди худ аз вай қатъ намоед.

Аммо падараш аз фироқи вай ҳолати дигаре дошт. Вай аз ҳар мусофире, ки меомад, мепурсид ва аз ҳар корвоне, ки мегузашт, аҳволи писарашро ҷӯё мешуд ва аз дарду фироқи вай чунон шеърҳо мегуфт ва ғазалҳо мехонд, ки дил аз шунидани он об мешуд ва чашм аз ғами он хун мегирист. Дар мавсиме аз мавсимҳои ҳаҷ (яъне, дар даврони ҷоҳилият) ҷамъе аз қавми Зайд қасди Байтуллоҳи ҳаром намуданд ва дар асное, ки ишон машғули тавоф буданд, ки бо Зайд рӯ ба рӯ шуданд. Ҳарду якдигарро шинохтанд ва якдигарро аҳволпурсӣ карданд. Вақте маносики ҳаҷро ба ҷо оварданд ва ба диёри худ баргаштанд, ба Ҳориса аз аҳволи писараш хабар доданд ва ҷараёни сухан бо вай гуфтанд. Ҳориса шитобон худро барои сафар омода сохт ва ба андозае ба худ пул гирифт, ки битавонад дар бадали пардохти он ҷигаргӯшаи худро озод созад ва бародари худ Каъбро низ ҳамроҳ гирифт ва ҳарду ба роҳ афтоданд ва ба суръати ба сӯи Макка равон шуданд. Вақте ба он ҷо расиданд, ба ҳузури Муҳаммад ибни Абдуллоҳ (с) дохил шуданд ва ба ӯ гуфтанд: Эй фарзанди Абдулмуталлиб, шумо ҳамсояҳои хонаи Худо ҳастед. Паноҳандагонро паноҳ медиҳед ва асиронро раҳо месозед ва гуруснаҳоро нон медиҳед ва ба нидои бечорагон расидагӣ менамоед. Мо ба хотири ин писарбача омадаем, ки дар назди туст ва бо худ ба андозае пул овардаем, ки битавонед фидяи вайро пурра созад. Бар мо миннат гузор ва ба андозае, ки мехоҳӣ, аз мо фидя гир.

Муҳаммад (с) гуфт: Ин писарбачае, ки шумо аз вай сӯҳбат доред, кист?

Гуфтанд: Ғуломи ту Зайд ибни Ҳориса.

Гуфт: Оё пешниҳоди беҳтар аз фидяро аз ман хоҳед пазируфт?

Гуфтанд: Чӣ пешниҳоде?

Гуфт: Ман ӯро ба маҳзари шумо мехонам ва барои вай ихтиёр диҳед, ки кадом яке аз мо ва шуморо ихтиёр мекунад. Агар вай рафтан бо шуморо қабул кунад бидуни фидя ӯро гирифта, бо худ бибаред ва агар будан бо маро баргузинад, ман намехоҳам, ки ӯро аз рағбаташ боздоред. Ҳарду гуфтанд:

Ҳарфи мунсифона гуфтӣ ва болотар аз инсоф низ. Баъд Муҳаммад (с) Зайдро хост ва гуфт: Ин ду кистанд?

Гуфт: Ин яке падарам Ҳориса ибни Иброҳим аст ва дигарӣ амакам Каъб.

Фармуд: Ман туро ба ихтиёри худат гузоштам, агар хоҳӣ, бо ин ду бирав ва агар хоҳӣ бо ман иқомат кун.

Зайд бидуни маътал ва тардид гуфт: Балки мехоҳам бо ту иқомат намоям.

Падараш гуфт: Зайд туро чӣ шудааст. Ту убудият ва бандагиро бар падар ва модарат тарҷеҳ медиҳӣ?

Гуфт: Ман аз ин шахс чизе дидаам, ки намехоҳам ҳаргиз аз вай ҷудо шавам. Вақте Муҳаммад (с) ин мавқифи Зайдро дид, дасти вайро гирифт ва ӯро гирифта, ба Байтулҳаром бурд ва наздики Ҳаҷаруласвад дар миёни ҷамъи Қурайшиён истод ва гуфт: Эй ҷамъи Қурайш, гувоҳ бошед, ин писарбача фарзанди ман аст. Вай аз ман мерос мебарад ва ман аз вай. Аз шунидани ин ҳарфи Муҳаммад (с) табъи падар ва амакаш хуш шуд ва ӯро назди Муҳаммад ибни Абдуллоҳ гузоштанд ва ҳарду ба қавму диёри худ мутмаъин ва ором баргаштанд.

Баъд аз ин рӯз мардум Зайдро ба номи Зайд ибни Муҳаммад мехонданд ва то вақте ки ҳазрати Муҳаммад (с) ба паёмбарӣ мабъус гардид ва оёт нозил шуд ва асли писархондагиро ботил эълон сохт, ӯро бо номи Зайд ибни Муҳаммад мешинохтанд. Зайд вақте Муҳаммадро бар падар ва модараш баргузид, намедонист ки вай чӣ ғанимате бузургеро насиб шудааст ва намедонист, ки таволе, ки вай бар аҳлу хонаводаи худ баргузидааст, мавлои аввалин ва

охирин аст ва расул аст барои ҳамаи халқҳо то рӯзи қиёмат. Ӯ ҳаргиз дар хаёлаш намегузашт, ки рӯзе давлати осмонӣ дар рӯи замин барпо хоҳад шуд ва миёни машриқ ва мағрибро пур аз адл ва некӯӣ хоҳад сохт ва намедонист, ки ӯ худ аввалин хиштест, ки ин бинои азим тавассути он ба сар мерасад. Ҳеҷ яке аз ин дурнамоҳо дар зеҳнаш намегузашт. Аммо ин фазли Худост ба касе, ки хоҳад, онро мебахшад. Чанд сол аз ҳодисаи ин ихтиёр нагузашта буд, ки Худованд Муҳаммадро ба сифати Паёмбар ва хотами набийин мабъус гардонид, то дини ҳақ ва ҳидоятро барои башарият ба армуғон биёрад. Бинобар ин, Зайд ибни Ҳориса аввалин касе буд, ки аз мардон ба Муҳаммад (с) имон овард. Оё ҳеҷ аввалият метавонад ба ин аввалият расад ва чӣ касе метавонад ба ин аввалият мусобақа намояд.

Ба ин тартиб, Зайд ибни Ҳориса амини сари ҳазрати Расули Худо (с) шуд ва мақоми сарлашкари дастаҳои амалиётӣ ва ҳайатҳои эъзомиро касб намуд ва илова бар он, дар вақтҳое, ки ҳазрати Расули Худо (с) Мадинаро тарк мегуфт, ӯро ба ҷойи худ бар Мадина муқаррар медошт. Ҳамон тавре ки Зайд ҳазрати Паёмбари Худо (с)-ро дӯст медошт ва ӯро бар падар ва модари худ баргузид. Ҳазрати Расули Худо (с) низ ӯро сахт дӯст медошт ва ӯро аз аҳли худ медонист. Вақте ба сафар мерафт, ба ғайбаш нороҳат мешуд ва вақте бармегашт, ба қудумаш шодмон мегардид ва чунон ӯро истиқбол менамуд, ки ҳеҷ якеро ба ин андоза истиқбол намекард.

Ҳазрати Оиша (р) яке аз чашмдидҳои худро, ки дар он хушӣ ва хурсандии ҳазрати Паёмбари Худо (с)-ро дар мулоқот ва дидори Зайд тасвир менамояд, гуфтааст: “Вақте Зайд ибни Ҳориса ба Мадина омад, Расули Худо (с) дар хонаам буд. Садои дарвоза баланд шуд. Ҳазрати Расули Худо (с) урён, ҷуз либосе, ки ӯро аз ноф то зонуҳояш бипӯшонад, ба сӯи дарвоза дар ҳоле ки либосашро ба замин мекашид, рафт. Ҳамон буд, ки вайро дар оғӯш гирифт ва бӯсид. Қасам ба Худо, ки ман ҳазрати Расули Худо (с)-ро на қабл аз ин ва на баъд аз он ба ин сифат надидаам”.

Мавзӯи муҳаббат ва дӯстдории Паёмбар (с) барои Зайд дар миёни мусалмонон афтод ва он қадар шӯҳрат ёфт, ки мардум ӯро Зайд, маҳбуби Паёмбар фарёд мезаданд ва лақаби маҳбуби Паёмбар ба ӯ доданд ва фарзандаш Усомаро баъд аз вай фарзанди маҳбуби Паёмбар мехонданд.

Дар соли ҳаштуми ҳиҷрӣ иродаи Худованд ба он рафта буд, ки маҳбубро ба фироқи маҳбубааш имтиҳон кунад. Мавзӯъ аз ин қарор буд, ки ҳазрати Расули Худо (с) Ҳорис ибни Умайр Уздиро ҳамроҳ бо номаи ба малики Бусро фиристод, то ӯро ба Ислом даъват кунад. Вақте Ҳорис ба минтақаи Муъита, ки дар шарқи Урдун аст, расид, дар миёни роҳ яке аз умарои ғасосина ба номи Шарҷил ибни Амр бо ӯ рӯ ба рӯ шуд ва ӯро гирифт ва дасту пояш баст ва баъд ӯро гардан зад. Ин амр бар ҳазрати Расули Худо (с) сахт тамом шуд. Чун ғайр аз вай дигаре ҳеҷ як сафири вай кушта нашуда буд.

Ин лаҳза лашкарро, ки мураккаб аз се ҳазор ҷангҷӯ буд, барои ҷанг Муъита тартиб дод ва маҳбуби худ Зайд ибни Ҳорисаро ба сифати амири ин лашкар баргузид ва гуфт: Агар Зайд мавриди исобат қарор гирад, бояд сарвариро Ҷаъфар ибни Абитолиб ба даст гирад ва агар Ҷаъфар ҳам мавриди исобат қарор гирад, бояд Абдуллоҳ ибни Равоҳа сарвариро ба даст гирад, агар вай ҳам мавриди асобат қарор гирад, он гоҳ мусалмонон худ аз миёнашон касеро амир гиранд.

Лашкар ба сарварии Зайд ибни Ҳориса ба роҳ афтод, то он ки ба минтақаи «Муъон» дар шарқи Урдун расид. Дар ин фурсат буд, ки Ҳирақл ба дифоъ аз Ғасосина сад ҳазор аскари ҷангиро муҷаҳҳаз сохт ва сад ҳазори дигар ҳам аз мушрикини Араб ба он пайвастанд ва ин лашкари ҷарор дар фосилаи начандон дур аз мусалмонон мавзеъ гирифтанд. Мусалмонон дар Муъон ду шабро сипарӣ карданд ва дар тайи ин муддат бо ҳам машварат мекарданд, ки чӣ бояд, кунанд. Касе мегуфт: Бояд нома ба ҳазрати Расули Худо (с) ирсол бифиристем ва ӯро аз ҷараёни касрати душман хабар диҳем ва мунтазири дастури ӯ бошем ва касе ҳам мегуфт, ки мо душманро ба теъдод ва қуввати худ шикаст намедиҳем, балки мо душманро

тавассути дини худ шикаст медиҳем. Биноан, бояд аз пайи матлабе, ки омадаем, идома диҳем ва Худованд барои мо яке аз ин ду некиро навиштааст: ё фатҳу зафар ва ё марг ва шаҳодат.

Баъд ин ду даста бо ҳам дар минтақаи Муъита рӯ ба рӯ шуданд ва мусалмонон чунон ҷангиданд, ки румиёнро дар ҳайрат андохтанд ва ҳайбат дар дилашон афкананд, ки ин се ҳазор чӣ гуна дар муқобили дусад ҳазор ишон меҷангад.

Ҳазрати Зайд ибни Ҳориса дар дифоъ аз парчами Расули Худо (с) чунон қаҳрамонӣ аз худ нишон дод, ки таърих назири онро ба ёд надорад. То он ҷое, ки беш аз сад захми шамшер ва найза бар баданаш хӯрда буд ва дар миёни хун шино мекард.

Баъд аз вай парчамро Ҷаъфар ибни Абитолиб ба даст гирифт. Ӯ низ дар баланд доштани байрақи мусалмонон сахт талош намуд ва муқовимати аҷибе аз худ нишон дод ва саранҷом ӯ низ ба сони ҳамтои худ ҷоми шаҳодат нӯшид.

Баъд навбати Абдуллоҳ ибни Равоҳа фаро расид, то байрақро барафрозад. Ӯ низ шаҳомат ва диловарии ҳайратангезе нишон дод, то он ки ба ду ёри қаблиаш пайваст. Он гоҳ муҷоҳидон Холид ибни Валидро, ки ба Ислом гаравида буд, ба сарварии худ баргузиданд. Холид ибни Валид лашкари Исломро яктараф сохт ва онро аз нобудии ҳатмӣ наҷот дод.

Паёми ҳодисаи Муъита ва шаҳодати се тан аз номоваронаш ба иттилоъи ҳазрати Расули Худо (с) расид ва сахт ғамгин ва афсурда шуд, ки ҳаргиз чунин ҳузну андӯҳ аз вай дида нашуда буд ва баъд назди аҳлу хонаводаи ин шуҳадо рафт ва онҳоро таъзият дод. Вақте ба хонаи Зайд ибни Ҳориса рафт, духтари хурдсолаш худро ба ҳазрати Расули Худо (с) овехт ва ба шиддат дар канори вай гирист ва шаҳодати падарашро азо гирифт. Аз гиряи вай ҳазрати Расули Худо (с) низ низ гирист. Саъд ибни Убода ба он ҳазрат гуфт: Эй Расули Худо (с), ин чӣ кор аст? Ҳазрати Расули Худо (с) фармуд: Ин гиряи маҳбуб ба маҳбуб аст. Разияллоҳу анҳум ва разу анҳу.

# УСОМА ИБНИ ЗАЙД

Акнун мо дар соли ҳафтум қабл аз ҳиҷрат дар Макка қарор дорем ва ҳазрати Расули Худо (с) ва ёронаш сахт дар таҳти азоб ва шиканҷаи Қурайш ба сар мебаранд ва он қадар ғаму андӯҳ ва мушкилоти даъват ба дӯши вай афтодааст, ки саросари зиндагиашро маҷмӯъе аз дардҳо ва ранҷҳо пайи ҳам ташкил медиҳад. Дар асное, ки вай дар ин ҳолат ба сар мебарад, ногаҳон равшании шодию сурур дар зиндагиаш тобид. Тавре ки муждадиҳанда назди вай омад ва барояш мужда дод, ки Умми Айман писар ба дунё овардааст.

Аз шунидани ин хабар чеҳраи он ҳазрат (с) шукуфон гашт ва хушию сурур саросари вуҷудашро фаро гирифт.

Акнун бубинем, ки ин писари муборак, ки Умми Айман ба дунё овардааст ва ин қадар мояи хушӣ ва сурури ҳазрати Расули Худо (с) шудааст, кист? Ин писар - Усома ибни Зайд аст. Ҳеҷ як аз асҳоби Расули Худо (с) аз хушӣ ва сурури вай ба ин мавлуд дар шигифт наомаданд, чун медонистанд, ки падар ва модараш назди Расули Худо (с) аз чӣ мақом ва ҳайсият бархӯрдоранд. Модари ин писар Барикаи Ҳабашӣ аст, ки ба кунияи Умми Айман маъруф аст.

Ин зан дар ибтидо канизи Омина бинти Ваҳаб, модари ҳазрати Расули Худо (с) буд. Вай дар зиндагии модараш, ҳазрати Расули Худо (с)-ро парвариш дода ва калон кард ва баъд аз вафоташ ӯро низ дар оғӯш гирифт ва чашмони мубораки худро ба дунё боз кард ва ҳазрати Расули Худо (с) барои худ ҷуз вай модареро намешинохт. Аз ин рӯ, ҳазрати Расули Худо (с) ӯро сахт дӯст медошт ва чӣ басо мегуфт: Умми Айман баъд аз даргузашти модарам, модари ман аст ва вай

бақияи аҳли байти ман аст. Ин буд муаррифии мухтасари модари ин писарбачаи хушнасаб.

Аммо падараш Зайд ибни Ҳориса маҳбуби ҳазрати Расули Худо (с) ва писархондаи вай қабл аз Ислом ва ёри соҳибсари вай ва яке аз аҳли хештан ва маҳбубтарини мардум назди вай баъд аз Ислом аст.

Мусалмонон ба таваллуди ин навзод чунон масрур шуданд, ки ба таваллуди ҳеҷ як ғайри вай ба ин андоза хушҳол нашуда буданд. Чун ишон фарҳат ва сурури Паёмбари гиромиашонро фарҳат ва сурури худ медонанд. Аз ин рӯ, бар ин писарбачаи хушнасиб лақаби "Фарзанди маҳбуби маҳбуб" дода буданд. Муболиға набуд, вақте мусалмонон ин лақаб ба ин писарбачаи хурдсол Усома доданд. Зеро ҳазрати Расули Худо (с) ӯро чунон дӯст медошт, ки мардум ҳама бар он ҳасад мебаранд ва Усома ҳамсоли набераи ҳазрати Расули Худо (с) Ҳасан ибни Фотимаи Заҳро буд. Ҳасан писарбачаи сафедпӯст ва тобон ва зебое буд ва ба бобояш ҳазрати Расули Худо (с) шабоҳати бештаре дошт ва Усома писарбачаи сиёҳпӯст, дорои бинии паҳн буда ва ба модари ҳабашиаш шабоҳат дошт.

Аммо ҳазрати Расули Худо (с) дар дӯст доштани худ дар миёни он ду фарқе намегузошт. Вай Усомаро гирифта, бар як зонуи хеш ва Ҳасанро гирифта, бар зонуи дигараш мегузошт ва баъд ҳардуи онҳоро ба сина фишурда мегуфт: Худоё, ман ин дуро дӯст медорам, пас онҳоро дӯст бидор". Муҳаббати ҳазрати Расули Худо (с) ба Усома ба ҳадде расида буд, ки рӯзе Усома дар погаҳи дар афтод ва пешониаш хуншор гардид ва хун аз он берун шуд. Ҳазрати Расули Худо (с) ба ҳазрати Оиша (р) ишора намуд, то хуни вайро аз пешониаш пок кунад. Аммо ҳазрати Оиша ба ин кор рағбат нишон надод. Ҳамон буд ҳазрати Паёмбари Худо (с) худ бархост ва ба пок кардани хун аз пешониаш шурӯъ намуд ва бо калимоте, ки пур аз шафқат ва меҳрубонӣ буд, хотирашро хуш сохт.

Ҳазрати Расули Худо (с) ҳамон тавре, ки Усомаро дар хурдсолиаш дӯст медошт, дар ҷавониаш низ дӯст дошт. Ҳаким ибни Ҳузом яке аз ашрофи Қурайш ҷомаи гаронбаҳоеро, ки

қаблан либоси яке аз шоҳони Яман буд, ба маблағи панҷоҳ динор тилло харидорӣ намуда буд, ба ҳазрати Расули Худо (с) тӯҳфа дод. Аммо ҳазрати Расули Худо (с) аз пазируфтани он ба унвони ҳадя худдорӣ варзид. Чун Ҳаким дар он вақт мушрик буд, аз ин рӯ, онро ба пардохти қимат аз вай гирифт. Ҳазрати Расули Худо (с) онро як мартаба дар рӯзи ҷумъа пӯшид ва баъд онро аз тан кашида, ба Усома ибни Зайд дод. Усома онро пӯшида ва дар миёни ҳамсолони худ аз ҷавонони муҳоҷир ва ансор мерафт. Вақте Усома ба синни балоғат қадам гузошт, чунон хислатҳои некӯ ва сифоти ҳамида дар ӯ падидор гашт, ки вайро сазовори маҳбубияти ҳазрати Расули Худо (с) месохт.

Ӯ ҷавони ҳушёр, марди шуҷоъ ва шахсияти ҳаким буд, афиф ва аз умури паст ва ҳақир рӯй меггардонд ва марде буд, ки мардум ба вай улфат мегирифтанд ва ӯ ба мардум улфат нишон медод. Шахсияте буд муттақӣ ва парҳезгор ва Худованд ӯро дӯст медошт. Дар рӯзи Уҳуд Усома ибни Зайд бо ҷамъе аз писарбачаҳои асҳоб омаданд, то дар ҷиҳод дар роҳи Худо саҳм гиранд. Ҳазрати Расули Худо (с) аз миёни ишон касонеро баргузид ва касонеро ба сабаби хурдсолӣ иҷозаи ширкат дар ҷиҳод надод ва Усома дар ҷумлаи касоне буд, ки онҳоро рад намуда буд. Вай дар ҳоле, ки ашк аз чашмонаш ҷорӣ буд, баргашт ва маҳзун аз он буд, ки чаро иҷоза наёфт, то дар зери парчами ҳазрати Расули Худо (с) ҷиҳод кунад.

Дар ғазваи Хандақ Усома ибни Зайд боз ҳамроҳи дастае аз ҷавонони ҳузур ёфт, то дар он ширкат кунад. Вай пайваста қомат бармеорост, то ҳазрати Расули Худо (с) ба вай иҷоза диҳад. Ҳамон буд, ки дилаш ба вай сӯхт ва ба ӯ иҷозаи ширкат дар ҷиҳод дод ва ба ин тартиб вай дар понздаҳсолагӣ шамшери ҷиҳодро ба даст гирифт.

Дар рӯзи Ҳунайн вақте мусалмонон шикаст хӯрданд, Усома ибни Зайд ҳамроҳ бо Аббос, амаки ҳазрати Расули Худо (с) ва Абусуфён ибни Ҳориса ва шаш тани дигар аз бузургмардони асҳоб собитқадам монданд. Ҳазрати Расули

Худо (с) тавонист, ки бо ин теъдоди ками мусалмонони қаҳрамон шикасти асҳобашро ба пирӯзӣ мубаддал созад ва мусалмонони фирориро аз қатл ва куштор душманонашон нигоҳ дорад. Дар ҷанги Мӯъта Усома таҳти ливои падараш Зайд ибни Ҳориса, ки дар он вақт умраш аз ҳаждаҳ сол боло набуд, ҷиҳод кард ва бо чашмони худ манзараи шаҳодати падарашро тамошо кард. Ӯ бетоқат нашуд ва тазалзул дар ниҳодаш роҳ наёфт. Балки ба ҷиҳоди худ аз пайи Ҷаъфар ибни Абитолиб идома дод, то он ки вай низ ба шаҳодат расид ва баъд аз пайи ӯ Абдуллоҳ ибни Равоҳа ба ҷиҳоди худ идома дод, то он ки ӯ низ ҷоми шаҳодат нӯшид ва баъд дар зери парчами Холид ибни Валид ҷиҳод кард, то он ки Холид ин лашкари кӯчакро аз чанги румиён наҷот дод. Баъд Усома дар ҳоле, ки аҷри мусибати шаҳодати падарашро назди Худо ҳисоб мекард ва ҷасади тоҳирашро дар сарзамини Шом дафн намуд, савор бар аспе, ки падараш бар он ҷиҳод намуда буд, баргашт.

Дар соли ёздаҳуми ҳиҷрӣ ҳазрати Расули Худо (с) ба ҷиҳозонидан ва омодасозии лашкар барои ҷанги румиён дастур дод ва дар ин лашкар ҳазрати Абубакр, Умар, Саъд ибни Абивақќос, Абуубайда ибни Ҷарроҳ ва ғайра асҳоби киборро низ шомил сохт ва ба онҳо Усома ибни Зайдро, ки умри вай аз бист сол боло набуд, ба сифати амир муқаррар намуд ва вайро амр кард, ки то сарҳади Абоқоъ ва қалъаи Дорум, ки дар наздикии Ғазва аз сарзамини Рум мавқеъият дорад, ба пеш равад ва дар асное, ки мусалмонон ба ҷиҳозонидани ин лашкар машғул буданд, ҳазрати Расули Худо (с) бемор шуд. Вақте бемории вай шиддат ёфт, лашкар аз рафтан таваққуф намуд, то сарнавишти ҳазрати Расули Худо (с) равшан шавад.

Усома мегӯяд: Вақте бемории ҳазрати Расули Худо (с)-ро бознишаста кард, ба вай рӯ овардам ва мардум низ ҳамроҳ бо ман рӯй оварданд. Вақте ба ҳузури муборакаш дохил шудам, дидам, ки хомӯш аст ва аз шиддати беморӣ ҳарф зада наметавонад. Пас шурӯъ намуд ба баланд кардани дастҳои

хеш ба сӯи осмон ва баъд онро ба рӯям гузошт ва донистам, ки дар ҳаққи ман дуо мекунад. Баъд дере нагузашт, ки ҳазрати Расули Худо (с) падруди ҳаёт гуфт ва мардум ба Абубакр байъат намуданд.

Вай ба фиристодани лашкар ба сарварии Усома амр намуд. Аммо гурӯҳе аз ансор лозим диданд, ки фиристодани лашкари Усомаро бояд ба таъхир андозад ва аз ҳазрати Умар тақозо намуданд, ки ин матлабро ба Абубакр бирасонад ва барояш гуфтанд:

Агар Абубакр ногузир ба фиристодани лашкар фармон диҳад, ба вай аз номи мо бигӯ, ки марди бузургсолеро ба ивази Усома ба сарварии лашкар баргузинад.

Ҳамин ки ҳазрати Абубакр ин ҳарфро аз ҳазрати Умар шунид, бо хашм аз риши вай бигрифт ва гуфт: Эй Ибни Хаттоб, модарат дар азоят нишинад. Ҳазрати Расули Худо (с) ӯро ба сарварӣ баргузидааст ва ту аз ман мехоҳӣ, ки ӯро аз ин сарварӣ дур созам? Қасам ба Худо, ки ҳаргиз чунин нахоҳам кард.

Вақте ҳазрати Умар ба ҳузури мардум баргашт ва ӯро аз мавзӯъ савол намуданд, ки чӣ коре анҷом додааст, гуфт: Ба ҷойи худ баргардед, модаронатон дар азоят нишинад, ман аз тарафи халифаи Расули Худо (с) сахт таҳдид шудам ва бар ман сахт барошуфт.

Вақте лашкари мусалмонон ба сарварии Усома ба роҳ афтод, халифаи Расули Худо (с) ӯро то берун аз шаҳр гуселонд. Усома савор бар асп ва Абубакр дар рикоби вай роҳ мерафт.

Усома гуфт: Эй халифа: Расули Худо (с), бар асп савор шав ва ё ман аз асп пойин шавам. Ҳазрати Абубакр гуфт: Қасам ба Худо намегузорам, ки пойин шавӣ ва на савор мешавам. Маро чӣ шудааст, ки лаҳзае қадамҳоям дар роҳи Худо ғуборолуд шаванд? Баъд дар хитоб ба Усома гуфт: Туро ҳамроҳ бо дин ва амонатдорӣ ва хотимаи аъмолат ба Худо месупорам ва туро ба иҷрои он чи, ки ҳазрати Расули Худо (с) амр намудааст, насиҳат мекунам ва баъд худро ба сӯи вай хам намуда гуфт: Агар хоҳӣ, ки маро бо Умар кӯмак кунӣ,

ӯро иҷоза деҳ, ки ҳамроҳи ман бошад. Баъд Усома ба ҳазрати Умар иҷоза дод, ки дар Мадина боқӣ бимонад.

Усома ҳамроҳи лашкари хеш ба роҳ идома дод ва ҳамаи он чиро, ки Расули Худо (с) ӯро ба он амр намуда буд, ба ҷо овард ва лашкари мусалмононро то ҳудуди Балқоъ ва қалъаи Дорум дар наздикии Фаластин ба пеш бурд ва хавф ва даҳшати румиёнро аз дини мусалмонон бардошт ва роҳро барои фатҳи диёри Шом, Миср, Шимоли Африқо ва Баҳри сиёҳ барояшон ҳамвор сохт.

Баъд Усома савор бар аспи хеш дар ҳоле, ки ғаниматҳои зиёд ба даст овард, баргашт. Гӯянд, ки ҳеҷ лашкаре аз лашкарҳои мусалмонон то он дам бар ин андоза ғанимат ба даст наёварда буд.

Усома ибни Зайд, то вақте ки зинда буд, аз қадрдонӣ ва муҳаббати мусалмонон ба хотири вафо ба ҳазрати Паёмбар (с) ва бузургдошти манзалати вай бархӯрдор буд. Ҳазрати Умари Форуқ барои вай маоши бештар аз маоши фарзандаш Абдуллоҳ муқаррар кард. Аз ин рӯ, Абдуллоҳ ибни Умар ба падараш шикоят бурд ва гуфт: Ай падар, аз чӣ рӯ барои Усома чаҳор ҳазор ва барои ман се ҳазор муқаррар намудӣ? Дар ҳоле, ки падараш фазли бештар аз ту надошт ва худаш фазли бештар аз ман надорад? Ҳазрати Умари Форуқ гуфт: Кош чунин мебуд. Балки падараш ба Расули Худо (с) маҳбубтар аз падари ту ва худаш маҳбубтар ба Расули Худо (с) аз ту буд. Аз шунидани ин ҳарф Абдуллоҳ ибни Умар ба бахшише, ки барои вай муқаррар намуда буд, розӣ шуд. Вақте Умар ибни Хаттоб бо Усома рӯ ба рӯ мешуд, мегуфт: Амирам хуш омад. Вақте касеро медид, ки ӯро аз Усома хуш омадааст, мегуфт: Ҳазрати Расули Худо (с) ӯро бар ман амир муқаррар намудааст.

Худованд ин нафсҳои соҳиби ҳиммати олиро раҳмат намояд. Таърих ҳеҷ гоҳ шахсиятҳои комилтар ва бузургтар ва фозилтар аз саҳобаро надидааст.

## САЪИД ИБНИ ЗАЙД

Зайд ибни Амр ибни Нуфайл дур аз издиҳоми мардум нишаста ва ҷамъи зиёди Қурайшиёнро, ки ҷашне аз ҷашнҳояшонро баргузор месохтанд, тамошо мекард. Медид, ки мардон дасторҳои гаронбаҳои абрешиминро ба сарҳои худ мебастанд ва бо чодарҳои гаронқимати яманӣ худро мееоростанд ва менигарист, ки занон ва писарбачаҳо либосҳои нав ва тоза худро пӯшида ва зеварот ба тан намуда ва чаҳорпоёнро ба анвоъи зебу зиннат ороста, ба сӯи бутҳо равонанд, то дар он ҷо онҳоро дар пойи бутҳо забҳ намоянд.

Зайд пушт бар девори Каъба такя зад ва гуфт: Эй ҷамъи Қурайш, ин гӯсфандҳоро Худованд офарид ва барои онон аз осмон об нозил кард, то сероб гардад ва аз замин сабза рӯёнид, то сер шаванд ва баъд онро ба ғайри номи Аллоҳ забҳ мекунед, ман шуморо дар ҷаҳли ошкоро мебинам. Амакаш Хаттоб падари ҳазрати Умар аз ҷой бархост ва силие бар рухи вай зад ва гуфт: Ҳалок шавӣ, мо ҳанӯз ин қадар ҳарфҳои тавҳини туро мешунавем ва боз ҳам дар баробарат сабр мекунем. Косаи сабри мо лабрез шудааст ва баъд бехирадони қавми худро ташвиқ намуд, то ӯро озор диҳанд ва азият расонанд ва дар азияташ афзуданд, то он ки маҷбур шуд аз Макка берун шавад ва ба кӯҳи Ҳиро паноҳ бибарад. Хаттоб чанд ҷавононро супориш дод, то роҳҳоеро, ки ба Макка мерасад, зери назар дошта бошанд ва нагузоранд ба Макка дарояд ва дар ин лаҳза ҷуз пинҳонӣ наметавонист, ки ошкор дохили Макка шавад.

Баъд рӯзе Зайд ибни Амр ибни Нуфайл бо истифода аз ғафлат ва бехабарии Қурайш бо ҳар яке аз Варқа ибни Навфал ва Абдуллоҳ ибни Ҷаҳш ва Усмон ибни Ҳорис ва Умайма духтари Абдулмутталлиб, аммаи ҳазрати Муҳаммад ибни

Абдуллоҳ (с) иҷтимоъ тартиб дод ва дар он пиромуни гумроҳӣ ва залолате, ки арабҳо дар он ғарқ шудаанд, сӯҳбат намуданд. Зайд ба ёрони худ гуфт: Шумо худ медонед, ки ин қавми шумо ба дини ҳақ нестанд ва ишон дини Иброҳимро ғалат донистаанд ва аз он ба бероҳа рафтаанд. Бинобар ин, агар мехоҳед наҷот ёбед, барои худ дини ҳақро ҷустуҷӯ кунед ва аз он пайравӣ намоед.

Аз шунидани ин ҳарфи вай, чаҳор тан аз мардони ҳозири маҷлис роҳи худ ба сӯи донишмандони яҳуд ва насоро дар пеш гирифтанд, то ҳақиқати дини Иброҳимро дар назди ишон дарёбанд. Аммо Варқа ибни Навфал ба дини насроният гардан ниҳод ва аммо Абдуллоҳ ибни Ҷаҳш ва Усмон ибни Ҳорис ба ҳеҷ матлабе нарасиданд. Аммо Зайд ибни Амр ибни Навфал дорои достон аст, ки ӯро мегузорем, то худ аз он ҳикоят кунад.

Зайд гуфт: Ба дини яҳудият ва насроният хуб худро ошно сохтам, натиҷа он шуд, ки аз он рӯй битобам. Чун ҳадафе, ки дилам ба он итминон ёбад, дар он наёфтам ва шурӯъ ба он кардам, ки дар пайи ҷустуҷӯ аз миллати иброҳимӣ ба гӯша ва канор гардиш кунам, то он ки ба сарзамини Шом расидам. Дар он ҷо роҳиберо ёфтам, ки аз китоби осмонӣ маълумот дошт. Назди вай омадам ва матлаби худ ба вай бигуфтам, вай дар ҷавобам гуфт: Эй бародари Маккӣ, туро чунон мебинам, ки дар пайи суроғ аз дини иброҳимӣ ҳастӣ?

Гуфтам: Бале, чунин аст.

Гуфт: Ту имрӯз аз пайи суроғи дине ҳастӣ, ки имрӯз пайдо намешавад. Аммо ҳақикат он аст, ки ҳақ дар ватани худи туст. Чун Аллоҳ Таъоло анқариб аз қавми худатон Паёмбаре мабъус месозад, ки дини Иброҳимро тоза мекунад ва чун агар ин шахсро дарёфтӣ, аз вай пайравӣ кун ва бо ӯ мулозимат намо.

Зайд ба суръат ба Макка баргашт, то Паёмбари мавъудро дарёбад. Вақте вай дар аснои роҳ буд, ки Худованд Паёмбари худ Муҳаммад (с)-ро мабъус гардонид, то дини ҳақ ва ҳидояти ростинро ба мардум биёмӯзад. Аммо Зайд ба орзуяш нарасид ва чашмҳояш ба дидори ҳазрати Паёмбар (с) мушарраф

нагардид. Чун қабл аз ин ки ба Макка бирасад, ҷамъияте аз арабҳои бодиянишин сари роҳи ӯро гирифтанд ва ӯро ба қатл расониданд ва дар асное, ки вай охирин рамақи худро аз даст медод, чашмҳои худро ба сӯи осмон боз кард ва гуфт: Эй Парвардигор, агар маро аз ин хайр маҳрум доштӣ, фарзандам Саъдро аз хайри вай маҳрум мадор.

Иродаи Худо бар он рафта буд, ки дуои Зайдро иҷобат кунад. Ҳамин ки ҳазрати Расули Худо (с) ба даъвати мардум ба Ислом оғоз намуд, Саъид ибни Зайд дар пешопеши онҳое қарор гирифт, ки дини Исломро пазируфтанд ва рисолаташро тасдиқ намуданд. Ҷои шигифт нест, чун Саъид дар хонае камол ёфта буд, ки гумроҳӣ ва залолати Қурайшро рад менамуд ва дар домони падар парвариш ёфт, ки зиндагии худро аз пайи ҷустуҷӯи ҳақ ба сар бурд ва дар пайи ҷустуҷӯи ҳақ зиндагии худро аз даст дод. Саъд танҳо худаш мусалмон нашуд, балки ҳамсараш Фотима бинти Хаттоб, хоҳари Умар ибни Хаттоб низ мусалмон шуд.

Ин ҷавони Қурайшӣ он қадар азият ва озор дар бораи дини худ дид, ки агар ҳар каси дигаре мебуд, ночор дини худро тарк мегуфт. Аммо ин фишори онҳо на танҳо аз азму тасмими онон дар пойдориашон бар ин андеша накост, балки натавонист, ки абармарди бузургеро аз сафи мушрикин ба Ислом бикашонанд ва ба дини Ислом мушарраф созанд ва ин хоҳари мусалмон буд, ки бародараш Умар ибни Хаттобро ба Ислом даъват намуд.

Ин ҷавони наврас Саъид ибни Амр ибни Нуфайл ҳама кӯшишҳои худро дар ҷиҳати хизмат ба Ислом ба харҷ дод ва дар вақте ки мусалмон шуд, умраш бист сол буд. Вай дар ҳама ғазавот бо ҳазрати Расули Худо (с) ширкат варзид, ба ҷуз ҷанги Бадр, ки ҳазрати Расули Худо (с) ӯро ба коре мукаллаф сохта буд ва натавонист дар он ҳузур ёбад. Вай ҳамчунон дар фатҳи тахти Кисро ва сарнагунии империотури Қайсар саҳми фаъол гирифт ва қаҳрамониҳои шигифтовар аз худ ба ёдгорӣ гузошт, ки таърих ҳаргиз шоҳкориҳои ҷангии ӯро фаромӯш нахоҳад кард ва аз шигифттарин дастоварҳои ҷангии ӯ,

рӯйдоди ҷанги Ярмук аст ва мо худи вайро дар ҷараёни ин ҳодиса қарор медиҳем, то худ аз ин ҳодиса қарор медиҳем, то худ аз ин ҳодиса ҳикоят кунад: Саъид ибни Амр ибни Нуфайл гуфт: Дар рӯзи Ярмук бисту чаҳор ҳазор нафар будем ва теъдоди румиён ба як лаку бист ҳазор нафар мерасид ва чун кӯҳҳо мутмаин ва устувор ба сӯи мо гом бармедоштанд ва дар пешомеши онон усқуфҳо ва битрикҳо ва қашишҳое буданд, ки салибро бардошта ва таронаҳоеро замзамакунон хонда ва ба сӯи мо меомаданд. Вақте мусалмонон онҳоро ба ин ҳолат диданд, хавфву ҳарос дар дилашон афтод ва касраташон ҳайбатро дар ниҳоди онҳо иҷод намуд.

Дар чунин фурсате Абуубайда ибни Ҷарроҳ бархост ва мусалмононро ба сабр ва пойдорӣ даъват намуд ва онҳоро ба қитоли душманонашон ташвиқ кард ва гуфт: Эй бандагони Худо, дини Худоро нусрат диҳед, то Худованд шуморо ёрӣ медиҳад. Сабр пеша кунед, зеро сабр аз куфр наҷот диҳад ва ризои Худоро сабаб мегардад ва нанги беғайратиро дафът кунед ва найзаҳои худро ба сӯи ҳадаф баробар созед ва ба сипарҳоятон худро нигаҳ доред ва хомӯшӣ ихтиёр кунед, магар зикри Аллоҳ, ки номи ӯро оҳиста дар дилатон такрор кунед, то он ки ба шумо дастур диҳам.

Саъид гуфт: Дар чунин фурсате марде аз сufуфи мусалмонон берун шуд ва ба Абуубайда гуфт: Ман тасмим гирифтам, ки ҳамакнун бояд худро қурбон созам ва оё паёме дорӣ, ки онро ба ҳазрати Расули Худо (с) расонам?

Абуубайда гуфт: Бале, аз тарафи ман ва мусалмонон бар вай салом тақдим кун ва барояш бигӯ: Эй Расули Худо (с), мо он чиро, ки Худованд барои мо ваъда дода буд, феълан ёфтем.

Саъид гуфт: Ба муҷарради ин, ки ин сухан аз вай шунидам, дидам, ки шамшерашро бараҳна сохт ва ба муқобилаи душман рӯ ба рӯ шуд. Ман худро ба замин андохтам ва ба зону роҳ рафтам ва найзаи худ кашидам ва аввалин мубориზро, ки ба сӯи мо рӯй оварда буд, аз пой даровардам ва баъд ба сӯи душман ҳамла бурдам ва Худованд тарсу хавферо, ки дар дили мо мавҷуд буд, аз дили мо дур сохт. Ҳамон буд, ки

мусалмонон дар рӯёрӯи душман ҳамла бурданд ва то андозае ҷангиданд, ки душманро шикаст доданд ва Худованд нусрат ва пирӯзиро насиби мусалмонон сохт.

Саъид ибни Зайд баъд аз он дар фатҳи Димишқ ширкат кард ва баъд аз он, ки мардуми он ба Ислом сар ниҳоданд, Абуубайдаро ба сифати волии Димишқ интихоб кард ва ба ин тартиб, вай аввалин волии мусалмонон дар Димишқ аст. Дар аҳди Бани Умайя ҳодисае барои Зайд рӯй дод, ки аҳли Мадина ҳамеша аз он ёдоварӣ мекарданд ва он ин ки: Урво духтари Увайс иддао намуд, ки Саъид ибни Зайд бахше аз замини вайро ба зӯр ғасб намуда ва ба заминҳои худаш онро ҳамроҳ кардааст. Вай ин иддаоро дар ҳама ҷо такрор мекард ва онро дар миёни мусалмонон пахш менамуд. Баъд ин зан даъвои худро ба волии Мадина Марвон ибни Ҳакам тақдим дошт, то ба парвандаи вай расидагӣ кунад. Марвон ибни Ҳакам касонеро вазифадор кард, то бо вай дар ин хусус сӯҳбат кунанд. Ин амр ба Саъид ёри ҳазрати Расули Худо (с) сахт ва душвор афтод ва гуфт: Мардум фикр мекунанд, ки ман дар ҳаққи вай зулмро раво доштаам. Ман чӣ гуна дар ҳаққи вай зулм мекунам, дар ҳоле, ки худ аз ҳазрати Расули Худо (с) шунидаам, ки мегуфт: ***"Касе, ки як ваҷаб аз заминро ба зулм гирад, Худованд дар рӯзи қиёмат он миқдорро то ҳафт табақаи замин бар гардани вай тавқ созад. Ай Худоё, ин зан иддао дорад, ки ман дар ҳаққи вай муртакиби зулм шудаам. Агар вай дар иддаояш дурӯггӯ бошад, чашмашро нобино соз ва ӯро дар чоҳе, ки муддаъии он аст, бияфкан ва дар ҳаққи ман нуреро зоҳир соз, то мардум бифаҳманд, ки ман дар ҳаққи вай зулм накардаам".***

Аз ин ҳикоят дере нагузашт, аз водии Ақиқ чунон селе ҷорӣ шуд, ки ҳеҷ кас назири онро надида буд ва ҳудудеро, ки ин ду бар сари он даъво доштанд, кашф кард ва барои мусалмонон равшан гардид, ки Саъид дар ҳаққи вай зулм накардааст.

Баъд аз он як моҳ аз ин кор сипарӣ нашуда буд, ки ин зан нобино шуд ва дар асное, ки вай дар ин замини худ мерафт, ногаҳон дар чоҳи он афтод.

Абдуллоҳ ибни Умар мегӯяд: Мо дар ҳоле, ки писарбача будем, аз мардум мешунидем, ки мегуфтанд: Худо туро чун Урво кӯр созад. Дар ин ҳодиса ҷойи шигифте нест, чун ҳазрати Расули Худо (с) фармудааст: Аз даъвати мазлум битарс, зеро дар миёни даъвати мазлум ва иҷобати Аллоҳ ҳиҷобе вуҷуд надорад. Вақте мавзӯъ чунин бошад, пас агар мазлум Саъид ибни Зайд яке аз ашараи мубашшара (даҳ нафари ба биҳишт мупеда ёфт) ба ҷаннат бошад, чӣ гуна мешавад?!

## УМАЙР ИБНИ САЪД

Умайр ибни Саъди Ансорӣ аз ҳамон овони туфулият ҷоми факр ва ятимиро аз сар гузаронд, падараш бидуни он ки мол ва сарпарасте аз худ ба ҷо гузорад ба ҷивори раҳмати Ҳақ пайваст. Аммо модараш дере нагузашта, ба марди сарватманде аз сарватмандони Авс, ки Ҷуллос ибни Сувайд ном дошт, ба шавҳар баромад. Ҷуллос фарзанди ҳамсари худ Умайрро дар кафолати худ гирифт. Умайр он қадар мавриди меҳрубонӣ, лутфу ва шафқати Ҷуллос қарор гирифт, ки талхии ятим буданро фаромӯш намуд. Умайр Ҷуллосро чунон дӯст дошт, ки чун писар падарашро дӯст медорад ва Ҷуллос низ мутақобилан Умайрро чун писари худ медонист. Вақте, ки Умайр ба синни рушд ва ҷавонӣ қадам гузошт, муҳаббат ва дилбастагии Ҷуллос нисбат ба вай афзуд, чун дар вай аломат ва нишонаҳои ҳушёрӣ ва ашрофиятро медид ва дар ҳар коре, ки иқдом мекард, хусусиятҳои аз амонатдорӣ ва сидқ дар ҳар амалаш намудор мешуд. Умайр дар синни хурдсолӣ, ки андаке беш аз даҳ сол аз умраш сипарӣ нашуда буд, ки ба дини Ислом мушарраф гардид ва нури имон дар дилаш ҷой гирифт ва шуъои тобнокаш дар қаъри он партав афканд ва бо вуҷуди хурдсолиаш аз ҳеҷ намозе дар ақиби ҳазрати Паёмбар (с) таъхир намекард ва модараш аз рафту омади вай ба масҷид сахт хушҳол ва масрур буд ва ба худ меболид.

Ба ин тартиб, зиндагии ин писарбача дар фазое аз сурур ва хушӣ ва умид сипарӣ мешуд ва ҳеҷ омил наметавонист, ки ҳаёти босаодати вайро тираву тор созад ва иродаи Худо бар он рафта буд, ки ин писарбачаи навҷавонро ба таҷрибаи сахт ва душвор рӯ ба рӯ гардонад, чунон ӯро ба ин имтиҳон дучор

кунад, ки бисёр кам иттифоқ афтодааст, ки писарбача ба ин синну сол ба ин гуна мушкилот рӯ ба рӯ гардад.

Дар соли нӯҳуми ҳиҷрӣ ҳазрати Расули Худо (с) тасмими худро бар ҷанги румиён дар Табук эълон дошт ва ба мусалмонон амр кард, ки худро барои ин ҷанг омода созанд ва бору банди худро барои ин сафар таҳия намоянд.

Ҳазрати Расули Худо (с) одат дошт, вақте тасмими ғазваро мегирифт, ёрони худро аз он огоҳ намесохт ва чӣ басо, ки ҷиҳати дигареро ғайри ҷиҳате, ки madди назар дошт, ба онон нишон медод, магар дар ғазваи Табук ба хотири дурии роҳ ва мушкилоте, ки ин ҷанг дар пай дошт ва омодагӣ ва бору барги муҳимме, ки душман худро барои рӯёрӯи он омода сохта буд, ногузир ҳазрати Паёмбар (с) онро барои ёрони худ мушаххас сохт ва ҷиҳатро барояшон гуфт, то худро барои чунин ҷанге тайёр кунад ва бору банди лозимро барои он омода созанд ва бо вуҷуди он ки фасли тобистон дохил шуда буд, гармо рӯз ба рӯз афзуда мерафт ва меваҳои дарахтон ба пухтан наздик шуда буд ва сояҳои гуворои боғистонҳо одамиро ба сӯи худ ҷалб менамуд ва нафсҳои заиф ва арвоҳи пажмурда ҳаваси истодан менамуд ва бо вуҷуди ин ҳама мусалмонон ба рағбат Паёмбари гиромиашонро лаббайк гуфтанд ва худро барои чунин сафаре омода намуданд. Магар он ки гурӯҳе аз мунофиқон шурӯъ ба таблиғот намуда, мусалмононро аз азмашон бозмедоштанд ва дар тасмимашон заъф ва бознишастагӣ меофариданд ва шакку авҳомиҷод мекарданд ва бар ҳазрати Расули Худо (с) суханони носазо мегуфтанд ва дар маҷолиси хусусии худ бар алайҳи Паёмбари гиромӣ чунон ҳарфҳои пуч мегуфтанд, ки баёнгари куфри онҳо буд.

Дар яке аз ин рӯзҳое, ки лашкари мусалмонон ба роҳ афтода буд, Умайр ибни Саъд баъд аз адои намоз дар масҷид, дар ҳоле ки исор ва фидокории иддае аз мӯъминони мухлис, ки дороии худро дар роҳи Худо нисор намуда буданд, дар дилу рӯҳи вай асари намуда буд, ба хонааш баргашт. Ӯ занони муҳоҷир ва ансорро бо чашми сар дид, ки ба ҳузури Паёмбар (с) омада ва зеварҳои гаронбаҳои хешро дар пеши вай

мегузоранд, то бо қимати он лашкари Худованд муҷаҳҳаз гардад ва ба чашмаш дид, ки Усмон ибни Аффон кисаи пур аз зарро, ки дар он ҳазор динор гузошта буд, ба ҳазрати Расули Худо (с) тақдим дошт ва ҳазрати Абдураҳмон ибни Авфро низ дид, ки дусад уқия тиллоро бар пушт бардошта ва дар пеши ҳазрати Расули Худо (с) гузошт. Ҳатто вай мардеро дид, ки гилеми хонаи худро ба фурӯш мондааст, то ба пули он шамшереро харидорӣ карда ва дар роҳи Худо ҷиҳод кунад.

Умайр ин саҳнаҳои исор ва фидокории бузургмардонро аз зеҳн мегузаронд ва ба он ба дидаи ҳайрат менигарист ва аз он дар тааҷҷуб буд, ки чаро Ҷуллос ба мисли ҳиммати ин абармардон худро барои сафар омода намесозад ва чаро бо вуҷуди он ки марди сарватманде аст, хомӯш нишастааст. Гӯё он ки Умайр саъйе дошт бо ҳикояти ин исор ва фидокорӣ ҳиммати ӯро ташвиқ кунад ва мурувват ва мардонагӣ ӯро барангезад, аз ин рӯ, вай шурӯъ намуд, то ахбори он чи, ки дар ин маврид шунида ва ё дидааст ва хусусан хабари он дастаи мӯъминони мухлис ва бузургмардони Худоро якояк ба Ҷуллос ҳикоят кунад, ки чӣ гуна ишон дороии худро ба ҳазрати Расули Худо (с) тақдим доштанд ва бо шавқи фаровон аз он ҳазрат (с) тақозо намуданд, ки ишонро бо вуҷуди нодорӣ ва дасти холиашон ба лашкари мусалмонон муназзам созад. Вале ҳазрати Расули Худо (с) онҳоро аз ширкат дар ҷиҳод бозмедорад, чун тавони онро надорад, ки ба ишон василаи сафарашонро бидиҳад ва аз ин ҷамъ гирякунон бармегарданд ва чизе надоранд, ки худро ба матлаби хештан расонанд ва дар роҳи Худо ҷиҳод кунанд ва ба мақоми шаҳодатбирасанд. Вақте Ҷуллос ин ҳарфҳоро аз даҳани Умайр шунид, ногаҳон ҳарфе аз даҳонаш берун шуд, ки ҳуш аз сари Умайр парид ва ба ҳайрат ба рӯи ӯ нигарист. Вай аз Ҷуллос шунид, ки гуфт: Агар Муҳаммад дар иддиъои нубуввати худ содиқ бошад, мо бадтар аз харон хоҳем буд.

Умайр аз шунидани ин ҳарф мабҳут ва ҳайрон монд. Ӯ ҳаргиз гумон намекард, ки аз шахси хирадманде чун Ҷуллос

ҳарфе содир шавад, ки ӯро якбора аз имон берун сохта, аз бузургтарин дарвозаи куфр дохил кунад.

Умайр дид, ки сукут аз ин ҷурми Ҷуллос ва пӯшонидани ҷинояти вай ҷиноят ба Аллоҳ ва Расулаш маҳсуб мегардад ва дасисаест, ки аз тарафи мунофиқон бар алайҳи Ислом тарҳрезӣ шудааст ва агар ин ҳарфро шойеъ созад, ҳаққи ин мардро зери по ниҳодааст, ки умре ба ӯ мисли фарзандаш хидмат карда ва аз лутф ва эҳсонаш ӯро баҳравар сохтааст. Ва агар чунин кунад, ба эҳсони вай ба бадӣ ҷавоб додааст, чун ӯро аз даврони туфулияташ дар ҳоли ятим буданаш нигаҳдорӣ намуда ва аз фақр вайро наҷот дод ва ба ҷои падараш ба вай хидмати падарона кардааст. Акнун ин ҷавон бояд яке аз ин ду амрро, ки ҳардуи он бар вай талх аст, баргузинад. Ӯ рӯ ба сӯи Ҷуллос намуда гуфт: Қасам ба Худо, эй Ҷуллос, дар рӯи замин ҳеҷ кас баъд аз Муҳаммад (с) ба андозаи ту дар наздам маҳбуб набуд ва ту маҳбубтарини мардумон назди ман будӣ ва бар ман неъмати зиёде лозим доштӣ ва акнун ҳарфе бар забон овардӣ, ки агар онро ифшо кунам, расво мешавӣ ва агар онро пӯшида дорам, ба Худо ва Расулаш хиёнат кардаам ва худро дар ҳалокат афкандаам. Ва ман тасмими он гирифтам, ки назди Расули Худо (с) биравам ва ӯро аз ҳарфе, ки ту бар забон овардӣ, хабар диҳам. Акнун мутаваҷҷеҳи пайомади ҳарфи худ бош. Умайр ибни Саъд ба масҷид рафт ва ҳазрати Расули Худо (с)-ро ба ҳарфе, ки аз Ҷуллос ибни Сувайд шунида буд, хабардор кард. Ҳазрати Расули Худо (с) ӯро назди худ нигаҳ дошт ва касе аз ёрони худро аз пайи Ҷуллос фиристод, то ӯро ҳозир созад.

Дере нагузашта, ки Ҷуллос ҳозир шуд ва ба ҳузури Расули Худо (с) салом дод ва дар пеши рӯи вай нишаст. Ҳазрати Расули Худо (с) фармуд: Ҳарфе, ки Умайр аз ту шунидааст, аз чӣ қарор буд?

Ҷуллос гуфт: Эй Расули Худо (с), ӯ бар ман дурӯғ мегӯяд ва ифтиро намудааст. Ҳаргиз аз даҳонам чунин ҳарфе берун нашудааст.

Саҳоба ба Ҷуллос ва Умайр чашм дӯхтанд ва чунон буданд, ки гӯё мехостанд ҳақиқатеро, ки дар синаи ин ду нуҳуфта буд, дар чеҳраашон мутолаъа кунанд. Нозирини ин саҳна шурӯъ ба гӯшакӣ кардан намуданд. Касе, ки дар дили худ бемории нифоқ дошт, мегуфт: Ин писарбачаи оқшударо бубин, ки қадри хидмат намешиносад ва хубиро ба бадӣ посух медиҳад.

Ва баъзе мегуфт: Ин писарбача некниҳод аст, дар тоати Аллоҳ бузург шуда ва аз чеҳраи вай маълум аст, ки дурӯғ намегӯяд.

Ҳазрати Расули Худо (с) рӯ ба сӯи Умайр намуд. Дид, ки дар чеҳрааш хун баста ва ашк аз чашмонаш ҷорӣ аст ва мегӯяд: Эй Парвардигор, ҳақиқати матлаберо, ки гуфтаам, барои Паёмбарат нозил фармо. Эй Парвардигор, ҳақиқати матлаберо, ки гуфтаам, барои Паёмбарат нозил фармо.

Ҷуллос бори дигар сар баланд кард ва гуфт: Эй ҳазрати Расули Худо (с), он чиро, ки ман бароят гуфтам, дурушт аст. Агар қабул надорӣ, дар пеши рӯи ҷанобат қасам мехӯрам ва ман дар назди ту қасам ёд мекунам, он чиро, ки Умайр ба ту расондааст, ба ҳеҷ ваҷҳ сиҳат надорад.

Ҳанӯз вай аз қасами худ халос нашуда буд ва ҳанӯз мардум аз чеҳраи Умайр чашм наканда буданд, ки оромиш ҳазрати Расули Худо (с)-ро фаро гирифт. Саҳоба дарёфтанд, ки ваҳй аст, ки нозил мешавад. Лизо ба ҷои худ ором гирифтанд ва хомӯширо ихтиёр намуданд ва ҳама ба ҳазрати Расули Худо (с) чашм дӯхтанд. Дар чунин ҳолат буд, ки хавф ва ҳарос Ҷуллосро фаро гирифт ва мардум ба сӯи Умайр мутаваҷҷеҳ шуданд ва то вақте ин ҳолат идома ёфт, ки нузули ваҳй ба ҳазрати Расули Худо (с) поён ёфт. Он гоҳ ҳазрати Расули Худо (с) ин оятро тиловат намуд: **“Савганд мехӯранд ба Худо, ки калимаи куфрро нагуфтаанд, вале гуфтаанд сухани куфрро ва кофир шудаанд баъди Исломи хеш ва қасди коре кардаанд, он ки ба даст наёфтаанд фақат ба ин сабаб айбҷӯӣ мекунанд, ки Худо ва Расули ӯ онҳоро аз фазли худ бениёз карданд. Пас агар тавба кунанд, беҳтар бошад ишонро ва агар**

**рӯӣ баргардонанд аз тавба Худо бо азоби дардноке дар дунё ва охират кайфарашон медиҳад ва нест ишонро ва дар рӯи замин бе дӯст ва ёвар хоҳанд буд»** *(Тавба: ояи 74).*

Ҷуллос аз шунидани ин оят дар худ ларзид ва наздик буд, ки забонаш аз ҳарф задан бозмонад ва баъд ба сӯи ҳазрати Расули Худо (с) рӯй гардонд ва гуфт: Эй Расули Худо (с), ман аз коре, ки кардаам, тавба мекунам. Умайр дар иддиояш рост гуфтааст ва ман аз дурӯғгӯён будаам, аз Худованд мехоҳам, ки тавбаамро бипазирад, падар ва модарам фидоят эй Расули Худо (с).

Дар ин ҷо буд, ки Расули Худо (с) рӯй ба Умайр намуда, дид ки аз шиддати хурсандӣ ашк аз чашмонаш ҷорӣ аст ва нури имон дар чеҳрааш медурахшад. Ҳазрати Расули Худо (с) дасти муборакашро ба сӯи гӯши вай дароз намуд ва онро ба нармӣ бигрифт ва гуфт: Эй писарбача, гӯшат ба он чи ки шунида буд, вафо кард ва Худованд иддаъои туро тасдиқ намуд.

Ҷуллос бори дигар ба ҳалқаи Ислом даромад ва исломаш баъд аз он хуб шуд ва асҳоби киром ба салоҳомадани ӯро диданд, ки ба Умайр чӣ некиҳо намудааст. Ва ҳар вақте ки номи Умайр мегирифтанд, мегуфт: Худованд ба вай подоши нек насиб фармояд, чун вай маро аз куфр наҷот дод ва гарданамро аз оташи дӯзах халос кард.

Ин танҳо як рӯйдоди шигифтангез нест, ки дар зиндагии ин саҳобаи ҷалилулқадр, Умайр ибни Саъд сурат гирифта бошад, балки рӯйдодҳои дигар дар ҳаёти вай сурат гирифтааст, ки бештар мавриди шигифт ва тааҷҷуб аст ва мо онро дар баҳси дигаре аз зиндагии ин бузургмард дунбол мекунем.

***

Дар боло гӯшаи аз шахсияти Умайр ибни Саъдро дар даврони кӯдакиаш баён доштем. Акнун ба саҳифаҳои тобандаи даврони бузургиаш назар меафканем ва хонанда хоҳад дарёфт, ки сурати дуввуми вай дар бузургӣ ва ҳайратангезӣ камтар аз сурати аввалии он нахоҳад буд.

Аҳли Ҳимс, яке аз вилоёти Сурия ҳамеша аз зимомдорон ва волиёни худ лаб ба шикоят мекушуданд ва ҳеҷ волӣ барои ишон фиристода намешуд, магар он ки айбҳоеро дар вай бармешумурданд ва гуноҳонро бар вай ҳисоб менамуданд ва шикояташ ба халифа мерасониданд ва барканории вайро аз маснади зимомдорӣ талаб менамуданд ва ба ҷои ӯ волии беҳтар ва хубтар аз вайро тақозо мекарданд.

Аз ин рӯ, ҳазрати Умари Форуқ ин бор ба вилояти Ҳимс волиеро дар назар гирифт, ки аҳли он натавонанд бар ӯ таън зананд ва ё бар вай хурдагирӣ кунанд ва ё айбҳоеро дар вай бишуморанд. Лизо шахсиятҳои бузургеро, ки мешинохт, якояк аз саҳфаи зеҳни худ гузаронд, ки кадом якро ба адои ин масъулият бифиристад. Дарёфт, ки беҳтар аз Умайр ибни Саъд каси дигареро суроғ надорад, ки битавонад аз ӯҳдаи ин кор бараояд. Умайр дар сарзамини Ҷазиратул араб, дар минтақаи Шом машғули ҷиҳод буд ва қиёдати лашкарро ба ӯҳда дошт ва шаҳрҳоро яке баъди дигар фатҳ мекард ва сангарҳои душманро саркӯб менамуд ва қабоилро ба дини Ислом даъват мекард ва масоҷидро дар сарзаминҳои фатҳшуда барпо месохт.

Бо вуҷуди ин ҳама машғулиятҳои ҷиҳодиаш ҳазрати Умари Форуқ ӯро ба наздаш даъват кард ва зимоми вилояти Ҳимсро ба вай супурд ва дастур дод, ки ба Ҳимс сафар кунад. Ҳазрати Умайр бо он ки аз ин вазифа хушҳол набуд, чун ҷиҳодро нисбат ба ҳар кори дигар беҳтар медонист, лизо ночор ба амри халифа сар ниҳод ва рӯ ба сӯи Ҳимс намуд.

Вақте ба он ҷо расид, мардумро ба намози ҷамоат хонд. Вақте намозро адо кард, аз ҷой бархост ва барои мардум суханронӣ кард. Дар ибтидо ҳамду санои Худо бигуфт ва бар ҳазрати Муҳаммад (с) дуруд фиристод ва гуфт: “Эй мардум, бидонед ки Ислом қалъаи мустаҳкам ва дарвозаи матин аст, қалъаи Ислом адл ва дарвозаи он ҳақ аст, вақте ин қалъа кӯбида шавад ва дарвозааш бардошта гардад, ин дин шикаста мешавад ва ҳар кас онро барои худ раво медонад ва Ислом, то вақте ки қуввати султон боқист, қалъаи он мустаҳкам хоҳад

буд. Қуввати султон ин нест, ки мардумро ба ҳақу ноҳақ тозиёна занад ва ё он ки шамшераш ҳамеша бар сари мардум мусаллат бошад, валекин қуввати султон ин аст, ки ба адл ҳукм кунад ва ҳаққи мустазъафон биситонад".

Баъд аз он ба корҳояш баргашт, то он чиро, ки дар ин суханронии кӯтоҳи худ гуфтааст, ба марҳилаи иҷро дароварад.

Умайр як соли комилро дар Ҳимс сипарӣ намуд, дар давоми ин муддат ба амирулмӯъминин ҳеҷ нома нанавишт ва аз пули закот ва хироҷ низ ба вай чизе нафиристод. Аз ин рӯ, шакку ва тардидҳо дар дили амирулмӯъминин роҳ ёфт. Аз ин рӯ, вай аз доштани аморат бар волиёнаш сахт бим дошт, чун ғайр аз ҳазрати Паёмбар (с) дигар ҳеҷ кас аз гуноҳ маъсум нест. Лизо ба котиби худ гуфт: Ба Умайр ибни Саъд нома бинавис ва дар он ба ӯ бигӯ, ки вақте ин номаи амирулмӯъминин ба ту расид, бедиранг Ҳимсро тарк кун ва ба назди ман ҳозир шав ва молиётеро, ки аз мусалмонон ҷамъ кардаӣ, бо худ гирифта биёр.

Вақте Умайр номаи амирулмӯъмининро дарёфт дошт, тӯшаи худро, ки шомили маводи хӯрокӣ ва зарфи таҳораткунӣ буд, гирифт ва дар халта андохт ва бар пушт ниҳод ва найзаи худро ба даст гирифта Ҳимс ва вилояти онро пушти сар ниҳод ва пиёда ба роҳ афтод ва бо душворӣ ва машаққати фаровон худро ба Мадина расонд. Вақте вай ба Мадина расид, аз шиддати машаққати роҳ рангаш тағйир ёфта ва мӯйҳояш дароз гардида ва осори машаққати сафар дар симояш ҳувайдо буд.

Умайр ба ҳузури амирулмӯъминин Умар ибни Хаттоб дохил шуд. Аз дидани зоҳири вай дар ҳайрат афтод ва ба ӯ гуфт: Эй Умайр, туро чӣ шудааст?

Гуфт: Эй амирулмӯъминин, маро чизе нашудааст ва ман алҳамдулиллоҳ комилан сиҳат ва офият дорам ва ҳама молу матоъи дунёро бо худ овардаам.

Ҳазрати Умар (ки хаёл мекард амволи зиёдеро барои байтулмол ҳамроҳи худ овардааст) гуфт: Чӣ овардаӣ ва дар куҷост? Гуфт:

Ин халтае аст, ки дар он тӯшаи роҳамро гирифтаам. Ин як коса, ки бар он нон мехӯрам ва либос мешӯям ва ин ҳам як офтоба, ки бо он вузӯ мекунам ва об менӯшам. Эй амирулмӯъминин, дигар ҳама матоъи дунё садақаи сари ин ду матоъ аст ва зиёдатӣ аст, ки дар ин дунё на ба дарди ман мехӯрад ва на ба дарди дигарон.

Ҳазрати Умар гуфт: Оё пиёда омадӣ?

Гуфт: Бале, амирулмӯъминин, пиёда омадам.

Гуфт: Оё аз тарафи доруламорат бароят маркабе надоданд, ки савор шуда меомадӣ?

Гуфт: Онҳо чунин накарданд ва ман ҳам аз ишон талаб нанамудам.

Гуфт: Амволе, ки барои байтулмол овардаӣ, дар куҷост?

Гуфт: Ман чизе наовардаам.

Гуфт: Чаро?

Гуфт: Ба хотири он ки вақте ба Ҳимс расидам, мардумони солеҳи он диёрро ҷамъ кардам ва онҳоро мукаллаф сохтам, ки молиёти онҳоро ҷамъ кунанд. Вақте ки онҳо молиётеро ҷамъ мекарданд, дар мавриди он бо онҳо машварат мекардам ва онро дар ҷиҳатҳои лозим ба сарф менамудам ва ба мустаҳиққрини ишон тақсим мекардам.

Ҳазрати Умар ба котиби худ гуфт: Вазифаи Умайрро ба вилояти Ҳимс таҷдид ва тамдид кун.

Умайр гуфт: Аммо баъид аст, ки Умайр ин вазифаро ба дӯш гирад. Ин чизест, ки дигар намехоҳам онро бар ӯҳда гирам, эй Умар. Баъд аз ин рӯз на барои ту ва на барои ғайри ту кор нахоҳам кард.

Баъд Умайр аз вай хост, то ба вай иҷоза диҳад, ки дар деҳа аз атрофи Мадина мамроҳ бо аҳли оилааш рафта, дар онҷо иқомат гузинад. Ҳамон буд, ки барояш иҷозаи иқомат дод.

Дере аз рафтани Умайр бар ин деҳа сипарӣ нашуда буд, ки ҳазрати Умар хост, ки ӯро имтиҳон кунад, то аз доштан ва надоштани вай итминон ёбад, то дар сурати лозим шудан ба вай кӯмак намояд, лизо шахсеро ба номи Ҳорис, ки яке аз

мардони мӯътамади вай буд, ба ин кор муваззаф кард ва гуфт: Эй Ҳорис, назди Умайр ибни Саъд бирав ва худро ба ҳайси меҳмон назди вай нигаҳ дор. Агар осори неъмат дар вай мушоҳида намудӣ, бозгард, агар ҳолаташро бад ёфтӣ, ин киса, ки дар он сад динор аст, ба вай бидеҳ, то аз он дар рафъи ҳоҷаташ истифода кунад.

Ҳорис ба роҳ афтод, то он ки ба он деҳа расид ва аз Умайр суроғ кард, ӯро ба хонааш раҳнамоӣ карданд.

Вақте бо вай рӯ ба рӯ шуд, гуфт: Ассалому алайка ва раҳматуллоҳ.

Умайр ҷавоби салом дод ва гуфт: Ва аълайка-с-салому ва раҳматуллоҳи ва баракотуҳ. Аз куҷо омадӣ?

Ҷавоб дод: Аз Мадина.

Гуфт: Мусалмонон чӣ ҳол доранд?

Ҳорис ҷавоб дод: Алҳамдулиллоҳ ба хайранд.

Гуфт: Амирулмӯъминин чӣ ҳол дорад?

Гуфт: Алҳамдулиллоҳ сиҳат дорад ва офият аст.

Гуфт: Оё ҳудудро барпо медорад?

Гуфт: Бале, вай фарзандашро, ки муртакиби кори фоҳишае шуда буд, дурра зад ва дар асари он ҷон дод.

Гуфт: Худованд Умарро ёрӣ диҳад, ӯ ба худат сахт иродат дорад ва сахт дӯстие дорад.

Ҳорис дар меҳмонии Умайр ибни Саъд се шабро сипарӣ намуд ва дар ҳар шаб як нони ҷавин ба вай тақдим медошт. Чун рӯзи саввум фаро расид, мардум аз он қавм ба Ҳорис гуфтанд: Ту Умайр ва аҳли ӯро аз по даровардӣ. Ишон аз ин як қурси нон, ки ба ту тақдим менамоянд, чизе беш надоранд ва он ҳам ҳаққи худро ба ту медиҳанд ва худ гурусна зиндагӣ мекунанд ва ҳоло гуруснагӣ онҳоро аз по даровардааст. Агар лозим донӣ, ӯро ба ҳоли худаш гузор ва меҳмони мо шав.

Дар ин ҳол буд, ки Ҳорис динорҳое, ки бо худ оварда буд, кашид ва дар пеши рӯи Умайр гузошт. Умайр гуфт: Ин чист ? Ҳорис гуфт: амирулмӯъминин ин маблағро барои ту фиристод, то дар рафъи ҳоҷати худ аз он истифода кунӣ. Умайр гуфт:

Ин маблағро ба худаш бозпас деҳ ва ба ӯ аз ман салом бигӯ ва бигӯ, ки Умайр ба ин маблағ зарурате надорад.

Дар ин ҳол буд, ки садои ҳамсараш, ки ба гуфтугӯи вай ба меҳмонаш гӯш ниҳода буд, баланд шуд ва гуфт: Эй Умайр, ин ҳадяи амирулмӯъмининро бигир. Агар зарурат ёфтӣ, онро дар ҷиҳати зарурати хеш сарф мекуни ва агар ҳоҷате ба он надошт, балки, онро ба мустаҳиққаш хоҳӣ дод ва мустаҳиққин зиёданд.

Вақте Ҳорис ҳарфи вайро шунид, динорҳоро дар пеши рӯи Умайр гузошту бархост ва роҳи худ дар пеш гирифт. Умайр ин маблағро бигрифт ва онро дар кисаҳои худ тақсим кард.

Шаб ба сар нарасида буд, ки онро дар миёни фуқаро ва ба хусус ятимони шуҳадо тақсим намуд. Ҳорис ба Мадина баргашт. Ҳазрати Умар ба ӯ гуфт: Чӣ кардӣ, эй Ҳорис?

Гуфт: Эй амирулмӯъминин, Умайр ҳолати хубе дошт.

Гуфт: Оё динорҳоро ба вай додӣ?

Гуфт: Бале, эй амирулмӯъминин,

Гуфт: бо ин маблағ чӣ кард?

Гуфт: Намедонам, вале фикр намекунам, ки аз он як дирҳамро ҳам барои худ сарф кунад. Баъд ҳазрати Умар ба Умайр нома навишт ва гуфт: Вақте ин номаам бароят бирасад, онро ба замин нагузошта, назди ман ҳозир шав.

Умайр рӯй ба сӯи Мадина ниҳод ва ба ҳузури амирулмӯъминин дохил шуд. Ҳазрати Умар ӯро хушомадӣ гуфт ва ба худ наздик сохт ва баъд барояш гуфт: Динорҳоеро, ки бароят фиристода будам, чӣ кардӣ?

Гуфт: Эй амирулмӯъминин, баъд аз он ки онро бароям фиристодӣ, дигар ба он чӣ кор дорӣ?

Гуфт: Фақат мехоҳам бидонам, ки онро чӣ кардӣ.

Гуфт: Онро барои худ захира кардам, то дар рӯзе, ки мол ва фарзанд ба корам наёянд, аз он истифода кунам. Аз шунидани ин ҳарф чашми Умар пур аз ашк шуд ва гуфт: Ман гувоҳӣ медиҳам ба ин, ки ту аз ҷумлаи онҳое ҳастӣ, ки бо вуҷуди эҳтиёҷи шадид ҳоҷати дигаронро бар ҳоҷати худ тарҷеҳ медиҳанд ва баъд ба вай амр дод, ки то маркабе аз

маводи хӯрокӣ ва ду либос ба вай диҳанд. Гуфт: Эй амирулмӯъминин, Маро ба маводи хӯрока ҳоҷат нест, чун дар хона ду паймона ҷав дорам ва то вақте ин ду паймона халос мешавад, Худованд роҳи ризқи дигареро бароям хоҳад кушод. Аммо ин ду либосро бо худ мегирам, чу умми фалон (яъне, ҳамсараш) либосҳояш ба андозае кӯҳна ва аз кор афтодааст, ки наздик аст, сатр накунад.

Дере аз ин мулоқот бо ҳазрати Умар нагузашта буд, ки Худованд Умайрро ба ҷивори раҳмати хеш хонд ва Умайр бо фироқ аз ин дунё ва пайвастан ба ҳазрати Расули Худо (с) ба орзуи деринааш расид. Умайр бо рӯҳи ором ва хотири шод роҳи охират дар пеш гирифт ва дар дунё чизе нагузошт, ки бар он дил бисӯзонад ва бар фироқаш ҳасрат барад. Ӯ матоъе аз тақво, парҳезгорӣ, дарвеш ва зуҳдро ҳамроҳ бурд.

Вақте хабари вафоти ӯ ба ҳазрати Умари Форуқ расид, ғаму андӯҳ дар вай намоён шуд ва гуфт: Ман дӯстдори он будам, ки мисли Умайр шахсиятҳоро ҳамроҳ медоштам, ки маро дар иҷрои корҳои мусалмонон ёрӣ медод. Худованд аз Умайр ибни Саъд розӣ бод, вай намунаи камёб аз абармардон буд, ки дунёро бо ҳама ҷилваву зебоии он пушти сар ниҳод ва шогирди мумтозе буд, ки дар мадрасаи нубувват дарс омӯхт.

## АБДУРАҲМОН ИБНИ АВФ

Яке аз ҳашт тан аз собиқини ба Ислом аст.

Яке аз ашараи мубашшара ба ҷаннат аст. Яке аз шаш тан аъзои маҷлис аст, ки баъд аз вафоти ҳазрати Умар халифаи саввумро интихоб намуданд.

Яке аз он касонест, ки дар Мадина фатво медоданд, дар ҳоле ки ҳазрати Расули Худо (с) дар миёни мусалмонон дар қайди ҳаёт ба сар мебурд. Номаш дар даврони ҷоҳилият Абду амр буд. Вақте мусалмон шуд, ҳазрати Расули Худо (с) номашро Абдураҳмон гузошт. Абдураҳмон ибни Авф қабл аз он, ки ҳазрати Расули Худо (с) дохили хонаи Арқам шавад, ду рӯз баъд аз мусалмон шудани ҳазрати Абубакри Сиддиқ имон овард ва дар роҳи Худо чунон азоб ва сахтиҳоро дид, ба гунае, ки ҳамтоёни собиқинаш ба ин азоб дучор шуда буданд, вай чун онҳо сабр намуд ва мисли онҳо истиқомат нишон дод ва назири онон рост гуфт ва рост зист ва бо дини худ ба сони соири муҳоҷирин ба ҳабаша ҳиҷрат намуд. Вақте ба ҳазрати Расули Худо (с) ва ёронаш иҷоза дода шуд, то ба Мадина ҳиҷрат кунанд, ҳазрати Абдураҳмон ибни Авф дар пешопеши муҳоҷирин қарор гирифт, ки барои Худо ва Расулаш ҳиҷрат намуданд. Вақте ҳазрати Расули Худо (с) дар миёни муҳоҷирин ва ансор ақди муохот (бародарӣ) барқарор намуд, Абдураҳмон ибни Авфро бо Саъд ибни Рабеъи Ансорӣ бародар сохт. Саъд ба бародараш Абдураҳмон ибни Авф гуфт: Эй бародар, ман сарватмандтарини аҳли Мадина ҳастам, ду бӯстон дорам. Ҳар кадом аз ин бӯстонҳоро, ки мақбули ту шавад, интихоб кун, то онро ба ту бахшам ва ду ҳамсар ҳам дорам, ҳар кадомро, ки мавриди писандат воқеъ шавад, интихоб кун, ман ӯро талоқ диҳам ва ту вайро ба ақди худ дарор.

Абдураҳмон аз бародари ансории худ ташаккур намуд ва ба ӯ гуфт: Худованд дар молу ҳолат баракат ниҳад. Аммо маро ба кору бори шаҳр раҳнамоӣ кун. Саъд ибни Рабеъ ӯро ба бозор роҳнамоӣ кард ва ба тиҷорат шурӯъ намуд ва даст ба хариду фурӯш зад. Матоъ мехарид ва ҷинс мефурӯхт ва чизе фоида мекард ва чизе меандӯхт. Дере нагузашт, ки тавонист мӯҳрзаниро ба даст орад.

Ҳамон буд, ки издивоҷ намуд ва дар ҳоле ки осоре аз хушбӯӣ ва атр бар бадан дошт, ба ҳузури ҷаноби Расули Худо (с) омад. Ҳазрати Расули Худо (с) бо тааҷҷуб аз вай пурсид: Чӣ шудааст?

Гуфт: Эй Расули Худо (с), издивоҷ кардам.

Гуфт: Оё ба ҳамсарат маҳре додаӣ?

Гуфт: Ба андозаи вазни донае ба вай тилло додам.

Фармуд: Валима кун ва лав, ки як гӯсфанд ҳам бошад, Худованд дар молат баракат гузорад!" Абдураҳмон мегӯяд: Дунё он қадар ба ман рӯй овард, то ҷое, ки худро чунон ёфтам, ки агар сангеро, ки аз замин бардорам, умеди он доштам, ки аз зери он тилло ва нуқра берун хоҳад шуд.

Дар рӯзи Бадр Абдураҳмон ибни Авф дар роҳи Худо ҷиҳоди содиқона намуд ва душмани Худо Умайр ибни Усмон ибни Каъби Таймиро аз по даровард.

Дар рӯзи Уҳуд вақте дигарон мутазалзил шуданд, ӯ собитқадам боқӣ монд, вақте дигарон рӯ ба фирор ниҳоданд, вай пойдор монд, вақте ҷанг поён ёфт, дар бадани вай бисту чанд захм ёфтанд, ки баъзеи он ба ҳадде буд, ки даст дар он фурӯ мерафт. Вале бо вазъи ин, агар ҷиҳоди ҷисмонии ӯро бо ҷиҳоди моли вай муқоиса кунем, дар муқобили ҷиҳод молии вай ночиз ҷилва мекунад.

Вақте ҳазрати Расули Худо (с) тасмим гирифт, ки сарияеро муҷаҳҳаз кунад, дар миёни ёронаш истод ва гуфт: Садақа диҳед, мехоҳам дастаи амалиётиро барои ҷиҳод бифиристам". Ҳамон буд, ки Абдураҳмон ибни Авф ба хонаи худ омад ва шитобон баргашт ва гуфт: Эй Расули Худо (с), назди ман чаҳор ҳазор дирҳам аст, ки ду ҳазори онро ба Худо қарз медиҳам ва

ду ҳазори онро барои аҳли оилаам гузоштам. Ҳазрати Расули Худо (с) фармуд: Худованд дар он чи, ки ато кардӣ, баракат диҳад ва Худованд дар он чи ки барои худ нигаҳ доштӣ, баракат диҳад.

Вақте ҳазрати Расули Худо (с) азми ҷанги Табук намуд, зарурат ба пул камтар аз зарурат ба нерӯҳои инсонӣ набуд, чун теъдоди лашкари Рум беш аз ҳад буд ва бо ҳама имконияти ҷанг муҷаҳҳаз набуданд ва дар ин сол Мадина ба хушксолӣ мубтало буд ва роҳи ин сафар тӯлонӣ ва маводи кӯмаки ночиз ва маркабҳои муҷоҳидон хеле андак буд, то он ҷо, ки иддае аз мӯъминон, ки даст холӣ буданд, ба ҳузури Расули Худо (с) омаданд ва аз вай хостанд, ки барои ишон маркаб диҳад, то битавонанд дар ҷиҳод ӯро ҳамроҳӣ кунанд. Аммо ҳазрати Расули Худо (с) ба сабаби надоштани имконот аз ширкати онҳо дар ҷиҳод маъзарат хост ва ишон аз ин ки чизе надоштанд, нафақа кунанд, гирякунон пас гаштанд. Аз ин рӯ, онҳоро ба номи Баккоин номиданд ва барои ин лашкар номи Ҷайшу-л-Усра гузоштанд, чун дар сахттарин ҳолат равонаи ҷанг шуданд. Дар чунин фурсат буд, ки ҳазрати Расули Худо (с) ёрони худро амр кард, ки дар роҳи Худо кӯмак кунанд ва аҷри худро аз Худо бихоҳанд. Аз шунидани ин амри Расули Худо (с) мусалмонон ба сӯи хонаҳои худ шитофтанд ва дар пешопеши ин ҷамъи садақакунандагон Абдураҳмони ибни Авф қарор дошт. Вай дусад уқия тиллоро дар оҳи Худо садақа намуд, ҳазрати Умар ибни Хаттоб ба ҳазрати Расули Худо (с) гуфт: Ман фикр мекунам, ки Абдураҳмон ибни Авф муртакиби гуноҳе шудааст, чун вай ба аҳли худ чизе нагузоштааст. Ҳазрати Расули Худо (с) ба ӯ гуфт: Оё барои аҳли худ чизе гузоштаӣ?

Гуфт: Бале, ман барои ишон бештар ва хубтар аз он чи, ки овардаам, гузоштам.

Фармуд: Чӣ миқдор? Гуфт: ризқ, хайр ва аҷреро, ки Худо ва Расулаш ваъда намудааст, барояшон гузоштам. Лашкари Ислом раҳсипори Табук гардид ва дар он ҷо Худованд ба Абдураҳмон ибни Авф чунон икром намуд, ки ба ҳеҷ яке аз

мусалмонон ин икромро накардааст, тавре ки вақти намоз фаро расид ва ҳазрати Расули Худо (с) ҳузур надошт, Абдураҳмон ибни Авф дар намоз пеш даромад ва имоматӣ кард. Вай ҳанӯз ракаати якумро тамом накарда буд, ки ҳазрати Расули Худо (с) омад ва дар сафи намозгузорон аз ақиби Абдураҳмон ибни Авф иқтидо кард ва намоз хонд. Оё фазилат ва кароматe болотар аз ин хоҳад буд, ки бандаи мусалмоне ба беҳтарини халоиқ ва сайиди анбиё ҳазрати Муҳаммад ибни Абдуллоҳ имоматӣ кунад?!

Вақте ҳазрати Расули Худо (с) ба ҷивори раҳмати ҳақ пайваст, Абдураҳмон ибни Авф худро кафили масолеҳи умамаҳоту-л-мӯъминин сохт ва ба ҳоҷат ва ниёзмандиҳои онон расидагӣ мекард. Вақте ба ҷое сафар мекарданд, онҳоро ҳамроҳӣ мекард ва дар ҳаҷ бо ишон мерафт ва бар маҳмилҳои онон пардаи сабзи зеборо меандохт ва онҳоро дар ҷое, ки муписандиданд, поин мекард. Ин буд аз фазоили Абдураҳмон ибни Авф, шахсияте, ки мавриди эътимоди уммаҳоту-л-мӯъминин буд. Ӯ ҳақ дорад, ки ба ин хидмати онон биболад ва дар худ изҳори фахр кунад.

Некӣ ва хидмати вай ба мусалмонон умуман ва ба уммаҳотул мӯъминин хусусан, ба ҳадде расид, ки замини марбути моликияти худро ба маблағи чиҳил ҳазор динор бифурӯхт ва ҳама пули онро дар миёни қавми бани Зӯҳра (қавми Омина бинти Ваҳаб модари ҳазрати Расули Худо (с) ва фуқарои муҳоҷирин ва ансор ва уммат ҳотул мӯъминин тақсим кард. Вақте маблағе аз ин пулро, ки барои ҳазрати Оиша тахсис дода буд, ба вай фиристод, ҳазрати Оиша гуфт: Чӣ касе ин пулро ба ман фиристодааст?

Гуфтанд: Абдураҳмон ибни Авф.

Гуфт: Ҳазрати Расулуллоҳ (с) фармудааст: Баъд аз ман ҷуз собирон бар шумо касе дилсӯзӣ намекунад.

Дуои Расули Худо (с) дар ҳаққи Абдураҳмон ибни Авф иҷобат гардид ва Худованд дар зиндагӣ ба моли вай чунон баракат дод, ки вай аз ҷумлаи сарватмандтарин саҳоба гардид ва бо гузашти ҳар рӯз тиҷораташ рушду нумӯ мекард

ва корвони тиҷоратиаш ҳамеша дар Мадина дар ҳоли рафту ва омад буд ва маводи мардуми ин шаҳрро чи гандум ва чи ҷав ва чи орду рӯған ва соири молҳои тиҷоратиро фароҳам менамуд ва он чиро, ки аҳли Мадина истеҳсол мекарданд, ба ҷоҳои дигар мебурд.

Дар яке аз рӯзҳо корвон Абдураҳмон ибни Авф ба Мадина расид ва ин корвонро ҳафтсад сар шутур ташкил медод, ки маводи эҳтиёҷи Мадинаро ҳамл намуда буд. Вақте ин корвон дохили Мадина шуд, аз вуруди он шаҳри Мадина ба ҷунбиш даромад ва сару садояш гӯшаву канори Мадинаро пур кард. Ҳазрати Оиша (р) ба онҳо гуфт: Ин шӯру ғавғо ба хотири чист?

Ба ӯ гуфтанд: Ин шӯр ва ғавғо корвони Абдураҳмон ибни Авф аст. Ҳафтсад шутур маводи хӯрока ҳамл намуда ба Мадина омадааст.

Ҳазрати Оиша (р) ба онҳо гуфт: Худованд барои он дар он чи ки ӯро дар ин дунё додааст, баракат диҳад ва савоби он назди Аллоҳ бузургтар ва бештар аст. Ман аз ҳазрати Расули Худо (с) шунидам, ки мегуфт: Абдураҳмон ибни Авф хазида дохили биҳишт мешавад.

Пеш аз он, ки корвон ба ҷои маъмулшуда бирасад, муждадиҳандае ин қавли ҳазрати Оишаро, ки вайро ба биҳишт мужда медод, ба Абдураҳмон ибни Авф расонд. Ҳамин ки Абдураҳмон ибни Авф ин суханро шунид, шитобон худро назди ҳазрати Оиша расонд ва гуфт: Эй модар, оё ин башоратро худ аз даҳани ҳазрати Расули Худо (с) шунидӣ?

Ҳазрати Оиша гуфт: Бале.

Аз шунидани ин ҳарф Абдураҳмон ибни Авф аз шиддати сурур сар аз по намешинохт ва гуфт: Агар тавонам, бо қади рост дохили биҳишт мешавам, Эй модар, ман туро шоҳид меорам ба ин, ки ин корвон бо ҳама бо банд ва ҷилу ва лаҷомаш дар роҳи Худо бод.

Баъд аз он, ки вай ин навид бишнид, аз он рӯз ба баъд бахшиши Абдураҳмон ибни Авф берун аз ҳисоб буд ва саховатмандона онро дар роҳи Худо сарф менамуд ва бо ҳарду

дасти худ ба чапу рост, ошкору пинҳон, садақа медод, ба тавре, ки чиҳил ҳазор дирҳам аз нуқра ва чиҳил ҳазор динор аз тиллоро садақа дод. Баъд дусад уқия тиллоро садақа кард. Сипас таҷҳизоти муҷоҳидини фи саблиллоҳро бар панҷсад асп бор кард ва баъди бору банди соири муҷоҳиддинро ба ҳазору понсад маркаб бор намуд.

Вақте маргаш фаро расид, халқҳои зиёдеро, ки дар таҳти моликияташ буд, озод сохт ва ба ҳар яке аз аҳли Бадр, ки дар қайди ҳаёт буданд ва шуморашон ба сад нафар мерасад, васият намуд, ки чаҳорсад динор тилло беҳисоб бидиҳанд. Ва ба ҳар як аз уммаҳотул мӯъминин васиятӣ намуд, ки, то он ҷо, ки уммулмӯъминин Ойиша (р) аксар вақт дар ҳаққи вай дуои хайр намуда мегуфт: Худованд ӯро аз оби Салсабил насиб фармояд. Вай бо вуҷуди ин ҳама саховат ва бахшиш он қадар мол барои ворисони худ гузошт, ки дар ҳисоб меғунҷад. Ба тавре, ки ҳазор шутур ва асп аст ва се ҳазор гӯсфанд аз худ мерос гузошт. Ӯро чаҳор зан буд, барои ҳар як аз онҳо, ки рубъи мерос мебурданд, ҳаштод ҳазор расид. Ва аз тилло ва нуқра ба ҳадде аз вай мерос монда буд, ки ба белҳо аз он ба ворисонаш тақсим мекарданд, то он, ки тақсимкунандагон аз шикастони он дастҳояшон обила кард. Ин ҳама дороӣ аз фазли дуои ҳазрати Расули Худо (с) дар ҳаққи вай буд. Аммо ин ҳама пул ва сарват дар зиндагии Абдураҳмон ибни Авф таъсире накард ва ӯро дар таҳти таъсири фитнаи худ қарор надод, то ҷое, ки вақте мардум ӯро дар миёни ғуломонаш медиданд, вайро аз ишон фарқ карда наметавонист. Дар ҳоле, ки рӯзе вай рӯзадор буд, таоме барояш оварданд, ба сӯи он таом нигарист ва гуфт: Муъом ибни Умайр, ки беҳтар аз ман буд, шаҳид шуд ва барои вай кафан наёфтем, ки саропои ӯро пӯшонад, ба ҷуз як порчае, ки агар онро бар сари вай меандохтем, пойҳояш бараҳна мешуд ва агар бар пойҳояш меандохтем, сараш бараҳна мемонд ва баъд Худованд ба ин андоза дунёро ба рӯи мо кушод ва ман аз он бим дорам, ки savоби худро дар ин дунё ба даст орам ва аз охират маҳрум

монам ва баъд ба гиря ва нолидан шурӯъ кард, то он ки таъом сард шуд.

Хушо ба ҳоли Абдураҳмон ибни Авф, ки ҳазрати содиқу-л-масдуқ Муҳаммади Мустафо ӯро ба ҷаннат башорат додааст ва ҷанозаи вайро ба хобгоҳи охираш тағоии ҳазрати Расули Худо (с) Саъд ибни Абиваққос нақл дод ва ҳазрати Усмони Зиннурайн намози ҷанозаи ӯро хонд ва амирулмӯъминин Алӣ карамаллоҳу ваҷҳаҳу, дар ҳоле, ки ӯро ташйиъ менамуд, гуфт: Аз хубиҳояш баҳра бурдӣ ва аз бадиҳояш гӯша гирифтӣ, Худованд туро раҳмат намояд.

## ҶАЪФАР ИБНИ АБУТОЛИБ

Дар қабилаи бани Абдуманоф панҷ шахсе буданд, ки ҳар кадоми онҳо ба чеҳраи ҳазрати Расули Худо (с) бисёр зиёд шабоҳат доштанд, то ба он андоза, ки мардумон камбин наметавонистанд, ки миёни он ҳазрат (с) ва ишонро фарқ кунанд ва ин панҷ тан иборат буданд аз Абусуфён ибни Ҳорис ибни Абдулмуталлиб, писари амаки ҳазрати Расули Худо (с) ва бародари разоъи вай ва Қусом писари Аббос ибни Абдулмуталлиб, писари амаки Расули Худо (с) ва Соиб ибни Убайд ибни Абдуязида ибни Ҳошим ҷадди Имом Шофеъӣ (р). Ва Ҳасан ибни Алӣ, набераи ҳазрати Расули Худо (с) ва Ҳасан нисбат ба ҳамаи онҳо ба ҳазрати Расули Худо (с) шабоҳати бештар дошт ва Ҷаъфар ибни Абутолиб бародари ҳазрати Алӣ карамаллоҳу ваҷҳаҳу.

Ҳоло ба муаррифии шахсияти бузургвори ҳазрати Ҷаъфар (р) ва баъзе аз гӯшаҳои зиндагии вай мепардозем.

Абутолиб бо вуҷуди шараф обрӯй ва қадру манзалати баландаш дар миёни Қурайш марди бебизоат ва серфарзанд буд. Ин ҳолати бади вай ба иллати хушксолӣ, ки домангири Қурайш шуда буд, беш аз пеш табоҳ гардид. Маоши ҳама аз байн рафт, вазъи мардум ба ҳадде расида буд, ки аз устухонҳои кӯҳна ва хушк гуруснагии хешро бартараф мекарданд. Дар он вақт дар миёни бани Ҳошим ҳеҷ кас ба мисли Паёмбар Муҳаммад ибни Абдуллоҳ ва амакаш Аббос марди тавонгар ёфт намешуд. Аз ин рӯ, Муҳаммад ба амакаш Аббос гуфт: Эй амак, бародарат Абутолиб соҳиби зану фарзанди зиёд аст ва мебинӣ, ки шиддати қаҳтӣ ва гуруснагӣ мардумро ба чӣ ҳолате мубтало сохтааст. Биё бо ҳам назди вай биравем, то баъзе афроди хонаводаашро ҳамроҳи худ

гирем, як ҷавони вайро ман ба дӯши худ гирам ва ҷавони дигарашро ту ба дӯш гир ва ба ин тартиб бори дӯши ӯро сабуктар созем ва мушкилии ӯро ҳал намоем. Аббос гуфт: Пешниҳоди хубе аст ва ташвиқ аст ба кори хайр.

Баъд ҳарду назди Абутолиб рафта ба ӯ гуфтанд, ки мо омадаем, то андаке аз таклиф ва машаққате, ки аз ноҳияи серфарзандӣ бо он рӯ ба рӯ ҳастӣ бикоҳеи, то он, ки ин ранҷ ува азоб, ки мардум ба он рӯ ба рӯ аст, рафъ гардад. Абутолиб гуфт: Уқайлро ба ман бигузоред ва ҳар коре, ки мекунед, бикунед.

Ҳазрати Муҳаммад Алиро дар кафолати худ гирифт ва ба аҳли худ ӯро зам кард ва Аббос Ҷаъфарро дар сояи риояти худ гирифт ва ба хонааш бурд. Ҳазрати Алӣ то он дам ба ҳазрати Муҳаммад монд, ки Худованд ӯро ба дин ҳидоят қадр ва ҳақ мабъус сохт Ҳазрати Алӣ аз миёни ҷавонон аввалин касе буд, ки ба нубуввати он ҳазрат (с) имон овард ва ҳазрати Ҷаъфар низ то вақте ҳамроҳ бо Аббос бимонд, ки ҷавон шуд, имон овард ва рӯзгорашро худ сару сомон дод ва аз кӯмаки амакаш Аббос мустағнӣ шуд. Ҷаъфар ибни Абутолиб ҳамроҳ бо ҳамсараш Асмоа бинти Умайс аз нахустин рӯзи даъват ба қофилаи нур пайваст, тавре ки ин ҳарду даъвати ҳазрати Абубакри Сиддиқро қабл аз он, ки ҳазрати Расули Худо (с) дохили хонаи Арқам гардад, имон оварданд. Ин ҷавони ҳошимитабор ҳамроҳ бо ҳамсари ҷавонаш низ мисли дигар ҳамфикрони хеш мавриди азияту ва озори Қурайш қарор гирифтанд ва босуботу устуворӣ ин роҳро идома доданд ва сабр пеша карданд. Чун эшон медонистанд, ки роҳи ҷаннат пӯшида бо хорҳо ва мамлу аз мушкилот ва душвориҳост. Аммо он чи, ки зиндагии ӯ ва шарики зиндагиашро дар ин шаҳр тирау тор сохта, ин буд, ки ишон наметавонистанд шиорҳои динии худро озодона анҷом диҳанд ва қурайшиён дар миёни онҳо ва шиорҳои диниашон ҳоил шуда иҷоза намедоданд, ки аз лаззати ибодат баҳраманд гарданд. Онҳо дар ҳар ҷой дар камин менишастанд ва тамоми ҳаракот ва сукунашонро зери назар доштанд. Дар чунин фурсат буд, ки

Ҷаъфар ибни Абутолиб аз ҳазрати Расули Худо (с) иҷоза хост, то ба вай ва ҳамсараш иҷоза диҳад, ки ҳамроҳи ҷамъи дигар аз асҳоб ба сарзамини Ҳабаш ҳиҷрат намояд. Ҳазрати Расули Худо (с) сахт ғамгину афсурда гашта, барои ишон иҷозаи ҳиҷрат дод.

Ба вай сахт душвор буд, ки ин ҷамъ аз покони некниҳоди сарзамин ва маъворо, ки айёми туфулияти худро дар он сипарӣ намуда ва ба он хӯ гирифта ва унс ёфтаанд, бидуни кадом ҷурме ба қасди диёри бегона тарк гӯянд, гуноҳи ишон дар назари Қурайш он буд, ки фақат ба ваҳдонияти Худованди воҳид имон оварда ва рисолати Паёмбари гиромиашро тасдиқ намуданд ва ғайр аз ин чӣ гуноҳе метавон дар вуҷуди ин ҷамъи покон ёфт. Аммо вай чорае ҷуз ин надошт, ки ба ишон иҷозаи ҳиҷрат надиҳад, чун тавони онро дар худ намедид, ки азият ва озори Қурайшро аз онҳо дафъ намояд. Қофилаи муҳоҷирини аввал ба сӯи Ҳабаша, ки дар раъси он Ҷаъфар ибни Абутолиб қарор дошт, ба роҳ афтод ва дар он ҷо дар ҷивори подшоҳи одил ва ҳақбин ва солеҳи он Наҷҷошӣ оромиши худро дарёфтанд ва итминони қалбӣ барояшон ҳосил гашт ва барои аввалин бор баъд аз он, ки мусалмон шуд, таъми оромиш ва лаззати ибодатро чашиданд, чун дар инҷо касе набуд, ки фазои ибодати ононро тира созад ва ё саодат ва хушбахтии ононро тира гардонад. Қурайшиён аз ин огоҳ набуданд, ки ин ҷамъи мусалмонон ба хотири динашон маъвои худро тарк гуфта ва равонаи диёри Ҳабаш шуда ва дар он ҷо дар сояи ҳимоят ва пуштибонии подшоҳи одил ва хайрхоҳи он зиндагии ором ва пурсаодатро сипарӣ мекунанд.

Ҳамин ки аз ин қисса огоҳ шуданд, дар паи тарҳи дасиса гардиданд, то ба чӣ васила битавонанд ононро ба ватанашон баргардонанд ва ё ба қатл расонанд ва ба ҳеҷ сурат иҷоза надиҳанд, ки аз азият ва озори онон дар амон бошанд. Мо акнун риштаи суханро ба Умми Салама медиҳем, то худ дидаҳои худро дар ин хусус ба мо ҳикоят кунад.

Умми Салама гуфт: Вақте дохили сарзамини Ҳабаша гардидем, онро беҳтарин маъво ва маъман барои худ ёфтем,

дар ин ҷо динамон дар амон буд, озодона Парвардигори худро ибодат мекардем ва аз ҳеҷ кас азияту ва озор намедидем ва аз ҳеҷ кас ҳарфе ки эҳсоси моро ҷароҳатдор созад, намешунидем. Вақте Қурайш аз ин вазъ иттилоъ ёфт, нороҳат гардид ва дар паи тарҳи дасиса шуд ва ду тан аз афроди қавӣ ва нерӯманди худ Амр ибни Ос ва Абдуллоҳ ибни Абирабеъаро бо ҳадяҳои зиёд назди Наҷҷошӣ ва битрикҳои вай фиристоданд ва ба ин ду кас тавзеҳ намуданд, қабл аз ин, ки ба Наҷошӣ дидор кунанд ва дар хусуси мо бо вай сӯҳбат намоянд, бояд бо битрикҳои вай вохӯранд ва ҳадяҳои мавриди писандяшонро танро бидиҳанд. Вақте ин ҳайат ба Ҳабаша расид, тибқи барномаи қаблӣ амал намуданд. Тавре ки бо битрикҳо дидан карданд ва ҳадяҳои ҳар кадомро ба ишон тақдим нашуданд ва ҳеҷ як аз онон намонд, магар он ки барои вай ҳадя тақдим карда гуфтанд: Ҳақиқат он аст, ки бархе аз ҷавонон бехиради мо аз дини бобо ва аҷдодашон баргашта ва дар миёни қавми худ ихтилоф афканда ва дар ин ҷо дар сарзамини ин подшоҳи шумо рахна кардаанд. Ҳар гоҳ агар мо дар ин хусус бо подшоҳ сӯҳбат намоем, бояд шумо ба вай машварат диҳед, бидуни онки онҳоро аз диншон савол кунад, онҳоро ба мо таҳвил диҳад, чун ашрофи қавмашон онҳоро хубтар мешиносанд ва ба муътақидоташон хубтар ошноанд. Битриқа гуфтанд: Дуруст аст. Умми Салама изофа намуд ҳеҷ амре барои Амр ва ҳамсафараш сахттар аз ин набуд, ки Наҷҷошӣ яке аз моро ба ҳузури худ бихоҳад ва ба суханаш гӯш диҳад.

Баъд ин ду нафар ба ҳузури Наҷҷошӣ омаданд ва ҳадяҳои худро ба ӯ тақдим намуданд. Наҷҷошӣ ҳадяҳояшонро писандид ва ба он дилфирефта шуд, баъд бо шоҳи Ҳабаша сухан оғоз намуда гуфтанд: Эй подшоҳи бузургвор, иддае аз писарбачаҳои ашрор ва бадхоҳи қавми мо дини худро тарк гуфта ва дини навфо даъво доранд, ки на мо онро мешиносем ва на шумо. Ишон на дар дини моанд ва на дар дини шумо сар ниҳодаанд ва ба ин тартиб, дар миёни мардум ихтилоф афкандаанд ва акнун дар ин ҷо омада, дар мамлакати шумо

паноҳ ҷустаанд. Бузургон ва ашрофи қавмашон чи падарону чи амакон ва наздиконашон моро ба ҳузури муъаззами шумо фиристоданд ва аз шумо талаб кардаанд, ки ин дастаи ашрорро ба ватанашон баргардонед, чун онҳо ба фитнае, ки ишон эҷод намудаанд, донотар ва олимтаранд. Наҷҷошӣ ба сӯи битриқҳои худ нигарист. Ишон гуфтанд: Эй подшоҳи муъаззам, ишон дуруст гуфтанд. Қавмашон инҳоро хубтар медонанд, онҳоро ба диёрашон баргардон, то худамон дар мавридашон тасмим бигиранд.

Аз шунидани ин ҳарфи битриқ Наҷҷошӣ сахт хашмгин гардид ва гуфт: Не, қасам ба Худо чунин нахоҳам кард, ҳаргиз онҳоро таслим нахоҳам дод, то ки онҳоро ба ҳузур нахоҳам ва тӯҳмате, ки ба эшон нисбат додаанд, савол накунам. Агар онҳо чунин бошанд, ба гунае, ки ин ду шахс иддиъо доранд, барои ишон таслим секунам ва агар воқеият надошт ва барҳақ бошанд, аз ишон ҳимоят мекунам ва то вақте ки худро дар ҷивори ман қарор диҳанд, аз некии худ нисбат ба онон дареғ нахоҳам кард.

Умми Салама афзуд: Баъд Наҷҷошӣ касеро аз паи мо фиристод ва моро ба ҳузур хост ва қабл аз он ки ба ҳузури малик биравем, бо ҳам ҷамъ шудем ва машварат намудем ва гуфтем, ки подшоҳ шуморо аз динатон савол мекунад, бояд сароҳатан ба он чи, ки имон овардаед, сухан гӯед ва бояд сухангӯятон Ҷаъфар ибни Абутолиб бошад ва ҷуз вай набояд дигар ҳеҷ кас ҳарф бизанад.

Баъд ба ҳузури Наҷҷошӣ рафта дидем, ки вай битрикҳои худро ҷамъ карда ва дар перомуни вай дар тарафи росту чапи вай нишастаанд ва либосҳои махсуси худро ба тан намуда ва кӯлоҳҳои худ ба сар гузоштаи худро ва китобҳои худ дар пеши рӯ ниҳодаанд ва Амр ибни Ос ва Абдуллоҳ ибни Абирабеъа низ дар маҷлис ҳузур доранд. Вақте дар толор ҳар кадом ба ҷои худ нишастем, Наҷҷошӣ рӯ ба сӯи мо намуд ва гуфт: Ин дин, ки шумо муддаъии он ҳастед, чӣ гуна дин аст, ки тавассути он дар миёни қавматон ихтилоф андохтед ва на дар

дини мо дохил шудед ва на дар дини ҳеҷ як аз адёини маъруфи миллатҳои дигар сар ниҳодед?

Ҷаъфар ибни Абутолиб пеш шуд ва гуфт: Эй подшоҳ, мо дар даврони ҷоҳилият мардуме будем, ки бутҳоро парастиш мекардем ва гӯшти худмурдаро мехӯрдем ва корҳои фоҳиша (зино)-ро муртакиб мешудем ва бо хешовандон қатъи силаи раҳм менамудем ва бо ҳамсоягон бадӣ раво медоштем ва қавии мо заъифамонро мехӯрд ва ба ин сурат, ҳолати мо давом дошт, то он ки Худованд аз миёни мо паёмбаре фиристод, ки насабашро мешиносем ва сидқу амонат ва иффати ӯро дидаем. Ҳамон буд, ки моро даъват кард, то Худованди воҳид ва ягонаро парастиш кунем ва аз мо хост ибодати бутҳо ва авсон ва сангҳо ва он чиро, ки бобо ва аҷдоди мо ривоҷ дода буданд, тарк кунем ва худро аз он бари созем. Вай ба мо амр намудааст, ки сухани рост гӯем, амонатро ба соҳибаш бипардозем силаи раҳм намоем, бо ҳамсоя некӯӣ кунем, аз ҳаромҳо чашм пӯшем, аз хунҳои ноҳақ худдорӣ кунем, аз фаҳшо ва зино ва сухани ботил ва хӯрдани моли ятим, бӯҳтони занони шавҳардор иҷтиноб намоем ва низ амр намудааст, ки Худовандро ба танҳоиаш ибодат кунем, ҳеҷ чизеро ба вай шарик наёварем, намоз барпо дорем, закот бидиҳем, рӯзаи моҳи Рамазонро бигирем.

Ҳамон буд, ки мо ӯро дар ин қавлаш тасдиқ намудем ва ба рисолаташ имон овардем ва он чиро, ки аз ҷониби Парвардигор оварда буд, пайравӣ намудем ва он чиро, ки барои мо ҳалол гуфт, онро ҳалол донистем ва он чиро, ки барои мо ҳаром гуфт, ҳаром шумурдем. Эй подшоҳи бузургвор, ҳамон буд, ки бархе аз мардуми мо бар зидди мо шӯриданд ва моро ба шадидтарин азоб мубтало сохтанд, то бад-ин васила моро аз ин оин баргардонанд ва ба ибодати бутҳо маҷбур созанд. Вақте онҳо дар ҳаққи мо ин зулмро раво доштанд ва моро бечора ва забун сохтанд, зиндагиро бар мо танг карданд, дар миёни мо ва оинамон ҳоил шуданд, ба кишвари ту рӯй овардем ва туро аз дигар он беҳтар донистем ва рағбати он намудем, ки дар канори ту ва дар паноҳи ту қарор гирем ва

умеди он кардем, ки дар назди ту мавриди зулм ва таъдди қарор нагирем.

Умми Салама гуфт: Баъд Наҷҷошӣ рӯ ба сӯи Ҷаъфар ибни Абутолиб намуд ва гуфт: Оё чизе аз паёме, ки Худованд барои паёмбаратон нозил кардааст, ба ёд доред?

Гуфт: Бале.

Гуфт: Пас онро дар ҳузури ман қироат кун.

Ҷаъфар ибни Абутолиб ин оятро қироат кард: **(Ин аст баёни бахшоиши Парвардигори ту бар бандаи худ Закариё чун нидо кард, Парвардигори худро (нидои) пинҳонӣ гуфт: Эй Парвардигори ман, ҳароина суст шудааст устухон аз бадани ман ва сарам аз сафедии мӯй шӯълавар гаштааст ва набудам дар дуои ту, эй Парвардигор, ман бебаҳрааш ба ин тартиб, қироати худ идома дод, то он ки бахше** аз ин сурaро тиловат намуд. Умми Салама гуфт: Аз шунидани ин оят Наҷҷошӣ ба гиря даромад ва чунон гирист, ки ҳатто ашк аз миёни ришҳояш қатра-қатра рехт ва усқуфҳояш низ сахт гиристанд, то он ки китобҳое, ки дар пеши рӯяшон кушода буд, тар шуд. Дар ин вақт Наҷҷошӣ гуфт: Ин паём, ки паёмбари шумо овардааст ва паёме, ки ҳазрати Исо (а) овардааст, ҳардуи он аз як нур ва аз як тобиш аст. Баъд рӯ ба сӯи Амр ва ҳамроҳи вай намуд ва гуфт: Бираввед, қасам ба Худо, ҳаргиз инҳоро ба шумо таҳвил нахоҳам дод.

Умми Салама гуфт: Вақте аз назди Наҷҷошӣ берун шудем, Амр моро таҳдид намуда ва дар хитоб ва ҳамроҳонаш гуфт: Қасам ба Худо, фардо ба ҳузури Наҷҷошӣ меоям ва дили вайро чунон пур аз хашму ки на алайҳи инҳо месозам, то маҷбур шавад, ки реша ва бунёди ишонро бардорад. Абдуллоҳ ибни Абирабеъа ба вай гуфт: Эй Амр, чунин макун, инҳо ҳар чи ҳастанд, хешовандон ва аҳлу ва қабилаи моанд, ҳарчанд ки дар мухолифат аз дини мо баромадаанд.

Амр гуфт: Ин ҳарфҳоро бигзор, қасам ба Худо, ба Наҷҷошӣ чунон хабареро расонам, ки пояшон дар ин ҷо қарор нагирад. Қасам ба Худо, ба вай хоҳам гуфт, ки инҳо ба ин ақидаанд, ки Исо ибни Марям бандаи Худост. Вақте чун субҳ

шуд, Амр боз ба маҳзари Наҷҷошӣ дохил шуд ва ба ӯ гуфт: Эй подшоҳи бузургвор, инҳое ки ба ишон паноҳ додаӣ ва аз ишон ҳимоят мекунӣ, касонеанд ки дар мавриди Исо ибни Марям сухани нодурусте мегӯянд. Касеро аз паи ишон бифирист ва онҳоро савол кун, ки дар мавриди вай чӣ ақида доранд.

Умми Салама гуфт: Вақте мо аз ин мавзӯъ иттилоъ ёфтем, чунон ғаму андӯҳ моро фаро гирифт, ки ҳаргиз ба чунин ғаму ва андӯҳ мубтало нашуда будем. Бархе аз мо ба якдигар гуфтанд: Вақте малик шуморо аз ин масъала савол кунад, чӣ ҷавобе барояш хоҳед дод?

Гуфтем: Қасам ба Худо, ҷуз он чиро, ки Худованд гуфтааст, дигар аз назди худ дар он каму ва кост нахоҳем кард ва дар амри ҳазрати Исо аз он чи ки Паёмбарамон овардааст, ба андозае мӯи ин хироф нахоҳем варзид ва паёмбари ин ҳақиқатгӯи ҳар чи, ки бошад, бошад, аз он бок надорем. Боз дар ин мартаба низ бо ҳам иттифоқ намудем, ки сухангӯи мо дар ин мартаба низ Ҷаъфар ибни Абутолиб бошад. Вақте Наҷҷошӣ моро ба наздаш даъват кард, ӯро ба сони рӯзи гузашта дар толораш дар ҳоле, ки усқифҳояш дар канори ӯ нишаста буданд ёфтем. Вақте ба вай наздик шудем, пешдастӣ намуда, аз мо пурсид: Дар бораи Исо ибни Марям чӣ мегӯед?..

Ҷаъфар ибни Абутолиб ба ӯ гуфт: Мо дар бораи ҳазрати Исо ҳамон қавлро мегӯем, ки Паёмбарамон фармудааст.

Наҷҷошӣ гуфт: Паёмбари шумо дар мавриди вай чӣ гуфтааст?

Ҷаъфар ҷавоб дод: Паёмбар фармудааст, ки Исо ибни Марям бандаи Аллоҳ ва Расули вай аст ва рӯҳ ва калимаи Худо аст, ки дар батни Марями азрои- батул (покдоман) онро алқо кардааст.

Ҳамин ки Наҷҷошӣ ин қавлро шунид, бо дасти хеш бар замин зад ва гуфт: Қасам ба Аллоҳ, ки Исо ибни Марям аз он чи, ки Паёмбари шумо овардааст, ба андозаи як мӯй берун нест. Аз шунидани ин ҳарфи Наҷошӣ ҳама битрикҳое, ки дар

атрофаш нишаста буданд, шӯру фарёд баровар данд ва ҳарфи ӯро нописандиданд доштанд.

Наҷҷошӣ гуфт: Ҳар қадар шӯру фарёд ҳам кунед, ин як ҳақиқат аст. Баъд Наҷошӣ рӯ ба ба мо намуд ва гуфт: Биравед ва шумо озод ҳастед ва дар амни ман хоҳед буд. Касе ки ба шумо дашном диҳад, Тавон бипардозам ва касе, ки ба шумо дастдарозӣ кунад, кайфараш диҳам. Қасам ба Худо, ман надорам, ки кӯҳе аз тилло дошта бошам ва яке аз шумо мавриди ҳадафи бад қарор гиред. Баъд ба сӯи Амр ва ҳамроҳаш нигарист ва гуфт: Ҳадяҳои инҳоро баргардонед, ман ба ҳадяҳояшон ҳеҷ ниёз надорам.

Умми Салама гуфт: Ҳамон буд, ки Амр ҳамроҳ бо дӯсти ҳамсафараш шармандаву расво шикастхӯрдаву сарафканда берун шуданд.

Аммо мо дар назди Наҷошӣ беҳтарин зиндагиро дар канори беҳтарин ҳамсоя сипарӣ намудем. Ҷаъфар ибни Абутолиб ҳамроҳ бо ҳамсараш даҳ соли тамомро ба камоли амният ва итминон дар сояи риоят ва дифоъи Наҷошӣ сипарӣ намуд. Дар соли 7-уми ҳиҷрӣ бо ҳамсараш ва ҷамъе аз муҳоҷирини дигар сарзамини Ҳабашаро ба қасди Мадина тарк гуфтанд. Вақте ишон ба Мадина расиданд, ҳазрати Расули Худо (с) низ зафарманд аз фатҳи Хайбар баргашта буд. Ҳазрати Расули Худо (с) аз дидани Ҷаъфар сахт хушҳол шуд ва гуфт: «Намедонам ба кадом як бисёр хушҳол шавам, ба фатҳи Хайбар ё ба расидани Ҷаъфар?» Фараҳ ва хушии мусалмонон, ба хусус фуқарои ишон камтар аз хушии Расули Худо (с) набуд, чун ишон хушии худро дар хушии вай медиданд.

Чун Ҷаъфар ба фуқаро ва заифон эҳтимом ва таваҷҷӯҳи хос дошт ва ба ишон некиҳои зиёде мекард, то ҷое, ки ба вай абулмасокин лақаб додаанд.

Ҳазрати Абуҳурайра дар бораи вай гуфтааст: Ҷаъфар ибни Абутолиб барои мо ҷамъи фуқаро марди дилсӯз буд. Вай моро ба хонаи худ мебурд ва он чи ки дошт, бароямон тақдим менамуд, ҳатто вақте нонаш танам мешуд, кӯзаеро, ки дар он

рӯғанро нигоҳдорӣ менамуд ва холӣ аз рӯған буд, бардошта меовард ва онро кушода, ба ангуштони худ мелесидем.

Ҷаъфар ибни Абутолиб муддати зиёдеро дар Мадина сипарӣ накард, дар авоили соли 8-уми ҳиҷрӣ ҳазрати Расули Худо (с) лашкареро барои мубориза ва ҷанг бо Румиён дар Шом муҷаҳҳаз кард ва Зайд ибни Ҳорисаро ба сифати амири он муқаррар кард ва гуфт: Агар Зайд кушта ва ё захмӣ шуд, амир Ҷаъфар ибни Абутолиб аст ва агар Ҷаъфар ҳам кушта ва ё захмӣ шуд, амир Абдуллоҳ ибни Равоҳа аст ва агар Абдуллоҳ ибни Равоҳа ҳам кушта ва ё захмӣ шуд, он гоҳ мусулмонон аз миёни худ касеро ба сифати амири худ интихоб кунанд.

Вақте мусалмонон ба Муъта (номи қаря аст, мушарраф бар Шом аз тобеъи Урдун) расиданд, диданд ки Румиён бо як лак нафар худро ба муқобили мусалмонон омода сохтаанд ва як лак нафари дигар ҳам аз насори араб аз қабилаҳои Лахм ва Ҷазом ва Қузоъа ва ғайра низ ба кӯмаки онҳо омода шудааст.

Аммо шумори лашкари мусалмонон се ҳазор буд. Вақте ин ду лашкар бо ҳам рӯ ба рӯ шуданд ва ҷанг даргирифт, Зайд ибни Ҳориса дар ҳамлаи рӯёрӯи бо душман ба шаҳодат расид, ҳамзамон бо кушта шудани Зайд ибни Ҳориса Ҷаъфар ибни Абутолиб аз аспи худ фуруд омад ва онро пай зад, то душман баъд аз он аз вай истифода карда натавонад ва ба суръат худро расонид ва парчам ба даст гирифт ва дар сафи Румиён дохил шуд ва ин таронаро замзама мекард.

*Баҳ-баҳ ҷаннат ва наздикии он,*
*шароби он гуворо ва сард аст.*
*Румиён румианд азобашон наздик шудааст.*
*Кофиранд ва насаб надоранд.*
*Бар ман аст, саркӯб сохтани ишон чун*
*ба ишон рӯ ба рӯ гардам.*

Ва баъд ба шамшере, ки дар даст дошт, ба задан ва куштан дар сафи душман шурӯъ намуд, то он ки дасти росташ қатъ шуд, бо дасти чап байрақ бигирифт, дасти чапаш низ қатъ шуд. Баъд бо ёрии дастҳои қатъшудааш байрақро ба сина

бардошт, дере нагузашта, ки шамшери душман ӯро ду нисф намуд. Баъд аз вай Абдуллоҳ ибни Равоҳа байрақро ба даст гирифт ва пайваста шамшер мезад, то он ки ӯ низ ба ҷивори ҳарду ёри худ пайваст. Вақте ҳазрати Расули Худо (с) аз шаҳодати се тан аз қумандонҳояш иттилоъ ёфт, сахт андӯҳгин шуд ва ба хонаи амакзодааш ба хонаи Ҷаъфар ибни Абутолиб рафт, Ҳамсараш Асмоаро дид, ки барои истиқболи аз шавҳараш худро омода месозад. Вай хамир карда буд ва фарзандонашро ғусл дода ва тамиз намуда буд ва либосҳои тоза ба бадани онҳо намуда ва мӯйҳояшонро рӯған карда ва шона зада буд.

Асмоа гуфт: Вақте ҳазрати Расули Худо (с) ба мо рӯй овард, осоре аз ғаму ва андӯҳро дар чеҳраи муборакаш дидам, хавфи ҳарос саропои вуҷудамро фаро гирифт, магар он ки нахостам пешдастӣ кунам ва аҳволи Ҷаъфар аз вай бипурсам, то нашавад хабари нохушкунанда аз вай бишнавам. Вай салом дод ва гуфт: Фарзандони Ҷаъфарро наздам биёр, ман онҳоро даъват кардам, ишон шодикунон ба сӯи он ҳазрат давиданд ва ҳар кадоми мехост худро дар домани вай андозад. Расули Худо (с) ҳамаи ононро дар оғӯш гирифт ва ба бӯиданашон шурӯъ намуд ва ашк аз чашмони муборакаш фурӯ рехт. Гуфтанд: Эй Расули Худо (с), падару модарам фидоят, чаро гиря мекунӣ, омили гирят чист? Оё аз Ҷаъфар ва ҳамроҳонаш хабаре бароят расидааст?

Фармуд: Бале, бале имрӯз ишон ҷоми шаҳодат нӯшиданд. Кӯдакон вақти гиря ва навҳаи модарро шунидананд дар ҳол сурур аз чеҳраи онҳо нопадид гашт ва ҳар кадом дар ҷои худ ҳайратзада ва мабҳут бимонд.

Аммо ҳазрати Расули Худо (с) пайваста ашкҳояш мерехт ва мегуфт: (Аллоҳумма ахлиф Ҷаъфаран фи валадиҳи. Аллоҳумма ахлиф Ҷаъфаран фи аҳлиҳи) Худо барои Ҷаъфар дар аҳл ва авлодаш иваз гузор.

Баъд гуфт: Ман Ҷаъфарро дар биҳишт дидам, ки ду бол оғушта ба хун дошт ва соқҳояш ба хун рангин буд.

Разияллоҳу ан Ҷаъфар ва асдақоиҳи содиқин.

## АБУСУФИЁН ИБНИ ҲОРИС

Бисёр кам аст, ки асбоб ва авомил битавонад иртибот ва ва ҳамрангии қавиро миёни ду шахс падид оварад чунончи, ки ин ҳам ранги ва иртибот миёни Абусуфён ибни Ҳорис ва ҳазрати Муҳаммад (с) падид овардааст. Абусуфён ибни Ҳорис яке аз ҳамсолони ҳазрати Расули Худо (с), ки тақрибан дар як вақт ба дунё омада ва дар як оила зиндагӣ намуда ва калон шудаанд. Абусуфён амузодаи асили ҳазрати Расули Худо (с) падараш Ҳорис ва Абдуллоҳ падари ҳазрати Муҳаммад бо ҳам бародари асил буданд, ки аз канори Абдулмуталлиб ба дунё омадаанд.

Матлаби дигар ин ки ҳазрати Муҳаммад ва Абусуфён бо ҳам бародари разоъӣ буданд ва ҳарду аз Ҳалимаи Саъдия шир хӯрдаанд ва дар даврони қабл аз нубувват ҳардуяшон ба ҳам сахт дӯст буданд ва бо ҳамдигар мушобаҳати зиёде доштанд.

Оё қаробати қавитар аз ин вуҷуд хоҳад дошт, чунон қаробате, ки миёни Муҳаммад ибни Абдуллоҳ ва Абусуфён ибни Ҳорис вуҷуд доштааст?

Аз ин рӯ, гумон ба он мерафт, ки бояд Абусуфён нисбат ба ҳар каси дигар дар қабули даъвати вай сабқат меҷуст ва бояд пеш аз ҳар каси дигар ба даъваташ лаббайк мегуфт. Аммо ҳолат бар хилофи ин таваққӯъ пеш омад, тавре ки вақте ҳазрати Расули Худо (с) ба даъвати худ оғоз намуд, ва онро дар миёни қавм ва хешу табори худ пахш кард, оташи кину ҳасад бар зидди ҳазрати Расули Худо (с) дар дили Абусуфён адо бод ва ин онон ба душманӣ мубаддал гашт ва бародари ишон ба эъроз ва рӯйхати аз ҳам бархӯрд. Вақте Расули Худо ба даъвати худ огоҳ намуд. Абусуфён ибни Ҳорис яке аз пешқавулони Қурайш ва яке аз каҳрамонони номӣ ва шоири

баландовозаи анбуд. Ҳамон буд ва найза забони хешро дар ҷанг ва душманӣ алайҳи Паёмбар (с) ба кор бурд ва ҳамаи саъю талоши худро дар ҷиҳати зарба задан ба Ислом ва мусалмонон омода намуд.

Қурайш ҳеҷ ҷангро бар алайҳи Паёмбар ба роҳ наандохт, магар он ки оташафрӯзон Абусуфён буд ва ҳеҷ азиятеро бар мусалмонон ворид намудааст, магар он ки Абусуфён дар он бевосита даст дошт. Абусуфён шеър ва забони худро дар ҳаҷв ва бадгӯии ҳазрати Расули Худо (с) ба кор андохт ва бисёр ҳарфҳои зишт ва масхара дар ҳаққи вай мегуфт.

Душмании Абусуфён бар зидди ҳазрати Расули Худо (с) бисёр давом намуд ва тӯлонӣ шуд ва тақрибан бист солро дар бар гирифт, Дар ин муддат аз ҳеҷ гуна тавтиа ва дасиса алайҳи вай даст набардордошчӣ ва анвоъи азияту озорро дар ҳаққи он ҳазрат муртакиб шуд ва худро ба гуноҳи он олуда сохт.

Андаке қабл аз фатҳи Макка иродаи Худо бар он рафта буд, ки Абусуфён мусалмон шавад. Достони имон овардани вай ҳикояти бас дилчаспе дорад, ки китобҳои таърих ва сират онро нигаҳ доштааст ва мо акнун худ вайро мегузорем, то достони имон овардани худро барои мо ҳикоят намояд.

Вай гуфт: Вақте даъвати исломӣ ба пешрафтҳои чашмгире ноил гардид ва ахбори рӯйоварии ҳазрати расули карим (с) барои фатҳи Макка пахш шуд, замин бо ҳама паҳноие, ки дошт, бароям танг шуд. Ба худ гуфтам: Куҷо равам? Ва бо ки сӯҳбат кунам? Ва бо кӣ зиндагӣ намоям? Баъд назди ҳамсар ва авлоди худ омадам ва ба онҳо гуфтам: Худро барои реҳлат аз Макка омода созед, ки Муҳаммад дар ҳоли расидан тасарруфи ин шаҳр аст. Ва агар вай ба ин ҷо бирасад ва мусалмонон бар ман даст ёбанд, ҳатман маро хоҳанд кушт.

Онҳо ба ман гуфтанд: Оё ҳанӯз ҳам вақти он фаро нарасидааст бидони, ки Араб ва Аҷам ба вай сар ниҳода ва дини вайро қабул ва итоъати вай намудаанд ва ту ҳанӯз ба инод ва душманиат алайҳи вай идома медиҳӣ. Бар ӯ имон биёвар ва аз вай итоат кун. Лозим он буд, ки ту нисбат ба ҳар каси дигар дар ин амр сабқат менамудӣ ва дар канори вай

қарор мегирифтӣ ва аз вай пуштибонӣ менамудӣ. Ишон пайваста маро ба ин амр ташвиқ менамуданд, то ин ки Худованд қалбамро ба қабули Ислом кушуд. Аз ҷой бархостам ва ба ғуломи худ гуфтам: Як шутур ва як аспро бароям омода соз. Фарзанди худ Ҷаъфарро бо худ гирифтам ва ба роҳ афтодем ва босуръат ба сӯи Абвоъ-минтақаест миёни Макка ва Мадина шитофтем. Хабар шудем, ки ҳазрати Муҳаммад (с) дар ин минтақа расидааст. Чун ба ин минтақа расидем, худро бо нобаладӣ задем, то касе маро нашносад ва қабл аз расидан ба ҳузури Паёмбари Худо (с) ва эълони мусалмонии худ дар маҳзари вай кушта нашавам.

Бинобар ин, як милро пиёда роҳ мерафтам ва пеши қаровулони мусалмон даста-даста яке паиҳам ба сӯи Макка меомаданд ва ман худро аз масирашон як тараф месохтам, аз хавфи он ки мабодо кадом як аз ишон маро бишносад ва дар чанги ишон дар афтам.

Ногаҳон ман дар чунин ҳолат будам, ки қофилаи ҳазрати Расули Худо (с) рӯй овард, сар баровардам ва рӯ ба рӯи вай истодам ва чеҳраи худ кушудам. Ҳамин ки чашмаш ба ман афтод ва маро хуб шинохт, аз ман рӯй тофт ва ба сӯи дигар рӯй гардонд. Бадон сӯе, ки рӯй намуда буд, рафтам, боз аз ман рӯй тофт ва эъроз намуд. Боз ба вай рӯй овардам ва чандин бор ин кор намудам ва вай эъроз намуд ва рӯй гардонд. Ман дар ин шак надоштам, ки вақте ба ҳузури вай худро расонам ва дар пеши рӯи вай мусалмон шавам, ҳатман аз ман хушҳол хоҳад шуд ва ёронаш ба хушии вай низ хушҳол хоҳанд шуд.

Аммо вақти мусалмонон эъроз ва рӯйтоби ҳазрати Расули Худо (с)-ро аз ман диданд, ҳамаи онон бар ман рӯй турш карданд ва аз ман рӯй гардонданд ва эъроз карданд. Бо Абубакр мулоқотам афтод ва аз ман сахт эъроз намуд ва ба сӯи Умар ибни Хаттоб назар афкандам, то ба ман назари раҳмат кунад ва дилашро нарм созам, дидам ки вай аз ёри худ Абубакр эърози бештар намуд. Балки вай яке аз мусалмонони Ансорро бар алайҳи ман таҳрик намуд. Ансорӣ бар ман гуфт: Эй душмани Худо, ин ту набудӣ, ки ҳазрати

Расули Худо (с)-ро азият менамудӣ ва ёронашро азоб медодӣ ва ҳикояти таъзиби ту шарқу ғарбро фаро гирифта буд ? Ин Ансорӣ пайваста бар ман забон мекушуд ва мусалмонон бар ман хашмгин чашм дӯхта буданд ва аз вазъи ногуворе, ки бо он рӯ ба рӯ будам, дар миёни худ гӯшакӣ менамуданд. Дар чунин фурсате амаки худ Аббосро дидам ва ба ӯ гуфтам: Эй амак, гумонам чунон буд, ки шояд ҳазрати Расули Худо (с) ба мусалмон шуданам хушнуд шавад, чун вай ба ман қаробат дорад ва ман сайид ва ашрофи қавми худ ҳастам. Аммо дидед, ки ҳеҷ илтифоте ба ман нишон надод, бо вай дар хусуси ман сӯҳбат кун, то аз ман розӣ шавад. Гуфт: На, ҳаргиз, баъд аз он ки эъроз ва рӯйтобии вайро аз ту дидам, бо вай сухан нахоҳам гуфт, магар он ки фурсат муяссар гардад. Ман аз Расули Худо (с) метарсам, ки дар хусуси ту бо вай сӯҳбат кунам. Гуфтам: Эй амак, пас маро барои кӣ мегузорӣ? Гуфт: Ман ҷуз ин ҳарф, ки ба ту гуфтам, дигар чизе аз дастам намеояд. аз шунидани ин ҷавоб бештар ғаму андӯҳ маро фаро гирифт. Дере нагузашта, ки амузодаи худ ҳазрати Алиро дидам. Бо вай низ дар ин хусус сӯҳбат кардам, ӯ ҳам ҳарфи амакам Аббосро такрор кард.

Дар чунин фурсате боз назди амакам Аббос баргаштам ва ба ӯ гуфтам: Агар наметавонӣ, ки қалби Расули Худо (с)-ро ба ман моил кунӣ, ҳадди ақал ин шахсро, ки ба ман носазо мегӯяд ва азиятам мекунад, боздор, то забон аз бадгунае баста дорад. Гуфт: Бароям бигӯ, ки ӯ кадом шахс аст, ӯро ба вай нишон додам, гуфт: Ӯ Нуъаймон ибни Ҳориси Наҷнорӣ аст. Аббос шахсеро ба назди вай фиристод, то ба вай бигӯяд: Эй Нуъаймон, Абусуфён амузодаи ҳазрати Расули Худо (с) ва бародарзодаи ман аст. Агар ҳазрати Расули Худо (с) бар вай имрӯз хашмгин аст, шояд рӯзе аз вай розӣ шавад, аз азияташ даст бардор. Ва пайваста ин ҳарфро бар вай такрор мекард, то он ки вай розӣ шуд, ки аз азияташ даст бардорад ва гуфт: Баъд аз ин лаҳза ӯро азият нахоҳам кард.

Вақте ҳазрати Расули Худо (с) дар Ҷуҳфа (номи ҷое аст дар миёни Макка ва Мадина) фуруд омад, ҳамроҳ бо

фарзандам Ҷаъфар бар дарвозаи вай истодам. Вақте вай аз манзилаш берун шуд, маро дид ва рӯй тофт, вале бо вуҷуди он аз розӣ сохтани вай ноумед нашудам, балки дар ҳар ҷое, ки фуруд меомад, бар дарвозаи вай қарор мегирифтам. Вақте чашмаш ба ман меафтод, аз ман рӯй мегардонд ва муддати замонеро ба ин минвол сипарӣ кардам. Вақти ин амр бар ман гарон афтод ва ба танг омадам, ба ҳамсарам гуфтам: Қасам ба Худо, ё ҳазрати Расули Худо (с) аз ман розӣ мешавад ва ё он ки дасти ин писарам гирифта ва саргаштаву ҳайрон дар гӯшаву канори заминхоҳам баромад, то он ки аз гуруснагӣ ва ташнагӣ ҷон диҳем. Вақте ин хабар ба ҳазрати Расули Худо (с) расид, дилаш бароям сӯхт. Вақте аз қуббаи худ берун шуд, ба сӯям андаке нигарист, ки дар назараш осори раҳмат ва дилсӯзӣ ёфтам ва орзу намудам, ки кош бар ман табассум намояд.

Баъд ҳазрати Расули Худо (с) дохили Макка шуд ва ман аз ақиби вай дохил шудам. Вақте вай ба масҷид даромад, ман низ аз паи вай даромадам. Дар пешопеши вай медидам ва дар ҳеҷ ҳолате аз вай ҷудо намешудам. Вақте рӯзи Ҳунайн фаро расид, арабҳо худро барои ҷанги ҳазрати Расули Худо (с) чунон сохтанд, ки ҳаргиз ба ин андоза нашуда буданд ва барои рӯёрӯи бо вай чунон омодагӣ гирифтан, ки қаблан чунин омодагиро нагирифта буданд ва тасмим бадон гирифтанд, ки ин ҳамлаи онҳо ҳамлаи ҳалкунанда барои Ислом ва мусалмонон бошад.

Ҳазрати Расули Худо (с) ба ҷамъиятҳои бузурге аз ёронаш барои рӯёрӯи онон баромад ва ман низ ҳамроҳ бо вай баромадам. Вақте ҷамъиятҳои бузурги мушрикинро дидам, ба худ гуфтам: Қасам ба Худо, имрӯз бояд чунон коре анҷом диҳам, ки кафораи гуноҳонам шавад ва тақсироти гузаштаамро, ки дар ҳаққи ҳазрати Паёмбари Худо (с) намудаам, ҷуброн кунад ва имрӯз чунон шаҳомат аз худ нишон диҳам, ки Худо ва Расулаш аз ман розӣ шаванд.

Вақте ин ду гурӯҳ ба ҳам афтоданд ва фишори мушрикин бар мусалмонон афзунӣ ёфт ва заъф ва шикаст дар миёни

суфуфи мусалмонон роҳ ёфт, оҳиста-оҳиста шурӯъ ба дур шудан аз перомуни ҳазрати Паёмбар (с) намуданд ва наздик буд, ки шикасти шадиде домангирамон гардад.

Дар чунин фурсат дидам, ки ҳазрати Расули Худо (с) дар матни ҷанг савор бар хогири шаҳбои худ чун кӯҳ собитқадам ва устувор истода, шамшер аз наём баркашида ба дифоъ аз хештан ва касоне, ки дар мо ҳавли ваянд, шамшер мезанад. Дар ин вақт буд, ки аз аспи худ фуруд омадаи ва ниёми шамшери худ шикастам ва Худо худ медонад, ки дар дифоъ аз ҳазрати Расули Худо (с) ҷуз марг ҳадафе надоштам ва амакам Аббос лаҷоми хачири ҳазрати Расули Худо (с)-ро ба даст гирифта ва дар паҳлӯяш истода буд ва ман дар паҳлӯи дигари вай мавқеъ гирифта будам, дар дасти ростам шамшер буд, то аз ҳазрати Расули Худо (с) дифоъ кунам ва дар дасти чап рикоби вай гирифта будам. Вақте ҳазрати Расули Худо (с) муқовимат ва пойдориамро дар баробари душман бидид, ба амакам Аббос гуфт: Ин кист? Вай гуфт: Ин бародар ва омузодаат нусуфиён ибни Ҳорис аст, эй фасули худо. Аз вай розӣ шав. Ҳазрати Расули Худо фармуд: Розӣ шудам ва Худованд аз ҳар душмание, ки бо ман кардааст, ӯро бибахшад. Аз шунидани ин ҳарфи вай қалбам аз шиддати сурур ба парвоз даромад ва дарёфтам, ки Ҳазрати Русули Худо аз ман розӣ шудааст ва пойҳояшро дар рикоб бӯса задам. Баъд рӯ ба сӯи ман намуд ва гуфт: Бародар пеш биё ва шамшер зан. Ҳарфҳои Расули Худо маро ба ваҷд овард ва бар мушрикирон чунон ҳамла кардам, ки онҳоро аз мавзеашон мутаҷалзал сохтам ва соири мусалмонон ҳамроҳ бо ман ҳамла карданд то он, ки онҳоро як фарсах дур рондем ва дар ҳар ҷиҳат онҳоро пароканда намудем.

Аз даврони Ҳунайн ба ин сӯ Абусуфён аз хушнудӣ ва ризои ҳазрати Расули Худо (с) баҳраманд гардид ва худро хушбахту саодатманд ёфт. Аммо ҳаргиз чашми худро аз шиддати ҳаё ва шарм, ки аз кардаҳои гузаштаи худ дошт, ба сӯяш накушуд.

Аз он рӯз ба баъд Абусуфён ба гузаштаҳои сиёҳи худ, ки дар даврони ҷоҳилият сипарӣ намуда буд, ангушти ҳасрат ба

даҳон менамуд ва афсурда аз он буд, ки чаро дар ин муддат аз нури Қуръон маҳрум мондааст. Ҳамон буд, ки худро ба рӯи Қуръон андохт ва шабу ва рӯз онро тиловат менамуд ва ҳифз мекард ва аҳкоми Исломро меомӯхт. Аз дунё хобу зинати он гӯша гирифт ва бо тамоми рӯҳу ва равони худ ба Худованд рӯй овард, то он ҷо ки рӯзе ҳазрати Расули Худо (с) онро дид, ки дохили масҷид мешавад, барои Ойиша (р) онҳо гуфт: Эй Оиша, медонӣ ин кист? Ҳазрати Оиша гуфт: На, эй Расули Худо (с). Гуфт: Ин амузодаам Абусуфён ибни Ҳорис аст. Бубин ӯ аввалин касе аст, ки дохили масҷид мешавад ва охирин касе аст, ки аз он берун мегардад ва ба банди наълайнаи чашм дӯхтааст ва аз он сарбар намедорад.

Вақте ҳазрати Расули Худо (с) ба ҷивори Ҳақ пайваст, Абусуфён бар фироқаш сахт гирифт ва ғаму андӯҳ ба рӯҳу равонаш соя афканд ва марсияи хеле олӣ ва дилангезро дар реҳлаташ суруд, ки аз шунидани он дил об мешуд ва чашм ашк мерехт. Дар замони хилофати ҳазрати Умари Форуқ (р) Абусуфён омадани марги худро эҳсос намуд. Ҳамон буд, ки қабрашро ба дасти хеш канд ва аз ин кор се рӯз сипарӣ нашуда буд, ки марг ба суроғаш расид ва чунин менамуд, ки гӯӣ бо аҷал ваъда доштааст. Лизо ба зану фарзандаш рӯ оварда гуфт: Бар маргам гиря накунед. Қасам ба Худо, аз рӯзе, ки мусалмон шудам, муртакиби ҳеҷ гуноҳ нашудаам ва баъд рӯҳи покаш аз тан ҷудо шуд ва ҳазрати Умари Форуқ ҷанозаи вайро хонд. Ӯ ва бақияи асҳоби кибром бар маргаш сахт андӯҳнок шуданд ва марги вайро мусибати бузурге барои Ислом ва мусалмонон хонданд.

## САЪД ИБНИ АБИВАҚҚОС

Аъузу биллоҳи минаш-шайтони раҷим.

Бисмилоҳир раҳмони раҳим. Ва ҳукм фармудем одамиро ба нисбати падар ва модари вай дар шикам бардоштааст вайро модари вай дар ҳоли сустӣ болои сустии дигар ва аз шир боз кардани ӯ дар ду сол ба ин мазмун, ки шукргузорӣ кун, Маро ва падару модари худро ба сӯи ман аст, бозгашт ва агар кӯшиш кунанд ба ту бар он, ки шарик муқаррар кунӣ, бар ман чизе, ки нест туро ба он дониш, пас фармонбардории ишон макун ва сӯҳбат дор ба ишон дар маишати дунё ба ваҷҳи писандида ва пайравӣ, ки роҳи касе, ки руҷӯъ дорад, ба сӯи ман боз ба сӯи ман аст руҷӯъи шумо пас хабар диҳам, шуморо ба он чӣ мекардед (15), (Сураи Луқмон).

Нузули ин оят достони аҷиб дорад. Дар ин оят авотифи мухталиф дар ниҳоди ҷавон бо ҳам дар ситеза аст ва дар ин мубориза хайр бар шар ва имон бар куфр зафар меёбад.

Қаҳрамони ин достон ҷавони барӯманде аст аз ҷавонони Макка, ки дар ному насабаш шӯҳрати офоқ дорад. Ин ҷавон ҳамоно Саъд ибни Абиваққос (р) буд. Вақте нури нубувват дар Макка тулӯъ намуд Саъд дар унвони ҷавонӣ қарор дошт ва ба падару модараш сахт муҳаббат меварзид ва бахусус муҳаббати модарашро ба ҳама бартар медошт ва бо вуҷуди он, ки Саъд дар он давр ҳафдаҳсола буд, дар вай ақли кӯҳансолон ва ҳикмати бузургмардон ба мушоҳида мерасид. Ӯ чун соири ҳамтоён ва ҳамсолони худ вақти худро ба умури лаҳву ва лаҳаб сипарӣ намекард ва ӯро аз ин корҳои паст ва ҳақир хуш намеомад. Балки вақти худро дар сохтани тирҳо ва ислоҳи камонҳо ва нишонзанӣ сипарӣ мекард, гӯё чунин дошт, ки худро барои кори муҳиме омода месозад. Вай низ аз

ин ақида ва андешае, ки қавми худро бар он ёфта буд, мутмаин ба назар намерасид ва интизори он дошт, ки кош дасти ғайбе ба сӯи ин мардуми дар банди ҷаҳлу нодонӣ дароз гардад ва онро аз ин бадбахтӣ, ки ба он рӯбаруст, наҷот диҳад. Дар ҳоле, ки вай ғарқи чунин афкор буд, иродаи Худо бар он рафта буд, ки дасти меҳрубони дилсӯз ба сӯи инсоният дароз гардад ва ӯро аз ин вартаи ҳалокат ва нобудӣ наҷот диҳад. Ҳамон буд, ки сайиди коинот ҳазрати Муҳаммад ибни Абдуллоҳ дар ҳоле, ки машъале аз нури Худо, Қуръони карим дар даст дошт, аз тарафи Худованд ба паёмбарӣ мабъус гардид.

Саъд ибни Абиваққос бедаранг ба сӯи вай шитофт ва ба Паёмбар лаббайк гуфт ва аз ҳидояташ пайравӣ намуд ва роҳи ҳақ дар пеш гирифт. Вай сеюмин ва ё чаҳорумин касе буд, ки ба нубувваташ имон овард ва аз ин лиҳоз, вай ҳамеша бо ифтихор мегуфт: Баъд аз рисолаташ ҳафт рӯз даранг намудам ва ман саввумин касе будам, ки имон овардам. Ҳазрати Расули Худо (с) ба имон овардани вай сахт масрур ва хушҳол гардид, чун дар вай аломати наҷобат ва нишонаҳои бузургмардеро медид ва навиддиҳандаи он буд, ки дар оянда нақши муҳимеро дар ҷиҳати эъломи ин дин ифо хоҳад кард.

Саъд аз чунон як насаби олӣ ва иззати ном бархӯрдор буд, ки ҳар ҷавон аз ҷавонони Маккаро ташвиқ менамуд, ки ба гунаи вай гом бардоранд ва ба мисли вай ба ҳақ рӯй оваранд ва илова бар ин ҳама вай аз тағоҳои ҳазрати Паёмбар (с) маҳсуб мегардад, чун вай аз бани Зӯҳра буда ва бани Зуҳра аҳли Омина бинти Ваҳб модари ҳазрати Расули Худост. Ҳазрати Расули Худо (с) ба ин тағои худ изҳори ифтихор намуд. Дар ривоят омадааст, ки рӯзе он ҳазрат (с) ҳамроҳи ёронаш нишаста буд, дид, кит саъд ибни Абиваккос гуфт: Ин тағои ман аст, агар мард ҳастед, тағои худро ба ман нишон диҳед. Аммо Ислом овардани Саъд ибни Абиваққос осон воқеъ нашуд, балки ин ҷавони мӯъмин таҷрибаи сахтро пушти сар ниҳодааст, то он ки Худованд дар бораи вай оятеро нозил кард. Акнун худи вайро мегузорем, то ҳикояте аз ин саргузашт намояд. Саъд гуфт: Се шаб қабл аз он ки имон орам, хобе

дидам, чунон хобе, ки гӯё ман дар миёни торикиҳои ба ҳам анбошта ғарқ шуда бошам ва дар миёни он дасту ва по мезанам. Дар ин асно буд, ки моҳтобе бар ман рӯшанӣ афканд ва аз паи вай равон шудам. Дидам ки ҷамъе бар ман сабқат гирифта ва дар пеши рӯям ба сӯи ин моҳтоб равонанд. Ман дар ин ҷамъ Зайд ибни Ҳориса ва Алӣ ибни Абитолиб ва Абубакри Сиддиқро дидам ва ба ишон гуфтам: Шумо аз чӣ вақт ба ин сӯ дар ин ҷо омадаед? Гуфтанд: Ҳамин ҳоло.

Баъд вақти шаб рӯз шуд, хабар шудам, ки Расули Худо (с) хуфя мардумро ба Ислом даъват мекунад, донистам ки ҳатман Худованд ба ман иродаи хайр намудааст ва хостааст, ки ба сабаби вай маро аз торикиҳо ба сӯи нур ҳидоят намояд. Ҳамон буд, ки шитобон назди вай рафтам, то он ки ӯро дар водии Ҷиёд (дарае аз дараҳои Макка) дар ҳоле, ки намози аср хонда буд, ёфтам. Дар ҳузураш мусалмон шудам ва ба ҷуз инҳое, ки ман эшонро дар хоб дида будам, дигар ҳеҷ як бар ман дар қабули Ислом сабқат накардааст.

Баъд Саъд ҳикояти имон оварданашро давом дода афзуд: Вақте модарам аз мусалмон шудани ман иттилоъ ёфт, хашму ва ғазабаш афрӯхта гардид ва ман дар он вақт ба вай бисёр хидмат мекардам ва ӯро сахт дӯст доштам.

Модарам ба ман рӯй оварда гуфт: Эй Саъд, ин дин, ки ту ба он гаравиди ва туро аз дини падару модарат боздоштааст, чӣ дин аст. Қасам ба Худо ё аз ин дин сарфи назар мекунӣ ва ё он, ки хӯрдан ва нӯшиданро тарк хоҳам кард, то он ки бимирам ва он гоҳ аз ғами ман дилат хунбор хоҳад шуд ва то зинда ҳастӣ, ин ҳасрат бар дилат хоҳад монд ва ангушти надомат бар даҳан хоҳӣ зад ва мардум туро Абадуддаҳр таъна хоҳанд зад.

Ба ӯ гуфтам: Ай модар, чунин макун, ман динамро ба хотири ҳеҷ амре тарк нахоҳам гуфт.

Аммо вай ба таҳдиди худ амал кард ва аз хурду нӯш ибо варзид ва чанд рӯзеро ба ин минвол сипарӣ намуд, то он ки ҷисмаш рафта-рафта заъиф гашта, ҳолаташ вахим шуд ва ман ҳар вақт ва ҳар лаҳза наздаш меомадам ва аз вай тақозо

мекардам, ки чизе бихӯрад ва ё бинӯшад. Вале вай ба шиддати худ меафзуд ва қасамашро такрор мекард, то, он вақт ман аз дини худ нагардам, вай чизе ба даҳон намезанад. Ин бор қотеъона ба вай гуфтам: Эй модар, бо вуҷуди муҳаббати шадиде, ки нисбат ба ту дорам, муҳаббати Худо ва Расулаш дар дили ман болотар аз ҳар муҳаббати дигар аст ва қасам ба Аллоҳ, ки агар ҳазор ҷон дошта бошӣ ва яке аз паи дигар аз тани ту берун шавад, ман ин дини худро дар бадали ҳеҷ чиз тарк нахоҳам кард. Вақте модарам дид, ки ман ба ҳарфи худ устувораи ҳастам ва яқин намуд, ки аз дини худ барнамегардам, бо вуҷуди норозӣ буданаш ба хурду нӯш оғоз намуд. Ҳамон буд, ки Худованди азза ва ҷалла ин оятро дар бораи ман нозил фармуд: «Ва агар кӯшиш кунанд, бо ту бар он ки шарик муқаррар кунӣ, бо ман чизе, ки нест, туро ба он دониш, пас фармонбардории ишон макун ва сӯҳбат дор ба эшон дар маишати дунё ба ваҷҳи писандида (Сураи Луқмон, ояти 15).

Рӯзи Ислом овардани Саъд ибни Абиваққос (р) сароғози хайре буд барои мусалмонон ва даъвати исломӣ.

Дар рӯзи Бадр Саъд ва бародараш Умайр мавқеъи мардона гирифтанд, Умайр дар он рӯзи нав ба синни ҷавонӣ қадам гузошта буд, вақте ҳазрати Расули Худо (с) дар рӯзи Бадр лашкари худро қабл аз оғози ҷанг мавриди муоина қарор дод. Умайр бародари Саъд худро аз назари он ҳазрат махфӣ дошт, аз тарси он, ки мабодо вайро бубинад ва аз ширкати вай дар ҷанг монеъ гардад. Аммо ҳазрати Расули Худо (с) ӯро дид ва баргардонид. Умайр ба гиристан оғоз кард, то он ки дили ҳазрати Расули Худо (с) ба вай сӯхт ва ӯро иҷоза дод.

Дар чунин фурсате Саъд хушҳолона ва масрур ба вай рӯй овард ва банди шамшерашро ба хотири хурдсолиаш дар гардани вай баст ва ҳарду бародар ба ҷиҳод дар роҳи Худо пардохтанд. Вақте ҷанг поён ёфт, бародараш Умайрро шаҳид ва саҳнаи ҷиҳод гузошт, ва худ танҳо ба Мадина баргашт ва мусибати шаҳодати бародарашро назди Худованд ҳисоб кард.

Ва дар рӯзи Уҳуд вақте мусалмонон мутазалзил шуданд ва ҷамъиятҳояшон пароканда шуд ва аз перомуни ҳазрати Расули Худо (с) дур шуданд, то он ҷо, ки ба ҷуз чанд нафари маҳдуд касе боқӣ намонд, Саъд ибни Абиваққос бо мардонагӣ ва шаҳомат аз ҳазрати Расули Худо (с) дифоъ менамуд ва бо тирҳои хеш мушрикинро ҳадаф қарор медод ва чунон дар нишонзанӣ маҳорат дошт, ки ҳеҷ тири вай ба хато намерафт ва ҳатман як мушрикро аз пой меандохт. Вақте ҳазрати Расули Худо (с) ин шаҳомат ва тирандозии ӯро дид, вайро ташвиқ намуда гуфт: тир андоз, эй Саъд, падару ва модарам фидоят ва бо ин таҳсини ҳазрати Расули Худо (с), Саъд то вақте, ки зинда буд, ба худ меболид ва мегуфт: Ҳазрати Расули Худо (с) падар ва модарашро фидои ҳеҷ кас накардааст, магар барои ман, дар ҳоле, ки Саъд қабл барои ин падар ва модари худро фидои Расули Худо (с) намуда буд.

Аммо Саъд вақте ба қуллаи азамат ва номоварӣ расид, ки ҳазрати Умари Форуқ тасмим гирифт, то лашкареро ба ҷанги форсҳо бифиристад, то тоҷу тахт онҳоро нобуд кунад ва подшоҳӣ ва салтанати онҳоро дар ҳам резад ва осори ширк ва бутпарастии онҳоро аз рӯи замин барчинад. Ҳамон буд, ки ҳазрати Умар номаҳое ба кордорони хеш дар гӯшаву канори мамлакати Исломӣ фиристод ва аз онҳо тақозо намуд, то ҳар он касе, ки силоҳ дорад ва ё маркаб ва ё ҳар кӯмаки дигаре, ки муҷоҳиддинро дар ҷиҳодашон кӯмак кунад, ба даст дошта бошад ва ё мардумони соҳиби райъу андеша ва ё шоири ҳамосаро ва ё хатиби чирадаст, назди вай ба Мадина бифиристанд.

Ҳамон буд, ки аз ҳар сӯ ҷамъиятҳо анбӯҳе як паи дигар вориди Мадина шуданд, вақте вуҷуди муҷоҳиддин хомил шуд, ҳазрати Умари Форуқ мардумони аҳли раъйро ҷамъ кард ва аз ишон хост, то касеро ба сифати сарфармондеҳи ин лашкар интихоб кунанд. Ҳама ба як овоз гуфтанд: Саъд ибни Абиваққос шоистаи чунин корест.

Ҳамон буд, ки ӯро ба ҳузури хост ва парчами лашкарро ба номаш баст. Вақте ин лашкари бузург хост Мадинаро тарк

кунад. Ҳазрати Умар ибни Хаттоб барои видоъи он бархост ва сарлашкари онро тавсия намуда гуфт: Эй Саъд, набояд ба ин мағрур шавӣ, ки мардум бигӯянд, ки тағои Расули Худост ва ё аз асҳоби Расули Худост, зеро Худованд бадиро ба бадӣ маҳв намекунад, валекин Худованд бадиро ба хубӣ маҳв месозад. Эй Саъд, дар миёни Худо ва банда ҷуз тоъат ҳеҷ гуна равобит қаробат вуҷуд надорад, дар пешгоҳи Худованд фақир ва ғанӣ яксонанд. Худо Парвардигори эшон ва ишон бандагони ваянд ва танҳо ба меъёри тақво назди Худованд фазилат касб кунанд ва ризои Аллоҳ ба тоъат дармеёбанд. Ҳамон тавре, ки Расули Худо (с)-ро ёфтӣ, бар он шева идома деҳ. Ин аст дастури ман.

Дар ин лашкар 99 нафар Бадри ва беш аз сесад нафар саҳоби, ки дар миёни байъати Ризвон ва мо баъди он шарафи сӯҳбат ёфта буданд, сесад тан аз онҳое, ки дар фатҳи Макка ҳамроҳ бо ҳазрати Расули Худо (с) ширкат дошта буданд, ҳафтсад нафар аз фарзандони асҳоб саҳм гирифтанд.

Ҳазрати Саъд бо ин ҷамъ ба роҳ афтод ва дар Қодиса лашкари худро амри тавaққуф дод. Вақте рӯзи сарнавиштсоз фаро расид, душманро чунон дар муҳосираи худ гирифтанд ба гунае, ки дасттвона банди дастро дар иҳотаи худ мегирад ва такбиргӯён дар миёни сафи душман нуфуз намуданд. Дар ин асно буд, ки сарлашкари лашкари форс бар сари найзаҳои мусалмонон баланд шуд, тарс ва ваҳшат дар суфуфи душман роҳ ёфт, то онҷо, ки мусалмоне ба марди форсе ишора мекард, наздаш меомад ва ӯро мекушт ва чӣ басо, ки ба силоҳ даст дошта, худаш ӯро ба қатл мерасонд. Аммо ғаниматҳои ҳисоб макун ва аммо аз шумори куштагон, ки ба ғарқ шудан ҳаёти худро аз даст доданд, вақте шумораи онро гирифтанд, шумораашон ба сӣ ҳазор нафар расид. Саъд умри дароз хӯрд ва Худованд барои вай мол ва зиндагии зиёде насиб намуд. Аммо вақте маргаш фаро расид, ҷомаи пашмини кӯҳнаро хост ва гуфт: Маро дар ин ҷома кафан кунед, чун дар ин ҷома дар рӯзи Бадр бо мушрикин ҷангидам ва ман мехоҳам бо он ҷома Худовандро мулоқот кунам. Разияллоҳу анҳу ва арзоҳ.

## ҲУЗАЙФА ИБНИ ЯМОНӢ

Агар хоҳӣ аз муҳоҷирин шав ва агар хоҳӣ, аз Ансорӣ шав, пас яке аз ин дуро барои худ ихтиёр кун (ҳадис).

Ҳазрати Расули Худо (с) вақте аввалин бор дар Макка бо Абуҳузайфа мулоқот намуд, бо ин калима ӯро мухотаб қарор дод ва дар ихтиёри Ҳузайфа ибни Ямонӣ яке аз ин ду амрро гузошт. Ин қисаест, ки шуморо дар ҷараёни он қарор медиҳем. Ямон падари Ҳузайфа макки буда аз қабилаи Бани Абс аст, аммо аз ин ки вай дар миёни қабилаи хеш муртакиби қатл шуда буд, маҷбур гардид, ки Маккаро тарк гӯяд ва ба сӯи Мадина раҳсипор шавад ва дар Мадина бо бани Абдулашҳад паймон баст ва бо онҳо равобити хешовандӣ барқарор сохт. Ҳамон буд, ки фарзандаш Абуҳузайфаро ба дунё овард.

Баъд монеъе, ки ӯро аз рафтан ба Макка бозмедошт, аз миён бардошта шуд ва озодона дар миёни Макка ва Мадина рафтуомад дошт. Аммо сукунати вай дар Мадина бештар аз Макка буд. Вақте нури Ислом дар ҷазираи Араб тобид, Ямон падари Ҳузайфа яке аз ёздаҳ нафари бани Абос буд, ки ба ҳузури Расули Худо (с) омаданд ва имони худро дар пешгоҳи вай эълон доштанд ва ин амр дар вақте сурат гирифт, ки ҳазрати Расули Худо (с) ҳанӯз ба Мадина ҳиҷрат накарда буд. Ва аз ин рӯ, Ҳузайфаи Маккиюласл ва Мадина нашъа аст.

Ҳузайфа ибни Ямон дар хонаводаи мусалмонон ба дунё омад ва дар тахти сарпарастии падар ва модаре, ки аз собиқин ба Ислом буданд, тарбия ёфт. Вай қабл аз он, ки ҳазрати Расули Худоро бинад, имон овард. Ҳузайфа бисёр алоқаманд буд, ки ба дидори ҳазрати Расули Худо (с)- мушарраф гардад ва завқи дидори вайро ҳамеша дар дил мепарварид ва аз вақте, ки имон овард, ахбор ва гузоришоти марбут ба Паёмбари Худо

(с)-ро пайгирӣ менамуд ва бо кунҷковӣ сифат ва хусусияташро аз мардум мепурсид. Ба ҳар андозае, ки ба хусусияти ӯ ошно мешуд, ба ҳамон андоза ба шӯру шавқи вай меафзуд ва дилаш ба дидори вай метамид. Ҳамон буд, ки ба Макка рафт, то вайро дар он ҷо мулоқот кунад. Ҳамин ки ҳазрати Расули Худоро дид, ба ӯ гуфт: Эй Расули Худо (с), оё ман муҳоҷирам ва ё ансорӣ? Ҳазрати Расули Худо (с) фармуд: Агар хоҳӣ аз муҳоҷирин шав ва агар хоҳӣ аз ансор шав, пас ҳар яке аз ин дуро дӯст дошта бошӣ, барои худ ихтиёр намо. Ҳузайфа гуфт: Эй Расули Худо (с), ман ансориро дӯст дорам.

Вақте ҳазрати Расули Худо (с) ба Мадина ҳиҷрат кард, ҳазрати Ҳузайфа бо ӯ мулозамат намуд ва ҳамеша аз паи вай мерафт ва дар ҳама ғазавот ба ҷуз Бадр бо вай ширкат намуд.

Аммо дар ҷанги Бадр ширкат накардани вай, сабабе дорад, ки худ онро баён намудааст. Вай гуфт: Иллати ҳузур надоштани дар ҷанги Бадр ин буд, ки ману ва падарам дар хориҷ аз Мадина будем, куффори Қурайш моро гирифтанд ва гуфтанд: Қасди куҷо доред? Гуфтем: Мехоҳем Мадина биравем. Гуфтанд: Шумо мехоҳед пеши Муҳаммад биравед. Гуфтанд: Ҳадафи мо танҳо худиМадина аст, эшон моро раҳо накарданд, магар он ки аз мо аҳд гирифтанд, ки Муҳаммадро бар алайҳи онҳо кӯмак ва ёрӣ надиҳем ва дар канори вай бар зидди онон наҷангем ва бо ин аҳд моро раҳо намуданд. Вақте ба ҳузури сарвари коинот омадем ва ӯро аз ҷараёни аҳди худ, ки бо Қурайш намуда будем, огоҳ сохтем ва аз вай пурсидем, ки чӣ бояд кунем? Он Ҳазрат (с) гуфтанд: Ба аҳде, ки бо онҳо бастаед, вафо мекунем ва аз Худованд бар алайҳи эшон истимдод меҷӯем.

Вақте ҷанги Уҳуд фаро расид, Ҳузайфа ҳамроҳи падараш Ямон дар он ширкат намуд. Аммо Ҳузайфа дар ин ҷанг лаҳзаҳои сахтро пушти сар ниҳод ва имтиҳони бузургеро сипарӣ намуд ва босуботу пойдорӣ ҷангид ва аз он солим берун омад. Аммо падараш дар ин ҷанг ба шаҳодат расид, аммо шаҳодати вай ба шамшери мусалмонон сурат гирифт, на ба шамшери мушрикин. Дар зайли ин матлабро, ки чӣ гуна ба шамшери мусалмонон ба шаҳодат расид, пешкаш мекунем.

Вақте рӯзи Уҳуд фаро расид, ҳазрати Расули Худо (с) Яман ва Собит ибни Вақшро дар қалъаҳо ҳамроҳ бо занон ва атфол гузошт, ба хотири он ки ин ду пирамардони солхӯрда буданд, ки қудрати ҷанг карданро надоштанд. Вақте ҷанг шиддат ёфт, Ямон ба ҳамроҳи худ гуфт: Эй мард, мо барои чӣ интизорӣ мекашем? Қасам ба Худо, аз умри ману ту чизе боқӣ намондааст, имкон дорад, ки имрӯз ва ё фардо марг ба суроғамон ояд. Чӣ мешавад, ки шамшерҳои худ гирифта, ба ҳазрати Расули Худо (с) бипайвандем, то шояд Худованд дар ҳамроҳиамон ба ҳазрати Расули Худо (с) шаҳодат насибамон фармояд. Ва баъд шамшерҳои худро гирифта ва дар миёни мардум дохил шудаву дар маърака ба ҷанг пардохтанд.

Аммо Собит ибни Вақш Худованд вайро ба дасти шахсе мушрик шаҳид сохт ва аммо Ямон мавриди ҳамлаҳои паиҳами шамшерҳои мусалмонон қарор гирифт, ки ӯро намешинохтанд. Вақте Ҳузайфа ин саҳнаро бидид, ҳар қадар фарёд зад, ки падари ман аст, падари ман аст, ҳеҷ кас садои вайро нашунид. Дере нагузашта, ки ин пирамард ба асари шамшерҳои ёрон ба замин афтод ва шаҳид шуд ва Ҳузайфа аз ин беш нагуфт, Худованд шуморо бибахшояд ва Худованд Арҳама Раҳимин аст.

Баъд ҳазрати Расули Худо (с) хост вайро ба фарзандаш диҳад, Ҳузайфа гуфт: Ӯ хостори шаҳодат буд ва ба мақсадаш расид, Худоё ту шоҳид бош, ки манфиати ӯро ба мусалмонон садақа намудам ва бо ин ҳарф манзалати худро назди ҳазрати Паёмбар (с) боло бурд.

Ҳазрати Расули Худо (с) Ҳузайфаро дар ин ҳаводис ва рӯйдодҳо бодиққат озмоиш намуд ва аз миёни он озмоиш ба сифатҳои зайл дар вай пай бурд, ҳушёрӣ ва заковати камназир, ки ӯро дар ҳоли мушкилот ёрӣ медиҳад ва ҳозирҷавобӣ ва зудфаҳм будани кадом таклиф ва роздорӣ, ки ҳеҷ як ба рози вай роҳ наёбад.

Сиёсати ҳазрати Расули Худо (с) ин буд, ки хусусияти ҳар як аз асҳобашро дарёбад, то аз неруҳои нуҳуфтаи дарунии онҳо истифода кунад ва ҳар якро дар ҷои муносиби ҳолаш кор фармоед. Аз ин рӯ, бузургтарин мушкиле, ки мусалмонон

бо он рӯ ба рӯ будаанд, вуҷуди мунофиқин буд, ки дар Мадина ба сар мебурданд, ки ҳамвора дасисаҳоро алайҳи ҳазрати Расули Худо (с) ва ёронаш иҷод намуда ва ба роҳ меандохтанд.

Ҳазрати Расули Худо (с) номҳои мунофиқинро якояк ба Ҳузайфа мегуфт, чун вай роздори он буд ва ӯро мукалиф сохта буд, ки ҳаракоти онҳоро зери назорат дошта бошад ва фаъолиятҳояшонро назорат кунад, то Ислом ва мусалмонон аз хатари онон маҳфуз бимонанд. Аз он рӯз сар карда Ҳузайфаро ба номи ёри роздори ҳазрати Расули Худо (с) мехонданд.

Ҳазрати Расули Худо (с) дар яке аз авзоъ ва ҳолатҳои хеле хатарнок ва мусибатбор аз истеъдод ва тавоноии Ҳузайфа дар кори шикаст додани душман истифода бурд. Тавре ки мусалмонон дар ҷанги Хандақ дар муҳосираи душман қарор гирифтанд ва ин муҳосира дер давом кард ва ҳолат бар мусалмонон сахт омад ва дар тангии азиме гирифтор шуданд ва косаҳои сабрашон лабрез гардид ва тоқатҳои эшон сар омад, то он ҷо ки шак дар дили баъзе мусалмонон роҳ ёфт.

Дар ин авзоъ ва ҳолати маргбор ҳолати Қурайш ва ҳам паймонони мушрикашон чандон беҳтар аз аҳволи мусалмонон набуд. Онҳо низ дар шароити хеле баде ба сар мебурданд.

Ҳамон буд, ки Худованд ғазаби худ бар онҳо фурӯ рехт ва қудрату тавоноиашон ба заъф гароид ва тасмимашон мутазалзал шуд. Аллоҳ таъоло чунон бодеро ба сари онҳо фиристод, ки хаймаҳояшонро бар сарашон вожгун сохт ва дегҳояшонро сарнагун кард ва оташашонро хомӯш ва чашму рӯяшонро пур аз хошок намуд. Дар чунин ҳолати сарнавиштсози ҷанг, шикаст ва расвоии онҳоест, ки пеш аз дигарон шӯр ва фарёд барорад ва нороҳатӣ ва бе суботӣ дар вай зоҳир гардид ва пирӯзӣ аз он заноест, ки сабр ва бурдборӣ ва субот ва истиқомат аз даст надиҳад.

Дар лаҳазоте, ки сарнавишти ҷангҳо рӯшан мегардад, истихбороти артиш дар ҷиҳати арзёбӣ вазъи ҷиҳати муқобили метавонад нақши муассире дошта бошад ва машварати лозим бидиҳад. Дар ин вақт буд, ки ҳазрати Расули Худо (с) ба

истеъдодҳои Ҳузайфа ибни Ямон ва таҷрибаҳои вай зарурат эҳсос намуд ва тасмим гирифт, ки вайро дар торикии шаб ба қалби душман бифиристад, то иттилое аз онҳо ба даст орад, қабл аз он, ки файсаларо содир кунад.

Ҳоло худи Ҳузайфа аз ин маъмурияте, ки ҳазрати Расули Худо (с) ба вай фармудааст, ҳикоят мекунад.

Ҳузайфа гуфт: Мо дар ин шаб нишаста будем ва Абусуфён ва ҳамроҳонаш аз мушрикини Макка дар болои сари мо қарор дошт ва яҳудиёни бани Қурайза дар поин аз мо мавзеъ гирифта буданд ва аз он бим доштем, ки ба зану фарзанди мо даст дароз кунанд ва ҳеҷ шабро сиёҳтар ва туфонитар аз он шаб надида будем. Садои бод он шаб ба гунаи сахт буд ва шиддати торикиаш ба ҳадде буд, ки мо ангушти дасти худро намедидем.

Мунофиқон ба иҷозахоҳӣ аз ҳазрати Расули Худо (с) шурӯъ намуданд ва гуфтанд дар хонаи мо касе нест ва хонаҳои мо барои душман боз аст, дар ҳоле, ки чунин набуд. Ҳеҷ як аз онон иҷоза нахост, магар он ки ҳазрати Расули Худо (с) ба вай иҷоза дод ва ишон оҳиста-оҳиста худро кашиданд ва мо дар ҳудуди сесад тан боқӣ мондем.

Дар чунин фурсате ҳазрати Расули Худо (с) бархост ва аз назди ҳар яки мо мегузашт ва бадиққат ҳар яки моро аз назар мегузаронид. Вақте ба назди ман расид ва дар ҳоле, ки чизе бар бадан надоштам, то он ки худро аз сардӣ муҳофизат намоям, ба ҷуз аз чодаре, ки аз ҳамсарам ба худ доштам. Вақте ба ман, ки ба замин бар шикам хобида будам, наздик шуда гуфт: Ин кист? Гуфтам: Ҳузайфа. Фармуд: Ҳузайфа? Аз шиддати сардӣ ва гуруснагӣ, ки моро фаро гирифта буд, худро бештар ба замин часпонидам, то барнахезам. Гуфтам: Эй Расули Худо (с), бале Ҳузайфа ҳастам, Фармуд: Фикр мекунам, ки дар миёни ин мардум ҳодисае рух додааст, оҳиста худро дар миёнашон зан ва аҳволашонро ба ман биёвар. Дар ҳоле, ки ман беш аз ҳамаи эшон тарсида будам ва сармо маро гирифта буд, берун шудам. Ҳазрати Расули Худо (с) фармуд: Худоё, ӯро аз пеши рӯй ва аз пушти сар ва аз тарафи рост ва аз сӯи чап ва аз боло ва аз поин нигаҳ дор. Қасам ба Худо, дуои ҳазрати Расули Худо (с) ба итмом нарасида буд, ки

Худованд хавф ва ҳаросро аз дили ман бардошт ва сардиро аз баданам дур кард. Вакте ба қароргоҳи душман рӯ ниҳодам, ҳазрати Расули Худо (с) аз ақиб фарёд зад ва гуфт: Эй Ҳузайфа, ҳуш дошта бошӣ, ки дар миёни мардум коре аз ту сар назанад, то он ки хабари ишон ба ман орӣ. Гуфтам: Дуруст аст. Ман ба роҳ афтодам ва дар миёни торикӣ ба сӯи онҳо роҳ кушудам, то он ки дар миёни лашкари онҳо даромадам ва худро дар миёнашон чунон ҷо задам, ки гӯё як тан аз онҳо буда. Дере нагузашт, ки Абусуфён дар миёнашон бархост ва суханронӣ кард ва гуфт: Эй ҷамъи Қурайш, ман мехоҳам ба шумо матлаберо бозгӯ кунам ва аз он метарсам, ки ин ҳарф мабодо ба Муҳаммад бирасад. Бинобар ин ҳар як аз шумо шахси паҳлӯи худро шиносоӣ кунад. Ҳамон буд, ки ман пешдастӣ намудам, дасти шахсе, ки дар паҳлӯяш нишаста буд, бирафтам ва ба ӯ гуфтам: Кистӣ? Гуфт: Фалон ибни фалонӣ.

Баъд Абусуфён гуфт: Эй ҷамъи Қурайш, қасам ба Худо, шумо дар ҷое ором нагирифтаед, маркабҳоямон ҳалок гардид ва бани Қурайза аз ҳамкорӣ бо мо даст бардошт ва аз шиддати гардӣ бод, ба ҳолате расидаем, ки худи шумо мебинед. Бору банди худро бибандед ва равон шавед ва ман равон хоҳам шуд. Баъд ба сӯи шутури худ рафт ва зимоми он боз кард ва ба он савор шуд ва ба роҳ афтод. Агар насиҳати ҳазрати Расули Худо (с) намебуд, ки муртакиби коре нашавам, метавонистам бо тир корашро яктарафа созам.

Дар ин ҳолат буд, ки ман назди ҳазрати Расули Худо (с) омадам, дидам ки истода ва бар чодари баъзе аз ҳамсаронаш намоз мехонд. Вақте маро дид, ба поини пояш хост ва гӯшае аз чодарашро ба рӯям андохт ва ӯро аз ҷараён огоҳ сохтам, аз шунидани ин хабар бисёр хушҳол шуд ва Худоро ҳамду сано гуфт.

Ҳузайфа ибни Ямон то вақте, ки зинда буд, бар асрори мунофиқин амин боқӣ монд ва хулафо дар амри мунофиқин ба вай рӯй меоварданд, то он ҷо ки вақте агар касе вафот мекард, ҳазрати Умар ибни Хаттоб савол мекард, ки оё Ҳузайфа дар ҷанозааш ҳузур ёфтааст? Агар мегуфтанд: Бале, дар ҷанозааш ҳозир мешуд ва бар вай намоз мехонд ва агар

мегуфтанд, ки ҳозир нашуд, дар он шак мекард ва аз намоз хондан бар вай худдорӣ менамуд.

Боре ҳазрати Умари Форуқ аз вай пурсид, оё дар миёни коргардони ман аз мунофиқин касе ҳаст? Гуфт: Фақат як нафар аст. Гуфт: Ӯро ба ман нишон бидеҳ. Гуфт: Чунин накунам. Ҳузайфа гуфт: Дере нагузашт, ки Умар ӯро аз вазифа барканор сохт, гӯё ин ки ба шинохти вай пай бурд. Шояд бисёр кам мардум бидонанд, ки Ҳузайфа ибни Ямон дар фатҳи Наҳованд ва Динавар ва Ҳамадон ва Рай нақши асосӣ доштааст ва ӯ буд, ки мусалмононро бар як мусҳаф ҷамъ намуд. Ва бо вуҷуди ин дастовардҳо вай дар бораи худ аз Худованд сахт метарсид ва аз азоби Аллоҳ сахт бим дошт.

Вақте бемории маргаш фаро расид, баъзе асҳоб дар ними шаб ба аёдаташ омаданд. Гуфт: Ин чӣ вақт аст? Гуфтанд: Қариби субҳ аст. Гуфт: Ба Худо паноҳ мебарам, аз субҳе, ки маро ба оташ баранд. Ба Худо паноҳ мехоҳам, аз субҳе, ки маро ба оташ мебаранд. Баъд гуфт: Оё бо худ кафан овардаед. Гуфтанд: Бале. Гуфт: Дар кафанҳо зиёдатӣ накунед, агар назди Худованд подош дошта бошам, ба ивази он бароям подош дода шавад. Ва агар чунин набошад, ин якро ҳам аз ман гиранд ва баъд гуфт: Эй Худованд, ту медонӣ, ки фақрро бар ғино писанд доштам ва зиллатро бар иззат бартар доштам ва маргро бар зиндагӣ баргузида будам.

Баъд дар ҳоле, ки рӯҳ аз баданаш берун мешуд гуфт: Дӯст аст, ки бар шавқ ин ҷо омадааст, пирӯз нагардад касе, ки пушаймон шавад.

Худованд Ҳузайфаро раҳмат кунад, вай дар миёни мардум аз тирози нодир ва камёб буд.

## УҚБА ИБНИ ОМИРИ ҶУҲАНӢ

Вақте ҳазрати Расулуллоҳ (с) баъд аз тӯли интизорӣ ва чашм ба роҳе ба атрофи Ясриб расид, аҳли Мадинаи тайиба бар ҷодаҳо ва рӯи бомҳо такбиргӯён ҷамъ шуда буданд, то кудуми ҳазрати Расули Худо (с) ва ёри гиромиаш ҳазрати Абубакрро гиромӣ доранд ва аз вай истиқбол намоянд. Духтарони хурдсоли Мадина дафҳо ба даст гирифта ва осори хушӣ ва сурур дар чашмҳояшон медурахшид ва бо сурудани ин таронаҳо замзама мекарданд: Моҳ аз санаи видоъ бар мо тобид.

Вақте доҳӣ барои Аллоҳ моро даъват кард, ба ҷоварии шукр бар мо лозим шуд.

Қофилаи Расули Худо (с) дар миёни суфуфи истиқболкунандагон оҳиста, оҳиста ба роҳи худ идома дод, дилҳои оғушта аз муҳаббати вай ӯро дар иҳотаи худ гирифта буданд ва ашкҳои хушӣ ва сурур аз дидагонашон мерехт ва табассумҳои шодмонӣ ӯро гусел мекард.

Аммо Уқба ибни Омири Ҷуҳанӣ дар ин ҷашн ва шодмонӣ ҳузур надошт ва қофила ӯро надид, ки чӣ гуна бо шӯру ва ҳаяҷони аҳли Ясриб истиқбол ва аз саодате, ки пешвозгирандагон ба он комгор гардиданд, бенасиб монд. Иллати ин ғасб он буд, ки вай бо чанд гӯсфанде, ки дошт, ба берун аз Мадина рафта буд, то гӯсфандони худро аз марги гуруснагӣ наҷот диҳад ва дар камтарин муддат ин хушӣ ва сурур ба рустоҳо ва деҳоти ҳамсояи Мадина асар намуд ва аз файзи вуруди вай саодат ёфтанд ва ахбори вуруди он ҳазрат ва даъвати вай ба гӯши Уқба ибни Омири Ҷуҳанӣ, ки машғули чаронидани раммаи худ буд расид. Ҳол риштаи сухан ба худи

вай медиҳем, то аз дидор ва мулоқоти хеш бо ҳазрати Расули Худо (с) ба мо ҳикоят кунад.

Уқба гуфт: Дар ҳоле, ки ман машғули чаронидани гӯсфандони худ будам, ҳазрати Расули Худо (с) ба Мадина омад ва ҳамин ки аз қудуми вай ба Мадина иттилоъ ёфтам, бе даранг гӯсфандони худро раҳо карда, ба сӯи вай равона шудам. Вақте бо вай рӯ ба рӯ шудам, гуфтам: Эй Расули Худо (с), бо ман байъат мекунӣ? Гуфт: Ту кистӣ? Гуфтам: Уқба ибни Омири Ҷуҳанӣ. Гуфт: Кадом як барои ту беҳтар аст? Бо ман байъати аъробиён мекунӣ, ё байъати ҳиҷрат? Гуфтам: Балки байъати ҳиҷрат мекунам, бинобар ин ҳазрати Расули Худо (с) бо ман чунон байъат намуд, ки бо соири муҳоҷирин намуда буд ва шаберо бо вай ба сар бурдам, баъд ба сӯи гӯсфандони худ омадам.

Мо аз ҷумлаи касоне, ки имон оварда буданд, дувоздаҳ нафар будем, ки дар хориҷ аз Мадина машғули чаронидани гӯсфандони худ будем. Бо ҳам гуфтем: Агар мо ҳар рӯз ба ҳузури ҳазрати Расули Худо (с) наравем ва аҳкоми дини худ наёмӯзем ва аз Қуръон чизе нашунавем, дар мо хайре нахоҳад буд. Лизо қафоф додем, ки ҳар рӯз бояд яке аз мо ба навбат вориди Мадина шавед ва мо чаронидани гӯсфандони вайро ба ӯҳда мегирем. Бинобар ин, ман ба ишон гуфтам: Бояд ҳар яке аз шумо ба навбат вориди Мадина шавад ва ман донаму, чаронидани гӯсфандони вай, чун ман ба гӯсфандҳоям сахт дилсӯз будам, аз он ки онро ба каси дигаре вогузорам. Баъд рафиқонам яке паи дигаре ин корро чанд рӯзе анҷом доданд ва ман гӯсфандонашонро ба чаро мебурдам ва илму донише, ки онҳо аз ҳазрати Расули Худо (с) меомӯхтанд, аз ишон фаро мегирифтам, то он ки бо худ гуфтам: Туро чӣ шудааст, ки ба хотири чанд гӯсфанде, ки дардеро даво накунад, худро аз суҳбати Расули Худо (с) маҳрум медорӣ ва аз вай мустақиман илмро намеомӯзӣ? Баъд гӯсфандони худро гузошта, ба Мадина омадам, то дар он ҷо дар ҷивори ҳазрати Расули Худо (с) иқомат гузинам. Вақте Уқба ин тасмими қотеъро, гирифт, дар фикру ва хаёлаш намегузашт, ки рӯзе яке аз уламои

бузурги саҳоба ва яке аз қозиёни бузурги илми қироат ва яке аз қумандонони номии футуҳоти бузург ва яке аз волиёни номвари кишвари Исломӣ хоҳад шуд. Ӯ вақте, ки гӯсфандонашро тарк гуфт ва ҷивори Худованд ва Расулашро баргузид, ба ёди ин набуд, ки пешоҳанги лашкаре хоҳад шуд, ки Димишқро фатҳ кунад ва дар он ҷо барои худ хона дар бӯстонҳои дилрабои он дар наздикии Боби Тумо мегирад.

Ӯ ҳаргиз ба ин андеша набуд, ки рӯзе сарварии лашкареро ӯҳдадор хоҳад шуд, ки Мисрро фатҳ мекунад ва зимоми умури онро ба даст мегирад ва қаср дар он барои худ месозад. Инҳо ҳама корҳое буданд, ки дар дили ғайб пинҳон буд.

Уқба ибни Омири Ҷуҳанӣ бо ҳазрати Расули акрам (с) мулозамат ихтиёр намуд ва дар ҳама ҳолатҳо ӯро ҳамроҳӣ мекард. Ӯ лиҷоми хачири ҳазрати Расули Худо (с)-ро ба ҳар сӯ, ки сафар мекард, ба даст мегирифт ва дар пешопеши вай ҳар ҷо, ки сафар мекард роҳ мерафт. Ва чӣ басо, ки ҳазрати Расули Худо (с) ӯро дар оқиби худ бар маркаби хеш савор мекард, то он ҷо, ки мардум ӯро қанзихасавори ҳазрати Расули Худо хитоб мекарданд. Ва чи басо, ки ҳазрати Расули Худо (с) аз маркаби хеш поин мешуд, то ӯ бар он савор шавад ва ҳазрати Расули Худо (с) худ пиёда роҳ мерафт.

Уқба мегӯяд: Ман зимони хачири ҳазрати Расули Худо (с)-ро дар бархе аз ҷангалҳои Мадина ба даст мегирифтам. Рӯзе ба ман гуфт: Эй Уқба, савор намешавӣ? Қасд кардам, ки бигӯям, на. Аммо аз он тарсидам, ки дар ин ҳарф маъсият аз амри ҳазрати Расули Худо (с) набошад. Лизо гуфтам: Бале, эй Расули Худо (с). Баъд ҳазрати Расули Худо (с) аз маркабаш фуруд омад ва ман онро савор шудам, то амри ӯро баҷо орам ва ӯ худ дар пешопеши ман пиёда роҳ мерафт. Аммо чандон роҳ нарафтам, ки аз маркаб фуруд омадам ва ҳазрати Расули Худо (с) бар он савор шуд ва баъд ба ман гуфт: Эй Уқба, оё туро ду сура таълим надиҳам, ки мисли он ҳаргиз дида нашудааст? Гуфтам: Бале, эй Расули Худо (с). Ҳамон буд, ки Қул аузу бираббил фалақ ва Қул аузу бираббин носро бароям қироат намуд. Баъд намоз иқомат гуфта шуд ва дар намоз

пеш гузашт ва ин ду сураро хонд ва гуфт: Ҳар вақте ба хоб равӣ ва ё аз хоб бедор шавӣ, ин сура бихон. Уқба гуфт: Баъд ин ду сураро дар тӯли зиндагии худ тарк накардам.

Уқба ҳама таваҷҷӯҳи худро ба ду амр равона карда буд, яке илм ва дигаре ҷиҳод ва бо рӯҳу ҷисми хеш ба ин ду амр эҳтимом ба таваҷҷӯҳи зиёде дошт. Аммо дар соҳаи илм аз сарчашмаи нубувват ҷуръа кашид, то он, ки муҳаддиси бузург фақеҳ ва олими фароиз адиб ва шоири баландпоя гардид ва аз ҳама бештар қироати дилангез ва савти ширин дошт. Вақте пардаи сиёҳи шаб густурда мешуд ва сукун ва оромиш барқарор мегардид, ба Қуръон рӯй меовард ва бо садои шево ва дилнишини худ онро қироат мекард ва асҳоби киром ба вай гӯш медоданд ва дилҳояшон аз шунидани оёти байн нарм мешуд ва ашк аз чашмонашон фурӯ мерехт.

Рӯзе ҳазрати Умар ӯро ба ҳузур хост ва ба вай гуфт: Эй Уқба, чизе аз китоби Аллоҳро бар ман қироат кун. Уқба гуфт: Ба сару чашм ва баъд ояте чанд аз каломуллоҳро тиловат кард ва Умар он қадар гирист, ки ришҳояш тар шуд.

Уқба Мусҳафро ба хатти худаш ба ёдгор гузошта буд ва ин Мусҳаф то давронҳои хеле наздик дар масҷиди маъруф ба номи Уқба ибни Омир дар Миср мавҷуд буд ва дар охири он навишта буд, ки ин Мусҳафро Уқба ибни Омири Ҷуҳанӣ навиштааст. Аммо дар ҷараёни ҳаводис ин мусҳаф басони соир осорҳои гаронбаҳо аз байн рафт. Аммо дар соҳаи ҷиҳод Уқба ибни Омир ҳамроҳ бо ҳазрати Расули Худо (с) дар Уҳуд ва ғазавоти баъд аз он ширкат намуда ва яке аз он бузургмардон буд, ки дар қалби душман метохт ва дар фатҳи Димишқ субат ва пойдории аҷибе аз худ нишон дод. Ҳамон буд, ки Абӯубайда ибни Ҷарроҳ ба поси шуҷоат ва мардонагиаш ӯро ба ҳайси навиддиҳанда назди ҳазрати Умар (р) ба Мадина фиристод, то фатҳи Димишқро ба вай мужда диҳад. Ҳамон буд, ки дар зарфи ҳашт рӯз тамом пайвастаи роҳ паймуд, то ба Мадина расид ва ҳазрати Умари Форуқро муждаи фатҳи Димишқ дод.

Баъд вай яке аз он қумандонҳои лашкар буд, ки Мисрро фатҳ кард ва амирулмӯъминин ҳазрати Муовия ибни

Абусуфён ӯро то муддати се сол ба сифати волии Миср муқаррар намуд ва баъд ба вай дастур дод, ки ба фатҳи ҷазираи Рудус биравад. Вай он қадар шавқи ҷиҳод дошт, ки аҳодиси марбута ба ҷиҳодро дар сина дошт ва ривояти онро барои худ хос кард ва дар нишонзанӣ сахт маҳорат дошт ва вақтҳои фориғи худро ба нишонзанӣ сипарӣ мекард. Вақте ки вай дар Миср буд ва ба бемории марг гирифтор шуд, фарзандони худро ҷамъ намуд ва онҳоро насиҳат карда гуфт: Эй фарзандон, шуморо аз се чиз наҳй мекунам. Ин се чизро ба ёд дошта бошед. Набояд ҳеҷ ҳадис аз ҳазрати Расулуллоҳро бипазиред, магар он ки аз шахси сиқа онро ривоят мекарда бошад. Ҳар қадар мӯҳтоҷ ҳам шавед, аз касе қарз нагиред. Худро ба шеър машғул насозед, ки дилҳоятонро аз Қуръон машғул медорад.

Вақте вафот ёфт, ӯро дар қуллаи ба номи Миқтам дафн карданд. Вақте ба таракаи вай рӯй оварданд, дарёфтанд, ки вай ҳафтоду чанд камон ба ҷо гузошта буд, ки ҳамроҳи ҳар камон таҷҳизоти он мавҷуд буд ва васият намуда буд, ки ин камонҳояшро дар роҳи Худо ба кор баранд.

Худованд чеҳраи ин қорӣ, олим ва ғозии муҷоҳид Уқба ибни Омири Ҷуҳаниро рӯшан ва тобон дорад ва Худованд ба вай подоши бузург ва аҷри ҷазил насиб фармояд.

## ҲАБИБ ИБНИ ЗАЙДИ АНСОРӢ

Дар хонае, ки нури имон дар ҳар гӯшаи он партав афканда буд ва осори фидокорӣ ва исор дар чеҳраи ҳар фарди он медурахшид ва дар чунин як хонавода Ҳабиб ибни Зайд ба дунё омад ва рушд кард ва ҷавон шуд.

Падараш Зайд ибни Осим яке аз пешгомони мусалмон дар Ясриб ва яке аз он ҳафтод тан буд, ки дар байъати Ақаба ба ҳузур ёфта ва дасти байъат ҳазрати Расули Худо (с) дода буданд. Ӯ низ ҳамроҳ бо ҳамсар ва ду фарзандаш дар миёни ин ҷамъ ҳоҷир шуда буд. Модараш Умми Умора Насибаи Мо зани аввалин зане буд, ки ба хотири пуштибонӣ аз дини Худо ва дифоъ аз ҳазрати Муҳаммад (с) Расули Худо (с) силоҳ бардошт.

Бародараш Абдуллоҳ ибни Зайд касе буд, ки дар рӯзи Уҳуд худро барои Расули Худо сипар сохта буд ва ҳазрати Расули Худо (с) дар борааш фармуд: (Боракаллоҳу алайкум мин аҳлил байти раҳимакумуллоҳи мин аҳлил байти).

Ҳабиб ибни Зайд ҳоле, ки дар писарбаччаи наврас буд, нури имон дар қалбаш тобид ва дар он ҷой гирифт ва қазои илоҳӣ бад-он рафта буд, ки вай ҳамроҳи падар ва модар ва хола ва бародараш ба Макка раванд, то дар он ҷо ҳамроҳ бо ҳафтод тан аз накӯкорон дар сохтори таърихи Ислом саҳм гирад. Тавре, ки вай дар шаби торик дар байъатул Ақаба дасти худро ба ҳазрати Расули Худо (с) дароз карда ва байъат намуд ва аз он рӯз сар кардаҳазрати Расули Худо (с) назди вай маҳбубтар аз падар ва модараш буд ва Ислом дар назди вай маҳбубтар аз ҷони вай гардид. Ҳабиб ибни Зайд ба иллати хурдсолиаш натавонист, ки дар Бадр ҳузур ёбад, чун дар он вақт бисёр кӯчак буд ва дар Уҳуд низ ба ин иллат натавонист

ширкат намояд. Аммо баъд аз он дар ҳама ғазавот ҳамроҳ бо Расули Худо (с) ҳузур ёфт, ки дар ҳар кадом аз он намунае аз исор, намунае аз шуҷоат ва рамзе аз сабру пойдорӣ буд. Аммо ин ҳама ғазавот бо вуҷуди азамат ва бузургиаш дар муқоиса бо мавқеи азим, ки достони онро дар пеши рӯятон хоҳем гузошт, аслан қобили муқоиса нест. Мавқеъе, ки замери ҳар инсонро ба шиддат такон медиҳад ва ангушти ҳайрат ба даҳон менамояд. Акнун ба ин достон аз оғози он гӯш фаро медиҳем.

Дар соли нуҳӯми ҳиҷрӣ, ки шавкати Ислом боло гирифт ва даъваташ дар ҳар ҷо пахш гардид ва мусалмонон як қудрати матраҳшуда буданд, ҳайатҳои қабоили Араб даста-даста меомаданд, то Исломи худро дар маҳзари Расули Худо (с) эълон намоянд ва ба итоат ва фармонбардорӣ аз дастуроти Расули Худо (с) байъат кунанд.

Дар ҷумлаи ин ҳайатҳо ҳайате ҳам аз бани Ҳанифа аз Наҷд омада буд. Ҳайат шутурони худро дар атрофи Мадина хобонда ва касеро аз ҳамроҳони худ ба номи Мусайлама ибни Ҳабиби Ҳанафӣ барои нигоҳдошти матоъ ва сомони худ гузоштанд ва бақия ба сӯи ҳазрати Расули Худо (с) ба роҳ афтоданд ва Исломи худро ва Исломи қавми хешро дар пешгоҳаш эълон намуданд ва ҳазрати Расули Худо (с) қудумашонро гиромӣ дошт ва иззат ва қадарашон ба ҷо овард ва барои ҳар як аз онон ҳадя дод ва саҳми ҳамсафарашонро, ки дар назди матоъашон ниҳода буданд, низ фиристод.

Ҳамин ки ин ҳайат ба ҷойҳои худ дар Наҷд баргашт, Мусайлама ибни Ҳабиб муртад шуд, дини Исломро тарк гуфт ва дар миёни мардум бархост ва эълон дошт, ки Худованд вайро аз ҷониби худ ба сӯи қавми бани Ҳанифа ба сифати паёмбар ирсол намудааст, ба гунае, ки Муҳаммадро ба қавми Қурайш ирсол намуд. Қавми вай ба гирди ин шахс ҷамъ шуданд ва аз ҳарфи вай итоат намуданд ва авомили зиёде дар гирдиҳамоии қавмаш ба гирди вай дида мешуд, ки омили аслӣ ҳамон асабияти қавмӣ буд, то он ҷо ки як тан аз риҷоли онон гуфт: Шаҳодат медиҳам, ки Муҳаммад содиқ ва

Мусайлама каззоб аст, аммо каззоби Рабеъа беҳтар аз содиқи Музар аст.

Вақте Мусайлама қудрат ва тавоноии бештар ёфт, нома ба шарҳи зер унвони ҳазрати Расули Худо (с) фиристод. Аз тарафи Мусайлама Расули Худо ба Муҳаммад Расули Худо, саломун алайк. Аммо баъд, ман бо ту дар амри рисолат шарик сохта шудаам ва барои мо ними аз хок ва барои Қурайш ниме аз хок аст. Аммо Қурайш қавме аст, ки таҷовуз мекунанд.

Вай ин номаро ба дасти ду нафар аз риҷоли худ фиристод. Вақте ин номаро ба ҳузури Паёмбар (с) қироат карданд, ба ин ду мард гуфт: Шумо худ дар ин бора чӣ мегӯед? Ҳарду ҷавоб гуфтанд: Мо ҳамон ҳарфро мегӯем, ки паёмбарамон гуфтааст. Ба онҳо гуфт: Аммо қасам ба Худо, агар қонун ин намебуд, ки сафирон кушта намешаванд, шуморо гардан мезадам. Баъд нома ба ин шарҳ ба Мусайлама навишт. Бисмиллоҳир раҳмонир раҳим.

Аз тарафи Муҳаммад (с) Паёмбари Худо (с) ба Мусайламаи қаззоб. Салом бар касе бод, ки аз ҳидоят пайравӣ намояд, аммо баъд, ҳақиқат ин аст, ки замин аз они Худо аст, онро ба касе аз бандагони худ, ки хоста бошад, мерос мегузорад ва оқибат аз он парҳезгорон аст ва ин номаро ба дасти ду нафар аз ёрони худ фиристод. Мусайламаи Каззоб аз дастёфти ин нома сахт хашмгин шуд ва ба шарру фасоди худ беш аз пеш афзуд. Чун ин нома барои вай таҳдид маҳсуб мегардид ва ӯро ба оқибат ва саранҷом амалкарди шумаш мужда медод ва барои тақдими ин нома Ҳабибро интихоб намуд, ки қаҳрамони ин достон аст. Ҳабиб дар он даврон ҷавони навраста буд ва нури имон дар самими қалбаш ҷо гирифта ва худро дар роҳи ақида ва андешаи хештан вақф сохта буд. Ҳабиб ибни Зайд аз паи вазифае, ки ҳазрати Расули Худо (с) ӯро ба он мукаллаф сохта буд, бидуни даранг, шакку тардид ба роҳ афтод. Фарозҳо ва пастиҳоро паймуд, то он ки ба диёри бани Ҳанифа расид ва номаро ба Мусайлама дод. Ҳамин ки вай аз муҳтавиёти он иттилоъ ёфт, дилаш аз шиддати хашму ғазаб метапид ва осори кина ва интиқом дар чеҳраи

зарди касифаш намоён шуд ва дастур дод, ки Ҳабибро баста кунанд ва ӯро дар чошти рӯзи фардо ҳозир кунанд. Вақте фардо шуд, Мусайлама омад ва дар садри маҷлис нишаст ва тоғиёну ва аркони баланд пояаш дар росту чапи вай нишастанд ва барои мардум иҷоза дод, ки ба маҷлиси вай дохил шаванд. Баъд дастур дод, ки Ҳабиб ибни Зайдро ба маҳзараш ҳозир кунанд. Ҳамон буд, ки Ҳабиби Зайдро дар ҳоле, ки дасту пояш ба занҷир баста шуда буд, ҳозир сохтанд. Ҳабиб ибни Зайд дар миёни ин ҷамъи зиёд ва бад асл бо крфи афрошта сарбаланд ва мутмаин истод. Мусайлама рӯ ба сӯи вай намуд ва гуфт: Оё шаҳодат медиҳӣ, ки Муҳаммад (с) Расули Худо аст? Гуфт: Бале, шаҳодат медиҳам, ки Муҳаммад (с) Расули Худост. Мусайлама аз шунидани ин ҳарф сахт барошуфт ва гуфт: Оё шаҳодат медиҳӣ, ки ман паёмбари Худоам ? Ҳабиб бо шеваи тамасхуромез ба ӯ гуфт: Гӯшҳоям аз шунидани ин ҳарф, ки ту мегӯӣ, оҷиз аст. Мусайлама барошуфт ва амр кард ва ба ҷаллоди худ дастур дод, узве аз ҷасади вайро қатъ кун.

Ҷаллод имтисоли амр намуд ва бо шамшере, ки ба даст дошт узве аз баданашро қатъ кард ва Ҳабиб ба замин афтод. Боз Мусайлама саволи худ дод, ба вай такрор кард ва гуфт: Оё шаҳодат медиҳӣ, ки Муҳаммад Расули Худост? Гуфт: Бале шаҳодат медиҳам, ки Муҳаммад Расули Худост: Гуфт: Оё шаҳодат медиҳӣ, ки ман расули Худо ҳастам? Гуфт: Ман қаблан низ ба ту гуфта будам, ки гӯшҳоям аз шунидани чунин ҳарф кар аст ва намешунавад. Боз ҷаллодро амр кард, ки узви дигаре аз баданашро қатъ кунад. Ҷаллод имтисоли амр намуд ва Ҳабиб дар замин афтод. Мардум дар ҳоле, ки аз тасмим ва муқовимати вай дар ҳайрат афтода буданд, ба вай чашм дӯхта ва ин саҳнаи аҷоибро тамошо мекарданд ва ба ин тартиб Мусайлама аз вай савол мекард ва ҷаллод узве аз бадани вайро қатъ мекард ва Ҳабиб мегуфт: Ашҳаду анна Муҳаммадан Расулоллоҳ. Вақте хабари шаҳодати вайро ба модараш Насибаи Мозанӣ расониданд, аз ин беш нагуфт: Ман ӯро барои чунин рӯзе парварда будам. Ва подоши ӯро назди Худо мешуморам... Вай дар лайлатул Ақаба дар ҳоле, ки

хурдсол буд бо Ҳазрати Расулуллоҳ (с) байъат кард ва имрӯз ба байъати худ вафо намуд.

Агар Худованд маро ба Муссайлама даст диҳад, духтаронашро дар азои падарашон хоҳам нишонд...

Рӯзеро ки Насиба орзу мекард дере напоид, ки фаро расид... Тавре ки муаззини Ҳазрати Абубакр дар Мадина мардумро ба қитоли Мусайламаи каззоб даъват медод... Мусалмонон ба ҷанги вай баромаданд ва дар ин лашкар Насибаи Мозани модари Ҳабиб ҳамроҳ бо фарзандаш Абдуллоҳ ибни Зайд ширкат ҷуст. Дар рӯзи Ямома Насиба дар ҳоле, ки сафи душманро мешикофт Мусайламаро меҷуст, ки ин душмани Худоро ба ман нишон диҳед... Вақте худро ба вай расонд, дид, ки аз по даровалда шуда ва ба замин афтодааст ва хунаш аз шамшерҳои мусалмонон мечакад. Ҳамон буд, ки дилаш ях шуд ва ба матлаби худ расид... Бале Худованд интиқоми фарзанди некниҳодашро аз ин марди боғи бадбахт гирифт ва ҳар як аз ин ду аз дунё рафтанд. Аммо ин яке дар биҳишт ва он дигаре дар ҷаҳаннам. Фариқун фил ҷаннати ва фариқун фис-саъир.

## АБУТАЛҲАИ АНСОРӢ
*(Зайд ибни Саҳл)*

Зайд ибни Саҳли Наҷҷорӣ, ки ба кунияи Абуталҳа маъруф аст, хабар ёфт, ки Румайсоъ духтари Милҳони Наҷҷорӣ, ки ба кунияи Умми Сулайм машҳур аст, ба сабаби вафоти шавҳараш бева гардидааст. Аз шунидани ин хабар сахт шодмон шуд. Ҷои тааҷҷуб нест, чун Умми Сулайм хонуми озода ва соҳиби ахлоқи неку ва ақли саршор ва сифоти барҷаста буд. Лизо тасмим гирифт, ки пеш аз ҳар каси дигар ба хостгории вай бишитобад.

Абуталҳа аз ин мутмаин буд, ки Умми Сулайм ҷуз вай хостгории дигаронро нахоҳад пазируфт, чун дар вай наҷобат ва мардонагӣ ва манзалат ва ғиноро медид ва илова бар ин вай аз қаҳрамонон ва ҷавонмардони бани Наҷҷор ба шумор мерафт ва дар нишонзанӣ ҳунарманд буд. Ба ин тартиб, Абуталҳа ба хонаи Умми Сулайм рафт, то ӯро барои худ хостгорӣ намояд. Дар асное, ки вай дар миёни роҳ равон буд, ба ёд овард, ки Умми Сулайм таҳти таъсири ин доъии навҷавон Мусъаб ибни Умайр қарор гирифта ва ба Муҳаммад (с) эмон оварда ва пайравии дини вай намудааст.

Аммо дере нагузашта, ки бо худ гуфт, чӣ нуқсе дорад? Оё шавҳараш, ки қаблан вафот ёфтааст, ба дини бобо ва аҷдоди худ тамассук надошт ва ё оё вай худро аз Муҳаммад (с) ва даъваташ канор нагирифт?

Вақте Абуталҳа ба хонаи Умми Сулайм расид ва аз вай иҷозаи духул хост, барояш иҷоза дод, ки дохили хонааш шавад ва фарзандаш Анас ҳозир буд. Ҳамон буд, ки худро ба хостгориаш тақдим намуд. Умми Сулайм гуфт: Эй Абуталҳа,

хостгоре чун туро наметавон ҷавоби рад дод, вале ман бо марди кофир издивоҷ намекунам.

Абуталҳа фикр кард, ки Умми Сулайм бо ин ҳарф барои худ баҳонатарошӣ мекунад ва шояд вай каси дигареро, ки нисбат ба вай молу матоъи бештар дошта бошад, зери назар гирифтааст. Ба ин лиҳоз, ба вай гуфт: Эй Умми Сулайм, ҳамин матлаб аст, ки туро аз издивоҷ бо ман бозмедорад?

Умми Сулайм гуфт: Пас бидуни ин калом дигар чӣ монеъ вуҷуд дорад?

Абуталҳа гуфт: Зард ва сафед.. яъне тилло ва нуқра…

Умми Сулайм гуфт: Тилло ва нуқра ?

Абуталҳа гуфт: Бале, тилло ва нуқра…

Умми Сулайм гуфт: Эй Абуталҳа, туро ва Худо ва Расулашро шоҳид меорам, ки агар мусалмон шавӣ, бидуни тилло ва нуқра бо ту издивоҷ мекунам ва Исломи туро барои худ маҳр мегардонам.

Ҳамин ки Абуталҳа ин сухани Умми Сулаймро бишнид, фавран зеҳнаш мутаваҷҷеҳи буте шуд, ки дар хонааш дошт ва аз чӯб онро тарошида буд ва аз онро ба сони соири ашрофи қабоил махсуси худ сохта буд.

Умми Сулайм хост бо истифода аз ин фурсат ақида хурофии ӯро дар иртибот ба ӯ шаҳру эзоҳ диҳад. Аз ин рӯ ба вай гуфт: Эй Абуталҳа, оё намедонӣ ин бут, ки ту онро парастиш мекунӣ, аз замин рӯидааст?

Гуфт: Бале, чунин аст.

Гуфт: Оё эҳсоси хиҷолат намекунӣ, ки ту кундаи дарахтеро парастиш мекунӣ, ки баъзеи он дарахтро барои худ маъбуд сохтаӣ ва баъзеи дигари онро барои пухтупаз ба кор мебарӣ. Эй Абуталҳа, агар ту имон биёварӣ, бидуни мутолабаи маҳр бо ту издивоҷ мекунам ва аз ту ҷуз Ислом ҳеҷ чизе намехоҳам.

Гуфт: Чӣ касе ба ман Исломро таълим медиҳад?

Гуфт: Ман худам.

Гуфт: Чӣ гуна?

Гуфт: Тариқааш ин аст, ки калимаи ҳақ бар забон меорӣ ва шаҳодат медиҳӣ, бар ин ки нест ҳеҷ илоҳе бар ҳақ, магар

Аллоҳ ва Муҳаммад фиристодаи Худост ва баъд ба хонаи худ равӣ ва бутро, ки дар он ҷо дорӣ, бишканӣ ва дур меандозӣ.

Аз шунидани ин ҳарф чеҳраи Абуталҳа дурахшид ва гуфт: Ашҳаду анло илоҳа иллаллоҳу ва ашҳаду анна Муҳаммадан расулуллоҳ.

Баъд Умми Сулайм бо вай издивоҷ намуд.

Мусалмонон мегуфтанд: Ҳеҷ маҳре беҳтар аз маҳри Умми Сулаймро нашнида будем, тавре ки вай Исломро маҳри худ қарор дод.

Аз он рӯз ба баъд Абуталҳа ҳама тавоноии худро дар ҷиҳати хидмат ба Ислом ба кор бурд, вай яке аз он ҳафтод нафаре буд, ки ҳамроҳ бо ҳамсари хеш Умми Сулайм дар байъати Ақаба бо ҳазрати Расули Худо (с) байъат кард ва ӯ яке аз дувоздаҳ нафар саргурӯҳе буд, ки ҳазрати Расули Худо (с) онҳоро дар ин шаб ба мусалмонони Ясриб фиристод. Вай дар ҳама ғазавот бо ҳазрати Расули Худо (с) ҳузур ёфт ва қаҳрамонӣ ва шаҳоматҳои беназире аз худ нишон дод. Аммо бузургтарин шаҳомат ва диловарии вай дар рӯйдоди ҷанги Уҳуд аст, ки мо ҳикояти онро дар ихтиёри шумо мегузорем.

Абуталҳа ҳазрати Расули Худо (с)-ро сахт дӯст медошт ва сахт шифтаи вай буд. Муҳаббати он ҳазрат чунон дар дили вай ҷо гирифта буд, ки лаҳзае наметавонист аз ҳузури ӯ дур шавад ва аз нигаристан ба чеҳраи муборакаш сер шудан надошт ва аз шунидани ҳарфҳояш лаззат мебурд ва дар ширинии каломаш худро гумшуда меёфт. Вақте агар бо вай мебуд, дар ҳузураш меистод ва мегуфт: Ҷонам фидои ҷонат ва рӯям сипари рӯят.

Вақте корзор дар рӯзи Уҳуд шиддат гирифт, мусалмонон маҷбуран аз назди ҳазрати Расули Худо (с) андаке дур монданд ва Расули Худо (с) ҳамроҳ бо чанд тани маҳдуд дар майдони ҷанг бимонд ва мушрикин аз ҳар сӯ ба вай ҳамла бурданд. Дандони муборакашро шикастанд ва ҷабини зебояшро хадшадор сохтанд ва лабҳои нозанинашро захмӣ намуданд, то он ҷо, ки хун аз рӯи тобонаш ҷорӣ шуд. То он ҷо, ки дастае аз ҳангомаҷӯён овоза андохтанд, ки Муҳаммад

кушта шуд. Бо шунидани ин таблиғот заъфи бештар бар мусалмонон муставлӣ шуд ва бештар аз душман роҳи гурез дар пеш гирифтанд. Дар чунин фурсат ба ҷуз иддаи андаке, ки дар пешопеши онон Абуталҳа буд, каси дигаре дар атрофи ҳазрати Расулуллоҳ боқӣ намонда буд, ки аз вай дифоъ кунад. Абуталҳа дар пеши рӯи ҳазрати Расули Худо (с) чун кӯҳ устувор монда буд ва ҳазрати Паёмбар (с) вайро сипари худ сохта буд.

Баъд Абуталҳа камони худро орост ва тирҳои худро бар он гузошт ва мушрикинро яке баъди дигар ҳадаф қарор дод, ки ҳеҷ як тири вай хато намерафт, магар он ки мушрикеро нақши бар замин месохт. Ба ин тартиб, вай аз ҳазрати Расули Худо (с) дифоъ кард. Ҳазрати Расули Худо аз пушти Абуталҳа сар мекашид, то бубинад, ки тираш ба ҳадаф расидааст ё не ва Абуталҳа ҳазрати Расули Худо (с)-ро ба пушти сари худ пас мезад ва ба ӯ мегуфт: Падару модарам фидоят, ба ишон сар берун накун, ки ҳадафат қарор медиҳанд, гулӯям дар дифоъ аз гулӯят қарор дорад ва синаам дар дифоъ аз синаат қарор дорад ва ман худро фидои ту сохтаам.

Дар ин асно, марде аз мусалмонон ҳамроҳ бо тирдоне, ки бо худ дошт, рӯ ба фирор ниҳода, аз пеши рӯи Абуталҳа мегузашт. Ҳазрати Расули Худо (с) ӯро дид ва ба вай гуфт: Тирҳои худро дар пеши Абуталҳа бигзор ва онро гирифта фирор макун. Абуталҳа пайваста аз ҳазрати Расули Худо (с) дифоъ мекард, то он ки се камонро шикаст ва теъдоди зиёде аз мушрикинро ба қатл расонид. Баъд ҷанг поён ёфт ва Худованд ҳазрати Расули Худо (с)-ро аз шарри мушрикин наҷот дод ва нигаҳ дошт.

Абуталҳа ҳамон тавре, ки дар лаҳзаҳои шадид дар роҳи Худо худро қурбон сохта буд, дар ҷои саховату ва карам, базлу исори аҷибе дошт ва молу доройяшро дар роҳи Худо мебахшид ва ато мекард.

Масалан, ӯ боғе дошт аз хурмо ва ангур, ки дар Мадина боғ ба ин бузургӣ вуҷуд надошт ва ба меваҳои ширин ва оби гуворои он намерасид. Дар яке аз рӯзҳо Абуталҳа дар зери

сояи дарахте намоз мехонд дар ин фурсат паррандаи зебо ва хушнамо сабзранге бо минқори сурх ва поҳои рангинаш, ки бо садои дилнишин замзама мекард ва аз шохе ба шохе парвоз мекард, таваҷҷӯҳи ӯро ба худ ҷалб намуд. Зебоӣ ва хондани ин парранда фикрашро ба худ машғул сохт. Даранг накард, ки Абуталҳа мутаваҷҷеҳи худ шуд, дид ки фаромӯш намудааст, ки чанд ракаъат намоз хондааст. Ҳамин ки аз намоз фориғ шуд, худро ба ҳузури Паёмбари Худо (с) расонид ва аз машғул шудани худ ба боғ дар аснои намоз ба ҳазрати Расули Худо (с) шикоят намуд ва аз дарахтҳои зебо ва булбул замзамагари он ҳикоят ба миён овард. Баъд гуфт: Эй Расули Худо (с), шоҳид бош, ки ман ин боғро ба ҳама мутаалliқоти он дар роҳи Худо садақа додам ва онро дар ҳар ҷое, ки Худо ва Расулаш дӯст доранд, ба кор бар ва дар он тасарруф намо. Абуталҳа зиндагии худро рӯзадор ва муҷоҳид ба сар бурд ва рӯзадор ва муҷоҳид аз дунё рафт. Дар ривояте омадааст, ки вай баъд аз вафоти ҳазрати Расули Худо саллаллоҳу алайҳи васаллам 30 соли тамом зиндагӣ намуд ва ин сӣ сол пайваста рӯзадор буд. Ба ҷуз рӯзҳои ид, ки рӯза гирифтан дар он дуруст нест, дигар ҳама айёми сол рӯзадор буд ва бо вуҷуди кӯҳансолӣ аз идомаи ҷиҳод боз нанишаст ва дар гӯшаву канори замин ба хотири эълои калимаи Аллоҳ ҷиҳод намуд.

Аз он ҷумла, вақте мусалмонон хостанд, дар замони хилофати ҳазрати Усмон аз тариқи баҳр ҷиҳод кунанд, Абуталҳа худро барои ин сафар ҳамроҳи лашкари мусалмонон омода сохт. Фарзандонаш ба вай гуфтанд: Эй падар, Худованд туро раҳм кунад, ту акнун шайхи фонӣ шудаӣ ва ҳамроҳ бо ҳазрати Расули Худо (с) ва Абубакр ва Умар ҷиҳод кардӣ, акнун вақти он расидааст, ки роҳат ёбӣ ва мо ба ҷои ту ҷиҳод кунем. Дар ҷавоб ба онҳо фармуд: Аллоҳ таъоло фармудааст: Худованд бидуни зикри синну соли мо ҳамаро ба ҷиҳод амр ба омодагии низомӣ додааст. Баъд ҷуз берун шудан барои ҷиҳод дигар ба ҳеҷ ҳарфе гӯш надод. Баъд дар асное, ки Абуталҳа, ин пирмарди солхӯрда ҳамроҳ бо муҷоҳиддин дар миёни баҳр савор бар киштӣ буд, чунон бемор шуд, ки

зиндагиаш поён ёфт. Дар ин вақт мусалмонон дар фикри ин шуданд, ки ба ҷазираи наздиктаре худро расонанд, то вайро дар он дафн кунанд. Вале талошашон ба ҷое нарасид ва ба матлаби худ ноил нагардиданд, то он ки ҳафт рӯзи комил аз вафоти вай гузашт ва саранҷом ба ҷое расиданд, ӯро аз киштӣ поин намуданд, диданд ки Абуталҳа чунон аст, ки гӯё хобида бошад ва ҷасади вай ҳеҷ тағйире наёфта буд. Ба ин тартиб, Абуталҳа дар миёни баҳр дур аз аҳлу ва аз ватан ва дур аз хешу қавм падруди ҳаёт гуфт. Вале ин дури аз қавм ва хешу табор чӣ нуқс дорад, вақте вай ба Худованд наздик бошад ва ӯро ғарқи раҳмати худ созад.

## РАМЛА ДУХТАРИ АБУСУФЁН

Ҳаргиз дар фикру хаёли Абусуфён ибни Ҳарб ин кор хутур намекард, ки яке аз қурайшиён битавонад аз қудрат ва султаи вай сарпечӣ кунад ва бар алайҳи вай дар амре аз умури қобили аҳамияте мухолафат кунад, чун вай худро чунон оқо ва заъим медонист, ки амраш ба ҷо шуда ва ҳарфаш бидуни чуну чаро пазируфта мешуд ва қавмаш аз вай итоат ва пайравӣ менамуданд. Аммо духтараш Рамла, ки ба кунияти Умми Ҳабиба машҳур аст, ин гумонро аз вай зудуд ва ботил дошт. Вақте вай ба худоҳои падараш кофир шуд ва худу ҳамсараш Убайдуллоҳ ибни Ҷаҳш ба Худованди лошарин имон овард ва рисолати Паёмбараш Муҳаммад ибни Абдуллоҳро тасдиқ намуд, Абусуфён ба ҳама зӯру тавоне, ки дошт, кӯшид, то духтар ва домодашро ба дини бобоии худ гардонад, аммо ба ин амр тавфиқ наёфт ва ба матлаб нарасид, чун имон дар дили Рамла ҷо гирифта буд, имкон надошт, ки тундбоди хашму ғазаби Абусуфён битавонад ӯро мутазалзил созад. Абусуфён ба сабаби мусалмон шудани духтараш сахт эҳсоси ғаму андӯҳ менамуд ва баъд аз он, ки дар саъйи худ ба бозгардондан духтараш ба дини бобо ва аҷдодаш ноумед шуд ва натавонист, ки дар миёни вай ва дини духтараш монеъ гардад, намедонист бо кадом рӯӣ бо Қурайш рӯ ба рӯ гардад.

Вақте қурайшиён донистанд, ки Абусуфён бар Рамла ва ҳамсараш хашмгин аст, шурӯъ ба он намуданд, ки вайро азият диҳанд ва озор расонанд ва заминаи зиндагиро барояшон танг созанд ва аз ин рӯ, онҳо наметавонистанд, ки ба зиндагии хештан дар Макка идома диҳанд. Бинобар ин, вақте ҳазрати Паёмбари Худо (с) ба мусалмонон иҷозати ҳазратба Ҳабашаро дод, Рамла духтари Абусуфён ҳамроҳ бо тифли хурдсолаш

Ҳабиба ва ҳамсараш Убайдуллоҳ ибни Ҷаҳш дар пешопеши ин муҳоҷирини роҳи Худо қарор доштанд, то дар он ҷо дар ҷивори Наҷҷошӣ бо имон ва ақидаи хеш орому ва осуда зиндагӣ кунанд.

Аммо Абусуфён ва дигар сарони қабилаҳои Қурайшро душворӣ омад, ки ин дастаи Худопарастон дар он ҷо аз неъмати оромиш бархӯрдор гарданд. Аз ин рӯ, намояндагони худро ба ҳузури Наҷҷошӣ фиристоданд ва аз вай талаб намуданд, ки ин дастаи фирориёнро, ки аз дини худ баргашта ва мудаъии дини тозаанд ва дар бораи ҳазрати Исо ва модараш ақидаи нодуруст доранд, ба кишварашон бозгарданд. Ҳамон буд, ки Наҷошӣ ба сарварони муҳоҷирин одамони худро фиристод ва аз ишон хост, то дар мавриди дини ҷадиди хеш ва ақоиде, ки дар бораи ҳазрати Исо (ъ) ва модараш доранд, маълумот бидиҳанд ва аз ишон талаб намуд, то чизе аз ваҳии нозилшуда бар Муҳаммад баён доранд дар наздаш қироат кунанд.

Вақте ишон вайро ба ҳақиқати Ислом огоҳ сохтанд ва оёте чанд аз Қуръони каримро қироат карданд, Наҷҷошӣ таҳти таъсири он қарор гирифт ва ашк аз чашмонаш ҷорӣ шуд, то он ки ришҳояшро тар сохт ва ба онҳо гуфт: Ин паём, ки Паёмбари шумо Муҳаммад ва ҳазрати Исо овардааст, ҳарду аз масдари як нур тобидааст ва баъд имони худ ба Худо ва Паёмбарашро эълон кард ва нубуввати ҳазрати Муҳаммади Мустафо (с)-ро тасдиқ намуд ва дифоъи хештанро аз мусалмононе, ки ба сарзамини вай муҳоҷир шуда буданд, эълон дошт. Бо вуҷуди он ки кушишҳо ва роҳибҳояш аз ин иқдоми вай нохуш буданд ва ба дини Ислом сар нагузоштанд ва ба дини насронияти худ идома доданд.

Умми Ҳабиба баъд аз як сафари тӯлонӣ ва пурмашаққат ба ин диёр расид ва дар он оромиш ва роҳати худро дарёфт ва ба маъвои амн ва мутмаин ба зиндагонии худ оғоз намуд. Ҳарчанд намедонист, ки тақдир барои вай чӣ чизро муқаддар сохтааст. Ҳикмати Худованд бар он рафта буд, ки Умми Ҳабибаро дар як имтиҳон ва ибтилое бузург гирифтор созад,

чунон ибтило, ки ақли одамӣ дар ҳайрат меафтад ва ҳар инсон наметавонад аз чунин ибтило пирӯз ва зафарманд берун шавад. Чунон пирӯзие, ки вайро бар азамат расонд ва тоҷи саъодат ва некбахтӣ бар фарози сараш ниҳод.

Дар яке аз шабҳо Умми Ҳабиба дар бистари худ ба хоб рафт, дар хоб дид, ки ҳамсараш Убайдуллоҳ ибни Ҷаҳш дар баҳри хурӯшон ва пурмавҷ дасту по мезанад ва торикиҳои баҳам анбошта ва зулмат ва сиёҳӣ аз ҳар сӯ вайро дар иҳотаи худ гирифтааст ва дар бадтарин ҳолат ба сар мебарад. Парешон ва музтариб аз хоб бедор шуд ва ларза бар андомаш афтод ва нахост, ки хоби худро ба касе ҳикоят кунад ва онро чун рози нуҳуфта дар назди худ пинҳон дошт. Аммо дере нагузашт, ки ин рӯъёи вай ҷомаи амал пӯшид. Тавре ки рӯзи ин шаби мудҳиш ҳанӯз ба сар нарасида буд, ки шавҳараш Убайдуллоҳ ибни Ҷаҳш аз дини худ баргашта ва ба дини насроният дохил шуд ва ба дӯконҳои майфурӯшӣ ва шароб рӯй овард ва чунон бода ба сар мекашид, ки инсонияти худро фаромӯш мекард. Лизо ба ҳамсараш Умми Ҳабиба ду роҳро гузошт, ки ҳатман бояд яке аз ин ду роҳро бояд интихоб кунад, ё ин ки чун шавҳараш аз дини худ баргардад ва насронӣ шавад ва ё ин ки талоқи худ ба даст орад ва сарнавишти худро таъйин намояд.

Умми Ҳабиба ногаҳон худро дар миёни се амри нописанд ёфт. Яке он ки бояд дини худро тарк гӯяд ва ба дини шавҳараш, ки тоза ба дини насроният гардидааст, сар ниҳад ва расвоии дунёву охиратро касб кунад ва табъан ин корест номумкин, ки агар вайро пора-пора ҳам созанд, қабули чунин амре барояш душвор аст. Дуввум он ки бояд ба сарзамини аслиаш ба Макка баргардад ва дар он ҷо зери сар парастии падараш Абусуфён ба зиндагии худ идома диҳад, ки ин амр низ дар навбати худ азобҳои дарднокро ба думбол дорад, чун ҳанӯз Макка аз як ҷиҳат қалъаи ширк ва куфр ва маркази фаъолияти душманони Ислом ба шумор меравад ва дур нест, ки дар он ҷо дар динаш мавриди азият ва озор қарор нагирад. Саввум он, ки бояд дар гӯшаи ҳиҷрат бидуни доштани сарпараст,

овораву танҳо ба зиндагии худ идома диҳад ва талхии танҳоиро бичашад ва ранҷи оворагӣ ва дурӣ аз хешу ватанро таҳаммул намояд.

Ҳамон буд, ки дар миёни ин ҳама мушкилот ризои худро дар амре, ки бароящ муяссар буд, пазируфт ва тасмим гирифт, ки дар Ҳабаша боқӣ монад, то он ки Худованд роҳеро бароящ бозгардонад ва кушоиш барои мушкилаш эҷод кунад. Интизории Умми Ҳабиба чандон тӯл накашид. Вақте иддаи вай аз шавҳари аввалаш, ки баъд аз насронӣ шуданаш чандон бо вай зиндагӣ накард, поён ёфт. Худованд мушкили вайро ҳал сохт. Тавре ки насими саодат ва некбахти бар фазои хонааш вазидан гирифт ва ситораи бахти вай дар гӯшаи зулмати ҳаёташ тулӯъ кард. Дар яке аз чоштҳои рӯз дарвозааш так-так шуд, берун баромад, дид, ки Абраҳа ходими Наҷҷошӣ подшоҳи Ҳабаша дар пушти дарвозааш истодааст. Бо камоли одоб салом дод ва аҳволпурсӣ намуд ва аз вай иҷозаи духул ба хона хост. Чун ба дохили хона рафт, ба вай гуфт: Подшоҳ ба ту салом тақдим намуд ва бароят паём фиристод, ки Муҳаммад Расули Худо (с) туро ба ҳамсарии худ хостгорӣ намудааст ва нома ба малик фиристода ва вайро вакил сохтааст, ки ақди туро бо вай анҷом диҳад. Бинобар ин ту касеро, ки мехоҳӣ вакили нафси худ гир. Аз шунидани ин ҳабар Умми Ҳабиба аз шиддати сурур ва хуши сар аз по намешинохт ва фарёд зад, Худованд ба ту муждаи хайр диҳад. Худованд ба ту муждаи хайр диҳад. Ва он гоҳ чизе аз зеварҳо, ки ба даст дошт, кашида ва барои вай ҳадя дод ва баъд бақияи зеварҳоро, ки дар хона дошт, кашида ба вай тақдим намуд. Агар дар он вақт тамоми ганҷинаҳои дунёро ба даст медошт, дар бахшиши он дар бадали ин мужда дараng намекард. Баъд ба ин ходима гуфт: Холид ибни Саъид ибни Ос, ки аз наздикони ман аст, вакили нафси ман бод.

Маросими ақди никоҳ дохили қасри Наҷҷошӣ, ки бо анвоъи дарахтон ва гулҳои рангоранг, чароғҳои рӯшан ва фаршҳои қимат ороста шуда буд, баргузор гардид ва бузургони саҳобаи муқим дар Ҳабаша, ки дар раъси онҳо

Чаъфар ибни Абутолиб ва Холид ибни Саъид ибни Ос ва Абдуллоҳ ибни Ҳузофаи Саҳми ва ғайра буд, дар ин маҷлис ҳузур ёфтанд, то маросими акди Умми Ҳабиба бо ҳазрати Расули Худо (с)-ро тамошо кунанд.

Ҷамъшавии асҳоб поён ёфт ва Наҷошӣ дар садри маҷлис нишаст ва хутбае ба ин шарҳ эрод намуд ва гуфт: Худовандро ҳамду ситоиш мегӯям ва шаҳодат диҳам, ба ин ки нест ҳеҷ маъбуди барҳақ, магар Аллоҳ ва Муҳаммад фиристодаи Худост ва ӯ ҳамон паёмбаре аст, ки Исо ибни Марям қудуми вайро мужда додааст. Аммо баъд: Ҳазрати Расули Худо (с) аз ман хостааст, ки Умми Ҳабиба духтари Абусуфёнро ба вай ба никоҳ диҳам ва ман хостам ӯро иҷобат намудам ва ба намояндагӣ аз вай тибқи суннати Худо ва Расулаш чаҳорсад динори тилло ба вай маҳр додам.

Баъд динорҳоро дар назди Холид ибни Саъид ибни Ос рехт. Дар ин вақт Холид аз ҷой бархост ва гуфт: Алҳамдулиллоҳи Аҳмадуҳу ва астаъинуҳу ва астағфируҳу ва атубу илайҳи ва ашҳаду анна Маҳаммадан абдуҳу ва расулуҳ ва арсалаҳу бидинил ҳудо вал ҳаққи лиюзҳираҳу ъалад дини куллиҳи ва лав кариҳал кофирун. Аммо баъд: Ман дар навбати худ ба хостгории ҳазрати Расули Худо (с) лаббайк гуфта ва муаккилаи худ Умми Ҳабиба духтари Абусуфёнро ба ҳамсарии вай додам. Худованд дар ҳамсари Паёмбараш баракот ниҳад ва хушо ба ҳоли Умми Ҳабиба, ки Худованд ин эҳсонро ба вай арзонӣ дошт. Ва баъд маҳрияро, ки Наҷошӣ ба ӯ дода буд, бигрифт ва аз ҷой бархост. Ҳамаи асҳоб низ аз вай пайравӣ намуда, аз ҷой бархостанд, то маҷлисро поён дода, ба хонаҳои худ баргарданд. Магар он ки Наҷошӣ ба онҳо гуфт: Дар ҷойҳои худ биншинед ва суннати Паёмбарон ва анбиё (с) ин аст, ки вақте издивоҷ кунанд, тӯй медиҳанд.

Баъд барои онҳо анваъи хӯрданиҳоро оварданд ва баъд аз истеъмоли таъом маҷлисро тарк гуфтанд.

Умми Ҳабиба гуфт: Вақте ин маҳрияро ба ман фиристонданд, панҷоҳ мисқол тиллоро ба Абраҳа, ки маро мужда дода буд, фиристодам ва гуфтам: Он чиро, ки дар он

рӯз бароят додам, чизе набуд ва акнун ин миқдорро аз ман бипазир, то муждаи туро подоши дуруст шавад. Дере нагузашта Абраҳа ин миқдор тиллоро гирифта, ҳамроҳ ба зарфи атр ва зеварҳое, ки ба вай дода будам, баргашт ва гуфт: Подшоҳ аз ман аҳд гирифтааст, ки ҳеҷ чизе аз ин ҳадяро напазирам ва ба ҳамсаронаш дастур додааст, то он чи атре, ки бо худ доранд, ба ту бифиристанд. Чун субҳ шуд, ин ходима атр аз заъфарон ва уд ба анбар гирифта, наздам омад ва гуфт: Ман аз ту фақат як чиз мехоҳам.

Гуфтам: Чӣ чиз? Гуфт: Ман мусалмон шудам ва аз дини Муҳаммад пайравӣ намудам, саломи маро ба ҳазрати Паёмбари Худо (с) бирасон ва ба ӯ бигӯ, ки ман ба Худо ва Расулаш имон овардам ва ин ҳарфро фаромӯш макун.

Баъд вай асбоби сафарам биёрост ва маро ба назди ҳазрати Расули Худо (с) фиристоданд. Вақте бо вай рӯ ба рӯ шудам, ҷараёни ақди издивоҷ ва коре, ки бо ин ходима Абраҳа намудам, барояш гуфтам ва саломи ӯро барояш расондам. Вай аз ин хабар сахт хушҳол шуд ва гуфт: Ва алайҳас салому ва раҳматуллоҳи ва баракотуҳу.

## ВАҲШӢ ИБНИ ҲАРБ

Он касе, ки бо куштани Ҳамза ибни Абдулмуталлиб амаки ҳазрати Расули Худо (с) қалби Паёмбари Худо (с)-ро хунбор сохт, кӣ буд?

Он кассе, ки бо куштани Мусайламаи Каззоб дар рӯзи Ямома қалби мусалмононро шодмон сохт, кӣ буд?

Ин шахс Ваҳшии Ҳабашӣ буд, ки ба кинияти Абудасма маъруф аст. Ин шахс достони ғамангез дорад, ки ҳикояти онро аз забони худаш мешунавем. Вай гуфт: Ман ғулом ва бардаи Ҷубайр ибни Мутъим, яке аз сарони Қурайш Будам. Амаки Ҷубайр дар рӯзи Бадр ба дасти Ҳамза ибни Абдулмуталлиб кушта шуда буд ва ба марги вай сахт андӯҳгин шуд ва ба Лотуауззо қасам ёд кард, ки интиқоми амакашро аз қотили вай хоҳад гирифт ва аз ин рӯ, барои қатли Ҳамза мунтазири баробар шудани фурсат буд.

Аз ин ҳодиса муддати чандон сипарӣ нашуда буд, то он ки Қурайш тасмим гирифт, ки ба ҷанги Уҳуд бору банд таҳия кунад, то Муҳаммад ва пайравонашро аз байн бибаранд ва барои куштагон Бадрашон интиқом гиранд. Ҳамон буд, ки дастаҳои ҷангҷӯён худро муназзам сохт ва ҳампаймонони худро омода намуд ва худро барои ҷанг тайёр кард ва он гоҳ қиёдати ин лашкар ба Абусуфён ибни Ҳарб дод. Абусуфён бо зиракие, ки дошт, як теъдод занон, ки падарон ва фарзандон ва бародарон ва ё хешовандони худро дар Бадр аз даст дода буданд, ҷамъ намуд ва онҳоро ҷузъи лашкар сохт, то муборизони худро дар саҳнаи корзор ба ҷанг ташвиқ намуда ва аз ақибнишинӣ ва фирор боздоранд ва дар пешопеши ин ҷамъи занон ҳамсараш Ҳинд духтари Утба қарор дошт, чун

падар, амак ва бародараш дар ҷанги Бадр аз тарафи мусалмонон кушта шуданд.

Вақте ин корвон ба ҳаракат омода шуд, Ҷубайр ибни Мутъим рӯ ба ман намуд ва гуфт: Эй Абудасма, оё рағбати он дорӣ, ки худро аз ғуломи ман озод созӣ?

Гуфт: Чӣ тавр ва чӣ касе аст, ки ин некиро бо ман анҷом диҳад?

Гуфт: Ман ин корро бо ту анҷом медиҳам.

Гуфт: Чӣ тавр?

Гуфт: Агар Ҳамза ибни Абдулмуталлиб, амаки Паёмбарро, ки амакиам Туъаймаро ба қатл расондааст, ба қатл расонӣ, ту аз тарафи ман озод ҳастӣ.

Гуфт: Чӣ касе ба ман тазмин мекунад, ки ту дар ин қавл бо ман содиқӣ ва ба он вафо хоҳӣ кард?

Гуфт: Ҳар касеро хоҳӣ, барои ин қавл шоҳид гир ва ман ҳама мардумро ба ин қавл шоҳид меорам.

Гуфт: Ҳатман чунин хоҳам кард ва ман донаму куштани Ҳамза.

Ваҳшӣ гуфт: Ман ки марди ҳабашӣ будам, дар нишонзанӣ забонзади мардум будам ва бо ханҷарам ба ҳадаф ҳамла намекардам, магар он ки ба ҳадаф мерасид. Ман ханҷари худ гирифта ва ҳамроҳи ин лашкар ба роҳ афтодам ва дар ақиби лашкар қариб ба занон ба роҳи худ идома медодам, дар ҳоле, ки ман ба ҷанги инҳо ҳеҷ навъ алоқа ва дилчаспӣ надоштам.

Вақте гузарам ба Ҳинд ҳамсари Абусуфён меафтод ва ё вай аз наздам мегузашт ва ба ханҷарам менигарист, ки дар зери шуъои офтоб дар дастам шуъла мезанад, мегуфт: Эй Абудасма, дили маро бо куштани Муҳаммад ва амакаш сард соз.

Вақте ба Уҳуд расидем ва ҳар ду тараф бо ҳам рӯ ба рӯ шуданд, ман берун шудам ва дар паи ҷустуҷӯи Ҳамза шудам. Ман қабл аз ин низ ӯро мешинохтам ва аз сӯи дигар Ҳамза ба ҳеҷ як ноошно набуд, чун вай пари шутурмурғро ба сар мегузошт, то ҳамтоёнаш ӯро бишносанд, чун арабҳо одат доштанд, ки муборизини номоварашо пари шутурмурғ ба сар

менамуданд. Дере нагузашта, ки чашмам ба Ҳамза хӯрд, ки чун шутури кабуд дар миёни ҷамъият зоҳир гашт ва ба ду тараф шамшер мезад ва ҳеҷ яке дар муқобилаш муқовимат карда наметавонист ва ҳеҷ касе аз дами шамшераш ҷон ба саломат намебурд.

Дар асное, ки ман худро барои ҳамлаи вай омода месохтам ва дар кундаи дарахт ва ё санг пинҳон мешудам, то ба ман наздик шавад, яке аз ҷангҷӯёни қурайши ба номи Сибоъ ибни Абдулъуззо аз ман сабқат гирифт ва худро ба вай расонд ва гуфт: Эй Ҳамза, агар мард ҳастӣ, биё ба муборизаи ман. Агар мард ҳастӣ, биё ба ҷанги ман.

Ҳамза дар ҳоле, ки мегуфт: Эй мушрикзода, пеш ой, эй мушрикзода, пеш ой, худ ба муборизаи вай ба майдон баромад. Дере нагузашта, ки ин қурайшӣ бар вай сабқат ҷуст ва ба шамшер вайро ҳадаф қарор дод. Ҳамза ба замин афтод ва дар миёни хунҳояш дасту по мезад. Дар чунин фурсат худро бар сари Ҳамза расонидам ва дили худро сард кардам ва хунҷари худро чунон дар поини шикамаш фурӯ бурдам, ки он тарафи он зоҳир шуд. Вай ба сахтӣ тавонист, ки ба сӯи ман як-ду қадам бардорад, баъд даранг накард ва ба замин афтод ва ханҷар дар баданаш фурӯ рафта буд ва мутмаин шудам, ки дигар оби ҳаётро нахоҳад нӯшид. Баъд омадам ва ханҷарро аз танаш кашидам ва сӯи хаймаҳо рӯй овардам ва дар он нишастам. Чун ғайри ин ҳадаф надоштам, балки барои он ӯро ба қатл расонидам, ки озод шавам ва ба матлаб расидам.

Баъд саҳнаи корзор гарм шуд ва оташи ҷанг забона кашид ва дар он шикасту фирори зиёде сурат гирифт ва охируламр мушрикин бар мусалмонон дастболо шуданд ва куштагони онҳо афзун гардид.

Дар чунин фурсате Ҳинд духтари Утба ҳамсари Абусуфён бо ҷамъе аз занон, ки аз ақиби вай меомаданд, бар сари куштагон расида ва онҳоро мусла намуд ва шикамҳояшонро пора кард, чашмонашонро берун кашид, биниҳояшонро бурид ва гӯшҳояшонро қатъ кард ва он гоҳ аз ин маҷмӯа биниҳо ва гӯшҳо тавқҳо сохта, ба гардан овехт ва тавқ ва гарданбанди

тиллоӣ, ки ба гардан дошт, кашид ва ба ман дод ва гуфт: Ин ҳардуро бо худ нигоҳ дор, ки бисёр гаронбаҳост.

Вақте ҷанг поён ёфт, ҳамроҳ ба лашкар ба Макка баргаштам, мавлоям Ҷубайро ибни Мутъим ба ваъдааш вафо кард ва маро озод сохт ва ман аз бардагӣ халос шудам.

Аммо кори Муҳаммад рӯз ба рӯз равнақи хубтар меёфт, соҳаи даъваташ васеъ мешуд ва теъдоди мусалмонон рӯз ба рӯз афзун мегашт ва чунон шудам, ки ҳар вақте амри Муҳаммад боло мегирифт, ғаму андӯҳи ман афзуда мегардид ва хавфу ҳарос бар ман ҳукмфармо мешуд ва ман бо ин ҳолат будам, то он ки Муҳамммад ҳамроҳ ба лашкари ҷаррори фотеҳи хеш дохили Макка шуд. Дар чунин фурсат роҳи фирор ба сӯи Тоиф пеш гирифтам, то битавонам дар он ҷо дар амн ба сар барам.

Аммо дере напоид, ки аҳли Тоиф ҳам рӯз ба рӯз ба Ислом сар мениҳоданд ва ҳайатҳо ва қабилаҳо назди вай мерафтанд ва Исломи худро эълон мекарданд. Дар чунин фурсат аз кардаи худ сахт пушаймон шудам ва дар ҳайрат афтодам, ки чӣ бояд кунам ва замин бо ҳама фарохиаш бар ман танг шуд, бо худ гуфтам бояд ё ба Шом ё ба Яман ё ба баъзи сарзаминҳои дигар рӯй орам.

Қасам ба Худо, ки ман ғарқ дар ин фикру хаёл будам, ки ногаҳон марде носеҳ дилаш ба ман сӯхт ва гуфт: Туро чӣ шудааст, эй Ваҳшӣ ? Муҳаммад касе аст, ки ҳеҷ якеро, ки дар дини вай сар ниҳодааст, ба қатл намерасонад. Бирав ва дар дини вай дохил шав ва калимаи шаҳодат бихон ва худро аз ин ғаму ва мусибат озод соз.

Ҳамин ки ин ҳарфи вай шунидам, рӯ ба сӯи Мадина гузоштам ва аз паи Муҳаммад ба роҳ афтодам. Вақте ба Мадина расидам ва аҳволи ӯро ҷӯё шудам, дарёфтам ки вай дар масҷид аст. Бо бисёр тарсу ҳарос ба ҳузури вай дохил шудам, ба сӯи вай рафтам, то он ки бар болои сараш истодам ва гуфтам: Ашҳаду анло илоҳа иллаллоҳу ва анна Муҳаммадан абдуҳу ва расулуҳ.

Вақте калимаи шаҳодат аз ман бишнид, чашмашро ба сӯи ман баланд карда нигарист. Вақте маро шинохт ва аз ман рӯй гардонд ва гуфт: Оё ту Ваҳшӣ нестӣ?

Гуфтам: Бале, эй Расули Худо (с).

Гуфт: Биншин ва ҳикоят кун, ки Ҳамзаро чӣ тавр ба қатл расондӣ. Нишастам ва ҳикояти қатли Ҳамзаро якояк ба ӯ қисса кардам. Вақте суханам поён ёфт, рӯи худ турш кард ва аз ман эъроз намуд ва гуфт: Эй Ваҳшӣ, туро чӣ шудааст, рӯи худ аз ман дур кун, набояд баъд аз ин рӯз туро бинам. Аз он рӯз сар карда ман мекӯшидам, ки нигоҳи ҳазрати Расули Худо (с) ба ман наафтад, вақте саҳоба дар пеши рӯи вай менишастанд, ман худро дар пушти онҳо пинҳон медоштам ва ба ин ҳолати худ идома додам, то он ки ҳазрати Расули Худо (с) ба ҷивори ҳақ павааст. Баъд изофа намуда гуфт: Бо вуҷуди он ки Ислом гуноҳони гузаштаро маҳв месозад, вале ман донистам, ки чӣ амали нобахшиданиро муртакиб шудаам ва ба ин кори худ чӣ зарбае ба Ислом ва мусалмонон ворид намудаам. Аз ин рӯ, фурсатеро интизор будаи, то дар он ин амали зиштро, ки аз ман сар задааст, ҷуброн ва ислоҳ намоям. Вақте ҳазрати Расули Худо (с) ба ҷавори ҳақ пайваст ва хилофат ба ҳазрати Абубакри Сиддиқ таллуқ гирифт ва қабилаи Бани Ҳанифа муртад шуда, ба Мусайламаи каззоб пайваст, ҳазрати халифаи Расули Худо (с) лашкареро барои муқобили бо Мусайлама омода сохт, то онҳоро дубора ба дини Ислом баргардонад. Бо худ гуфтам: Эй Ваҳшӣ, барои ту ин беҳтарин фурсат аст, ҳушёр бош, ки ин фурсат аз аз даст наравад. Баъд ҳамроҳ бо лашкари мусалмонон берун шудам ва силоҳи худ, ки тавассути он сайиди шуҳадо Ҳамза ибни Абдулмутталиброба қатл расонида будам, ба даст гирифтам ва ба роҳ афтодам ва тасмим гирифтам, ки бо ин силоҳ Мусайламаро ба қатл расонам ва ё он ки дар ин роҳ ба шаҳодат бирасам.

Вақте мусалмонон бар Мусайлама ва лашкари вай дар Ҳадақатулмавт (боғи марг, аз он ҷиҳат ба ин ном шӯҳрат ёфтааст, ки дар ҳудуди бист ҳазор нафар аз пайравони Мусайлама дар ин боғ кушта шуданд), дохил шуданд ва

душманони Худоро ба хоку хун кашиданд. Ман мунтазири дастёбӣ бар Мусайлама будам. Ӯро дидам, ки истода ва шамшер ба даст дорад ва марди ансории дигареро дидам, ки мисли ман барои ӯ камин мегирифт ва ҳардуи мо мехостем ӯро ба қатл расонем.

Баъд вақте, ки худро хуб ба қатли вай баробар сохтам ва донистам, ки ҳоло аз чангам хато нахоҳад рафт, ханҷари худ кашидам ва ба сӯи вай ҳамла бурдам ва дар айни замоне, ки ман бар вай ҳамлавар шудам бародари ансории дигар низ бо вай ба шамшер ҳамла бурд. Худохуд медонад, ки шамшери кадом яки мо ӯро аз пой даровард. Агар вай ба шамшери ман нақши замин шуда бошад, ман аз касоне хоҳам буд, ки беҳтарини мардум баъд аз Муҳаммадро ба қатл расонидам ва бадтарин мардумро низ ба қатл расонидам.

## ҲАКИМ ИБНИ ҲАЗОМ

Оё аз саргузашти ин саҳобӣ иттилоъ доред? Дар таърих омадааст, ки вай ягона касе аст, ки дар батни хонаи Каъба ба дунё омадааст. Хулоса, қиссаи вилодати вай аз ин қарор аст, ки модараш ҳамроҳ бо ҳамтоҳои худ бо мақсади тамошо ва шодмонӣ ба хонаи Каъба дохил шуданд ва дар он вақт хонаи Каъба ба сабаби баъзе муносибатҳо кушода мешуд. Модараш дар он вақт ҳомила буд. Ногаҳон ӯро дарди фарзанд гирифт ва чора ҷуз он наёфт, ки дар он ҷо бимонад ва таваллуд кунад. Пустакеро ба вай дар онҷо оварданд ва вай таваллуд кард. Ин мавлуд ҳамоно Ҳаким ибни Ҳазом ибни Хувайлид буд, вай бародарзодаи Уммулмӯъминин Хадиза (р) аст.

Ҳаким ибни Ҳазом дар хонаводаи ашроф ва бузургони Қурайш ба дунё омад, соҳиби ҷоҳу мақом ва соҳиби сарвату сармоя буд. Илова бар ин, вай шахси фозил ва шарифи қавми худ буд, ки дар мушкилот ба вай рӯ меоварданд ва вазифа расидагӣ ба умури ҳоҷиҳо дар даврони ҷоҳилиятро ба ӯ супурда буданд. Ӯ аз моли хусусии худ ба ҳоҷиҳои фақир ва бенаво кӯмак менамуд ва ба мушкилоташон расидагӣ мекард. Ҳаким ибни Ҳазом қабл аз беъсати ҳазрати Расули Худо (с) дӯст ва рафиқи деринааш буд. Вай ҳарчанд дар умр нисбат ба ҳазрати Расули Худо (с) панҷ сол бузургтар буд, вале бо вуҷуди он дар назди вай менишаст ва ба сӯҳбаташ дил баста буд ва аз ҳарфҳояш лаззат мебурд. Ва ҳазрати Расули Худо (с) низ мутақобилан ба вай муҳаббат нишон медод ва бо вай рафоқат мекард. Баъд аз паи ин ҳама дӯстиҳо ва рафоқатҳо робитаи хешовандӣ дар миён омад, тавре ки ҳазрати Расули Худо (с) Хадича бинти Хувайлид, аммаи вайро ба ақди худ даровард.

Баъд аз арзи ин ҳама матолиб хонанда тааҷҷиб хоҳад намуд, ки Ҳаким чаро дар имон овардани худ ба ҳазрати Расули Худо (с) таъхир намуд ва беш аз бист сол умри худро дар ҷанг ва душманӣ алайҳи ҳазрати Расули Худо (с) сипарӣ намуд ва дар рӯзи фатҳ имон овард.

Гумони ғолиб он буд, ки шахсиятечун Ҳаким ибни Ҳазом, ки аз ақл саршор ва фаҳми дақиқ ва ҳушёрии камназир баҳраманд буд ва нисбат ба ҳазрати Расули Худо (с) равобити наздикӣ низ дошт, бояд қабл аз ҳар каси дигар имон меовард ва ба ҳидояташ роҳ меёфт. Аммо ин иродаи Аллоҳ аст, тақдири азалро чӣ касе донад.

Ҳамон тавре, ки мо аз таърихи Ислом овардани Ҳаким Ибни Ҳазом тааҷҷуб мекунем, худи ӯ низ ба ин қусури худ тааҷҷуб менамояд. Ӯ вақте ба дини Ислом мушарраф шуд ва ширинӣ ва ҳаловати имонро дарк кард, бар ҳар лаҳзае, ки вай ба ширк ва бутпарастӣ сипарӣ намуда, ангушти пушаймонӣ ва надомат ба даҳон менамуд ва таассуф мехӯрд, ки чаро аз ин ҳама хайр ва фазилат маҳрум мондааст. Вай баъд аз он ки Ислом овард, боре фарзандаш ӯро дид, ки мегиряд, гуфт: Эй падар, чаро гиря мекунӣ?

Гуфт: Эй фарзанд, авомили зиёде аст, ки маро ба гиря овардааст. Аввали он ин, ки дар қабули Ислом таъхир ва даранг кардам. Агар ман аз аввал ба ин дин сар мениҳодам, ба мақомҳои зиёде, ки акнун аз дастам рафтааст, ноил мешудам ва ҳоло агар тамоми тиллоҳои рӯи заминро нафақа кунам, ба он намерасам.

Матлаби дигар ин, ки вақте Худованд маро дар рӯзи Бадр ва Уҳуд аз марг наҷот дод, бо худ гуфтам, ки баъд аз ин ҳеҷ гоҳ дар паҳлӯи Қурайш бар зидди Расули Худо (с) қарор нахоҳам гирифт ва аз Макка берун нахоҳам шуд. Аммо дере нагузашта, ки боз маро маҷбур ба таъйиди Қурайш кашониданд.

Дигар ин ки ҳар вақте ман тасмими сар ниҳодан ба Исломро гирифтам, ба мардони дигари Қурайш нигаристам, ки аз ман дар синну сол бузург ва соҳиби қадру манзалат

буданд ва ҳанӯз бар амри ҷоҳилияти худ побанд буданд ва аз дин ва андешаи худ дифоъ мекарданд. Бинобар ин ба пайравӣ ва пуштибонии онҳо боқӣ мондам.

Кош ман ин корро намекардам. Моро пайравӣ ба бобо ва аҷдод ҳалок сохт.

Фарзандам, аз ин рӯ чаро бояд гиря накунам?

Ҳамон тавре, ки мо аз таърихи Исломи Ҳаким ибни Ҳазом дар шигифтем, худи вай низ аз ин кори худ дар ҳайрат аст. Ҳазрати Расули Худо (с) низ тааҷҷуб мекунад, ки шахсияте чун Ҳаким, ки дорои ақли саршор ва фаҳми комил аст, чӣ гуна бар вай Ислом пӯшида мемонад. Он ҳазрат (с) орзу мекунад, ки вай ва касоне, ки дар пояи вай қарор доранд, бояд ба дини Ислом сар ниҳанд.

Як шаб қабл аз фатҳи Макка ҳазрати Расули акрам (с) ба ёронаш гуфт: Дар Макка чаҳор кас аст, ки ман будани онҳоро ба шир намеписандам ва на онҳоро ба идомаи ширкашон сазовор медонам ва умедам аз онҳо ин аст, ки ба Ислом рӯй оваранд. Гуфтанд: Ин чаҳор тан чӣ касонеанд, эй Расули Худо (с)? Фармуд: Аттоб ибни Усайд ва Ҷубайр ибни Мутъим ва Ҳаким Ибни Ҳазом ва Суҳайл ибни Амр ва аз фазл ва эҳсони Худо, ки ҳама онҳо имон оварданд.

Вақте ҳазрати Расули Худо (с) фотеҳона дохили Макка шуд, лозим дид, ки Ҳаким ибни Ҳазомро такрим намояд, лизо ба мунодии худ дастур дод, ки фарёд занад: Касе ки шаҳодат диҳад, ки ло илоҳа иллалоҳу ваҳдаҳу ло шарика лаҳу ва анна Муҳаммадан абдуҳу ва русулуҳу ӯ дар амн аст.

Касе, ки дар назди Каъба нишинад ва силоҳи худ ба замин гузорад, ӯ дар амн аст.

Касе, ки дар хонаи худ дарояд ва дарвозаашро ба рӯи худ бибандад, ӯ дар амн аст.

Касе ки дохили хонаи Абусуфён шавад, ӯ дар амн аст. Касе ки дохили хонаи Ҳаким ибни Ҳазом шавад, ӯ дар амн аст.

Хонаи Ҳаким ибни Ҳазом дар поини Макка ва хонаи Абусуфён дар болои Макка воқеъ буд.

Вақте Ҳаким ибни Ҳазом мусалмон шуд ва ба Ислом сар ниҳод, имон дар хуну раги вай ҷо гирифт ва бо қалбаш омехт ва бо худ аҳд намуд, ки ҳар он тақсире, ки аз вай дар ҷоҳилият сар задааст ва ё дар ҷиҳати кӯбидан ва душмании ҳазрати Расули Худо (с) нафақа кардааст, бояд онро ҷуброн намояд.

Вай ба аҳди худ вафо намуд. Аз он ҷумла дорунад ва толори бузурги сарони ҷоҳилият дар Макка, ки аз нуқтаи назари таърихӣ аҳамияти босазое дошт ва конфронсҳои сарони ҷоҳилият дар он баргузор мешуд ва руасои машҳури Қурайш ҷиҳати саркӯб сохтани ҳазрати Расули Худо (с) ва алайҳи вай дар он сурат мегирифт, дар моликияти вай даромад...

Ҳаким ибни Ҳазом хост худро аз ин дорунад ва халос кунад. Гӯё мехост баргаштаҳои сиёҳ ва бадноми хеш пардаи фаромӯшӣ ниҳад. Лизо ин толорро ба маблағи сад ҳазор дирҳам фурӯхт. Ҷавонӣ аз ҷавонони Қурайш ба ӯ гуфт: Эй амак, ту рамзи иззат ва шарафи Қурайшро фурӯхтӣ.

Ҳаким дар ҷавоб ба вай гуфт: Ҳайҳот эй фарзанд, ман аз роҳи рост мунҳариф зистам, ҳама корамро аз даст додам ва акнун ҷуз тақво ва парҳезгорӣ чизе намондааст. Ман онро ба хотири он фурӯхтам, ки ба пули он дар биҳишт хона барои худ харидорӣ кунам ва ман шуморо гувоҳ мегирам ба ин ки ҳама пули онро дар роҳи Худо сарф мекунам. Ҳаким ибни Ҳазом баъд аз мусалмон шудани хеш ҳаҷ намуд ва сад шутурро ороста, бо либосҳои муайян дар пеш пеши худ ронд ва онро ба қасди нақиқӣ ба Аллоҳ қурбонӣ кард ва дар ҳаҷҷи дигаре дар арафот ба по истод ва дар ҳоле, ки сад ғулом дар моликият дошт, дар пеши рӯяш ҳозир буданд ва дар гардани ҳар кадоми онҳо тавқе аз нуқра андохта буд ва бар он ин иборат навишта буд: Озодагон барои Аллоҳ азза ва ҷалла аз тарафи Ҳаким ибни Ҳазом ва баъд ҳамаи онҳоро озод намуд. Дар ҳаҷҷи саввумин як ҳазор гӯсфандро бо худ бурд ва ҳамаи онро дар Мино қурбонӣ кард ва гӯшти онро ба фуқаро ва бенавоён тақсим намуд, то Худованд аз вай розӣ гардад. Баъд аз ҷанги Ҳунайн Ҳаким ибни Ҳазом аз ҳазрати Расули Худо (с) аз ғаниматҳо талаб намуд. Ҳазрати Расули Худо (с) ба

вай дод, боз талаб кард, боз ба вай дод, то он ки сад шутурро аз ғаниматҳо ба даст овард ва дар он рӯз вай тоза мусалмон шуда буд. Баъд ҳазрати расулуллоҳ (с) барояш фармуд: Эй Ҳаким, ин мол ширин ва дӯстдоштанӣ аст. Агар касе онро ба саховати нафс (яъне қаноат) гирад, дар он баракат гузошта мешавад ва агар касе онро аз рӯи тамаъ гирад, дар он баракат гузошта намешавад ва мисли касе бошад, ки бихурад ва серӣ надошта бошад ва даст боло беҳтар аз дасти поин аст. (Киноя аст аз қаноат ва наталабидан). Вақте Ҳаким ин сухан аз ҳазрати Расули Худо (с) бишнид, гуфт: Эй Расули Худо (с), қасам ба Зоте, ки туро ба ҳақ фиристодааст, баъд аз ин рӯз аз ҳеҷ кас чизеро савол нахоҳам кард ва аз касе чизе нахоҳам гирифт, то он ки аз ин дунё биравам. Ҳаким ба қасами худ хуб вафо намуд. Дар аҳди хилофати халифаи аввал Ҳазрати Абубакри Сиддиқ вайро чанд бор ба ҳузур хост, то саҳми худ аз байтулмолро бигирад, аз гирифтани он ибо варзид.

Вақте хилофат ба ҳазрати Умари Форуқ тааллуқ гирифт, ӯ низ вайро ба ҳузур хост, то саҳми худро бигирад, вале аз гирифтани он худдорӣ намуд ва ҳазрати Умар аз ҷой бархост ва гуфт: Эй ҷамъи мусалмонон, ман шуморо шоҳид меорам, ки ман Ҳакимро ба гирифтани саҳмаш даъват мекунам, вай аз гирифтани он ибо меварзад ва ба ин тартиб, Ҳаким то вақте, ки ҳаёт дошт, аз ҳеҷ кас чизе нагирифт. Разияллоҳу ва арзоҳ.

## УББОД ИБНИ БИШР

Уббод ибни Бишр номи дурахшон ва тобандаест дар таърихи даъвати Муҳаммадӣ. Агар Уббод ибни Бишрро дар миёни бандагон ҷустуҷӯ намоӣ, ӯро дар миёни муттақиён ва парҳезгорон меёбӣ, ки шабро ба таҳаҷҷуд ва қироати Қуръон ба сар мерасонд ва агар ӯро дар миёни қаҳрамонон суроғ кунӣ, вайро шуҷоъ ва диловар меёбӣ, ки дар миёни ҷангҳо ба хотири эълои калимаи Аллоҳ дар ситезад ва биразмад. Агар вайро дар миёни волиён ва зимомдорон суроғ кунӣ, ӯро марди қавӣ ва амин дарёбӣ, ки амволи мусалмононро бо садоқат ва диндорӣ нигаҳ медорад, то он ҷо ки ҳазрати Оиша (р) дар бораи вай ва ду тани дигар аз ҳамқавмҳояш гуфтааст: Се тан аз ансоранд, ки ҳеҷ кадоми онҳо бар дигаре дар фазлу карам бартарӣ надоранд ва ҳар се тан аз бани Абдул Ашҳаланд: Саъд ибни Муъоз, Усайд ибни Ҳузайр ва Уббод ибни Бишр.

Дар овоне, ки нахустин шӯълаи даъвати муҳаммадӣ дар офоқи Ясриб тобид. Уббод ибни Бишри Ашҳалӣ ҷавони навраста буд, ки осори покӣ ва иффат дар ҷабинаш медурахшид ва муомилаш бо дигарон баёнгари ақли бузургон ва раҷоҳати фикри ӯ буд. Ҳарчанд ки дар он даврон умраш аз бисту панҷ сол зиёд таҷовуз накарда буд. Вай бо доъии ҷавон Мусъаб ибни Умайр, ки аз Макка ба Мадина омада буд, мулоқот намуд ва дере нагузашта, ки равобити ақида ва имон ин дуро ба ҳам наздик сохт ва улфат ва муҳаббат дар миёнашон иҷод намуд ва шамоил ва хусусияти ин ду бо ҳам яке шуд.

Вай ба қироати Мусъаб ибни Умайр, ки бо садои шева ва дилангези хеш Қуръонро тиловат мекард, гӯш мениҳод ва тиловаташ дар вай асари бузурге мегузошт ва муҳаббати

каломи Худо дар самим қалбаш ҷо гирифт ва пайваста онро бо садои дилнишин ва оҳанги ҳазини хеш шабу рӯз тиловат мекард, то он ки вай дар миёни асҳоб ба номи имом ва дӯсти Қуръон маъруф гардид.

Шабе ҳазрати Расули Худо (с) дар ҳуҷраи ҳазрати Оиша (р), ки пайваст ба масҷид буд, таҳаҷҷуд мехонд садои Уббод ибни Бишрро шунид, ки Қуръонро чунон бо садои дилнишин замзама мекард, ки гӯё барои аввалин бор аст, ки Ҷабраил онро нозил намудааст, Гуфт: Эй Оиша, ин садои Уббод ибни Бишр аст?

Ҳазрати Оиша (р) ҷавоб дод: Бале, эй Расули Худо (с).

Фармуд: Худовандо, ту вайро мағфират намо.

Уббод ибни Бишр ҳамроҳ бо ҳазрати Расули Худо (с) дар ҳама ғазваҳо ширкат намуд ва дар ҳар як аз ин ғазваҳо чунон ҷойгоҳи созанда дошт, ки зебандаи ҳофизи Қуръон аст. Яке аз ин ҷойгоҳҳои вай ин аст, ки вақте ҳазрати Расули Худо (с) аз ғазваи Зотурриқоъ баргашт, ҳамроҳ бо мусалмонон дар дарае фуруд омаданд, то шабро дар он сипарӣ намоянд.

Дар аснои ин ҷанг яке аз мусалмонон зане аз занони мушрикеро дар набудани шавҳараш ба асорат гирифт. Вақте шавҳараш ба хона баргашт, дид ки занашро мусалмонон ба асорат бурдаанд. Бинобар ин, ба Лоту Уззо қасам ёд кард, ки худро ба Муҳаммад (с) ва асҳобаш расонда, бидуни рехтани хун барнахоҳад гашт. Мусалмонон вақте борҳои худро дар ин дода фуруд оварданд, ҳазрати Расули Худо (с) ба онҳо гуфт: Чӣ касе имшаб моро постдорӣ ва ҳирост мекунад? Уббод ибни Бишр ва Аммор Ибни Ёсир аз ҷой бархостанд ва гуфтанд: Эй Расули Худо (с), мо омодаи чунин коре ҳастем ва қаблан ҳазрати Расули Худо (с) вақте муҳоҷирин вориди Мадина шуданд, дар миёни ин ду равобити бародарӣ барқарор сохта буд. Вақте ҳарду ба даҳонаи водӣ баромаданд Уббод ибни Бишр ба бародараш Аммор ибни Ёсир гуфт: Кадом бахш аз шабро мепазирӣ, ки дар он бихобӣ, аввали шаб ва ё охири шаб ?

Аммора гуфт: Ман аввали шабро тарҷеҳ медиҳам, ки дар он ба хоб равам ва он гоҳ дар фосилаи на чандон дур аз он ба хоб рафт.

Шаб ором ва пурсукун буд ва ситорагон ва дарахтон, сангу чӯб тасбеҳи Худо мегуфтанд. Дар чунин фурсате қалби Уббод ибни Бишр барои ибодат ва қироати Қуръон беқарор гардид. Вай завқи он дошт, ки тиловати Қуръонро ҳамроҳ бо намоз як созад ва аз он лаззати бештаре ёбад. Ҳамон буд, ки рӯ ба қибла намуд ва ба намоз оғоз кард ва бо садои шево ва дилангези худ аз сураи Қаҳф шурӯъ намуд ва дар асное, ки вай ғарқи ибодат ва намоз буд ва бо овози ширин ва дилнишинаш намоз мехонд ногаҳон марде аз дур намоён шуд. Вақте садои дилнишин ӯро бишнид ва ӯро қадафрошта дид, яқин намуд, ки Муҳаммад ва ёронаш дар ин водӣ ба сар мебаранд ва ин шахси сар барафрошта вазифаи ҳирости ишон бар дӯш дорад. Камони худ баробар кард ва тир ба он гузошт ва Уббод ибни Бишрро ҳадаф қарор дод. Уббод тир аз бадан берун кард ва ба қироат ва намози худ идома дод.

Ин мард боз ӯро ҳадаф қарор дод. Уббод боз тир аз бадан берун кард ва ба намози худ идома дод, бори саввум низ тир ба ҷасади вай расид. Уббод ин бор низ тир аз бадан берун кашид ва ба шикам худро ба сӯи ёри худ Аммор ибни Ёсир расонд ва ӯро аз хоб бедор сохт ва ба ӯ гуфт, ки аз ҷоят бархез, ки ман захм хӯрдаам. Вақте ин мард ҳардни онҳоро бидид, роҳи фирор дар пеш гирифт. Вақте Аммор ибни Ёсир ба Уббод ибни Бишр мутаваҷҷеҳ шуд, дид ки хун аз се қисмати баданаш мечакад, ба ӯ гуфт: Чаро дар аввалин боре, ки мавриди ҳамла қарор гирифтӣ, маро бедор накардӣ ?

Уббод гуфт: Ман дар аснои қироати сура будам, дилам нахост, ки онро қатъ кунам, қасам ба Худо, агар хавфи зоеъ шудани марз намебуд, ки ҳазрати Расули Худо (с) маро ба ҳифзи он маъмур сохта буд, хушдори он будам, ки ҷонамро аз даст диҳаму ин сураро қатъ накунам.

Вақте ҷангҳои иртидод дар аҳди ҳазрати Абубакри Сиддиқ ба роҳ афтод, ҳазрати Сиддиқ лашкари бузургеро барои

саркӯби Мусайлама ва пайравонаш омода намуд, то муртадинро ба дини Ислом баргардонад. Уббод ибни Бишр дар пешопеши ин лашкар қарор дошт. Як шаб қабл аз он ки ҷанг сарнавиштсоз ба роҳ афтад, Уббод ибни Бишр дар хоб дид, ки дарвозаи осмон кушода шуд ва ӯро ба дохили худ гирифт, дарвозаҳояш дубора баста шуд. Вақте субҳ шуд, Абусаъиди Худриро аз ин хоби худ огоҳ сохт, вай дар ҷавоб гуфт: Қасам ба Худо, ин хоб баёнгари шаҳодати туст. Вақте рӯз рӯшан шуд ва ҷанг аз сар гирифта шуд, Уббод ибни Бишр бар теппаи баланд баромад ва фарёд зад: Эй ҷамъи Ансор, худро яктарафа созед ва ғилофи шамшерҳои худ бишканед. Мабодо иҷоза диҳед, ки Ислом аз тарафи шумо шикаст бихӯрад. Вай пайваста ин нидоро такрор мекард, то он ки дар ҳудуди чаҳорсад нафар, ки дар раъси онҳо Собит ибни Қайс, Баро ибни Молик, ва Абу дуҷона соҳиби шамшери ҳазрати Расули Худо (с) қарор доштанд, ба гирди вай ҷамъ шуданд. Уббод ибни Бишр ҳамроҳ бо касони хештан дар сафи душман ҳамла бурд ва мардонавор ҷангид, то он ки шавкати Мусайламаи каззоб ва тарафдоронашро шикаст ва ногузир ба Ҳадиқатулмавт паноҳанда шуданд ва дар он ҷо дар пои девори ин бӯстон Уббод ибни Бишр ба шаҳодат расид. Вақте ӯро бардоштанд, диданд ки он қадар зарбаи шамшер ва ханҷар ва тир бар баданаш расидааст, ки наздик буд ӯро нашиносанд.

## ЗАЙД ИБНИ СОБИТ

Дар соли дуввуми ҳиҷрӣ шаҳри Мадина худро барои ҷанги Бадр омода месохт ва ҳазрати Расули Худо (с) охирин бор бар нахустин лашкари худ, ки қиёдати онро худаш ба дӯш дошт, назар афканд. Дар миёни ин ҷамъ писарбачаи хурдсолеро, ки ҳанӯз ба синни ҷавонӣ қадам нагузошта ва сездаҳ соли умри худро пушти сар ниҳода буд, мултафит шуд, писарбаччае, ки зако ва ҳушёрӣ, фаросат ва одоб дар чеҳрааш намуддор буд. Дар дасти ин писарбача шамшер буд, ки бо қадаш баробарӣ мекард. Ба ҳазрати Расули Худо (с) худро наздик сохт ва гуфт: Ман фидоят шавам, эй Расули Худо (с), ба ман иҷоза деҳ, то дар зери парчами ту бар зидди душманони Худо биҷангам ва дар роҳи Худо ҷиҳод кунам.

Ҳазрати Расули Худо (с) бо дидаи хушӣ ва ҳайрат ба вай нигарист ва бо дастҳои муборакаш бар шонаи вай зад ва хотираш хуш сохт ва ӯро ба хотири хурдсолиаш аз сафи муҷоҳиддин ҷудо кард. Ин писарбаччаи хурдсол дар ҳоле, ки шамшерро кашон-кашон ба замин меомад, ғаму андӯҳ дар симояш намоён буд, чун худро аз шарафи сӯҳбат ва ҳамроҳи он ҳазрат (с) ҷудо ёфт.

Ғаму андӯҳи модараш (Навор духтари Молик) низ камтар аз ғаму андӯҳи фарзанд набуд. Чун ӯ орзу дошт, ки рӯзе фаро расад, ки дар он фарзандашро дар қатори бузургмардони муҷоҳид ва дар таҳти парчами Расули Худо (с) бубинад ва ба хотири сурур ва хушӣ сурма дар чашм намояд ва орзуи он дошт, ки падараш агар зинда мемонд, дар назди ҳазрати Расули Худо (с) мақоми баландеро касб менамуд ва акнун ки вай вуҷуд надорад, фарзандаш он мақомро дар худ ҷамъ намояд.

Вақте ин писарбаччаи ансорӣ дарёфт, ки вай натавонист ба хотири хурдсолиаш дар ин соҳа ба ҳазрати Расули Худо (с) наздикӣ ҷӯяд, зако ва ҳушёриаш ӯро ба соҳаи дигар раҳнамоӣ кард, ки он соҳа ба синну сол иртибот надорад ва метавонад аз ин роҳ худро ба ҳазрати Расули Худо (с) наздик созад ва ин соҳа ҳамон соҳаи илм ва ҳифз аст. Ин писарбача назари худро дар ин бора ба модари худ тақдим дошт. Модараш аз шунидани ин пешниҳоди вай хушҳол шуд ва масрур гашт ва орзу намуд, ки ин нақша бояд таҳаққуқ пазирад.

Навор модари ин писарбачча назари фарзандашро ба баъзе аз бузургони қавмаш арз намуд ва аз эшон дар ин хусус машварат хост. Ишон ин писарбаччаро бо худ гирифта, ба ҳузури Паёмбар (с) рафта гуфтанд: Эй Расули Худо (с), ин фарзанди мо Зайд ибни Собит аст, ҳафдаҳ оят аз Қуръонро ҳифз дорад ва ин миқдор аз сураҳоро дуруст ҳамон тавре, ки Худованд бар ту онро нозил намуда, қироат мекунад ва илова бар ин, вай баччаи ҳушёр ва боистеъдод аст, хонда ва навиштанро метавонад. Вай бо ин хусусият мехоҳад бо ту тақарруб ҷӯяд ва дар канори ту мулозамат ихтиёр намояд. Агар хоста бошӣ, қироаташро бишнав, ҳозир аст, ки дар ҳузури ҷанобатон қироат намояд.

Ҳазрати Расули Худо (с) баъзе аз оёти китобуллоҳро аз Зайд ибни Собит шунид, ки бо садои латиф ва дилнавоз онро қироат кард. Ҳазрати Расули Худо (с)-ро қироаташ хуш омад ва ӯро болотар аз он ёфт, ки барояш тавсия намуданд ва ба хусус ин ки вай навиштанро ёд дорад, барояш сурур афзуд. Ҳазрати Расулуллоҳ (с) рӯ ба сӯи вай намуд ва гуфт: Эй Зайд, тариқаи навиштани яҳудиёнро биёмӯз, чун ман ба он чи ки барояшон мегӯям, мутмаин нестам. Зайд гуфт: Ба сару чашм ҳозирам эй ҳазрати Расули Худо (с).

Ҳамон буд, ки Зайд ибни Собит фавран ба фаро гирифтани забони ибрӣ шурӯъ намуд ва дар муддати бисёр кӯтоҳ тавонист, ки хондан ва навиштани забони ибриро фаро гирад Вақте ҳазрати Расули Худо (с) ба хондан ва навиштани забони

ибрӣ зарурат пайдо мекард, Зайд ибни Собитро барои ин матлаб ба назди хеш мехонд. Баъд забони сирёниро низ бинобар амри ҳазрати Расули Худо фаро гирифт ва ба ин тартиб ин ҷавон фазилати тарҷумони ҳазрати Расули Худо (с)-ро дар худ пайдо намуд.

Вақте ҳазрати Расули Худо (с) аз матонату амонати Зайд ва диққату фаҳми вай итминон ҳосил намуд, вайро бар паёми осмонӣ амини худ гирифт ва ӯро ба сифати котиби ваҳй муқаррар кард.

Ба ин тартиб, вақте оят аз каломуллоҳи маҷид дар қалби муборакаш нозил мешуд, касеро аз паи Зайд мефиристод ва ӯро ҳозир месохт ва барояш мегуфт: Эй Зайд, бинавис ва Зайд менавишт. Ва ба ин тартиб Зайд каломи Худоро аз ҳазрати Расули Карим (с) ҳар лаҳза дарёфт медошт ва ҳамроҳ бо оёти он рушд мекард ва калон мешуд ва онро тоза ва мубошаратан аз соҳиби вай мегирифт ва ба асбоби нузули он огоҳ мешуд ва қалбаш ба анвори ҳидояти Қуръон тобиш меёфт ва қалбаш бо асрори шариат мунаввар мегардид. Ба ин тартиб, ин ҷавони хушбахт ва некнасиб дар Қуръон ва улуми он тахассус ёфт ва ба асрораш огоҳ буд.

Баъд аз вафоти ҳазрати Расули акрам (с) Зайд нахустин марҷеъ буд, ки дар фаҳми Қуръон ба вай рӯй меоварданд. Дар аҳди ҳазрати Абубакри Сидиқ вақте тасмим ба он гирифта шуд, ки Қуръонро дар Мусҳаф ҷамъ кунанд, ҳайате аз қориёнро ба хотири ин ҳадаф ташкил доданд, Зайд дар раъси ин ҳайат қарор дошт ва дар замони ҳазрати Усмон низ дар раъси онҳо қарор дошт, ки бо мақсади яктосозии мусҳафҳо ҷамъ шуда буданд. Оё манзалат ва мақоме аз ин болотар хоҳад буд, то аҳли ҳиммат орзуи он намояд ва оё азамате болотар аз ин вуҷуд дорад, ки нафсҳо орзуи расидан ба он намояд?

Яке аз фазоиле, ки Қуръон дар нафси Зайд ба ҷо гузошт, ин буд, ки вай дар мавоқифи хеле душвор ва бӯҳронӣ тавонист роҳро ҳамвор созад ва мушкилотро ҳал кунад. Мушкилоте, ки ҳама соҳибони ақл дар ҳалли он дар ҳайрат афтода буданд,

дар рӯзи Сақифаи Бани Соъида вақте мусалмонон дар интихоби халифа ва ҷонишини ҳазрати Расули Худо (с) ихтилоф карданд, муҳоҷирин гуфтанд: Мо мустаҳиққи хилофати ҳазрати Расули Худо (с) ҳастем ва мо нисбат ба ҳар каси дигар ба ин вазифа авалавият дорем ва баъзе аз Ансор гуфтанд: Балки мо мустаҳиққи хилофат аз ҳазрати Расули Худо (с) ҳастем. Ва иддае гуфтанд, ки як халифа аз муҳоҷирин ва як халифа ҳам аз Ансор бошад, ба хотири он ки вақте ҳазрати Расули Худо (с) касе аз шумо муҳоҷиринро ба ҷое мефиристод, як тан аз Ансорро низ бо вай ҳамроҳ месохт. Ва ин мушоҷара ва кашмакаш дар вақте сурат гирифт, ки ҷасади мутаҳҳари Расули акрам (с) ҳанӯз дар миёнашон вуҷуд дошт ва дафн нашудааст ва наздик буд, ки бар сари интихоби ҷонишини вай фитнаи бузурге барпо гардад. Дар чунин фурсат лозим дошт, то қавли файсалакун ва мустадил вуҷуд дошта бошад, ки дар рушноии Қуръон ва ҳидоёти зиндагисозаш қазияро ҳал созад ва фитнаро хомӯш кунад. Ин ҷост, ки Зайд аз миёни мардум сар мекашад ва бо як қавл қазияро ҳал мекунад. Вай ба мардум ва қавми худ мегӯяд: Эй ҷамъи Ансор, ҳазрати Расули Худо (с) аз ҷумлаи муҳоҷирин буд ва бояд халифаи вай аз ҷумлаи муҳоҷирин бошад ва мо дар он вақт аз ансори вай будем ва бояд акнун аз ансор халифаи вай ва ҳамкороне, ки вайро дар ҳақ ёрӣ диҳанд, низ бошем. Он гоҳ дасти худ ба сӯи ҳазрати Абубакри Сиддиқ дароз намуд ва гуфт: Ин халифаи шумост, ба вай байъат кунед.

Зайд ибни Собит ба фазли Қуръони карим ва фаҳми вай дар ин бора ва ба фазли мулозамати тӯлонӣ, ки бо ҳазрати Расули Худо (с) дошт, манорае буд, ки мусалмонон дар рӯшноии он гом бармедоштанд, хулафои мусалмонон дар ҳоли мушкилоташон ба вай рӯ меоварданд ва мардуми омма дар ҳалли масоилашон аз вай фатво мегирифтанд ва бахусус дар илми мерос ба вай руҷуъ мекарданд, чун дар он вақт ҳеҷ кас ба андозаи вай дар илми мерос ва тариқи тақсими он намерасид.

Ҳазрати Умар (р) рӯзе дар Ҷобия баёнияе эрод намуд ва гуфт: Эй мардум, агар кассе хоҳад, ки дар бораи Қуръон савол кунад, ба назди Зайд ибни Собит биравад ва агар касе бихоҳад, дар фиқҳ савол кунад, назди Муъоз ибни Ҷабал биравад ва агар касе бихоҳад, дар бораи пул ва матоъ савол кунад, назди ман биёяд, ба хотири он ки Худованд маро мутавалӣ ва тақсимкунандаи умури молӣ сохтааст.

Омӯзгорон ва толибони илм чи аз саҳоба ва чи тобеъин қадру манзалати Зайд ибни Собитро шинохта буданд ва мақоми илмии ӯро гиромӣ медонистанд.

Рӯзе Абдуллоҳ ибни Аббос Зайд ибни Собитро дид, ки дар баробари маркабаш истода ва қасди савор шудани он дорад, дар баробараш истод ва рикобаш баргирифт, то савор шавад ва лаҷоми маркабашро ба дасти дигари худ гирифт. Зайд ибни Собит ба вай гуфт: Эй амузодаи ҳазрати Расули Худо (с), ин корро макун.

Ҳазрати Ибни Аббос гуфт: Бар мо амр шудааст, ки бояд уламои худро чунин икром намоем.

Зайд ба вай гуфт: Дастатро ба ман нишон деҳ. Абдуллоҳ ибни Аббос дасти худро кашид ва ба вай дароз намуд. Зайд худро хам кард ва дасти вай бигрифт ва бибӯсид ва гуфт: Ба мо чунин амр шудааст, ки бо аҳли байти Паёмбари Худо бояд чунин кунем.

Вақте Зайд ибни Собит ба ҷивори раҳмати Парвардигораш пайваст, мусалмонон ба марги илм, ки ҳамроҳ бо вай дафн гардид, мотам гирифтанд ва ба фироқаш сахт гиристанд. Ҳазрати Абуҳурайра гуфт: Донишманди мутабаҳири ин уммат вафот ёфт, шояд Аллоҳ таъоло Ибни Аббосро ҷонишини вай созад. Ҳассон ибни Собит шоири забардасти ҳазрати Расули Худо (с) дар марсияи вай ва худаш шеъри ҳазин гуфт. Баъд аз Ҳассон ва фарзандаш чӣ касе истеъдоди шеър гуфтан дорад ва баъд аз Зайд ибни Собит чӣ касе метавонад, ки ба мафоҳим пай бибарад...

## РАБЕЪА ИБНИ КАЪБ

Рабеъа ибни Каъб гуфт: Вақте нури имон дар қалбам тобид ва вақте дилам ба мафоҳими Ислом ошно шуд, ман ҷавони навраста будам. Вақте аввалин бор чашмонам ба дидори ҳазрати Расули Худо (с) мунаввар гардид, ӯро чунон дӯст доштам, ки дар узве аз аъзои баданам ҷо дошт. Чунон шефтаи ӯ шудам, ки маро аз ёди ҳама чиз бурд.

Рӯзе бо худ гуфтам: Эй Рабеъа, чаро ба худ тараҳҳум намекунӣ? Чаро худро ба хидмати ҳазрати Расули Худо (с) фориғ намесозӣ? Ту ҳатман худро ба вай тақдим намо. Агар туро пазируфт, ин чи беҳтар, ки бо қурби вай саодат ёбӣ ва бо муҳаббаташ сарафроз гардӣ ва хайри дунё ва охиратро касб кунӣ. Баъд дере нагузашта, ки худро бар он ҳазрат (с) тақдим намудам ва аз вай тақозо кардам, ки маро ба хидмати худ бипазирад.

Вай орзуямро ба яъс ҷавоб надод ва маро ба сифати хидматгори худ пазируфт ва аз он рӯз сар карда худро дар хидмати вай чунон доштам, ки наздиктар аз сояаш бо вай мулозамат доштам. Ҳар ҷое, ки мерафт ва ҳар ҷое, ки сайр мекард, аз паи вай равон будам. Агар ба гӯшаи чашм ба ман менигарист, фавран дар пеши рӯяш меистодам ва агар ҳоҷатеро мехост, фавран барои рафъи он мешитофтам. Ман рӯзро комилан дар хидмати вай сипарӣ мекардам. Вақте рӯз ба поён мерасид ва намози хуфтанро мехонд ва ба хобгоҳи худ бармегашт, ман низ аз ҳузури вай мураххас мешудам.

Аммо бо худ мегуфтам: Эй Рабеъа, ту ба куҷо меравӣ? Мешавад, ки дар шаб барои ҳазрати Расули Худо (с) зарурате пайдо шавад. Бинобар ин, тасмим гирифтам, ки бар остонаи дараш биншинам ва лаҳзае худро аз даргаҳаш дур надорам.

Ҳазрати Расули Худо (с) одат дошт, ки шаби худро ба ибодат ба сар мерасонд. Чӣ бисёр вайро шунидаам, ки сураи Фотеҳаро мехонд ва онро то бахше аз шаб такрор мекард, то он ки хаста мешуд, ӯро мегузошт ва ё хоб бар чашмонам муставлӣ мешуд, ба хоб мерафтам ва чӣ басо ӯро шунидаам, ки самиъаллоҳи лиман ҳамида мегуфт ва онро чунон такрор мекард, ки аз такрори сураи Фотеҳа бештар мешуд.

Ҳазрати Расули Худо (с) одат дошт, ки ҳеҷ як барои вай эҳсон намекард, магар он ки вайро подоши беҳтар аз эҳсонаш медод. Бинобар ин, вай тасмим гирифт, ки дар бадали хидмате, ки ба вай кардам, ба ман подош бидиҳад. Лизо рӯ ба ман намуд ва гуфт: Эй Рабеъа ибни Каъб. Гуфтам: Бале, эй Расули Худо (с), ба хидматат истодаам ва Худованд саодати бештар насибат фармояд. Гуфт: Аз ман чизе савол кун, то бароят бидиҳам. Андаке фикр кардам ва баъд гуфтам: Эй Расули Худо (с), ба ман фурсат деҳ, то перомуни талаби хеш хуб фикр кунам ва баъд бароят хоҳам гуфт. Фармуд: Бар ту боке нест. Ман дар он рӯз ҷавони фақир ва бебизоате будам. На аҳл доштам ва на хона ва на мол ва на зиндагӣ ва маскане. Балки дар суффае, ки ғарибону ва фуқаро дар он ҷамъ мешуданд, мерафтам ва дар он дароз мекашидам ва мардуми мо ҷамъе фақиронро меҳмони Ислом мехонданд. Агар кадом мусалмон хайрот ва садақа ба ҳазрати Расули Худо (с) меовард, вай ҳамаи онро барои мо мефиристод ва агар ҳадя ба вай такдим медошт, андаки онро мегирифт ва боқиро ба мо равон мекард. Дилам гуфт, ки бояд аз ҳазрати Расули Худо (с) молу матоъ ва зиндагии дунёро талаб кунам, чун ранҷи факр ва нодорӣ кашида будам, то аз он худро халос карда, мисли дигарон соҳиби зану фарзанд ва хонаву зиндагӣ бошам. Аммо дере нагузашта бо худ гуфтам: Эй Рабеъа, ҳалок шавӣ, дунё зоил шуданӣ аст ва дар ин дунё Худованд кафили ризқу рӯзии туст ва ҳатман он чи, ки муқаддар аст, бароят омаданӣ аст. Ҳазрати Расули Худо (с) назди Парвардигораш чунон мақом ва манзалат дорад, ки дуояш рад намешавад ва Худованд ҳатман дуояшро иҷобат мекунад. Пас биё аз вай чизеро талаб кун, ки

ба хайри охирати ту тамом шавад ва ҳамин матлаб ба дилам писанд омад ва ба он дилам ором гирифт.

Баъд ба ҳузури ҳазрати Расули Худо (с) омадам. Ба ман гуфт: Эй Рабеъа, чӣ гуфтанӣ дорӣ?

Гуфтам: Эй Расули Худо (с), аз Аллоҳ таъоло бихоҳ, ки маро дар охират дар биҳишт бо ту ҳамроҳ созад.

Фармуд: Чӣ кас ин таълимро ба ту ёд дод ?

Гуфтам: Қасам ба Аллоҳ, ки ҳеҷ кас маро ин ҳарф таълим надодааст. Аммо вақте ҷаноби шумо бар ман гуфтед, ки бихоҳ, то бароят бидиҳам, нафсам бар ман гуфт, ки бояд аз молу зиндагии дунё аз ту чизе бихоҳам. Аммо дере нагузашт, ки роҳи савобро ёфтам ва чизи боқиро бар фонӣ тарҷеҳ додам. Ҳамон буд, ки аз ҷаноби шумо хостам, ки аз Худованд бихоҳед, ки маро бо худ дар биҳишт ҳамроҳ созад. Ҳазрати Расули Худо (с) бисёр сукути тӯлонӣ намуд ва гуфт: Эй Рабеъа, оё ғайр аз ин дигар ҳоҷате ҳам надорӣ?

Гуфтам: На, ҳаргиз, ҳеҷ чизеро ба он чи, ки аз шумо хостам, баробар намекунам.

Фармуд: Вақте мавзӯъ аз ин қарор бошад, пас нафси худро ба касрати суҷуд одат бидеҳ.

Ҳамон буд, ки дар ибодат сахт мекӯшидам, то шарафи ҳамроҳи ҳазрати Расули Худо (с)-ро дар биҳишт касб кунам, ҳамон тавре, ки дар дунё шарафи сӯҳбат ва хидмати вайро касб намудам. Баъд аз ин кор дере нагузашт, ки Расули Худо (с) маро фарёд кард ва гуфт: Эй Рабеъа, зан намегирӣ?

Гуфтам: Эй Расули Худо (с), намехоҳам, ки чизе маро аз хидмати ту ба худ машғул созад. Дигар ин ки ман чизе надорам, ки маҳр бидиҳам ва на чизе дорам, ки аз ӯҳдаи нафақааш бароям. Аз шунидани ин ҳарфҳоям сукут кард. Боз бори дуввум маро дид ва гуфт: Эй Рабиъа, зан намегирӣ? Боз ҳамон ҷавоби қаблии худро додам, аммо ҳамин ки бо худ танҳо мондам, аз гуфтаи худ пушаймон гардидам ва бо худ гуфтам: Эй Рабеъа, туро чӣ шудааст ? Қасам ба Худо, Паёмбар ба ҳоли ту ва маслиҳати ту хубтар медонад, ки чӣ чиз ба хайри дину дунёи туст ва ба зарурате, ки ту дар нафси худ дорӣ,

беҳтар аз худат медонад. Қасам ба Худо, агар Паёмбар ин бор аз ман бихоҳад, ки издивоҷ мекунам, ҳатман фармудаашро мепазирам. Аз ин тасмим вақти зиёде сипарӣ нашуда буд, ки ҳазрати Паёмбар (с) ба ман фармуд: Эй Рабеъа, оё намехоҳӣ издивоҷ кунӣ?

Гуфтам: Бале, эй Расули Худо (с), мехоҳам, аммо чӣ касе ба ман зан медиҳад ва ту худ медонӣ, ки ман дар чӣ ҳолате ба сар мебарам.

Фармуд: Назди оли фалон бирав ва барояш бигӯ, ки Расули Худо (с) ба шумо амр намудааст, ки дӯшизаатон фалонаро ба ҳамсарии ман диҳед. Бо шарму ҳаё наздашон рафтам ва бароящон гуфтам, ки ҳазрати Расули Худо (с) маро назди шумо фиристод, то дӯшизаатон фалонаро ба ҳамсарии ман диҳед.

Гуфтанд: Фалонаро?

Гуфтам: Бале.

Гуфтанд: Хуш омад Расули Худо (с) ва хуш омад фиристодаи Расули Худо (с).

Қасам ба Худо, фиристодаи Расули Худо (с) дасти холӣ барнахоҳад гашт, магар он ки зарурати вай бароварда созам. Ҳамон буд, ки ақди никоҳи дӯшизаашонро бо ман бастанд. Баъд назди ҳазрати Расули Худо (с) баргаштам ва ба ӯ гуфтам: Эй Расули Худо (с), ман аз назди беҳтарин хонавода омадам. Ҳарфамро тасдиқ карданд ва маро хушомадед гуфтанд ва духтарашонро дар ақдам дароварданд. Аммо акнун аз куҷо ба ишон маҳр бипардозам ?

Баъд ҳазрати Расули Худо (с) Бурайда ибни Ҳусайбро, ки сардоре аз сардорони қавми бани Аслам буд, ба ҳузур хост ва бароящ гуфт: Эй Бурайда, барои Рабеъа ба андозаи як дона тилло ҷамъ кун. Ҳамон буд, ки тиллоро ҷамъ карданд. Ҳазрати Расули Худо (с) гуфт: Ин миқдор тиллоро бигир ва ба ишон бибар ва ба онҳо бигӯ, ки ин маҳри духтари шумост. Ман чунин кардам ва назди ишон рафтам ва онро ба онҳо додам. Ишон пазируфтанд ва ба он розӣ шуданд ва гуфтанд: Ин чизи бисёр аст ва хуб аст.

Баъд ба ҳузури ҳазрати расулуллоҳ рафтам ва гуфтам: Ман ҳаргиз мардумеро каримтар ва шарифтар аз инҳо надидаам, ба он чи, ки ба онҳо додам, ба вуҷуди кам будани он розӣ шуданд ва гуфтанд: Бисёр ва хуб аст. Аммо тӯи вайро аз куҷо кунам эй Расули Худо (с)? Ҳазрати расулуллоҳ ба Бурайда гуфт: Барои Рабеъа қимати як гӯсфандро ҷамъ кунед. Ҳамон буд, ки як гӯсфанди хуби чоқ ва фарбеҳро бароям харидорӣ карданд.

Ҳазрати расулуллоҳ ба ман гуфт: Назди Оиша бирав ва ба ӯ бигӯ, он чи ҷаве, ки назди худ дорад, онро бароят бидиҳад. Назди вай омадам ва гуфт: Каҷоваро бигир ва дар ин ҳафт соъ ҷав аст. Қасам ба Худо, ғайр аз ин дигар чизе надорем.

Ҳамон буд, ки гӯсфанд ва ҷавро гирифта, ба аҳли ҳамсарам бурдам, ишонро гуфтанд: Ҷавро мо худ омода месозем. Аммо гӯсфандро ба ёрони худ бидеҳ, ки онҳо онро бароят омода созанд. Баъд ман ва касоне аз қабилаи бани Аслам гӯсфандро гирифта, забҳ кардем ва онро пӯст намуда, пухта кардем ва ба ин тартиб, гӯшт ва нон омода шуд ва валимаро тартиб додем ва ҳазрати расулуллоҳро даъват намудем ва вай иҷобат фармуд ва ба он ҳузур ёфт.

Рӯзҳое чанде бигзашт ва ҳазрати Расули Худо (с) заминеро дар ҷивори замини ҳазрати Абубакр бароям бахшид ва дунё бароям рӯй овард, то он ҷо, ки рӯзе ман ба ҳазрати Абубакри Сиддиқ бар сари дарахти хурмо бо вай ихтилоф намудем. Ман гуфтам, ки ин дарахт дар замини ман қарор дорад ва вай гуфт: На, ин дарахт дар замини ман қарор дорад ва ба ин тартиб, бо ҳам мунозаъа кардем ва вай бо ман ҳарфе гуфт, ки маро хуш наёмад ва бар ман сахт тамом шуд. Вақте ин ҳарфи нописанд аз даҳонаш берун шуд, дере нагузашт, ки пушаймон гардид ва гуфт: Эй Рабеъа, ин калимаи нописанде, ки бароят гуфтам, назири онро бароям бигӯ, то қасоси каломи ман шуда бошад. Гуфтам: Қасам ба Худо, ки чунин намекунам.

Гуфт: Агар чунин накунӣ, ба ҳузури Расули акрам (с) меравам ва аз ту дар ин хусус шикоят мекунам, ки аз гирифтани қасоси худ аз ман худдорӣ мекунад.

Вай аз паи ҳазрати Расули Худо (с) ба роҳ афтод ва ман низ аз қафояш ба роҳ афтодам. Қавми ман низ маро дида, аз ақиб равон шуданд ва гуфтанд: Ин худ ибтидоан ба ту носазо гуфт ва ҳоло пеш аз ту худро ба ҳузури ҳазрати расулуллоҳ мерасонад ва аз ту шикоят мебарад. Ба онҳо рӯй гардонидам ва гуфтам: Медонед, ки ин чӣ касе аст? Ин шахс Абубакри Сиддиқ аст. Соҳиби шахсияти бузургвор дар миёни мусалмонон. Пеш аз он ки шуморо бубинад, ба ҷои худ баргардед ва гумон хоҳад кард, ки шумо ба хотири пуштибонӣ аз ман омадаед ва хашмгин хоҳад шуд ва он гоҳ ба ҳузури Расули Худо (с) меравад ва ҳазрати Расули Худо (с) низ ба хотири вай ғазаб хоҳад кард ва он вақт аст, ки Рабеъа ҳалок хоҳад шуд.

Ҳамон буд, ки ишон баргаштанд. Баъд ҳазрати Абубакри Сиддиқ ба ҳузури ҳазрати Расули Худо (с) омад ва ӯро аз ҷараён огоҳ сохт. Ҳазрати Расули акрам (с) сарашро ба сӯям баланд кард ва гуфт: Эй Рабеъа, туро ба Абубакри Сиддиқ чӣ ғараз аст?

Гуфтам: Эй Расули Худо (с), вай аз ман чунон тақозо намуд, ки ҳаферо, ки худ гуфтааст, барояш бигӯям ва ман чунин накардам.

Фармуд: Бале, он чи ки бароят гуфтааст, барояш магӯ, валекин барояш бигӯ, ки эй Абубакр, Худованд туро бибахшад.

Баъд барояш гуфтам: Худованд туро бибахшояд.

Ҳазрати Абубакр дар ҳоле, ки ашк аз чашмонаш ҷорӣ буд ва ба роҳи худ равон шуд ва ба ман гуфт: Эй Рабеъа, Худованд аз тарафи ман барои ту подоши нек ато фармояд. Эй Рабеъа, Худованд аз тарафи ман барои ту подоши нек ато фармояд...

## АБУЛЪОС ИБНИ РАБЕЪ

Абулъос ибни Рабеъи Абшамӣ (мансуб ва Абдушшамси) Қурайшӣ, ҷавони зебо ва навраста ва бошукӯҳ, ки нозу неъмати сояи худ бар вай густурда, ва ҳасабу ва асолати ридои худ бар вай паҳн карда буд. Ӯ намуна аз қаҳрамонии арабият бо ҳама хусусиятҳои аз обои ва сарбаландии он буд ва осори аз наҷобат ва ашрофият, мардонагӣ ва вафо дар симояш медурахшид ва алоиматҳо аз сарфарозӣ ба мероси обоӣ ва аҷдодӣ дар вай намоён буд.

Вай алоқа ва муҳаббати фаровон ба тиҷорат дошт ва ин шуғлро аз Қурайш ба мерос бурда буд. Қурайш, ки дар ду фасл (Реҳлаташ – шитои вассайф) – замистону тобистон - корвони худро ба мақсади тиҷорат ба сӯи Яман ва Шом мефиристод. Аз ин рӯ корвони вай ҳамеша дар рафту омади миёни Макка ва Шом буд. Корвони вай иборат аз сад шутур ва дусад нафар буд, ва мардум амволи худро бо мақсади тиҷорат, илова бар амволе, ки худ дошт, ба хотири кордонӣ ва сидқ ва амонатдориаш ба вай месупуранд.

Хадиҷа духтари Хувайлид ҳамсари ҳазрати Муҳаммад (с.) ӯро ба мисли фарзандаш дӯст медошт ва қадр ва манзалаташ бартар медошт ва дар қалби худ муҳаббаташро ҷо дода буд, ва муҳаббати Муҳаммад ибни Абдуллоҳҳ нисбат ба Абулъос ибни Рабеъ камтар аз муҳаббати Хадиҷа набуд.

Солҳо ба суръат сипарӣ шуд ва рӯзҳо гузашт, ва Зайнаб бузургтарин духтари Муҳаммади ҷавон шуд ва қадафрошта гардид ва чун гулғунча аз миёни баргҳои гул бишкуфт. Фарзандони сарон ва бузургони номии Макка ба ин гулғунча чашм кушоданд, то ӯро ба гулистони зиндагии хеш бираранд. Чаро чашмҳо ба сӯи вай кушода нагардад, оё Зайнаб аз

духтарони Асил ва ашрофзодагони ин муҳит нест? Оё каси дигаре ҳам ба андозаи падару модари вай асолати бартар дорад? Ва оё беҳтар аз Зайнаб духтари боодоб ва ботамкин метавон ёфт? Аммо маҳол аст, ки соири ашрофзодагон битавонанд ба ин гули навраста даст ёбанд, чун писари холааш Абулъос ибни Рабеъ дар миёни вай ва онҳо ҳоил воқеъ шудааст.

Аз издивоҷ ва ҳамсарии Зайнаб духтари Муҳаммад ба Абулъос чанд соли маҳдуд сипарӣ нашуда буд, ки сарзамини Макка бо нури нубувват рӯшанӣ ёфт ва шамъи ҳидоят дар гӯшаву канори он фурӯзон гашт, ва Худованд Паёмбари гиромиаш ҳазрати Муҳаммад (с.)-ро ба вазифааи рисолат фиристод, то дини Исломро дар миёни мардум нашр кунад, ва ба вай дастур дод, ки нахуст бояд даъватро аз наздикони худ шурӯъ намояд. Бинобарин, аввалин касе, ки аз занон ба вай имон овард ҳамсар ва ёри зиндагиаш Хадиҷа ва духтаронаш Зайнаб ва Руқай ва Умми Кулсум ва Фотима буд, бо вуҷуди он, ки Фотима дар он вакт духтари хурдсол буд.

Магар он, ки домодаш Абулъос написандид, ки дини бобову аҷдодашро тарк гӯяд, ва аз он ибо варзид, ки чун ҳамсараш Зайнаб мусалмон шавад, бо вуҷуди он, ки вай Зайнабро аз таҳти дил дӯст медошт ва ба вай муҳаббати фаровон дошт.

Вақте кашМаккаш миёни ҳазрати Паёмбар (с.) ва Қӯрайш боло гирифт, қурайшиён миёни ҳам гуфтанд: Медонед, ки шумо ба Муҳаммад чи хуш хидмате намудаед... Шумо бо никоҳ гирифтани духтаронаш ба фарзандонатон бори вайро сабук сохтед ва ғаму андуҳи вай зудудед. Агар шумо духтаронашро ба худаш вогузоред, ба корҳои духтарони худ машғул мешавад ва бароИ ин ҳарфҳое, ки бо мову шумо дорад, фурсат нахоҳад ёфт...

Гуфтанд: Назари хубе аст ва комилан баҷост. Ва он гоҳ назди Абулъос рафта ва ба ӯ гуфтанд: Эй Абулъос, аз ин ҳамсари худ ҷудо шав ва ӯро ба падараш бифирист ва мо беҳтарини зани Қурайшро, ки бихоҳӣ, ба ақди ту медарорем.

Абулъос гуфт: На, ҳаргиз, чунон нахоҳам кард. Ман ӯро ба тамоми занони дунё баробар намекунам. Аммо ду духтари дигараш Руқай ва Умми Кулсумро талоқ дода ва ба хонаи падараш фиристоданд. Ҳазрати Расули Худо аз талоқ додан ва баргардонидани он ду ба хонаи падарашон сахт хушҳол ва масрур шуд, ва орзуи он намуд, ки кош Абулъос чунин намояд, магар он ки вай чораи он надошт, ки вайро ба анҷоми чунин коре маҷбур созад ва аз сӯи дигар дар он вақт издивоҷи зани мӯъмина бо марди мушрик ҳаром нашуда буд.

Вақте Ҳазрати Расули Худо (с.) ба Мадина ҳиҷрат намуд ва кораш дар он ҷо боло гирифт, ва Қурайш ба ҷанги Бадр рафт, Абулъос низ маҷбур шуд, ки онҳоро дар ин ҷанг ҳамроҳӣ кунад. Ҳарчанд, ки вайро ба қитол ва ҷанг бо Мусалмонон рағбати чандон набуд ва на орзуи он дошт, ки дар ин ҷанг садама ва зарба бар мусалмонон ворид гардад. Аммо мақом ва манзалаташ дар миёни мардум сабаби он гардид, то ба ишон ҳамгом гардад ва иҷборан аз паи онҳо биравад. Ҷанги Бадр низ ба пирӯзии мусалмонон ва шикасту расвоии мушрикон ва сардорони Қурайш анҷомид. Дар ин ҷанг қомати тоғутҳо бишикаст ва ҷабин истикбор ба хоки зиллат соида шуд. Иддае кушта ва таифае захмин ва ҷамъе асир гаштанд ва бархе ҳам ҷони худ гирифта ва роҳи гурез дар пеш гирифтанд.

Дар миёни ҷамъи асирон Абулъос ҳамсари Зайнаб духтари Муҳаммад (с.) низ шомил буд.

Ҳазрати Расулуллоҳ (с.) бар асирон лозим гардонид, ки бо пардохти фидя худро озод созанд ва андозаи фидя аз чаҳорсад дирҳам то чаҳор ҳазор дирҳам муқарра гардид, ки бо дарназардошти бизоъати ҳар касс онро лозим мегардониданд.

Намояндагони қурайш миёни Макка ва Мадина рафту омад доштанд ва дар хусуси асирон ҳар кадом фидяе бо худ гирифта ба Мадина меомаданд, то бо пардохти он асири худро раҳо созанд.

Зайнаб низ намояндаи худро ҳамроҳ бо фидя ба Мадина фиристод то шавҳараш Абулъосро аз асорат озод кунад лизо

тавқи зеваре, ки модараш дар шаби зифофаш ба вай тӯҳфа намуда буд, ба дасти фиристодаи худ ирсол дошт. Вақте Ҳазрати Расулуллоҳ (с.) ин тавқи зевар дид, сахт нороҳат шуд ва осори ҳузну андӯҳи шадиде дар симои муборакаш намудор гардид ва дилаш ба ёди духтари маҳбубаш Зайнаб сӯхт. Баъд рӯ ба асҳоби худ намуд ва гуфт: Зайнаб ин тавқи зеварро бо мақсади раҳоии Абулъос фиристодааст, агар лозим бубинед, ки ӯро озод созед ва ин гарданбандро дубора ба вай бифиристед, беҳтар хоҳад шуд. Гуфтанд: Эй Расули Худо (с.) чунин мекунем то хотири муборак хушнуд гардад.

Магар он, ки ҳазрати Расули Худо (с.) бар Абулъос шарт гузошт, ки ба муҷарради расидан ба Макка Зайнабро бидуни даранг ба Мадина бифиристад.

Вақте Абулъос ба Макка расид, бидуни даранг ба вафои аҳди хештан пардохт ва ҳамсараш Зайнабро амр кард, ки бору банди сафари худро муҳайё созад ва ба ӯ хабар дод, ки фиристодагони падараш дар хориҷ аз Макка интизории ӯро доранд. Ҳамон буд, ки тӯша ва маркаби вай баробар намуд ва бародари худ Амр ибни Рабеъро вазифа дод, ки ӯро то беруни Макка ҳамроҳӣ кунад ва ӯро ба дасти фиристодагони падараш таслим намояд ва баргардад.

Амр ибни Рабеъ камони худро ба кишф кард ва тирдони худро гирифт ва Зайнабро дар маҳмилаш нишонд ва дар рӯшноии рӯз ва пеши рӯи Қурайш дар ҳоле, ки ба вай тамошо мекарданд, берун шуд. Қурайшиён аз ин ҷуръати вай шуру ғавғо офариданд ва аз паи ӯ шуданд, то он, ки ӯро дар фосилаи на чандон дур аз Макка дарёфтанд ва Зайнабро сахт ҳаросон сохтанд ва таҳдид каданд.

Дар чунин фурсате Амр камони худро кашид ва бар он тир гузашт ва гуфт: Қасам ба Худо, агар ҳар касе пеш ояд, ба ин тир дар гулӯяш хоҳам зад. Вай он қадар дар тирандозӣ маҳорат дошт, ки ҳеҷ тири вай хато намерафт. Абусуфён ибни Ҳарб ба вай наздик шуд ва гуфт: Эй бародарзода, тиратро аз мо дур дор то ҳарфе бо ту гӯем. Ҳамон буд, ки аз тир андохтан

ба сӯи ишон худдори намуд. Он гоҳ ба вай гуфт: Ту кори хуб накардӣ…

Ту Зайнабро дар миёни ҷамъи мардум ошкоро ва бидуни дар назардошти хотири мо гирифт ва ба роҳ афтодӣ…

Ва арабҳо ҳама медонанд, ки дар рӯзи Бадр чи мусибати бузурге тавассути Муҳаммад падари ин зан домангири мо шуда буд. Агар ту духтари вайро ошкор гирифта ва аз пеши рӯи мо мебарӣ, мардум ва қабилаҳо ҳама моро ба ҷубн ва буздилӣ, зиллат ва пастӣ муттаҳам менамоянд ва аз шаъну шавкати мо мекоҳанд. Бинобарин, ӯро гирифта бар гард ва ӯро чанд рӯзе назди шавҳараш нигоҳ дор, то арабҳо бигӯян, ки мо будем ӯро баргардонидем ва баъд оҳиста ӯро гирифта ва берун шав ва ӯро ба падараш бирасон ва мо ба нигаҳдошти вай дар ин ҷо ниёзе надорем.

Амр бо ин пешниҳод мувофақа кард ва Зайнабро гирифта баргашт. Баъд дере нагузашта бо сипари шудани чанд шаби маҳдуд ӯро шабҳангом гирифта ва аз Макка берун шуд ва мутобиқи дастури бародараш дасташро ба дасти фиристодагони падараш таслим намуд.

Абулъос баъд аз фироқи ҳамсараш муддати замоне дар Макка зиндагӣ намуд, то он, ки андак қабл аз фатҳи Макка бо мақсади тиҷорат ба Шом рафт. Вақте ба сӯи Макка баргашт намуд дар ҳоле, ки корвонаш, ки дар он сад шутур ҳамроҳи беш аз саду ҳафтод нафар бо вай буд дар роҳ дар надики Мадина бо посбонони Ҳазрати Расули Худо (с.) рӯ ба рӯ шуд. Посбонон ва дастаҳои амалиётӣ ин корвонро ганимат гирифтанд ва мардонашро ба асорати худ даровარданд. Аммо Абулъос худро аз дасти онҳо наҷот дод ва посбонон натавонистанд ба вай даст ёбанд.

Вақте шаб фаро расид Абулъос бо истифода аз торикии шаб бо тарсу хавфи зиёде дохили Мадина шуд ва худро ба Зайнаб расонд ва аз вай паноҳ ва ҳақи ҷивор хост. Ҳамон буд, ки Зайнаб вайро паноҳ дод…

Вақте ҳазрати Расули Худо (с.) барои намози бомдод баромад ва дар меҳроб қарор гирифт ва такбири эҳром бигуфт

ва мардум низ ба такбири вай такбир гуфтанд, Зайнаб аз сафи занон бо садои баланд фарёд зад ва гуфт: Эй мардум, ман Зайнаб духтари Муҳаммад ҳастам, ман Абулъосро паноҳ додам, пас вайро паноҳ диҳед. Вақте ҳазрати Расули Худо (с.) намозро салом дод, рӯ ба сӯи мардум намуд ва гуфт: Оё ин ҳарф, ки ман шунидам шумо шунидед?!

Ғуфтанд: Бале шунидем Эй Расули Худжо !

Фармуд: Қасам ба зоте, ки ҷонам дар дасти вай аст, ман аз ин амри вай ҳеҷ иттилоъе надоштам, то он, ки ин ҳарф, ки шумо шунидед ва ман шунидам ва ҳақиқат ин аст, ки аз мусалмонон табақаи коинашон низ паноҳ дода метавонанд. Баъд ба сӯи хонааш рафт ва ба духтараш гуфт: Абулъосро гиромӣ дор ва бидон, ки ту барои вай ҳалол нестӣ. Баъд мардони дастаҳои амалиётиро, ки корвонӣ вайро ба ғанимат гирифта ва касонашро асир гирифта буданд, ба ҳузур хост ва ба онҳо гуфт: Шумо ҳамон тавре, ки медонед, ин шахс аз худи мост ва моли вайро гирифтед, агар бо вай эҳсон кунед ва молашро ба вай диҳед, ин амрест, ки мо хушдори он ҳастем. Агар ин ҳарфро напазиред, ин мол ғанимат аст, ки Худованд онро насиби шумо гардонидааст ва шумо ба он сазовортаред.

Ишон гуфтанд: Балки молҳояшро ба вай бармегардонем эй Расули Худо.

Вақте Аьбулъос барои гирифтани молҳояш омад, ба вай гуфтанд: Эй Абулъос, ту марде аз ашрофи Қурайш ҳастӣ ва ту домоди ҳазрати Расули Худоӣ, оё майлу рағбати мусалмон шудан дорӣ, агар чунин кунӣ мо ин ҳама амволро бароят бармегардонем ва бо ин амволи аҳли Макка хушбахт шавӣ ва бо мо дар ин ҷо бимонӣ. Абулъос гуфт: Маро чи бад даъвате намудед, ки дини ҷадиди худро бо ғадр ва хиёнат оғоз кунам.

Абулъос корвон ва молҳояшро гирифта ба сӯи Макка ба роҳ афтод, вақте ба он ҷо расид, моли ҳар касро ба соҳибаш таслим намуд ва баъд гуфт: Эй ҷамъи Қурайш, оё аз шумо касе хоҳад буд, ки молаш назди ман бошад ва онро нагирифта бошад?

Гуфтанд: На хайр, Худованд туро подоши нек диҳад, мо туро марди амин ва бовафо ёфтаем.

Абулъос гуфт: Аммо ман ҳуқуқи шуморо бидуни каму кост ба ҷо намудам ва ҳоло шаҳодат медиҳам, ки Ло илоҳа иллалоҳу Муҳаммадун-расулуллоҳ. Қасам ба Худо, маро ҳеҷ амре аз Ислом овардан дар назди Мувҳуммад дар Мадина боз надошт магар ин гумон, ки бои слом овардани худ қасди хӯрдани моли шуморо дошта бошам.

Вақте Худованд ба ман тавфиқ бахшид, ки онро ба шумо боз гардонам ва зимаи худро аз он халос кунам, ҳоло мусалмон шудам.

Баъд аз Макка баромад то он ки ба ҳузури ҳазрати Расули Худо (с.) омад. Он Ҳазрат қудумашро гиромӣ дошт, ва ҳамсарашро дубора ба вай дод ва ҳамеша аз вай ёд менамуд ва мегуфт, бо ман сухан гуфт ва рост гуфт ва бо ман ваъда кард ва дар он вафо намуд.

## ОСИМ ИБНИ СОБИТ

Қурайш бо ҳама сару сози низомиаш ва бо ҳама сардорон ва ғуломонаш барои рӯёрӯии Муҳаммад ва пайравонаш ба қасди Уҳуд аз Макка берун шуд. Дилҳои ишон пур аз кина ва адоват шуда буд ва оташи интиқоми куштаҳояшон дар Бадр дар синаҳояшон забона мезад. Онҳо танҳо ба хуручи сарон ва гуломонашон иктифо накарда, балки ҳамроҳ бо худ занони мотамзадаро, ки наздикони худро дар Бадр аз даст дода буданд, гирифтанд, то мардонро бар қибатол ва ҷанг ташвиқ кунанд ва эҳсоси ҷангҷӯӣ ва қаҳрамониро дар онҳо биёфаранд ва азму тасмими онро дар ҳангоми заъф ва фурупошӣ қувват бахшанд ва аз фирор ва ақибнишинии онҳо ҷилавгирӣ намоянд.

Ва дар ҷумлаи ин занон, ки ба ин мақсад баромада будавнд, Ҳинд духтари Утба, ҳамсари Абусуфён ва Райта духтари Мунаббиҳ, ҳамсари Амр ибни Ос ва Сулофа духтари Саъд ҳамроҳ ба шавҳар ва се ферзандаш Мусофиъ ва Ҷуллос ва Килоб ва ғайра занон буд.

Вақте ин ду гурӯҳ дар Уҳуд бо ҳам рӯ ба рӯ шуданд ва оташи ҷанг барафрӯхта гардид, Ҳинд духтари Утба ҳамроҳ бо соири занон дар ақиби сафи ҷангҷӯён қарор гирифта ва бо навохтани дафҳо ва хондани сурудҳо ҷангҷӯёни худро ташвиқ менамуданд, онҳо дафҳои худро мезаданд ва ин сурудҳоро замзама мекарданд:

Яъне: Агар ба ҷанг рӯй оваред, ҳамдигарро дар оғӯш гирем, ва бистарҳоро ороста созем.

Агар пушт гардонед аз ҳам ҷудо мешавем, чунон ҷудо шудан, ки ҳамдигарро дӯст нагирем.

Ин суруди онҳо дар ниҳоди ҷангҷӯёнашон асари бас бузург ниҳод ва онҳоро ба гирифтани интиқом ва дифоъ аз асабияташон ташвиқ менамуд ва дар нафсҳои шавҳаронаш чун сеҳр асар мегузошт…

Ҷанг поён ёфт ва Қурайш ба пирӯзии қобили мулоҳаза даст ёфт. Ҳамон буд, ки занонашон дар ҳоле, ки масти пирӯзӣ буданд дар майдони набард сайр мекарданд ва бо сурудани таронаҳо фасод барпо сохта буданд, куштагонро мусла мекарданд, шикамҳояшонро медариданд, гӯшҳояшонро мебуриданд ва чашмҳояшонро берун мекашиданд. Хашми онон ба ҳаде расид, ки яке аз онон аз биниҳо ва гӯшҳои куштагон ҳамоил сохта ва ба гардан овехт ва худро ба он ороcт, то ба ин тариқ интиқоми падару бародар ва амаки худро, ки дар Бадр кушта шуда буданд, бигирад.

Аммо Сулофа духтари Саъд бар хилофи соири ҳамқаторони худ ҳолати дигаре дошт… Вай музтариб ва парешон ба назар мерасид ва интизори он дошт, ки шавҳараш ё яке аз фарзандони сегонааш ба назди вай бирасанд ва мисли соири ҳамқаторони хеш дар ин хушӣ ва сурури пирӯзӣ бо ишон ширкат кунад. Аммо ин интизории вай ба дарозо кашид ва абас рафт, лизо худ дохили майдони ҷанг шуд ва дар паи ҷустуҷӯи шавҳар ва фарзандонаш баромад ва дар чеҳраи ҳар як аз куштагон менигарист то гумшудаи худро дарёбад. Дере нагузашт, ки шавҳарашро дарёфт, ки оғушта ба хун ҷон додааст. Вақте вайро ба ин ҳолат дид чун саги девона ба ҳар сӯ медавид, то фарзандонаш ҳар як Мусофеъ ва Килоб ва Ҷуллосро дарёбад. Дере нагузашта буд, ки онҳоро дар майдони Уҳуд нақши бар замин ёфт, Мусофеъ ва Килоб мурда буданд ва аммо Ҷуллос ҳанӯз нафасе дошт ва дар хун метапид. Сулофа худро бар рӯи фарзандаш, ки бо марг даст ба гиребон буд андохт ва сарашро бар зонуи худ ниҳод ва шурӯъ ба пок кардани хунҳои рӯу даҳони вай намуд ва аз шиддати ҳавлу даҳшат ашк дар чашмонаш хушкида буд.

Баъд рӯ ба вай намуд ва гуфтт. Фарзандам чи кас туро ба хоку хун афканд? Хост, ки ҷавоб диҳад, вале талхии ҷон

кандан ӯро монеъ аз он шуд, ки битавонад ҷавоб диҳад. Боз бо исрор аз вай савол кард, ин бор бо сахтӣ ҷавоб дод ва гуфт: Осим ибни Собит маро ҳадафи шамшери худ қарор дод... Ва бародарам Мусофеъ ва ... ро низ аз по дар овард, баъд дере нагузашт, ки руҳ аз баданаш ҷудо шуд.

Сулофа духтари Саъд девонавор фарёд мекашид ва бетобона навҳа мекард ва ба Лоту Уззо қасам мехӯрд, ки то он, ки Қурайш интиқоми ӯро нагирад ва дар косаи сари Осим шароб ба сар накашад, дилаш ором нахоҳад гирифт ва ашк аз чашмонаш боз нахоҳад истод...

Баъд ба худ назр кард, ки ҳар касе, ки Осимро асир гирад ва ё вайро ба қатл расонад ва сари ӯро гирифта назди вай орад, ҳар андоза пуле, ки бихоҳад ба ӯ хоҳад бахшид.

Хабари назр кардани вай дар миёни Қурайш интишор ёфт ва аз он ба баъд ҳар ҷавоне аз ҷавонони Қурайш орзу мекард, ки кош ба вай даст ёбад ва сари ӯро гирифта назди Сулофа оварад то ин ҷоизаи бузург насибаш гардад.

Мусалмонон баъд аз воқеъаи Уҳуд ба Мадина баргаштанд ва аз ҳодисаҳо ва рӯйдодҳои ин ҷанг дар миёни худ сари суҳбатҳо кушуданд ва ба касоне, ки дар ин ҷанг шаҳодат ёфтанд аз Худованд барояшон раҳмат мехостанд, ва ба онҳое, ки аз худ қаҳрамонӣ ва шуҷоъат нишон доданд таҳсину офарин мегуфтанд ва дар ин ҷумла аз размоварии Осим ибни Собит низ ёдоварӣ намуданд ва ӯро рамзи шуҷоъату диловарӣ хонданд ва дар шигифт аз ин буданд, ки вай чи гуна тавнист се тан аз бародаронро аз як хона аз пой дароварад. Касе аз ишон гуфт: Оё ин амалкард аз вай шигифте дорад?! Оё ба ёд надоред, ки Ҳазрати Расули Худо (с.б.) вақте моро андак қабл аз ҷанги Бадр савол намуд, ки чи гуна меразмед? Осим ибни Собит аз ҷой бархост ва гуфт: Агар душман ба фосилаи сад метр аз ман дур бошад, ӯро бо тир ҳадаф қарор медиҳам...

Ва агар вақте ба фосила наздик шавад, ки найза ба вай мерасида бошад, бо найза бо вай меразмам, магар он, ки найзаҳо бишкананд, ки дар он сурат найзаро гузошта ва бо шамшер ба задани вай оғоз кунам...

Ҳазрати Расулуллоҳ (с.) фармуд: Ҷанг ба ин шева аст. Касе агар бихоҳад биразмад бояд ба шеваи Осим ибни Собит биразмад.

Аз воқеъаи Уҳуд муддати зиёд сипарӣ нашуда буд, ки ҳазрати Расули Худо (с.) шаш тан аз асҳоби бузургворро ба хотири амре аз умури хештан фиристод ва дар раъси онҳо Осим ибни Собитро қарор дод.

Ин ҷамъ аз асҳоби баргузидаи Ҳазрати Расули Худо (с.) барои иҷрои коре, ки ишонро ба он ҷиҳат фиристода буд, ба роҳ афтоданд. Ва дар асное, ки ишон дар бахше аз роҳи қариб ба Макка расиданд, ҷамоъае аз қабилаи Ҳузайл аз аҳволи ишон иттилоъ ёфтанд ва ба сӯи онҳо давиданд ва ба суръат худро ба онҳо расонида ва онҳоро дар муҳосараи шадиди худ қарор доданд. Осим ибни Собит ва ҳамраҳонаш шамшерҳои худро кашиданд ва худро барои мубориза бо ин ҷамъ, ки ишонро дар муҳосара қарор дода буд, омода сохтанд.

Ҳузайлиҳо ба онҳо гуфтанд: Шумо аз дасти мо роҳи халос надоред ва чораатон дар муҳосаро қарор доштан аст, ва қасам ба Худо агар шумо ба мо таслим шавед, мо ба шумо нияти баде надорем ва бароятон аҳду паймон медиҳем, ки осебе ба шумо намерасонем…

Асҳоби Расули Худо (с.) аз шунидани ин ҳарфи онон ба якдигар нигаристанд, гӯё чунон менамуд, ки ишон дар ин бора бо ҳам машвара мекарданд, ки чи бояд бикунанд… Осим рӯ ба ёрони худ намуд ва гуфт: Аммо ман ба аҳди мушрик таслим нахоҳам шуд ва баъд назри Сулофаро ба ёд овард ва шамшери худ берун кашид ва гуфт: Эй Парвардигори ман, аз дини ту дифоъ мекунам… Пас гушту устухонамро аз дастраси инҳо нигаҳ дор ва ҳеҷ як аз ин душманони худро бар ман зафар мадеҳ. Баъд ба сӯи ҳузайлиҳо ҳамла намуд ва ду тан аз ҳамроҳонаш низ бо ӯ дар ин ҳамла низ ширкат карданд ва пайваста меҷангиданд то он, ки яке паи дигаре ба замин афтоданд. Аммо бақияи ҳамроҳонаш худро ба асорат доданд. Дере нагузашт, ки бо ишон бо бадтарин ҳолат рафтор намуданд ва ба аҳди хештан хиёнат варзиданд.

Ҳузайлиҳо дар ибтидои амр намедонистанд, ки яке аз ин куштагон Осим ибни Собит аст. Вақте ин амрро донистанд сахт хушҳолу масрур шуданд ва чунон эҳсос намуданд, ки гӯё ишон ба ҷоизаи бузург даст ёфтанд.

Баъид набуд… Чун Сулофа духтари Саъд назр намуда буд, ки бояд дар косаи сари Осим шароб нӯшад. Ва назр намуда буд, ки ҳар касе мурда ва ё зиндаи Осимро ба вай биёварад моли, зиёдеро насиб хоҳад шуд.

Аз шаҳодати Осим чанд соъат беш сипарӣ нашуда буд, ки Қурайш дарёфтанд, ки вайро куштаанд, чун Хузайл дар наздикии Макка сукунат дошт. Бинобарин, Қурайш касонеро назди қотилони Осим фиристоданд, то сари ӯро барояшон ҳозир кунанд, то ба ин тартиб оташи хашми худ хомӯш созанд ва дили худро бар вай сард кунанд ва Сулофа духтари Саъд ба қасами худ вафо намояд, то он ки андаке аз алам ва ғамҳои фарзондонаш, ки ба дасти Осим ибни Собит кушта шудаанд бикоҳад… Ишон ҳамроҳ бо намояндагони миқдори зиёд пул фиристоданд ва ба онҳо амр намуданд, ки ин маблағро дар миёни ҳузайлиҳо дар баробари қатли Осим саховатмандона тақсим кунанд.

Ҳузайлиҳо тасмим гирифтанд, ки сар аз тани Осим ибни Собит ҷудо кунанд. Вақте бар соли ҷасади вай омаданд, ногаҳон бо сели занбурҳои ба занбури асал монанд рӯ ба рӯ шуданд, ки онҳоро аз наздик шудан ба ҷасади вай монеъ мешуд.

Вар ҳар вақте тасмим мегирифтанд, ки худро ба вай наздик созанд ҳама якбора ба онҳо барояшон ҳамла менамуданд ва аз ҳар ҷои бадани онҳо неш мезаданд. Ва ба ин тартиб ишон ба ҷудо кардани сари Осим аз тани вай муваффақ нашуданд.

Вақте аз ин талоши пайиҳами худ ноумед шуданд, бо якдигар гуфтанд, чун шаб фаро рассад, ин кор мушкилие надорад, чун шаб занбурҳо ба ҷоҳои худ мераванд ва дар торикӣ намеистанд, ӯро бигузоред то он ки шаб фаро расад.

Баъд ба интизори фаро расидани шаб нишастанд. Аммо ҳамин, ки рӯз сипарӣ шуд ва шаб фаро расид, осмонро абри

сиёҳе пӯшонид ва ғурриши раъду барқ оғоз ёфт ва чунон борон борад ва тӯфон бархест, ки пирмардони назири онро дар умри худ дар ин сарзамин надида буданд ва дере нагузашт, ки сел аз дарраҳо ва даштҳо сарозер гардид ва саросари минтақаро фаро гирифт.

Субҳ дамид ва Ҳузайл дар паи ҷустуҷӯи ҷасади Осим ибни Собит берун шуданд ва ба ҳар ҷо сар заданд, аммо ба асаре аз Осим пай набурданд, ба хотири он ки сел ҷасади вайро ба ҷое бурда буд, ки онҳоро ба он илм намуд.

Худованд дуъои Осимро иҷобат кард ва онҳоро аз дастёбӣ бар ҷасади вай боз дошт, ки ӯро мусла кунанд ва дар пеши рӯи душманон гузоранд. Ва сари мутаҳҳарашро нигаҳ дошт аз ин, ки дар косаи он шароб бинӯшад.

Ва мушрикинро қудрат набахшид, ки бар масулмонон дастболо шаванд.

## САФИЯ ДУХТАРИ АБДУЛМУТАЛЛИБ

Ин хонуми асилзода ва шариф кист, ки абармардон бо вай ҳазорон ҳисоб доранд?

Ин саҳобияи қаҳрамон ва ин аввалин зане, ки мушрикеро дар даврони Ислом ба қатл расонидааст кист?

Ин зани тасмимгирифта, ки аввалин бор қаҳрамониро дар домани худ парвандааст, то шамшери худро дар роҳи Худо аз ғилоф берун кунад, кист?

Ин зан Сафия, духтари Абдулмуталлиби Ҳошимии Қурайшӣ аммаи Ҳазрати Расули Худо (с.б.) аст.

Сафия духтари Абдулмуталлиб ҳама маҷду азаматро дар худ ҷамъ намудааст.

Падараш Абдулмуталлиб ибни Ҳошим бобои Ҳазрати Паёмбар (с.) аст.

Шавҳари аввалиаш Ҳорис ибни Ҳарб бародари Абусуфён ибни Ҳарб заъими бани Умайя аст, ки қаблан аз вай вафот намудааст.

Ва шавҳари дуввумии вай Аввом ибни Хувайлид бародари Хадиҷа бинти Хувайлид сайидаи хонумҳои Араб дар даврони ҷаҳилият ва аввалини уммаҳотул мӯъминин дар аҳди Ислом аст.

Фарзандаш Зубайр ибни Аввом ёру носири ҳазрат Расули Худо (с.) аст.

Оё баъд аз ин ҳама шарафу иззат, шараф хоҳад буд, ки дили одамӣ ба он сар кушояд ва тамаъи он кунад, ба ҷуз шарафи имон ва ақида?!

Шавҳараш Аввом ибни Ҳувайлид вафот ёфт ва барояш тифли хурдсол гузошт, ки ҳамоно Зубайр аст, Сафия ин тифлро дар муҳити аз хушунат ва сахтӣ калон кард ва парвариш дод

ва барои вай дарси диловарӣ ва шуҷоъат омӯхт ва ҳунари ҷанг ва мубориза таълим дод, бозичаашро нишонзанӣ ва тирсозӣ муқаррар кард.

Ӯро чунон омӯзонд, ки дар ҳар ҷое, ки аз он эҳсоси хатар кунад, тири худро ба он ҳадаф гирад ва вақте барояш намудор мешуд, ки аз амраш сарпечӣ мекунад ва ё дар задан дудила мешавад, худ сахт мезад, то он ҷо, ки Сафия аз тарафи яке аз амакҳояш мавриди итоб ва сарзаниш қарор гирифт ва ба ӯ гуфт: Тифлро набояд ба ин андоза лату куб кард.

Вақте Худованд Паёмбари худ (с.) ҳазрати Муҳаммад (с.)-ро ба дини ҳақ ва ҳидоят мабъус гардонд ва ӯро барои мардум башир ва назир фиристод, ба ӯ дастур дод, ки саравал даъватро аз наздикон ва хешовандони худ оғоз кунад. Ҳамон буд, ки ҳазрати Паёмбар (с.) занон ва мардон, бузургон ва хурдони қавми худро ҷамъ кард ва дар хитоб ба ишон гуфт: Эй Фатима духтари Муҳаммад, эй Сафия духтари Абдулмуталлиб, ва эй фарзандони Абдулмуталлиб, ман аз тарафи Худованд ба шумо чизе карда наметавонам.

Баъд онҳоро ба имон ба Аллоҳ даъват намуд ва ишонро ташвиқ кард, ки рисолати ӯро тасдиқ намоянд…

Иддае аз ин ҷамъ ба ин нури илоҳӣ рӯ оварданд ва онро пазируфтанд ва бархе аз он сар печиданд ва рӯ гардонданд, Сафия дар пешопеши он ҷамъи мӯъминон қарор дошт, ки паёми илоҳиро лаббайк гуфта ва рисолаташро тасдиқ намуда буданд. Дар чунин фурсате ҳама хусусиятҳои олӣ ва бартарӣ дар вуҷуди Сафия ҷамъ гардид, сиёдати ҳасаб ва иззати Ислом.

Сафия духтари Абдулмуталлиб ҳамроҳ бо фарзандаш Зубайр ибни Аввом ба ин қофилаи нур пайваст ва чун соири мусалмонон ранҷҳо ва таклифҳои Қурайш бидид ва туғён ва ҷабарути онҳоро бо дили кушод пазируфт. Вақте Худованд барои мӯъминон ва Паёмбараш иҷозаи ҳиҷрат ба Мадина дод, ин хонуми ҳошими табор Маккаро ба ҳама ёду будҳо ва хотироти ширинаш ва бо ҳама ифтихорот ва фазилатҳояш пушти сар ниҳод ва роҳи Мадина дар пеш гирифт ва ба сӯи Худо ва Паёмбараш ҳиҷрат намуд.

Бо вуҷуди он, ки ин бонуи номдор шаст соли умри худро пушти сар ниҳода буд, вале бо вуҷуди он дар саҳнаҳои ҷиҳод қаҳрамониҳои аҷибе нишон додааст, ки рамзи ифтихор ва намуна ва лугӯи шаҳомати занони мусалмонро нишон медиҳад ва таърих ба ин қаҳрамонӣ ва исори вай ба дидаи ҳайрат ва таъаҷҷуб менигарад, ки ҳамвора мадҳу ситоиш будааст. Ва мо дар поён фақат дар ду мавқиф аз мавоқифро, ки баёнгари шаҳомати вай аст, ёдовар мешавем, ки яке дар Уҳуд ва дигаре дар рӯзи Хандақ буда аст.

Қаҳрамонӣ ва шуҷоъаташ дар рӯз Уҳуд он буд, ки вай дар миёни ҷамъе аз занони ва мусалмон ба ҷиҳод берун шуд ва дар он ҷо ба об додани маҷруҳин ва муҷоҳидин ва оростани камонҳо ва тирҳо пардохт. Ва дар паҳлӯи ин вазифаҳо кори дигареро низ ба ӯҳда дошт ва он ин, ки саҳнаи набардро ба диққат зери назар дошт ва карру фарри ҷавлонзании тарафайнро назорат мекард... Ин амр аз вай шигифте надорад, чун бародарзодааш ҳазрати Расуллоҳ дар саҳнаи набард ҳузур дошт ва бародараш Ҳамза ибни Абдулмуталлиб низ саҳм гирифта буд. Ва фарзандаш Зубайр ибни Аввом ёру ёвари Ҳазрати Расули Худо (с.) буд... Ва илова бар ин ҳама ин ҷанг сарнавиштсоз буд, ки масири диниро таъйин мекард, ки ба завқи худ ба он сар ниҳода ва дар роҳи Худо ва ба қасди ба даст овардани ризои вай ҳиҷрат намудааст. Ва аз хилоли ин оин роҳи биҳиштро медид ва тамошо мекард...

Вақте Сафия дид, ки мусалмонон оҳиста –оҳиста доранд аз перомуни ҳазрати Расули Худо (с.) дур мешаванд ва ҷуз теъдоди андаке перомуни вай намондаанд... Ва дарёфт, ки мушрикин наздик аст, ки худро ба ҳазрати Расули Худо расонда ва бар вай зарба ворид меоваранд. Зарфро, ки бо он об медод ба замин партофт ва ба сон шери беша, ки бачаҳояш мавриди ҳамла қарор гирифта бошад, ҷаст ва ханҷари яке аз мусалмонони шикастхурдаро аз дасташ гирифт ва дар миёни суфуфи душман даромад ва бо ин найза онҳоро мавриди ҳамла қарор дод ва дар хитоб ба мусалмонон фарёд баровард ва

гуфт: Шуморо чӣ шудааст, оё дар дифоъ аз Паёмбаратон шикаст хурдед?!

Вақте Ҳазрати Расули Худо (с.) ӯро ба ин ҳол дид, ки ба сӯи вай меояд, аз он тарсид, ки чашмаш ба бародараш Ҳамза, ки шаҳид ва мусла шудабуд бияфтад, аз ин рӯ ба фарзандаш Зубайр ишора намуд ва гуфт: Эй Зубайр мутаваҷҷеҳи ин зан бош… Эй Зубайр мутаваҷҷеҳи ин зан бош… Зубайр рӯ ба сӯи вай намуд ва гуф: Модар аз ин ҷо канор рав… Модар аз ин ҷо канор рав…

Сафия гуфт: Яктараф шав, Худо туро бемодар кунад.

Зубайр гуфт: Ҳазрати Расули Худо (с.) ба ту амр намудааст, ки аз ин ҷо баргарди…

Сафия гуфт: Чаро? Ман хабар ёфтам, ки бародарамро мусла кардаанд ва ман ин мусибати худро ба Худо мегузорам ва аҷри он аз Худо мехоҳам.

Баъд Ҳазрати Расули Худо (с.) фармуд: Эй Зубайр вайро ба роҳаш бигузор.

Вақте ҷанг поён ёфт Сафия бар болои сари бародараш Ҳамза истод, дид, ки шикамаш пора шуда ва ҷигарашро кашидаанд ва биниашро бурида ва гӯши вайро қатъ карда, чашмҳояшро берун кашидаанд ва рӯи вай масх намудаанд. Он гоҳ Сафия барои бародараш аз Худованд мағфират хост ва гуфт: Ин ҳама барои Худо бод…

Ман ба қазои илоҳӣ розиам. Қасам ба Худо дар баробари ин мусибат сабр пеша хоҳам намуд ва аҷри онро аз Худованд мехоҳам..

Ин буд мавқифи Сафия духтари Абдулмуталлиб дар рӯзи Уҳуд.

Ва акнун бубинем, ки дар рӯзи Хандақ чи нақшеро дар иртибот бо ин рӯз анҷом дода аст. Бидуни шак мавқифи вай дар ин ҷанг аҷибтар ва шигифтангезтар аз аввал аст, ва ҳоло мо ин мавқеи вайро ба шаҳодати таърих арза медорем.

Ҳазрати Расули Худо (с.) одат дошт вақте ба сӯи ғазва азм менамуд, занон ва атфолро дар қалъаи мустаҳкаме нигоҳ медошт, то мабодо бо истифода аз ғоиб будани вай бадхоҳон

бар онҳо шабехун зананд ва занон ва атфолро ба асорат бибаранд.

Вақте рӯзи Хандақ фаро расид ҳазрати Расули Худо (с.) ҳамсарон ва аммаи худ ва ҷамъе аз занони мусалмонро дар қалъаи Ҳисон ибни Собит, ки аз обояш ба ирс бурда буд, гузошт ва ин қалъа аз мустаҳкамтарин қалъаҳои Мадина ба шумор мерафт, ки роҳ ёфтан ба он кори саҳлу осон набуд, ҷамъ кард.

Ва дар асное, ки мусалмонон дар атрофи Хандақ дар рӯёрӯи Қурайш ва ҳампаймонҳояшон сангар гирифта буданд ва ба иллати машғул шудан бо душман натавонистанд ба посбонӣ ва посдории занон ва авлодашон расидагӣ кунанд. Онҳо танҳо ва бесарпараст монда буданд.

Дар ин асно Сафия духтари Абдулмуталиб сиёҳиеро дид, ки дар торикии аввали субҳ дар ҳоли ҳаракат аст, оҳиста ба он гӯш ниҳад ва чашм ба он дӯхт. Дид, ки марди Яҳудие ба сӯи қалъа меояд, ва мехоҳад маълумот ва иттилоъ аз ин қалъа ва бошандагони он ба даст орад. Сафия дарёфт, ки вай омадааст, ки ба қавми хеш ҷосусӣ кунад, то бидонад, ки дар дохили ин қалъа мардонанд, ки аз бошандагони он дифоъ мекунанд ва ё ин ки ҷуз занон ва атфол каси дигаре дар ин қалъа вуҷуд надорад.

Лизо бо худ гуфт: Яҳуди бани Қурайза аҳдро, ки ба Ҳазрати Расули Худо (с.) баста буданд шикастанд ва бар алайҳи мусалмонон ба пуштибонӣ ва дифоъ аз Қурайш ва ҳампаймонҳояшон пардохтанд. Ва дар миёни мо ва ин яҳудон касе вуҷуд надорад, ки аз мо дифоъ кунад ва ҳазрати Расули Худо ва ёронаш даррӯё рӯи душман сангар гирифтаанд ва машғуланд.

Агар ин душмани Худо битавонад, ки ҳақиқати ҳолатро, ки мо дар он ба сар мебарем ба қавми худ расонад, Яҳудиён занони моро каниз хоҳанд гирифт ва фарзандонамро ғулом ва барда хоҳанд сохт. Ва дар он вақт аст, ки қиёмати бузург бар мусалмонон қоим хоҳад шуд.

Дар чунин фурсат ба суръат ба сӯи чодари худ рафт ва онро ба сари худ печонд ва либоси худ гирифт ва онро ба камар баст ва чӯби маҳкамеро ба шона бардошт ва ба сӯи дарвозаи қалъа фуруд омад ва бо бисёр оҳистагӣ ва ҳушёрӣ дарвозаро андак кушод ва аз сурохиҳои он ҳаракати ин душмани Худрро, ки бо бисёр эҳтиёт гом бар медошт ва бо диққат мутаваҷҷеҳи худ буд, зери назар гирифт, то он ки хуб яқинаш ҳосил шуд, ки ҳоло метавонад бо як ҳамлаи барқосо ӯро аз по дароварад, дарвозаро кушоду ва бар вай чун шер ҳамла кард ва бо чӯбдаст бар фарқаш зад ва ӯро нақши замин сохт... Баъд чанд зарбаи пайдарҳами дигар низ бар сараш фуруд овард, то он ки аз ҳаракат боз монд ва рӯҳаш аз тан ҷудо Гардид. Баъд бо корде, ки бо худ оварда буд сарашро ҷудо сохт ва онро аз фарози қалъа ба зер андохт то он, ки сараш ҷудо шуда ба назди яҳудон, ки дар минтақаи поинтаре ӯро зери назар доштанд расид. Вақте яҳудиён сари ин ёри худро диданд, бо ҳам гуфтанд: Мо қаблан ҳам гуфта будем, ки Муҳаммад зану фарзанди худро бидуни ҳомӣ ва пуштибоне танҳо намегузорад...

Баъд ба роҳе, ки омада буданд баргаштанд.

Худованд аз София духтари Абдулмуталлиб розӣ бод. Ӯ намунад аз занони мусалмони қаҳрамон ва шуҷоъ буд, ӯ ҷигаргӯшаи худро тарбия намуд ва нек парвариш дод.

Ӯ бо шаҳодати бародараш рӯ ба рӯ шуд ва бар он хуб сабр кард. Мушкилот ва душвориҳо ва ранҷҳо ӯро дар озмуни худ гирифт ва дарёфт, ки хонуми диловару шуҷоъ ва оқилу қаҳрамон аст.

Матлаби дигар ин, ки китобҳои таърих дар дурахшонтарин саҳифаҳои худ навишта аст, ки Сафия духтари Абдулмуталлиб аввалин зане аст, ки марди мушрикеро дар аҳди Ислом ба қатл расонидааст.

## УТБА ИБНИ ҒАЗВОН

Боре Амирул муъминин Умар ибни Хаттоб баъд аз адои намози хуфтан ба бистари худ омад, то ба хоб равад. Ӯ мехост, ки вақттар ба хоб равад, то баҳрае аз роҳати худ дарёбад ва битавонад, ки истеъдоде барои шабгардӣ ва баррасӣ аз аҳволи раъият дарёбад.

Аммо хоб дар чашмонаш роҳ наёфт, ба хотири он, ки паёмрасони қумандони лашкари мусалмонон ба вай хабар оварда буд, ки лашкар шикаст хӯрда форсиҳо ҳар вақте, ки ба марҳалаи шикаст ва нобудии ҳатмие мерасанд, имконият ва икмолоте аз ин ҷо он ҷо барояш мерасад. Ҳамон аст, ки қувваи аз даст рафтаи худро дар меёбад ва ҷанг ва муқовиматро аз сар мегирад. Ва ба халифа гуфта шуда буд, ки шаҳри Убулла аз бузургтарин манбаъе маҳсуб мегардад, ки бо додани пул ва неруи башарӣ қувваҳои шикастхӯрдаи форсиҳоро маблағгузорӣ мекунад.

Аз ин рӯ Халифа тасмим гирифт, ки лашкареро барои фатҳи шаҳри Убулла бифиристад, то роҳи кӯмак ба лашкари форсро қатъ намояд. Аммо Халифа ногаҳон ба камии нерӯи башари мувоҷе гардид. Ва сабаби ин кор он буд, ки ҳама ҷавонон ва пирамардони мусалмон ба хотири ҷиҳоди фи сабилиллоҳ дару диёри худро тарк гуфта ва ба ҳар гӯшаву ва канори замин рафта буданд ва ҷуз теъдоди каме дар назди вай дар Мадина боқӣ намонда буд ва ин бор низ Халифа ба ҳамон шеваи маъруфи худ алал кард... Шеваи маъруфи вай ин буд, ки вақти ба камии афроди лашкар рӯ ба рӯ мешуд, аз қувва ва корфаҳмии сарлашкар истифода менамуд ва ин нуқсро бо ин фарост ҷуброн мекард... Вай хазинаи шахсиятҳояшро дар зеҳни худ кушуд ва онҳоро якояк шумурд,

дере нагузашт, ки ба матлаби худ расид ва гуфт: Бале ёфтамаш.

Баъд вай ба бистар хоб рафт ва бо худ гуфт: Бале вай муҷоҳид аст, ки Бадр ва Уҳуд ва соири саҳнаҳои корзор ӯро хуб мешиносад ва ҷанги Ямома низ шоҳиди шаҳкориҳо ва диловариҳои ӯст, ҳеҷ шамшере ба вай нарасида ва ҳеҷ тираш хато нахӯрдааст. Дигар ин, ки вай ду бор ҳиҷрат намудааст (ҳиҷрат ба Ҳабаша ва ҳиҷрат ба Мадина ва ӯ дар рӯи замин ҳафтумин касе аст, ки имон овардааст.

Вақте субҳ шуд гуфт: Утба ибни Ғазвонро ба назди ман ҳозир кунед.

Ҳамон буд, ки парчами беш аз сесаду даҳ нафарро ба номи ӯ баст ва ба вай ваъда дод, ки дар сурати имкон нерӯҳои дигареро аз паи вай хоад фиристод.

Вақте ин лашкари кӯчак омодаи ҳаракат шуд, ҳазрати Форуқ истода шуд, то қумандони худ Утбаро видоъ кунад ва барояш тавсия намуда гуфт: Эй Утба, ман туро ба мақсади фатҳи шаҳри Убулла фиристодам ва ин шаҳр яке аз қалъаҳои мустаҳками душманон аст. Аз Худованд мехоҳам, ки туро дар ин сафар муваффақ ва пирӯз гардонад ва ба душманонат ғалаба диҳад. Вақте дар ин шаҳр фуруд омадӣ аҳли онро ба Ислом даъват кун. Агар аз қабули ин даъват сар боз заданд ҷузхро бар онҳо муқаррар кун, то залилона онро бароят бипардозанд..

Ва агар аз додани ҷузя ҳам ибо варзиданд, бе муҳабот бо онҳо биҷанг.

Эй Утба дар масъулияте, ки ба дӯшат ниҳода шудааст, аз Худо битарс. Аз он ҳуш дор, ки нафсат бар ту ғалаба наёбад ва охирататро табоҳ насозад ва ба ёд ор, ки ту шарафи сӯҳбати Ҳазрати Расули Худо (с.)-ро дарёфтаӣ ва Худованд баъд аз зиллат ба ту иззат бахшид ва баъд аз заъф ба ту қувват ато кард, то он, ки имрӯз амир ҳастӣ ва мусаллат бар умур ва қумандон ҳасти, ки аз амрат касе сарпечӣ намекунад. Агар амр кунӣ, итоъат кунанд, ва агар ҳарфе ба забон оварӣ, ба он гӯш мениҳанд ва агар аз ин неъмат суиистифода накунӣ ва

туро фирефта насозад ва туро ба сӯи ҷаҳаннам накашад – Худованд ману туро аз он нигаҳ дорад – чи хуб неъмат аст.

Утба ибни Ғазвон ба ҳамроҳии ҳамсараш, ки панҷ тан аз занони дигари муҷоҳидон бо вай буданд ҳамроҳ бо муҷоҳидин ба роҳ афтод, то он, ки дар сарзамини найзоре фуруд омаданд, ки аз шаҳри Убулла фосилаи чандоне надошт ва дар ин вақт онҳо чизе надоштанд, ки бихӯранд. Вақте гуруснагӣ онҳоро сахт таҳти фишор қарор дод Утба барои ҷамъе аз нафарҳои худ гуфт: Барои мо дар ин сарзамин аз паи дарёфти хӯрок шавед, то бихӯрен, ва аз ин рӯ ишонро дар иртибот ба хӯрок ҳикоят аст, ки яке аз онон ривоят намуда, гуфт: Дар асное, ки мо аз паи дарёфи хӯрокворӣ мегаштем, ногаҳон моро гузар ба ҷангале афтод. Дидем, ки дар он ду каҷова аст, ки яке пур аз хурмо ва дигаре пур аз донаҳои сафед аст, ки пӯсти зардранг дорад. Мо ин ду каҷоваро кашон-кашон бо чи қадар мушкили ба наздики урдулоҳ овардем оне аз касони мо ба ин каҷова, ки донаи сафед дошт, нигоҳе карду гуфт: Ин заҳрест, ки душман онро дар ин каҷова ба сифати хӯрок барои мо анода намудааст. Лизо набояд ба он наздик шуд. Баъд ба сӯи занбили хурмо майлон намудем ва аз он шурӯъ ба хӯрдан намудем ва дар асное, ки мо машғули хурдани ин хурмо будем дидем, ки аспе аз моён зимом аз мех канда ва ба сӯи ин каҷоваи донаи сафед рӯ овард ва ба хӯрдани он шурӯъ намуд. Қасам ба Худо, мо он чи қадар дучори гуруснагӣ шуда будем, ки тасмим ба он гирифтем, ки ин аспро пеш аз он, ки аз ин каҷова бихурад ва ба марг мубтало шавад, забҳ мекунем ва аз гӯшташ истифода менамоем. Аммо соҳиби ин асп гуфт, бигзоред, ки аз он бихурад ман имшаб, ки аз ин асп ҳирост мекунам, агар онро ба марг наздик ёфтам, ӯро худ забҳ мекунам. Вақтешаб рӯз шуд дидем, ки ба асп осебе нарасида буд.

Хоҳарам гуфт: Ман аз падарам шунидаам, ки мегуфт:

Вақте заҳр бар оташ гузоранд, ки ҷуш хурад ва пухта шавад зараре надорад. Баъд худ микдоре аз ин донаи сафедро дар дег андохт ва онро дар оташ гузошт то ҷӯш хурд, баъд дере нагузашт, ки гуфт: Биёед бубинед, ки акнун чи гуна ранги ин дона ба сурхӣ гароидааст ва баъд пӯсти он аз бараш ҷудо

шудан гирифт ва донаҳои сафед аз миёни пӯст берун меомад, онро дар коса андохтем, то бихӯрем. Утба ба мо гуфт: Бисмиллоҳ гуфта ва ба хӯрдани он шурӯъ кунед… Вақте онро хӯрден, хеле болаззат ёфтем ва баъдан донистем, ки мардуми он диёр ин донаро ба номи биринҷ ёд мекарданд.

Шаҳри Убулла, ки Утба ибни Ғазвон бо лашкари кам ва омодагии андак ба сӯи он ҳаракат намуд, шаҳри мустаҳкам буда ва дар соҳили дарёи Да ҷой дошт, ва аз ин ҷиҳат Форсҳо онро барои кадом аслиҳа ва созу барги ҷангии худ гирифта буданд ва аз бурҷҳои баланд қалъаҳои онро барои назорати душман истифода мекарданд.

Аммо бо вуҷуди он, ки Утба аз қувваи башарин камтар бархурдор буд ва омодагии андак дошт ва бо вуҷуди ин шаҳр қалъаҳои мустаҳкам ва мавзеъҳои устувори ҳарбӣ доштанаш. Утба аз ҳамла бар он худдори наварзид ва тасмими фатҳи онро гирифт. Дар ин ҷанг шумори муҷоҳидини Утба шашсад нафар буд, ки ҷамъе аз занон аз ақиб онро ҳамроҳӣ мекарданд ва ҷуз шамшер ва найза чизи дигаре надоштанд.

Аз ин рӯ ӯро лозим омад, то аз заковати худ дар фатҳи он ва шикасти душман истифода намояд.

Утба барои занон байраққҳоеро сохт ва онро бар сари найзаҳо баланд кард ва ба ишон дастур дод, ки аз ақиби лашкар ҳаракат кунанд ва ба онҳо гуфт: Вақте дидед, ки мо ба шаҳр наздик шудаем, аз ақиб хокҳоро ба ҳаво партоб кунед, то онки хок фазоро бипӯшонад.

Ишон вақте ба Убулла наздик шуданд, лашкари Фарс ба муқобили онҳо баромаданд, диданд, ки мусалмонон ба ишон наздик мешаванд ва сӯи дигар диданд, ки байраққҳое аз ақибашон ҷилва дорад, ва низ мушоҳида карданд, ки гарду ғубор дар ақибашон фазоро пур сохтааст. Лизо ба якдигар нигариста гуфтанд: Ин теъдоди пешоҳангони лашкаранд ва аз ақиби ишони лашкари бузург равон аст, ки ин ҳама гарду ғубор дар ҳаво бархостааст. Аз ин рӯ хавф дар дилҳояшон афтод ва тарсу ваҳшат бар рӯҳу равонашон соя афканд ва шурӯъ ба он намуданд, ки матоъҳои сабук ва гаронқимати худро бардоранду роҳи фирор дар пеш гиранд ва ҳар кадом

саъй намуд то бар дигаре сабқат гирад ва киштиҳоро савор шуда, аз Даҷла бигзарад. Ба ин тартиб Утба бидуни он, ки як нафари худро аз даст диҳад дохили Убулла шуд ва баъд қаряҳо ва манотиқи атрофи онро фатҳ кард ва чунон ғанимат ба даст овард, ки аз шумор берун буд то он ҷо, ки чун баъзе аз касонаш вақте ба Мадина баргаштанд ва аз ишон дар бораи мусалмонон пурсиданд, ки мусалмонон дар Убулла чи ҳол доранд? Ишон дар ҷавоб гуфтанд: Шумо аз чи мепурсед?!

Қасам ба Худо, онҳоро дар ҳоле гузошта омадем, ки тилло ва нуқраро ба паймона тақсим мекарданд, баъд мардум шурӯъ ба кӯч бастан ба сӯи Убулла намуданд.

Дар чунин фурсате Утба ибни Ғазвон дид, ки иқомати сипоҳиёнаш дар шаҳрҳои фатҳшуда онҳоро аёшу танпарвар месозад ва ахлоқи мардумони ин сарзаминҳо дар ишон асар мекунад ва азми тасмими ишон нисбат ба идомаи ҷиҳод заъиф мешавад. Аз ин рӯ вай ба Ҳазрати Умар ибни Хаттоб нома навишт ва аз вай иҷозат хост то барои ишон дар Басра шаҳракеро бисозад ва ҷои шаҳракро низ ба вай мушаххас ва муайян намуд. Ҳамон буд, ки Ҳазрати Умар бо ин пешниҳоди вай мувофиқат кард.

Нақшаи ин шаҳраки ҷадид тарҳрезӣ шуд… Ва аввалин коре, ки дар ин шаҳрак оғоз намуд ҳамоно бинои масҷиди он буд..

Шигифте надорад… Чун ӯ ва ёронаш ба хотири масҷид ба ҷиҳоди фи сабилиллоҳ берун шуда буданд… Ва аз тариқи масҷид ӯ ва ёронаш бар душманони Худо пирӯзӣ ёфтанд.. Баъд сипоҳиён ба моликшавии заминҳо ва сохтани хонаҳо бар якдигар сабқат ҷустанд.

Аммо Утба барои худ хона насохт балки вай дар хаймаи пашмин ба зиндагии хештан идома дод… Ва ин амр ба хотири он, ки дар нафси худ розе дошт…

Ва он роз ин, ки вақте Утба дид, ки дунё дар Басра чунон бар мусалмонон рӯй оварда, ки ақлро мерабояд, ва дид, ки сипоҳиёнаш қабл бар ин ғазои хубтар аз биринҷи обҷӯшондаро намешинохтанд, акнун анвоъи ғазоҳои рангоранги форсиёҳо бар сефраашон рост мешавад, ки дар умри худ онро надидаанд.

Аз ин рӯ вай аз ин дунёи хештан бар дини худ эҳсоси хатар кард ва аз он бим намуд, ки мабодо ин матоъи зудгузар наъими ҷовидониро аз вай маҳрум созад…

Бинобарин, мардумро дар масҷиди ҷомеъаи Куфа ҷамъ кард ва дар хитоб ба ишон гуфт: Эй мардум, бидонед, ки Дунё эълон доштааст, ки анқариб поён хоҳад ёфт ва шумо аз ин дунё ба дунёи дигар интиқол хоҳед кард, ки завол ва нестӣ надорад. Бинобарин, бояд кӯшишатон ба он бошад, ки бо аъмоли солеҳ аз ин дунё ба он дунё интиқол кунед. Ман ҳафтумин касе будам, ки ба Ҳазрати Расули Худо (с.) имон овардам ва дар он вақт мо ғизое ғайр аз барги дарахтон надоштем, ки аз хӯрдани он лабҳоямон захми шуда буд.

Ман дар он вақт рӯзе чодареро ёфтам ва онро миёни худ ва Саъд ибни Абиваққос ду нисф кардам, ки бо як нисфи он худ сатри аврат намудам ва бо нисфи дигар Саъд ибни Абиваққос.

Аммо имрӯз ба ҷое расидаем, ки ҳеҷ як аз мо намондааст, магар он, ки бар шаҳре аз шаҳрҳо амир ва волӣ аст. Ва ман аз он ба Худо паноҳ меҷӯям, ки дар нафси худ бузург бошам ва дар назди Аллоҳ кӯчак. Ва баъд касеро, ба ҷонишинии худ барояшон муқаррар намуд ва бо ишон видоъ гуфт ва роҳи Мадинаро дар пеш гирифт.

Вақте ба ҳузури Ҳазрати Умари Форуқ даромад истеъфои худро ба ҳазрати Форуқ тақдим дошт, то ӯро аз мансаби валоят бар канор созад, магар ҳазрати Форуқ истеъфои вай напазируфт ва бо исрор аз вай хост, ки ба ҷои худ ба Басра баргашта ва ба вазифаи худ идома диҳад. Вай маҷбур гардид, ки бо вуҷуви норизоиятиаш амри Халифаро ба ҷо оварда ва ба кори худ идома диҳад. Лизо шутури худро савор шуд ва ба роҳ афтод ва ин дуъоро хонд: Худоё маро бори дигар ба он шаҳр нарасонӣ… Худоё маро бори дигар ба он шаҳр нарасонӣ… Худованд дуои ӯро иҷобат кард ва аз Мадина фосилаи чандеро тай накарда буд, ки дар миёни роҳ шутураш лағжид ва ба замин афтод ва зиндагиро тарк гуфт.

# НУЪАЙМ ИБНИ МАСЪУД

Нуъайм ибни Масъуд ҷавоне буд дорои дили бедор, закӣ ва ҳушёр, корчалон ва пурдаромад,ҳеҷ мушукиле бар вай душвор намеафтод, ҳеҷ мушкиле роҳи ӯро намегирифт. Ӯ воқеъан намояндаи фарзанди осили саҳроӣ буд ва Худованд барои вай хусусиятҳои аҷибе аз фаросат, ҳозирҷавобӣ, зиракӣ ва нуқтадониро бахшида буд. Аммо вай ба лаззатҳо ва шаҳватрониҳо ва ишқбозиҳо рағбати зиёде дошт ва ин матоъи худро дар назди яҳуди ясриб меёфт. Вай вақте ҳаваси ишқбозии канизак менамуд ва ё шавқ шунидани суруд ва овозхонӣ дар дилаш меафтод аз сарзамини худ дар Наҷд ба сӯи Мадина ба роҳ меафтод ва дар он ҷо дар Мадина пул ва сарватро саховатмандона ба Яҳудиён тақсим мекард, то ишон маъшуқаҳоро саховатмандонатар аз вай барояш такдим доранд.

Аз ҳамин нуқтаи назар буд, ки Нуъайм ибни Масъуд ба Мадина рафту омади зиёде мекард ва бо яҳудиёни ин минтақа ва ба хусус бо бани Қурайза равобити маҳкаме дошт.

Вақте Худованд башариятро икром намуд ва Паёмбари хешро ба дини ҳақ ва ҳидоят фиристод ва нури Ислом дар дарраҳои Макка табид, Нуъайм ибни Масъуд ҳанӯз инони нафси худро гусаста буд ва аз тарси он, ки мабодо ин дини вай дар миёни лаззатҳо ва хостаҳои нафсиаш ҳоил гардад ба шиддат аз қабули ин дини ҷадид сар мепечид.

Баъд дере напоид, ки худро чунон ёфт, ки нахоста ва ба зӯр ӯро дар сафи душманони сарсахти Ислом қарор медиҳанд, то шамшер дар муқобили он сафоройӣ кунад.

* * *

Аммо барои худ дар рӯзи ҷанги Аҳзоб сафҳаи тозае дар таърихи даъвати Исломӣ кушод ва дар ин сафҳа чунон қиссаи шигифтангез аз ҳилла ва макро сабт кард, ки таърихи ҷангҳо назири онро ба ёд надорад.

Қисса ва достоне, ки таърих ҳанӯз бо ҳайрат ва таъаҷҷуб ин ҳикоятро бо ҳама ҷонибҳои он ва бо кордонӣ ва ҳушёрии аҷиби қаҳрамони он ривоят мекунад.

Ва барои он, ки ба қиссаи Нуъайм ибни Масъуд иттилоъ ҳосил намоем бояд андаке ба ақиб баргардем.

Андак қабл аз ҷанги Аҳзоб тоифае аз Яҳуди бани Назир дар Ясриб ба по хостанд ва ташкилотҳоеро барои ҷанг ва рӯёрӯӣ бо Ҳазрати Расули Худо (с.) ва поён додани даъвати вай ба вуҷуд оварданд…

Ишон барои дастёбӣ ба ин ҳадаф назди Қурайш ба Макка омаданд ва онҳоро ба ҷанг алайҳи мусалмонон ташвиқ намуданд ва барояшон аҳду паймон доданд, ки ҳар гоҳ агар ишон ба Мадина расанд, ҳатман бо онҳо якҷо хоҳанд шуд ва барои ин амр замонро интихоб карданд, ки набояд аз он тахаллуф намоянд.

Баъд аз назди ишон мураххас шуда, назди қабилаи Ғатафон дар Наҷд рафтанд ва инҳоро низ ба алайҳи Ислом ва Паёмбараш ташвиқ намуданд ва аз ишон хостанд, Ки ба ҳар васила, ки мешавад бояд ин дини ҷадидро аз реша баркананд ва маҷол барои густариши он набояд дод. Ва ишон мувофиқатномаро, ки дар миёни хештан ва Қурайш анҷом дода буданд оҳиста ба онҳо фаҳмонданд, ки дар ин кор ишон танҳо нестанд ва бо ин қабила низ ҳамон паймонро бастанд, ки бо Қурайш баста буданд ва вақти мавъуд ҳамон вақтро интихоб карданд, ки бо Қурайш намуда буданд.

Қурайш бо ҳама дор ва даста ва соз ва барги хеш ба сарварии Абусуфён ибни Ҳарб Маккаро ба қасди Мадина тарк гуфт.

Ва Ғатафон низ бо ҳама дору мадори хеш таҳти сарварӣ ва роҳбарии Уяйна ибни Ғатафонӣ Наҷдро тарк намуда ба сӯи Мадина рӯй овард.

Дар пешопеши мардони Ғатафон Нуъайм ибни Масъуд қарор дошт, ки қаҳрамони ин достон аст …

Вақте хабари берун шудани ин қабилаҳо ба қасди Мадина ба ҳазрати Расули Худо (с.) расид, ёрони худро ҷамъ кард ва дар ин мавзӯъ бо ишон машварат намуд. Ба чунин қароромаданд, ки бояд атрофи Мадина ба кандани хандақ иқдом намоянд, то пеши роҳи ин сели душманро, ки ёрои муқовамат ва даргири бо онро дар худ намебинанд, бигиранд ва бояд ин хандақ монеъи бузурге дар баробари ин лашкари заррор бошад.

Вақте ин ду лашкари бузург-Қурайш ва Ғатафон ба ҳудуди Мадина наздик шуданд сарварони Яҳуди бани Назир назди роҳбарони Яҳуди бани Қурайза, ки дар Мадина мазистанд, рафта, онҳоро ба пайвастан ба сафи лашкар, ки аз Макка меоянд ташвиқ карда то бо ин саҳмгири ишон зарбаи маҳкаме бар Муҳаммад (с.) ва пайравонаш ворид оваранд.

Сарварони бани Қурайза ба ишон гуфтанд: Шумо моро ба коре дъават намудаед, ки мавриди писанди мост ва мо онро мехоҳем, аммо ҳамон тавре, ки шумо худ медонед дар ин ҷо дар миёни мо ва Муҳаммад (с.) паймон ҳаст, ки монеъ аз ин амр мегардад, чун мо ба вай аҳд додаем,ки дар як фазои комилан мусоламатомез ва дур аз ҳар гуна душманӣ ва адоват дар инҷо зиндагӣ мекунем, то ба ин васила дар амн ва оромиш ва итминон ба ҳаёти худ идома диҳем. Шумо худ медонед, ки ранги ин паймони мо бо вай ҳанӯз нахушкидааст… Ва мо аз он бим дорем, ки агар Муҳаммад дар ин ҷанг пирӯз шавад ба хотири ин хиёнате, ки мо дар ҳаққи вай муртакиб мешавем аз мо чунон интиқом гирад, ки решаи мо аз Мадина барканад ва ибрат барои дигарон мегардад.

Аммо сарварони бани Назир пайваста ишонро ба нақзи аҳд бо Муҳаммад (с.) ва хиёнат ба вайро дар назарашон нек ҷилва медоданд ва ба таъкид б онҳо мефаҳмонданд, ки ишон дар ин ҷанг баранда ҳастанд ва Муҳаммад (с.) ва пайравонаш шикаст хоҳанд хӯрд ва азму тасмимашонро бо қудуми ин ду лашкари неруманд қавӣ месохтанд, то саранҷом муваффақ

шуданд, ки назари ононро тағйир диҳанд ва пуштибонии онҳоро низ касб намоянд. Ҳамон буд, ки Яҳуди бани Қурайза аҳди худ ба ҳазрати Расули Худо (с.)-ро нақл карданд ва санадеро, ки дар ин иртибот ба имзо рсида буд, пора карданд ва пайвастани худ ба ин аҳзобро дар ин ҷанг эълон намуданд. Ин хабар чун барқ дар миёни мусалмонон паҳн шуд.

Лашкари Аҳзоб Мадинаро дар муҳосараи худ қарор доданд ва роҳҳои вуруди маводи хӯрокӣ ба ин шаҳрро бастанд, ва Ҳазрати Расули Худо (с.) чунон эҳсос намуд, ки вай дар миёни ду душман гир мондааст… Қурайш ва Ғатафон аз беруни Мадина дар рӯё-рӯи мусалмонон қарор гирифтаанд ва бани Қурайза аз ақиб дар дохили Мадина мунтазири фурсат ва дастёбӣ бар мусалмонон аст..

Дар чунин фурсате мунофиқин ва мардумони заъифул имон шурӯъ ба пахш ва кашфи асроре намуданд, ки дар нафсҳои худ онро пинҳон дошта буданд. Ишон мегуфтанд: Муҳаммад (с.) дирӯз барои мо даст ёфтан ба ганҷинаҳои Кисро ва Қайсарро ваъда медод ва акнун мо дар ҳолате ба сар мебарем, ки ҳеҷ як аз мо ба ҷони худ мутмаин нест, ки бо амн барои қазои ҳоҷат ба саҳро биравад. Ва даста – даста аз ишон ба далели ин, ки дар хонаҳояшон сарпараст надоранд, ки аз зану фарзандашон нигаҳдорӣ кунад ва агар ҷанг оғоз ёбад бани Қурайза онҳо ҳамла хоҳад намуд ва онҳоро ба асорат хоҳад бурд, аз назди Ҳазрати Расули Худо (с.) рухсат гирифтанд ва сангарро тарк карданд. Ва ба ҷуз чандсад нафар муъминони содиқ ва ростин дигар касе дар пиромуни ҳазрати Паёмбар (с.с.) боқи намонд.

Дар яке аз шабҳои муҳосара, ки тақрибан бист рӯз давом кард Ҳазрати Расули Худо (с) ба Парвардигораш рӯй овард ва бо аҷзуа ниёзи шадид аз Худои худ роҳи наҷот ва пирӯзӣ хост ва ба такрор ин дуъоро хонд: Худоё, ман аҳду ваъдаи туро мехоҳам… Худоё ман аҳду ваъдаи туро мехоҳам…

Нуъайм ибни Масъуд дар ин шаб бар бистари худ аз паҳлу ба паҳлӯи дигар мегаштва ҳар қадар кӯшид, ки хоб равад, вале хоб бар дидагонаш роҳ наёфт. Лизо дидагони худ бар

ситорагон дӯхт, ки дар сафҳаи осмони соф медурахшид ва партавафканӣ менамуд... Дароз андешид... Ногаҳон худро чунон ёфт, ки гӯё инқилоб дар вай падид омада бошад, ӯ аз худ пурсид: Эй Нуъайм туро чӣ шудааст?!

Чи омил туро аз сарзамини дурдаст, Наҷд барои ҷанги ин мард ва ҳамроҳонаш ба ин ҷо овардааст!!?

Ту барои баргардонидани ҳаққи салбшудае ва ё дифоъ аз номус ғасбшудае бо вай намеҷангӣ, балки омадаӣ, ки бидуни шинохти кадом иллати маъруф бо ӯ биҷангӣ ... Оё барои инсоне чун ту оқил ва андешаманд лозим аст, ки бидуни сабаб ва илате касеро бикушад ва худ кушта шавад!!?

Нуъайм туро чӣ шудааст...

Кадом омил туро водоштааст, ки шамшери худро дар баробари ин абармарди солеҳ, ки пайравони худро ба адлу эҳсон ва кӯмак ба хешовандон амр мекунад, аз ниёми берун орӣ ва бо вай биҷангӣ?

Ва кадом омил туро водоштааст, ки ҳанҷари худро дар хуни поки асҳоб ва ёрони вай, ки пайравии дини ҳақ ва ҳидоят намудаанд ғӯта диҳӣ!!?

Ва ин гуфтугӯӣ сахт ва душворе, ки дар миёни Нуъайм ва нафси вай сурат гирифт ба он оварда расонд, ки қотеъона бо худ тасмим бигирад ва барои амалӣ сохтани он даст ба кор шавад.

Нуъайм ибни Масъуд аз урдугоҳи қавми худ бо истифода аз сиёҳии шаб пинҳон берун шуд, ва бо суръат худро ба ҳузури Паёмбар (с.) расонд. Вақте Ҳазрати Расули Худо (с) ӯро дид, ки дар пеши рӯяш истодааст гуфт: Ту Нуъайм ибни Масъуд ҳастӣ !?

Гуфт: Бале эй Ҳазрати Расули Худо (с)

Фармуд: Омили омаданат дар ин лаҳзаи шаб барои чист?!

Гуфт: Омадаам то шаҳодат диҳам ба ин, ки ҷуз Аллоҳ ҳеҷ маъбуде нест ва ту банда ва Расули Худо ҳасти ва он чи, ки аз назди Аллоҳ бо худ овардаӣ, ҳақ аст...

Баъд изофа намуд ва гуфт.: Эй Расули Худо (с), қавми ман аз мусалмон шуданам хабар надоранд..

Ҳар хидмате бошад, ба ман амр фармо эй Расули Худо (с).

Ҳазрати Расули Худо (с) фармуд: Ту дар миёни мо аз қавми худ як тан ҳастӣ, назди қавми худ бирав ва агар тавони худро аз мо канор гир, зеро ҷанг фиреб аст.

Гуфт: Эй Расули Худо чунин хоҳам кард… Ва иншоаллоҳ коре анҷом хоҳам дод, ки мояи хушӣ ва фараҳи ту гардад.

Нуъайм ибни Масъуд фавран назди бани Қурайза рафт ва қабл аз он низ ба онҳо рафоқат ва дӯстӣ дошт, ба онҳо гуфт: Эй бани Қурайза, шумо дӯстии маро бо худ ва хайрхоҳии маро нисбат ба хеш хуб медонед.

Гуфтанд: Бале чунин аст, ва ту назди мо ба ҳеҷ кори баде муттаҳам нестӣ.

Гуфт: Ҳолати Қурайш ва Ғатафон дар ин ҷанг ғайр аз ҳолате аст, ки шумо доред.

Гуфтанд: Чи тавр?!

Гуфт: Шумо дар инҷо дар ватани худ ба сар мебаред ва дар ин ҷо амвол ва фарзандон ва занонатон ба сар мебаранд ва шумо наметавонед ин ҳамаро тарк гуфта ва ба ҷои дигар биравед…

Аммо Қурайш ва Ғатафон ватани онҳо ҷудо буда ва амвол ва фарзандон ва занонашон дар ҷои дигар қарор доранд… Онҳо омадаанд, ки ба Муҳаммад (с.) биҷанганд ва аз шумо хостанд, ки аҳдатонро бо Муҳаммад (с.) бишканед ва дар ҷанг алайҳи Муҳаммад ҷониби онҳоро бигиред ва шумо ба ин хостаи онҳо ҷавоби мусбат додед.

Агар онҳо дар ҷанг алайҳи вай ба пирӯзӣ даст ёбанд, ҳамон аст, ки онро барои худ ғанимат шуморанд ва агар дар шикаст додани вай комёб нашаванд ҳамон аст, ки бидуни кадом хасора ба амн ва итминон ба ватани худ бар мегарданд ва шуморо ба Муҳаммад мегузоранд, то ҳар тавре, ки хоста бошад, аз шумо интиқом гирад… Ва шумо хуб медонед, ки ба танҳоиятон наметавонед, ки дар муқобили Муҳаммад коре анҷом диҳед…

Гуфтанд: Дуруст гуфтӣ.

Аммо ҳоло бигӯ, ки чи бояд бикунем, ки аз ин вартаи ҳалок худро халос кунем?!

Гуфт: Ба назари ман савоб он аст, ки шумо то он ки бузургонашонро назди худ ба сифати гаравгон нигаҳ надоред, бо ишон дар ин ҷанг ширкат накунед ва ба ин тартиб шумо метавонед дар ҷанг бо Муҳаммад пирӯз мешавед ва ё ҷангҷӯёни шумо ва онҳо комилан аз байн меравaнд ва тамом мешаванд…

Гуфтанд: Машварати хубе додӣ ва чӣ нек машварате ва чӣ хуб насиҳате…

Баъд аз назди онҳо баромада, назди Абусуфён ибни Ҳарб сарлашкари Қурайш омад ва гуфт: Эй ҷамъи Қурайш! Шумо хуб медонед, ки ба шумо чи қадар хайрхоҳ ҳастам ва ба Муҳаммад (с.) чӣ қадар бадхоҳ… Ман аз тафтишае хабардор шудам ва лозим дидам, ки онро ба иттилоъи шумо расонам, вале насиҳатам ба шумо ин аст, ки ин розро ба худ пинҳон доред ва онро аз сӯи ман ба касе нагӯед…

Гуфтанд: Мо ба ту аҳд медиҳем, ки ба касе онро нахоҳем гуфт…

Гуфт: Бани Қурайш ва аз душмании худ бо Муҳаммад (с.) пушаймон шуданд аз ин рӯ касони худро назди вай фиристода гуфтанд, ки мо аз кардаи худ бо ту пушаймон ҳастем… Ва тасмим гирифтем, ки дубора ба он аҳду паймон, ки карда будем баргардем ва роҳи сулҳ ва оштӣ бо ту бикшоем.

Агар хоста бошӣ мо аз сардорон ва бузургони Қурайш ва Ғатафон касони зиёдеро дастгир намуда ба дастат месупорем, то онҳоро сар занӣ. Ва он гоҳ дар канори ту қарор гирифта ва бар алайҳи ишон меҷангем, то он ки ба ишон хотима диҳӣ, ва ишонро аз байн бибарӣ. Ва Муҳаммад ба пешниҳоди онон ҷавоби мусбат додааст.

Аз ин рӯ, агар Яҳуд касонеро назди шумо бифиристад ва аз шумо хоҳони гаравгонон аз бузургонатон шаванд ҳеҷ як танро ба онҳо гаравгон надиҳед…

Абусуфён гуфт: Ту чи хуб ҳампаймон ҳастӣ. Худованд барои ту подоши нек диҳад.

Баъд Нуайм аз назди Абусуфён баромад назди қавми худ бани Ғатафон омад, ва ин ҳафҳое, ки барои Абусуфён гуфта буд, барои онҳо низ баён дошт ва аз он чи, ки ишонро бар ҳазар сохта буд онҳоро низ барҳазар сохт.

Абусуфён хост, ки бани Қурайзаро ба ин накшаашон биозмояд, лизо писари худро назди онҳо фиристод, то ба онҳо бигӯяд: Падарам ба шумо салом фиристод ва гуфт: Мо аз муҳосараи тӯлонӣ Мухаммад (с) ва ёронаш ба ҷон омадаем ва мехоҳем, ки бо Муҳаммад ҷанги ҳалкунанда ба роҳ андозем, то худро аз вай халос кунем ва падарам маро назди шумо фиристод то ба шумо хабар диҳам, ки худро барои ҷанги фардо омода созед.

Ба ӯ гуфтанд: Имрӯз рӯзи шанбе аст ва мо дар имрӯз кор мекунем ва дигар ин ки мо дар паҳлуи шумо намеҷангем, то он ки ҳафтод тан аз бузургони худ ва Ғатафонро ба сифати гаравгон ба мо надиҳед. Ва мо аз он бим дорем, ки агар ҷанг бар саратон сахт тамом шавад, рӯ ба сӯи диёри худ намуда ва моро дар инҷо бо Муҳаммад танҳо мегузоред то вай ҳар тавре, ки хоҳад аз мо интиқом бигирад. Ва шумо худ медонед, ки мо дар он самте нестем, ки битавонем бо вай муқобала кунем…

Вақте писари Абусуфён ба сӯи қавми худ баргашт ва шунидаҳои худ аз бани Қурайзаро ба ишон ҳикоят намуд. Ҳама ба як забон гуфтанд: сарафканда бод авлоди бӯзинаҳо ва хугҳо… Қасам ба худо агар аз мо гӯсфандеро ба унвони гаравгон бихоҳанд ба онҳо нахоҳем дод…

Ба ин тарҳи хеш Нуъайм ибни Масъуд тавонист, ки дар пароканда сохтани суфуфи Аҳзоб ва аз ҳам пошонидани онҳо нақши созандае ифо намояд…

Баъд Худованд чунон тундбоди шадидро ба онҳо мусаллат сохт, ки хаймаҳояшонро аз замин канд ва дегҳояшонро сарнагун сохт ва оташашонро хомӯш кард ва чеҳраҳояшонро сиёҳ намуд ва чашмҳояшонро пур аз гарду ғубор сохт… Ва

чораи ҷуз бор бастан ва ҳаракат кардандар худ надиданд… Ҳамон буд, ки дар сиёҳи шаб минтақаро ба касди диёри худ тарк гуфтанд…

Вақте мусалмонон шабро рӯз карданд диданд, ки душман бо истифода аз торикии шаб минтақаро тарк гуфта ва фирор намудааст. Ҳама такбиргӯён гуфтанд: Алҳамдуллил-лоҳиллази насара абдаҳу… Ва аъазза ҷундаҳу… Ва ҳазамал Аҳзобо ваҳдаҳу…

Ва Нуъайм ибни Масъуд мавриди эътимоди Ҳазрати Расули Худо (с) қарор гирифт. Ӯро ба корҳое муваззаф сохт ва масулиятҳои ба дӯшаш гузошт ва дар пешгоҳи вай парчамҳо барафрошт.

Вақте рӯзи фатҳи Макка фаро расид ва Абусуфён ибни Ҳарб дар гӯшае истода ражаи дастаҳои лашкарҳои мусалмононро тамошо мекард, касеро дид, ки парчами Ғатафон ба даст дорад ва дар ҳаракат аст, рӯ ба сӯи ҳамроҳони худ намуд ва гуфт: Ин шахс кист!?

Гуфтанд: Нуъайм ибни Масъуд

Гуфт: Ин шахс дар рӯзи Хандақ дар ҳаққи мо чи амали хубе анҷом дод… Қасам ба Худо дар он вақт нисбат ба Муҳаммад чи қадар душмани меварзид… Ва ҳоло ӯро бубин, ки дар пеши рӯи вай парчами қавмашро бардоштааст ва ба ҷанги мо меояд..

## ХАББОБ ИБНИ АРАТ

Умму Анмори Ҳуазоъӣ ба бозори бардафурӯшон дар Макка рӯй овард. Ӯ мехост барои худ ғуломе харидорӣ кунад, ки аз кораш истифода кунад ва аз дастовардаш баҳра гирад. Аз ин рӯ вай дар чеҳраи ғуломоне, ки дар бозор ба хотири фурӯхтан оварда шуда буданд менигарист ва ба диққат ба он мутаваҷҷеҳ мешуд, дар ниҳоят нигоҳаш ба писарбаччяаи афтод, ки ҳанӯз дар синни ҷавонӣ қадам нагузошта буд. Вай ӯро сиҳатманд ва тандуруст ёфт ва осори наҷобат ва асолати саҳроиро дар чеҳрааш дид, ки ин амр бештари рағбати вайро ба харидан ташвиқ менамуд. Ҳамон буд, ки қиматашро пардохт ва ӯро гирифта бо худ бурд.

Ва дар асное, ки ҳар ду дар миёни роҳ равон буданд Умми Анмор ба ин писарбачча рӯй гардонд ва гуфт:

Чи ном дорӣ?

Гуфт: Хаббоб.

Гуфт: Падарат чӣ ном дорад?

Гуфт: Арат

Гуфт: Аз куҷо ҳастӣ?

Гуфт: Аз Наҷд

Гуфт: Пас ту араб ҳастӣ?!

Гуфт: Бале, ман аз қавми бани Тамим ҳастам.Гуфт: Чи гуна дасти бардафурӯшон ба ту расид, то туро ба Макка оранд!!?

Гуфт: Қабилае аз қабилаҳои Араб ба рустои мо шабехун заданд, ҳайвонотро ба ғанимат бурданд, занон ва атфолро ба асорат гирифтанд ва ман дар ҷумлаи ин ҷамъи писарбаччагон будам, ки ба дасташон афтодам. Ҳамон буд, ки даст ба даст

гаштам то он ки сарнавишт маро ба Макка овард ва дар дасти ту афганд.

Умми Анмор ғуломи худро назди оҳангаре аз оҳангарони Макка гузошт то санъати шамшерсозӣ аз вай биомӯзад. Мудати замоне нагузашта, ки вай дар ин фан маҳорати том пайдо намуд ва онро хуб омӯхт.

Вақте Хаббоб бузург шуд ва қувват ёфт, Умми Анмор барои вай дӯконеро ба иҷора гирифт ва сомону олоти оҳангариро барояш харидорӣ намуд ва аз маҳорат ва кордонии вай дар сохтани шамшерҳо истифода намуд ва ба баҳрагирӣ аз вай оғоз кард.

Муддати замоне аз ин амр сипарӣ нашуда буд, ки вай дар Макка шӯҳрати зиёде касб намуд ва ба хотири амонатдорӣ, сидқ ва итқоне, ки дошт, мардум ба харидории шамшерҳои вай рӯй оварданд.

Хаббоб бо вуҷуди навҷавонӣ бо ақли бузургон ва ҳикмати пирамардон ороста буд. Вақие аз кори худ фориғ мешуд ва бо худ танҳо мемонд, дар бораи ин ҷомеъаи ҷоҳиле, ки саропо дар фасод ғарқ шуда буд, меандешид ин ҳолати бад ва аз ҷаҳолату гумроҳӣ нобасомон, ки бар зиндагӣ арабҳо соя афканда буд ва худ яке аз қурбониёни он ба ҳисоб мерафт, сахт меандешид ва эҳсоси нороҳатӣ мекард.

Ба худ мегуфт: Ин шаби сиёҳ ҳатман поён хоҳад ёфт. Ва орзуи он менамуд, ки кош умраш дароз бошад, то поёни ин сиёҳиро бо тобиши нури ҳидоят назорат кунад.

Интизории Хаббоб чандон тӯл накашид, чун иттилоъ ёфт, ки тобиш аз ин нуре, ки вай интизории онро дошт, аз даҳани ҷавоне аз ҷавонони бани Ҳошим, ки Муҳаммад ибни Абдуллоҳҳ ном дорад, сар задааст.

Ҳамон буд, ки худро назди вай расонид. Вақте ҳарфҳояш шунид, дар гӯши дили вай асар афканд ва гумшудаи худро ёфт.

Дасти худро ба вай дароз намуда гуфт: Ашҳаду анло илоҳа иллаллоҳу ва ашҳаду анна Муҳаммадан абдуҳу ва Расулуҳ.

Ва ба ин тартиб ӯ шашумин нафар буд, ки дар рӯи замин ба вай имон овард. Ҳаббоб Исломи худро аз ҳеҷ кас пӯшида надошт. Дере нагузашта, ки хабари имон овардани вай ба Умми Анмор расид ва оташи хашм дар дилаш афтод ва ғазабу кин дар ниҳодаш фаввора зад. Лизо бародараш Сибоъ ибни Абдулъуззоро бо худ гирифт ва ҷамъи дигаре аз ҷавонони Хузоъа низ ба ин ду пайвастанд ва ҳама якҷо шуда назди Хаббоб рафтанд, диданд, ки вай машғули кору бори худ аст… Сибоъ ба вай рӯй оварда гуфт: Дар бораи ту хабаре шунидем, ки боварамон намеояд.

Хаббоб гуфт: Чӣ хабаре?

Сибоъ гуфт: Овоза аст, ки ту аз дини худ баргаштаӣ ва аз ин марди ҳошими табор пайравӣ намудаӣ.

Хаббоб бо бисёр оромӣ изҳор дошт. Ман аз дини худ барнагаштаам, балки ман ба Худованди Воҳид ва Лошарик имон овардаам. Ва аз ин бутҳое, ки шумо ба парастиши он пардохтаед, даст кашидаам ва ба рисолати Муҳаммад ибни Абдуллоҳҳ имон овардаам.

Ҳамин ки ҳарфҳои Хаббоб дар гӯши Сибоъ ва ҳамроҳонаш расид, ҳама якдам бар вай ҳамла бурданд ва ба лату кӯби вай шурӯъ карданд ва бо лағат ӯро заданд ва бо ҳар чизе, ки ба дасташон афтод ӯро ҳадаф қарор доданд. То он, ки аз шиддати зарб беҳуш бар замин афтод ва хун аз баданаш ҷори шуд…

Хабари Хаббоб ва мавло хонумаш дар миёни мардуми Макка чун оташ дар миёни ҳезум афтод !!! Ва мардум аз ин ҷуръати вай дар ҳайрат афтоданд, чун қабл бар ин нашнида буданд, ки ҳеҷ як аз пайравони Муҳаммад дар миёни мардум истода ва мусалмонии худро ошкоро ва беҳарос ошкор намояд. Ин мавқеъи шуҷоъонаи Хаббоб бузургони Қурайшро такон дод, чун дар хаёлашон намегузашт, ки оҳангаре чун оҳангари Умми Анмор, ки на қавме дораду на қабилае, ки аз вай дифоъ кунад, то ин ҳад ҷуръат ёбад, ки дар миёни онҳо истода дини Муҳаммадро эълон кунад ва худоёнашонро ботил ва дини обоӣ ва аҷдодиашонро ба боди масхара гирад ва ба ин тартиб

султа ва ҳайбати Қурайшро тавҳин намояд ва онро беаҳмият талқин кунад. Хаббоб донист, ки ин мавқифи вай чи паёмадҳое хоҳад дошт ва чӣ азобҳои дардноке дар интизори ӯст… Қурайш дар ин пешбинии худ хато накарда буд, чун ҷуръати Хаббоб бисёр аз ёрони ҳазрати Расули Худо (с)-ро ба он дошт, то дини худро эълон намоянд. Ҳамон буд, ки ба по хостанд ва калимаи ҳақро яке паи дигаре эълон намуданд.

Бузургони Қурайш, ки дар раъси онҳо Абусуфён ибни Ҳарб, Валид ибни Муғира ва Абуҷаҳл ибни Ҳишом қарор дошт дар назди Каъба ҷамъ шуданд ва дар бораи Муҳаммад ва даъваташ ба баҳс нишастанд ва перомуни амри вай бо ҳам музокара намуданд. Ишон дарёфтанд, ки кори Муҳаммад боло гирифта ва бо гузашти ҳар рӯз пайравони тоза барои худ меёбад. Бинобар ин, тасмим баон гирифтанд, ки пеш аз он, ки ин амр ба марҳилаи хатарнок бирасад чораи он кунанд ва ба ин манзур ба қароре омаданд, ки ҳар қабила бояд ба касони хештан, ки дини Муҳаммадро пазируфтаанд фишор оварад ва ӯро чунон саркӯб созад, ки ибрат барои дигарон гардад ва то он ҳад бояд вайро азоб диҳад, ки ё аз дини ҷадидаш баргардад, ё он, ки дар зери азобу шиканҷа ҷон диҳад.

Дар асоси ин қарор бар Сибоъ ибни Абдулъуззо ва қавми вай лозим омад, ки ишон бояд дар таъзиби Хаббоб кӯтаҳӣ накунанд ва ба ҳар андозае, ки аз дасташон ояд ӯро шиканҷа диҳанд…

Аз ин рӯ вақте чошти рӯз мешуд ва шуоъҳои сӯзони офтоб заминро ба оташпора мубаддал месохт, Хаббобро ба батҳои Макка берун мекарданд ва либосҳояшро аз тан мекашиданд ва зиреҳҳои оҳанин ба танаш менамуданд ва аз ӯ обро манъ мекарданд ва ӯро дар зери офтоб мегузоштанд, то аз шиддати гармӣ худ ба ҷон ояд ва онгоҳ рӯ ба вай намуда мегуфтанд: Дар бораи Муҳаммад чӣ мегӯӣ?

Вай дар ҷавоб мегуфт: Муҳаммад бандаи Худо ва Паёмбари ӯст. Барои мо дини ҳидоят ва ҳақро ба армуғон овардааст, то моро аз торикиҳои куфр ва ширк берун намуда ва ба сӯи нури тавҳид ва имон даъват кунад…

Вақте ин ҳарфи вай мешуниданд ва сахтӣ ва муқовамати ӯро медиданд, боз ба лату кӯбаш мепардохтанд ва бо лағат бар сару рӯяш мезаданд ва ба ӯ мегуфтанд: Дар бораи Лоту Узро чӣ назар дорӣ?

Дар ҷавоб мегуфт: Лоту Узро бути гунгу каранд, ки на зарар расонда метавонанд ва нафъеро ба касе ба бор меоранд. Боз сангҳои доғро оварда ва бар пушти вай мениҳоданд, то он ки равған аз миёни шонаҳояш ҷорӣ мешуд.

Умми Анмордар сангдилӣ бар Хаббоб, камтар аз бародараш Сибоъ набуд. Вай рӯзе Ҳазрати Расули Худо (с)-ро дид, ки аз пеши дӯкони Хаббоб гузар намуд ва ҳарфе бо вай гуфт. Аз дидани вай оташи хашм дар дилаш афрӯхта шуд. Ҳамон буд, ки ҳар рӯз ба дӯкони Хаббоб меомад ва оҳани доғшударо аз кӯраи оташ мегирифт ва онро дар фарқи сараш мениҳод ва аз шиддати дарди он беҳуш меафтод ва Хаббоб бар алайҳи Умми Анмор ва бародараш Сибоъ дуъои бад мекард.

Вақте Ҳазрати Расули Худо барои ёрони худ иҷозаи ҳиҷрат ба Мадинаро дод Хаббоб худро барои сафар омода сохт, магар хуруҷи вай аз Макка сурат вақте гирифт, ки Худованд дуъои вайро, ки дар ҳаққи Умми Анмор намуда буд, иҷобат кард.

Умми Анмор ба чунон сардарди шадиде мубтало шуд, ки назири онро касе надида буд. Вай аз шиддати дард чунон фарёд мекашид, ба гунае, ки сагон фарёд зананд. Фарзандонаш дар ҳар ҷо дар паи табибон шуданд, то модарашонро аз ин дард наҷот диҳанд. Ба онҳо гуфта шуд, ки вай беҳбуд нахоҳад ёфт, магар он, ки сарашро ба оташ доғ кунанд…

Ҳамон буд, ки сари вайро бо оҳан доғ мекарданд, ки дар асари дарди он сардардиашро фаромӯш мекард.

Хаббоб баъд аз муддати бисёр тӯлоние аз азобуа шиканҷа дар сояи риъоят ва меҳмондории Ансор дар Мадина андаке роҳати ёфт ва дар ҷивори Ҳазрати Расули Карим (с) дилаш

ором гирифт ва чашмаш рӯшанӣ ёфт ва дар ин ҷо дигар ҳеҷ амале набуд, ки зиндагии софи вайро тира созад.

Вай бо Ҳазрати Расули Худо дар Бадр ҳузур ёфт ва дар таҳти парчами вай ҷангид… Ва низ ҳамроҳ бо он ҳазрат (с) дар ҷанги Уҳуд ширкат кард. Худованд чашми вайро ба дидани Сибоъ ибни Абдулъуззо бародари Умми Анмор, ки ба дасти Ҳамза ибни Абдулмуталлиб зада шуда ва дар хоку хун дасту по мезад, рӯшан сохт…

Вай умри дарозеро пушти сар ниҳод ва то поёни хилофати хулафои рошидин дар қайди ҳаёт буд ва дар сояи риъоят ва сарпарастии онон аз қадру манзалати хос бархӯрдор буд.

Рӯзе Хаббоб ба ҳузури Умар ибни Хаттоб дар аҳди хилофаташ дохил шуд. Ҳазрати Умар ӯро боло нишонд ва сахт аз вай қадрдонӣ намуд ва гуфт: Ҳеҷ кас ҷуз ту – (ғайр аз Билол) сазовори ин андоза қадрдонӣ нест. Баъдан аз сахттарин ҳолоти азобу шиканҷаи мушрикин пурсид. Вай аз ҷавоб додан ҳаё намуд, вақте ба илтиҷо аз вай пурсид, чодари худро аз пушт дур кард ва Умар чунон осори захмеро дар пушти вай дид, ки сабаби нафраташ гардид ва гуфт: Ин азобро ба ту чӣ гуна расонда шуд?

Хаббоб гуфт: Мушрикон барои ман ҳезумро барафрӯхтанд то он ки ба оташпора мубаддал гардад. Баъд либосҳояшро аз тан берун сохтанд ва маро ба рӯи он оташ кашиданд то он, ки гӯштҳоям аз устухон ҷудо шуда бар замин афтод ва оташ хомӯш нагардид то он даме, ки оби баданам таровид ва бар сари он рехт…

Хаббоб дар бахши охири умраш баъд аз фақру нодории тӯлонӣ чунон марди ғанӣ ва сарватманд шуд ва тилло ва нуқра ба даст овард, ки дар хаёлаш намегузашт… Магар вай дар ин мол ва сарват ба гунае тасарруф намуд, ки дар хаёли касе намегунҷид… Вай дирҳам ва динори худро дар як гӯшаи хонааш бидуни қулфу калид, бидуни бастан ва маҳкам кардан мениҳод ва мардумони ниёзманд аз фуқаро ва масокин он мавзеъи хонаашро медонистанд ва меомаданд ва бидуни иҷоза ва суол ҳар андоза, ки мехостанд бо худ мегирифтанд ва

мерафтанд. Ва бо вуҷуди ин гуна ҷавонмардиву саховат аз он бим дошт, ки Худованд ӯро ба ин мол муҳосаба кунад ва ба сабаби он азобаш диҳад.

Ёронаш аз вай ҳикояте намуда ва гуфтаанд: Мо аз Хаббоб дар беморие, ки баон аз дунё рафт аёдат намудем, гуфт: Дар ин гӯшаи хона ҳаштод ҳазор дирҳам аст, қасам ба Худо, ҳаргиз сари он баста накардам ва соилеро аз он манъ нанамудам ва баъд гирист…

Ба ӯ гуфтанд, омили гирят чист?

Гуфт: Ба хотири он мегирям, ки ёронам аз ин дунё рафтанд ва чизе аз подоши худро дар ин дунё дарнаёфтанд ва ман зинда мондам ва ин андоза мол дар ихтиёр дорам, аз он тарсам, ки ин мол подоши ин аъмолам қарор нагирад.

Вақте Хаббоб ба ҷивори раҳмати Парвардигораш пайваст, ҳазрати амирулмӯъминин Алӣ ибни Абитолиб бар сари қабраш истод ва гуфт: Худованд Хаббобро раҳмат кунад, вай борағбат Исломро пазируфт ва бо рағбат роҳи ҳиҷрат дар пеш гирифт ва муҷоҳид зист… Ва Худованд ҳаргиз зоеъ насозад аҷри касеро, ки амали неку кард.

## РАБЕЪ ИБНИ ЗИЁД

Шаҳри Мадина рузҳои мотами реҳлати халифаи аввал ҳазрати Абубакри Сиддиқро пушти сар мениҳод… Ва ҳар рӯз ҷамъиятҳои анбӯҳе аз қабилаҳо ба ҳузури халифаи дуввум Умари Форуқ ба Мадина омада ва байъати худро мабни бар итоъат ва фармонбардорӣ аз вай дар сахтӣ ва осонӣ эълон медоштанд…

Дар яке аз рӯзҳо ҳайате аз Баҳрайн бо ҳайатҳои дигар бар ҳузури Амирулмуъминин омад. Ҳазрати Форуқ ризвонуллоҳи алайҳ шавқ дошт сухани мулоқоткунандагони худро ба диққат бишнавад то шояд дар сухани онон матлабе ёбад ё бар мавъизаи болиғ даст ёбад ва ё андешаи муфидеро суроғ намояд ва ё насиҳате барои Худо ва Расул ва ё китобаш бошад ва ё нафъе бар оммаи мусалмонон дар он ёбад, ки ӯро дар анҷоми масъулияташ ёрӣ диҳад.

Ҳамон буд, ки ба иддае аз ҳозирин иҷоза дод гуфтаҳо ва назароти худро баён кунанд. Ҳеҷ кадоми онон матлабе баён надошт, ки таваҷҷуҳи халифаро ба худ ҷалб намояд ва ё қобили арзиш ва аҳмият бошад.

Баъд рӯй ба сӯи марде намуд ва дар вай умеди хайр ва корӣ намуд ва ба вай ишора намуд ва гуфт: Гуфтание агар дорӣ, бифармо. Он мард баъд аз ҳамду санои Худо гуфт: Ту эй Амирулмӯъминин зимоми умури ин умматро ба даст нагирифтаӣ магар ин, ки Худованд хостааст, ки туро ба ин амр мавриди озмоиш ва ибтилои худ қарор диҳад. Бинобар ин, дар амре, ки ба ту супурда шудааст, аз Худо битарс ва бидон, ки агар гӯсфанде дар каронаи Фирот роҳ гум кунад, дар рӯзи қиёмат дар мавриди он мавриди савол қарор хоҳӣ гирифт. Аз шунидани ин сухан Умар сахт гирист ва гуфт: Аз

вақте, ки халифа шудаам то ҳол ҳеҷ кас чун ту бо ман чунин сухани рост нагуфтааст, пас ту кистӣ, ки ин ҳарфи рост ба ман гуфтӣ?!

Гуфт: Ман Рабеъ ибни Зиёди Ҳорисӣ ҳастам.

Фармуд: Бародари муҳоҷир ибни Зиёд ?

Гуфт: Бале.

Вакте маҷлис хотима ёфт, Умар ибни Хаттоб ҳазрати Абу Мусои Ашъариро ба ҳузур хост ва гуфт: Аҳволи Рабеъ ибни Зиёдро ба диққат бароям баррасӣ кун, агар вай марди ростин бошад, ман дар вай хайри зиёдеро мебинам ва моро дар ин масъулият ёри хоҳад расонд. Ӯро ба вазифае муқаррар соз ва аҳволашро бароям бинавис.

Аз ин рӯз муддати замони зиёде сипари нашуда буд то он, ки Абумусои Ашъарӣ бинобар амри халифа лашкареро барои фатҳи Манозир дар сарзамини Аҳвоз омода сохт ва дар ин лашкар Рабеъ ибни Зиёд ва бародараш Муҳоҷирро низ шумил кард.

Абумусои Ашъарӣ шаҳри Манозирро муҳосаро кард ва ҷангҳои шадидеро алайҳи бошандагони ин сарзамин ба роҳ андохт, ки назири он камтар дида шудааст.

Мушрикин чунон размиданд ва қаҳрамониҳои аз худ нишон доданд, ки дар фикри ҳеҷ кас нагузашт, ва шумори куштагони мусалмонон аз ҳад гузашт. Дар ин вақт, ки мусалмонон бо аҳли Аҳвоз меҷангиданд, моҳи Рамазон буд.

Вақте Муҳоҷир бародари Рабеъ ибни Зиёд мушоҳида кард, ки теъдоди куштагон дар суфуфи мусалмонон аз ҳад гузаштааст азми он намуд, ки худро дар роҳи Худо қурбон созад ва ризои Аллоҳро касб кунад. Ҳамон буд, ки худро мумиё кард ва кафан пӯшид ва ба бародараш васият намуд.

Рабеъ назди Абумусо рафт ва гуфт: Муҳоҷир тасмим гирифтааст, ки худро рӯзадор дар роҳи Худо қурбон кунад ва ту худ медонӣ, ки фишори душман бар мусалмонон аз як тараф ва шиддати рӯза аз сӯи дигар он қадар онҳоро хаста кардааст, ки тасмими ҷангашонро ба заъф мубаддал гардонида ва аз

хӯрдани рӯза пурра ибо меварзанд. Бинобар ин, коре бикун, ки аз ин ҳолат наҷот ёбем.

Ҳамон буд, ки Абумусои Ашъарӣ дар миёни лашкар истод ва фарёд зад: Эй ҷамъи мусалмонон, ман бар ҳар марди рӯзадор қасам ёд кардаам, ки ё рӯзаи худ бихурад ва ё он ки аз ҷанг худдорӣ намояд ва он гоҳ худ ҷоме аз об бигрифт ва нӯшид, то мардум ба пайравӣ аз вай рӯзаи худро ифтор намоянд.

Вақте Муҳоҷир ин ҳарфи ӯро бишнид, қатрае аз об нӯшид в гуфт: Қасам ба Худо ман ин обро аз боби ташнагӣ нанӯшидаам, аммо хостам ба ин кори худ қасами амири худро ба ҷо орам. Ва баъд шамшер аз найём бар кашид ва сафҳои душман кушуд ва худро дар миёни онҳо зад ва бидуни тарсу ҳарос ба ҳар тараф шамшер мезад, то он, ки шамшерҳои душман аз ҳар сӯ ӯро дар зери зарбати худ қарор дод ва ниҳоятан ӯро шаҳид сохтанд. Ва онгоҳ сари вай бибриданд ва бар фарози мушарраф бар саҳнаи ҷанг онро насб карданд.

Вақте Рабеъ ба сӯи сари бародараш назар афканд, гуфт: Хушо ба ҳоли ту ва чи хуб анҷоми хотима. Қасам ба Худо иншоаллоҳ интиқоми ту ва куштагони мусалмононро аз ишон хоҳам гирифт.

Вақте Абумусо дид, ки бо шаҳодати бародараш чи мусибати бузург домангири Рабеъ ва дарёфт, ки ҳисси интиқомҷӯии вай аз душман акнун ба ҷӣ ҳадде расидааст зимоми сарварии лашкарро ба вай бигзошт ва худ барои фатҳи Сус ба роҳ афтод.

Рабеъ ва лашкараш чун тӯфон бар мушрикин ҳамла бурданд ва дар сангарҳои онон ба гунаи харсангҳое, ки сел дар чуқуриҳо меандозад, рехтанд. Сафҳояшонро дарҳам кубиданд ва қувваташонро ба заъф мубаддал сохтанд. Ҳамон буд, ки Худованд Манозирро ба дасти Рабеъ ибни Зиёд бақувват ва зӯр фатҳ намуд. Вай ҷангҷӯёни ишонро ба куштан ва зану фарзандонашонро ба асорат гтрифт ва молу дороиашонро ба ?анимат бурд.

Ситораи бахт ва кавкаби иқболи Рабеъ ибни Зиёд баъд аз ҷанги Манозир тулӯъ намуд ва овоза ва шӯҳраташ дар ҳар ҷо печид. Ва ӯ яке аз роҳбарони пештоз ва баланд овоза гардид,ки корнамоиҳои бузургро аз худ ба ҷо гузошт.

Вақте мусалмонон азми фатҳи Сиистон намуданд қиёдати лашкарро ба вай супурданд ва амиди он намуданд, ки Худованд пирӯзиро ба дасти вай насиби мусалмонон намояд.

Рабеъ ибни Зиёд бо лашкари зафарманди хеш равонаи диёри Сиистон шуд, ин кишвар фосилае бас тӯлонӣ дошт, ки ҳайвоноти тезгоми саҳроӣ аз тай намудани он оҷиз буд.

Дар роҳ ба минтақае расиданд,ки Рустоқи Золик ном дошт, ки дар марзи Сиистон мавқиъият дорад. Ин шаҳр дорои қалъаҳои мустаҳкам ва қасрҳои зебо ва ҳосилоти фаровон ва меваҷоти рангоранг буд.

Ин лашкари ҳушманд қабл аз он ки ба Рустоқи Золик бирасанд ҷосусҳои худро ба он ҷо ирсол фиристоданд. Ва дарёфт, ки мардуми он маш?ули сару сомон бахшидан ба ҷашнанд, ки интизори онро доранд. Ва фаро расидани ҷашнашонро интизор шуд то он ки дар шаби ҷашнашон бехабар аз онон бар онҳо шабехун зад ва шамшерро бар сарашон мусаллат сохт ва ба зӯрӣ ин шаҳрро аз дасташон гирифт. Аз ишон бист ҳазорро каниз ва ?улом гирифт ва раисашон дар дасташ асир афтод.

Дар миёни ин асирон ?уломеро ёфтанд, ки мутаъаллиқ ба ин раис буд ва сесад ҳазор динор дошт, ки барои мавлои худ онро ҷамъоварӣ намуда буд, то онро ба ӯ супорад. Рабеъ ба вай гуфт: Ин пулро аз куҷо гирифтӣ?!

Гуфт: Аз яке аз деҳаҳои мутаъаллиқ ба оқоям.

Гуфт: Оё як деҳаи мутааллиқ ба вай ҳар сол ин андоза молро ба ӯ мепардозад?!

Гуфт: Бале.

Гуфт: Ин чӣ тавр мумкин аст?!

Гуфт: Ба дами белҳо ва нӯги досҳо ва арақи ҷабини мо.

Вақте ҷанг поён ёфт, ин раисро ба маҳзари Рабеъ ҳозир сохтанд, то аз вай бихоҳад,ки дар бадали пардохти фидя худро халос кунад.

Лизо ба ӯ гуфт: Туро вақте дар бадали фидя озод мекунам, ки барои мусалмонон фидяи зиёде бипардозӣ.

Гуфт: Чӣ қадар бипардозам?

Гуфт: Ман ин найзаро дар рост мемонам, баъд тилло ва нуқраро бар сари он бирез то он ки ин найзаро бипӯшонад.

Гуфт: Дуруст аст.

Гуфт: Дуруст аст. Баъд андӯхтаҳои худро чӣ аз тилло ва нуқра берун овард ва он қадар бар сари он найза рехт то он ки найза дар миёни тилло ва нуқра нопадид шуд.

Баъд Рабеъ ибни Зиёд бо лашкари зафарманди хеш ба сӯи Сиистон пешравӣ намуд ва қалъаҳо яке паи дигар ба сони суқути баргони дарахт тавассути бодҳои фасли тирамоҳ дар зери суми аспонаш сукут мекард.

Ва мардумони шаҳру деҳ ба истиқболашон шитофтанд ва сарафканда ва хозеъ пеш аз он, ки шамшер бар фарози гарданҳояшон фуруд ояд, аз вай хоҳони амон шуданд то он ки ба Заранҷ маркази Сиистон расиданд.

Чун ба он ҷо расиданд, диданд, ки аҳли он худро барои рӯёрӯй бо ишон омода месозанд. Ва дастаҳои ҷангиро аз ҳарсӯ барои ин ҳадаф ба марказ даъват намудаанд ва кӯмакҳо аз ҳар сӯ ба ишон дар ҳоли сарозер шудан аст ва тасмим бадон гирифтааст, то ҳамлаи мусалмононро аз ин шаҳри бузург дафъ кунад ва пешравии вайро ба Сиистон ба ҳар қимате, ки бошад боздорад.

Баъд ҷанги шадиде дар миёни тарафайн сурат гирифт,ки куштаҳои зиёде ба ҷо гузошт ва ҳеҷ як аз тарафайн аз додани талафоти беҳад даре? наварзид.

Аввалин аломайҳаҳои пирузии мусалмонон дар он намудор гашт, ки сардори ин қавм ки мардум ӯро бо ном Парвиз ёд мекарданд лозим дид, ки ҷиҳати мусолаҳа худро назди Рабеъ расонад ва то он вақт ин шахс ҳанӯз дорои нерӯи қобили мулоҳаза буд. то ба ин кор тавониста бошад барои

худ ва мардуми хеш як силсила имтиёзот ба даст орад ва бо шартҳо ба хусус аз ин ҷанг даст бардод. Аз ин рӯ, вай намояндагони худро назди Рабеъ фиристод, ки ба ӯ фурсати мулоқот диҳад, то пиромуни сулҳ бо вай ба гуфтугӯ нишинад. Ҳамон буд, ки Рабеъ тақозои ӯро пазируфт.

Рабеъ ба афроди худ дастур дод, ки ҷоеро барои истиқболи Парвиз омода созанд ва ба онҳо амр кард, ки атрофи маҳалеро, ки ин ду сарлашкар бо ҳам дидор мекунанд, бо ҷасадҳои кушташудаи форсҳо пур созанд… Ва низ амр кард, ки дар ду тарафи ҷодае, ки Парвиз аз он убур мекунад ҷусаҳои дигаре аз форсҳоро ба сурати пароканда ва номуназзам бияндозанд.

Рабеъ қади баланд ва гардани барафрошта ва чеҳраи сиёҳ дошт ва азимҷусса буд, ки дар нафси бинанда руъбу тарс меофарид.

Вақте Парвиз ба ҳузури вай дохил шуд аз шиддати хавф бозуҳояш меларзид ва аз дидори куштагон тарс саросари вуҷудашро фаро гирифта ва ҷуръати худро комилан аз даст дода буд ва ёрои он накард,ки ба Рабеъ наздик шуда бо вай даст ба даст салом кунад. Ва танҳо бо чанд калимаи шикаста ва нафаси сӯхта матолибро баён дошт ва барои сулҳ намудан, ки ҳазор ?уломро дар ҳоле, ки бар сари ҳар кадомашон ҷоме аз тилло бошад, ба вай бидиҳад. Рабеъ ин пешниҳодро пазируфт ва бо Парвиз сулҳ намуд.

Рӯзи баъди он Рабеъ ибни Зиёд дар ҳоле, ки ин қофилаи бузург аз ?уломон дар пешопеши вай мерафт ва мусалмонон садои такбиру таҳлил баланд карда буданд, дохили шаҳри Занҷ, маркази Сиистон шуд… Он рӯз яке аз рӯзҳои таърихӣ буд, ки Худованд фатҳ ва пирӯзиро насиби мусалмонон сохта буд.

Аз он вақт ба баъд Рабеъ ибни Зиёд шамшери бараҳна дар дасти мусалмонон буд, ки тавассути он бар зидди душманон меҷангиданд ва шаҳрҳоро яке паи дигар фатҳ менамуданд ва вилоятҳоро ба дасташон месупурданд, то он ки зимоми умур ба бани Умаййа такя кард. Ҳамон буд, ки

ҳазрати Муъовия ибни Абусуфён ӯро ба сифати волии Хуросон муқаррар намуд… Аммо вай ба ин вилоят розӣ набуд… Ба хусус ин норизоятии вай нисбат ба ин вазифа вақте афзун ёфт, ки Зиёд ибни Абиҳ яке аз волиёни баландпояи бани Умайя нома ба вай фиристод ва гуфт: «Амирул мӯъминин Муъовия ибни Абусуфён ба ту амр намудааст, ки тилло ва нуқрае, ки аз ?аниматҳои ҷангӣ ба дастат омадааст, барои байтулмоли мусалмонон бифармо, ва бақия ҳар чи, ки ҳаст, онро дар миёни муҷоҳидон тақсим намо»…

Вай дар ҷавоб ба ӯ навишт: «Ман дар китобуллоҳи азза ва ҷалла ғайри он чиро ёфтам, ки ту маро баон ба забони амирулмӯъминин амр намудаӣ».

Баъд дар миёни мардум фарёд зад, ки фардо биёед ва ?аниматҳоятонро бигиред… Баъд хумси ин ?аноимро ба дорулхилофа дар Димишқ фиристад…

Вақте рӯзи ҷумъае, ки баъди ин нома фаро расид, Рабеъ ибни Зиёд бо либоси сафед ба намоз баромад ва барои мардум хутбаи ҷумъаро хонд ва гуфт : «Эй мардум ман аз ин зиндагӣ хаста шудаам. Аз ин рӯ, ман дуъо мекунам ва шумо омин бигӯед.

Баъд дуъо кард: Худоё агар ба ман хайреро ирода намудаӣ, пас маро ба назди худ бихоҳ ва дерам магузор…

Офтоби он рӯз ҳанӯз ?уруб накарда буд, ки дуъояш иҷобат гардид ва Рабеъ ибни Зиёд ба ҷавори раҳмати Парвардигораш пайваст.

## АБДУЛЛОҲҲ ИБНИ САЛОМ

Ҳусайн ибни Салом яке аз уламои номвари яҳуд дар Мадина буд. Аҳли Мадина бо вуҷуди ихтилофе, ки дар мазоҳиб ва адёнашон доштанд, ӯро такдир ва икром мекарданд.

Ин шахс дар миёни мардум ба тақво ва парҳезгорӣ ва сидқу росткорӣ маъруф буд.

Ҳусайн зиндагии ором ва сода дошт ва дар айни замон марди қотеъ ва дурандеш буд:

Як бахшро дар каниса барои ваъз ва ибодат… Ва бахши дигарро дар бо?и мутаъаллиқ ба худаш сипарӣ мекард ва ба ислоҳ ва пайванди дарахтон мегузаронид.

Ва бахши саввумро барои мутолиъаи Таврот ва ёд гирифтани аҳкоми дин тахсис дода буд.

Вай ҳар вақте, ки Тавротро мехонд ва ба мавзӯъе, ки зуҳури Паёмбари охируззамонро дар Макка башорат медод рӯбарӯ мешуд, дар муқобили он ба дарозо меандешид. Ӯ авсофи ин Паёмбарро, ки беъсати ӯро интизорӣ мекашид, бо диққат баррасӣ мекард ва бисёр хушҳол буд, ки ин паёмбар зодгоҳи худро, ки дар он ба рисолат мабъус мегардад, тарк гуфта ва Ясрибро ҳиҷратгоҳ ва маскани худ мегирад сахт хушҳол ва масрур буд.

Ӯ вақте ин ахборро мехонд ва ё ба хотираш мегузашт, ки паёмбаре дар ин наздикиҳо мабъус мегардад, орзу мекард, ки кош умрам дароз мебуд, то қудуми ин Паёмбари охируззамонро ба чашми сар бубинад ва бо дидораш саъодатро касб кунад ва аввалин касе бошад, ки ба вай имон оварад.

Худованд дуъои Ҳусайн ибни Саломро иҷобат намуд ва барояш умри дарозе бахшид, то он ки ин Паёмбари ҳидоят ва раҳмат мабъус гардид… Ва барояш муқаддар сохт, ки

дидорашро касб кунад ва шарафи сӯҳбаташро дарёбад ва ба ҳаққи Худованд барояш нозил намуда имон орад.

Мо акнун риштаи суханро ба худи Ҳусайн ибни Салом мегузорем, то ҳикоят ва достони имон овардани худро ба мо қисса намояд, чун худи вай ба мавзуъ беҳтар огоҳӣ дорад ва хубтар матлабро барои мо бозгӯ мекунад.

Абдуллоҳҳ ибни Салом гуфт: Вақте аз зуҳури Хазрати Расулуллоҳсалалоҳу алайхи ва саллам огоҳ шудам шурӯъ ба бозпурсӣ ва касби иттилоъ аз ному насаб ва сифат ва замон ва маконаш намуд. Ва ман ин авсоф ва хусусиятҳоро бо пешгӯиҳое, ки дар китоби мо аз вай шуда буд, татбиқ мекардам, то он ки ин ҳама сифатҳо ва шартҳоро дар вай ёфтам ва ба нубувваташ яқин ҳосил шуд. Баъд ин амрро аз яҳуд пинҳон доштам ва забони худ аз ҳарф задан перомуни ин амр нигаҳ доштам... То он ки Ҳазрати Расули Худо (саллаллоҳу алайҳи вассалам) Маккаро ба қасди Мадина тарк гуфт.

Вақте вай ба Ясриб расид ва ба Қубо поин шуд, марде рӯ ба мо намуд ва бо садои баланд дар миёни мардум қудуми вайро дар Мадина эълон кард. Ман дар он лаҳза бар сари дарахти хурмо будам ва дар он кор мекардам ва аммаам Холида духтари Ҳорис дар зери ин дарахт нишаста буд. Ҳамин ки ин хабарро шунидам фарёд задам: Аллоху Акбар... Аллоҳу Акбар.

Вақте аммаам садои такбири маро шунид ба ман гуфт: Худованд туро ба мақсад расонад...

Қасам ба Худо агар кудуми Мусо ибни Имронро мешунидӣ, болотар аз ин коре намекардӣ...

Ба вай гуфтам: Эй амма, қасам ба Худо ин шахс ҳамоно бародари Мусо ибни Имрон аст ва бар дини вай мабъус гардида буд, вай низ баон рисолат ёфтааст...

Андаке хомӯш монд ва баъд гуфт: Оё ин ҳамон паёмбарест, ки шумо барои мо мегуфтед, ки рисолати анбиёи пешинро тасдиқ менамояд ва рисолати Худованд тавассути вай ба итмом мерасад.?!

Гуфтам: Бале...

Гуфт: Пас ин…

Баъд дарҳол ба хузури Ҳазрати Расули Худо (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) рафтам, дидам, ки мардум бар дарвозааш издиҳом доранд. Ман низ худро дар ин издиҳом задам то он ки худро ба вай наздик сохтам.

Аввалин ҳарфе, ки ман аз вай шунидам ин буд:

Эй мардум саломро ривоҷ созед.

Ва таъом бидиҳед… Ва дар шаб дар ҳоле, ки мардум ба хоб рафтаанд намоз бихонед ва ба хубӣ ва саломатӣ дохили биҳишт мешавед…

Ба дидаи таҳқиқ ба вай нигаристам ва чашми хеш аз дидораш комгор сохтам, то он ки маро яқин ба он омад, ки чеҳраи вай чеҳраи марди дурӯ?гӯро намемонад.

Баъд худро ба вай расонидам ва калимаи шаҳодат хондам: Ашҳаду анло илоҳа иллаллоҳу ва ашҳаду анна Муҳаммадан расулуллоҳ.

Рӯ ба сӯи ман намуд ва гуфт: Номат чист?

Гуфтам:Ҳусайн ибни Салом.

Фармуд : Балки Абдуллоҳҳ ибни Салом.

Гуфтам: Дуруст аст, Абдуллоҳҳ ибни Салом… Қасам ба зоте,ки туро ба ҳақ мабъус гардонидааст дӯст надорам, ки баъд аз ин рӯз ?айр аз ин номро дошта бошам.

Баъдан аз назди Расули Худо ба хона баргаштам ва ҳамсару фарзандон ва аҳли хонаводаи худро ба Ислом даъват кардам. Ҳамаи ишон ба даъватам лаббайк гуфта, Ислом оварданд ва амаам Холида, ки пиразани солхӯрдае буд, низ ҳамроҳашон имон овард…

Баъд ба онҳо гуфтам: Мусалмон шудани худро аз яҳуд пинҳон доред, то он ки бароятон иҷозат дода нашавад, ҳарфе ба онҳо нагӯед!!!

Гуфтанд: Дуруст аст.

Баъд ба ҳузури Ҳазрати Расули Худо баргаштам ва ба ӯ гуфтам: Эй Расули Худо, Яҳуд қавми бӯҳтонгар ва осианд… Ва ман мехоҳам, ки сарони онҳоро ба ҳузури худ бихо ва маро назди худ ҳуҷрае аз ҳиҷраҳоят махфӣ дор ва баъд қабл аз он, ки аз мусалмон шудани манн хабардор шаванд, дар мавриди

мақом ва манзалати ман аз ишон савол кун ва сипас онҳоро ба Ислом даъват намо.

Чун ман медонам, ки вақте ишон аз мусалмон шуданам иттилоъ ёбанд маро ба айбҳое муттаҳам месозанд ва аз ҳар гуна бӯҳтон ва бадгӯӣ нисбат ба ман даре? намеварзанд.

Ҳамон буд, ки Ҳазрати Расули Худо маро дар яке аз утоқҳояш дохил кард ва баъдан ишонро ба ҳузур хост ва ба мусалмон шудан ташвиқашон намуд. Ва имон оварданро ба ишон маҳбуб ҷилва дод ва онҳоро ба ёди матолибе овард, ки дар китобҳояшон перомуни Паёмбари охируззамон омадааст.

Ишон бо вай дар амри ҳақ ба мунақаша ва гуфтугӯ пардохтанд. Вақте аз имон овардани ишон ноумед гардид, ба онҳо гуфт: Ҳусайн ибни Салом дар миёни шумо чӣ мақом ва манзалате дорад?

Гуфтанд: Ӯ мавлои мо ва мавлозодаи мо ва олими мо ва олимзодаи мост. Фармуд: Чӣ фикр мекунед, ки агар вай имон орад, шумо низ имон хоҳед овард?

Гуфтанд: Ҳаргиз вай чунин накунад... Худованд ӯро аз мусалмон шудан нигоҳ дорад. Баъд ман ба ҳузурашон баромадам ва гуфтам: Эй ҷамъи яҳуд аз Худо битарсед ва он чиро, ки Муҳаммад овардааст, қабул кунед. Қасам ба Худо, ки шумо хуб медонед, ки вай Паёмбари Худост ва ному авсофаш дар Таврот е, ки дар даст доред, навишта шудааст.

Ва ман шаҳодат медиҳам, ки вай Паёмбари Худост ва ба вай имон меоварам ва рисолаташро тасдиқ мекунам ва ман вайро мешиносам...

Гуфтанд: Дурӯ? гуфтӣ, қасам ба Худо, ту бадбахтарини мо ва чоҳили мо ва чохилзодаи мо ҳастӣ ва ҳеҷ айбе набуд магар он, ки маро ба он муттаҳам сохтанд.

Ба Ҳазрати Расули Худо гуфтам: Оё ба ту нагуфта будам, ки яҳуд қавми бӯҳтонгар ва дурӯ?гӯ ва хиёнатпеша аст?

Абдуллоҳ ибни Салом чун ташнаи об ба Ислом рӯй овард ва дилбохта ва муштоқи Қуръон шуд ва ҳамеша забонаш ба хондани ояти Қуръон маш?ул буд. Ва он қадар ба Ҳазрати Расули Худо алоқа гирифт, ки чун сояаш дар канори вай равон буд...

Ва худро барои амалкарде, ки вайро дохили биҳишт созад, омода сохт, то он ки Ҳазрати Расули Худо ӯро ба биҳишт башорат дод, чунон муждае, ки дар миёни саҳобаи киром пахш гардид…

Барои ин башорат ҳикояте ҳаст, ки Қайс ибни Уббода ва ?айра онро ривоят кардаанд.

Рови мегӯяд: Ман дар як ҳалқа аз ҳалқаҳои илм дар масҷиди Ҳазрати Расули Худо-(салаллоҳу алайҳи ва саллам) дар Мадина нишаста будам. Дар ин ҳалқа олиме нишаста буд, ки нафси одамӣ аз дидораш шод мешуд ва қалб ба ҳамнишиниаш унс мегирифт. Ин шайх ба мардум суханони ширин ва дилнишин мегуфт. Вақте вай аз ҷой бархост мардум гуфтанд: Касеро хуш ояд,ки ба марди аз аҳли биҳишт бингарад, бояд ба ин шахс тамошо кунад.

Гуфтам: Ин шахс кист?!

Гуфтанд: Ин шахс Абдуллоҳҳ ибни Салом аст.

Ба худ гуфтам: Аз паи вай хоҳам рафт. Чун дар паи ӯ шудам, то ҷое рафт, ки наздик буд аз Мадина берун шавад ва баъд дохили манзили худ шуд.

Ман аз вай иҷозаи духул хостам, бароям иҷозаи духул дод ва гуфт: Эй бародарзода чи ҳоҷате дорӣ?

Гуфтам: Вақте аз масҷид берун шудӣ аз мардум шунидам, ки дар бораи ту мегуфтанд: Касеро хуш ояд, ба марде аз аҳли биҳишт бингарад, бояд ба ин шахс тамошо кунад. Ҳамон буд, ки аз паи ту шудам то рози ин сухан дарёбам ва то бидонам,ки ту аз аҳли биҳиштӣ.

Гуфт: Эй фарзанд Худованд худ ба аҳли биҳишт огоҳ аст.

Гуфтам: Дуруст аст…Аммо ҳарферо, ки мардум дар бораи ту гуфтанд ҳатман сабабе дорад?

Гуфт: Сабаби он ба ту хоҳам гуфт.

Гуфтам: Сабабашро бароям бигӯ, Худо туро хайр бидиҳад.

Гуфт: Дар замони Ҳазрати Расули Худо (салаллоҳу алайҳи ва салом) дар асное, ки ман шабе хобида будам дар хоб дидам, ки марде наздам омад ва гуфт: Бархез аз ҷой. Аз ҷой бархостам. Дастам бигрифт дидам, ки дар дасти чапам роҳест.

Қасд намудам, ки ба он равам... Ин мард ба ман гуфт: Ин роҳро бигзор, ки роҳи ту нест. Ва чун ба тарафи ростам нигаристам, дидам, ки роҳи рост ва мустақим аст ва ба ман гуфт: Ба ин роҳро бирав... Ман ин роҳ гирифта рафтам то он ки ба бӯстоне расидам, ки хеле васеъ ва бузург, сарсабз ва шодоб, дилкаш ва дилрабо буд. Дар миёни ин бӯстон сутуме буд, ки кундааш дар замин ва сараш то аъмоқи осмонҳо рафта ва дар ниҳояти он ҳалқае буд аз тилло.

Ин мард ба ман гуфт: Бар ин сутун боло шав.

Гуфтам: Боло шуда наметонам.

Ходиме омад ва маро ба он боло кард ва бар он боло рафтам, то он ки ба сари ин сутун расидам ва он ҳалқаро ба ҳарду дасти худ гирифтам ва пайваста ба ин ҳалқа овезон будам, то он ки шаб рӯз шуд.

Вақте субҳ шуд, ба ҳузури Паёмбари Худо (салаллоҳу алайҳи васаллам) омадам ва хоби худ ба вай ҳикоят намудам. Вай гуфт: Аммо ин роҳ, ки ту дар тарафи чапи худ дидӣ ин тариқи асҳоби шимол аз аҳли дӯзах аст.

Ва аммо он роҳе,ки дар тарафи рости худ дидӣ, он роҳи асҳоби ямин аз аҳли биҳишт аст...

Аммо ин бӯстоне, ки зоҳири он дилрабоӣ мекард, ҳамоно Ислом аст...

Ва аммо ин сутуне, ки дар васати ин бо? қарор дошт ин сутуни дин аст...

Ва ин ҳалқа ҳамоно урватул вусқо аст...

Ва пайваста ба он мутамассик хоҳӣ буд, то он ки аз ин дунё биравӣ.

БИСМИЛЛОҲИР РАҲМОНИР РАҲИМ

## СУРОҚА ИБНИ МОЛИК

Дар яке аз субҳгоҳон Қурайшиён хавфзада ва ҳаросон аз ҷой бархостанд ва дар бошишгоҳашон овоза шуда буд, ки Муҳаммад (с.) бо истифода аз торикии шаб, Маккаро тарк гуфтааст. Сарварони Қурайш ин хабарро нобоваркарданӣ талқин намуданд... Аз ин рӯ, ба ҷустуҷуи вай ба ҳар хона аз хонаҳои Бани Ҳошим сар заданд ва дар пайи дарёфти вай хонаҳои ёронашро кофтуков карданд. То он кӣ ба хонаи Абубакр омаданд. Асмоъа духтари ҳазрати Абубакри Сиддиқ аз хона берун шуд. Абуҷаҳл ба вай гуфт:

Эй духтарак, падарат куҷост? Асмоъа ҷавоб дод: Намедонам, ки вай акнун дар куҷост.

Абуҷаҳл дасти худ баланд кард ва силии сахте ба рӯйи вай зад, то он ки гӯшвораш ба замин афтод.

Қурайшиён вақте яқин карданд, ки Муҳаммад (с) Маккаро тарк гуфтааст, девонавор дар пайи вай шуданд. Ва касонеро, ки дар пайгирӣ маҳорат доштанд, омода сохтанд, то роҳе, ки Муҳаммад (с) ба он рафтааст, мушахас созанд. Ва он гоҳ худ ҳамроҳ бо ишон дар пайи ҷустуҷӯи вай баромаданд.

Вақте ба ғори Савр расиданд, пайшиносон ба онҳо гуфтанд, ки шахси мавриди назаратон ба ин ғор надаромадааст. Ва ин пайшиносон дар ҳарфи худ барои Қурайш хато накарда буданд. Чун Муҳаммад (с) ва соҳибаш Абубакр дар дохили ин ғор ҳузур доштанд ва Қурайш бар сари онҳо истода буданд. То он ҷойе, ки ҳазрати Абубакр поҳои ин мардумро бар сари худ медид, кӣ ҳаракат менамуданд. Лизо ашк аз чашмонаш берун шуд... Ҳазрати Расули Худо (с) ба дидаи муҳаббат ва итминон ва итоб ба вай нигарист.

Ҳазрати Абубакри Сиддиқ оҳиста дар гӯши ҳазрати Расули Худо (с) гуфт: Қасам ба Худо, ки ба хотири худ намегирям, вале аз он ҷиҳат мегирям, ки мабодо азияте муттаваҷеҳи ту шавад.

Ҳазрати Расули Аллоҳ (с.) бо итминон ба вай гуфт: Эй Абубакр, ғамгин машав, Худо бо мост.

Ҳамон буд, ки Аллоҳ таъоло дар қалби Абубакр оромиш ва сукунро афканд. Ва аз ин лаҳза ба баъд бо итминон ба қадамҳои ин мардум нигарист. Ва баъд гуфт: Эй Расули Худо (с) агар яке аз ишон ба зери пойи худ назар кунад, моро хоҳад дид. Ҳазрати Расули Худо (с) ба вай фармуд: Эй Абубакр, ба касоне, ки саввуми ишон Худо бошад, чӣ гумон дорӣ ?!! (Матлаб ин, ки мо ду нафар танҳо нестем, ҳамроҳи саввум Худованд аст ва Худованд бо мост ва андеша макун).

Дар ин вақт буд, ки садои ҷавонеро шуниданд, ки ба Қурайш мегуфт:

Биёед, бар сари ғор биравем, то дохили онро бингарем.

Умайя ибни Халаф бо тамасхур ба вай гуфт: Оё ин анкабутро намебинӣ, ки бар даҳани ғор ошёна сохта аст ?!!

Ин ошёни анкабут баёнгари он аст, ки пеш аз валодати Муҳаммад (с) дар ин ҷо ошёна сохтааст.

Абуҷаҳл гуфт: Ба назари ман Муҳаммад (с) ва ёронаш аз ин ҷо чандон дур нестанд ва ҳарфҳои моро мешунаванд. Ва корҳои моро мебинанд, ки чи мекунем. Аммо сеҳри вай бар чашмони мо парда афканда ва моро кӯр сохтааст.

Қурайш аз дастёбӣ бар Муҳаммад (с) даст набардошт ва аз азми худ мабнӣ бар пайгирии вай барнагашт. Бино бар ин, дар миёни қабилаҳое, ки дар роҳи Макка ва Мадина қарор доштанд, эълон кард, ки ҳар кас Муҳаммад (с)-ро зинда ва ё мурда ба ишон таслим диҳад, сад шутури норро ба унвони ҷоиза дарёфт хоҳад дошт.

Суроқа ибни Молики Мадлаҷӣ дар яке аз толорҳои қавми худ дар Қудайд, ки дар наздикии Макка қарор дошт, ба сар мебурд. Дар ин асно яке аз намояндагони Қурайш ба ҳузури ишон дохил шуд ва онҳоро аз мавзӯъи ҷоизаи Қурайш дар бадали дарёфти Муҳаммад (с) иттилоъ дод ва хотирнишон

сохт, ки ҳар касе агар мурда ва ё зиндаи Муҳаммад (с)-ро биоварад, ин сад шутури норро ба унвони ҷоиза дарёфт хоҳад кард.

Вақте Суроқа хабари ин сад шутури норро шунид, бетоб шуд ва хирсу озаш ӯро ба пайгирӣ ва дарёфти Муҳаммад (с) хонд. Аммо худро бурдбор гирифт ва ҳарфе аз даҳонаш берун нашуд, то тамаъ ва ҳирси дигаронро ба дарёфти Муҳаммад (с) таҳриқ накунад. Ва ин хабарро зоҳиран бо бисёр хунсардӣ талқин намуд.

Ва қабл аз он, ки Суроқа аз ҷои худ бархезад, касе аз қавмҳояш бар маҷлис дохил шуд ва гуфт: Қасам ба Худо акнун се тан аз пеши рӯям гузаштанд ва гумони ғолибам он аст, ки ишон Муҳаммад (с), Абубакр ва роҳбаладашон буда бошад.

Суроқа гуфт: На чунин нест. Онҳо фалон ва фалон касонанд, ки шутурашонро гум кардаанд ва дар пайи ҷустуҷӯи онҳо баромадаанд.

Ин мард гуфт: Шояд чунин бошад ва баъд хомӯш гардид…

Баъд Суроқа андак даранг кард, то бархостанаш ҳисси кунҷковии ҳозирини маҷлисро барнаангезад.

Вақте мардум ба мавзӯъи дигар машғул шуданд, Суроқа оҳиста худро аз маҷлис кашид ва ба суръат ба хонаи худ рафт ва оҳиста ба канизи худ гуфт, ки асплашро пинҳон аз чашми мардум аз деҳа берун карда ва дар фалон водӣ онро баста монад. Ва ба ғуломи худ амр кард, ки силоҳашро омода сохта ва оҳиста ва пинҳон аз ақиби хонаҳои деҳа берун созад, то ҳеҷ кас ӯро набинад ва онро дар ҷойи наздик ба асп бигузорад. Суроқа зиреҳи худро ба тан кард, ва силоҳи худро ба шона овехт ва бар зини асп савор шуд ва бо суръат ба роҳ афтод, то Муҳаммад (с) –ро қабл аз ин ки дигарон дарёбанд, дастгир намуда ва ҷоизаи Қурайшро ба даст орад.

Суроқа ибни Молик яке аз паҳлавонони номии қавми худ буд. Қади барафрошта дошт ва гардани ғафс. Ва дар пайшиносӣ ӯро маҳорати том буд ва бар пайомадҳои ҳавлноки роҳ фавқулодда сабур ва бурдбор.

Илова бар ин ӯ марди ҳушёр, оқил, адиби суханвар ва шоири ширинзабон буд ва аспаш асолати зот дошт. Дар асное, ки Суроқа роҳҳоро ба суръат тай мекард, ногаҳон пойи аспаш лағжид ва ба замин афтод. Вай ин ҳодисаро барои худ фоли бад гирифт ва гуфт: Ин чӣ ҳол аст? Хок бар сари чун ту аспе… Ва он гоҳ бар аспаш савор шуд ва ба роҳ афтод. Магар боз чанд қадаме ба пеш норафта, ки пойи аспаш лағзид ва ба замин афтод ва бадфолиаш нисбат ба қабл афзун гардид. Қасди он намуд, ки баргардад. Агар ҳирсаш ба дарёфти сад шутур намебуд, ҳатман бармегашт.

Суроқа аз ҷойе, ки аспаш лағжида буд, чанд қадаме ба пеш наниҳода буд, ки чашмаш ба Муҳаммад (с) ва ёраш афтод. Даст ба камон бурд то Муҳаммад (с)-ро ҳадаф гирад, ки досташ ҷо ба ҷо хушк монд. Ва аз сӯи дигар пойҳои аспаш дар замин фурӯ рафтан гирифт ва дуде аз миёни ду дасти аспаш бархост ва чашми асп ва соҳибашро фаро гирифт. Вақте аспро ба пеш тохт, дид, ки поҳои аспаш чунон дар замин кӯбида шудаанд, ки гӯё бо меҳҳои оҳанин ӯро дар замин мех карданд. Баъд ба ҳазрати Расули Худо (с) ва ёраш рӯ оварда, бо садои ҳазин ва пур аз илтимос аз ишон хост: Эй, ин ду тан мусофири роҳ! Аз Парвардигоратон бароям бихоҳед, ки поҳои аспамро аз замин халос кунад.

Ва ман ба шумо аҳд медиҳам, ки ба шумо коре нахоҳам дошт… Ва аз азияти худ даст хоҳам кашид.

Ҳазрати Расули Худо (с) ба ӯ дуо намуд ва Худованд поҳои аспашро раҳо кард. Аммо дере нагузашт, ки тамаъаш дубора ба ҷӯш омад. Ва аспи худро ба пеш ронд. Дар ин бор поҳои аспаш беш аз пеш дар замин фурӯ рафтан гирифт. Ин бор низ бо истиғоса ба ишон фарёд зад ва гуфт: Тӯша ва матоъ ва силоҳам азони шумо бод.

Инҳоро аз ман бигиред ва ман бароятон аҳд медиҳам, ҳар касе, ки аз пайи шумо ояд,онҳоро баргардонам.

Ишон ба вай гуфтанд: Мо ба тӯша ва силоҳи ту эҳтиёҷ надорем, аммо мардумро аз пайгирии мо баргардон.

Баъд ҳазрати Расули Худо (с) барояш дуо кард ва поҳои аспаш боз шуд.

Вақте азми баргашт намуд фарёд зад: Андаке биистед, ки бо шумо ҳарфе дорам. Қасам ба Худо аз ман коре сар нахоҳад зад, ки бар зараратон бошад.

Гуфтанд: Аз мо чӣ мехоҳӣ ??!

Гуфт: Қасам ба Худо ай Муҳаммад (с) маро имон ба он аст, ки дини ту ҳатман зафар хоҳад ёфт ва кори ту боло хоҳад гирифт. Аз ин рӯ барои ман аҳд бидеҳ, ки агар дар даврони салтанат ва подшоҳии ту оям, маро иззату икром кунӣ... ва ин аҳд бароям бинавис...

Ҳазрати Расули Худо (с) Абубакри Сиддиқро амр кард, ки чунин аҳдеро барои вай бинависад. Ҳазрати Абубукри Сиддиқ ин аҳдро бар сафҳаи устухоне бинавишт ва барояш дод.

Вақте қасди баргашт намуд, ҳазрати Расули Худо (с) ба вай гуфт: Эй Суроқа, агар даствонаҳои Кисроро ба даст андозӣ, чӣ тавр?!

Суроқа ба тааҷҷуб гуфт: Кисро ибни Ҳурмуз.

Фармуд: Бале, Кисро ибни Ҳурмуз. Суроқа ба ақиби худ баргашт, дид, ки мардоне чанд ба қасди дастёбии ҳазрати Расули Худо (с) дар ҳоли роҳ паймудаанд. Чун ишонро бидид, ба онҳо гуфт: Ба ҷойи худ баргардед, ман қабл аз шумо ҳеҷ роҳ намонд, магар он, ки худро ба он расондаем ва асаре аз вай наёфтам. Ва шумо хуб медонед, ки ҳеҷ касе ба андозаи ман дар шинохти асари роҳ маҳорат надорад. Ҳамон буд, ки ҳамаи ишон баргаштанд.

Баъд вай саргузашти худро дар иртибот ба ҳазрати Муҳаммад (с) ва ёраш Абубакри Сиддиқ аз мардум пинҳон дошт, то он, ки яқин намуд, ки ин ду акнун ба ҷой амне дар Мадина расида ва аз таҷовузи Қурайш худро маҳфуз доштаанд. Дар чунин фурсате хабари онҳоро пахш кард. Вақте Абуҷаҳл аз саргузашти Суроқа бо Муҳаммад (с) хабар шуд, ӯро марди тарсу ва буздил хонд. Ва аз ин ки чунин фурсати тиллоиро аз даст додааст, ӯро ба боди маломат гирифт.

Суроқа дар ҷавоб гуфт:

Эй Абулҳакам, агар ту маро дар он ҳолат медидӣ, ки поҳои аспам дар замин фурӯ рафта буд, ҳатман ба яқин медонистӣ,

ки Муҳаммад (с) Пайёмбарест ростин ва чи касе метавонад бо чунин Пайёмбари ростин муқовимат кунад.

Рӯзҳо сипарӣ шуд ва моҳҳо гузашт. Акнун ин Муҳаммад (с), ки ду рӯз овора ва бепаноҳ дар торикии шаб аз Макка берун шуд, имрӯз сарафрошта ва фотеҳ дар ҳоле, ки ҳазорон тан ба гирди вай ҳамроҳ бо шамшерҳои дурахшанда ва найзаҳои тобони худ гирди вайро гирифта, дохили Макка мешуд.

Ва имрӯз ин сарварони мутакаббир ва сардорони гарданфарозе, ки дар тӯли зиндагониашон зулм ва барбариятро раво медоштанд, сарафканда ва бадҳол ба вай рӯ меоварданд ва аз вай илтимоси афв ва бахшиш менамоянд, ки бо ишон аз гузашт ва нармӣ кор гирад ва ба ӯ мегӯянд: Бо мо чӣ хоҳӣ кард?!!

Ҳазрати Расули Худо (с) бо гузашти Пайёмбаронаи худ ба онҳо мегӯяд: Биравед, шумо ҳама озод ҳастед.

Дар чунин фурсате Суроқа ибни Молик маркаби худро орост ва дар ҳоле, ки он аҳдро ки даҳ сол қабл аз вай гирифта буд, дар даст дошт, ба сӯи ҳазрати Расули акрам ба роҳ афтод, то Исломи худро дар пеши вай эълон намояд.

Суроқа гуфт: Ба ҳузури Пайёмбар (с.с.) дар Ҷайрона (номи ҷойест дар миёни Макка ва Мадина ва ба Макка наздик аст) дар миёни дастае аз ҷанговарони Ансораш дохил шудам. Ишон бо қундоқи найзаҳояшон маро ба ақиб мезаданд ва мегуфтанд: Дур шав, дур шав, чӣ мехоҳӣ?

Ман пайваста сафҳояшонро мекушодам, то он ки худро ба ҳазрати Расули Худо (с) дар ҳоле, ки бар шутураш савор буд, наздик сохтам. Ва навиштаашро ба даст гирифта баланд намудам ва гуфтам: Эй Расули Худо (с)… Ман Суроқа ибни Молик ҳастам ва ин ҳамон нома аст, ки ту худ ба ман дода будӣ. Ҳазрати Расули Худо (с) ба ман гуфт: Эй Суроқа, ба ман наздик шав.. Имрӯз рӯзи вафо кардан ва некирасонӣ аст.

Ҳамон буд, ки ба вай наздик шудам ва Исломи худро дар пешгоҳаш эълон намудам ва аз хайр ва некиаш истифода бурдам.

Аз мулоқот ва дидори Суроқа ба ҳазрати Пайёмбар (с.с.) ҳанӯз чанд моҳе сипарӣ нашуда буд, ки Худованд Расули худро ба ҷивори раҳмати хеш хонд.

Суроқа ба вафоти ҳазрати Пайёмбар (с.с.) сахт андӯҳгин шуд. Ва он рӯзро ба ёд овард, ки ба хотири ба даст овардани сад шутур, тасмими қатли вайро гирифта буд. Ва акнун тамоми шутурҳои дунёро бо як нохуни қатъшудаи пойи ҳазрати Расули Худо (с) баробар намекунад.

Ва пайваста ин башорати ҳазрати Расули Худо (с)-ро такрор мекард, ки ба ӯ гуфта буд: Чӣ тавр эй Суроқа, агар даствонаҳои Кисроро ба даст кунӣ?!

Ӯ бидуни шакку тардид яқин ба он дошт, ки рӯзе даствонаҳои Кисроро ба даст хоҳад кард. Муддатҳо гузашт ва замонҳо сипарӣ шуд, то он ки хилофат ба ҳазрати Умари Форуқ такя кард. Ва лашкари мусалмонон дар аҳди фархундаи вай бар кишвари Форс роҳ кушуд. Ва чун гӯфон бар дару диёри он вазидан гирифт.

Лашкари мусалмонон қалъаҳоро яке баъди дигаре фатҳ ва лашкарҳоро яке пайи дигаре шикаст дода, тоҷу тахтҳоро сарнагун сохт. Ва ғаноим ва амволи зиёдеро ба даст овард, то он ки Худованд ба дасти ин лашкар зимоми мамлакат аз дасти ишон бигрифт ва ба касони дигар онро супурд.

Дар яке аз охирин айёми хилофати ҳазрати Умар (а), паёмоварони Саъд ибни Абиваққос ба Мадина расиданд ва ҳазрати халифаро ба футуҳоти муслимин мужда доданд. Ва ҳумси панҷяки ғаниматҳоро, ки Худованд ба ғанимати мусалмонон даровардa буд, ҳамроҳ бо хештан ба байтулмоли мусалмонон оварданд. Вақте ин ғаноимро дар пеши рӯи ҳазрати Умар гузоштанд, бо тааҷҷуб бадон нигарист…

Дар миёни ин ғаноим тоҷи Кисро, ки бо анвоъи ҷавоҳироти қимат ва дурҳои ноёб зинат ёфта буд ва либосҳое, ки бо торҳои тиллоӣ бофта шуда ва саршонае, ки бо ҷавоҳирот музайян гардида ва даствонаҳое, ки назири онро касе надидааст шомил буд.

Ҳазрати Умар бо асое, ки дар даст дошт ин ганҷҳои гаронбаҳоро тагурӯ мекард ва баъд ба пиромунаш назар

афканд ва гуфт: Мардуме, ки ин ганҷинаҳоро ба мо фиристода, мардумони амин будаанд.

Ҳазрати Алӣ, ки дар ин вақт ҳузур дошт гуфт: Эй амирулмуъминин, чун худат иффат пеша намудӣ, лизо раъиятат низ иффат намудаанд... Агар худат амин намебудӣ, онҳо низ амин намебуданд.

Дар ин вақт буд, ки ҳазрати Умари Форуқ, Суроқа ибни Моликро ба ҳузур хост ва пироҳан ва изор ва ҷома ва наълайни Кисроро ба вай пӯшонид ва шамшерашро ба гарданаш овехт ва камарбандашро дар миёнаш баст. Ва тоҷи Кисроро бар сараш ниҳод ва ҳарду дастбанди зебояшро дар дасти ӯ намуд. Дар чунин фурсате мусалмонон наъраи такбир баланд карда гуфтанд: Аллоҳ Акбар... Аллоҳ Акбар... Аллоҳ Акбар... Баъд ҳазрати Умар рӯ ба Суроқа намуд ва гуфт: Баҳ, баҳ... Ин аъробии пойлуч аз бани Мудлиҷро нигар, ки тоҷи Кисро ба сару даствонаи вай ба даст дорад!!

Баъд сари худ ба сӯи осон баланд кард ва гуфт:

Эй Парвардигор, ту ин молро аз Пайёмбарат, ки нисбат ба ман назди ту маҳбубтару зиёдтар аз ман назди ту қадр дошт боз доштӣ. Ва онро аз Абубакр, ки аз ман назди ту маҳбуб ва зиёдтар аз ман назди ту қадр дошт, боздоштӣ. Ва акнун, ки онро бар ман лозим дидӣ, ба ту аз он паноҳ меҷӯям, ки бо гузоштани ин миннат ва додани он ба ман маро ба иқоби худ мубтало созӣ. Баъд қабл аз он ки аз ҷойи худ бархезад, онро дар миёни мусалмонон тақсим намуд.

## ФИРӮЗИ ДАЙЛАМӢ

Вақте Ҳазрати Расули Худо (с) аз ҳаҷҷатулвадоъ баргашт, ба беморие мубтало шуд ва хабари бемориаш дар гӯшаву канори ҷазираи Араб пахш гардид. Асади Анасӣ дар Яман, Мусайлимаи каззоб дар Ямома, Тулайҳаи Асадӣ дар сарзамини Бани Асад аз дини Ислом баргаштанд. Ва ин се тан аз мудаъиёни козиб иддио намуданд, ки гӯё ишон аз тарафи Худованд ба қавми хеш ба рисолат мабъус шудаанд, ба гуное, ки Муҳаммад (с) ба Қурайш мабъус гардидааст.

Асвади Анасӣ, ки марди коҳин ва дар сеҳру чашмбандӣ дасти дароз дошт, дорои чеҳраи сиёҳ ва ҳайкали қавӣ ва инсони бадкор буд.

Илова бар ин ӯ марди фасеҳ буд, ки бо баёни сеҳромезаш мардумро таҳти таъсири ҳарфҳои худ меовард. Ва бо ақлҳои мардум бозӣ мекард. Ва бо ботили худ хештанро барояшон ҳақ ҷилва медод. Ва мардумони соҳибнуфузро бо молу мансаб ва ҷоҳу мақом тамаъ меандохт. Ӯ дар пеши рӯи мардум, рӯи бараҳна берун намешуд, балки бар рӯи худ ниқоб меафканд ва он гоҳ дар маҳзари мардум зоҳир мешуд, то ба ин васила ҳайбат ва виқори худро бештар ба мардум нишон диҳаду ҳақиқат ва рози нухуфтаи худро аз мардум бипӯшонад.

Дар он рӯзгор қудрат ва сулутаи мусалмонон дар Яман ба дасти Абно ва дар раъки онҳо Фирӯзи Дайламӣ ёри ҳазрати Расули Худо (с) қарор дошт.

(Абно-номест, ки бар ҷамъе аз мардумоне итлоқ мешавад, ки падаронашон аз форсҳобошад, ки кишвари худро ба қасди Ямон тарк гуфта ва модаронашон арабанд).

Калон ва бузурги «Абно» Бозон буд, ки дар вақти зуҳури Ислом зимоми умури Яманро бо супориши Кисро императори

Форс ба даст дошт. Ин шахс вақте сидқи даъвати ҳазрати Расули Худо (с) ва аҳдофи олии вайро бидид, аз итоати Кисро сар печид ва ҳамроҳ бо қавми хеш ба дини Ислом Мушарраф гардид. Ҳамон буд, ки ҳазрати Расули Худо (с) ӯро ба ҳамон подшоҳие, ки дошт, нигаҳ дошт ва бар ин вазифаи хештан идома дод, то он ки андак қабл аз зуҳури Асвади Ансӣ вафот кард.

Аввалин мардуме, ки ба даъвати Асвади Ансӣ лаббайк гуфт, қавмаш Бани Мазҳиҷ буд. Вай ҳамроҳ бо қавми хештан бар Санъо ҳамла кард ва волии он «Шаҳр ибни Бозон»-ро ба қатл расонид ва ҳамсараш Озодаро ба никоҳ гирифт.

Ва баъд аз Санъо ба нуқоти дигар ҳамла намуд. Ва дар пайи ҳамлаҳои кӯбандаи вай, манотиқи зиёде ба даъваташ лаббайк гуфта ва бо суръати чашмгире даъваташ интишор ёфт. Ва аз ҳудуди Ҳазрамут то Тоиф ва аз Баҳрайн то Аҳсо ва Аданро дар таҳти тасарруфи худ даровард.

Яке аз авомили муассире, ки мардумро ба фирефтани ҳарфҳояш водошт, ҳамоно зиракӣ ва ҳушёрии камназири вай буд. Ӯ барои пайравони худ чунон талқин намуда буд, ки гӯё фариштае ба вай ваҳӣ нозил мекунад. Ва ӯро аз умури ғайб хабар медиҳад.

Вай ин гумони ғалати худро аз тариқи баъзе ҷосусҳои худ амалан ба мардум нишон медод. Ба тавре, ки онҳоро ба манотиқи дурдаст мефиристод, то ахбор ва гузоришоти нуҳуфта ва мпӯшидаи мардумро кашф ва ба мушкилоташон итилоъ ҳосил кунанд ва орзӯ ва омоле, ки мардум дар синаҳои худ нигоҳ доштаанд, худро воқиф созанд, ва он гоҳ пинҳонӣ ин иттилоъотро ба вай расонанд.

Ҳамон буд, ки вай ҳар соҳиби ҳоҷатро бо ҳар ҳоҷате, ки дошт, мулоқот мекард. Ва ҳар соҳиби мушкилро ба ҳалли мушкилаш дидор менамуд. Ва барои пайравони хеш чунон умури аҷибу ғариберо нишон медод, ки ақлҳо аз дидани он дар ҳайрат меафтод.

То он ки кораш боло гирифт ва даъваташ дар миёни мардум чунон гкстариш ёфт, ба гунае, ки оташ дар миёни коҳ афтад.

Вақте хабари муртад шудани Асвади Анасӣ ва ҳамлаи вай бар Яман ба ҳазрати Расули Худо (с) расид, даҳ тан аз ёронашро ҳамроҳ бо номаҳое унвонӣ асҳоби собиқинаш дар Яман, ки бар онҳо умеди хайр дошт, фиристод.

Ва дар он номаҳо аз ишон хоста буд, ки бо қотеъият ва имондорӣ ба поён додани ин фитна даст ба кор шаванд ва аз ҳар василаи мумкин дар наҷоти мардум аз фитнаи Асвади Анасӣ истифода намоянд.

Ҳамин, ки номаҳои ҳазрати Расули Худо (с) ба ёронаш расид, ишон бидуни чуну чаро ба он лаббайк гуфта ва ба амалӣ намудани он иқдом намуданд. Файрӯзи Дайламӣ дар қабули ин матолиб дар пешопеши ҳамаи онҳо қарор дошт ва акнун мо риштаи суханро ба худи вай медиҳем, то моро дар ҷараёни ин рӯйдод қарор диҳад.

Фирӯз гуфт: Ман ва касони дигаре, ки аз Абноъ бо ман буданд, лаҳзае дар ҳокимияти дини Аллоҳ тардид накардаем. Ва лаҳзае дар қалби мо тасдиқи ин душмани Худо-Асвади Ансӣ-хутур накардааст. Балки мо мунтазири лаҳзае будем, то дар он битавонем бар ин душмани Худо ҳамла барем ва ба ҳар василаи мумкин мардумро аз фитнаи вай наҷот диҳем.

Аммо вақте номаҳои ҳазрати Расули Худо (с) ба ман ва соири асҳоби собиқин ба Ислом расид, ин азми моро маҳкам сохт ва тасмими моро қувват бахшид. Ва ҳар кадом аз мо ба по хест ва дар ҷиҳати худ даст ба кор гардид.

Асвади Аисӣ дар натиҷаи футуҳот ва пешравиҳое, ки дошт, мағрур шуд. Бинобар ин, бар қумандони лашкари худ Қайс ибни Абди Яғус барошуфт ва бар вай такаббур варзид. Ва дар муомилааш бо вай тағийри равия дод. Аз ин такаббур ва ошуфтани вай Қайс эҳсоси хатар намуд ва аз интиқом ва ҷабарути вай бар нафси хештан мутмаъин нашуд. Лизо ман ва амузодаам Дозо назди вай рафтем ва паёми ҳазрати Паёмбар (с)-ро ба вай расонидем ва аз вай тақозо кардем, ки

бояд ҳар чи зудтар ба кори вай пойин диҳад ва барояш фурсат нагузорад, ки субҳро шом созад. Ҳамон буд, ки Худованд синаи вайро ба қабули ин тақозои мо кушуд ва рози вай ба мо бигуфт. Ва моро чунон пиндошт, ки гӯё кӯмаке ҳастем, ки Худованд аз осмон бар вай фуруд оварда бошад.

Ва мо се тан бо ҳам аҳду паймон намудем, ки аз дохил бар зидди ин муртади қаззоб даст ба кор мешавем ва бародаронамон аз хориҷ алайҳи вай кор мекунанд.

Ва мо се тан лозим дидем, ки бояд духтари аМаккамон Дозо, ки Асвади Аисӣ баъд аз қатли ҳамсараш Шаҳр ибни Бозон ӯро ба никоҳи худ гирифтааст, моро дар ин кор ёрӣ кунад ва ӯ бо мо дар ин кор саҳм гирад.

Ман ба Қасри Асвади Анасӣ рафтам ва дар он ҷо бо духтари амакам Дозо дидор кардам ва ба ӯ гуфтам.

- Эй духтари амак! Худ дидӣ, ки ин шахс чӣ мусибатҳои ҷонкоҳ набуда, ки бар сари мову шумо наовард... Ва ту худат ҳам медонӣ, ки вай шавҳаратро ба қатл расонд ва занони қавматро расво ва бепарда сохт. Ва мардумонатро аз зери теғ гузаронд ва зимоми умур аз досташон гирифт.

Ва ин пайёми ҳазрати Расули Худо (с) аст, ки барои мо хусусан ва барои аҳли Яман умуман фиристодааст. Ва дар он аз мо хостааст, ки ҳар чӣ зудтар ба ин фитна поён диҳем.

Оё омода ҳастӣ, ки дар ин замина бо мо кӯмак кунӣ ?!!

Гуфт: Ман ба шумо дар ин замина чӣ кӯмаке карда метавонам?!

Гуфтам: Ӯро аз ин ҷо берун созем.

Гуфт: Балки ба қатли вай ман шуморо кӯмак мекунам.

Гуфтам: Ҳадафам ҳамин матлаб буд. Ва ҷуз ин матлаби дигаре надоштам. Аммо аз он бим доштам, ки ҳадафамро бепарда бароят бозгӯ намоям.

Гуфт: Қасам ба зоте, ки Муҳаммад (с)-ро ба ҳақи башир ва назир фиристодааст, ман ба андозаи турфатулъайн дар дини худ шакку тардид накардаам. Ва Худованд ҳеҷ инсонро шариртар аз ин шайтон дар нафси ман наофаридааст.

Ва аз вақте, ки ман ин шахсро дидаам, фоҷиртар ва бадкортар аз вай каси дигареро надидаам, ки на ҳақро мешиносад на аз мункире худдорӣ мекунад.

Гуфтам: Мо чӣ гуна метавонем ӯро ба қатл расонем?

Гуфт: Вай сахт мутаваҷеҳи худ аст, ва эҳтиёти ҷони худ мекунад. Дар қаср ҷоеро наметавон ёфт, магар он ки посдорон аз он посбонӣ мекунанд. Ғайр аз ин як утоқи дурафтода ва бекорае, ки касеро ба он коре набошад ва ақиби ин утоқ ба фалон ҷой мунтаҳӣ мешавад. Ва чун шаб фаро расад дар торикии шаб онро сурох кунед ва дар дохили он чароғ ва силоҳ хоҳед ёфт. Ва ман дар он ҷо низ дар интизори шумо нишаста хоҳам буд ва баъд бар он дохил шавед ва ӯро ба қатл расонед..

Гуфтам: Аммо сурох кардани ин утоқ дар дохили чунин як қаср сода ва осон нест... Мешавад, ки касеро бар мо гузар афтад ва посдоронро фарёд занад ва коре сурат гирад, ки авоқибаш хатарнок бошад.

Гуфт: Дуруст гуфтӣ... Аммо ман ба шумо машварат медиҳам.

Гуфтам: Чӣ машварат?!

Гуфт: Машварат ин, ки фардо касеро, ки бар вай эътиқод дошта бошӣ ва марди амин бошад, ба сифати коргар наздам бифирист. Ман ӯро ба сурох кардани утоқ аз дохил муваззаф месозем. Ва бояд ба андозае нақб канад, ки фосилаи он ба хориҷ ҷуз андак чизе намонад. Ва бақияро шумо худ дар шаб бо андак талош ба сар мерасонед.

Гуфтам: Назари хубест.

Баъд аз қаср берун шудам ва дӯсти худро аз ин қарор огоҳ сохтам. Вай онро писандид ва некӯ хонд. Ва аз ҳамон соат ба иҷрои барнома шурӯъ намудем. Баъд назди бақияи дӯстон ва мӯъминони содиқ, ки аз мо итоат мекарданд, рафтем ва ба шакли бисёр рамзӣ онҳоро аз қазия огоҳ сохтем. Ва аз ишон хостем, ки худро барои ин амр омода кунанд. Ва фардои субҳи дигарро бо онҳо ваъда гузоштем.

Вақте шаб ҳама ҷоро фаро гирифт ва вақти муайян фаро расид, ман ва дӯстам ба ҷои нақб худро расонидем ва онро

дарёфтем. Ва дохили утоқ гардидем ва силоҳ бардоштем ва чароғ равшан намудем ва ба сӯи хилватхонаи ин душмани Худо ҳаракат кардем. Дидем ки духтари амакамон дар дарвозаи он истодааст. Вай бар ман ишора намуд ва бар ин душмани Худо дохил шудем.

Дидам, ки ғарқи хоб аст ва хур-хур дорад. Дами шамшерро бар гулӯяш гузоштан ва фишурдам. Лаҳзае нагузашт, ки чун гов садои хуриши вай баланд шуд ва он гоҳ чун шутури гарданбурида дасту по зад.

Вақте посдорон садои ӯро бишниданд ба сӯи хилватхона рӯй оварданд ва гуфтанд: Ин садои чист?!!

Духтари амакам ба ишон гуфт:

Ором ба ҷойҳои худ баргардед, ки ба пайёмбари Худо ваҳй меояд…

Он гоҳ посдорон ба ҷойҳои худ баргаштанд.

То тулӯъи фаҷр дар қаср басар бурдем. Ва ман бар яке аз деворҳои он боло шуда ва фарёд задам: Аллоҳу Акбар, Аллоҳу Акбар. Ва ба ин тартиб ба азони худ идома додам, то он ки гуфтам: Ашҳаду ан ло илоҳа иллаллоҳу ва ашҳаду анна Муҳаммадан Расулуллоҳ ва ашҳаду анна Асвада Анасӣ каззоб…

Ва ин азон калимаи сар буд, ки ман онро баланд намудам, то бақия ҳамкоронамон онро шунида, даст ба кор гарданд.

Мусалмонон бо шунидани ин калима аз ҳар сӯ бар қаср ҳамла бурданд. Вақте посдорон ин азон бишниданд, даҳшатзада аз ҷой париданд ва ҳарду гурӯҳ бо ҳам даргир шуданд. Дар чунин фурсате сари Асвади Анасиро аз фарози девори қаср бирун андохтем. Вақте пайравонаш онро диданд, заъиф шуданд ва тоби муқовамат аз даст доданд. Вақте мусалмонон сари вай бидиданд такбир гуфта бар душман юриш бурданд ва ба ин тартиб ин фитна қабл аз тулӯъи офтоб поён ёфт.

Вақте офтоб баланд шуд ва рӯз равшан гардид, номае ба ҳазрати Расули Худо (с) ирсол доштем ва дар он аз қатли душмани Худо Асади Анасӣ барояш мужда додем. Вақте

навиддиҳандагон ба Мадина расиданд, дарёфтанд, ки ҳазрати Расули Худо (с) дар он шаб падруд ба ҳаёт гуфта ва ба ҷивори раҳмати ҳақ пайвастааст. Магар он ки ишон дарёфтанд, ки ваҳй қабл аз вафот, қатли Асвади Анасиро дар он шаб, ки вай кушта шуд, барояш мужда додааст. Ва ҳазрати Расули Худо (с) ба пайравонаш фармуд: Дишаб Асвади Анасӣ ба қатл расид. Ӯро марди мубораке аз хонаводаи муборак ба қатл расонид.

Ба он ҳазрат гуфтанд: Он марди муборак кист, эй Расули Худо (с)?

Фармуд: Фирӯз. Ва ба ин тартиб Фирӯз фирӯз ва комёб шуд.

# СОБИТ ИБНИ ҚАЙСИ АНСОРӢ

Собит ибни Қайси Ансорӣ яке аз сардорони номвари қабилаи Хазраҷ ва чеҳрае аз чеҳраҳои маъруфи Мадина аст.

Илова бар ин ӯ марди ҳушёр, соҳиби қалби бедор ва фикри саршор. Ва ҳозирҷавову суханварест дорои садои баланд. Вақте сухан мегуфт, тарафи муқобилро шикаст медод ва вақте баёния эрод мекард, шунавандагонро шефтаи худ месохт.

Вай аз ҷумлаи собиқини ба Ислом дар Мадина аст. Вақте дар маҷлис Мусъаб ибни Умайр, ин доъии ҷавон нишаст ва оёте аз Каломуллоҳи маҷидро аз вай шунид, садои дилнишинаш дар вай асар кард. Ва ақлу ҳушашро оҳанги Қуръон рабуд. Ва ҳидояташ ӯро шефтаи худ сохт. Ҳамон буд, ки Худованд дили вайро ба имон, ба рисолати Муҳаммад (с) кушод. Ва қадру манзалат ва ному шӯҳраташро бо пайвастан дар таҳти ливои Пайёмбари Ислом (с) боло буд.

Вақте ҳазрати Расули Худо (с) ба Мадина ҳиҷрат намуд Собит ибни Қайс ҳамроҳ бо ҷамъи азиме аз бузургони қавмаш аз вай истиқболи гарм намуд ва барои вай ва ҳамроҳаш Абубакри Сиддиқ хуш омадед гуфт. Ва мақдамашонро дар ин шаҳр гиромӣ дошт. Ва дар пешгоҳаш баёнияи балиғ ва шевое эрод намуд. Ибтидо ҳамду санои Аллоҳ азза ва ҷалла бигуфт. Ва он гоҳ дуруд ва салавот бар вай фиристод ва бо ин қавли худ баёнияи хешро хотима дод:

Эй Расули Худо (с) ба ту аҳд медиҳам, ки мо аз ту чунон дифоъ мекунем, багуное, ки аз худ ва авлод ва номусамон дифоъ мекунем. Аммо барои мо дар муқобили ин ҳимоят ва дифоъ чӣ аҷр ва подош аст?

- Дар ҷавоби Расули Худо (с) фармуд: Дар муқобили ин шаҳомат мардонагиатон, биҳиштро ба шумо мужда медиҳам.

Вақте қавмаш калимаи биҳиштро аз даҳани мубораки он Ҳазрат (с) шуниданд, хӯшӣ ва сурур дар чеҳраҳояшон тобидан гирифт ва рухсораҳояшон аз хӯшии зиёд ранг мезад ва гуфтанд: Эй Расули Худо (с) мо ба ин падош розӣ ҳастем. Эй Расули Худо (с), мо ба ин падош розӣ ҳастем….

Ва аз ҳамон рӯз сар карда ҳазрати Расули Худо (с) Собит ибни Қайсро ба сифати сухангӯи худ муқаррар намуд. Ҳамон тавре, ки Ҳасон ибни Собитро шоири худ гирифта буд.

Вақте ҳайатҳо аз қабоили Араб ба ҳузури муборак (с) меомаданд, то бо вай бо забони фусаҳо ва булаѓо ва шуарои Араб гуфтугӯ кунад, Собит ибни Қайсро вазифа медод, ки бо хутабо ва Ҳасон ибни Собитро муқаррар намуда буд, ки бо шуароашон муқобила кунад.

Собит ибни Қайс чунон мӯъмини ростин буд, ки имон дар рагу ҷонаш ҷо гирифта буд. Ӯ марди парҳезгор ва ботақво буд, ки ҳамеша аз тарси Худо мегирист. Ва аз корҳое ки муҷиби хашми Худо гардад сахт ҳазар менамуд.

Рӯзе ҳазрати Расули Худо (с) ӯро беқарор ва парешон ёфт ва аз шиддати хавф дар худ меларзид. Ба ӯ гуфт : Эй Абумуҳаммад, туро чӣ шудааст?

Гуфт: Эй Расули Худо (с), аз он метарсам, ки ҳалокшуда бошам…

Фармуд: Чаро?

Гуфт: Худованд ҷаллу ва ало шаънуҳу моро аз он наҳй намудааст, ки ба он чи шоистаи он набошем, хуш пиндорем, ки мардум моро мадҳ кунанд. Ва ман худро чунон ёбам, ки ситоиши мардум хушам ояд. Ва низ Худованд моро аз такаббур наҳй намуда, дар ҳоле, ки худписандиро дар худ мебинам ва маро аз он хуш меояд. Вақте ҳазрати Расули Худо (с) ӯро ба ин ҳолат дид, ҳамвора мекӯшид, то аз хавф ва тарсе, ки дорад бикоҳад ва ӯро ором созад. То он ҷойе, ки ба ӯ гуфт: Эй Собит! Оё хуш дорӣ он нестӣ, ки бо ситоиш зиндагӣ кунӣ ва ба марги шаҳодат бимирӣ... ва дохили биҳишт шавӣ?

Аз шунидани ин мужда чеҳраи Сабит дурахшид ва гуфт: Бале, эй Расули Худо. Бале эй Расули Худо.

Расулуллоҳ (с) фармуд: Сарнавишти ту ҳамин аст.

Вақте ин қавли Аллоҳ таъоло нозил шуд (Эй мӯъминон! Садоятонро аз садои паёмбар фаротар накунед ва ҳамон тавре, ки бо якдигар баланд сухан мегӯед, бо ӯ сухан баланд нагӯед. Мабодо бе он ки мутаваҷҷеҳ шавед, аъмолатон зоеъ шавад \Ҳуҷурат 2\). Собит ибни Қайс аз маҷолиси ҳазрати Расули Худо (с) бо вуҷуди муҳаббати комиле, ки нисбат ба вай дошт, гӯша гирифт ва дар хонаи худ нишаст. Ва хонаи худро ба ҷуз авқоти намоз дигар ҳеҷ вақт тарк намегуфт: Ҳазрати Расули Худо (с) аз ҳоли вай бозҷӯӣ намуд ва гуфт: Чӣ касе аҳволи вайро ба ман меорад?

Марде аз Ансор гуфт: Эй Расули Худо (с) ман ба ин кор ҳозирам. Он мард аз пайи вай рафт ва ӯро дар хонааш сарафканда ва ғамгину маҳзун ёфт ва ба ӯгуфт.

- Эй Абумуҳаммад, чӣ ҳол дорӣ?

Гуфт: Бад ҳолӣ.

Гуфт: Чӣ бадҳолӣ?

Гуфт: Ту худ медонӣ, ки ман марде ҳастам, ки садои баланд дорам ва басо авқоте пеш меояд, ки садоям бар садои ҳазрати Расули Худо (с) баланд мешавад. Ва ту медонӣ, ки дар ин хусус Қуръон нозил шудааст. Ва маро гумон ба он аст, ки амалам зоеъ шуда ва ман аз аҳли дӯзах гардида бошам.

Ин мард ба ҳузури Паёмбари гиромӣ (с) омад ва мавзӯъро ба вай гуфт.

Ҳазрати Расули Худо (с) фармуд: Назди вай бирав ва ба ӯ бигӯ, ки ту аз аҳли дӯзах нестӣ, балки ту аз аҳли биҳиштӣ. Ва ин бузургтарин навид буд, ки ҳазрати Расули Худо (с) барои Собит ибни Қайс дод. Ва аз он вақт ба баъд дар тӯли зиндагии хеш орзуи дарёфти чунин муждаеро менамуд.

Собит ибни Қайс ба истисноии Бадр дар ҳамаи ғазавот ҳамроҳ бо Расули Худо (с) ҳузур ёфта ва барои дарёфти дараҷаи шаҳодат, ки ҳазрати Расули Худо (с) ӯро ба он мужда дода буд, дар қалби корзор дохил мешуд. Ва ҳар боре, ки вай худро дар остонаи шаҳодат қарор медод, шамшери душман аз вай ба хато мерафт:.. То он ки дар даврони ҳазрати

Абубакри Сиддиқ ҷанги шадиде дар миёни мусалмонон ва Мусайламон каззоб ба вуқӯъ пайваст.

Дар ин ҷанг Собит ибни Қайс сарвари лашкари Ансор ва Солим монои Абуҳуҷайра лашкари ҳозирин ва Холид ибни Валид сарварии умумии ин лашкарҳоро ба дӯш дошт. Дар бисёре аз ин ҷангҳо пайравон ва мудофеъони Мусайламаи каззоб бар мусалмонон дасти боло доштанд, то он ҳад ки наздик буд касони Мусайлама дохили хаймаи Холид ибни Валид шуда ва ҳамсараш Умми Тамимро ба қатл расонанд ва барои ба ин ҳадаф ноил шудан ишон тавонистанд расанҳои ҳаймаи вайро катъ кунанд.

Вақте Собит ибни Қайс заъф ва тазалзули қуваҳои мусалмононро бидид, сахт нороҳат гардид ва ноумед шуд, ва аз ишон ҳарфтҳое шунид, ки мояи дилсардии ҳар мусалмон мегардид. Ва ҳар як ҷониби муқобилро маломат мекард ва гуноҳи шикастро ба дӯши вай меандохт.

Шаҳрнишинон, аҳли бодияҳоро муттаҳам ба буздилӣ мекарданд. Ва аҳли бодияҳо шаҳриёнро маломат мекарданд, ки ба услуби ҷанг балад нестанд ва аз он бехабаранд.

Бо мулоҳизаи чунин ҳолат Собит ибни Қайс худро барои марг омода сохт ва кафан бипӯшид ва он гоҳ дар миёни мардум истод ва гуфт: Эй ҷамъи мусалмонон, мо дар аҳди ҳазрати Расули Худо (с) ба ин шевае, ки акнун шумо доред, намеҷангидем.

Ин чӣ ҳол аст, ки шумо душмани худро бар сари худ ҷуръат додаед. Ва ин чӣ бадҳолӣ аст, ки шумо тан ба зилат ва пастӣ додаед ва дар муқобили душман худро залил сохтаед.

Баъд рӯ ба осмон намуд ва гуфт: Эй Парвардигор! Ман аз амалкардҳои ин гурӯҳи мушрикин (яъне Мусайлама ва қавмаш) ба ту паноҳ меҷӯям.

Ва низ аз амалкардҳои ин гурӯҳ, (яъне мусалмонон) ба ту паноҳ мебарам.

Баъд ҳамроҳ бо қаҳрамононе чанд амсоли Бароа ибни Молики Ансорӣ, Зайд ибни Хаттоб, бародари амирул мӯъминин Умар ибни Хаттоб ва Солим мавлои Абуҳузайфа

ва ғайра мӯъминони собиқини ба Ислом чун шери дарранда дар сафи душман ҳуҷум бурд ва чунон қаҳрамонӣ ва шуҷоат аз худ нишон дод ва дар қалби мушриқин ва куффор руъб ва даҳшат афганд, ки чашмҳо аз диданаш дар ҳайрат афтоданд.

Вай пайваста ба ҳар тараф шамшер мезад ва бо ҳар силоҳе, ки дар дасташ қарор мегирифт меразмид, то он ки захмҳои зиёд ӯро аз пой даровард ва ба замин афтод. Ва ба орзӯ ва ҳадафаш расид ва Худованд шаҳодатро, ки ҳабибаш ҳазрати Расули Худо (с) ӯро ба он мужда дода буд, насибаш сохт. Ва бо пирӯзии мусалмонон бо дили шод ва чашми равшан аз дуньё рафт ва ба раҳмати ҳақ пайваст. Ва ин шаҳомат ва қаҳрамониаш вай буд, ки мусалмонон душманро шикаст доданд ва Мусайламаро ба қатл расониданд.

Собит ибни Қайс зиреҳи гаронбаҳо дошт. Вақте вай бар замин афтод ва шаҳид шуд, марде аз мусалмонон аз канори ҷасади вай гузар намуд. Зиреҳи ӯро гирифт ва онро аз дигарон пинҳон дошт.

Дар шаби дуввуми шаҳодаташ марде аз мусалмонон Собит ибни Қайсро дар хоб дид, ки ба вай мегуфт: - Ман Собит ибни Қайс ҳастам. Оё маро шинохтӣ?

Гуфт: Бале

Гуфт: Ман ба ту васияте дорам. Ҳушдор, ки васиятамро ба хобҳои парешон таваҷҷеҳ накунӣ ва онро нодида наангорӣ.

Ман дирӯз вақте кушта шудам, марде аз мусалмонон, ки дорои чунин аломатҳо ва сифотҳост, бар ман гузар намуд ва зиреҳамро аз барам кашид ва бо худ бурд. Ва дар фалон ҷо дар охири урдугоҳ дар фалон самт онро дар зери деги худ пинҳон намуда, ҷул ва асбоби маркаби худро бар болои дег гузоштааст. Ту назди Холид ибни Валид бирав ва ба ӯ бигӯ, то касеро ба он ҷо бифиристад ва он зиреҳро аз он ҷо бигирад. Ва зиреҳ ҳанӯз дар он ҷо мавҷуд аст.

Ва васияти дигар низ дорам. Ҳушдор, ки бигӯӣ, ин хоби парешон аст ва онро надида гирӣ ва зоеъ созӣ…

Ба Холид бигӯ, вақте ба ҳузури халифаи Расули Худо (с) ба Мадина равӣ ба ӯ бигӯ, ки Собит ибни Қайс ин миқдор

қарздор аст… Ва фалон ғуломон озоданд. Вай бояд дайнамро адо кунад ва ғуломонамро озод намояд.

Вақте ин мард аз хоб бедор шуд, назди Холид ибни Валид омад ва хоби худро ба вай ҳикоят намуд. Холид касеро назди он шахс фиристод ва зиреҳро аз он ҷое, ки гуфта буд гирифта бо худ овард ва ҳамон тавре, ки роҳнишонӣ намуда буд, ӯро дарёфт дошт.

Вақте Холид ба Мадина баргашт, ҳазрати Абубакри Сиддиқро аз мавзӯъи Собит ибни Қайс хабар дод, ва васияташро ба вай расонд. Ҳазрати Сиддиқ васияти ӯро амалӣ намуд. Ҳеҷ касро дида нашудааст, ки васият баъд аз маргаш амалӣ шуда бошад, магар Собит ибни Қайс, ки баъд аз марги худ васияташ намуд ва амалӣ гардид.

Худованд аз Собит ибни Қайс розӣ бод ва ӯро дар мақоми иллайини биҳишт ҷой диҳад.

## АСМОА ДУХТАРИ ҲАЗРАТИ АБУБАКРИ СИДДИҚ

### (ЗОТУННИТОҚАЙН)

Ин зани саҳобия ҳама шамоили маҷду азаматро дорост. Падараш саҳобӣ, бобояш саҳобӣ, худаш саҳобӣ, шавҳараш саҳобӣ ва фарзандаш саҳобӣ аст. Ва ӯро ҳамин қадар шараф ва иззат кифоят кунад.

Падараш Абубакри Сиддиқ ёри ғори ҳазрати Расулуллоҳ (с) ва халифа ва ҷойнишини вай баъд аз вафоташ.

Бобояш Абуатиқ, падари Абубакри Сиддиқ, хоҳараш Уммул мӯъминин Оишаи Сиддиқа ҳамсари Расули Худо (с).

Шавҳараш Зубайр ибни Аввом, ёри бовафои ҳазрати Паёмбар (с).

Фарзандаш Абдуллоҳҳ ибни Зубайд (с.). Хулоса ин саҳобияи гаронқадр Асмоъа духтари Абубакри Сиддиқ аст. Ва ҳамин қадар ифтихор ӯро кофист.

Асмоа аз занони пештоз ва собиқадорони ба Ислом аст. Ва ба ҷуз ҳафдаҳ тан мард ва зан дигар ҳеҷ кас бар вай дар ин фазл сабқат надоштааст.

Ин зан ба Зотун нитоқайн мулаққаб гардида ва ба он шӯҳрат ёфтааст.

Ваҷҳи ин лақаб ба он ҷиҳат аст, вақте ҳазрати Расули Худо (с) ва падараш Абубакри Сиддиқ азми сафари ҳиҷрат ба Мадинаро намуданд, вай барои ҳазрати Расули Худо (с) ва падараш Абубакри Сиддиқ тӯша омода сохт. Ва кӯзаи об барояшон омода кард. Дар чунин фурсате чизе наёфт, ки ба он даҳони халтаи тӯшаро бандад. Лизо дастмолеро, ки тавассути он камари худро мебаст, ду пора намуд ва ба он яке даҳани халтаи тӯшаи хӯрданиро баст ва дигареро ба

миёнаш баст. Ҳамон буд, ки ҳазрати Расули Худо (с) дар ҳаққи вай дуо намуда ва гуфт: Худоё, ин ду натоқи вайро ба ду натоқ дар биҳишт мубаддал соз, ва аз он рӯз ба баъд ба лақаби Зотун-ни Тоқайн шӯҳрат ёфт.

Зубайр ибни Аввом, ки ҷавони фақир ва бебизоат буд, бо вай ақди издивоҷ баст. Ӯ на ходиме дошт, ки хидматашро мекард ва на пуле дошт, ки бо он зиндагӣ ҳамсарашро равнақ бахшид. Фақат як сар асп, ки барои ҷиҳод нигаҳ дошта буд, дигар досташ аз моли дунё тиҳӣ буд.

Асмоа барои Зубайр ибни Аввом ҳамсари некниҳод ва солеҳ буд. Хидматашро мекард ва аспашро нигаҳдорӣ менамуд. Алаф ва хӯриши онро баробар мекард. То он ки Худованд дарвозаи зиндагиро барояшон кушуд. Ва Зубайр ибни Аввом чунон ғанӣ ва сарватманд гардид, ки камтар кассе аз асҳоб ба пойи ӯ мерасид.

Вақте фурсати он фаро расид, ки Асмоа бо дини хештан ба Мадина ҳиҷрат кунад ва ризои Худо ва Расулашро касб намояд, бо вуҷуди он ки дар ин вақт Абдуллоҳҳро дар батн дошт ва рӯзҳои охири ҳамлро сипарӣ менамуд, бо вуҷуди он ин амр монеъи ҳиҷрати вай нашуд. Ва бо қабули мушкилоти роҳ ва ранҷҳои сафар ба роҳ афтод. Вақте ба Қабо расид вазъи ҳамл намуд. Мусалмонон аз шодмонӣ аз ин навзод садои такбир баланд намуданд. Чун ин аввалин навзоде буд, ки аз муҳоҷирин дар Мадина ба дунё омада буд. Ва ӯро дар зонуи ҳазрати Расули Худо (с) гузошт. Он гоҳ ҳазрати Расули Худо (с) андак аз луъоби худро гирифта дар даҳани вай ниҳод ва сипас хуриши андак дар даҳани вай гузошт ва дар ҳаққаш дуо кард. Ва ба ин тартиб аввалин чизе, ки дар батни ин навзод дохил шуд луъоби даҳани ҳазрати Расули Худо (с) буд.

Дар Асмоа бинти Абубакр, чунон хусусиятҳои нек ва шамоили фазлу ақли саршор ҷамъ аст, ки ҷуз дар иддае каме аз бузургмардон наметавон онро дар дигарон дарёфт.

Ӯ он қадар зани саховатпеша буд, ки ӯро намунае аз ҷуду сахо мехонданд. Фарзандаш Абдуллоҳҳ дар бораи вай гуфтааст:

Ман дар саховат ҳеҷ гоҳ занеро ба андозаи хонли худ Оиша ва модарам Асмоа надидаам. Аммо ҷуду сахои ин ду аз ҳам фарқ дошт. Холаам одат дошт, ки чанд чизро бо ҳам ҷамъ мекард. Вақте ба ҳадде мерасид, ки кифояташ мекард, бақияро тақсим менамуд. Аммо модарам ҳеҷ чизро то фардо намегузошт.

Ва илова бар ин Асмоа зани оқила, ҳушёр ва дар ҳолати нобасомонӣ тасмими лозим ва дуруст мегирифт. Ва аз он ҷумла ин ки: Вақте Ҳазрати Абубакри Сиддиқ бо ҳамроҳии ҳазрати Расули Худо (с) роҳи ҳиҷрат дар пеш гирифт ва ҳамаи доштаи худро, ки ба шаш ҳазор дирҳам мерасид бо худ гирифт ва барои аҳлу аёли худ чизе нагузошт... Вақте падараш Абукаҳофа, ки ҳанӯз мушрик буд хабар шуд, ки писараш ҳиҷрат намудааст, ба хонаи Абубакр омад ва ба Асмоа гуфт: Фикр мекунам ӯ ҳамаи чизро бо худ бурдааст ва барои шумо чизе нагузоштааст ва ба ин тартиб ҳамон тавре, ки шумора бо рафтани худ дар мусибат ниҳодааст, бо бурдани пули хештан низ шуморо ба бало дучор намудааст.

Асмоа ба ӯ гуфт: На, бобо. Чунин нест. Ӯ барои мо пули зиёде гузошта рафтааст. Ва он гоҳ миқдоре аз сангрезаҳоро гирифт ва дар холигоҳ ниҳод ва порчаи матоеро бар он ниҳод ва дасташро бар он зад. Чун бобояш нобино буд ва намедид, ба ӯ гуфт: Эй бобо, нигоҳ кун, ки чи миқдор пул барои мо ниҳодааст. Он пирамарди нобино чун дасташро бар он ниҳод гуфт: Боке надорад... Агар чунин карда ва ин миқдор пул бароятон ниҳода бошад, кори хубе намудааст.

Асмоа бо ин кор хост, ки хашми ин пирамардро фурӯ нишонад ва хотири вайро роҳат созад. Ва набояд пирамард эҳсоси он кунад, ки масорифи аҳлу аёли фарзандаш Абубакр ба гардани вай афтодааст ва ё аҳли вай чизе аз молу зиндагии вайро хостор шаванд. Чун Асмоа хуш надошт, ки миннати мушрикро бишнавад ва ё эҳсони вайро бар худ ёбад. Ҳар чанд, ки ин мушрик бобояш бошад ҳам.

Агар таърих ҳама мавоқифи Асмоаро фаромӯш кунад, наметавонад ақли саршор ва қотеъияти ирода ва қуввати

имони ӯро дар ҳоле, ки вай охирин бор фарзандашро мулоқот мекунад, фаромӯш намояд.

Вақте фарзандаш Абдуллоҳ ибни Зубайр баъд аз марги Язид ибни Муъовия ба сифати халифа интихоб шуд ва мардум ба вай байъат намуданд ва Ҳиҷоз, Миср, Ироқ, Хуросон ва аксари шаҳрҳои Шом итоати худро аз вай эълон доштанд бани Умайя лашкари бузург ва ҷарори худро тахти қиёдат ва роҳбарии Ҳиҷҷоҷ ибни Юсуфи Сақафӣ барои муқобила бо вай фиристод. Дар миёни тарафайн ҷанги сахте сурат гирифт, ки дар он Ибни Зубайр қаҳрамонӣ ва шуҷоатеро, ки зебандаи як қаҳрамон аст, аз худ нишон дод. Магар он ки пайравони вай оҳиста-оҳиста аз даври ӯ дур шуданд. Лизо ӯ маҷбур шуд, то ба Байтуллоҳил ҳаром паноҳанда шавад. Ҳамон буд, ки худ ва ҳамраҳонаш ба Каъбаи Муаззама паноҳанда шуданд.

Лаҳазоте қабл аз шаҳодаташ ба ҳузури модараш Асмоа, ки пиразани кӯҳансоле шуда, биноии худро аз даст дода буд, дохил шуд ва гуфт: Модар! Ассалому алайким ва раҳматтуллоҳи ва баракотуҳу.

Модараш гуфт: Ваалайкасалом эй Абдуллоҳ... Чӣ омиле туро дар ин лаҳзае, ки манҷаниқҳои Ҳаҷоҷ ҳар сангҳои бузургро бар сипоҳиёни ту дар дохили ҳарам партоб мекунад ва Маккаро ба ларза даровардааст, инҷо овард?!

Абдуллоҳ ҷавоб дод: Омадаам, ки аз ту машварат гирам.

Модараш гуфт! Дар бораи чӣ аз ман машварат хоҳӣ?!

Гуфт: Мардум маро танҳо гузоштанд ва аз ман ё ба иллати тарс аз Ҳаҷҷоҷ ва ё ба сабаби тамаъ дар дунё фосила гирифтанд. То он ҷойе, ки фарзандон ва наздиконам низ аз ман гӯша гирифтанд. Ва ҷуз афроде чанд дигар ҳеҷ кас бо ман намондааст. Ва ин теъдоди каме ҳам, ки боқӣ мондаанд, ҳарчанд сабру бурдборӣ ҳам намоянд, ба ҷуз чанд соате давом нахоҳанд кард. Ва паёмоварони бани Умайя бо ман гуфтугӯ намуда ва мегӯянд, ки дар сурати силоҳ гузоштан бар замин ва байъат кардан бо Абдулмалик ман ва касонам ҳарчи аз Абдулмалик тақозо кунем бароямон медиҳанд. Худат дар

бораи ин пешниҳоди онон чӣ назар дорӣ ва барои ман дар ин хусус чӣ машварат медиҳӣ?

Модараш Асмоа рӯ ба сӯи вай намуд ва гуфт: Абдуллоҳ, ту кори худро хубтар медонӣ ва ту худро хубтар аз ман мешиносӣ… Агар туро ақида бар ин аст, ки дар роҳи ҳақ гом бардоштаӣ ва даъвои ҳақ будан мекунӣ, пас сабр пеша кун ва шуҷоона ба сони ёронат, ки дар зери парчами ту кушта шудаанд, биразм… Ва агар на ин аст, ки ту ба хотири ба даст овардани дунё қиём кардаӣ, пас ту бандаи носолеҳ будаӣ, ки ҳам худро дар ҳалокат афкандаӣ ва ҳам касонеро, ки аз ту дифоъ карда ва аз пайи ту рафтаанд.

Гуфт: Эй модар, имрӯз ман ҳатман кушта мешавам.

Гуфт: Ин кушта шудан барои ту беҳтар аз он буд, ки худро ихтиёрӣ ба дасти Ҳаҷҷоҷ таслим кунӣ, то писарбачаҳои бани Умайя бо сари ту бозӣ кунанд.

Гуфт: Ман аз мурдан тарсе надорам, вале аз он бим дорам, ки баъд аз марг маро мусла кунанд.

Модараш гуфт: Баъд аз марг чизи дигаре нест, ки одамӣ аз он битарсад. Гӯсфанди забҳшударо чи бок, ки пӯст аз танаш ҷудо кунанд.

Бо шунидани ин ҳарфҳо чеҳраи Абдуллоҳ шукуфт ва изҳор кард: Модар, Худованд туро баракат диҳад. Ва дар фазоил ва маноқиби неки ту биафзояд. Ва ман дар ин лаҳза ба ҳузури ту наомадам магар он, ки ҳамчу ҳарфҳоеро аз ту бишунавам. Ва Худованд худ медонад, ки ман дар худ эҳсоси заъифӣ ва тарс намекунам. Ва Худованд, худ ҳозир ва шоҳид аст, ки ин қиёме, ки ман кардам ба хотири он набуд, ки молу матоъи дунёро ба даст орам. Магар ба хотири он қиём кардам, ки ҳурумоти Аллоҳро зери по нагузоранд. Ва акнун ин манаи дар роҳе, ки ту дӯстдори он ҳастӣ, идома медиҳам. Вақте ман кушта шавам, бар маргам ашк марез ва сабри худ бар Худо кун.

Гуфт: Ман вақте ғамгин мешавам ва бар маргат ашк мерезам, ки дар роҳи ботил кушта шавӣ.

Гуфт: Мутмаин бош, ки фарзандат ҳаргиз ба амри мункар иқдом накарда ва тасмим нагирифтааст ва дар зиндагӣ кори баде аз вай сар назадаст ва дар ҳукми Худованд бар худ ҷуръат надода ва дар амонат хиёнат наварзида ва ба мусалмоне зулмро раво дошта ва бар зимми ситам накардааст,ва ҳеҷ чизе назди вай беҳтар ва бартар аз ҳосили ризои Худованди азза ва ҷалла нест. Ман бо ин ҳарфҳо намехоҳам худро табриа ва поксозӣ кунам. Чун Худованд беҳтар аз худам бар ман олим аст. Ва ман ин ҳарфҳоро аз он ҷиҳат бар забон овардам, ки сабр ва бурдбориро дар дилат афканам.

Модараш гуфт: Ҳамду ситоиш Худойрост, ки туро ба он чи, ки ман дӯстдори онам маҳбуб гардонидааст...Эй фарзандам, ба ман наздик ой, то туро бибӯям ва ба сару рӯят даст кашам, шояд ин охирин бор бошад, ки туро мебинам.

Абдуллоҳ худро бар дасту пойи модар андохт то хуб бар сару рӯяш даст кашад ва ӯро бибӯсад ва модараш бо дастҳои ларзони худ бар бадани фарзандаш даст кашид. Ногаҳон дастҳои худ аз бадани вай дур намуд ва гуфт: Эй Абдуллоҳ, ин чист, ки ту пӯшидаӣ?

Гуфт: Ин зиреҳ аст, ки бар тан пӯшидаам. Модараш гуфт: Фарзандам, касе, ки хоҳони шаҳодат бошад ин зиреҳ ӯро намезебад.

Гуфт: Ба хотири он пӯшидаам, ки хотири туро хуш созам ва қалби туро ором гардонам.

Гуфт: Ин либосро аз бадани худ берун кун. Чун берун кашидани он бар шуҷоъат ва мардонагиат афзояд ва виқоратро боло бубарад, ва дар ҷасту хез туро сабук созад ва қувват бахшад. Аммо дар ивази ин зиреҳ либоси дароз ба тан намо. Чун агар ба шаҳодат расӣ, авратат зоҳир нашавад. Абдуллоҳ ибни Зубайр зиреҳ аз тан кашид ва шалвори худ маҳкам баст. Ва дар ҳоле, ки вай барои идомаи ҷанг дохили Ҳарам мешуд, дар хитоб ба модараш гуфт: Эй модар, дуоятро аз ман қатъ макун.

Модараш даст ба сӯи осмон баланд намуд ва гуфт:

Худоё, ба қиёмҳои тӯлонӣ ва гиряҳои ғамангези вай, ки дар дилҳои шаб дошт ва мардум ба хоб рафта буданд, тараҳҳум намо…

Худоё, ба гуруснагӣ ва ташнагии вай, ки дар шадидтарин лаҳазоти гармӣ дар Мадина ва Макка онро рӯзадор сипарӣ менамуд, тараҳҳум фармо.

Худоё, ба поси некӣ, ки ба падару модараш дошт, бар вай тараҳҳум кун… Худоё, ман ӯро ба қудрат ва ризои ту таслим намудам ва ба қазое, ки дар мавриди вай намудаӣ, розӣ ҳастам. Худоё, маро бар мусибати вай савоби собирон ато кун. Офтоб он рӯз ҳанӯз ғуруб накарда буд, ки Абдуллоҳ ибни Зубайр ба ҷивори раҳмати ҳақ пайваст.

Ва беш аз даҳ рӯз бар шаҳодати вай сипарӣ нашуда буд, ки модараш Асмоа духтари Абубакр, ки сад сол умрро пушти сар ниҳода буд, ба ҷивори раҳмати ҳақ пайваст ва то ин муддат ҳеҷ дандони вай наафтода ва ақлаш халал наёфта буд. Разияллоҳу анҳо ва онҳу.

# ТАЛҲА ИБНИ УБАЙДУЛЛОҲИ ТАЙМӢ

Талҳа ибни Убайдуллоҳи Таймӣ ҳамроҳ бо қофилае аз қофилаҳои тиҷорати Қурайш ба сарзамини Шом сафар кард.

Вақте корвон ба сарзамини Бусро расид, тоҷирони бузурги Қурайш ба бозори он рехтанд. Ҳар кадом матоъеро мефурӯхтанд ва матоъеро мехариданд. Бо вуҷуди он ки Талҳа ҷавони наврасида буд, аммо дар таҷрибаи тиҷорат ҳеҷ кас ба пояи вай намерасид. Чун вай аз ҳуши саршор ва биниши дақиқ чунон бархурдор буд, ки метавонист бо бузургон дар ин соҳа муқобила кунад, ва дар натиҷа нисбат ба ҳамаи онон дар хариду фурӯши бартарӣ ҳосил намояд.

Ва дар асное, ки Талҳа субҳу шом дар миёни бозор, ки пур аз издиҳом буд рафту омад дошт, чунон рӯйдод ва ҳодиса барои вай пеш омад, ки на танҳо дар зиндагии вай инқило овард, балки сайри таърихи башариятро иваз намуд.

Ва акнун риштаи каломро ба худи вай медиҳем, то ин ҳикояти ҳайратгезро ба мо қисса намояд:

Талҳа гуфт: Дар асное, ки мо дар миёни бозори Бусро мегаштем, ногаҳон садои роҳиберо шунидем, ки дар миёни мардум фарёд мезад ва мегуфт: Эй ҷамъи туҷҷор ! Аз аҳли ин мавсим пурсон кунед, ки касе аз аҳли Ҳарам дар ин ҷо ҳузур дорад. Ва ман, ки дар наздикиъ вай қарор доштам, фавран худро ба вай расонида гуфтам. Бале, ман аз аҳли Ҳарам ҳастам.

Гуфт: Оё Аҳмад дар миёни шумо зуҳур кардааст?

Гуфтам: Аҳмад кист?

Гуфт: Аҳмад, писари Абдуллоҳ ибни Абдулмутталлиб. Ин ҳамон моҳе аст, ки вай дар он зуҳур мекунад… Вай охирин силсилаи нубувват аст.

Ин Пайёмбар аз сарзамини шумо дар Ҳарам зуҳур менамояд ва ба сарзамине, ки дорои сангҳои сӯхта ва нахлистонҳо ва корезҳост ҳиҷрат мекунад.

Эй ҷавон, хушдор, ки дар иҷобати вай каси дигаре бар ту сабқат гирад.

Талҳа гуфт, ҳарфҳои ин роҳиб дар дилам сахт асар гузошт ва ҷуз худро ба шутурони худ расонидам ва онро барои ҳаракат омода сохтам. Ва корвонро пушти сар ниҳодам ва ба суръат роҳи Маккаро пеш гирифтам. Чун ба Макка расидам, барои хонаводаи худ гуфтам: Оё баъд аз рафтани мо дар Макка кадом ҳодисае рух додааст?

Гуфтанд: Бале, Муҳаммад ибни Абдуллоҳ (с) идиои нубувват намудааст. Ва писари Қаҳҳофа (яъне Абубакр) аз вай пайравӣ намудааст.

Талҳа гуфт: Ман қабл аз ин Абубакрро мешинохтам. Ӯ марди содагир ва нармтабиат ва дӯстдоштанӣ буд...

Марди тоҷир ва соҳибахлоқ, фозил буд. Бо вай улфат мегирифтем ва маҷолисаш моро хуш меомад. Чун вай ба ахбори Қурайш илм дошт ва дар ҳифзи ансоб фавқулодда пештоз буд.

Аз ин рӯ, назди вай рафта гуфтам: Оё ин дуруст аст, ки Муҳаммад ибни Абдуллоҳ (с) идиои нубувват намудааст ва ту аз вай пайравӣ намудаӣ?

Гуфт: Бале, чунин аст ва он гоҳ ҳикояти вай ба ман бозгуфт ва маро ба имон овардан ба вай ташвиқ кард. Ман низ ба навбати худ хабари роҳибро ба вай ҳикоят намудам. Аз шунидани он дар ҳайрат афтод ва гуфт: Биё бо ҳам назди Муҳаммад (с) биравем ва ин қиссаро ба вай ҳикоя кун ва бишнав, ки чӣ мегӯяд. Ва он гоҳ дар дини вай дохил шав.

Талҳа гуфт: Ҳамроҳ бо вай назди Муҳаммад (с) рафтем. Вай бар мо Исломро арза намуд ва чизе ҳам аз Қуръон бароям тиловат кард ва маро ба хайри дунё ва охират мужда дод. Худованд қалби маро ба қабули Ислом кушуд. Ва ман қиссаи роҳибро ба вай ҳикоя намудам. Аз шунидани он сахт хушҳол ва масрур гардид, ки аломатҳои он дар чеҳрааш намоён шуд.

Баъд дар пеши рӯи вай калимаи шаҳодат хонда гуфтам: Ашҳаду анло илоҳа иллаллоҳу ва анна Муҳамадан расулуллоҳ.

Ва ба ин тартиб ман чаҳорумин касе будам, ки ба дасти Абубакр Ислом овардам. Мусалмон шудани ин ҷавони қурайшӣ бар аҳлу хонавода ва хешовандону наздиконаш чун барқ афтод. Ва аз ҳама бештар модараш ба мусалмонии вай хеле афсӯс мехӯрд ва нороҳатӣ мекард. Чун модараш орзӯи он дошт, ки фарзандаш бо ин хусусиятҳои нек ва шамоили писандидае, ки дорад, мумкин зимоми сарварӣ ва ҷамъомати қавми худро ба даст гирад.

Қавмаш ба суръат худро ба вай расониданд, то ӯро аз дини ҷадидаш баргардонанд. Аммо ӯро дар имонаш чунон устувор ёфтанд, ки чун кӯҳи сарбафалак кашида собиту устувор аст. Ва тазалзул дар иродаи ӯ роҳ надорад. Вақте ишон аз қонеъ сохтани вай ба тариқи хубӣ ноумед шуданд, ба азобу шиканҷаи вай даст заданд, то битавонанд бо ин шева ӯро аз дини ҷадидаш баргардонанд.

Масъуд ибни Харош аз ҳолат ва авзои он вақт сухан ба миён оварда мегӯяд: Дар асное, ки ман дар миёни Сафо ва Марва саъй менамудам, мардумони зиёдеро дидам, ки дастҳои ҷавонеро ба гардан бастаанд ва ба ӯро ба пеш тела дода, ба сараш мекӯбанд… Ва пиразане низ ӯро дашном дода ва фарёд мезанад. Гуфтам: Ин ҷавон чӣ кардааст, ки ӯро ин гуна ҷазо медиҳанд? Гуфтанд: Ин ҷавон Талҳа ибни Убайдуллоҳ ном дорад ва аз дини худ баргаштааст ва аз ғуломи бани Ҳошим пайравӣ намудааст…

Гуфтам: Ин пиразане, ки аз пайи вай равон аст, чикора аст?

Гуфтанд: Ин зан Саъба духтари Ҳазрамӣ аст ва модари ин ҷавон аст. Баъд Навфал ибни Хувайлид мулаққаб ба шери Қурайш аз ҷой бархост ва Талҳа ибни Убайдуллоҳро гирифта бо ресмон баст ва Абубакри Сиддиқро низ ҳамроҳи ӯ яке кард ва ҳардуи ононро баста ба бехирадони Макка дод, то онҳоро хуб азият диҳанд ва таъзиб кунанд.

Ва ба ҳамин ҷиҳат Талҳа ибни Убайдуллоҳ ва Абубакри Сиддиқро ба номи ҳамтоён хонанд. Баъд рӯзҳо гузашт ва ҳаводис сурат гирифт ва бо гузашти айём Талҳа ном ва шӯҳрат ёфт ва ба синни пухтагӣ ва рушд расид. Ва мушкилот ва душвориҳоро бо камоли сабру бурдборӣ таҳаммул намуд. Ва хайр ва некиашро барои Ислом ва мусалмонон афзуда мерафт, то он ҷое, ки мусалмонон ба вай лақаби шаҳиди зинда доданд. Ва ҳазрати Расули акрам (с) ӯро ба номи Талҳатул хайр ва Талҳатул ҷуд ва Талҳатул фаёз мехонд.

Ва ҳар кадом аз ин лақаб ҳикоятҳое дорад, ки дар шигифтангезӣ камтар аз соири ҳикоёти вай нест.

Аммо достони лақаб ёфтанаш ба шаҳиди зинда ин аст, ки дар рӯзи Уҳуд вақте мусалмонон шикаст хӯрданд ва аз атрофи ҳазрати Расули Худо (с) пароканда шуданд ва ҷуз ёздаҳ тан аз Ансор ва Талҳа ибни Убайдуллоҳ аз муҳоҷирин каси дигаре дар пиромунаш намонд.

Ҳазрати Расули Худо (с) ҳамроҳ бо касони худ ба кӯҳ боло мешуданд. Дар ин асно дастае аз мушрикин худро ба вай расониданд, то ӯро ба қатл расонанд.

Ҳазрати Расули Худо (с) гуфт: Ҳар кӣ инҳоро аз мо дафъ кунад, ӯ дар биҳишт ёрамон хоҳад буд. Талҳа гуфт: Эй Расули Худо (с), ман инҳоро аз ту дафъ мекунам.

Ҳазрати Расули Худо (с) фармуд: На, ту дар ҷойи худ бош.

Марде аз Ансор гуфт: Ман инҳоро аз ту дафъ мекунам, ай Расули Худо (с). Фармуд: Дуруст аст, ту аз ман дифоъ кун. Марди Ансорӣ, то ҳадде ҷангид, ки саранҷом шаҳид шуд. Боз ҳазрати Расули Худо (с) ҳамроҳ бо касонаш андаке ба кӯҳ боло шуд. Боз мушрикин ба таъқиби вай пардохтанд. Фармуд: Оё касе ҳозир аст, ки ҳамлаи инҳоро пешгирӣ кунад? Ҳазрати Талҳа гуфт: Ман ҳозирам, ай Расули Худо (с).

Ҳазрати Пайёмбар (с) фармуд:

На, ту дар ҷойи худ бош.

Марде аз Ансор гуфт: Ман ҳозирам, ки ҳамлаи инҳоро пешгирӣ кунам.

Фармуд: Дуруст аст, ту аз ҳамлаи ишон пешгирӣ кун.

Ин марди Ансор низ то сарҳаде ҷангид, то он, ки шаҳид шуд.

Сипас ҳазрати Расули Худо (с) ба баланд шудани худ дар кӯҳ идома дод.

Ва мушрикон ӯро аз пай таъқиб намуданд. Ва пайваста ин ҳарфи худ такрор менамуд ва Талҳа ҷавоб медод, ки ман ҳозирам. Ва ҳазрати Пайёмбар (с), ӯро манъ мекард.

Ва ба марди Ансор иҷоза медод, то он ки он ҳама шаҳид шуданд ва ҷуз Талҳа дигар касе ҳамроҳ бо вай боқӣ намонд. Ва мушрикин худро ба вай расониданд. Дар ин вақт ба Талҳа гуфт: Бале, эй Талҳа, акнун ту аз ман дифоъ кун…

Дар ин ҷанг дандони пеши рӯи ҳазрати Расули Худо (с) шикаст ва ҷабинаш пӯстхарош гардид ва лабаш маҷрӯҳ шуд ва хун аз чеҳраи муборак сарозер гардид ва сахт хаста ва афсурда монд. Ва Талҳа пайи ҳам ба мушрикин ҳамла мекард ва онҳоро ба ақиб меронд. Ва баъд ба сӯи ҳазрати Расули Худо (с) меомад ва андак ӯро ба кӯҳ боло мекард ва ӯро бар замин, менишонд ва такя медод. Ва боз ба сӯи мушрикин ҳамла мекард. Ва ба ҳамин тартиб ба ҷанги худ идома дод, то он ки тавонист ҳамлаи мушрикинро дафъ кунад.

Ҳазрати Абубакр гуфт: Дар он вақт ман ва Абуубайда ибни Ҷарроҳ дар фосилаи дуртар аз ҳазрати Расули Худо (с) қарор доштем. Вақте рӯ ба вай намудем, то захмҳояшро бубандем, фармуд: Маро бо ҳоли худ бигзоред ва назди ин ёри дигаратон биравед. (ҳадафаш Талҳа буд). Вақте назди вай рафтем, дидем, ки хун аз баданаш ҷорӣ аст ва беш аз ҳафтод захм бар бадан хӯрдааст ва кафи дасташ қатъ шуда ва дар чуқурӣ беҳуш афтодааст. Ҳазрати Расули Худо (с) баъд аз ин воқеъа ҳамеша мегуфт: Касе дӯст дорад, мардеро бубинад, ки дараҷаи шаҳодат ёфта ва бар рӯи замин роҳ меравад, ба Талҳа ибни Убайдуллоҳ бингарад. Ҳазрати Абубакри Сиддиқ вақте аз воқеъаи Уҳуд сухан ба миён меомад, мегуфт: Ин рӯзе буд, ки ҳама шаҳоматҳо ва фидокориҳоро Талҳа касб кард. Ин буд достони лақаб ёфтани Талҳа ба шаҳиди зинда.

Аммо достони лақаб ёфтани вай ба Талҳатулхайр ва Талҳатулҷуд дар ин иртибот садҳо қисса ва достон аст, ки мо якеро аз он дар ин ҷо ёдовар мешавем.

Талҳа марде буд, тиҷоратпеша ва сарватманд. Рӯзе корвон аз Хазрамавт назди вай омад, ки ҳафтсад ҳазор дирҳам мол бор дошт. Вай он шабро бисёр ғамгин ва андӯҳнок ва пур аз ҳавф сипарӣ кард. Ҳамсараш Умми Кулсум духтари Абубакри Сиддиқ назди вай дохил шуд ва барояш гуфт: Эй Абумуҳаммад, чӣ пеш омадааст, ки ин қадар ҳазинӣ? Шояд коре аз мо сар зада бошад, ки мояи ғамгинии ту шудааст.

Гуфт: На, чунин нест ва ту беҳтарин зани мусалмон ҳастӣ… Аммо иллати андӯҳам иност, ки ман аз дишаб ба ин сӯ дар фикр фурӯ рафтам ва бо худ гуфтам: Марде, ки ин ҳама амволро дар хонааш нигаҳ дорад ва ба хоб равад, чунин шахс ба Парвардигораш чӣ гумоне хоҳад дошт?! Ту ба ниёзмандон ва мӯҳтоҷони қавм ва дӯстони худ чӣ кардаӣ?!

Гуфт: Ин ҳол чаро туро андӯҳгин созад ва дар ғам андозад. Агар шабро рӯз кунӣ, онро дар миёнашон тақсим кун.

Гуфт: Худованд туро раҳмат кунад. Ту зани комёб ва духтари марди комёб ҳастӣ…

Вақте вай шабро рӯз намуд, он амволро дар зарфҳо андохт ва ба фуқарои муҳоҷирин ва Ансор тавзеъ намуд.

Ва низ аз вай ривоят аст, ки марде назди Талҳа ибни Убайдуллоҳ омад ва аз вай хоҳони кӯмак ва шуд ва қаробати худро низ ба вай баён дошт. Ҳазрати Талҳа ба ӯ гуфт: Ин қаробате, ки ту ба ман баён намудӣ, то ҳол ҳеҷ кас онро бароям ёд накардааст. Ва маро замин ҳаст, ки Усмон ибни Афон ба сесад ҳазор онро харидор шудааст… Агар хоҳӣ, онро бигир ва агар хоҳӣ онро ба сесад ҳазор фурӯхта ва пулашро бароят медиҳам. Он мард гуфт: Маро пули он даркор аст… ҳамон буд, ки пули онро ба ӯ дод.

Хушо ба ҳоли Талҳатулхайр ва Талҳатулҷуд. Ва ин лақабе аст, ки ҳазрати Расули Худо (с) онро ба вай хилъат намудааст. Худованд аз вай розӣ бод ва марқадашро нуронӣ дорад.

## АБУҲУРАЙРАИ ДАВСӢ

Бидуни шак ҳар як аз мусалмонон ин кавкаби тобандае дар осмони саҳобаи киромро мешиносанд ва оё дар уммати Исломӣ касе ёфт хоҳад шуд, ки Абуҳурайраро нашиносад?

Мардум дар даврони ҷоҳилият ӯро ба номи Абдушамс мехонданд, вақте Худованд ӯро ба дини Ислом иззат бахшид ва ба мулоқоти Пайёмбари гиромӣ мушарраф сохт, ба ӯ гуфт:

Номат чист?

Гуфт: Абдушамс.

Ҳазрати Расули Худо (с) фармуд: Балки номи ту Абдураҳмон аст.

Гуфт: Падару модарам фидоят эй Расули Худо (с). Бале, Абдураҳмон дуруст аст.

Аммо сабаби кунияи вай ба Абуҳурайра ин аст, ки вай дар даврони кӯдакиаш гурбаи кӯчаке дошт ва бо он бозӣ мекард. Ва ҳамсолон ва ҳамқаторонаш ӯро ба ин ном мехонданд. Ва ин лақаб шӯҳрати бештаре ёфта ва аз ин рӯ бар номи аслиаш ғалаба ёфт.

Вақте пайванд ва иртиботаш бо ҳазрати Расули Худо (с) барқарор шуд ба хотири муонасаш ва лутф хушӣ ӯро аксаран ба номи Абуҳир садо мекард.

Ва аз ин рӯ вай Абуҳирро бар Абуҳурайра тарҷеҳ медод ва мегуфт: Дӯстам Расули Худо (с) маро ба ин ном фарёд мекард.

Ва ҳир (гурба) музаккар ва ҳурайра (пишак) муаннас аст. Ва музаккар бар муаннас бартарӣ дорад.

Абуҳурайра бинобар даъвати Туфайл ибни Амрӣ Давсӣ Ислом овардааст. Вай то шаш сол баъд аз ҳиҷрат дар диёри хаштан дар миёни қабилаи Давс ба сар бурд. Вақте ҷамъе аз

қавмаш барои дидан ва мулоқоти ҳазрати Расули Худо (с) ба Мадина омаданд, низ худро бо онҳо ҳамроҳ сохт.

Аз ин рӯз ба баъд вай худро дар хизмати ҳазрати Расули Худо (с) гузошт ва ҳамсӯҳбати ӯро баргузид ва масҷидро сарпаноҳи худ гирифт ва Пайёмбар (с)-ро имом ва омӯзгори хеш, чун вай дар зиндагиаш на зан ва на фарзанде дошт ва на молу манол. Балки модари солхӯрдае дошт, ки бар ширки худ исрор меварзид. Вай пайваста ӯро ба Ислом даъват мекард ва дилаш ба ҳоли вай месӯхт ва аз некӣ ба вай худдорӣ намекард. Вале модараш аз вай нафрат мекард ва ӯро аз қабули ҳақ бозмедошт.

Ва Абуҳурайра дар ҳоле, ки аз ғаму андӯҳ ба ҷон меомад, ӯро ба ҳолаш мегузошт ва аз пайи кори худ мерафт.

Дар яке аз рӯзҳо ӯро ба имони ба Худо ва Пайёмбараш даъват кард. Вай дар бораи ҳазрати Расули Худо (с) калимае бар забон овард, ки ҳазрати Абуҳурайраро сахт такон дод. Ҳамон буд, ки гирякунон назди ҳазрати Расули Худо (с) омад. Ҳазрати Пайёмбар (с) ба ӯ гуфт: Чӣ шудааст?

Гуфт: Ман пайваста модарамро ба Ислом даъват мекунам ва вай аз қабули он сарпечӣ мекунад ва чун имрӯз вайро даъват додам дар бораи ту ҳарфе ба ман шунавонд, ки сабаби озурдагиам шуд. Аз Худованд бихоҳ, ки вайро ба Ислом ҳидоят кунад.

Ҳамон буд, ки ҳазрати Расули Худо (с) дар ҳаққи вай дуои хайр намуд.

Абуҳурайра гуфт: Вақте рӯ ба сӯи хона кардам ва хостам, ки дарвозаро бикушоям, дарвоза ба рӯям баста шуд. Ва ногаҳон садои шар-шари об ба гӯшам расид. Хостам, ки дохил шавам, модарам гуфт:

Абуҳурайра, дар ҷоят бимон ва дохил машав.

Баъд либосҳояшро пӯшид ва гуфт:

Дохил шав! Чун дохил шудам, гуфт:

Ашҳаду ан ло илоҳа иллаллоҳу ва ашҳаду анна Муҳаммадан абдуҳу ва Расулуҳу. Аз шиддати хушӣ ва сурур ашк аз чашмонам фуруд омад, чунончи андак қабл аз ғаму андӯҳ мегиристам.

Ба ҳузури Пайёмбари Худо (с) баргаштам ва гуфтам: Ай Расули Худо (с) бароят мужда дорам… Худованд дуоятро иҷобат намуд ва модари Абуҳурайраро ба қабули Ислом ҳидоят кард…

Абуҳурайра ҳазрати Расули Худо (с)-ро чунон дӯст дошт, ки муҳаббаташ дар рагу ҷонаш ҷо гирифта буд ва аз назар кардан ба чеҳраи вай сер шудан надошт ва мегуфт: Ман ҳеҷ чизе ширинтар ва тобандатар аз чеҳраи он Ҳазрат (с.с.) надидаам. Вай чунон буд, ки гӯё офтоб дар чеҳраи вай дурахшидааст.

Ва ҳамеша Худовандро ҳамду ситоиш мегуфт, ки бар вай миннат ниҳодааст, ки шарафи сӯҳбати Пайёмбари гиромиашро дарёбад ва дини вайро пайравӣ кунад. Вай мегуфт: Ҳамду ситоиши Худоеро, ки Абуҳурайраро барои Ислом ҳидоят намуд. Ҳамд ва ситоиш Худоеро, ки бар Абуҳурайра Қуръон омӯхт.

Ҳамду ситоиш Худоеро, ки бар Абуҳурайра шарафи сӯҳбати Расули Гиромӣ (с.с.)-и худ бахшид. Ҳамон тавре, ки Абуҳурайра дилбохтаи ҳазрати Расули Худо (с) буд, дилбохтаи илму маърифат низ буд ва ҳусули онро одат ва орзӯи деринаи худ гардонида буд. Зайд ибни Собит дар бораи вай ривоят намуда гуфтааст:

Дар асное, ки ман ва Абуҳурайра ва яке аз дӯстони дигарам дар дохили масчид дуо ва зикри Худо мекардем, ногаҳон ҳазрати расули Худо (с) ба сӯи мо сар кашид ва ба тарафи мо рӯй овард, то он ки дар миёни мо нишаст. Мо ҳама хомӯш мондем. Пас гуфт: Ба коре, ки доштед, идома диҳед.

Пас ман ва дӯстам, қабл аз Абуҳурайра ба дуои худ идома додем. Ва ҳазрати Расули Худо (с) ба дуои мо омин мегуфт…

Баъд Абуҳурайра дуо кард ва гуфт:

Худоё, ман он чиро аз ту мехоҳам, ки ин ду дӯстам аз ту суол намуданд ва аз ту илмро мехоҳам, ки фаромӯш нагардад..Ҳазрати Расули Худо (с) омин гуфт.

Гуфтам: Ва мо низ аз Худованд илмро талаб менамоем, ки фаромӯш нашавад.

Фармуд: Ба ин савол, ин баччаи Давсӣ бар шумо сабқат ҷӯст.

Ҳамон тавре, ки Абуҳурайра илмро барои худ дӯст дошт, ҳусули онро барои дигарон низ дӯст дошт…

Аз он ҷумла ин ки вай рӯзе ба бозори Мадина гузар намуд ва машғулияти мардум ба дуньё ва ғарқ шудан ба хариду фурӯш ва доду гирифти онҳо тавачӯҳи ӯро ба худ ҷалб кард.

Пас бар болои сарашон истод ва гуфт: Эй аҳли Мадина чӣ чиз шуморо нотавон сохтааст?!

Гуфтанд: Дар мо чӣ нотавониро мушоҳида мекунӣ?

Гуфт: Мероси ҳазрати Расули Худо (с) тақсим мешавад ва шумо инҷо нишастаед…! Оё намеравед, ки саҳми худро бигиред!!

Гуфтанд: Эй Абуҳурайра, ин мероси вай дар куҷо тақсим мешавад?

Гуфт: Дар масчиди вай.

Ҳама ба суръат ба роҳ афтоданд ва Абуҳурайра дар ҷойи худ истод, то ин ки ишон баргаштанд. Вақте Абуҳурайраро диданд, гуфтанд: Эй Абуҳурайра, мо ба масчид рафтем ва дохили он шудем ва чизеро надидем, ки тақсим мешуд.

Ба онҳо гуфт: Оё касеро ҳам дар масҷид надидаед?!

Гуфтанд: Дидем… Мардумоне буданд, ки дар он намоз мехонданд ва ҷамъе ҳам тиловати Қуръон мекарданд. Ва мардуме ҳам пиромуни ҳалолу ҳаром сухан мегуфтанд…

Гуфт: Шуморо чӣ шудааст… Мероси Муҳаммад ҳамин чизҳост.

Ҳазрати Абуҳурайра ба сабаби инсирофаш ба фарогирии илм ва худ фориғсозиаш ба маҷолиси ҳазрати Расули Худо (с) чунон машаққати гуруснагӣ ва ташнагиро таҳаммул намудааст, ки ҳеҷ кас ба андозаи вай чунин таколиферо надидааст.

Вай дар бораи таколифи худ сухан ба миён оварда гуфтааст: Басо авқот гуруснагӣ он қадар маро ранҷ медод, ки бар сари роҳи асҳоби Расули Худо (с) менишастам ва ҳар кадом аз асҳоб, ки аз пеши рӯям мегузаштанд, ӯро аз ояте аз Қуръон савол мекардам – дар ҳоле, ки худ мафҳуми он оятро

медонистам – то ба ин баҳона, вай моро ба таъомхӯрӣ даъват кунад.

Дар яке аз рӯзҳо гуруснагӣ сахт маро нороҳат сохт. Сангеро гирифта бар шикам бастам ва дар роҳи асҳоб нишастам. Абубакр аз пеши рӯям гузашт ва ӯро аз мафҳуми ояте пурсидам, то маро ба ин баҳона ба таъомхӯрӣ даъват кунад. Вай ҷавоби худ доду рафт.

Баъд ҳазрати Умар ибни Хаттоб омад. Ӯро низ аз мафҳуми ояте пурсидам. Ӯ низ роҳи худ бигирифт ва рафт. То он, ки ҳазрати Расули Худо (с) омад ва донист, ки ман дар чӣ ҳолати гуруснагӣ қарор дорам. Ба ман гуфт: Эй Абуҳурайра! Гуфтам: Ба хидмат омадаам, эй Расули Худо (с). Ва аз пайи вай даромадам, то он ки дохили хонаи вай шудем. Вай зарферо ёфт, ки дар он шир буд. Ба аҳли худ гуфт: Ин ширро аз куҷо овардаанд ? Гуфтанд: Фалон барои ту онро фиристодааст.

Фармуд: Эй Абуҳурайра назди аҳли суффа бирав ва онҳоро даъват кун. Ин фиристодани ман ба назди ишон дар нафсам маро хуш наомад ва бо худ гуфтам: Ин миқдор шир ба кадом як аз аҳли суффа хоҳад расид.

Ва ман орзу мекардам, ки як ҷуръа аз он бинӯшам, то қувват ёбам. Баъд ба сӯи онҳо биравам. Ба ҳар тартиб назди аҳли суффа омада ва онҳоро даъват намудем. Ишон рӯй оварданд. Вақте назди ҳазрати Расули Худо (с) нишастанд, фармуд: Эй Абуҳурайра, ин зарфро бигир ва ба ишон тақсим кун. Пас ман шурӯъ ба тақсими он намудам, то он ки ҳама аз он хӯрданд ва сер шуданд. Баъд зарфро ба ҳазрати Расули Худо (с) додам. Вай сари худро табассумкунон ба суям баланд кард ва гуфт: Ману ту боқӣ мондем.

Гуфтам: Дуруст фармудӣ. Эй ҳазрати Расули Худо (с)

Фармуд: Бинӯш, пас нӯшидам.

Баъд гуфт: Бинӯш, пас нӯшидам.

Ва вай пайваста мегуфт, ки бинӯш ва ман менӯшидам, то он ки гуфтам: Қасам ба зоте, ки туро ба ҳақ фиристодааст, дигар ҷой намонд, ки онро бинӯшам.

Ҳамон буд, ки қадаҳро гирифт ва аз боқимондаи он нӯшид.

Аз ин кор муддати тӯлонӣ сипарӣ нашуда буд, ки хайру баракат бар мусалмонон борид ва ғаниматҳои фатҳ аз ҳар тараф ба сӯи ишон сарозер гардид. Ва Абуҳурайра соҳиби молу зиндагӣ ва зану фарзанд шуд.

Магар ин ҳама дар нафси хеш тинати вай кӯчактарин асаре накард ва рӯзҳои сахту душвори худро фаромӯш нанамуд. Ва чӣ басо мегуфт: Ятим бузург шудаам, фақирона ҳиҷрат кардам ва барои Бусра духтари Ғазвон танҳо ба нони шиками хеш муздурӣ намудам. Ва манн вақте ин қавм дар ҷойе фуруд меомаданд, хизматашонро мекардам ва вақте ба маркабашон савор мешуданд рикобашонро мегирифтам. Ва ахиран Худованд аз ин мардум ба ман ҳамсар дод…

Пас сипос Худойро, ки ин динро ба худ истода кард ва Абуҳурайраро барои он имом муқаррар намуд.

Абуҳурайра дар даврони ҳазрати Муовия ибни Абусуфён беш аз як мартаба ба сифати амири Мадина муқаррар шуд. Ва ин вилоят чизе дар мизоҷ ва табиат ва рӯҳи олӣ вай тағйире ба вуҷуд наёвард…

Вай рӯзе бар яке аз роҳҳои Мадина дар ҳоле, ки воли он буд ва ҳезум ба пушт дошт, мерафт. Гузараш ба Саълаба ибни Молик афтод ва гуфт: Эй Ибни молик, роҳро бар амиратон бикушоед. Саълаба ба ӯ гуфт: Худованд туро раҳмат кунад. Оё ин ҳама роҳ туро кифоят намекунад ? Боз ба ӯ гуфт: Роҳро бар амиратон ва ба пуштораи ҳезум, ки бар пушт дорад, бикушоед.

Абуҳурайра дар паҳлуи мақоми илмӣ ва баландмақоми нафси хеш аз тақво ва парҳезкории комил бархурдор буд. Ӯ рӯзро рӯза мегирифт ва шабро ба ибодат сипарӣ мекард. Ӯ сулси аввалро худ бармехост ва дар сулси дуввум ҳамсарашро бедор мекард ва дар сулси саввум духтарашро бедор менамуд. Ва ба ин тартиб ибодати вай дар тули шаб канда намешуд.

Абуҳурайра канизе дошт сиёҳчеҳра. Рӯзе ин каниз дар баробараш кори нодуруст намуд ва аҳлашро дар ғаму андӯҳ андохт. Тозиёна ба даст гирифт, то ӯро бизанад. Ва баъд ногаҳон аз задании вай худдорӣ намуд ва гуфт: Агар хавфи

аз ман қисос гирифтани ту дар рӯзи қиёмат намебуд, туро ҳатман ба муқобили ин азияте, ки бар мо намудӣ, сахт лату кӯб мекардам. Аммо ба ивази ин кор туро хоҳам фурӯхт ва бо пули ту ҳоҷат ва ниёзи худро бароварда хоҳам сохт. Ва ман ба фурӯхтани ту шадидан зарурат дорам… Он гоҳ ба ӯ гуфт: Бирав туро барои Худо озод сохтам…

Духтараш ҳар вакт ба ӯ мегуфт: Эй падар, духтарон ҳамеша маро таъна зада мегӯянд, ки чаро падарат тур бо тилло ороста намесозад?

Вай дар ҷавоб мегуфт: Эй духтаракам, ба ишон бигӯ, ки падарам дар бораи ман аз шарораи оташи дузах бар худ метарсад.

Боз доштани Абуҳурайра аз оростани духтараш аз рӯи бухл ва мумсикӣ дар мол набуд. Чун вай дар роҳи  Худо сахимард  ва ҷавонтабиат буд.

Боре Марвон ибни Ҳакам сад динор тилло ба вай фиристод. Вақте шаб рӯз шуд Марвон касеро назди вай фиристод ва гуфт: Ходимам дар атои ин маблағ бароят хато намуда ва ман он маблағро барои ту нафиристода будам. Балки онро ба каси дигаре фиристодам, ки нафаҳмида дар дасти ту афтод.

Абуҳурайра дар ҷавоб барояш гуфт: Ба ҳар ҳисобе, ки будааст ман онро дар роҳи Худо ба сарф кардан ва танга ва диноре аз он шаб дар хонаам намондааст. Ва агар маошамро аз Байтулмол дарёфт доштам, онро аз ман биситон.

Марвон ин корро барои он намуда буд, ки ӯро биозмояд. Вақте дар пайи ҷустуҷӯ аз ин амр шуд, дарёфт, ки ҳадисаш дуруст будааст.

Абуҳурайра то вақте, ки зинда буд ба модараш некӯӣ мекард. Ва ҳар вақте ки аз хона берун мешуд ва ба дарвозаи утоқаш меистод ва мегуфт: Ассалому алайк ва рахматуллоҳ ва баракоту.

Ва модараш дар ҷавоб мегуфт: Ва алайка салом ва раҳматуллоҳ ва баракотуҳу.

Баъд Абухурайра ба ӯ мегуфт: Эй модар, Худованд туро раҳмат кунад, ки маро дар туфулиятам тарбия намудӣ.

Ва модараш мегуфт: Худованд туро низ раҳмат намояд, ки аз ҳеҷ накӯӣ ба ман дареғ наменамудӣ.

Боз вақте ба хонааш бармегашт ин ҳарфҳоро мегуфт.

Абуҳурайра сахт шавқманди даъвати мардум ба некии падару модар ва хешовандон ва наздикон буд. Вай рӯзе ду танро дид, ки яке аз ишон дар умр солхӯрдатар аз дигарӣ буд. Ва ҳар ду дар роҳ равон буданд. Вай дар хитоб ба хурдсоли он ду гуфт: Ин мард барои ту чӣ каробате дорад?

Гуфт : Вай падарам мебошад. Ба ӯ гуфт: Ӯро ба номаш махон.. Ва дар пеши рӯяш роҳ марав… Ва пеш аз вай манишин.

Вақте Абуҳурайра ба бемории марг мубтало шуд, гирист….

Ба ӯ гуфта шуд: Эй Абуҳурайра, омили гиряат чист?

Чавоб дод: Ман ба хотири ин дунёатон намегирям…

Аммо ба хотири дурии сафар ва тӯшаи худ мегирям… Ман акнун ба поёни роҳ расидам, ки намедонам, маро ба биҳишт мебарад ва ё ба дӯзах.

Ва намедонам, ки бо кадом яке аз ин ду хоҳам буд?

Марвон ибни Ҳакам аз вай аёдат намуд ва ба ӯ гуфт: Эй Абуҳурайра, Худованд туро шифо бахшад.

Гуфт: Худоё ман ошиқи мулоқот ва дидори туам. Пас мулоқот ва дидори маро бипазир ва маро ба зудтарин фурсат назди худ бихоҳ… Марвон ибни Ҳакам ҳанӯз хонаи вайро тарк нагуфта буд, ки падруди ҳаёт гуфт.

Худованд Абуҳурайраро ғарқи раҳмат кунад. Вай барои мусалмонон якҳазору шашсаду нуҳ ҳадисро аз ҳазрати Расули Худо (с) ҳифз намуда Худованд ба вай подоши некӯ насиб фармояд.

## САЛАМА ИБНИ ҚАЙСИ АШҶАЪӢ

Ҳазрати Умари Форуқ дар шабе аз шабҳо дар миёни русто ва деҳистонҳои Мадина ба сони одати деринаи худ мегашт, то амнияти мардумро таъмин кунад ва ҳама ором ва бароҳат ба хоб раванд.

Дар ҷараёни сайругашт дар миёни хонаҳо ва бозорҳо абармардони асҳобро аз сафҳаи зеҳни худ убур медод, то якеро мутобиқи завқи худ дарёфта ва парчами лашкареро, ки қарор буд ба сӯи Аҳвоз бифиристад ба вай таслим намояд.

Дере нагузашта, ки гумшудаи худро дарёфт ва ба матлаби худ расид ва бо худ гуфт: Нафари мавриди назари худро ёфтам. Иншоаллоҳ дар интихобам ғалат накардаам.

Вақте шабро рӯз намуд Салама ибни Қайси Ашҷаъиро ба ҳузур хост ва ба ӯ гуфт: Ман туро ба сифати фармондеҳи лашкари Аҳвоз интихоб намудаам. Бинобар ин, ба номи Худо бо ин лашкар ҳаракат кун ва дар роҳи Худо алайҳи куффор биҷанг. Ва ҳар гоҳ чун бо мушрикон рӯ ба рӯ шудед, онҳоро ба дини Ислом даъват кунед. Агар Ислом оваранд ё инаст ки дар диёри худ бимонанд ва ҳамроҳ бо шумо дар ҷанги дигарон ширкат наварзанд. Дар ин сурат ҷуз додани закот, масъулияте надоранд. Ва ишонро дар ғанимат ҳеҷ саҳме набошад. Ва ё инаст, ки ишон дар канори шумо биҷанганд. Ва дар он сурат барои онҳо ҳамон ҳаққе аст, ки барои шумост. Ва барояшон ҳамон масъулият аст, ки бар шумост.

Ва агар аз қабули Ислом худдорӣ варзиданд, дар он сурат барояшон додани ҷузя лозим меояд. Ва он гоҳ ишонро ба ҳоли худашон бигузоред. Ва онҳоро аз ҳамлаи душманонашон маҳфуз доред. Ва ишонро ба бештар аз тоқаташон мукаллаф насозед.

Ва агар аз додани ҷузя ҳам худдорӣ варзиданд, дар он сурат Худованд шуморо бар ишон нусрат хоҳад дод. Ва агар дар қалъа сангар гирифтанд ва баъдан аз шумо талаб намуданд, ки бар ҳукми Худо ва Расулаш сар мегузоранд. Дар ин сурат талаби онҳоро қабул накунед.

Ва чун аз шумо талаб кунанд, ки бар зиммаи Аллоҳ ва Расулаш танозул намоянд, набояд шумо ба ишон зиммаи Аллоҳ ва Расулашро бидиҳед, балки шумо аҳди худро ба ишон бидиҳед…

Ва чун дар ҷанг бар ишон зафар ёбед, набояд аз ҳад гузаред ва набояд дар ҳаққашон ғадр намоед. Ва набояд куштагонашонро мусла кунед ва набояд навзодонро бикушед…

Салама гуфт: Ба сару чашм аз амирулмуъминин итоат мешаванд…

Ҳамон буд, ки ҳазрати Умар (р) бо гармӣ ӯро видоъ намуд ва дасташро ба шиддат фишор дод, ва бо хушӯъ ва ниёиш дар ҳақаш дуо намуд.

Салама масъулияти азимеро, ки ба ӯҳдаи вай ва лашкараш гузошта шуда буд, хуб медонист. Ба хотири он, ки Аҳвоз минтақаи кӯҳистонӣ буда ва роҳҳои пурхаму печ ва душворе дошт ва қалъаҳои мустаҳкам ва сангарҳои матини он роҳи вурудро бар онон душвор месозад. Ба хусус он ки ин минтақа дар миёни Басра ва Толобҳои Форс мавқеъият дорад, ки мардумони ҷангҷӯ аз курдҳо дар он зиндагӣ мекунанд.

Мусалмонон чорае ҷуз он надоштанд, ки ин шаҳрро фатҳ намоянд ва бар он тасаллул ҳосил кунанд, то аз ақиб худро аз ҳамлаҳои ногаҳонии форсҳо бар Басра нигаҳ доранд. Ва истифодаи лашкари форсҳоро аз ин шаҳр ки онро майдони размозмоӣ худ қарор дода буданд, қатъ намоянд. Ва ба ин васила амнияти Ироқро аз хатари ҳуҷуми онон таъмин намоянд.

Салама ибни Қайс ба сифати қумандони ин лашкар ба роҳи худ идома дод. Ишон андаке ба ин минтақа пешравӣ накарда буданд, ки бо монеъаҳои тибиии он бархурданд. Ба тавре, ки

ин лашкар бо роҳҳои мушкилгузари кӯҳистониаш рӯ ба рӯ гардид. Ва чун ба биёбонаш фуруд меомаданд, хорпуштакҳояш анвоъ аз бемориҳоро ҳамроҳ дошт. Морҳо ва каждумҳояш низ хатари дигар буд, ки ҳар лаҳза бо онҳо таҳдид менамуд.

Аммо рӯҳи Салама ибни Қайс бо вуҷуди ин ҳама мушкилот ва душвориҳо тару тоза буд. Ва азобу ранҷҳоро бо синаи фарох ва пешонии кушода истиқбол мекард. Ӯ бисёр вақтҳо лашкари худро бо мавъизаҳои рӯҳбахши худ, ки равонашонро тоза месохт, қувват мебахшид. Ва ишонро барои дарёфти аҷри бузург ва подоши азими Илоҳӣ ба ваҷд меовард. Ва шабҳояшонро бо замзамаи Қуръон сипарӣ менамуд. Онҳо дар рӯшноии таълимоти Қуръон худро саодатманд ёфта буданд. Ва дар баҳри шавқи он худро фаромӯш намуда буданд.

Салама ибни Қайс фармони халифаро ба ҷо овард. Ҳамин ки бо аҳли Аҳвоз рӯ ба рӯ шуд, аз онҳо талаб намуд, ки дини Исломро бипазиранд. Аммо ишон эъроз карданд ва аз қабули он худдорӣ варзиданд. Баъд аз ишон хост, ки ҷузя бипардозанд, онҳо аз қабули ҷузя низ ибо намуда ва такаббур нишон доданд.

… Аз ин рӯ барои онҳо ҷуз ҷанг роҳи дигаре боқӣ намонд. Ҳамон буд, ки худро барои ҷанг омода сохтанд ва ба ҷиҳод дар роҳи Худо камар бастанд.

Оташи ҷанг дар миёни ду тараф шӯълавар гардид ва ҳар ду тараф муқовимат ва пойдории аҷибе аз худ нишон доданд, ки таърихи ҷангҳо назири онро камтар ба ёд дорад.

Дере нагузашт, ки  мусалмонон дар ин ҷанг дастболо шуданд ва пирӯзӣ ва зафар насиби онон гардид. Ва мушрикин бо шикасти сохте рӯ ба рӯ шуданд.

Вақте ҷанг поён ёфт, Салама ибни Қайс ба тақсими ғаниматҳо дар миёни муҷоҳиддин пардохт ва ба ҳар кадом саҳме бахшид. Дар миёни ғаниматҳо зевари гаронбаҳое ёфт ва хост, онро барои Амирул мӯъминин ба сифати ҳадя ва тӯҳфа бифиристад. Лизо рӯ ба сӯи лашкари худ намуд ва гуфт: Агар ин зеваррро дар миёни шумо тақсим кунам, дардеро даво нахоҳад кард. Ва ҷуз андак аз он насиби шумо нахоҳад шуд.

Чӣ мешавад, ки ин зеварро ба унвони тӯҳфа ба Амирулмӯъминин бифиристем? Ҳама гуфтанд: Кори хубе аст.

Ҳамон буд, ки зеварро дар сандуқчаи кӯчаке гузошт ва касеро аз миёни қабилаи худ хост. Ва вайро ба ирсоли ин тӯҳфа вазифадор кард ва ба ӯ гуфт: Ту ҳамроҳ бо ғуломат равонаи Мадина шав ва халифаро ба фатҳи Аҳвоз мужда деҳ ва ин ҳадяро ба унвони тӯҳфа ба вай тақдим намо.

Акнун ин марди Ашҷаъиро бо Умар ибни Хаттоб ҳикоят аст, ки дар он панд ва ибрат аст. Ва ҳоло зимоми сухан ба дасти худи ӯ медиҳем, то вай саргузашти худро дар иртибот ба анҷоми ин масъулият ба мо ҳикоят кунад.

Ин марди Ашҷаъӣ гуфт: Ман ва ғуломам ба Басра расидем ва дар он ҷо ду шутур харидем ва тӯшаи роҳ гирифтем ва баъд рӯ ба сӯи Мадина ниҳодем. Вақте ба он ҷо расидем, дар пайи ҷустуҷӯ аз халифа шудем. Шудем. Ӯро дар ҳоле ёфтем, ки  чун чупон бар асояш такя зада ва мусалмононро нони чошт медод. Вай бар суфраҳо мегашт ва барои ғуломаш Ярфаъ мегуфт: Эй Ярфаъ барои инҳо гӯшти зиёдтар бидеҳ… Ва барои онҳо нонро зиёда кун… Ва барои ин даста оби шурбо биовар…

Вақте худро ба вай расонидем, гуфт: Биншин. Дар поёни маҷлис нишастам ва бароям нон оварданд. Вақте онро хӯрдем ва мардум аз нон фориғ шуданд, гуфт: Эй Ярфаъ, дастархонатро ҷамъ кун. Ва баъд ба роҳи худ рафт ва ман низ аз пайи ӯ рафтам. Вақте дохили хонааш шудам, дидам, ки бар фарши пашмине нишаста ва бар ду болишти пӯстин, ки бо лифи хурмо пур шуда буд, такя задааст. Яке аз он ду болиштро бар ман андохт ва ман бар он такя задам. Ва дар пушти вай пардае буд, рӯ ба сӯи парда намуд ва гуфт: Умми Кулсум, нони чоштамро биёр.

Бо худ гуфтам, таоме, ки Амирулмӯъминин барои худ хос кардааст, чӣ бошад?

Ҳамсараш порчаи нонро, ки бо равған омехта шуда буд ҳамроҳ бо порчаи намаки носоида бар болояш гузошта бар

вай тақдим дошт.. Амирулмӯъминин рӯ ба сӯям намуд ва гуфт: Бихур. Амри ӯро ба ҷо овардам ва андак аз он хӯрдам.

Ва ӯ худ низ аз он хӯрд. Ман ҳеҷ касро ба мисли вай надида будам, ки бо чунин адаб таъом хӯрад. Баъд гуфт: Нӯшоба бароямон биоваред. Дар зарфе нӯшоба аз орди ҷав барояш тақдим намуданд. Ва гуфт: Аввал ба ин меҳмон онро бидеҳ. Ҳамон буд, ки аввал барои ман он нӯшобаро тақдим доштанд. Ман қадаҳ бигирифтам ва надак аз он нӯшидам. Ва баъд худ гирифт ва аз он нӯшид, то он ки ташнагии худро рафъ кард ва баъд гуфт: Алҳамдулиллоҳиллазӣ атъамано фаашбаъано ва сақоно фаарвоно. Дар чунин фурсате рӯ ба сӯи вай намуда гуфтам: Эй амирул мӯъминин, ба ту нома овардаам.

Гуфт: Аз куҷо нома овардаӣ?

Гуфтам: Аз назди Салама ибни Қайс

Гуфт: Хуш бод Салама ибни Қайс ва хуш бод фиристодаи вай. Аз аҳволи пашкари мусалмонон бароям ҳикоят кун…

Гуфтам: Эй амирул мӯъминин, ҳолати онҳо табъи ҷаноби олиро хуш месозад… Онҳо ба ҳамди аллоҳ таъоло солиму ороманд ва бар душман зафар ёфтаанд. Ва ба ин тартиб паёми пирӯзӣ ва фатҳи ононро ба амирал мӯъминин ба тифсил баён доштам.

Гуфт: Алҳамдулиллоҳ… кӣ бахшид ва меҳрубонӣ намуд… Ва неъмат арзонӣ дошт ва дар он афзуд…

Баъд гуфт: Оё ба Басра ҳам гузаре намудӣ?

Гуфтам: Бале, ай амирул мӯъминин

Гуфт: Мусалмонон дар он ҷо чи ҳол доштанд?

Гуфтам: Алҳамдулиллоҳ, ба хайр буданд.

Гуфт: Нарху наво чӣ гуна буд?

Гуфтам: Хеле арзон.

Гуфт: Гӯшт чӣ қимате дошт. Чун гӯшт дарахти Араб аст. Ва ҳолати арабҳо ҷуз бо солеҳ шудани ин дарахт беҳтар намешавад.

Гуфтам: Гӯшт хеле зиёд ва фаровон буд.

Баъд мутаваҷеҳи ин сандуқча шуд, ки бо худ оварда будам ва гуфт: Ин сандуқча, ки ба даст дорӣ, чист?

Гуфтам: Эй Амирул мӯъминин, вақте мо ба душман зафар ёфтем ва ғаниматҳоро ҷамъ кардем, Салама дар миёни он зеваротро ёфт ва ба лашкари худ гуфт: Агар ин зеваротро дар миёни шумо тақсим кунам, чизи қобили аҳамият аз он бароятон нахоҳад расид... Ва оё нафсҳоятон инро хоҳад писандид, ки ин зеваротро ба Амирул мӯъминин бифиристем ? Ҳама гуфтанд: Бале. Вале баъд ин сандуқчаро ба вай тақдим доштам...

Вақте онро кушуд ва ба донаҳои қимати он, ки бо рангҳои мухталиф сурх ва сабз ва зарди хеш чашми бинандаро ба худ ҷалб менамуд, назар афканд, аз ҷой парид ва ин сандуқчаро андохт ва донаҳояш ба замин рехт ва ба ҳар сӯ пароканда шуд. Ва бо ҳар ду дасти худ ба сирин мезад. Занон фикр карданд, ки ман қасди террори вай намудаам. Ҳамон буд, ки ишон дар ақиби парда худро расониданд. Баъд рӯ ба ман намуд ва гуфт: Инҳоро ҷамъ кун... Ва барои ғуломаш Ярфаъ гуфт: Вайро хуб лату куб кун. Ман машғули ҷамъ кардани ин донаҳо, будам ва ғуломаш машғули задан ва лату кӯб кардани ман. Баъд гуфт: Аз ҷой бархез. На ту одами хубе будаӣ ва на он касе, ки ин донаҳоро ба дасти ту фиристодааст.

Гуфтам: Барои ман иҷозаи маркаберо бидеҳ, то ман ва ғуломамро ба Аҳвоз бирасонад. Чун ғуломи ту маркаби манро гирифтааст.

Гуфт: Эй Ярфаъ, ба вай аз шутурони садақа ду маркаб бидеҳ.

Ва баъд ба ман гуфт: Вақте зарурати худро аз ин ду маркаб бароварда сохтӣ, он дуро ба касе бидеҳ, ки ба вай эҳтиёҷ дошта бошад.

Гуфтам: Ба сару чашм итоат мешавад, эй Амирулмӯъминин... Иншоаллоҳ тибқи дастур амал хоҳам намуд...

Баъд рӯ ба сӯи ман намуд ва гуфт:

Қасам ба Аллоҳ, ки агар онро пеш аз пароканда шудани лашкар дар миёни онҳо тақсим накунӣ, ту ва ин ҳамтоёнатро чунон саркӯб созам, ки барои дигарон ибрат гардад.

Ман дарҳол баргаштам, то он ки ба назди Салама омадам ва гуфтам: Худованд дар коре, ки маро ба он баргузидӣ, баракат наниҳод…

Қабл аз он, ки мусибате домангири ману ту шавад, ин зевараҳоро дар миёни лашкар тақсим намо… Ва он гоҳ ҷараёнро ба ӯ ҳикоят намудам…

Ҳамон буд, ки аз ҷои худ нахеста онро дар миёни лашкар тақсим намуд.

## МУЪОЗ ИБНИ ҶАБАЛ

Вақте нури ҳидоят дар ҷазираи Араб тулӯъ намуд, ин писарбаччаи ясрибӣ – Муъоз ибни Ҷабал –ҷавони наврастае буд. Ӯ аз ҳамсолон ва ҳамқатоlink ронаш ба қуввати зако, ҳозирҷавобӣ, фасоҳати калом ва ҳимматбаландӣ имтиёз ва бартарӣ дошт.

Ва дар паҳлӯи ин сифоти ҳамида ҷавоне буд  зебо ва тобанда, чашмони сиёҳ ва мӯйҳои жулида ва дандоҳои сафед дошт, ки таваҷӯҳи бинандаро ба худ ҷалб мекард ва дилашро мебурд.

Ин ҷавон (Муъоз ибни Ҷабал) ба дасти доъии Маккӣ Мусъаб ибни Умайр Ислом овард. Ва дар шаби байъатул ъақаба дасташро дароз намуд. Ва бо дасти муборакии ҳазрати Паёмбар (с) мусофаҳа намуд ва баъйат кард…

Ҳазрати Муъоз ибни Ҷабал бо ҷамъияти ҳафтоду ду нафар, ки ба қасди Макка  ҳаракат намуда буданд, ба роҳ афтод, то ба мулоқоти ҳазрати Расули Худо (с) шарафёб гарданд ва бо байъати вай саъодат ёбанд, ва аввалин бор сафҳаи дурахшонро дар таърихи Ислом сабт кунанд…

Ҳамин ки ин  ҷавон аз Макка ба Мадина баргашт, бо ҷамъе аз ҳамсолони хурдсолаш ҷамъияти кӯчакеро ташкил дод, то барои шикастани бутҳое, ки дар хонаҳои мушрикин дар Ясриб вуҷуд дошт иқдом кунанд ва даст ба кор шаванд. Дар асари фаъолияти ин ҷавони навраста буд, ки маред аз мардони номии Ясриб – Амр ибни Ҷамӯҳ ба Ислом сар ниҳод ва аз ақидаи ширкии хеш даст кашид.

Амр ибни Ҷамӯҳ яке аз сардорони номӣ ва яке аз бузургони саршиноси бани Салама буд. Вай ба сони ҳамтоёни худ бутеро дар хонаи хештан нигаҳ дошта буд. Вай ҳар замон ба он рӯ

меовард ва онро ибодат мекард ва бо либосҳои зебои абрешимин онро мепушонид ва атру хушбӯӣ бар тани он мемолид. Ва аз тавацӯҳ ва инояташ нисбат ба он лаҳзае фурӯ гузор намекард.

Ин писарбаччаҳои навраста бо истифода аз торикии шаб худро ба он бут расонида ва онро гирифта ба пушти хонаҳои бани Салама бурда ва дар чуқурие дар миёни ифлосиҳо онро андохтанд… Вақте шаб рӯз шуд, пирамарди бани Салама – Амр ибниҶамӯҳ – ӯ ба сӯи бути худ кард, онро наёфт. Дар пайи ҷустуҷӯи он баромад ва ба ҳар ҷо сар зад, то он ки онро дар миёни палидиҳо афканда ёфт. Онро бигирифт ва бо худ гуфт, чӣ касе имшаб ин беҳурматӣ дар ҳаққи олиҳаи мо раво дошта ва онро дар миёни палидиҳо афкандааст?

Баъд онро шуст ва пок кард ва атру хӯшбӯӣ бар баданаш молид ва дубора онро ба ҷояш ниҳод, ва ба ӯ гуфт: Эй Манот, қасам ба Худо, агар бидонам, ки чӣ касе ин беҳурматӣ дар ҳаққи ту намудааст, вайро сахт ҷазо хоҳам дод ва расво хоҳам сохт..

Боз вақте шаб фаро расид ва пирамард ба бистари худ рафт, ин даста аз ҷавонон омаданд ва ин бутро гирифтанд ва чунон карданд, ки шаби пеш намуда буданд… Ин пирамард боз аз пайи дарёфти бути худ баромад ва онро боз дар чуқурӣ дар миёни палидиҳо ёфт. Онро берун кашид ва шусту пок кард ва атр молид ва боз ваъид ва таҳдиди худро мутаваҷеҳи бадхоҳони бути хеш намуд… Ин амр чандин бор такрор шуд.. Охируламр онро аз миёни палидиҳо кашид ва шуст ва дар ҷояш гузошт ва шамшерро оварда ва ба гарданаш овехт ва ба ӯ хитоб карда гуфт: Ман намедонам, ки чӣ касе ин беҳурматӣ дар ҳаққи ту раво медорад.. Эй Манот, агар дар ту хайре бошад, ту аз худ дифоъ кун ва ин шамшер бо туст…

Вақте шайх ба хоб рафт, боз ин ҷавонон омаданд ва бар бут ҳамла бурданд, шамшерашро аз гарданаш бигирифтанд… Ва онро дар гардани саги мурдае бастанд ва ҳар дуро дар чуқурии палидиҳо афганданд. Вақте пирамард аз хоб бархост, бути худро дар ҷояш наёфт ва бо бисёр машаққат онро ҷустуҷӯ

намуд, то он, ки саранҷом онро дар миёни палидиҳо ҳамроҳ бо мурдасаге сарнагун ёфт. Дар чунин фурсат рӯ ба сӯи вай намуда гуфт:

Қасам ба Худо, агар ту ҳақиқатан Худо мебудӣ, ту ҳамроҳ бо ин мурдасаг баста дар миёни ин чоҳ намебудӣ.

Баъд мусалмон шуд.

Вақте ҳазрати Расули Худо (с) ба Мадина ҳиҷрат намуд, ки ҷавон (Муъоз ибни Ҷабал) бо ӯ мулозимат ихтиёр намуд ва лаҳзае худро аз назди он ҳазрат дур намедошт. Ҳамон буд, ки аз вай Қуръонро омӯхт ва шароъи Исломро ёд гирифт, то он ки вай аз ҷумлаи қоритарин асҳоб ва олимтарини онҳо дар умури шаръ гардид…

Язид ибни Қутайб ҳикоят намуда гуфтааст: Дохили масҷиди Ҳумс шудам, дидам, ки мардум пиромуни ҷавони ҷӯлидамӯе нишастаанд. Вақте вай сухан мегуфт, фикр менамудӣ, ки аз даҳанаш нур ва луълӯ берун мешавад. Пурсидам, ки ин ҷавон кист.

Гуфтанд: Муъоз ибни Ҷабал.

Абумуслими Хулонӣ ривоят намуда гуфтааст: Ман ба масчиди Димишқ омадам, дидам, ки пирамардон аз асҳоби ҳазрати Расули Худо (с) дар он ҳалқаеро ташкил додаанд. Ва ҷавонеро дидам, ки чашмони сиёҳ ва дандонҳои сафед ва чеҳраи тобоне дошт, дар миёни онҳо нишастааст. Ҳар вақте, ки ишон дар масъала ихтироф мекарданд, ҳалли онро аз он ҷавон мехостанд. Ба ҳамнишини худ гуфтам: Ин ҷавон кист?

Гуфт: Ин ҷавон Муъоз ибни Ҷабал аст. Шигифте надорад чун Муъоз ибни Ҷабал касе аст, ки аз овони кӯдакӣ дар Мадина дар мадрасаи нубувват хонда ва ба дасти вай тарбия ёфта ва илмро аз манбаъ ва сарчашмаи асили он фаро гирифтааст. Аз ин рӯ вай беҳтарин шогирд барои беҳтарин муъаллим аст.

Барои Муъоз ҳамин ифтихор кофист, ки ҳазрати Расули Худо (с) дар бораи ш фармудааст: Донотарини уммати ман дар амри ҳалолу ҳаром, Муъоз ибни Ҷабал аст.

Ва ин фазилат ӯро дар миёни уммати муҳаммадӣ кифоят мекунад, ки вай яке аз он шаш нафаре буд, ки Қуръонро дар аҳди ҳазрати Расули Худо (с) ҷамъ намуданд.

Ва аз ин лиҳоз вақте асҳоб дар миёни худ сӯҳбат менамуданд ва ҳазрати Муъоз дар миёнашон ҳузур медошт, ба дидаи ҳайбат ба вай менигаристанд ва ба илму дониши вай таъзим менамуданд.

Ҳазрати Расули Худо (с) ва ду ёри гиромиаш баъд аз вай ин нерӯи илмии ноёбро дар хидмати Ислом ва мусалмонон қарор доданд.

Ҳазрати Расули карим (с) баъд аз фатҳи Макка мушоҳида намуд, ки ҷамъиятҳои анбӯҳе аз Қурайш даста-даста дар дини Ислом дохил мешаванд. Ва мулоҳиза намуд, ки ин теъдод, бешумор зарурат ба он доранд, ки муаллим дошта бошанд, ки Исломро ба ишон биомӯзонанд, ва онҳоро ба умури дин ошно созанд. Ҳамон аст, ки Итоб ибни Усайдро ба ивази худ дар Макка интихоб мекунад, то Муъоз ибни Ҷабалро ҳамроҳи худ гирифта ва барои мардум Қуръон биомӯзад ва ишонро ба дини Худо ошно созад.

Вақте фиристодаҳои шоҳони Яман назди ҳазрати Расули Худо (с) омаданд, то Исломи худ ва мардуми хештанро дар маҳзари ҳазрати Расули Худо (с) эълон доранд, аз вай талаб мекунанд, то касеро ҳамроҳ бо ишон бифиристад, ки ба ишон умури динашонро таълим диҳад. Ҳамон аст, ки барои анҷоми ин масъулият дастае аз доъиёни номвари саҳобаро бармегузинад. Ва ҳазрати Муъозро ба сифати амири ин даста интихоб менамояд.

Ҳазрати Расули Карим (с.с.) берун шуд то ин ҷамъи доъиёни пур ва ҳидоятро видоъ кунад…

Ҳазрати Расули Худо (с) дар рикоби Муъоз дар ҳоле, ки вай бар маркаб савор аст, роҳ меравад… Ва то фосилаи зиёде ӯро гусел мекунад… Ва баъд ба вай васият намуда гуфт: Эй Муъоз, шояд ту баъд аз ин сол маро дида натавонӣ…

Ва шояд туро ба масчид ва қабрам гузар афтад…

Аз шунидани ин ҳарф Муъоз сахт бетоб шуд ва ба фироқи Пайёмбар ва ҳабибаш Муҳаммад (с) сахт гирист. Ва мусалмонон низ ҳамроҳ бо вай гиристанд.

Ин пешбинии ҳазрати Расули карим (с) амалӣ шуд ва баъд аз ин рӯз чашмони ҳазрати Муъоз аз дидори ҳазрати Расули Худо (с) маҳрум шуд…

Чун ҳазрати Расули гиромӣ (с) қабл аз бозгашти Муъоз аз Яман, падруди ҳаёт гуфта буд.

Бидуни шак, вақте Муъоз ба Мадина баргашт, дид, ки ҳабибаш вуҷуд надорад ва мунисаш аз ин дунё реҳлат намудааст.

Вақте ҳазрати Умари Форуқ зимоми хилофатро ба даст гирифт, ҳазрати Муъозро ба қабилаи бани Килоб фиристод, то ҳуқуқи ишонро ба онҳо тақсим кунад ва ба фуқаро ва масокинашон аз мадраки закот ва табаруоти ағниёашон кӯмак намояд. Вай масъулиятеро, ки ба дӯшаш ниҳода шуда буд, бо камоли амонатдорӣ анҷом дод. Ва худ бо ҳамон чодире, ки бар гардан дошт, дубора назди ҳамсари худ баргашт. Ҳамсараш ба ӯ гуфт: Он ҳадяе, ки зимомдорон ба аҳли худ тақдим медоранд куҷост?

Вай дар ҷавоб гуфт: Ҳамроҳи ман аз тарафи халифа назоратчие буд, ки ҳама тассаруфотамро зери назар дошт ва ман наметавонистам, ки коре анҷом диҳам. Ҳамсараш гуфт:

Ту дар назди ҳазрати Расули Худо (с) ва ёраш ҳазрати Абубакр шахси амонатдор будӣ ва касе бар ту назоратчӣ набуд. Акнун, ки даври хилофати ҳазрати Умар фаро расидааст, бар ту назоратчӣ муқаррар медорад ва амалкарди туро бар мешуморад ?!

Ин суханро ҳамсари Муъоз дар миёни занони ҳазрати Умар пахш намуд ва аз халифа дар назди онон шикоят бурд. Ин хабар ба ҳазрати Умар расид. Халифа ҳазрати Муъозро ба ҳузур хост ва гуфт: Оё ман ҳамроҳи ту касеро фиристодам, ки амал кардаҳоятро дар иртибот ба ин вазифае, ки ба ту супурдам, зери назар дошта бошад?!

Ҳазрати Муъоз ҷавоб дод: На, чунин аст эй Амирулмӯъминин. Вале ҳақиқат ин аст, ки ҷуз ин ҳарф ман баҳонаи дигаре наёфтам, ки худро назди ҳамсарам маъзур қаламдод кунам…

Ҳазрати Умар аз шунидани ин ҷавоби ҳазрати Муъоз хандид ва ба ӯ чизе бахшид, ки хотири ҳамсарашро ба он хуш созад.

Дар айёми хилофати Форуқ волии Шом, Язид ибни Абусуфён нома ба халифа фиристод ва дар он гуфта буд: Эй амирулмӯъминин, аҳли Шом ба қасрат ба дини Ислом пайвастанд ва шаҳрҳо аз вуҷуди мусалмонон пур шудааст. Ва ба кассе зарурат доранд, ки ба ишон Қуръон биомӯзонад ва дар умури дин ишонро таълим диҳад. Биноаш эй Амирул мӯъминин, ба ман кӯмак намо ва касонеро назди ман бифрист, ки ба ишон Қуръонро таълим диҳанд ва умури динро ба ишон бифаҳмонанд. Ҳамон буд, ки ҳазрати Умар панҷ тан аз ононро, ки дар аҳди набӣ Қуръонро ҷамъ намуда буданд, ба ҳузур хост. Ва ишон иборат буданд аз Муъоз ибни Ҷабал, Убода ибни Сомит, Абуаюби Ансорӣ, Убай ибни КАъба ва Абудардо ва ба ишон гуфт: Бародарони шомиатон аз ман тақозо намуданд, касонеро ба он ҷо бифиристам, ки барояшон Қуръон таълим диҳад ва умури дин биомӯзанд. Бинобар ин, бояд се тан аз шумо маро дар анҷоми ин масъулият ҳамкорӣ кунад. Агар хоста бошед дар миёни худ қуръаандозӣ кунед. Ва агар чунин накунед, ман худ аз миёни шумо се танро интихоб хоҳам намуд.

Гуфтанд: Чаро қуръакашӣ кунем?

Абуаюб марди солхӯрда ва кӯҳансоле аст. Ва Убай марде аст бемор ва боқӣ мондем мо се нафар. Ҳазрати Умар гуфт: Аз Ҳумс оғоз кунед, вақте ҳолати мардуми он бароятон ризоятбахш маълум шуд, якеатонро дар он ҷо бигзоред ва баъд якеатон ба Димишқ ва дигаратон ба сӯи Фаластин биравед.

Ин се тан аз ёрони ҳазрати Расули Худо (с) вазифаеро, ки ҳазрати Форуқ барояшон дар Ҳмс дода буд анҷом доданд…

Ва баъд ҳазрати Убода ибни Сомитро дар Ҳумс гузоштанд ва Абудардо ба Димишқ рафт ва Муъоз ибни Ҷабал раҳсипори Фаластин гардид. Ва дар он ҷо ҳазрати Муъоз ба бемории вабо дучор шуд. Вақте марг ба сурогӯш расид, рӯ ба сӯи қибла намуд ва ин таронаро замзама намуд:

Хушомад аҷал… Хуш омад аҷал.

Меҳмонаст, ки баъд аз ғиёби тӯлонӣ расид.

Ва дӯстест, ки бо шавқ сӯи мо омад…

Ва баъд рӯ ба сӯи осмон намуд ва гуфт: Эй Правардигор, ту худ медонӣ, ки ман дунёро ба хотири мондан ва обод сохтан ва дарахтҳо ва бӯстонҳо ва ҷӯйҳои он дӯст намедоштам…Аммо ман зинда буданро ба хотири шавқу муҳаббати рӯзадорӣ ва ибодат ва ранҷу машаққат дар роҳи ризои ту ва нишастан дар ҳалқаҳои уламо ва ҳалқоти зикри ту дӯст медоштам.

Худоё, ту ҷонамро ба сифати ҷони як фарди мӯъмин, ки аз вай розӣ бошӣ, назди худ бипазир. Баъд рӯҳи худро дар ҳоле, ки аз ватан ва зану фарзандаш дур буд ва дар диёри ҳиҷрат ва даъват дар роҳи Худо ба сар мебурд, ба рӯҳофарини худ супурд.

# МУНДАРИЧА


Пешгуфтор ........ 4

Саъид ибни Омири Ҷумаҳӣ ........ 6

АБДУЛЛОҲ ИБНИ МАСЪУД ........ 81

САЛМОНИ ФОРСӢ ........ 87

ИКРИМА ИБНИ АБУҶАҲЛ ........ 93

ЗАЙДУ-Л-ХАЙР ........ 101

АДЙ ИБНИ ҲОТИМИ ТОЙӢ ........ 107

АБУЗАРИ ҒИФОРӢ ........ 113

МАҶЗАА ИБНИ САВРИ САДУСӢ ........ 125

АБДУЛЛОҲ ИБНИ АББОС ........ 138

НӮЪМОН ИБНИ МУҚАРРИНИ МУЗАНӢ ........ 148

СУҲАЙБИ РУМӢ ........ 155

АБУДАРДО ........ 160

ЗАЙД ИБНИ ҲОРИСА ........ 168

УСОМА ИБНИ ЗАЙД ........ 174

САЪИД ИБНИ ЗАЙД ........ 180

УМАЙР ИБНИ САЪД ........ 186

АБДУРАҲМОН ИБНИ АВФ ........ 198

ҶАЪФАР ИБНИ АБУТОЛИБ ........ 205

АБУСУФИЁН ИБНИ ҲОРИС ........ 216

САЪД ИБНИ АБИВАҚҚОС ........ 223

ҲУЗАЙФА ИБНИ ЯМОНӢ ........ 229

УҚБА ИБНИ ОМИРИ ҶУҲАНӢ ........ 236

АБУТАЛҲАИ АНСОРӢ *(Зайд ибни Саҳл)* ........ *246*

РАМЛА ДУХТАРИ АБУСУФЁН ........ 252

ВАҲШӢ ИБНИ ҲАРБ ........ 258

ҲАКИМ ИБНИ ҲАЗОМ ........ 264

УББОД ИБНИ БИШР ........ 269

ЗАЙД ИБНИ СОБИТ ........ 273

РАБЕЪА ИБНИ КАЪБ ........ 278

АБУЛЪОС ИБНИ РАБЕЪ ........ 284

САФИЯ ДУХТАРИ АБДУЛМУТАЛЛИБ ........ 297
Утба ибни Ғазвон ........ 303
НУЪАЙМ ИБНИ МАСЪУД ........ 309
ХАББОБ ИБНИ АРАТ ........ 318
РАБЕЪ ИБНИ ЗИЁД ........ 325
АБДУЛЛОҲҲ ИБНИ САЛОМ ........ 332
Суроқа ибни Молик ........ 338
ФИРӮЗИ ДАЙЛАМӢ ........ 346
СОБИТ ИБНИ ҚАЙСИ АНСОРӢ ........ 353
АСМОА ДУХТАРИ ҲАЗРАТИ ........ 359
АБУБАКРИ СИДДИҚ ........ 359
(ЗОТУННИТОҚАЙН) ........ 359
ТАЛҲА ИБНИ УБАЙДУЛЛОҲИ ТАЙМӢ ........ 366
АБУҲУРАЙРАИ ДАВСӢ ........ 372
САЛАМА ИБНИ ҚАЙСИ АШҶАЪӢ ........ 380
МУЪОЗ ИБНИ ҶАБАЛ ........ 387